Национальная система бухгалтерского учета Республики Таджикистан должна соответствовать реалиям интеграционных процессов в условиях риска и неопределенности, возрастающим потребностям к информации бухгалтерского учета со стороны многочисленных ее пользователей, возникновением необходимости получения информации нового качества и высокой степени достоверности о финансовом положении экономических субъектов и их финансовых результатах. Наши исследования позволяют выделить факторы и приоритетные направления, непосредственно влияющие на развитие национального бухгалтерского учета, дать объяснение эволюции в процессе развития национальной системы бухгалтерского учета, особенностям реформ, проводимых с целью внедрения МСФО в стране.

На современном этапе экономического развития страны национальной системе бухгалтерского учета свойственно как практическое направление развития – разработка, оптимизация и применение единых систем обработки информации путем интегрирования различных видов бухгалтерского учета (финансового, управленческого, налогового) во всех звеньях и этапах организации процесса бухгалтерского учета, так и теоретическое направление – осмысление теории и методологии бухгалтерского учета с позиций экономической интеграции и глобализации. Бухгалтерский учет сегодня функционирует как информационная система высокого уровня, которая получает информацию из различных источников, систематизированных в единой информационной среде. Эта информация может обрабатываться несколько раз и затем соответствовать конкретным потребностям управленческого персонала различных звеньев управления экономическими субъектами. Передача информации между различными подсистемами в системе управления современным экономическим субъектом позволяет реализовать задачи интегрированной системы бухгалтерского учета во всех звеньях экономики и учетных процессов. Сегодня развитие интегрированной системы бухгалтерского учета характеризуется своим внутренним многообразием под влиянием интеграционных процессов в национальной и мировой

экономики в условиях неопределенности и риска, интеграции процессов бухгалтерского учета «в общее корпоративное информационное пространство» [17, с. 22].

Как показывает опыт применения МСФО в некоторых развивающихся странах, а также изучение литературы, посвященной проблемам внедрения международных стандартов, МСФО могут быт внедрены в национальные системы бухгалтерского учета двумя способами: частичным внедрением в законодательные нормативные правовые акты или стандарты, либо директивным принятием всего пакета международных стандартов для использования при составлении финансовой отчетности «для значительного количества предприятий, например, кредитных организаций» [2, с. 112].

Анализ процессов внедрения МСФО В Республике Таджикистан показывает, что в этом процессе присутствуют элементы обеих способов. В начальных порах процесса внедрения МСФО правительством страны были приняты соответствующие нормативные документы, регулирующие процессы ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности в стране - положения (национальные стандарты) по бухгалтерскому учету (ПБУ), рассматривающие отдельные аспекты ведения бухгалтерского учета и отражения информации в финансовой отчетности экономических субъектов. В результате реализации данных документов впервые в стране начали применять МСФО кредитно-финансовые организации. Они, еще начиная с 1999 года при составлении своей финансовой отчетности применяли международные стандарты. Как отмечает исследователь М.У. Бобоев, «переход на МСФО активизировал развитию банковского сектора и международных связей банков страны с другими банками мира» [1, с. 127].

В целях приведения национальной системы бухгалтерского учета в соответствие с МСФО 14 ноября 2002 было принято Постановление Правительства Республики Таджикистан № 428 «О международных стандартах финансовой отчетности». В нем были определены основные направления реформы системы бухгалтерского учета и финансовой отчетности в отношении перехода экономических субъектов к использованию МСФО. Первым и значимым событием в рамках выполнения задач проводимых в стране реформ системы бухгалтерского учета стала разработка плана счетов бухгалтерского учета и инструкция по его применению. Данные документы были утверждены Приказом Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 марта 2004 года, № 28, однако, они еще на начальном этапе своего применения показали свою практическую непригодность.

Другие мероприятия, проводимые в рамках реформирования национальной системы бухгалтерского учета, также потерпели неудачу. В процессе ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности экономические субъекты сталкивались с многими трудностями, создающие препятствия на пути внедрения МСФО. В целях устранения данных препятствий и усиления процесса реформ в стране были приняты дополнительные меры. В частности, 3 октября 2006 года было принято Постановление Правительства Республики Таджикистан № 465 «О дополнительных мерах по внедрению МСФО в Республике Таджикистан». Принятие данного документа обязывало всем экономическим субъектам, функционирующим в стране, к концу 2010 завершить процесс перехода на МСФО. Однако, как и прежде, реформа бухгалтерского учета превратилась в достаточно сложную и долго выполняемую задачу, в процессе которой возникли «различные теоретические и методологические трудности, финансовые, психологические и кадровые преграды» [6, с.171].

Тем не менее, в рамках процессов реформ бухгалтерского учета и внедрения МСФО в стране были достигнуты определенные успехи, в частности, успешно

выполнялись задачи по подготовке профессиональных бухгалтерских кадров. В учебных программах высших учебных заведений финансово-экономического профиля включались новые предметы, содержание которых отвечало требованиям ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности по международным правилам. Тщательно и с учетом требований интеграционных процессов и МСФО были обновлены и совершенствованы существующие учебные программы и образовательные стандарты дисциплин финансового, управленческого и налогового учета, аудита и экономического (финансового) анализа.

Таким образом, процесс реформы национальной системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан доказал, что переход на МСФО – чрезмерно сложная задача и ее решение составляет более долгий период, по сравнению с тем сроком, что изначально был установлен. Этого подтверждают исследования ученых сферы бухгалтерского учета, а также их публикации в периодической печати. На это часто акцентирует внимания Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, Эмомали Рахмон в своих посланиях Парламенту страны. Так, в Послании Президента Республики Таджикистан от 26 января 2021 года отмечается: ««...до сегодняшнего дня не решены вопросы полного перехода на международные стандарты финансовой отчетности …, и в этом направлении мы отстаем от требований времени». С целью регулирования отношений в направлении развития бухгалтерского учета и привлечения прямых инвестиций министерствам финансов, промышленности и новых технологий, Государственному комитету по инвестициям и управлению государственным имуществом, Налоговому комитету и другим соответствующим государственным органам было поручено принять безотлагательные меры для внедрения МСФО.

Вопросы реформ и процессы перехода на МСФО в стране изначально стали предметом дискуссий в научных и практических кругах, так как уже с начала их реализации на пути возникали вполне ожидаемые трудности. Исследователи сферы бухгалтерского учета в своих публикациях, а также на выступлениях в конференциях, круглых столах и других научных мероприятиях, организованных в рамках реализации целей проводимых реформ, выражали свои мнения о процессе реформ бухгалтерского учета и методологических недостатках внедрения МСФО в деятельности экономических субъектов и в общем о существующих недостатках в национальной системе бухгалтерского учета экономических субъектов. В трудах М.А. Бобоева [1], Б.Х. Каримова [6; 7; 8; 9], С.Ф. Низомова [15], К.Х. Хушвахтзода [18] и других ученых освещены вопросы внедрения МСФО и дана оценка ходу достижения целей реформ бухгалтерского учета в стране.

Ответственные за исполнение задач реформирования системы бухгалтерского учета лица, стали реагировать на критические публикации в периодической печати, резолюции по результатам конференций, круглых столах и других мероприятиях, организованных в рамках достижения целей реформ бухгалтерского учета. В результате для успешного прохождения процесса внедрения МСФО в стране принято решение о пересмотре законодательных и нормативных правовых основ бухгалтерского учета и финансовой отчетности. Следовательно, 25 марта 2011 года была принята новая редакция Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности». Также в целях улучшения техники ведения бухгалтерского учета 27 мая 2011 года, министерством финансов были утверждены новый план счетов бухгалтерского учета и методические указания (инструкция) по его применению. Однако, по утверждению исследователя Б.Х. Каримова – специалиста в области

финансового учета, в новом плане счетов по сравнению с предыдущим вариантом (2004 года) заметны значительные изменения. Тем не менее, как отмечает специалист, он еще полностью не отвечает требованиям составления финансовой отчетности в соответствии с МСФО и не соответствует реальным условиям хозяйственной деятельности экономических субъектов Республики Таджикистан в условиях глобализации [6, с.172].

2 мая 2013 года правительство страны утвердило Стратегию внедрения международных стандартов финансовой отчетности и международных стандартов аудита в Республике Таджикистан на 2013-2018 годы. Данным документом определялись приоритеты развития национального бухгалтерского учета и устанавливались необходимые действия по достижению этих приоритетов.

В рамках реализации вышеназванной стратегии было намечено проведение мероприятий по созданию благоприятной деловой среде в целях дальнейшего развития национальной экономики. В частности, намеченные мероприятия должны были содержать следующие направления действий в отношении развития бухгалтерского учета в стране:

- совершенствование нормативных основ бухгалтерского учета;
- укрепление профессионального потенциала специалистов государственных органов, вовлеченных в процесс внедрения МСФО;
- развитие профессиональных организаций бухгалтеров;
- улучшение качества учебных программ в высших учебных заведениях страны.

Однако, как показывают результаты проводимого нами исследования, а также изучение нормативных правовых актов, принятых в рамках достижения целей реформ бухгалтерского учета и выполнения задач, поставленных стратегией внедрения международных стандартов финансовой отчетности и аудита, по сегодняшнему состоянию заметные действия в этом направлении не предприняты, также не приняты необходимые нормативные правовые акты, соответствующие целям данной стратегии.

Подытоживая исследование, можно заключить, что реформе национальной системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан, одной из главных целей которой является внедрение МСФО в системе бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности экономических субъектов, сопутствуют многие трудности, связанные именно с влиянием интеграционных процессов. Подходящее их решение требует от государственных органов, занимающихся регулированием бухгалтерского учета, а также исследователей и практикующих бухгалтеров предпринимать соответствующие действия.

Мы считаем, что с целью приведения систем бухгалтерского учета в соответствие с условиями интеграционных процессов, координации процессов реформ и перехода к МСФО в стране необходимо создание специального органа. Такой орган может быть учрежден в виде профессиональной организации бухгалтеров (саморегулируемой организации). Он будет выполнять задачи изучения и анализа опыта внедрения МСФО, разработки национальных стандартов (положений) по бухгалтерскому учету на основе международного опыта, а также других задач, связанных с процессом достижения целей реформ бухгалтерского учета в стране.

**Литература**

1. Бобоев М. У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан // Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики / Сборник статей VI Международной конференции (Екатеринбург, 24 апреля 2015 года). – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет. 165 с. С. 126-133

2. Высотская А. Б. Влияние глобализации на национальные учетные системы развивающихся стран в условиях информационной экономики // Terra Economicus. 2015. Том 12. № 2. С. 109-116

3. Гордова М. А. Гармонизация бухгалтерского учета в условиях Евразийского экономического союза // Дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук. Москва, 2019. 202 с.

4. Дружиловская Т. Ю. Гармонизация финансовой отчетности: теория и российская практика / Дисс. на соиск. учен. степ. докт. экон. наук. Нижний Новгород, 2009. 467 с.

5. Илюхина Н. А. Приоритетные направления развития национальной учетной системы в условиях модернизации российской экономики // Международный бухгалтерский учет. 2012. № 17 (215). С. 50-55

6. Каримов Б. Х. Влияние глобализации на развитие национальной системы бухгалтерского учета // Вестник Таджикского национального университета. 2021. № 4. С. 169-179

7. Каримов Б. Х. Бухгалтерский учет в условиях глобализации и цифровизации экономики // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2021. № 3 (37). С. 115-119

8. Каримов Б. Х., Каримиён М. Б. Составление плана счетов бухгалтерского учета в соответствии с МСФО // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. № 7. С. 76-83

9. Каримов Б. Х., Кодирова Г. Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации // Государственное управление. 2021. № 3 (52). С. 38-49

10. Ключников С. В. Регулирующие процессы глобализации и тенденции корпоративной отчетности // Международный бухгалтерский учет. 2011. № 27 (177). С. 24-30

11. Кодирова Г. Т. Предпосылки развития национальной системы бухгалтерского учета в условиях экономической интеграции // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2021. № 6, С. 92-98

12. Майданевич П. Н. Формирование учетной системы в условиях глобализации экономики // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Экономика. 2015. № 3.С. 66-73

13. Михалкевич А. П. Развитие национальной системы бухгалтерского учета и отчетности в условиях глобализации экономических отношений // Бухгалтерский учет и анализ. 2013. № 11 (203). С. 3-7

14. Мялкина А. Ф. Проблемы и перспективы интеграции МСФО в систему российского бухгалтерского учета // Вестник ТГУ. 2008. Выпуск 4 (60). С. 330-338

15. Низомов С. Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития // Аудит и финансовый анализ. 2010. № 2. С. 73-76

16. Поленова С. Н. Глобализация мировой экономики и тенденции бухгалтерского учета // Международный бухгалтерский учет. 2008. № 8 (116) С. 7-11

17. Солоненко А. А. Современные проблемы развития интегрированной учетной системы коммерческих организаций // Международный бухгалтерский учет. 2011. № 35 (185). С. 21-27

18. Хушвахтзода К. Х., Каримов Б. Х. Возникновение и развитие бухгалтерского учета в исламском мире // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. № 10-2. С. 66-71

19. Шароватова Е. А. Влияние глобализации мировой экономики на развитие бухгалтерского учета: плюсы и минусы // Учет. Анализ. Аудит. 2020. Том 7. № 4. С. 25-32

20. Шогенцукова З. Х., Гедгафова И. Ю. Систематизация процесса стандартизации бухгалтерского учета и финансовой отчетности: масштабы и глубина ее осуществления // Международный бухгалтерский учет. 2015. № 2 (344). С. 58-67

## МУТОБИҚ КАРДАНИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ БО ТАЛАБОТҲОИ СБҲМ

**ҚУРБОНОВ АБДУЛҲАЙТ КАРИМОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 917-24-24-83. E-mail: pbobomurodov@mail.ru
**ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти субъектҳои хоҷагидории алоҳидаи он бо субъектҳои хоҷагидории байналмилалӣ идома дорад. Азбаски низоми баҳисобгирии муҳосибӣ манбаи асосии иттилоотии рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва қисми муҳити иттилоотии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ба он равандҳои ҳамгироӣ бештар таъсир мерасонанд.*

*Ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат, ки яке аз ҳадафҳои асосии он ҷорӣ намудани СБҲМ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, бо душвориҳои зиёд, ки маҳз бо таъсири равандҳои ҳамгироӣ алоқамананданд, ҳамрадиф аст. Ҳалли муносиби онҳо аз мақомоти давлатии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин аз таҳқиқотчиён ва муҳосибони касбӣ талаб мекунад, ки чораҳои дахлдорро амалӣ кунанд.*

*Мақсади мақола омӯзиш ва таҳлили интиқодии раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин замина арзёбии таъсири равандҳои ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ва СБҲМ ба рушди низоми баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар мамлакат мебошад.*

*Дар асоси усулҳои таҳлил ва ҷамъбасткунӣ раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии онҳо арзёбӣ карда шудааст. Ҳамчунин таъсири равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба вазъи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *равандҳои ҳамгироӣ, ҳисоботи молиявӣ, ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ, стандартҳои ҳисоботи молиявӣ, СБҲМ, низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.*

## ADAPTATION OF THE NATIONAL ACCOUNTING SYSTEM TO IFRS CONDITIONS

**QURBONOV ABDULHAIT KARIMOVICH,**
Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit of the Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17.
Phone: (+992) 917-24-24-83. E-mail: pbobomurodov@mail.ru

**QODIROVA GULMO TOLIBOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 33.
Phone: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*In the Republic of Tajikistan, the process of integration of the national economy and the economies of its individual economic entities with international economic entities is under way. Since the accounting system is the main information resource for the development of economic relations and part of the information environment of economic activity, it is most influenced by integration processes.*

*The reform of the national accounting system in the country, one of the main goals of which is the introduction of IFRS in the accounting system and the preparation of financial statements of economic entities, is accompanied by many difficulties associated specifically with the influence of integration processes. Addressing them appropriately requires government accounting regulators, as well as researchers and accounting practitioners, to take appropriate action.*

*The purpose of the article is to study and critically analyze the progress of reforms in the accounting system in the Republic of Tajikistan, to assess on this basis the impact of the processes of international economic integration and IFRS on the development of accounting systems of economic entities in the country.*

*Based on the methods of analysis and generalization, an assessment was made of the processes of implementation of international standards by economic entities in the course of their financial reporting. The influence of the processes taking place within the framework of international economic integration on the state of accounting systems of economic entities of the Republic of Tajikistan was also studied.*

***Keywords:*** *integration processes, financial reporting, accounting reform, national accounting system, accounting system of economic entities, financial reporting standards, IFRS, accounting regulations.*

**УДК: 35+336: 574(575.3)**

# НАҚШ ВА МОҲИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИ САБЗ»: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**ШАРОПОВ ФАРҲОД РАЗОҚОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифати
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, Душанбе, маҳ. Борбад 48/5.
Тел.: (+992) 935-77-79-00. E-mail: farhod79@mail.ru
**ДОСИЕВ МАҲМАДШОҲ НАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. С.Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*Дар мақола нақш ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ва таъсири он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки барои рушди минбаъдаи соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он дар татбиқи принсипҳои иқтисоди “сабз” таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии иқтисодиёт мувофиқи мақсад мебошад. Чунин ҳисобида мешавад, ки соҳибкорӣ дар бахши экология самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд ва дар ташаккули иқтисоди “сабз” нақши калидиро доро мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди “сабз”, рушди устувор, истеҳсолоти сабз, соҳибкории экологӣ, танзими давлатӣ, дастгирии давлатӣ, муҳити зист, вазъи экологӣ, рушди иқтисодӣ, мушкилоти экологӣ, бехатарии экологӣ.*

Дар шароити гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ дар ҷаҳони муосир тағйироти куллие ба миён омада, насли соҳибмаърифату ботамаддуни инсон барои рушди босуботи экологию иқтисодӣ ва оиди расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакати хеш дар самти таъмини некуаҳволии мардуми кишвар кӯшишҳои беандозае анҷом додааст. Барои расидан ба чунин ҳадафҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ ба роҳ монда шуда, рушди бемайлони он зери дастгирӣ ва танзими давлатии ҳукумат қарор дорад.

Илова бар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки соҳибкории экологӣ низ яке аз ҷараёнҳои устувори фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор рафта, метавонад дар татбиқи принсипҳои иқтисоди “сабз” ва пешрафти вазъи экологию иқтисодии мамлакат саҳми босазое гузорад. Ҷанбаҳои назариявии соҳибкории экологиро олимон бо андешаҳои гуногуни илмӣ баён намуданд, аз ҷумла, аз нуқтаи назари Андерсон Т.:

- Соҳибкории экологӣ фаъолияти мустақиле ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи асосии он паст гардонидани бехатарии экологӣ бо роҳи ҷамъоварӣ, коркард ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, беҳтар намудани вазъи муҳити зист, инчунин, дар ин замина баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти корхона ва кишвар ба шумор меравад. [1. С.189],

Тибқи андешаи баённамудаи Хоукен П. Соҳибкории экологӣ -ҷараёни иқтисодие мебошад, ки натиҷаи пурсамари фаъолияташ ин кам кардани таъсирҳои бад ба раванди экологию иқтисодии муҳити атрофи табиӣ ба шумор меравад. [9.С.416].

Дар рисолаи номзадии н.и.и., дотсент Досиев М. Н. ақидаҳои якчанд олимони рус оид ба соҳибкории экологӣ пешниҳод гардидаанд, ки мо онҳоро дар шакли расм манзур менамоем (расми 1.) [2, 3].

Аз шарҳ ва таърифҳои дар расми 1. овардашуда маълум мегардад, ки соҳибкории экологӣ дар асоси талабот ва меъёрҳои муҳити зист ва экология фаъолият намуда, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, иҷрои кор ва хизматрасониҳои гуногуни экологиро роҳандозӣ менамояд.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки ҳадафи субъектони соҳибкории экологӣ ин аз як тараф дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муҳити зист фаъолият намудан ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза бошад ҳам, аз тарафи дигар риояи пурраи талаботи стратегияи ташаккули иқтисоди "сабз" мебошад. Тибқи андешаи мо соҳибкории экологӣ қодир аст, ки дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" ҷойгоҳи махсусе дошта, дар пиёда гардонидани принсипҳои он накши калидӣ дошта бошад.

***Расми 1.*** *Низоми шарҳ ва таърифҳои мафҳуми соҳибкории экологӣ*

| **Ному насаби муҳаққиқон** | **Шарҳ ва таърифҳои мафҳуми соҳибкории экологӣ** |
|---|---|
| **Яндиганов Я. Я.** | Соҳибкории экологӣ фаъолияти фаъолест, ки тахти масъулияти баланд ва дорои моликияти шахсии соҳибкор мебошад, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ дар асоси ҳифз, истифодаи оқилона, такрористеҳсоли объектҳо ва захираҳои табиӣ ташкил карда мешавад. |
| **Чечунов Е. В.** | Соҳибкорӣ дар соҳаи экология ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бидуни истисно, барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳои гуногун ва хизматрасонӣ, ки риояи талаботи экологии муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаро таъмин менамояд, дар бар мегирад. |
| **Бобошко В. И., А. Гусева А, Потравный И. М.** | Соҳибкории экологӣ як намуди фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба меъёрҳои зерин мувофиқат мекунад:<br>1. Дар оинномаи ташкилот нишон додани мақсади асосии фаъолият иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти ҳифзи муҳити зист.<br>2. Иҷрои фармоишҳои давлатӣ дар доираи татбиқи барномаҳои экологӣ ва захираҳои экологӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ғ. |
| **Торопецкий А. И.** | Соҳибкории экологӣ фаъолияти танзими ташкилотҳо ва соҳаҳое мебошад, ки ба ҳифзи муҳити зист тавассути истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ машғуланд, ки риояи талабот ва стандартҳои экологии таҳияшуда ё мавҷударо таъмин мекунад. |

***Манбаъ:*** *Досиев М. Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства, Дис-.канд.эконом. наук.08.00.05/ М.Н.Досиев; Душанбе,2019.168с*

Мутобиқи тадқиқотҳои илмии баъзе олимон соҳибкории экологӣ дорои чунин хусусиятҳои хосе мебошад, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.(ниг. ба ҷадвали 1).

| **Хусусиятҳои асосӣ** | **Фаъолият ва муносибатҳои бозорӣ дар бахши соҳибкории экологӣ** |
|---|---|
| Фаъолияти асосӣ | Истеҳсоли махсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, кор ва хадамот дар доираи таъиноти махсуси ҳифзи муҳити зист |

| | |
|---|---|
| Мақсади асосӣ | Муътадилгардонии муносибатҳои неки ҳамаҷониба байни одамон, табиат ва ҳифзи муҳити атроф |
| Меъёри фаъолият | Безараргардонии муҳити зист ва раванди истеҳсолот |
| Маълумоти экологӣ | Баланд бардоштани сатҳи маълумоти экологӣ ва маданиятнокии одамон |
| Фаъолияти ҳуқуқӣ | Фаъолият дар доираи қонунҳои амалкунанда, махсусан санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахшҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист |

***Ҷадвали 1.*** *Хусусиятҳои асосии соҳибкории экологӣ.*

Аз ҷадвал бармеояд, ки мақсади асосии соҳибкории экологӣ ин беҳтар намудани вазъи муҳити зист, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон ва дар ин замина саҳм гузоштан дар рушди устувори иқтисодии кишвар ба шумор меравад, ки ин яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Мо азм дорем, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, самаранокии бозори меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили низоми идораи давлатӣ ва тақвияти нерӯи инсониро ҳал намоем» [8].

Аз суханрониҳо ва дастурҳои сарвари давлат бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди соҳибкории хурду миёна тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда, дастгирӣ ва танзими фаъолияти соҳибкориро яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумат мешуморад.

Аз ин чунин хулоса баровадан мумкин аст, ки давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди рушди фаъолияти соҳибкорӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Ба ҳамагон аён аст, ки аз давраҳои пайдоиши оламу одам бо сабаби мунокишаю. задухӯрдҳои байнидавлатӣ замин ва ҳавои атмосфера борҳо аз моддаҳои зараровар заҳролуд шуда, боиси ноустувории вазъи экологии чаҳон гардидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои аввали ба даст омадани истиқлолият мунокишаҳои шаҳрвандӣ ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа ба вазъи экологии кишвар таъсири манфии худро расонид.

Ҳамин тариқ, бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи экологии кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки оиди беҳтар гардонидани вазъи санитарию экологӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти басо муҳим доранд [7].

Масалан, барои ривоҷ додани манбаҳои ҳуқуқии гузариш ба рушди босуботи экологию иқтисодӣ, чунин қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд.

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи табиат (1993)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифз ба истифодаи олами ҳайвонот.(1994)
3. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993)
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳавои атмосфера (1996)
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист (2011)
6. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996)
7. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон дар бораи сарватҳои зеризаминӣ (1994)

Инчунин, барномаи давлатии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 1998-2008 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 1997 ва дигар қарору барномаҳои дахлдор қабул гардида буд.

Илова бар ин бояд тазаккур дод, ки тайи солҳои охир ба тариқи ҳашарҳои дастаҷамъона маъракаҳои ниҳолшинонӣ гузаронида шуда, дар мамлакатамон ниҳолҳои зиёди сояафкан ва мевадиҳанда шинонида мешавад, ки ин амали нек ба беҳтар гардидани вазъи экологӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аммо бинобар сабаби бе нигоҳубин мондани ниҳолҳо, аксари онҳо хушк гардида, сабаби ба вуҷуд омадани зарари субъектони хоҷагидор мегарданд. Оиди ин масъалаи ташвишовар соҳибкории экологӣ метавонад, мусоидат намуда, парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳои шинондашударо зери назорати қатъӣ гирад. Усулҳои нави назорат ва нигоҳубини ниҳолҳоро ба роҳ монда, оиди беҳтар гардидани вазъи экологию иктисодии кишвар саҳми босазое гузорад.

Ҳамаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар боло зикр гардида, ба баланд бардоштани вазъи экологии кишвар мусоидат намуда, дастгирӣ ва танзим намудани соҳибкориро дар доираи экология аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад [6].

Қайд намудан ба маврид аст, ки соҳибкории экологӣ метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз буҳрони экологӣ раҳоӣ бахшида, дар рушду нумӯи иктисодию экологии он саҳмгузор бошад. Бо ин мақсад ба мо зарур аст, ки ташаккул ва рушди босуботи соҳибкории экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, барои беҳтар намудани вазъи экологии кишвар саҳмгузор бошем.

Таҷрибаи пешқадами давлатҳои абарқудрати хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта оиди экология ва соҳибкории экологӣ қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкорӣ оиди экология ба роҳ монда шудааст.

Масалан, дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта, дар Япония санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди ҳифзи муҳити зист ва ташкили соҳибкории экологӣ қабул гардида буд.

Инчунин, дар Япония қабл аз дигар мамлакатҳо, яъне соли 1973 Қонун дар бораи экспертизаи моддаҳои нави химиявӣ ва соли 1988 Қонун дар бораи экспертизаи умумии экологӣ мавриди амал карор гирифта буд [8].

Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар замони ҳозира пешво дар самти соҳибкории экологӣ Япония ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои абарқудрат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории экологиро ҳамаҷониба ба роҳ монда, оиди хубтару беҳтар гардидани вазъи экологии мамлакати худ саҳмгузор бошем.

Мутахассисон бар он ақидаанд, ки ҷамъоварӣ, ба намудҳо ҷудо кардан, коркард ва истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва маишӣ тиҷорати басо фоидаовар ба шумор меравад. Яъне соҳибкороне, ки ба фаъолияти соҳибкории экологӣ машғуланд, метавонанд партовҳоеро, ки аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ, маишӣ ва аҳолӣ дар партовгоҳҳо ҷамъ шудаанд, коркард карда ба маҳсулоти тайёр мубаддал гардонида, ба фурӯш бароранд.

Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1.01.2019 дар партовгоҳҳои кишвар зиёда аз 1732,3 ҳазор $м^3$ партов мавҷуд буд ва сол аз сол ин шумора афзоиш ёфта истодааст [5].

Маҳз соҳибкории экологӣ метавонад роҳҳои самаранок истифодабарии партовҳоро ҷустуҷӯ намуда, мушкилоти мавҷударо ба нафъи давлату ҷомеа ҳал намояд.

Яъне, ҳангоми рушду нумӯи соҳибкории экологӣ дар кишвар, барои истифодаи партовҳое, ки сабаби пайдоиши бемориҳои зиёди сироятӣ мегарданд, технологияҳои нав ворид гардида, бо усулҳои муосири техникӣ коркард ва истифода мешаванд. Ҷараёни

коркард ва истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва маишӣ аз як тараф вазъи экологии мамлакатро хуб гардонад, аз тарафи дигар дар рушди босуботи иктисодиёти кишвар накши босазое мегузорад.

Бо назардошти ҳамаи заҳмату талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди беҳтар намудани вазъи экологии кишвар ва ҳифзи муҳити зист, омилҳое низ вуҷуд доранд, ки сабаби паст гардидани рушди бонизоми экологию иктисодӣ мегардад. Аз ин лиҳоз ба маврид аст, ки баҳри бартараф намудани омилҳои мавҷуда шароитҳои мусоид барои фаъолияти соҳибкории экологӣ фароҳам оварда шавад.

Барои дастгирии соҳибкории экологӣ зарур аст, ки базаи қонунгузориро оиди ин раванд мукаммал намуда, ба соҳибкороне, ки технологияҳои нав ворид сохта, ба коркарди партовҳо машғул мешаванд, имтиёзҳо дода шаванд. Дар доираи татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дастгирии соҳибкории хурду миёна, инчунин ба соҳибкории экологӣ аҳамияти махсус дода, дар рушду нумӯи он мусоидат намудан ниҳоят зарур аст. Барои рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои соҳибкороне, ки ба ин ҷода қадам мениҳанд, нақши бозори кору хадамот ва бозори маҳсулоти экологӣ ниҳоят муҳим аст. Илова бар ин, оиди таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба кор таъмин намудани шаҳрвандон чӣ дар доираи соҳибкорӣ ва чӣ дар бозорҳои кору хадамоти экологӣ қадамҳои устувор ба шумор меравад. Дар Федератсияи Русия ҳанӯз то соли 1991 шумораи соҳибкории экологӣ аз 17 ҳазор зиёд гардида буд, ки 40% аз шумораи онҳо ба фаъолияти хадамоти миёнаравии фурӯши захираҳои табиӣ машғул буданд. Бозори кор ва хадамоти экологиро дар Федератсияи Русия як катор бонкҳои тиҷоратӣ аз қабили бонки ҳифзи муҳити зисти Поволже (Экобанк- Волга), Экопромбанки шаҳри Пермь, бонки саҳҳомии миллии ҳифзи муҳити зист (Эконацбанк), инчунин, биржаҳои махсусгардонидашуда дастгирӣ намуда, барои соҳибкорони равияи экологӣ шароити сазовор фароҳам овардаанд [6].

Бо ин мақсад ба мо зарур аст, ки бо истифода аз шароити мавҷуда ва фазои сулҳу ваҳдат тамоми имкониятҳоро истифода бурда, баҳри таҳким ва рушду нумӯи соҳибкории экологӣ заминаҳои мусоид фароҳам созем. То ин ки табиати биҳиштосои Ватани маҳбубамонро аз ҳар гуна моддаҳои зараровари заҳролуд нигоҳ дошта, баҳри баланд бардоштани вазъи экологию иқтисодии он камари ҳиммат бандем. Зеро нақши соҳибкории экологӣ дар беҳтар намудани вазъи муҳити зист басо муҳим буда, ҳамзамон дар рушди босуботи экологию иқтисодӣ ва паст намудани сатҳи бекорию камбизоатӣ саҳми арзандае гузошта метавонад.

### Адабиёт


1. Андерсон Т., Капиталисты: Приносящие пользу. – Издательство "Littlefield", 1997. – 189 с.
2. Досиев М. Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства, Дис. …канд. эконом. наук.: 08.00.05/ М. Н. Досиев; Душанбе, 2019. – 168с
3. Досиев М.Н., Зоҳидов К. С. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона/ М. Н. Досиев, К. С. Зоҳидов, Паёми АИДНПҶТ, №4/1 (58)-2022 с. 69-75
4. Коваленко, В. И Исследование ринка экологических услуг В.И. Коваленко, Л. М. Кузнецов, -СПБ ГИЭУ. 2007.170С
5. Маҷмуаи омории ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2019 с. 36
6. Новоселов, С. Н. Экологическое предпринимательство: сущность, особенности, пути развития 11 с

7. Одинаев Х. А. Эколого-экономические проблемы развития сельского хозяйства Душанбе-1997, (С. 75).

8. Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон-23.04.2014( Санаи муроҷиат 23.07.2023)

9. Хоукен П. Естественный капитализм: создание следующей промышленной революции. – Издательство "Браун", 1999. – 416 с.

# РОЛЬ И СУЩНОСТЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИИ «ЗЕЛЕННОЙ ЭКОНОМИКИ»: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

**ШАРОПОВ ФАРХОД РАЗОКОВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор,
проректор по стратегическому развитию и управлению качеством
Международного университета туризма и предпринемательства Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Бохтар 48/5.
Тел.: (+992) 985-77-79-00. E-mail: farhod79@mail.ru
**ДОСИЕВ МАХМАДШОХ НАЗАРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
начальник отдела управления государственными финансами,
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица С. Насир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru

*В статье рассматривается роль и сущность экологического предпринимательства в контексте формирования «зеленой» экономики и его влияние на развитие экономики Республики Таджикистан. Подчеркнуто, что для дальнейшего развития экологического предпринимательства в регионах Республики Таджикистан и его вклада в реализацию принципов «зеленой» экономики целесообразна разработка нормативно-правовых актов по государственному регулированию экономики. Считается, что предпринимательство в сфере экологии включает в себя различные приоритетные направления, действует согласно нормативно-правовым актам окружающей среды и требованиям экологических стандартов, играет ключевую роль в формировании «зеленой» экономики.*

***Ключевые слова:*** *«зеленая» экономика, устойчивое развитие, зеленое производство, экологическое предпринимательство, государственное регулирование, государственная поддержка, окружающая среда, экологическая ситуация, экономическое развитие, экологические проблемы, экологическая безопасность.*

# THE ROLE AND ESSENCE OF ENVIRONMENTAL ENTREPRENEURSHIP IN THE CONDITIONS OF THE FORMATION OF A “GREEN ECONOMY”: THEORY AND PRACTICE

**SHAROPOV FARHOD RAZOKOVICH,**
Doctor of Economic Sciences, Professor,
Vice-Rector for Strategic Development and quality management of the
International University tourism and enterprise of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5, Borbad Ave.
Phone: (+992) 985-77-79-00. E-mail: farhod79@mail.ru
**DOSIEV MAHMADSHOH NAZAROVICH,**
Candidate of Economic, Associate Professor,
Head of the Department of Public Finance Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir, str.

Phone: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*The article discusses the role and essence of environmental entrepreneurship in the context of the formation of a "green" economy and its impact on the development of the economy of the Republic of Tajikistan. It was emphasized that for the further development of environmental entrepreneurship in the regions of the Republic of Tajikistan and its contribution to the implementation of the principles of the "green" economy, it is advisable to develop regulatory legal acts on state regulation of the economy. It is believed that entrepreneurship in the field of ecology includes various priority areas, acts in accordance with environmental regulations and the requirements of environmental standards, and plays a key role in the formation of a "green" economy.*

***Keywords:*** *"green" economy, sustainable development, green production, environmental entrepreneurship, government regulation, government support, environment, environmental situation, economic development, environmental problems, environmental safety.*

УДК:335.24.01

# ТАШКИЛИ ИНФРАСОХТОРИ МУОСИРИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КИШВАР

**БОБОШОҲЗОДА ШОҲИН МАҲМАДШАРИФ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 937-87-71-72. E-mail: shohin90@mail.ru
**УМАРОВА МАНИЖА САИДАҲМАДОВНА,**
ассисенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

*Дар мақола ташкили инфрасохтори муосири сайёҳӣ дар минтақаҳо баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки зери мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ маҷмӯи иншоот, бино, шабака, низомҳое дохил мешаванд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ мустақиман муносибат надошта, барои фаъолияти сайёҳӣ муҳим мебошанд. Ба таркиби инфрасохтори сайёҳӣ корхонаҳои ҷойгиршавии сайёҳон, хӯроки умумӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, маҷмӯаҳои фароғатӣ-истироҳатӣ дохил мешаванд, аммо молҳо, маҳсулоти нимтайёр ва дигар маҳсулотҳо барои ин корхонаҳо ба саноати сайёҳӣ дохил мешаванд. Инчунин, дар мақола зикр гардидааст, ки мавҷуд будани инфрасохтори сайёҳӣ оид ба дараҷаи рушди саноати миллӣ ва даромади калон ба сари аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ инфрасохтори мазкур фаъолияти муътадили корхонаҳои сайёҳӣ, инчунин рушди босубот ва самараноки онҳоро таъмин намуда, барои пайдо ва мустаҳкам намудани алоқаҳои нави шариконаи онҳо, ки бо қисмҳои таркибии он алоқамандананд, мусоидат мекунад.*

*Барои самаранок фаъолият намудани инфрасохтори сайёҳӣ он бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад. Тавре дар мақола оварда шудааст, инфрасохтори сайёҳӣ бояд ба талаботҳои корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти махсусиятҳои онҳо, имконияти объектҳои сайёҳӣ мувофиқ бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтори сайёҳӣ, рушди саноат, инфрасохтори нақлиётӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои коммуналӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ.*

Инфрасохтори сайёҳӣ - маҷмӯи иншоотҳо, шабакаҳои дорои вазифаҳои иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва рекреатсионӣ буда, барои дастрасии муътадили сайёҳон ба захираҳои сайёҳӣ ва истифодаи муносиби онҳо бо мақсади сайёҳӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётии корхонаҳои саноати сайёҳӣ хизмат мерасонад [4].

Инфрасохтори сайёҳӣ меҳмонхонаҳо, истгоҳҳои кемпингӣ, санаторияҳо, роҳҳои автомобилӣ ва оҳан, низоми таъмини об, барқ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар замони муосир дар рафти саёҳати сайёҳӣ шароити бароҳати саёҳат дар баробари захираҳои сайёҳӣ метавонад сабаби ташрифоварии сайёҳон гардад. Маҳз инфрасохтори сайёҳӣ, ҷойгиркунии хурду хӯрок, истироҳат, хизматрасонии иттилоотӣ ва нақлиётии сайёҳонро таъмин мекунад. Зери мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ маҷмӯи иншоот, бино, шабака, низомҳое дохил мешаванд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ мустақиман муносибат надошта, барои фаъолияти сайёҳӣ муҳим мебошанд (нақлиёти ҷамъиятӣ, корхонаҳои савдо, хӯрока, муассисаҳои тиббӣ, алоқа, шабакаҳои таъмини барқ, почта, телефон ва ғайра) [3].

Дигар олимон, аз он ҷумла Г.А. Аванесова ва Л.П. Воронкова инфрасохтори сайёҳиро ҳамчун маҷмӯи соҳа ва муассисаҳои ёридиҳандае муайян мекунанд, ки ба индустрияи сайёҳӣ ва фаъолияти сайёҳӣ дар умум хизмат мерасонанд. Он дар худ

шабакаҳои нақлиётӣ-алоқавӣ, низомҳои меҳмондорӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, инчунин фазои иҷтимоӣ-маданӣ, инфрасохтори намудҳои гуногуни сайёҳиро дар бар мегирад [5].

Баъзе олимон, аз он ҷумла Ҳ.Умаров ва Н.Наимзода ба таркиби инфрасохтори сайёҳӣ хизматрасонии меҳмонхонавӣ (маҷмӯи тамоми воситаҳои ҷойгиркунӣ барои истиқомати муваққатии сайёҳон), хизматрасонии нақлиёт (воситаҳои серҳаракати нақлиёт, ташкили доимии тамоми намудҳои нақлиёт, шартҳои ҳуқуқии кашондани мусофирон), соҳаи хӯроки умумӣ, соҳаи фароғатӣ-намоишӣ ва хизматрасонии варзишӣ-табобатӣ, хизматрасонии молиявӣ, восита ва низомҳои алоқа, истеҳсоли маҳсулоти армуғонӣ, савдои чакана, соҳаи хизматрасонии маиширо дохил мекунанд [8].

Маҷмӯи мазкур соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиеро дар бар мегирад, ки барои азнавистеҳсолкунӣ: роҳҳо, алоқа, нақлиёт, маориф, тандурустӣ шароит фароҳам меоранд.

Новобаста аз он, ки сайёҳӣ ҳамчун саноат зиёда аз як аср пеш пайдо шудааст, оид ба муайян кардани таърифи мафҳумҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва саноати сайёҳӣ дар байни олимони соҳа баҳсу мунозираҳо вуҷуд доранд [5].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: саноати сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маҷмӯи меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиршавӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ, тамошо, шиносоӣ, хизматӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва воситаҳои таъиноти дигар, ки фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳиро амалӣ месозанд.

Индустрия пеш аз ҳама соҳаи саноат мебошад. Зери ин мафҳум маҷмӯи воҳидҳои мустақил, аз рӯи ҳудуд ҷудоии хоҷагӣ фаҳмида мешавад, ки дорои пояи махсуси моддию техникӣ буда, дар истеҳсолот ва фурӯши мол ва хизматрасониҳои сайёҳии бо фаъолият ва идораи ягона муттаҳидшуда махсус гардонида шудаанд. Ба индустрияи сайёҳӣ миқдори зиёди ширкатҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳии фурӯши турҳо ва сафарҳои экскурсионӣ, миёнаравҳои фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, санаторияҳо, марказҳои табобатӣ-профилактикӣ ва шаҳрҳои осоишгоҳӣ, базаҳо ва дигар муассисаҳо, ташкилот ва корхонаҳои бо соҳаи истеҳсолот машғул, аз он ҷумла корхонаҳои истеҳсоли армуғон, молҳои варзишӣ, молҳо барои истироҳат, либосҳо барои сафарҳои сайёҳӣ, корхонаҳои хӯроки умумӣ, бонкҳо, марказҳои фарҳангӣ-истироҳатӣ, ташкилотҳои таъминкунандаи хизматрасонии тиббӣ дохил мешаванд. Ба таркиби саноати сайёҳӣ, корхонаҳои моликияти давлатӣ ва хусусии соҳаи истеҳсолӣ, ҳамчунин маҷмӯи муассисаҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд.

Индустрияи сайёҳӣ дорои ду дараҷа мебошад. Ба дараҷаи якуми он саноати меҳмондорӣ дохил мешавад, ки ин бахш муҳим буда, аз такмили соҳа самараи молиявӣ бисёр вобастагӣ дорад [6]. Он корхонаҳоеро дар бар мегирад, ки хизматрасониҳои ҷойгиршавӣ ва хӯрокаро таъмин мекунанд. Дараҷаи дуюми саноати сайёҳӣ инфрасохтори сайёҳӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре дар боло қайд шуд, ин мафҳумҳо ҳаммаъно набуда, якеро ба ҷойи дигар истифода кардан мувофиқи мақсад нест. Корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ масъалаҳои вобаста бо ҷойгиршавии сайёҳон, низоми хӯроки умумӣ, истироҳат, дамгирӣ, фароғат, таъмини нақлиётро ҳал мекунанд. Вале дигар масъалаҳо, чунончи фурӯши чаканаи армуғон ё молҳои гуногун, истеҳсоли воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти нимтаёр барои корхонаҳои хӯроки умумӣ, маҳсулотҳои гуногун барои сафари сайёҳӣ, ҳамаи инҳо дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ амалӣ мегарданд. Саноати сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳиро истеҳсол мекунад, ки он дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ талабгор доранд, инфрасохтори

сайёҳӣ ба саноати сайёҳӣ дохил шуда, барои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ хизмат мерасонад [3].

Ба таркиби инфрасохтори сайёҳӣ корхонаҳои ҷойгиршавии сайёҳон, хӯроки умумӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, маҷмӯҳои фароғатӣ-истироҳатӣ дохил мешаванд, аммо молҳо, маҳсулоти нимтайёр ва дигар маҳсулотҳо барои ин корхонаҳо ба саноати сайёҳӣ дохил мешаванд. Тавре Лазарев қайд мекунад, дар байни саноати сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ алоқаи махсус мавҷуд мебошад: «Инфрасохтори сайёҳӣ қисми таркибии саноати сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, омехта намудан ё ба таври синоним истифода кардани ин ду мафҳум моҳиятан нодуруст мебошад» [9].

Дар ин самт таснифи қисмҳои таркибии инфрасохтори сайёҳӣ низ басо муҳим мебошад. Мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ ба ду маъно: маҳдуд ва васеъ истифода карда мешавад. Дар шакли маҳдуди он объектҳое дохил мешаванд, ки барои хизмат расонидан ба сайёҳон бунёд шуда, онҳоро аҳолии маҳаллӣ истифода намекунад. Асосан ба ин гурӯҳ объектҳои хоҷагии меҳмонхонавӣ, базаҳои сайёҳӣ ва нақлиёти махсус дохил мешаванд. Дар шакли васеъ, инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун қисми таркибии инфрасохтори умумиминтақавии хоҷагӣ баҳо дода шуда, инфрасохтори сайёҳии маҳдуд ба он дохил мешавад. Инфрасохтори сайёҳӣ дорои се соҳа мебошад: инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ. Зери мафҳуми инфрасохтори иҷтимоии сайёҳӣ маҷмӯи корхонаҳои соҳавӣ, сохторҳое дар назар дошта мешавад, ки бо аз навистеҳсолкунии қувваи корӣ алоқаманд мебошад: муассисаҳои тандурустӣ, маориф дар соҳаи сайёҳӣ, шабакаи савдои чакана, корхонаҳои хӯроки умумӣ, хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ, соҳаҳои ташкили истироҳат ва ғайра.

Ба таркиби инфрасохтори истеҳсолии соҳаи сайёҳӣ фирмаҳои сайёҳӣ, ширкатҳо, воситаҳои ҷойгиркунӣ ва ғайра дохил мешаванд. Инфрасохтори институтсионалии сайёҳӣ мақомотҳои мунитсипалии танзимоварандаи мақомотҳои сайёҳӣ, ташкилот, иттиҳодияҳо дар соҳаи сайёҳӣ мебошанд. Ҳамин тавр, сайёҳӣ ягонагии ҳар се намудашро: иҷтимоӣ (дар хусуси қонеъ намудани талаботҳои сайёҳон), истеҳсолӣ (ба даст овардани фоида аз тиҷорати сайёҳӣ), институтсионалӣ (ба танзим овардан ва назорат кардани соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби сохторҳои гуногун) таъмин мекунад [4].

Инфрасохтори хӯрокаи сайёҳон низ омили муҳим дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор рафта, ҷараёни он низоми хос дорад. Хӯрока ҳангоми гузаронидани тури сайёҳӣ хизматрасонии ҳатмӣ ба ҳисоб намеравад. Корхонаҳои сайёҳии хӯрока аз рӯйи меъёрҳои зерин тасниф карда мешаванд: аз рӯйи типи корхона - тарабхона, бар, қаҳвахона, ошхона, ошхоначаҳо, фабрика-ошхонаҳо.

Инфрасохтори нақлиёт низ дар ташаккули бонизоми соҳаи сайёҳӣ мавқеи худро дорад. Вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ва вазъи табиӣ, ҳар як кишвар анвои хизматрасониҳои нақлиёти гуногун буда метавонад [5].

Технологияҳои нав дар инфрасохтори нақлиёт алоқаҳои доимиро бо тамоми минтақаҳои дунё имконпазир мегардонанд. Кӯтоҳ шудани вақт барои қатора ба ҷойи сайёҳӣ ва паст шудани нарх барои сафар имконият медиҳанд, ки ба масофаҳои дур сафар карда шавад, инчунин ҳангоми ворид шудан ба давлат аз ҷониби идораҳои давлатӣ назорати раванди ба расмият даровардани раводидро аз байн мебарад. Аммо рушди сайёҳӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мушкилиҳо эҷод мекунад.

Чунончи, зиёд шудани миқдори сафарҳои сайёҳӣ аз сабаби зиёд шудани миқдори нақлиётҳои автомобилӣ дар роҳҳо, норасоии имкониятҳои роҳи оҳан, махсусан дар даврони талаботи мавсимӣ ба ҳамлу нақл, аз ҳад зиёд бор кардани нақлиёт, ки монеаи асосӣ барои пурра амалӣ гаштани имкониятҳои воситаҳои парвозу фуруд мегардад. Таъмири таҷдиди инфрасохтори нақлиёт дар тамоми минтақаҳои дунё имконпазир

мегардад, ки ин сармояҳои калонро бо миқдори зиёд талаб мекунад. Дар солҳои 2007-2020 барои соҳаи сайёҳӣ аз буҷети ҷумҳурӣ зиёда аз 21.6 млн доллар маблағгузорӣ гардидааст[6].Аз ҳисоби сармояи мустақим бошад зиёда аз 110 млн доллар ворид гардидааст.

Технологияҳои информатсионии нав ва коммуникатсияҳои самаранок рушди бошиддати бозори байналмилалии сайёҳиро таъмин мекунанд.

Дар сайёҳӣ шабакаҳои ҷаҳонии компютерӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Осон шудани ҷараёни фармоишӣ барои рушди бозори сайёҳӣ мусоидат мекунад. Самаранокии маркетинг дар сайёҳӣ зиёд мегардад.

Такмил ёфтани инфрасохтори сайёҳӣ ва низоми маълумотҳои электронӣ, алоқаи босуръат ва мустақимро байни минтақаҳо таъмин мекунад, хатсайрҳои сайёҳӣ гуногунранг ва камхарҷ мегарданд.

Мавҷуд будани инфрасохтори сайёҳӣ оид ба дараҷаи рушди саноати миллӣ ва даромади калон ба сари аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ инфрасохтори мазкур фаъолияти муътадили корхонаҳои сайёҳӣ, инчунин рушди босубот ва самараноки онҳоро таъмин намуда, барои пайдо ва мустаҳкам намудани алоқаҳои нави шариконаи онҳо, ки бо қисмҳои таркибии он алоқамананд, мусоидат мекунад.

Барои самаранок фаъолият намудани инфрасохтори сайёҳӣ он бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад. Тавре дар боло оварда шудааст, инфрасохтори сайёҳӣ бояд ба талаботҳои корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти махсусиятҳои онҳо, имконияти объектҳои сайёҳӣ мувофиқ бошад. Инфрасохтори сайёҳӣ бояд натанҳо масъалаҳои саноати сайёҳӣ (ҷойгиршавӣ, нархи хизматрасониҳои корӣ, оид ба имкониятҳои воқеӣ маълумот доштан ва ғайра)-ро ҳал намояд, балки бо маълумотҳои саҳеҳ ва саривақтии оморӣ таъмин намояд, инчунин мониторинги субъектҳои бозори хизматрасонии сайёҳиро амалӣ намояд.

Инфрасохтори сайёҳӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад. Инфрасохтори сайёҳӣ имконият медиҳад, ки ҷойгиршавӣ, истироҳат, хизматрасонии иттилоотӣ ва нақлиётии сайёҳон таъмин карда шавад. Он барои дуруст амалӣ гаштани механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ ва илмӣ-техникии давлатҳои тараққиёфта мусоидат мекунад. Маҳз инфрасохтори сайёҳӣ рушди феноменалии сайёҳии байналмилалиро таъмин мекунад. Ҳиссаи сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонии савдои хизматрасониҳо 35%-ро ташкил медиҳад [4].

Дар бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти сайёҳӣ дар баробари нафт пешсаф мебошад. Рушди нақлиёт, алоқа, афзун гаштани беҳдошти аҳолӣ, шабакаҳои иттилоотӣ омили асосии сифати оммавӣ пайдо кардани сайёҳии ҷаҳонӣ гаштаанд. Дар рушди хоҷагии ҷаҳонӣ инфрасохтори сайёҳӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим дорад. Таъсири ғайримустақим-ҷалб кардани маблағҳо тавассути хизматрасониҳои корхонаҳои сайёҳӣ, таъмини моддии коргарони сайёҳӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзудани даромадҳои андозӣ мебошад. Хароҷоти сайёҳон дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, нақлиёт, ҳотел, санаторияҳо, кемпингҳо ва ғайра) ва фоидаи ин корхонаҳо бо дарназардошти хароҷоти онҳо барои таъмини сайёҳон дар шакли андоз ба буҷети давлат равоншуда, ин таъсири мустақим мебошад [9].

Корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои фаъолият бо дигар воҳидҳои таркибии инфрасохтор алоқамандӣ пайдо карда, дар савдо ва пеш бурдани маҳсулоти саноати сайёҳӣ нақш мебозанд. Чунончи, меҳмонхонаҳо аз хизматрасониҳои сохтмончиён, ташкилотҳои коммуналӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрока, лавомизот барои сайёҳӣ истифода мебаранд. Дар натиҷа фаъолияти иқтисодие пайдо мешавад, ки аз давраҳои ботартиби хароҷот иборат аст. Аммо он

тамоми даромади корхонаҳоро дар бар намегирад, зеро қисми даромад ҳангоми хароҷот дар хариди маҳсулот ва хизматрасониҳо ва пардохти андоз равона карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. Душанбе. - 2018. - 23 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Сайёҳии дохилӣ” аз 18 июли соли 2017 таҳти №1450. - Душанбе. - 2017. - 19 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7-уми августи соли 2010, №1717. - Душанбе. - 2020. - 21 с.
4. Адамова, К.З. Тематические туристские кластеры/ К.З.Адамова// Новый век: история глазами молодых: Сб.науч. тр. Аспирантов и студентов Института истории и международных отношений СГУ. Саратов, Сарат. ун-т, 2008.- Выпуск. 7. - С.199-202.
5. Айтжанова, А.Е. Прогнозирование показателей с сезонным характером в сфере туристического рынка // Вест. тамбовского ун-та. Сериягуманитарные науки. - 2014. - № 7(135). - С.77.
6. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Идоракунии давлатӣ –2022 / №4/2 (59) – Душанбе – 2022 - с.41
7. Асташкина, М.В. География туризма: учебное пособие/ М.В.Асташкина. - М., 2011. - 431с.
8. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Идоракунии давлатӣ –2022 / №4/2 (59) – Иттилоотикунонии тиҷорати байналмилалии меҳмонхонаҳо дар шароити рушди сайёҳӣ – Душанбе – 2022 - с.33
9. Виноградова, М.В. Инфраструктура туристического комлекса/ М.В. Виноградова, П.И. Солдатов// Вестник ВГУ. Серия география, геоэкология. - 2019. - №2. - С.11
10. Қодиров, Х. Имконияти рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон // Вестн. Института развития обр.-2018.-№2(22). - С. 43-47.
11. Омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - 52 с.
12. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030


## ОРГАНИЗАЦИЯ СОВРЕМЕННОЙ ТУРИСТСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В РЕГИОНАХ СТРАНЫ


**БОБОШОХЗОДА ШОХИН МУХАММАДШАРИФ,**
кандидат экономичеких наук, доцент кафедры государственного управления и государственного управления и национальный экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 937-87-71-72. E-mail: shohin90@mail.ru
**УМАРОВА МАНИЖА САИДАХМАДОВНА,**
ассистент кафедры государственного
управления и национальной экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru



*В статье рассматривается организация современной туристической инфраструктуры в регионах. Подчеркнуто, что понятие инфраструктуры туризма включает в себя*

*совокупность сооружений, зданий, сетей, систем, не связанных непосредственно с производством туристского продукта и имеющих важное значение для туристской деятельности. Инфраструктура туризма включает в себя предприятия по размещению туристов, общепита, общественного транспорта, развлекательно-рекреационные комплексы, но товары, полуфабрикаты и другая продукция для этих предприятий входят в индустрию туризма. Также в статье отмечается, что наличие туристической инфраструктуры свидетельствует об уровне развития национальной промышленности и высоких доходах на душу населения. С экономической точки зрения данная инфраструктура обеспечивает нормальную работу предприятий туризма, а также их стабильное и эффективное развитие, способствует нахождению и укреплению новых партнерских отношений, которые связаны с ее составными частями.*

*Чтобы инфраструктура туризма функционировала эффективно, она должна соответствовать ряду требований. Как указано в статье, инфраструктура туризма должна соответствовать требованиям туристских предприятий с учетом их специализаций, возможностей объектов туризма.*

***Ключевые слова:*** *туристская инфраструктура, промышленное развитие, транспортная инфраструктура, туристские услуги, субъекты туристского обслуживания, туристский продукт, гостиницы, ЖКХ, банки, страховые компании.*

## ORGANIZATION OF MODERN TOURIST INFRASTRUCTURE IN THE REGIONS OF THE COUNTRY

**BOBOSHOHZODA SHOHIN MUHAMMADSHARIF,**
PhD, Associate Professor of the
Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 937-87-71-72. E-mail: shohin90@mail.ru
**UMAROVA MANIZHA SAYDAHMADOVNA,**
Assistant of the Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

*The article discusses the organization of modern tourism infrastructure in the regions. It is emphasized that the concept of tourism infrastructure includes a set of structures, buildings, networks, systems that are not directly related to the production of a tourist product and are important for tourism activities. The tourism infrastructure includes enterprises for the accommodation of tourists, catering, public transport, entertainment and recreational complexes, but goods, semi-finished products and other products for these enterprises are included in the tourism industry. The article also notes that the presence of tourism infrastructure indicates the level of development of the national industry and high per capita incomes. From an economic point of view, this infrastructure ensures the normal operation of tourism enterprises, as well as their stable and efficient development, helps to find and strengthen new partnerships that are associated with its constituent parts.*

*In order for tourism infrastructure to function effectively, it must meet several requirements. As stated in the article, tourism infrastructure should meet the requirements of tourism enterprises, taking into account their specialties, the possibilities of tourism objects.*

***Keywords:*** *tourism infrastructure, industrial development, transport infrastructure, tourism services, tourism service entities, tourism product, hotels, housing and communal services, banks, insurance companies.*

УДК 338.24.021.8

# АФЗАЛИЁТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**НУРДИНОВ БАХРИДДИН ХИЗРАЛИЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи рушди
мутавозини минтақаҳои МД «Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии
Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”.
734042, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14а.
Тел.: (+992) 988-87-33-83. E-mail: bahriddin_11@inbox.ru
**ҚУРБОНОВ МАҲМАРАСУЛ АБДУҚОДИРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори шуъбаи хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com

*Истифодаи технологияи рақамӣ дар идоракунии иқтисодиёт пеш аз ҳама, аҳамияти иҷтимоӣ дошта, муҳимтарин вазифаи он баланд бардоштани нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи зиндагӣ ва сифати сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои татбиқи амалии технологияҳои иттилоотии пешрафта дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, технологияҳои маъмултарин дар низоми идоракунии давлатӣ, ҳукумати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, марҳилаҳои амалишавии консепсияи иқтисодиёти рақамӣ, афзалиятҳои истифодаи технологияи рақамӣ ва ракамикунонӣ дар иқтисодиёт ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *афзалият, технологияи рақамӣ, идоракунӣ, иқтисодиёти рақамӣ, идоракунии давлатӣ, хизматрасониҳои давлатӣ, ҳукумати электронӣ, технология, иттилоот, алоқа, маъмурӣ, амният ва тадқиқот.*

Дар шароити имрӯза қувваи асосии пешбаранда дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ татбиқи амалии технологияҳои иттилоотии пешрафта ба ҳисоб рафта, нақши он дар баланд бардоштани самаранокии сиёсати идоракуни давлатӣ ва захираҳои кадрии он беандоза бузург арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба ҳалли мушкилоти зерин мусоидат менамоянд:

- Коммуникатсионӣ (алоқа) – ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот;
- Нигоҳдорӣ ва паҳн намудани он, дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот;
- Идоравӣ - таъмини иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва дастрасии он ба роҳбарон ва тобеон;
- Таълимӣ – омӯзонидани кадрҳои вазорату идораҳо тавассути вебинарҳо, видеолексияҳо, порталҳои таълимӣ ва мониторинги дониши кормандон бо истифода аз низомҳои тестии электронӣ;
- Маъмурӣ - муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ ва коргузорӣ;
- Назорат – назорати ба воситаи ташкили сабти видео ва параметрҳои онлайнӣ;
- Нигоҳдорӣ - бойгонии захираҳои электронӣ;
- Тадкиқот – ҷустуҷӯи иттилооти нав ва коркарди таҷрибаи мувофиқ;
- Амният - ҳифзи иттилоот бо дастрасии маҳдуд ва иттилооти махфӣ, пешгирӣ ва безараргардонии таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ;

  Технологияҳои маъмултарин дар низоми идоракунии давлатӣ инҳо мебошанд [2];

- Иттилооти бузург (Big Data);

- Зеҳни сунъӣ (AI);
- Системаҳои тақсимоти феҳрести (reestr) захираҳои иттилоотӣ (blockchain);
- Интернети ашё (Internet of Things, IoT) ва пайгирии рақамӣ;
- Алоқаи квантӣ (шабакаҳои квантӣ).

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ бо таъмини дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба хизматрасониҳои афзалиятноки давлатӣ дар шакли рақамӣ, ташкили системаи миллии идоракунии иттилоотӣ, рушди инфрасохтори ҳукумати электронӣ («Ҳукумати интеллектуалӣ», smart government), иқтисодиёти рақамӣ ва рақамикунонӣ нигаронида шудааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки зинаҳои асосии истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт, ин ҳукумати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ мебошад, ки онҳоро дар зер шарҳ медиҳем.

Ҳукумати электронӣ як ҷузъи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки ҳоло дар арафаи шаклгирии умумиҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароите, ки интернет ба воситаи муҳими алтернативии пахши иттилоъ зуҳур намудааст, ин масъала аз ҳар ҷиҳат аҳамиятнок менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ соли 2003 замина гузошта шуда, барои омӯзонидани хизматчиёни давлатӣ дар ин самт тасмими ҷиддӣ гирифта шудааст. Айни ҳол шабакаи ягонаи давлатии байни мақомоти идоракунӣ (doc.hukumat.tj) таъсис ёфта, ба он 48 мақомот пайваст гардидаанд. Мисоли равшани он Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»», ки соли 2003 ба тасвиб расида буд, инчунин таҳияи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад [9].

Рустамҷон Қузратзода чунин назар дорад, ки «дар шароити имрӯз яке аз омилҳои таъмини амнияти иқтисодии мамлакат ва рақобатпазир будани он дар бозорҳои ҷаҳонӣ иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ доир ба татбиқи иқтисодиёти рақамӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст [1].

Консепсияи мазкур ба марҳала ба марҳала анҷом додани рақамикунонӣ дар ҷумҳурӣ нигаронида шуда, давраи амалишавии он дар се марҳала то соли 2040 ба нақша гирифта шудааст. Марҳалаи якум то соли 2025, дуюм то соли 2030 ва марҳалаи сеюм то соли 2040 –ро дар бар мегирад. Дар марҳалаи аввал мебояд чунин корҳо ба анҷом расонида шавад:

- мустаҳкамкунии асосҳои рақамӣ ва муайян кардани ташаббусҳо;
- тайёр кардани кадрҳои ихтисоснок;
- эҷоди модели асосҳои рақамӣ ва муайян кардани раванди рақамикунонӣ;
- муайян кардани ҳадафҳои асосии муваффақияти табдили рақамӣ;
- арзёбии вазъи кунунии рушди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муваффақияти табдили рақамӣ;
- дастгирии иттилоотӣ ва таълимии табдили рақамӣ;
- экосистемаи раванди рақамикунонӣ;
- маблағгузорӣ ва буҷет.

Бояд таъкид намуд, ки айни замон технологияи рақамӣ на танҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ истифода мешавад, балки дар шароити зуд тағйирёбандаи муҳити инноватсионӣ муҳимтарин омили рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат истифодаи босамари технологияи рақамӣ ва ракамикунонӣ дар соҳаи

истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ ба ҳисоб мераванд. Дар навбати худ татбиқи дастовардҳои технологияи рақамӣ ва ракамикунонӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт тақозо менамояд, ки ба рушди нерӯи зеҳнии ҷомеа дар заминаи баланд бардоштани донишҳои техникии аҳолӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт дар пояи инқилоби чаҳоруми санотӣ ба вуҷуд омадааст [4]. Дар ин марҳилаи тараққиёт иттилоот ба омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологии давлатҳо табдил ёфта, меҳвари асосии онро истифодаи зеҳни сунъӣ ташкил медиҳад.

Бинобар ин сабаб, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ тақозо менамояд, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи зеҳни сунъӣ диққати махсус зоҳир карда шавад. Истифодаи он ба баланд гардидани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар имкониятҳои навро фароҳам меоварад[8].

Истифодаи технологияи рақамӣ ва ракамикунонӣ дар иқтисодиёт дорои як қатор афзалиятҳо мебошад. Пеш аз ҳама он, ба баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷот, ташкили ҷойҳои кории нав ва ҳуҷҷатгузории электронӣ мусоидат менамояд. [3]

Ҳамзамон, ташаккули иқтисоди рақамӣ дастрасиро ба иттилоот беҳтар гардонида, имконияти истеъмолгаронро барои интихоби молу хизматрасонӣ васеъ намуда, густариши ҳамкории субъектони иқтисодии соҳаи истеҳсолот, савдо ва хизматрасониро дар доираи бозори ягона новобаста аз омилҳои ҷуғрофӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Дар натиҷаи чунин ҳамгироӣ рушди тиҷорати электронӣ таъмин гардида, имкониятҳои ширкатҳои миллӣ дар самти тиҷорати байналмилалӣ васеъ мегарданд.

Мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, коҳиш додани партовҳои ифлоскунанда ва истифодаи энергияи сабз аз афзалиятҳои дигари истифодаи технологияи рақамӣ ба ҳисоб рафта, ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии экологӣ ва ҷалби бештари истифодаи технологияи «сабз» мусоидат менамояд.

Таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, беҳтар гардонидани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, таҳсилот, молия ва тиб аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, нақши технологияи рақамӣ дар ин самт бузург мебошад. Бо истифода аз технологияи пешрафти рақамӣ низоми ягонаи миллӣ таъсис дода шуда, дар доираи он маҷмӯи хизматрасонии давлатӣ идора ва назорат карда мешавад.

Истифодаи технологияи рақамӣ аз ҷониби аҳолӣ ба баланд гардидани қобилияти харидории онҳо мусоидат намуда, сабаби афзоиш ёфтани рақобати нархӣ дар бозор мегардад. Ҳамзамон, дар натиҷаи рақамикунонии иқтисодиёт имкониятҳои азхуд намудани донишҳои нав васеъ гардида, барои баланд бардоштани сатҳи бозомӯзии касбӣ мувофиқ бо талаботи бозори меҳнат, шароити нав фароҳам оварда мешавад.

Татбиқи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт рушди ҳамгироӣ субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, илм ва давлатро такони ҷиддӣ бахшида, ҳамчун муҳаррики пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ хизмат менамояд [6]. Дар натиҷаи чунин шарикии сегона экосистемаи миллии рақамӣ ташаккул ёфта, он ба васеъ гардидани имкониятҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ раванди муомилоти молию-пулӣ ва андозбандиро содда гардонида ба сарфа гардидани вақт, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва ҳолатҳои номатлуби характери ҷиноӣ дошта мусоидат менамояд [10]. Дар натиҷа соҳибкории хурду миёна тараққӣ ёфта, фазои муносиби сармоягузорӣ барои ҷалби воситаҳои пулии онҳо фароҳам оварда мешавад.

Коҳиш додани хароҷотҳои логистикӣ аз афзалиятҳои дигари технологияи рақамӣ ба ҳисоб рафта, ширкатҳои тиҷоратӣ онро бо мақсади пайдо намудани шарикони нав, истеъмолгарони имконпазир ва ташкил намудани шабакаҳои фурӯши молу маҳсулот истифода менамоянд. Шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои истеъмолӣ зарурияти истифодаи технологияи рақамиро дучанд гардонида, корхонаҳоро маҷбур сохтааст, ки бо истифода аз он рафтори истеъмолгаронро омӯхта, мувофиқи табъ, хоҳиш ва қобилияти харидории онҳо фаъолияти маркетингии худро дар бозор амалӣ гардонанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар баробари доштани афзалиятҳои бештар, истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт ба пайдо гардидани як қатор мушкилотҳо низ мусоидат намудааст. Яке аз ин мушкилотҳо афзоиш ёфтани қаллобӣ дар фазои шабакаҳои интернетӣ ба ҳисоб рафта, ба пайдо гардидани шаклҳои нави ҷинояткорӣ мусоидат намудааст [5]. Дуздидани пул, маълумот ва моликияти зеҳнӣ аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ бештар ба чашм мерасанд.

Дастрасии нобаробарии аҳолӣ ба сарчашмаҳои иттилоотӣ ва воситаҳои коммуникатсионӣ аз ҷумлаи мушкилоти дигари рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, рушди онро боз медорад.

Дар натиҷаи пайдо гардидани таҳаввулоти рақамӣ муҳити муносибати корӣ тағйир ёфта, талабот ба баъзан ихтисосҳо кам гардида, ин ҳолат ба баланд гардидани сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд.

Новобаста аз ин, рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ ва истеҳсолӣ омили муҳими рақобатпазир гардидани мамлакат дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад [7].

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт пеш аз ҳама, аҳамияти иҷтимоӣ дошта, муҳимтарин вазифаи он баланд бардоштани нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи зиндагӣ ва сифати сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд таъкид намуд, ки ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ бо як қатор омилҳо, ба монанди талабот ба технологияи рақамӣ, пайдо гардидани технологияи инноватсионӣ, нерӯи кадрӣ, захираҳои молиявӣ ва дигарон зич вобаста мебошад.

**Адабиёт**


1. Иқтисодиёти рақамӣ омили рушди иқтисодиёти муосир ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат аст [Манбаи электронӣ]. –Реҷаи вуруд: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/18743-itisodieti-raam-omili-rushdi-itisodieti-muosir-va-ifzi-amniyati-itisodii-mamlakat-ast.html (санаи муроҷиат: 15.06.2023)
2. Использование цифровых технологий в государственном управлении [Манбаи электронӣ]. –Реҷаи вуруд: https://hsbi.hse.ru/articles/ispolzovanie-tsifrovykh-tekhnologiy-v-gosudarstvennom-upravlenii/ (санаи муроҷиат: 25.09.2023)
3. Кокурхаев Р.М., Газдиева Е.Х. Цифровая экономика – экономика будущего//Журнал прикладных исследований. Серия: Экономика и бизнеса. – Вологда, 2022. - №4. – С. 12-15 (13).
4. Лига М.Б., Щеткина И.А., Технологии обеспечения новой архитектуры качества жизни в эпоху четвёртой промышленной революции//Гуманитарный вектор. Серия: Социологические науки. – Чита, 2020. - №4. - С. 8-16.
5. Мальцева А.А., Лошкарев А.В., Влияния цифровой экономики на киберпреступность//Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – Новосибирск, 2019 . - №10(2). – С.117-120.

6. Носова С.С., Дубаневич Л.Э., Воронина В.Н., Цифровые технологии как инструмент роста инновационности современной экономики России// Инновации и инвестиции. – М.: «Русайнс», 2018. - №12. – С.9-14 (10).
7. Ромашкин Т.В., Институты цифровой экономики//Эпоха науки. – Ачинск, 2018. - №15. – С. 65-68 (65).
8. Сулимин В.В., Шведов В.В., Анализ использования искусственного интеллекта в цифровой экономике для улучшения прозрачности и эффективности государственного управления// Теория и практика общественного развития. Серия: Экономика и бизнеса. – Краснодар, 2023. - №6 (182). – С. 181-186.
9. Ҳукумати электронӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. –Реҷаи вуруд: https://apa.tj/ҳукумати-электронӣ-ва-рушди-он-дар-ҷум/(санаи муроҷиат: 15.06.2023)
10. Шемякина Н.В., Похилько В.И., Инновационное развитие экономики государства в условиях цифровизации//Вестник Института экономических исследований. - Донецк, 2020. - №2(18). – С. 31-36 (36).

# ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УПРАВЛЕНИИ ЭКОНОМИКИ

**НУРДИНОВ БАХРИДДИН ХИЗРАЛИЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, начальник отдела сбалансированного
развития регионов ГУ Научно-исследовательского экономический институт
Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.
734042, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Айни 14а.
Тел.: (+ 992) 988-87-33-83. E-mail: bahriddin_11@inbox.ru
**КУРБОНОВ МАХМАРАСУЛ АБДУКОДИРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
начальник отдела технических и коммуникационных услуг
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саида Насира, 33.
Тел.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com

*Использование цифровых технологии в управлении экономикой имеет прежде всего социальное значение, важнейшей ее задачей является повышение базовых показателей уровня жизни и качества человеческого капитала.*

*В данной статье рассматриваются вопросы практического применения передовых информационных технологий государственного и местного управления, использования цифровых технологий в государственном управлении, наиболее распространенных технологий в системе государственного управления, электронного правительства и цифровой экономики, практических этапов концепции цифровой экономики, преимущества использования цифровых технологий и цифровизации в экономике и переход к цифровой экономике.*

***Ключевые слова:*** *приоритет, цифровая технология, управление, цифровая экономика, государственное управление, государственные услуги, электронное правительство, технологии, информация, коммуникация, административный, безопасность и иследования.*

# ADVANTAGES OF USING DIGITAL TECHNOLOGIES IN ECONOMY MANAGEMENT

**NURDINOV BAHRIDDIN KHIZRALYEVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Balanced Development
of Regions of the State Institution "Economic Research Institute of the
Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 14a, Aini str.

Phone.: (+992) 988-87-33-83. E–mail: bahriddin_11@inbox.ru
**KURBONOV MAHMARASUL ABDUKODIROVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Technical and Communication Services of the
Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33. Saida Nasir st.
Phone: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com

*The use of digital technology in economic management is primarily of social importance, its most important task is to increase the basic indicators of living standards and the quality of human capital.*

*This article considers the practical application of advanced information technologies of state and local government, the use of digital technologies in state government, the most common technologies in the system of state government, e-government and the digital economy, the practical stages of the digital economy, the benefits of using digital technologies and digitalization in the economy and the transition to a digital economy.*

***Keywords:*** *a priority digital technology, control, digital economy, Public administration, government services, e-government, technology, information, communication, administrative, safety and research.*

**УДК: 330**

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ РАВАНДҲОИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАСЕҲЗОДА ИСЛОМ САЙМИРЗО,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**САЙДАЛИЕВ ХУРШЕД АМИРХОНОВИЧ,**
доктори фалсафа (PhD) дар иқтисодиёт, дотсент, ходими пешбари илмии
Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 934-46-99-90. E-mail: khurshed1992@mail.ru

*Дар мақола вобаста ба ҷанбаҳои бехатарии иқтисодӣ ва таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқот бурда шудааст. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки категорияи устуворӣ дар консепсияи бехатарии иқтисодӣ ду ҷабҳаро доро мебошад: қудрати ҷамъият дар нигоҳ доштани бехатарӣ ва қудрати на танҳо нигоҳ доштан, балки беҳтар намудани шароити таъмини бехатарӣ. Ҷабҳаҳои номбаршудаи мафҳуми бехатарии иқтисодӣ чун меъёрҳои вусъатёбии ҷамъиятӣ амал менамоянд: оё ҷамъият дар шароити дараҷаи доимии бехатарӣ қарор дорад ё он метавонад шароити худро беҳтар гардонад, оё имкон дорад, ки хатарҳоиояндаро пешгӯӣ ва бартараф намояд, шароитҳои зисту зиндагониро тағйир диҳад.*

*Дар натиҷа муайян карда шудааст, ки дар ҳама гуна ҳолат барои инсон аз байни ҳама намуди бехатарӣ пеш аз ҳама бехатарии озуқаворӣ бештар аҳамият дорад. Рафтори инсоният дар давраҳои бӯҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Дар шароити муосир бахши озуқаворӣ дар низоми хоҷагидорӣ мақоми муҳимеро ишғол намуда, ба ҳолати таъмини маҳсулоти озуқаворӣ таъсири бевосита мерасонад. Дар шароити кунунӣ дар хоҷагиҳои ҷаҳонӣ моҳияти он на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ чӣ аз ҷиҳати таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва чӣ дар низоми нигоҳдории тавозуни иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври мушаххас зоҳир мегардад.*

***Калидвожаҳо**: бехатарии иқтисодӣ, бехатарии озуқаворӣ, хоҷагиҳои ҷаҳонӣ, иқтисоди бозоргонӣ, сатҳи зиндагӣ, мувозинати иқтисодиёт, соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолоти ватанӣ, рушди иқтисодӣ, рақобат.*

Ҷамъияти инсонӣ дар давоми мавҷудияташ фарогири муҳите мебошад, ки хавфу хатар ҳамеша ба он таҳдид намуда, омилҳои гуногун боиси таҳдиди хатарҳои бузург гардидаанд. Вокуниш ба хавфи имконпазир ба вуҷуд омадани вокуниши баръаксеро дар назар дорад, ки ба пешгирӣ ё кам кардани таъсироти онҳо равона карда шудааст. Бехатарӣ ҳамчун мавҷуд набудани имконият ва заминаи расонидани зарар ба шахс ва ҷамъият дар умум, нигоҳ доштани фаъолияти онҳо баҳо дода мешавад. Мақсади бехатарӣ таъмини зиндагии шахси алоҳида, ҷамъият ва мамлакат ба ҳисоб рафта, муносибати онҳоро нисбати мақсаднокӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ нишон медиҳад.

Масъалаи тавсифи категорияи «бехатарии озуқаворӣ» бо пайдошавии давлат ва манфиатҳои миллӣ пайдо шудааст. Дар қисмати таърихии вақт он метавонист якбора тезутунд шавад, ё ин ки дуюмдараҷа гардад. Дар шароити ташаккули низоми давлатӣ истилоҳи «бехатарӣ» мазмуни ҳолати оромӣ ҳангоми набудани хатар дар соҳаҳои гуногун ва таъминкунандаи беҳбудии умумиро доро мегашт.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар даҳсолаҳои охир чун бахши муҳими иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва чораҷӯиҳои зарур дар пешбурди зиндагии мардум қарор гирифта, он дар баробари истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба самтҳои асосии стратегияи давлатӣ дар ҷодаи рушди кишвар ворид карда шудааст [5, с.94-99].

Дар шароити муосир бахши озуқаворӣ дар низоми хоҷагидорӣ мақоми муҳимеро ишғол намуда, ба ҳолати таъмини маҳсулоти озуқаворӣ таъсири бевосита мерасонад. Дар шароити кунунӣ дар хоҷагиҳои ҷаҳонӣ моҳияти он на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ чӣ аз ҷиҳати таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва чӣ дар низоми нигоҳдории тавозуни иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври мушаххас зоҳир мегардад. Таҷрибаи иқтисодии бозоргонӣ нишон медиҳад, ки амалисозии он дар аксари мамлакатҳо ниҳоят зарур аст. Протексионизми аграрӣ дар иқтисоди бозорӣ ба ҳимояи истеҳсолкунандагони дохилӣ бо мақсади таъмини даромаднокии онҳо равона шудааст.

Ҳолати таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ин дар сатҳи паст қарор доштани масъулияти ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорӣ, норасоии инфрасохтори зарурӣ, сатҳи баланди монополизатсияи тиҷорат аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида дар бозорҳо, вайронкунии зиёди хусусиятҳои сифати маҳсулоти ғизоӣ ва сатҳи пасти муносибатҳои бозаргонӣ алоқаманд мебошад. Нобудшавии соҳаи иҷтимоии аҳолӣ, пастшавии ҳавасмандкунонии корҳо, ки асоси бартарафсозӣ ва афзалиятҳои муайяни минтақаҳои деҳот, аз қабили соҳаҳои манзил ва фарҳанги қисми зиёди аҳолии кишвар мебошад. Бо назардошти доштани иқтидори бузурги табиӣ, дар кишвар норасоии озуқаворӣ ба назар расида, ҳамчун кишвари воридкунанда ва муддати тулонӣ дар минтақаи «кӯмаки башардӯстона» қарор дорад.

Чуноне ки профессор Д.Б. Қодиров қайд менамояд, вазъи соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба таърифи бӯҳрони сохторӣ, ки аз номутаносибӣ дар истеҳсолот миёни бахшҳо, истеҳсолоти нокифояи маҳсулоти барои рушди мутавозини иқтисодиёт ва ҷомеа зарур ба миён меояд, ҷавобгӯ нест [2. с-28].

Дар замони муосир ба ҷомеаи имрӯзаи кишвар ислоҳкунии элементҳои механизми хоҷагидорӣ, ба мисли бонакшагирӣ, тиҷорат, нархгузорӣ, низоми молиявӣ-қарзӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, содирот ва амсоли он лозим меояд. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бартараф кардани камбизоатӣ, бунёди хоҷагии муосири индустриалию аграрӣ вазифагузорӣ кардааст. Татбиқи амалии ҳадафҳои мазкур рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзиро талаб менамояд. Яке аз хусусиятҳои хоси амалисозии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин эҳёи дубораи соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Дар аксарияти кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ низ мушкилоти таъмини озуқаворӣ дида мешавад. Дар баробари ин мо бояд дурнаморо ба инобат гирифта, маҳсулоти озуқавориро аз хориҷи кишвар неву балки истеҳсолоти ватаниро ба монанди давлатҳои тараққикарда хусусан ИМА ва Франсия – бештар аз 100%, Олмон – 93%, Италия – 78%, Япония 50%, Русия -49,3% ба роҳ монем [9, с.149-156].

Чуноне ки таҷрибаи ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, маҳз таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ба туфайли хусусиятҳои ташкилии худ як шакли бисёр самараноки ҳамгирошии бозории молистеҳсолкунандагони ватанӣ, шакли муассири ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии онҳоро мефаҳмонанд. Рушди соҳаи кишоварзии минтақа бояд дар муътадилсозии истеҳсолоти соҳа ва бемайлон баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти худӣ нақши аввалиндараҷаро бозад. Бо вуҷуди ин, ҳаракати маҳсулоти озуқаворӣ дар деҳот дар ҳоли рушд қарор гирифта истодааст, ки яке аз сабабҳои он ҷалби

сармоягузорони хориҷӣ, лоиҳаҳои грантӣ, мусоид омадани боду ҳаво, баланд шудани савияи дониши мутахассисони соҳа ва сиёсати давлатӣ дар ин самт мебошад.

Профессор И.С. Ашуров ибрози андеша намуда қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон сатҳи вобастагии озуқаворӣ, яъне ҳиссаи маҳсулоти ғизоии воридотии истеъмолшаванда ҳанӯз аз ҳадди ниҳоии қабулшуда болотар аст. Дар шароити Тоҷикистон ҳаллу фасли ин мушкилоти муҳими ҳаётӣ ба асоси истифодаи самарабахши манбаъҳои замину оби дорои тавонмандии истеҳсолӣ бо истифодаи технологияи навтарин дар Комплекси агросаноатӣ имконпазир аст, ки бо афзоиши ҳосил, пеш аз ҳама аз ҳар як гектари замини обёришаванда ва расонидани ашёи хоми дарёфтшуда то маҳсулоти тайёр мусоидат мекунад [1. с-34].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, боз ҳам барои татбиқи Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2030, таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти тару тозаи ватаниву соҳаҳои саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ ва дар саноатикунонии босуръати кишвар саҳми худро гузоштан бояд як қатор корҳоро ба анҷом расонем.

Бехатарии озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд [8, с. 74-79].

Аз нуқтаи назари мо, омӯзиш ва ҷамъбасткунии таҷрибаи андӯхтаи ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки дар баробари пешравиҳои назаррас дар раванди дигаргунсозиҳо, инчунин омилҳои бисёри монеасоз ошкор карда шаванд (расми 1).




***Расми 1.*** *Омилҳои монеасоз дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ*

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллифон*

Олими иқтисодчии чинӣ Ҷанг Ёнг бехатарии иқтисодиро чунин муайян кардааст: бехатарии иқтисодӣ пеш аз ҳама чун қобилияти тавассути рушди иқтисодии миллӣ таъмин намудани инкишофи тадриҷии стандартҳои ҳаётӣ дар ҳолати нигоҳ доштани истиқлолияти иқтисодӣ муқаррар мешавад. Ба ибораи дигар, бехатарии иқтисодӣ ду хосияти фарқкунанда дорад: рақобатпазирӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ. Дар назарияи

иқтисодӣ се муносибати консептуалии бо масоил ва таъмини бехатарии иқтисодии давлатҳо алоқаманд мавҷуд мебошад (Ҷадвали 1) .

***Ҷадвали 1.***

*Муносибати консептуалии бо масоил ва таъмини бехатарии иқтисодии давлатҳо алоқаманд*

| |
|---|
| 1.Консепсияи камералистикии бехатарии иқтисодиёти хориҷӣ, ки рушди бештарро дар асри XIX ба даст оварда, аз ҷониби иқтисодчиёни радикалии чапгаро дар охири асри XX (Ф. Лист, Р. Пребши, И. Валлерствайн ва дигарон) аз нав зинда гаштааст; |
| 2.Консепсияи кейнсиании ҳимоя аз хатарҳои дохилии макроиқтисодӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX пайдо шудааст (Ҷ. Кейнс); |
| 3.Консепсияи неоинститутсионалӣ, ки солҳои 80-уми асри XX пайдо шуда, бехатарии дохилии иқтисодиётро бо самарабахшии сиёсати институтсионалии давлатӣ алоқаманд мекунад (Эрнандо де Сото). |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон*

Консепсияҳои дар боло зикршуда тарафҳои гуногуни бо бехатарии иқтисодӣ алоқамандро дида мебароянд. Ҳамин тавр намояндагони консепсияи камералистикӣ асосан ба ҳалли масоили бо хатарҳои хориҷӣ алоқаманде таваҷҷуҳ мекунанд, ки сабабашон дараҷаҳои гуногуни рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Ба консепсияи мазкур ҷиҳати мақсадноке хос мебошад, ки ба ҳимояи молистеҳсолкунандагони миллӣ ва суст шудани рақобат аз ҷониби давлатҳои иқтисодиёташон бештар рушдёфта равона шудааст.

Консепсияҳои кейнсионӣ ва неоинститутсионалӣ бехатарии иқтисодиро асосан бо хатарҳои дохилӣ: номуътадилии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бекорӣ, беқурбшавӣ ва дигар заифии бозор алоқаманд мекунанд. Устувории макроиқтисодӣ, аз рӯйи ақидаи кейнсианҳо, бо роҳи танзими давлатии истеҳсолот, гардиши пулӣ, бо кор таъмин намудани аҳолӣ ба даст меояд.

Дар модели неоинститутсионалӣ ташкил намудани институтҳои хусусӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, иҷтимоии иқтисодиёт, шаклҳои ташкил ва танзими фаъолияти иқтисодӣ ҳадафи асосиро ташкил медиҳанд. Яке аз воҳидҳои асосии парадигмаи мазкур мубориза бо коррупсия, тарафи иқтисоди пинҳонӣ, расмиятчигӣ (бюрократия) ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Таҳлили парадигмаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо якдигарро пурра мегардонанд, дар сатҳи муайян бо аввалияти ҳалли масоили бехатарии иқтисодияшон дар системаи хоҷагии ҷаҳонӣ фарқ кардани мамлакатҳоро ифода менамоянд. Консепсияҳои нисбатан мубрам барои давлатҳои рӯ ба инкишоф камералистикӣ ва неоинститутсионалӣ буда, дар таҷрибаи давлатҳои пешрафта бошад, ҳангоми танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ - консепсияи кейнсионӣ беҳтар мебошад.

Феномени бехатарии иқтисодӣ аз суст шудани нақши инсон дар инкишофи ҷамъиятӣ, бехатарии шахс иборат аст. Аз ҳамин сабаб рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва минтақаҳо, соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт вазифаи аввалиндараҷаро соҳибшуда, ин ташкили стратегияи инкишофро бо мақсади таъмини бехатарии иқтисодӣ дар назар дорад. Қисми зиёди олимон бехатарии иқтисодиро ҳамчун мавзӯи мустақили таҳлили илмӣ меҳисобанд. Аз назари мо, ақидае асоснок шумурда мешавад, ки тибқи он мавҷуд будани робитаҳо, ҳамбастагии бехатарии иқтисодӣ ва дигар намудҳои бехатариро дар назар дошта, хосияти худмухтории онро аз ҳад зиёд баҳо додан нашояд. Таҳлили маъхазҳои илмӣ имкон медиҳад, чунин хулоса барорем, ки

дараҷаи бехатарии иқтисодӣ мавзӯи таҳқиқоти амиқи назариявию методологӣ нагаштааст, мафҳумҳои бунёдӣ чун объекти бехатарии иқтисодӣ, низоми бехатарии иқтисодӣ, механизми бехатарии иқтисодӣ, сохт ва меъёрҳои бехатарии иқтисодӣ пурра нишон дода нашудаанд.

Аксари олимон мазмуни истилоҳи «бехатарии иқтисодӣ»-ро баҳо дода, онро ба категорияи манфиатҳо дохил мекунанд.

В.В. Милосердов бехатарии иқтисодиро ба ҳайси чунин вазъи иқтисод ва институтҳои ҳокимият меҳисобад, ки дар он ҳимояи кафолатноки манфиатҳои миллӣ, рушди босуботи ҷамъият, иқтидори кофии мудофиавӣ, ҳатто дар шароитҳои нисбатан номусоиди рушди ҷараёнҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин мешавад [4. с. 9-11].

Тибқи назари Л. Абалкин бошад бехатарии иқтисодӣ- ин ҳолате мебошад, ки ба иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои он имконият медиҳад, то мустақилона роҳ ва шаклҳои рушди иқтисодии худро муайян намоянд.

Таҳлили гуфтаҳои дар боло овардашуда бо мустақилият дар интихоби роҳҳои рушди мамлакат, ҳимояи манфиатҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ алоқаманд мебошад. Аксарияти олимони иқтисодшинос бошанд, ҳамбастагии байни категорияҳои иқтисодиро чун бехатарии иқтисодӣ, рушд ва устуворӣ қайд менамоянд.

Маълум аст, ки агар инкишоф набошад, имкониятҳои мавҷудиятро аз даст нададан, ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ истодагарӣ намудан ва таъмини самарабахшии иқтисодӣ миллӣ ҳамчун система ба таври назаррас коҳиш меёбанд. Устуворӣ, дар навбати худ, пойдории воҳидҳои ташкилкунандаи он, робитаҳои уфуқӣ ва амудии дуҷонибаи онҳоро инъикос менамояд. Вусъат ёфтани рушди босубот шарти ҳалли масоили иҷтимоии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, бекорӣ ва дигар падидаҳои номатлуб мебошад.

Назар ба ақидаи А.И. Страхов бехатарии иқтисодӣ- вазъи комплекси хоҷагии халқ мебошад, ки имкон медиҳад, рушди босубот ва самарабахш, афзоиши некӯаҳволии одамон, ҳалли комплекси масоили иҷтимоӣ-маданӣ ва иҷтимоӣ - маишӣ ба даст ояд [7. с. 25-30].

Тавре ки Ю.А. Курбатов меҳисобад, бехатарии иқтисодӣ- ин чунин ҳамбастагии шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар муддати дароз истеҳсоли миқдори зиёдтарини захираҳои иқтисодиро ба сари аҳолӣ бо роҳи аз ҳама самарабахш фароҳам меорад [3. с. 4-6].

Гуфтаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, таркибҳои асосии категорияи таҳқиқшавандаи бехатарии иқтисодиро муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад, ки дар расми 2 нишон дода шудааст.




***Расми 2.*** *Таркибҳои асосии категорияи таҳқиқшавандаи бехатарии иқтисодӣ.*
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллифон*

Ҳар яке аз муносибатҳо қисми муайяни бехатарии иқтисодиро инъикос менамояд ва дар маҷмӯъ муносибати консептуалии умумиро нисбати баҳодиҳии мазмуни категорияи бехатарии иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ истиқлолияти иқтисодии ҳар як минтақа хосияти нисбиро доро мебошад, аммо дар муқаррароти зерин истиқлолияти иқтисодӣ ҳамчун имконияти назорати самарабахши захираҳои худӣ ва соҳиб шудани чунин дараҷаи рақобатпазирии иқтисодие мебошад, ки ҳалли ҳамаи мушкилиҳои фаъолияти ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд. Категорияи устуворӣ дар консепсияи бехатарии иқтисодӣ ду ҷабҳаро доро мебошад: қудрати ҷамъият дар нигоҳ доштани бехатарӣ ва қудрати на танҳо нигоҳ доштан, балки беҳтар намудани шароити таъмини бехатарӣ. Ҷабҳаҳои номбаршудаи мафҳуми бехатарии иқтисодӣ чун меъёрҳои вусъатёбии ҷамъиятӣ амал менамоянд: оё ҷамъият дар шароити дараҷаи доимии бехатарӣ қарор дорад ё он метавонад шароити худро беҳтар гардонад, оё имкон дорад, ки хатарҳои ояндаро пешгӯӣ ва бартараф намояд, шароитҳои зисту зиндагониро тағйир диҳад.

Дар ҳама гуна ҳолат барои инсон аз байни ҳама намуди бехатарӣ пеш аз ҳама бехатарии озуқаворӣ бештар аҳамият дорад. Рафтори инсоният дар давраҳои бӯҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ гувоҳи ин гуфтаҳост.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳалли масъалаи таъмини маҳсулоти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон дар доираи самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда дар ҳамбастагӣ бо таркибҳои илмии рушди инсон муҳим аст:

- истеъмолкунии молҳои озуқаворӣ шаклҳои гуногунро диҳад;

-зери сохтори истеъмолкунии аҳолӣ аз рӯйи назари бехатарии иқтисодӣ натанҳо дорои шаклҳои гуногун будани он фаҳмида шавад, балки коҳиши ҳаҷми истеъмолкунӣ ва ба меъёр даровардани он аз рӯйи калория низ дар назар дошта мешавад. Таҳқиқи мушкилиҳои таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа метавонад, имконияти мамлакатро дар рушди нерӯи инсонӣ дар оянда нишон диҳад. Ин калориянокии хӯрок

ба ҳар нафар аҳолӣ дар як шабонарӯз, ғизонокии озуқаи истеъмолкардаи ҳар нафар узви хонавода, инчунин таркибҳои кимиёвии он (сафедаю равған) мебошад.

Назар ба ақидаи мо, таъмини маҳсулоти озуқаворӣ - ин қобилияти иқтисодии давлат ва минтақаҳои он дар таъмин намудани рушди босуботи рӯзафзун дар асоси такрористеҳсолкунии васеъ, қобилияти ҳаётӣ ва сатҳи арзандаи зиндагии аҳолӣ дар шароитҳои дохилӣ ва берунӣ ба таври муътадил тағйирёбанда мебошад.

**Адабиёт**


1. Ашуров И.С. Амнияти озуқаворӣ Тоҷикистон/ Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ тахти унвони «Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ-омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қӯрғонтеппа-2017. с-34.
2. Қодиров Д.Б. Танзими давлатии иқтисодиёти кишоварзӣ дар доираи мактаби институтсионалӣ// Д.Б. Қодиров, Н.М. Собиров. Паёми ДМТ №9. Душанбе-2019. с-28.
3. Курбатов Ю.А. Развитие межрегиональных связей в целях эффективного функционирования продовольственного рынка России [Текст] / Ю.А. Курбатов // Аграрная наука. – 1999. – № 8. – С. 4-6.
4. Милосердов, В.В. Глобализация и сельское хозяйство России [Текст] / В.В. Милосердов // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. – 2005. – № 1. – С. 9-11.
5. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд// Х.А.Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе– 2019,с., саҳ.94-99.
6. Сайдалиев Х.А. Низоми таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Сайдалиев Х.А., Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №4.2(49), Душанбе-2020с.
7. Страхов А.И. Социально – экономическое положение – предпосылка безопасности страны // Экономист, 2003 №1 с. 25 – 30.
8. Фасеҳзода И.С. Нақши идоракунии давлатӣ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ватанӣ// Фасеҳзода И.С., Сайдалиев Х.А., Паёми ДМТ 2020 №1. с. 95-99. Душанбе-2020. С-321 ISSN 2413-5151
9. Фасеҳзода И.С. Пути совершенствования производства сельскохозяйственной продукции в развитии производства продовольственной продукции / И.С.Фасехзода, Х.А.Сайдалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе 2018 г., №10, саҳ 149-156.
10. Fasehzoda I.S. Models of organization of the food market and its role in the national economy of the Republic of Tajikistan// Fasehzoda I.S., Rasulov R.S. Saydaliev Kh.A., Mahmadow R.S.,Scientific and political journal "Public Administration" of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. No. 3 (62), Dushanbe-2023.


# МЕТОДОЛОГИЯ СОЗДАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРОЦЕССОВ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**ФАСЕХЗОДА ИСЛАМ САЙМИРЗО,**

кандидат экономических наук, доцент, директор Научно-исследовательского института государственного управления и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.

Тел.: (+992) 918-71-97-19, (+992) 934-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**САЙДАЛИЕВ ХУРШЕД АМИРХОНОВИЧ,**
доктор философии (PhD) в экономике, доцент,
ведущий научный сотрудник-доцент Научно-исследовательского
Института государственного управления и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 934-46-99-90. E-mail: khurshed1992@mail.ru

*В статье рассматриваются аспекты экономической безопасности и обеспечения продовольствием в Республике Таджикистан. В частности, было отмечено, что категория устойчивости в понятии экономической безопасности имеет два аспекта: способность общества поддерживать безопасность и способность не только поддерживать, но и улучшать условия обеспечения безопасности. Перечисленные аспекты понятия экономической безопасности выступают критериями общественного развития: находится ли общество в условиях постоянного уровня безопасности или может улучшить свои условия, возможно ли прогнозирование и устранение будущих рисков, изменение условий жизни.*

*В результате был сделан вывод, что безопасность пищевых продуктов является наиболее важной среди всех видов безопасности для человека в любой ситуации. Свидетельством этих слов является поведение человечества в периоды политических и экономических кризисов. В современных условиях продовольственный сектор занимает важное место в экономической системе и оказывает непосредственное влияние на снабжение продовольственными товарами. В современных условиях в мировом хозяйстве его сущность отчетливо проявляется не только на национальном, но и на международном и региональном уровнях, как в части обеспечения продовольственными товарами, так и в системе поддержания экономического баланса мирового хозяйства. .*

***Ключевые слова:*** *экономическая безопасность, продовольственная безопасность, мировая экономика, рыночная экономика, уровень жизни населения, сбалансированность экономики, сельское хозяйство, внутреннее производство, экономическое развитие, конкуренция.*

## METHODOLOGY FOR CREATING AND DEVELOPING ECONOMIC SECURITY PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**FASEHZODA ISLAM SAYMIRZO,**
Senior Researcher, Associate Professor, Director of the Research
Institute of Public Administration and Civil Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-71-97-19, (+992) 934-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**SAYDALIEV KHURSHED AMIRKHONOVICH,**
Doctor of Philosophy (PhD) in Economics, Associate Professor,
Main Specialist of the Institute of Public Administration and Public Administration of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 934-46-99-90. E-mail: khurshed1992@mail.ru

*The article deals with aspects of economic security and food security in the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that the category of sustainability in the concept of economic security has two aspects: the ability of society to maintain security and the ability not only to maintain, but also to improve the conditions for ensuring security. The listed aspects of the concept of economic security serve as criteria for social development: whether society is in a constant level of security or can improve its conditions, whether it is possible to predict and eliminate future risks, change living conditions.*

Ҳамзамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати иқтисодиву иҷтимоии худ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки он ҷалби бештари сармоягузориҳо ва рушди соҳибкорӣ тавассути беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, устувор мебошад.

Зеро, тавассути соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, шуғли аҳолӣ, истеҳсолоти миллии молу хизматрасонӣ, баландшавии сатҳу сифати зиндагии мардум, инчунин рушди сифатии сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ ва суръати баланду устувори рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

«Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона моро водор сохт, ки роҳи ислоҳоти иқтисодй, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракуиии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозаргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушоем »

Рушди иқтисодии кишвар, таъмини некуаҳволӣ ва сатҳи сазовори зиндагии мардум бо татбиқи самараноку саривақтии афзалиятҳои миллии кишвар, аз ҷумла дастгирии давлатӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ вобастагии мустақим дорад.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат ва мақомоти дахлдори давлатӣ барои амалӣ намудани ин раванд тадбирҳои мушаххас андешида, стратегияҳои миллии рушд, стратегияҳои миёнамуҳлат, ҳамчунин барномаҳои давлатиро қабул ва амалӣ намуда истодаанд.

Таҳияи механизмҳои ҳамшарикии бахшҳои давлативу хусусӣ дар рушди иқтисодӣ ва ба шарики боэътимод табдил додани он заминаи воқеии рушди босуботро муҳайё месозад.

Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро маҳз соҳибкории хурду миёна, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва замиинаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун гаштани табақаҳои миёнаи аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Бо ҳамин мақсад Ҳукумати кишвар ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ диққати махсус дода, тайи солҳои охир як силсила ислоҳотеро, ки ба содагардони раванди бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, кам кардани номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда,

эълон намудани мораторий ба санҷишҳои зиёди фаъолияти соҳибкорӣ, тақвият бахшидани ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ, қонунгузории молу мулк равона гардидаанд, амалӣ намуда истодааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки шароити имрӯзаи пешбарии соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ба мушкилоти зерин ру ба рӯ аст, аз ҷумла қобилияти пасти пардохти аҳолӣ, болоравии хароҷоти нақлиёт дигар пардохтҳо, душвории дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хом, технологияи нав ва маблағҳои қарзӣ, ки ин ҳама боиси душвор шудани дастёбии субъектҳои соҳибкории хурд ба бозор мегарданд.

Дар бисёр мавридхо соҳибкор на ин ки дар андешаи ояндаи тиҷорати худ, балки дар фикри аз байн нарафтани тиҷораташ мебошад.

Таҳлили вазъи соҳибкорӣ дар тайи 7 соли охир (с.2006-2013) нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ иқтисодиёти гуногуншакл ташкил ёфтааст, вале бо сабаби набудани қишри васеи соҳибмулкон, самаранокии пасти фаъолияти корхонаҳои хусусигардида имкон надоданд, ки мо ба мақсаду вазифаҳои дар пешамон гузошташуда пурра даст ёбем.

Аз ин сабаб зарурати қабули Барномаи наву муосири дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад ва ҳалли масъалаҳои зерини фаъолияти соҳибкорӣ боиси қабули он гардиданд, аз ҷумла:

**а**) сатҳи имрӯзаи бадастомадаи рушди субъектҳои сохибкорӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷоннок намудани назми «талабот –пешниҳодот» дар бозорҳои молии маҳаллӣ, пайдоиши сарчашмаҳои даромад аз ҳисоби ташаббуси хусусию соҳибкорӣ аз ҷониби қисми аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ, кам кардани моддаи қисми хароҷоти иҷтимоии буҷетҳои ҳамаи самтҳо кофӣ намебошад;

**б**) пардохтҳои ғайрирасмӣ ҳангоми тафтишу санҷишҳои мақомоти гуногуни назоратӣ ва қудратӣ хеле боло рафта, низоми андозбандии имтиёзноки соҳибкорони навкор қариб вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, механизми имрӯзаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ соҳибкории хурд, миёна ва калонро натанҳо ташвиқу тарғиб наменамояд, балки садди роҳи онҳо мегардад;

**в**) низоми кунунии андозбандӣ корхонаҳоро маҷбур месозад, ки афзоиши фонди музди меҳнатро сарфи назар аз шакли моликият маҳдуд созанд. Сатҳи музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар мамлакатҳои ИДМ пасттарин мебошад. Барои соҳибкорон, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пардохти музди меҳнати бештар барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ, сифати кор ва мол, фоидаовар нест. Онҳо аз андозсупорӣ канораҷӯӣ ва рӯ овардан ба иқтисодиёти ғайрирасмиро авлотар медонанд;

**г**) барои реструктуризатсияи сохторҳои калони саноатӣ ва истеҳсолӣ имконияти зиёд мавҷуд аст, ки боиси пайдоиши рақобатнокӣ гардида, он ба фоидаи кор аст. Дар маҷмӯъ соҳаи саноат аз 55 то 80 фоизи имконияти содиротии мамлакатро доро мебошад, вале имрӯзҳо ин имконият пурра истифода бурда намешавад;

**д**) соҳибкороне, ки дар соҳаи сохтмон фаъолият доранд, метавонанд бо рақибони хориҷиашон бо сифати баланди корашон рақобат намоянд, аммо онҳо дар дохили ҷумҳурӣ дар ҷустуҷӯи коранд. Имрӯзҳо имкониятҳои фаровоне вуҷуд доранд, то ки сохтмончиёни ватаниро бо кор таъмин намоем, аммо аз ҷониби мақомоти дахлдор қариб, ки ин имконот амалан истифода бурда намешавад;

**е**) барои пешрафти соҳибкор алоқаи боэътимод асоси пешрафт ва муваффақият мебошад. Сатҳи ҳозираи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии алоқа ва интернет танҳо ба мавҷудияти муҳити рақобат вобаста аст;

**ё**) аз соли 1996 ба ин тараф дар соҳаи кишоварзӣ нишондиҳандаҳо афзоиш ёфта, тақсими беш аз 75 ҳазор гектар заминҳои корами обёришаванда ба онҳое, ки ба замин сару кор доранд, натиҷаҳои мусбат дод. Хоҷагиҳои деҳқонии дар ин соҳа

таъсисдодашуда ба рушди деҳот такони ҷиддӣ доданд. Дар ин самт низ яке аз муҳимтарин мамониатҳо душвориҳои идориву маъмурӣ мебошанд. Роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дахолати беасос менамоянд.

Мушкилоти асосие, ки бояд ҳалли худро фавран пайдо кунад, таъминоти моддию техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Дар мамлакат то ҳол низоми мушаххаси таъминоти хоҷагиҳои деҳқонӣ бо нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, равғанҳои молиданиву сӯзишворӣ мавҷуд нест;

**ж**) дастгирии молиявии соҳибкорони бахши кишоварзӣ яке аз воситаҳои пуриқудрати рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Фермер дар тамоми марҳилаи кор аз шудгор сар карда, то ғунучини хосил ба маблағ эҳтиёҷ дорад ва меъёри баланди фоизи маблағҳои кредитиву молиявии имрӯза ва расмиёти дарёфти онҳо ба ҳеҷ як меъёр мутобиқат намекунад;

**з**) соҳибкороне, ки дар соҳаи нақлиёт фаъолият доранд, бештар аз 20 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро истеҳсол мекунанд. Зиёда аз 95 фоизи воситаҳои нақлиёт хусусӣ гардонида шуда, дар ин соҳа низ мушкилоту масъалаҳои зиёде ҳастанд, ки то ҳол роҳи ҳалли худро наёфтаанд;

**и**) дар солҳои охир сохтори соҳавии соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурд амалан тағйир намеёбад. Надонистани хусусиятҳои бизнес, бесалоҳиятӣ ва содалавҳӣ, номукаммал будани заминаҳои дахлдори дигар шароити номусоидеро барои ҳамкорӣ бо сармоягузорони эҳтимолӣ ба миён меоранд.

Фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз бисёр ҷиҳат аз рафтору амали мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ дорад. Бе андешидани чораҳои мушаххас дар ин раванд ба рушди соҳибкорӣ ноил гаштан ғайриимкон аст.

Пешрафти иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, аз фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Лекин нисбат ба фаъолияти имрӯзаи корхонаҳои ватанӣ бояд қайд намуд, ки бо сабабҳои объективию субъективӣ онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ ба таври зарурӣ мусоидат наменамоянд, зеро қисми зиёди техникаю таҷҳизот ва технологияҳои истифодашаванда фарсудаю кӯҳна гардидааст ва ин ба болоравии сифати маҳсулот ва рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам берунӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Барои раҳоӣ ёфтан аз ин мушкилот такмил ва ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ мувофиқи мақсад мебошад, зеро онҳо ба тағйиротҳои муҳити беруна ба тезӣ мутобиқ мешаванд ва навгонии илмӣ-техникиро бо хароҷоти нисбатан камтар дар истеҳсолот ҷорӣ карда метавонанд. Ба ибораи дигар, соҳибкори муваффақ шахсе ҳисобида мешавад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи бозор бо молу хадамот ва ғайра кӯшиш мекунад ва мақсади гирифтани фоидаро дорад [1].

Соли 2014 аз ҷониби бонкҳо ба соҳибкорон 8,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла ба соҳибкорони истеҳсолӣ 5.1 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2013 ум 17 фоиз зиёд мебошад.

Дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна беш аз 720 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд.

Дар ин давра аз ҳисоби бонкҳо ба соҳибкорон 31 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст ва тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои дастгирӣ ва пешрафти соҳибкорӣ 16 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Соҳибкорӣ ҷузъи ҷудонопазири ҳар кадом иқтисоди муосир мебошад ва иқтисоди бозаргонӣ, пеш аз ҳама, иқтисодиёти соҳибкории озод аст.

Ҳадафи асосии тамоми сиёсати иқтисодӣ ин ташкили иқтисоди самаранок ва рақобатбардорист.

Мақсадҳои иқтисодӣ инҳоянд:

1. Рушди иқтисодӣ - ҳамкории байни субъектҳои хоҷагидоре, ки дар он маҳсулоти миллии кишвар тамоюли афзоянда дорад.

2. Шуғлнокии комил (пурра) - ҳамаи шаҳрвандоне, ки мехоҳанд корро иҷро кунанд ва вақти камтарини ҷустуҷӯи корро сарф кунанд.

3. Самаранокии иқтисодӣ - истеҳсоли ҳадди ақали фоидаҳо бо ҳадди ақали хароҷот.

4. Сатҳи устувор - самаранокии баробарии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ.

5. Озодии иқтисодӣ - истиқлолияти қабули қарор аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ.

6. Расонидани тақсими даромадҳо - Рушди мӯътадили иқтисодиёт бояд давлатро ба ҷомеаи синфҳои миёнаи марказӣ роҳбарӣ кунад.

7. Амнияти иқтисодӣ - таъмини тамоми шаҳрвандон бо фоидаи иқтисодӣ, ки аз сатҳи зиндагии аҳолӣ паст нестанд.

8. Тавозуни савдои беруна - тавозуни мубодилаи байналмилалии иқтисодии кишвар бо кишварҳои дигар[2].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисод ба самти дастгирии ҳаматарафаи ташаббуси бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ равона гардида, дар ин самт ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои маъмурии сунъӣ ва таъмини шаффофияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Дар қонунгузорӣ вобаста ба танзими фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ барои ҷалби бештари сармоягузориҳо имтиёзҳои зиёди андозию гумрукӣ, бахусус дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз қабили кишоварзӣ, истифодаи қаъри замин, коркарди ниҳоии маҳсулот, энергетика ва ғайра пешбинӣ карда шудаанд.

Дар самти ислоҳоти низоми андозбандӣ таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он номгӯйи андозҳо аз 21 то 10 намуд кам карда шуд. Инчунин аз 1 январи соли 2017 ин шумора ба 9 намуд расонида шудааст [3].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ гузаронида шуда, дар доираи он шумораи иҷозатҳо аз 650 то 74 адад кам гардид. Дар заминаи ислоҳоти мазкур дар ҷумҳурӣ Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҷорӣ карда шуд.

Бо мақсади таъмини рушди иқтисодии мамлакат тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ соли 2007 Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусии ватанию хориҷӣ ва шарикони рушд шомиланд [4].

Ҳукумати Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолият сиёсати дарҳои кушодро пеш гирифта, бо зиёда аз 120 давлати ҷаҳон равобити мустақими иқтисодию тиҷоратиро ба роҳ монд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, аз он ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002, №46 "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2002, №666 тасдиқ карда шудааст;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, № 37 "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият";

- Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 3 декабри соли 2004, №469 тасдиқ карда шудааст;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, № 194 "Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ";

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007, №704 тасдиқ карда шудааст;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, №505 "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ";

- Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ";

- Барномаи беҳбудии фазои соҳибкорӣ - 200 рӯзи ислоҳот, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009, №386 тасдиқ карда шудааст[5].

Ислоҳоти амалигардида барои беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳон ва рейтингҳои байналмилалӣ, бахусус барои беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ мусоидат намуда, мавқеи кишвар аз соли 2009 то соли 2016 дар ин ҳисобот даҳҳо зина боло рафт ва дар ин давра Тоҷикистон се маротиба ба рӯйхати даҳгонаи кишварҳои ислоҳотгар шомил шуд.

Дастгириҳои доимии давлат имкон доданд, ки имрӯз ҳиссаи бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар то 70 фоиз зиёд гардида, 80 фоизи аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъолро фаро гирад. Ҳукумати Тоҷикистон инкишофи бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии таъмин намудани ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст.

Аз соли 2018 марҳалаи сеюми татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ оғоз мегардад, ки дар самти дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ яке аз санадҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар анҷоми мулоқот Президенти кишвар аз иштироки фаъолонаи соҳибкорон ва саҳми онҳо дар пешрафти бахши соҳибкорӣ изҳори сипос намуда, таъкид карданд, ки Ҳукумати кишвар минбаъд ташаббусу пешниҳодҳои созандаи соҳибкоронро ҳамеша дастгирӣ мекунад ва барои амалӣ гардидани онҳо ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст. Вобаста ба иҷрои ҳадафҳои роҳбарияти давлат дар самти рушди иқтисодиёт ва дастгирии ҳамаҷонибаи бахши соҳибкорӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати ҷумҳурӣ ва сохторҳои дахлдорро вазифадор карданд, ки ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, барои амалӣ гардидани иқдомоти созандаи онҳо мусоидат намоянд.

Пайваста ба иқдомҳои Ҷумҳурии Точикистон дар самти истифодаи оби ошомиданӣ ва умуман об, ҳамчун таъминкунандаи рушди устувор дар стратегияи бехатарии озуқаворӣ бояд ба проблемаҳои таҳдидҳои назаррас барои рушди комплекси агросаноатӣ дар робита бо тағйирёбиҳои глобалии иқлим дар ояндаи дарозмуҳлат назар карда шавад. Дар ин ҳолат стратегия дар арсаи байналмилалӣ эътироф мегардад ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз ҷониби шарикони рушд пайдо мекунад.

Ҳамзамон сатҳи пасти устувории экологии рушди кишоварзӣ ба шиддатёбии таназзули захираҳои замину об, пеш аз ҳама заминҳои корам дар натиҷаи харобшавӣ (эрозия), ифлосшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ,

кам шудани ҳудуди ҷангалзорҳо, аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳо, инчунин омилҳои тағйирёбии иқлим оварда мерасонад, ки хатари ҷиддиест барои рушди соҳаи кишоварзӣ. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ бо роҳҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бехатарии озуқаворӣ воҳиди сохтории бехатарии иқтисодӣ буда, таъмини он пурра аз сиёсати давлатӣ дар маҷмӯи агросаноатӣ, иҷрои стратегияҳои мавҷуда, аз ҷумла воридотивазкунӣ ва инчунин масоили институтсионалӣ вобаста мебошад. [10]

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 26.12.2018
2. Низамова Т.Д. Накши соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии “Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:ҳолат ва дурнамои инкишоф”(Душанбе, 15 маи соли 2018).- Душанбе: Дониш, 2018,- с.209.
3. Стратегияи рушди саноат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. Душанбе.- 27.03.2018, №159.- с. 1.
4. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. - Душанбе: Ирфон, 2007, с. 25-26, 30,37.
5. Ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020
6. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.” 2020
7. Фасеҳзода И.С. Пути совершенствования производства сельскохозяйственной продукции в развитии производства продовольственной продукции / И.С.Фасехзода, Х.А.Сайдалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. Душанбе 2018 г., №10, саҳ 149-156.
8. Markovkin D.E., Gibaddulin A.A., Kolosova E.V., Semkina N.C. ehd Fasehzoda I.S. Modern transformation of the production base in the conditions of industry: problems and prospects. // International scentifis conference «Metrological support of innovative technologies-ICMSIT-2020» Krasnoyarsk, 2020., doi:10.1088/1742-6596.
9. Шодиев К.К. Государственная поддержка формирования и развития дехканских (фермерских) хозяйств / К.К.Шодиев / Kishovarz 2012/ №3, с.58-60
10. Идоракунии давлатӣ. 2022 / №4/1 (58) саҳ 40


## АНАЛИЗ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


**АХМАДБЕКОВА НИГОРА МАКСУДЖОНОВНА,**
кандидат экомических наук, старший преподаватель
кафедры государственного управления и национальной экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 928-07-75-55. E-mail: nigora.akhmadbekova02@gmail.com



*Предпринимательская деятельность и инвестиции в повышение уровня и качества жизни населения за счет обеспечения устойчивого развития экономики, занятости и внутреннего производства считаются важными. При этом предпринимательство быстро*

*адаптируется к научно-техническим новшествам, изменениям спроса и конъюнктуры мирового и регионального рынка и в этом контексте обеспечивает выпуск конкурентоспособной продукции.*

*С глубоким пониманием этих факторов Правительство Республики Таджикистан объявило развитие бизнеса и инвестиций одним из приоритетных направлений своей экономической политики.*

*Развитие бизнеса является одним из основных условий повышения эффективности национальной и рыночной экономики. В свою очередь, рыночная экономика требует определенного механизма взаимодействия органов государственной власти и бизнес-структур.*

*Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон представил предпринимателей и инвесторов как великую движущую силу экономики страны и созидательную и совершенствующую силу нашей Родины и отметил, что развитие частного сектора, особенно улучшение деловой и инвестиционной среды являетя приоритетным направлением экономической политики правительства нашей страны.*

***Ключевые слова:*** *предпринимательство, инвестиции, стратегические цели, инфраструктура, инновации, экономика, направления, факторы, промышленность. энергетика, горнодобывающая промышленность, химическая промышленность, промышленность строительных материалов, пищевая промышленность, легкая и хлопковая промышленность.*

## ANALYSIS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**AHMADBEKOVA NIGORA MAKSUDJONOVNA,**
c.e.s., senior lecturer of the department of public administration and national economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 928-07-75-55. E-mail: nigora.akhmadbekova02@gmail.com

*Entrepreneurial activity and investments in improving the standard and quality of life of the population by ensuring sustainable economic development, employment and domestic production are considered important. At the same time, entrepreneurship quickly adapts to scientific and technical innovations, changes in demand and the conjuncture of the global and regional markets and in this context ensures the production of competitive products.*

*With a deep understanding of these factors, the Government of the Republic of Tajikistan has declared the development of business and investment one of the priorities of its economic policy.*

*Business development is one of the main conditions for improving the efficiency of the national and market economy. In turn, the market economy requires a certain mechanism of interaction between public authorities and business structures.*

*The President of the country, honorable Emomali Rahmon, presented entrepreneurs and investors as the great driving force of the country's economy and the creative and improving force of our Motherland and noted that the development of the private sector, especially the improvement of the business and investment environment, is a priority direction of the economic policy of the government of our country.*

***Keywords:*** *entrepreneurship, investment, strategic goals, infrastructure, innovation, economy, directions, factors, industry. energy, mining industry, chemical industry, building materials industry, food industry, light industry and cotton.*

**УДК: 36.1/5.(575.3)**

# ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ ХОРИҶӢ

**БОБОЕВ ФУЗАЙЛ ҶУМЪАБОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17.
Тел.: (+992) 934-51-45-45. E-mail: fuzail-1991@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масоили таҷрибаи байналмиллалии идоракунии қарзи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муҳиммияти омӯзиши он дар шароити мусоид асоснок гардидааст. Нишондиҳандаҳои маҷмӯи қарзи хориҷии мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ва инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, вобаста ба ҳаҷми қарзашон мамлакатҳо ба кластерҳо ҷудо карда шудаанд. Ҳадафҳои идоракунии қарзи давлатии мамлакатҳо муайян карда шуда, пешниҳодҳои асоснок баҳри идоракунии қарзи давлатӣ таҳия гардида, сарчашмаҳои иловагии хизматрасонии қарзи давлатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии қарзи давлатӣ, қарзи хориҷӣ, қарзи дохилӣ, хизматрасонии қарзи давлатӣ, модел, кластер, сиёсати пулию қарзӣ, маблағгузорӣ, амнияти молиявӣ.*

Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва молияи ҷаҳонӣ боиси афзоиши босуръати гаронии қарзи аксари кишварҳои ҷаҳон гардид. Ба ақидаи сардори Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ Ҷ.Каруан, дар ҷаҳон қарз аз ҳад зиёд гардида [1. С.1], тибқи баъзе арзёбиҳо, қарз масъалаи асосии сиёсати байналмилалӣ гардидааст [2]. Дар баробари ин, дар сохтори қарзи ҷаҳонӣ ҳиссаи қарзҳои хориҷӣ якбора афзоиш ёфт (хусусан афзоиши босуръат дар арафаи бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии солҳои 2008-2009 ба вуқӯъ омад), ки дар натиҷа мушкилоти ҷаҳонии қарзи хориҷӣ ба яке аз мушкилоти мубрами молиявию иқтисодӣ табдил ёфт [3]. Зиёда аз ин, агар дар асри XX, мушкилотҳои қарзи хориҷӣ асосан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба вуқӯъ мепайвастанд, баъдан дар асри XXI дар маркази таваҷҷӯҳи олимон ва сиёсатмадорон қарзи хориҷии кишварҳои тараққикарда қарор гирифт.

Идоракунии оқилонаи воситаҳои қарзӣ метавонад, барои рушди иқтисодӣ муфид бошад, вале дар баробар ин, зарур аст, то хавфҳои сершумори дохилӣ ва берунӣ, ки ба стратегияи идоракунии қарз ислоҳоти ҷиддӣ ворид месозанд, ба эътибор гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, кишварҳои дорои қарзи зиёди хориҷӣ ба тағйирёбии қурби асъор, хуруҷи сармоя, таваррум ва вазъи бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳассос мебошанд. Чунин хусусиятҳо на танҳо барои кишварҳои иқтисодашон ноустувор, балки барои кишварҳои алоҳидаи саноатӣ, низ аз қабили Юнон, Португалия, Испания хос мебошад. Умуман, тайи 5-10 соли охир, замоне, ки дар бисёр кишварҳо мушкилоти афзоиши қарзи хориҷии давлатӣ ба миён омадааст, баҳсу мулоҳизаҳо дар атрофи самтҳои муносибгардонии идоракунии қарзи хориҷӣ ба таври назаррас эҳё гардиданд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми бештари қарзи хориҷӣ дар охири соли 2020 – аввали соли 2021 ба кишварҳои тараққикарда рост меояд, аз ҷумла: ИМА ($.21,358 трлн), Фаронса ($.7,348 трлн) ва Олмон ($.6,763 трлн) [4]. Тибқи маълумоти СММ, дар соли 2020 - 35 мамлакат ҳамчун "тараққикарда" ҳисобида шуданд. Ҳамаи кишварҳои тараққикарда ё дар Амрикои Шимолӣ (ИМА ва Канада), ё дар Аврупо (кишварҳои ИА, инчунин Исландия, Норвегия, Швейцария) ё дар “Осиёи мутараққӣ ва ҳавзаи укёнуси Ором” (Австралия, Зеландияи Нав ва Ҷопон) ҷойгир буданд [5]. Қарзи хориҷии кишварҳои тараққикарда дар се соли охир дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Тибқи маълумотҳои ҷадвали 1, метавон ҳамаи кишварҳои тараққикардаро ба се кластер тақсим

намуд: кишварҳое, ки сатҳи қарзи хориҷиашон нисбатан баланд (беш аз $.2 трлн), миёна ($.200-1999 млрд) ва паст (камтар аз $.200 млрд) мебошанд.

***Ҷадвали 1.*** *Маҷмӯи қарзи хориҷии мамлакатҳои тараққикарда дар солҳои 2018—2020. (дар охири сол), $.млн.**

| № | Мамлакат | Солҳо | | | 2020/2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | |
| 1. | ИМА | 19669422 | 20600666 | 21358343 | 8,6 |
| 2. | Британияи Кабир | 8424581 | 8840646 | 8914489 | 5,8 |
| 3. | Фаронса | 5829082 | 6268363 | 7348439 | 26,1 |
| 4. | Олмон | 5592701 | 5620756 | 6763943 | 20,9 |
| 5. | Ҷопон | 4012593 | 4239168 | 4778871 | 19,1 |
| 6. | Нидерланд | 4389068 | 4310967 | 4503404 | 2,6 |
| 7. | Люксембург | 4168429 | 4090583 | 4017696 | -3,6 |
| 8. | Ирландия | 2729696 | 2852044 | 2877587 | 5,4 |
| 9. | Итолиё | 2443010 | 2507452 | 2852178 | 16,7 |
| 10. | Испания | 2312776 | 2382740 | 2744008 | 18,6 |
| 11. | Канада | 1970722 | 2221818 | 2448223 | 24,2 |
| 12. | Швейсария | 1857950 | 1984984 | 2272295 | 22,3 |
| 13. | Австралия | 1506403 | 1538595 | 1672124 | 11,0 |
| 14. | Белгия | 1277124 | 1298467 | 1487329 | 16,5 |
| 15. | Австрия | 655604 | 686438 | 759596 | 15,9 |
| 16. | Норвегия | 634901 | 667945 | 721162 | 13,6 |
| 17. | Финляндия | 579052 | 604906 | 649565 | 12,2 |
| 18. | Юнон | 47333 | 503841 | 606812 | 1182,0 |
| 19. | Дания | 492541 | 501643 | 605177 | 22,9 |
| 20. | Португалия | 459568 | 461895 | 503539 | 9,6 |
| 21. | Лаҳистон | 362192 | 353962 | 372028 | 2,7 |
| 22. | Венгрия | 154436 | 156238 | 256208 | 65,9 |
| 23. | Кипр | 220908 | 212561 | 232299 | 5,2 |
| 24. | Зеландияи Нав | 191082 | 193004 | 209165 | 9,5 |
| 25. | Чехия | 196417 | 193773 | 201109 | 2,4 |
| 26. | Руминия | 114318 | 12333 | 154525 | 35,2 |
| 27. | Словакия | 116691 | 118538 | 136116 | 16,6 |
| 28. | Малта | 100644 | 98578 | 108728 | 8,0 |
| 29. | Словения | 48204 | 492 | 59133 | 22,7 |
| 30. | Болгария | 38813 | 40103 | 48057 | 23,8 |
| 31. | Латвия | 4115 | 40075 | 44695 | 986,1 |
| 32. | Литва | 40695 | 37125 | 44554 | 9,5 |
| 33. | Эстония | 22769 | 2331 | 29571 | 29,9 |
| 34. | Исландия | 19598 | 19244 | 18708 | -4,5 |
| 35. | Шветсия | 93186 | 90101 | 5631 | -94,0 |

***Сарчашма:*** *аз рӯи маълумотҳои [9] таҳия гардидааст.*

Ҷадвал нишон медиҳад, ки тибқи ин меъёр ба кластери аввал дувоздаҳ кишвари аввал, ба кластери дуюм мамлакатҳое, ки дар сатрҳои 13 то 25 қарор доранд, ва даҳ кишвари боқимонда ба кластери сеюм дохил мешаванд.

Ин тақсимот аз нуқтаи назари таҳлили равишҳои идоракунии қарзи хориҷӣ ҷолиб мебошад. Ҳамин тариқ, «дар кишварҳои аврупоӣ, ки аз ҷумлаи қарзгирандагони калон

нестанд, ҳадафҳо асосан ба кам кардани қарзҳо нигаронида шудаанд. Масалан, ҳадафи сиёсати қарзи давлатӣ дар Дания - то ҳадди имкон кам кардани хароҷоти қарз дар муҳлати дарозмуддат мебошад. Ин ҳадаф инчунин нигоҳ доштани хавфҳоро дар сатҳи қобили қабул тақозо мекунад; таъсис ва дастгирӣ намудани бозори самарноки молиявӣ дар Дания; осон намудани роҳёбии давлат ба бозори молиявӣ дарояндаи дарозмуддат” [6].

Ҳадафи Португалия - ҷалби маблағҳои қарзӣ ва анҷом додани дигар амалиётҳои молиявӣ мебошад, то ки талаботро ба маблағҳои қарзӣ дар заминаи устувор қонеъ гардонад; коҳиш додани хароҷоти давлатӣ оид ба хизматрасонии қарз дарояндаи дарозмуддат бо дарназардошти стратегияҳои хавфии аз ҷониби ҳукумат таҳияшуда мебошад [7]. «Ҳадафи идоракунии қарзи ҳукумати марказии Шветсия - ин дарояндаи дарозмуддат коҳиш додани арзиши қарзҳо бо назардошти хавфҳои марбут ба идоракунии қарз мебошад [8].

Дар ин росто, ҷоиз аст, то ҳадафҳои асосии идоракунии қарзгириҳои хориҷии мамлакатҳои тараққикарда таҳлил карда шаванд. Ҳамин тавр, дар Ҷопон ба сифати чунин ҳадаф таъмини тадриҷӣ ва устувории ҷалби воситаҳо барои идоракунии молияи давлатӣ, ва инчунин маҳдуд намудани хароҷотҳо барои маблағгузории миёнамӯҳлат ва дарозмуддат бо мақсади осон кардани гаронии андозсупорандагон интихоб гардидааст. ИМА таваҷҷӯҳи худро ба таъмини ҳадди ақали хароҷотҳои имконпазир барои маблағгузории буҷет дарояндаи дарозмуддат равона намудаанд. Ҳадафи асосии Австралия - ҷалби воситаҳои қарзӣ, идора намудани он ва хизматрасонии қарз бо камтарин хароҷотҳои дарозмуддат ва вобастагии муносиб аз хавфҳо мебошад. Зеландияи Нав кӯшиш мекунад, ки даромади дарозмуддати иқтисодии дороиҳои молиявии ҳукумат ва қарзи ҳукуматро дар ҳошияи стратегияи фискалӣ ва аз ҷониби ҳукумат пешгирӣ намудан аз хавфҳои имконпазир мебошад [9].

Ҷолиби диққат чунин равиши идоракунии қарзи хориҷӣ мебошад, ки тибқи он доираи қарз аз ҷиҳати қонунӣ маҳдуд нагардида, вале суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта маҳдуд карда мешавад. Таҷрибаи зерин дар мамлакатҳои зерин, аз қабили Британияи Кабир, Фаронса ва Олмон мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, дар Олмон фарқи байни ҳаҷми қарзҳои додашуда ва маблағи қарзҳое, ки дар як сол дода мешаванд, набояд аз ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ, ки аз буҷети федералӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, зиёд бошад. Вале чунин мамлакатҳо, ба монанди Юнон, Итолиё, Фаронса ва Испания сиёсати идоракунии қарзи давлатиро тавассути татбиқи ислоҳоти нафақа тариқи афзоиши синну соли нафақавӣ татбиқ месозанд [9].

Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масоили таҷрибаи байналмиллалии идоракунии қарзи давлатии хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки се модели асосии таъминоти институтсионалии идоракунии қарзи давлатии хориҷиро ҷудо созем: ҳукуматӣ, бонкӣ ва агентӣ.

Модели ҳукуматӣ чунин пешбинӣ мекунад, ки вазифаҳои асосӣ ба зиммаи Хазинаи давлатӣ (хазинадорӣ) ё Вазорати молия гузошта шудаанд, ки идоракунии қарзи давлатии хориҷиро татбиқ месозанд, ҳадафҳои идоракунии қарзӣ бошанд ба вазифаҳои сиёсати буҷетии кишвар мувофиқат мекунанд. Ин модел дар Итолиё, Испания, Литва, Эстония, Чехия, Словения ва дигар кишварҳо истифода мешавад.

Модели бонкӣ идоракунии қарзи хориҷиро тавассути як воҳиди Бонки марказии кишвар маънидод месозад. Маҳз ӯ тамоми амалиётҳои ҷориро дар бозори молиявӣ танзим намуда, таҳияи стратегияи қарзии кишварро ба роҳ монда, идоракунии қарзи давлатиро амалӣ месозад, ки пеш аз ҳама ба ҳадафҳои сиёсати пулию қарзии давлат

мутобиқ карда шудаанд. Ба кишварҳое, ки модели бонкиро истифода мебаранд, Кипр, Дания, Малта, Ҳиндустон ва Филиппин таалluқ доранд.

Модели агентӣ чунин пешбинӣ менамояд, ки сохтори махсус (агент) мавҷуд аст, ки оид ба интихоби усулҳои идоракунии қарзи давлатии хориҷӣ қарор қабул мекунад. Агентӣ ҳадафҳои фаврӣ ва идоракунии қарзи давлатиро бо назардошти усулҳои бозорӣ ва усулҳои идоракунӣ тибқи қарорҳои ҳукумат таҳия ва амалӣ менамояд. Тамоми вазифаҳои идоракунии қарзи давлатӣ дар дасти як идора мутамарказ шудаанд. Кишварҳое ба мисли ИМА, Британияи Кабир, Австрия, Белгия, Финляндия, Фаронса, Юнон, Нидерландия, Ирландия, Латвия, Олмон, Португалия, Шветсия ва Маҷористон модели агентиро барои идоракунии қарзи давлатии хориҷӣ истифода мебаранд.

Полша низ модели агентиро истифода мебарад, аммо айни замон дар назар аст, ки агентие барои идоракунии хавфҳои қарзи давлатӣ таъсис бидиҳад.

Дар ИМА идоракунии қарзи давлатиро Бюрои қарзи давлатӣ, ки ба хазинадории ИМА тобеъ аст, анҷом медиҳад. Идоракунии қарзи давлатии хориҷии ИМА хароҷоти камтаринро барои маблағгузории буҷет дар ояндаи дарозмуддат таъмин менамояд. Бюрои карзи давлатии ИМА сиёсати қарзи давлатиро таҳлил намуда, стратегияи қарзгирӣ ва меъёрҳои фоизҳоро таҳия намуда, барои интишор ва фурӯши коғазҳои қимматноки давлатӣ масъул мебошад.

Ба идоракунии қарзи давлатии Бритониёи Кабир ниҳоди махсуси таъсисдодашуда бо номи Агентии идоракунии қарзҳо машғул мебошад, ки зертобеъи хазинадории Бритониёи Кабир ба ҳисоб меравад. Агентӣ ба кам кардани хароҷот барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҳукумат оид ба маблағгузорӣ бо назардошти хавфҳо машғул буда, ҳамзамон таъмини мутобиқати идоракунии қарз бо ҳадафҳои сиёсати пулию қарзӣ кафолат медиҳад.

Новобаста аз он ки кадом модели институтсионалии идоракунии қарзи хориҷӣ истифода мешавад, муҳимтарин вазифаҳои ҳар як кишвар таҳияи стратегияи қарзӣ, идоракунии пардохтпазирӣ ва хизматрасонии бевоситаи қарзи давлатӣ мебошанд.

Тоҷикистон, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҷиҳати ҷалби захираҳои беруна барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, пешбурди бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва иқтисодӣ, давлатҳои хориҷӣ ва бонкҳои ҷаҳонӣ фаъолона ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст. Идоракунии қарзи хориҷӣ тариқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи қарзгириҳои давлатӣ ва қарзи кафолатноки давлатӣ», «Дар бораи муқарраротҳои асосии хазинадорӣ» ва «Дар бораи Буҷети давлатӣ» танзим карда мешавад. Дар Тоҷикистон бо мақсади асоснок кардани қарзгириҳои беруна ва идоракунии самараноки қарзи давлатӣ чунин барномаҳо татбиқ карда мешаванд: Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД), Барномаҳои қарзгириҳои берунаи давлатӣ (БҚБД) ва Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ (СИҚД) [11].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон мақомоти давлатӣ, ба ҷуз аз Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуқуқ надоранд ҷалби қарзгириҳои хориҷиро амалӣ созанд. Идоракунии қарзи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар дӯши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби Вазорати молия Стратегияи нави идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2021-2023 таҳия гардида буд, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2020, № 587 тасдиқ гардидааст.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии қарзи давлатӣ тибқи СИҚД барои солҳои 2021-2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо муайян гардидаанд – истифодаи самаранок ва мақсадноки захираҳои молиявии ҷалбгардидаи хориҷӣ ва дохилӣ дар ҳошияи муносиби сатҳи хавфҳо; риояи сиёсати ҷалби қарзгириҳои имтиёзноки давлатӣ; ҷалби қарзҳо дар

мувофиқа бо барномаи сармоягузории давлатӣ дар ҳошияи арзёбии даромаднокӣ, самаранокии лоиҳаҳо ва мукаммалгардонии механизми институтсионалии ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги татбиқи онҳо; мукаммалгардонии низоми идоракунии қарз дар ҳошияи баҳисобгирӣ, таҳлил ва мониторинги қарзи давлатӣ; рушди бозори қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва таъмини устувории қарзи давлатӣ; дастгирии сохтори муносиби сабади қарзӣ тавассути афзоиши мунтазами ҷалби захираҳои дохилӣ тавассути рушди бозори қоғазҳои қимматноки давлатӣ барои диверсификатсияи сохтори сабади қарзгирии мамлакат.

Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 - $.3 746,9 млн, ё 42,8% нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ташкил намуд. Нишондиҳандаи зерин дар давраи таҳлилшаванда ба 1,4 маротиба зиёд гардида, дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 - $. 33,5 млн. коҳиш ёфтааст (Ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.*** *Динамикаи сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2021, $. млн.*

| | Солҳо | | | | | | | | 2021/ 2014, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Қарзи давлатӣ | 2577,8 | 2611,1 | 3116,2 | 3679,5 | 3673,3 | 3652,1 | 3780,4 | 3746,9 | 145,3 |
| Қарзи давлатии хориҷӣ | 2095,9 | 2194,5 | 2274,1 | 2879 | 2924,2 | 2925,3 | 3243,7 | 3299,3 | 157,4 |
| Қарзи давлатии дохилӣ | 481,9 | 416,6 | 842,1 | 800,5 | 749,1 | 726,8 | 536,7 | 447,6 | 92,9 |

***Сарчашма.*** *Аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумотҳои [13] таҳия гардидааст.*

Дар Тоҷикистон, тибқи [12, с.10], бузургии ҳадди ниҳоии қарзи беруна нисбат ба ММД 60% ба ҳисоб меравад, яъне агар қарзи хориҷӣ то 60% ММД бошад, он гоҳ ба амнияти иқтисодӣ таҳдид нанамуда, бо зиёд гардидан аз ин нишондиҳанда сатҳи некӯаҳволии иқтисодии мамлакат зери хатар қарор мегирад.

Нишондиҳандаҳои таносуби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва қарзи хориҷӣ ба сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2021 дар диаграммаи 1, оварда шудаанд.

Маълумотҳои диаграммаи 1, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбӣ аз рӯи бузургии қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД таъмин гардидааст, ки аз соли 2014 инҷониб аз сатҳи ҳадди ниҳоии худ нагузаштааст (60% тибқи [12, с.10] ва дар соли 2021 37,7% ташкил намуд). Нисбат ба бузургии қарзи хориҷӣ ба сари аҳолӣ бошад, таъкид намудан ба маврид аст, ки он дар давраи таҳлилшаванда 1,3 маротиба ё 80,8 $ зиёд гардида, дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 ба 0,3 % коҳиш ёфтааст [14].

Сарфи назар аз он, ки қиммати бузурги қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД аз ҳадди ниҳоияшон зиёд набошанд ҳам, вале ба ҳар ҳол аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти молиявии кишвар шаҳодат медиҳанд.

***Диаграммаи 1.*** *Динамикаи нишондиҳандаи қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва бар сари аҳолӣ дар солҳои 2014-2021, бо % ва $.*




***Сарчашма.*** *Аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумотҳои [13] таҳия гардидааст.*

Содироти мол ва хизматрасонӣ дар солҳои охир хеле коҳиш ёфтааст, агар дар соли 2007 - $.1468 млн ташкил дода бошад, соли 2014 - $.977,3 млн ва соли 2021 - $.2149,6 млн ташкил дод, ки ин аз фишори тавозуни пардохт ва захираҳои асъории кишвар – қарздор, бо назардошти зиёд гардидани пардохтҳо аз рӯи қарзи беруна шаҳодат медиҳад. Барои кам кардани гаронии қарзи беруна, равона кардани талошҳо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии молу хизматрасониҳои ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки қисми зиёди захираҳои қарзӣ равона шудаанд, зарур мебошад [15. с.167]. Муаммои дигар ин вобастагии баланди иқтисоди ҷаҳонӣ аз доллари ИМА ва сатҳи баланди қарз дар худи кишвари эмитент шадидтар аст. Дар чунин шароит, ҳукуматҳои миллиро, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои коҳиш додани вобастагӣ аз доллар, интиқол додани захираҳои миллӣ аз асъори хориҷӣ ба тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳо, инчунин ба асъорҳои иқтисодии устувортаре, ки таносуби муносиби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва ба сари аҳолиро доранд, кӯшиш намоянд.

Таҷрибаи байналмилалии идоракунии қарзи давлатии хориҷӣ бори дигар исбот намуд, ки ҳадафҳои идоракунии қарзи давлатӣ дар давлатҳои Аврупо то андозае ба ҳам шабоҳат доранд. Ҳамин тариқ, Фаронса кӯшиш мекунад, ки арзиши қарзро барои андозсупорандагон дар шароити бехатартарин коҳиш диҳад. Олмон қарзи давлатӣ ва пардохтпазириро бо мақсади коҳиш додани хароҷотҳо барои пардохти фоизҳо ва муносибгардонии шароитҳои маблағгузорӣ идора мекунад. Британияи Кабир зарур мешуморад, ки ҳаҷми солонаи аз ҷониби вазирони хазинадорӣ муқарраршуда барои хариду фурӯши вомбаргҳои давлатӣ бо таваҷҷӯҳ ба коҳиш додани хароҷоти дарозмуддат ва ба эътибор гирифтани хавф нигоҳ дошта шавад. Чунин кишварҳо, аз қабили Юнон, Итолиё, Фаронса ва Испания сиёсати идоракунии қарзи давлатиро тавассути татбиқи ислоҳоти нафақа тавассути баланд бардоштани синну соли нафақа амалӣ мекунанд. Ҳадафи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии қарзи давлатӣ баланд бардоштани сифати идоракунии қарзи давлатӣ, таъмини устувории он аз ҳисоби истифодаи самаранок ва мақсадноки захираҳои ҷалбгардида, ва инчунин тағйирдиҳии сохтори қарз, яъне диверсификатсия сохтори қарзи давлатӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Das U.S., Papaioannou M.G., Trebesch C. Sovereign Debt Restructurings 1950–2010: Literature Survey, Data, and Stylized Facts. IMF Working Paper. – WP/12/203. August 2012. 128 p.
2. Graeber D. Debt: the first 5 000 years. Melville House Publishing, 2011. 542 p.
3. Балюк И.А. О проблеме глобализации внешнего долга в мировой экономике // Самоуправление. 2019. №1 (114). Том 2. С. 20–23.
4. Иваненко, И. А. Компаративный анализ показателей внешней задолженности стран мира / И. А. Иваненко // Ученые записки Крымского инженерно-педагогического университета. – 2021. – № 3(73). – С. 65-70.
5. World Economic Situation and Prospects 2020 / United Nations. — 2021, May. — P. 165.
6. European Bank for Reconstruction and Development: official web-site [Электронный ресурс]. — Режим доступа : https://www.ebrd.com/home.
7. Eurostat: official web-site [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://ec.europa.eu/eurostat.
8. Euro area and EU28 government deficit at 0.9% and 1.0% of GDP respectively [Электронный ресурс]. — Режим доступа https://ec.europa.eu/eurostat/documents/2995521/8824490/2-23042018-AP-EN.pdf/6e5b346e-e302-4132-920a-854b00ac196d.
9. Debt management strategies [Электроный ресурс]. — Режим доступа http://www.mf.gov.pl/en/web/wp/public-debt/publications/debt-management-strategies.
10. The Government Debt and Risk Management Program / World bank [Электроный ресурс].
11. Бобоев Ф.Ҷ. Амнияти қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисодӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 3(48) – Душанбе, 2023. – С. 31-39.
12. Стратегия управления государственным долгом на 2021-2023 годы // Постановление Правительства Республики Таджикистан от 11 ноября 2020 года, №587.
13. Отчёт о состоянии государственного внешнего долга Таджикистана // - Душанбе, Министерство Финансов Республики Таджикистан, 2022. – 38 с.
14. Бобоев Ф.Ҷ. Идоракунии қарзии хориҷӣ дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонӣ // Паёми Молия ва иқтисод. № 2(36) – Душанбе, 2023. – С. 151-161.
15. Ахророва А.Д, Бобоев Ф.Дж. Внешний долг Республики Таджикистан в контексте экономической безопасности // Вестник Таджикского Технического Университета. – Душанбе: 2015. - № 4(32), 2015. – С. 160-168. - 200 стр.

# МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ВНЕШНИМ ДОЛГОМ

**БОБОЕВ ФУЗАЙЛ ДЖУМАБОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент
Таджикский национальный университет.
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 934-51-45-45. E-mail: fuzail-1991@mail.ru

*Данная статья посвящена обсуждению вопросам международного опыта управления государственным долгом, а также обоснована актуальность его изучения в современных условиях. Были проанализированы показатели совокупного внешнего долга развитых стран мира и Республики Таджикистан, также страны были разделены на кластеры в зависимости от размера их долга. Определены цели управления государственным долгом стран, разработаны основные предложения по управлению государственным долгом, а также*

*предусмотрены дополнительные источники обслуживания внешнего государственного долга в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *управление государственным долгом, внешний долг, внутренний долг, обслуживание государственного долга, модель, кластер, денежно-кредитная политика, финансирование, финансовая безопасность.*

## INTERNATIONAL EXPERIENCE IN MANAGING PUBLIC EXTERNAL DEBT

**BOBOEV FUZAIL DZHUMABOEVICH,**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Tajik National University.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 934-51-45-45. E-mail: fuzail-1991@mail.ru

*This article is devoted to the discussion of international experience in public debt management, as well as the relevance of its study in modern conditions. The indicators of aggregate external debt of developed countries of the world, as well as the Republic of Tajikistan were analyzed, and the countries were divided into clusters depending on the size of their debt. The objectives of public debt management in the countries were defined, the main proposals on public debt management were developed, and additional sources of external public debt servicing in the Republic of Tajikistan were envisaged.*

***Keywords:*** *public debt management, external debt, internal debt, public debt service, model, cluster, monetary policy, financing, financial security.*

УДК: 330

# КЛАСТЕРИЗАЦИЯ КАК ОСНОВА МОДЕРНИЗАЦИИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**ОЛИМОВ САЪДӢ ИБОДУЛЛОЕВИЧ,**
доцент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru
**ДЖУРАХОНОВ ОЛИМДЖОН ХАЙБУЛЛОЕВИЧ,**
ассистент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*С целью рационального использования трудовых ресурсов и роста производства промышленной продукции, а также увеличения добавленной стоимости предлагается создание промышленных кластеров по производству и переработке алюминия внутри страны. Можно сказать, что создания промышленного кластера по производству и переработке первичного алюминия состоит в его выгодности как для предприятий по производству первичного алюминия, так и для перерабатывающих предприятий страны. А также, создание промышленного кластера позволит рационально использовать первичный алюминий, довести готовую продукцию до потребителя с наименьшими потерями и затратами, а также повысить конкурентоспособность продукции на внутреннем и внешнем рынках.*

*Несмотря на большой опыт, зарубежных странах по созданию и функционированию кластеров в данной статье авторы предлагают основные преимущества промышленных кластеров.*

*Авторы считают, что, модернизация предприятий и создание в Республике Таджикистан промышленных кластеров потребуют стабильного и масштабного финансирования. Для решения данной задачи авторы изучали зарубежный опыт, в рамках формируемого организационно-экономического механизма предлагается организовать Национальный фонд технологического развития Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, промышленные кластеры, первичный алюминий, алюминиевый кластер, преимущества кластера, Национальный фонд технологического развития Таджикистана*

Промышленность – ключевая отрасль национальной экономики любого современного государства, обеспечивающая высокий уровень экономического и социального развития. Как отмечает В. Ф. Байнев, «развитию научно-технической и инновационной сферы, а также технико-технологической модернизации реального сектора экономики и, в первую очередь, промышленности придавалось приоритетное значение. Последнее требование без преувеличения можно считать глобальной тенденцией и неотъемлемым условием устойчивого экономического роста в современных условиях, что требует выработки и реализации эффективной государственной научно-технической и инновационно промышленной политики в любой стране, которая желает войти в число передовых технологически развитых держав» [1].

Данный вывод подтверждается изучением эволюции не только технологически развитых, но и новых индустриальных стран – Китая, Японии, Индии, Южной Кореи, Бразилии, Турции, Сингапура и др. Главная особенность их экономик – упор на развитие и обновление индустриально-промышленного

комплекса, причем среди вышеперечисленных стран наиболее успешным по динамике промышленного производства является КНР [2].

Руководство Республики Таджикистан ставит перед собой высокие, но достижимые цели долгосрочного развития, заключающиеся в обеспечении высокого уровня благосостояния и качества жизни населения в ближайшем будущем [3].

По нашему мнению, возможным способом достижения этих целей является создание промышленных кластеров по производству и переработке первичного алюминия внутри страны. Как отмечает И. Хейдари, кластер по производству и переработке первичного алюминия будет способствовать освоению новых видов продукции и даст толчок ускорению инновационных процессов в других отраслях хозяйства [4]. Предлагаемый нами алюминиевый кластер объединяет весь цикл производства, начиная со структур снабжения и заканчивая изготовлением и сбытом готовой продукции (Рисунок 1).

Как известно, кластер – это группа географически соседствующих взаимосвязанных компаний (поставщики, производители и др.) и связанных с ними организаций (образовательные заведения, органы государственного управления, инфраструктурные компании), действующих в определенной сфере и взаимодополняющих друг друга [5]. Создание промышленных кластеров по производству и переработке первичного алюминия объединит все предприятия по производству конечной продукции из алюминия, а также компании материально-технического обеспечения перерабатывающих предприятий. Таким образом, кластер направлен на более глубокую переработку алюминия и освоение новых видов продукции [6].




***Рис.1.*** *Концептуальная схема алюминиевого кластера в Республике Таджикистан*

Основные предпосылки для создания кластеров, расширения ассортимента выпускаемых изделий за счет организации современных производств в государстве существуют. Прежде всего, это наличие собственной сырьевой базы, дешевые трудовыересурсы и высокий неиспользованный промышленный потенциал [7].

Формирование кластеров повышает эффективность и конкурентоспособность компаний, создает значительные возможности для инноваций и снимает барьеры для предпринимательства и появления новых фирм.

В наиболее полном объеме имеются условия для создания кластера в алюминиевой промышленности. К сожалению, один из крупнейших на территории СНГ алюминиевый завод в Турсунзаде, который выпускает высококачественный широко востребованный металл, так и не вышел на проектную мощность 517 тыс. т первичного алюминия. Максимального выпуска он добился в 1989 г. – 480 тыс. т [8].

Целью кластера является довести производство алюминия до полной мощности алюминиевого завода с созданием перерабатывающих предприятий в регионах страны. За основу роста нами выбраны существующие заводы и новые заводы в регионах страны, которые предстоит построить. [9].

На наш взгляд, целесообразность создания промышленного кластера по производству и переработке первичного алюминия состоит в его выгодности как для предприятий по производству первичного алюминия, так и для перерабатывающих предприятий страны. Производители первичного алюминия получают возможность своевременно и в полном объеме реализовывать свою продукцию, а перерабатывающие предприятия обеспечиваются сырьем и работают с максимальной производственной мощностью. Таким образом, можно сделать вывод, что создание промышленных кластеров по производству и переработке первичного алюминия позволит решить целый комплекс задач (Рисунок 2).

Одновременно это позволит насытить внутренний рынок, так как сегодня в страну ввозится большое количество алюминиевых изделий, а значит, увеличить необходимые для осуществления модернизации таджикской экономики валютные поступления в республику, а также решить проблему занятости.




***Рисунок 2.*** *Главные цели создания кластеров*

Создание промышленного кластера позволит рационально использовать первичный алюминий, довести готовую продукцию до потребителя с наименьшими потерями и затратами, а также повысить конкурентоспособность продукции на внутреннем и внешнем рынках.

Одной из основных задач формирования промышленного кластера является увеличение добавленной стоимости данной отрасли промышленности и экономической стабильности предприятий, входящих в его состав.

*Организация таких объединений позволит реализовать ряд преимуществ (Рисунок 3).*

**Основные преимущества промышленных кластеров**

- Подготовка необходимых предпосылок для ускоренного освоения достижений научно-технического прогресса, обеспечения оптимального выпуска однородной продукции повышенного качества
- Обеспечение рациональных пропорций между объемами получаемого первичного алюминия и промышленными перерабатывающими мощностями
- Синхронизация единого процесса по всей цепочке производственного цикла
- Снижение импорта отдельных видов товаров
- Увеличение валютных поступлений в республику, необходимых для модернизации ее экономики
- Снижение безработицы за счет создания новых рабочих мест
- Создание ресурсной базы модернизации с целью постепенного перехода от третьего к высшим (четвертому и пятому) технологическим укладам

***Рисунок 3.*** *Преимущества промышленных кластеров*

В состав кластера должны быть включены сопутствующие или поддерживающие организации и предприятия. Для алюминиевой промышленности таковыми являются:

1) высшие учебные заведения: Таджикский горно-металлургический институт (ТГМИ), Технологический университет Таджикистана (ТУТ) и др.;

2) промышленные и общественные организации: Национальная ассоциация малого и среднего бизнеса, Центр по поддержке и развитию предпринимательства, Союз предпринимателей и экспортеров, УП «Содирот» и др.;

3) государственные учреждения: Министерство промышленности и новых технологий Республики Таджикистан; Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан; Агентство по стандартизации, метрологии, сертификации и торговой инспекции; Таможенная служба и др.;

4) инфраструктура: автомобильные и железные дороги, телекоммуникации, логистические центры и т.п.

Важным направлением повышения экономической эффективности промышленных предприятия Таджикистана является их интеграция с одновременным углублением специализации производимой продукции, отвечающей стандартам высших (четвертогои пятого) технологических укладов.

Создание промышленных кластеров по производству и переработке алюминия позволит увеличить производство первичного алюминия, полностью загрузить мощности алюминиевого завода и создать систему перерабатывающих предприятий в регионах страны, где для этого имеются соответствующие условия. За основу роста нами выбраны существующие предприятия и новые заводы в регионах страны, которые предстоит построить. При этом кластер выступает как система, согласно которой все производство продукции, начиная от ее разработки, первичного изготовления и заканчивая продажей, идет по единой цепи. Кроме того, создание промышленных кластеров по производству и переработке алюминия позволяет производить современную высокотехнологичную продукцию и перейти от третьего и четвертого к пятому технологическому укладу.

Поскольку, например, запасные части для автомобилей завозятся из-за пределов республики, предлагается формирование соответствующих новых производственных структур в регионах страны. В результате только в рамках более полной переработки первичного алюминия можно повысить объем валовой продукции промышленности в несколько раз и соответственно будет расти объем доходной части бюджета.

Очевидно, что модернизация предприятий и создание в Республике Таджикистан указанных кластеров потребуют стабильного и масштабного финансирования. Для решения данной задачи в рамках формируемого организационно-экономического механизма предлагается организовать Национальный фонд технологического развития Таджикистана (НФТРТ), основной целью которого станет аккумулирование финансовых ресурсов, зарабатываемых в традиционных сферах деятельности (например, теми же алюминиевым, хлопковым и сахарным кластерами), сцелью их последующего перенаправления на создание и развитие организаций и отраслей с высоким удельным весом факторов, относящихся к высшим технологическим укладам. Иными словами, НФТРТ должен финансировать и софинансировать создание и развитие высокотехнологичных производств, а также реализацию инновационных проектов, связанных с модернизацией предприятий и производством конкурентоспособной на мировых рынках продукции. Предполагается, что НФТРТ будет функционировать как некоммерческая организация с долей государства в ресурсах фонда около 60%, остальная их часть должна быть сформирована за счет средств исполнителей проекта.

При этом предполагается следующий порядок получения поддержки. Первоначально для открытия финансовой поддержки, например, промышленных кластеров по производству и переработке первичного алюминия или других инновационных проектов необходимо подать заявку в НФТРТ, паспорт инновационного проекта (ИП) и соответствующий бизнес-план. При положительном решении НФТРТ готовит комплекс документов, согласованный со всеми заинтересованными сторонами, и направляет его в экспертный совет (ЭС). Для финансирования инновационных проектов экспертный совет проводит комплексную экспертизу документов. По решению экспертного совета Фонд создает конкурсную комиссию. Основной задачей конкурсной комиссии является проведение конкурсного отбора инновационных проектов. Конкурсная комиссия, отбирает проекты, которые отвечают всем требованиям фонда и направлены на производство и переработку первичного алюминия, а также

производство новой высокотехнологической продукции, отвечающей стандартам четвертого и пятого технологического уклада.

После утверждения проектов, прошедших конкурсный отбор, заключаются договоры между исполнителями инновационных проектов (ИИП) и НФТРТ о финансировании и условиях возврата средств фонда. Для реализации ИП фонд предоставляет кредит по ставке 5% годовых сроком до 3 лет, что значительно дешевле, чем кредиты коммерческих банков [10].

Возврат средств Фонда может производиться как в полном объеме, так и частями в сроки, оговоренные в обязательствах по возврату средств, путем перечисления денежных сумм на расчетный счет НФТРТ, но не позже, чем спустя два года после завершения проекта.

После получения подтверждения от НФТРТ о заключении договора с ИИП о софинансировании и возврате средств фонда, ИИП, в свою очередь, заключает с подрядчиками договоры на выполнение работ, предусмотренных в инновационном проекте. НФТРТ со своей стороны также заключает договор со страховой компанией, исключающей риски в случае наступления форс-мажорных случаев. Дальнейшее взаимодействие со страховой компаний осуществляет фонд, что снижает риски для предприятий.

После выполнения инновационного проекта возвращенные фонду средства вновь направляются на финансирование других инновационных проектов.
Порядок получения финансовой поддержки от НФТРТ приведен на рисунке 4.




**Рисунок 4. – Схема движения средств Национального фонда технологического развития Таджикистана**

Для Таджикистана очень важно, как можно скорее, реализовать свои преимущества в развитии промышленных кластеров по производству и переработке первичного алюминия и на ее основе поднять всю экономику.

**Литература**

1. Байнев, В. Ф. переход к инновационной экономике в условиях межгосударственной интеграции: тенденции, проблемы, белорусский опыт [Электронный ресурс] / В. Ф. Байнев, В. В. Саевич. –Минск : Право и экономика, 2007. – 180 с. – Режим доступа: http://libed.ru/knigi-nauka/568866-1-vf-baynev-saevich-perehod-innovacionnoy-ekonomike-usloviyah-mezhgosudarstvennoy-integracii-tende. – Дата доступа: 17.12.2020.
2. Чжан Бинь. Активная кредитно-денежная политика Китая как фактор инновационного развития китайского промышленного комплекса /Бинь Чжан // Новая экономика. – 2016. – № 1(67). –С. 63–69.
3. Олимов, С.И. Оценка технологического уклада и пути совершенствования промышленности Таджикистана / С.И. Олимов // Наука и инновации. – 2018. – №1(179). – С. 43–46.
4. Хейдари И. и др. Формы, условия и принципы формирования промышленных региональных кластеров // Вестник ТНУ. 2016, №2/3. С. 52–56.
5. Федотова, В. Г. Модернизация «другой» Европы / В. Г. Федотова. – М. : Ин-т философии Рос. акад. наук, 1997. – 253 с.
6. Мухаметжанова, Ж. С. Кластеризация пищевой промышленности Казахстана / Ж. С. Мухаметжанова // Вестн. Тадж. нац. ун-та. Сер. соц.-экон. и обществ. наук. – 2012. – № 2/2. – С. 102–108.
7. Хайдарзода М. И., Джумъаев Б. М. Предпосылки создания региональных промышленных кластеров в районах республиканского подчинения Таджикистана // Вестник ТНУ. 2016, №2/4. С. 54–58.
8. Рахимов, Ш. М. Возрождение и развитие промышленности Таджикистана в переходный период : дис. … д-ра экон. наук : 08.00.05 / Ш. М. Рахимов. – Душанбе, 2001. – 290 л.
9. Олимов, С.И. Модернизация промышленности Таджикистана: современное состояние, проблемы и перспективы развития / С.И. Олимов // Проблемы управления. – 2017. – №1 (63). – С. 97–102.
10. Олимов, С.И. Формирование механизма управления модернизацией экономики Республики Таджикистан : дис. … канд. экон. наук : 08.00.05 / С.И. Олимов – Минск, 2018. – 167 с.
11. Сарабекова И.З., Бахтиёри Р. Ретроспективный анализ развития пищевого кластера промышленности Хатлонской области / И.З. Сарабекова, Р. Бахтиёри // Журнал «Государственное управления» АГУПРТ, Душанбе, 2022.- №2. (56). – С.57-65.

## КЛАСТЕРКУНОНӢ ҲАМЧУН АСОСИ ДИГАРГУНСОЗИИ САНОАТИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМОВ САЪДӢ ИБОДУЛЛОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru
**ҶУРАХОНОВ ОЛИМҶОН ҲАЙБУЛЛОЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*Бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, инчунин афзоиши даромади иловагӣ дар дохили кишвар ташкили кластерҳои саноатӣ*

*оид ба истеҳсол ва коркарди алюминий пешниҳод гардидааст. Метавон гуфт, ки фоиданокии таъсиси кластерҳои саноатӣ оид ба коркард ва истеҳсоли алюминийи аввалия ҳам барои истеҳсолкунандаи алюминийи аввалия ва ҳам барои коркардкунандаи корхонаҳои саноатии мамлакат мебошад. Инчунин, таъсиси кластерҳои саноатӣ имкон медиҳанд, ки алюминийи аввалия оқилона устифода бурда, маҳсулоти тайёр бо талафоти камтарин ва хароҷоти кам ба истеъмолкунандогон расонида шавад, инчунин, рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ ва берунӣ баланд гардад.*

*Сарфи назар аз таҷрибаи ғании кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва фаъолияти кластерҳо дар мақолаи мазкур муаллифон афзалиятҳои асосии кластерҳои саноатиро пешниҳод кардаанд.*

*Муаллифон ба ин андешаанд, ки дигаргункунии корхонаҳо ва таъсиси кластерҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории устувору калонро талаб менамояд. Муаллифон барои дарёфти роҳи ҳалли вазифаи мазкур таҷрибаи хориҷиро омӯхта, пешниҳод менамоянд, ки Фонди миллии рушди технологии Тоҷикистон таъсис дода шавад.*

***Калидвожаҳо***: *саноат, кластерҳои саноатӣ, алюминийи аввалия, кластери алюминий, манфиатҳои кластер, Фонди миллии рушди технологии Тоҷикистон.*

## CLUSTERIZATION AS A BASIS FOR MODERNIZATION INDUSTRIES OF TAJIKISTAN

**OLIMOV SADY IBODULLOEVICH,**
candidate of economic sciences, associate professor of the Department of Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru
**JURAKHONOV OLIMJON HAIBULLOEVICH,**
assistant of the department of management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*With the aim of rational use of labor resources and growth of industrial production, as well as increasing added value, it is proposed to create industrial clusters for the production and processing of aluminum within the country. We can say that the creation of an industrial cluster for the production and processing of primary aluminum consists in its profitability both for enterprises producing primary aluminum and for processing enterprises of the country. And also, the creation of an industrial cluster will make it possible to rationally use primary aluminum, bring finished products to the consumer with the least losses and costs, and also increase the competitiveness of products in the domestic and foreign markets.*

*Despite the extensive experience of foreign countries in the creation and operation of clusters, in this article the authors offer the main advantages of industrial clusters.*

*According to the authors, the modernization of enterprises and the creation of industrial clusters in the Republic of Tajikistan will require stable and large-scale funding. To solve this problem, the authors studied foreign experience; within the framework of the organizational and economic mechanism being formed, it is proposed to organize the National Fund for Technological Development of Tajikistan.*

***Keywords:*** *industry, industrial clusters, primary aluminum, aluminum cluster, cluster benefits, National Fund for Technological Development of Tajikistan.*

УДК: 330

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДИИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ҒАЙРИТИҶОРАТӢ

**АМИНОВ ШАМСУЛО АСОЕВИЧ**,
номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи физикаи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Зафар 385.
Тел.: (+992) 917-17-62-03. E-mail: kasaba_dtt@mail.ru
**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА**,
унвонҷӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 935-81-88-85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур оиди вазъи молиявӣ ва ҳолати рақобатпазирии муассиса, тавсифкунандаи муҳимтарини фаъолияти иқтисодии ташкилот ва потенсиали ҳамкорӣ доштанашро муайян карда, сатҳи кафолатнокии шариконашро арзёбӣ мекунад.*

*Муаллиф дар мақолааш дар бораи нишонаҳои асосӣ фарқ намудани ташкилоти ғайритиҷоратиро шаҳр додааст, ки кооперативҳои матлуботро ҳамчун истисно аз қоидаи умумии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳисобидааст, чунки онҳо ҳуқуқ доранд фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаашонро дар ҳудуди қобилияти ҳуқуқдории оинномавӣ байни аъзоён тақсим намоянд.*

*Инчунин муаллиф дар мақолааш қайд намудааст, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд, бо хароҷоти гуногун хидмат расонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, кафолатноки, сармоягузорӣ, ташкилоти ғайритиҷоратӣ, кооперативҳо, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, корхона.*

Вазъи молиявӣ тавсифкунандаи муҳимтарини фаъолияти иқтисодии ташкилот дар муҳити беруна мебошад. Он ҳолати рақобатпазирии муассиса ва потенсиали ҳамкорӣ доштанашро муайян карда, сатҳи кафолатнокии манфиатёбии иқтисодии худи ташкилот ва шариконашро арзёбӣ мекунад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ якчанд роҳу усулҳои муайян намудани вазъи иқтисодӣ ва робитаи мутақобили он бо устувории молиявӣ ва ҷаззобияти муассиса ба сармоягузорӣ мавҷуд аст. Бинобар ин баррасии мухтасари нуқтаи назари иқтисоддонони маъруфи ин соҳа аз манфиат холӣ нест. Масалан, бинобар ақидаи А.Д. Шеремет "Вазъи иқтисодии муассиса аз рӯи ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи воситаҳо ва вижагиҳои сарчашмаҳои ташаккули онҳо, сармояи худӣ ва ӯҳдадориҳо муайян карда мешавад. Ин маълумот дар ҳисоботи муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисобкунӣ зикр мегардад.

Ташкилоти ғайритиҷоратӣ гуфта, шахси ҳуқуқиеро меноманд, ки мақсади асосии фаъолияти онро ба даст овардани фоида ташкил намедиҳад ва фоидаи ба даст овардаашро байни иштирокчиёнаш тақсим намекунад.

Ташкилоти ғайритиҷоратиро аз дигар шахсони ҳуқуқӣ бо ду нишонаи асосӣ фарқ намудан мумкин аст. Кооперативҳои матлубот ҳамчун истисно аз қоидаи умумии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, чунки онҳо хуқуқ доранд фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаашонро дар худуди қобилияти ҳуқуқдории оинномавӣ байни аъзоён тақсим намоянд.

Афзоиши даромад аз фурӯши маҳсулот яке аз шартҳои асосии афзоиши захираҳои молиявии ташкилотҳои савдо мебошад. Чунин афзоишро бо афзоиши истеҳсол ва фурӯши мол (кор, хизмат), инчунин баланд шудани нарху тарифҳо муайян кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои молиявии таҳлилии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд:

- нишондиҳандаҳои самаранокӣ (натиҷаҳои ғайритиҷоратӣ);
- нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ (даромаднокӣ);
- нишондиҳандаҳои идоракунии дороиҳо (идоракунии дороиҳо);
- нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ (ликвидӣ);
- нишондиҳандаҳои хавф (риск);
- нишондиҳандаҳои фаъолияти бозор (натиҷаҳои бозор);
- нишондиҳандаҳои афзоиш (афзоиш).

Моҳияти фаъолияти ғайритиҷоратӣ дар он аст, ки он манфиатҳои ғайримолиявӣ ба вуҷуд меорад, ки бо назардошти мулоҳизаҳои маъмулии молиявӣ ҷуброн кардани хароҷоти накдӣ душвор аст.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ хидматрасониро бидуни талаб кардани подошпулии мутаносиб дар иваз пешкаш мекунанд. Чунин «истеҳсол» ройгон дода мешавад ва ё бо нархҳои арзонтар фурӯхта мешавад. Бинобар ин дар назари аввал чунин менамояд, ки онҳо бо зарар кор мекунанд. Аммо маҳсулоте, ки натиҷаи фаъолияти ғайритиҷоратӣ мебошад, барои ҷомеа манфиатҳои ғайримолиявӣ ба вуҷуд меорад ва ҳадафҳоеро, ки маблағгузорон гузоштаанд, иҷро мекунад.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд бо хароҷоти гуногун хидмат расонанд. Баъзе ташкилотҳо метавонанд, бо пешниҳоди хидматҳои бештар бо арзиши камтар аз дигарон беҳтар бошанд. Агар фоидаи ҷамъиятии ғайрипулии фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар шакли пулӣ чен кардан имконпазир мебуд, пас дар бораи «фоидаи ғайритиҷоратӣ» ҳамчун фарқияти байни манфиатҳои гирандагони хидматҳои ғайритиҷоратӣ ва хароҷоти худи ташкилоти ғайритиҷоратӣ гуфтан мумкин аст.

Айни замон мо арзёбии устувории молиявии муассисаро ҳамчун қисми асосии арзёбии молиявӣ баррасӣ мекунем. Вазъи молиявӣ гуфта таъмин будан ба захираҳои молиявӣ, ки барои фаъолияти мӯътадили ташкилот зарур аст, ҷойгиронии мақсаднок ва истифодаи самарабахши онҳо, муносибатҳои мутақобилаи молиявӣ бо симоҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ, пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ фаҳмида мешавад. Барои дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фаъолият кардан ва роҳ надодан ба муфлисшавӣ тарзи идораи маблағҳо, чигунагии таркиби сохтори сармоя ва сарчашмаҳои шаклгирии он, ҳаҷми саҳми воситаҳои худӣ ва қарзиро хуб донистан даркор аст.

Вазъи молиявии корхона, устуворӣ ва мунтаззам фаъолияти намудани он аз натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва молиявӣ вобаста аст. Вазъи молиявии устувор натиҷаи идораи босаводонаю моҳиронаи маҷмӯи омилҳоест, ки ифодакунандаи тамоми натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаро муайян мекунанд. Бинобар ин вазифаҳои зерин аз ҷумлаи вазифаҳои асосии таҳили вазъи молиявӣ маҳсуб мегарданд:

- омӯзиши робитаи дутарафаи байни нишондиҳандаҳои гуногуни истеҳсолӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявӣ;
- арзёбии иҷрои нақшаҳои воруди захираҳои молӣ ва истифодаи онҳо ба мақсади беҳтар гардонидани вазъи молиявӣ;
- таҳияи амсилаи арзёбӣ, ташхиси вазъи молиявӣ ва муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба тағйирёбии вазъи молиявии корхона;
- пешгӯии натиҷаҳои эҳтимолии молиявӣ бо назардошти шароити воқеии хоҷагидорӣ;
- таҳияи тадбирҳои мушаххас, ки ба истифодаи нисбатан самарабахши захираҳои молиявӣ ва таҳкими вазъи молиявӣ нигаронида шудаанд;

Нишондиҳандаи дақиқтари фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тағирёбии дороиҳои соф мебошад. Ин нишондиҳанда ба баъзе расмиятчигӣ дучор шуда, аслан аз изофа/дефитсит кам фарқ мекунад. Барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ зиёд будани даромад аз хароҷот хос нест, зеро ҳамеша роҳҳои сарф кардани пул мавҷуданд.

Коэффитсиентҳо барои таҳлили ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд хеле содда ба назар оянд. Сарфи назар аз соддагии намоёни худ, онҳо як баҳри иттилоотеро пинҳон мекунанд, ки ба ҷонибҳои гуногуни манфиатдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таваҷҷӯҳ доранд. Принсипҳои гузоришдиҳии ғайритиҷоратӣ дар тӯли солҳои зиёд тавре такмил дода шудаанд, ки ба саволҳои муҳимтарине, ки барои донорҳо, қарздиҳандагон, танзимгарон, ҷомеаи васеъ ва мақомоти назорати давлатӣ бештар таваҷҷӯҳ доранд, ҷавоб дода шавад.

Нишондиҳандаҳои мушаххаси ғайритиҷоратӣ одатан ба таҳлили даромад, ҳиссагузорӣ ва хароҷоти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ асос ёфтаанд. Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ дар асоси ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешаванд ва ба шумо имкон медиҳанд, ки хусусияти муносибати байни хусусиятҳои инфиродии фаъолияти ташкилот, вазъи молиявии он муқаррар карда шавад.

Барои муайян кардани самаранокии фаъолияти ғайритиҷоратӣ 7 нишондиҳандаи асосии ҷамъшуда истифода мешаванд:

1) маблағи саҳмҳо (саҳмҳо);
2) дастгирии умумӣ ва даромад;
3) хароҷоти барнома;
4) хароҷоти маъмурӣ ва идоракунӣ (хароҷоти идоракунӣ ва умумӣ);
5) хароҷот барои ҷамъоварии маблағ;
6) хароҷоти умумӣ;
7) дороиҳои ба осонӣ фурӯхташаванда (дороиҳои мавҷуда) ё дороиҳои софи харҷшаванда.

Ҳолати молиявӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошад, ки мавҷудият, истифода ва ҷойгиркунии захираҳои молиявиро инъикос мекунанд.

Мақсади таҳлили вазъи молиявӣ ба даст овардани параметрҳои асосиест, ки баҳодиҳии ҳамаҷониба ва объективии вазъи молиявии ташкилоти ғайритиҷоратӣ, дар баробари муайян кардани роҳҳои мушаххаси такмили ташкили молия мебошад.

Вазифаҳои таҳлили вазъи молиявии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ:

- нишон додани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ;
- омӯзиши устувории молиявии ташкилоти ғайритиҷоратӣ;
- арзёбии мавкеи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бозори молиявӣ ва баҳодиҳии миқдории рақобатпазирии лоиҳаҳои ҷудогона ва дар маҷмӯъ корхона ва арзёбии истифодаи мақсадноки маблағҳо;
- муайян ва арзёбии тадбирҳое, ки ба рафъи камбудиҳо ва баланд бардоштани даромади иқтисодии захираҳои молиявӣ нигаронида шудаанд;
- омӯзиши самаранокии истифодаи амволи ташкилоти ғайритиҷоратӣ;
- тадқиқот ва арзёбии объективии қобилияти пардохт, устувории молиявӣ ва устувории ташкилотҳои ғайридавлатӣ;
- муайян намудани таъминоти ташкилот бо маблағҳои моликият ва таҳлили истифодаи онҳо;
- омӯзиши самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва муайян намудани роҳҳои мушаххаси баланд бардоштани самаранокии онҳо.

Дар баробари таҳкими низоми сиёсию иҷтимоӣ ва беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ соҳаи маориф рӯз аз рӯз ба беҳбудӣ ниҳод.

Ҳамин тавр, дар 32 соли тантанаи Истиқлоли давлатӣ ба сохтану бунёд кардани муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ҷиҳати фаро гирифтани тарбиягирандагон ва хонандагону донишҷӯён ба таълиму тарбия таваҷҷӯҳи хосае аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир карда шудааст.

Дар ин давра шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 3920, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба 63, миёнаи касбӣ ба 78 ва олии касбӣ ба 41 адад расид.

Ҳамчунин, бо дастгирию ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат муассисаҳои типи нав ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар ин давра 9 мактаби президентӣ, 7 литсей барои хонандагони болаёқат, 75 литсей ва 75 гимназия бо фарогирии зиёда аз 94 ҳазор хонанда ба фаъолият оғоз кард.

Дар давоми 32 сол шумораи муассисаҳои таълимӣ аз 4310 ба 4780 адад расидааст, ки ин нисбат ба соли таҳсили 1990-1991 461-то зиёд мебошад.

Аз соли 2001 сар карда, маблағгузорӣ рӯ ба афзоиш мениҳад. Соли 2001 маблағгузории соҳаи маориф ба 60 млн. 900 ҳазор сомонӣ расид, ки он нисбат ба соли 2000 46,4 фоиз зиёд мебошад. Ин раванд минбаъд идома меёбад. Ин аст, ки ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф дар соли 2020 ба 5 млрд. 4 млн 653 ҳазор сомонӣ расида 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 19 фоизи буҷети давлатиро ташкил дода, соли 2021 ин нишондиҳанда ба 5 млрд 597 млн 100 ҳазор сомонӣ расид, ки 6 фоизи ММД ва 19,9 фоизи буҷети давлатро доро мебошад.

Таҷдиди мазмуну мундариҷаи таҳсилот, ки ҳам ба милликунонии таҳсилот ва ҳам барои воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот замина гузошт, аз дастовардҳои муҳими замони истиқлол дар соҳаи маориф ба шумор меравад. Вобаста ба ин, стандарт, нақша ва барномаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҷдиди назар карда шуданд. Падидаи дигари даврони истиқлолият таъсиси муассисаи таълимии хусусиву ғайридавлатӣ дар ҳамаи зинаи таҳсилот мебошад. Таъсиси ин намуди муассисаҳо ҷойи нишасти иловагӣ фароҳам оварда, сарбории муассисаҳои давлатиро кам намуда, таълими босифатро таъмин ва рақобатпазириро ба миён меоранд.

Аз омӯзиш ва таҳлили паёмҳои Пешвои миллат бармеояд, ки зимни суханрониҳо ба тамоми самтҳои илм ва маориф, аз ҷумла доир ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот диққати махсус зоҳир менамоянд. Чунончи, дар Паёми Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 вобаста ба масъалаи таҳкими иқтидории илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардондани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ оид ба вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф таъкид намуданд: “Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем.”

Бояд тазаккур дод, ки ин таъкиди Сарвари давлат инъикоси вазъи воқеии муассисаҳои томактабӣ буда, соҳаи мазкур ба дастгирӣ ва кумаки махсус ниёз дошт. Муассисаҳои томактабии хусусии дар замони истиқлол бунёдгардида дорои тамоми шароити зарурии таълиму тарбия буда, ба талаботи байналмилалӣ пурра мутобиқ мебошанд.

Барои фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ Сарвари давлат супориш доданд, ки дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда шавад, ки

қисми зиёди онҳо бояд барои қонеъ гардондани талаботи аҳолии деҳот нигаронда шаванд. Воқеан, тибқи ин дастур дар тӯли чанд соли охир, ҳам аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ҳам бахши хусусӣ миқдори зиёди муассисаҳои томактабӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд, ки ин ба фарогирии хоҳишмандон ба чунин муассисаҳо мусоидат намуд.

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад.

Самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти томактабӣ аз инҳо иборатанд:

- зиёд намудани муассисаҳои томактабии давлатӣ;
- сохтмони бинои нави муассисаҳои томактабӣ;
- таъмиру таҷдид ва зиёд намудани ҷойҳо дар муассисаҳои томактабии амалкунанда;
- баргардондани муассисаҳои томактабие, ки аз рӯи таъинот истифода намешаванд;
- таъсиси муссисаҳои томактабӣ дар заминаи бинои кӯҳнаи муассисаҳо, ки соҳиби бинои нав мешаванд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои мазкур тадриҷан меафзояд. Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 636 адад расида, дар онҳо 96578 кӯдак таълиму тарбия мегиранд, ки дар муқоиса бо соли 2017 21 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 3525 нафар кӯдак зиёд мебошад.

Айни замон, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 26 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 2109 нафар кӯдак, дар вилояти Хатлон 142 муассисаи тахсилоти томактабӣ бо фарогирии 15482 нафар, дар вилояти Суғд 261 муассисаи тахсилоти томактабӣ бо фарогирии 42282 нафар, дар шаҳри Душанбе 132 муассисаи тахсилоти томактабӣ бо фарогирии 27576 ва дар шахру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 75 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 9129 кӯдак фаъолият менамоянд.

Дар робита ба амалӣ намудани Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти таъсиси марказҳои инкишофи кӯдак корҳои муайян гузаронида шуд. Агар чунин марказҳо дар соли 2016 – 1465 адад бо фарогирии 35211 нафар кӯдак фаъолият карда бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 1697 адад расид, ки дар онҳо 46360 нафар кӯдак ба тарбия фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 251 адад маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 5936 кӯдак, дар вилояти Суғд 435 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 15875 нафар, дар вилояти Хатлон 740 адад марказ бо фарогирии 17881 нафар, дар шаҳри Душанбе 3 адад марказ бо фарогирии 142 нафар ва дар ноҳияҳои тобеи марказ 268 адад бо фарогирии 6526 нафар кӯдак фаъолият менамоянд. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2016 - 232 марказ ва 11149 кӯдак зиёд мебошад.

Дар муассисаҳои томактабӣ дар соли таҳсили 2017-2018 фарогирии кӯдакони синни томактабӣ 14,5 фоиз, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 35 фоиз, вилоятҳои Хатлон 9 фоиз, Суғд 14,6 фоиз, шаҳри Душанбе 26,2 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 8,3 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, дар нимсолаи аввали соли 2021 шумораи муассисаҳои томактабӣ дар кишвар ба 681 адад расида, 97 ҳазору 679 кӯдак ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Шумораи кӯдакистонҳо нисбат ба нимсолаи аввали соли 2020 19 адад зиёд шуд.

Ҳоло дар ВМКБ 26 муассисаи томактабӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 2141 кӯдак, дар Хатлон 158 муассиса бо 16783 кӯдак, дар вилояти Суғд 276 муассиса бо 40283 кӯдак, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 84 муассиса бо 8516 кӯдак, дар шаҳри Душанбе 84 муассиса бо 8516 кӯдак таҳсил мекунанд, муассисаҳо 29906 нафар бачагонро фаро мегиранд.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои мазкур бояд вазифаҳои зерин иҷро шаванд:

- аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили стандартҳои инкишофи барвақтии кӯдак, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, маводи методии ҷавобгӯ ба талаботи насли нав;
- татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»;
- таҳияи барномаҳои таълимии нави таҳсилоти томактабӣ бо дар назар доштани фарогирии барвақтии кӯдакон ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ (6 сола);
- таҳияи барномаҳои таҳсилоти томактабӣ бо дар назар доштани таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;
- таҳияи барномаҳои нави таълимӣ барои муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак,
- таҳияи Дастури омӯзишӣ барои мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва падару модар;
- ворид намудани тағийроту иловаҳо ба барномаи омода намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ (муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ);
- таъсиси марказҳои инкишофи кӯдак, марказҳои захиравии инкишофи кӯдак барои дастгирии марказҳои инкишофи кӯдак ва намуди муассисаҳои камхарҷи имконпазир дар ноҳияҳое, ки муассисаҳои таълимии томактабӣ ба теъдоди кам фаъолият мекунанд, мутобиқи замимаи 3;
- фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ дар шаклҳои гуногун бояд то соли 2021 ба 30 фоиз боло рафта, бо ҳадди васеи дастрасии барномаҳои таълимӣ дар синни калони томактабӣ (ташкили ҳатмии гурӯҳҳои омодагии пешазмактабии 9 моҳа) ташкил ёбад.

Низоми таҳсилоти томактабӣ барои ҳалли вазифаҳои рушди барвақтии кӯдак равона гардида, ба ин васила барои баробар кардани имконияту шароити гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдакон аз гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ бояд мусоидат кунад.

Тарбияи томактабӣ асоси таҳсил ва инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак мебошад. Таваҷҷӯҳ ба таҳсилоти ибтидоӣ муҳим аст.

Агар сармояи саривақтӣ ва кофӣ ба системаи рушди барвақтии кӯдак ҷорӣ карда шавад, сармояи инсонии кишвар афзоиш ёфта, ба кишвар имкони аъло ва беназир барои беҳтар намудани дурнамои ояндаи иқтисодии он фароҳам оварда мешавад.

Замимаи 3. Ба Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

***Ҷадвали 4.*** *Ташкил ва таъсиси марказҳои инкишофи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2023*

| Р/т | Сол | Вилоятҳо, шаҳру ноҳия | Теъдоди марказҳои инкишофи кӯдак (бо ҳисоби миёна 25 ҷой) | Хароҷот барои як гурӯҳ (ба ҳисоби миёна, ҳазор сомонӣ) | Маблағи умумӣ (ҳазор сомонӣ) | Манбаҳои маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Буҷети маҳалл | Грантҳо | Бахши хусусӣ |
| | 2020 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 16 | 20,0 | 320 | 200 | 20 | 100 |
| | | Вилояти Хатлон | 2278 | 20,0 | 45560 | 44160 | 400 | 1000 |
| | | Вилояти Суғд | 1112 | 20,0 | 22240 | 22000 | 40 | 200 |
| | | Шаҳри Душанбе | 20 | 20,0 | 400 | 200 | 0 | 200 |
| | | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла: | 1420 | 20,0 | 28400 | 27640 | 0 | 760 |
| | | - шаҳри Ҳисор | 261 | 20,0 | 5220 | 5000 | 0 | 220 |
| | | - шаҳри Ваҳдат | 201 | 20,0 | 4020 | 3820 | 0 | 200 |
| | | - шаҳри Турсунзода | 166 | 20,0 | 3320 | 3200 | 0 | 120 |
| | | - шаҳри Роғун | 20 | 20,0 | 400 | 400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Шаҳринав | 72 | 20,0 | 1440 | 1400 | 0 | 40 |
| | | - ноҳияи Лахш | 40 | 20,0 | 800 | 800 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Варзоб | 61 | 20,0 | 1220 | 1220 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Рӯдакӣ | 358 | 20,0 | 7160 | 7000 | 0 | 160 |
| | | - ноҳияи Нуробод | 66 | 20,0 | 1320 | 1300 | 0 | 20 |
| | | - ноҳияи Рашт | 74 | 20,0 | 1480 | 1480 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Тоҷикобод | 26 | 20,0 | 520 | 520 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Файзобод | 70 | 20,0 | 1400 | 1400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Сангвор | 5 | 20,0 | 100 | 100 | 0 | 0 |
| | | Ҷамъ: | 4846 | | 96920 | 94200 | 460 | 2260 |
| | 2021 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 16 | 20 | 320 | 200 | 20 | 100 |
| | | Вилояти Хатлон | 2278 | 20 | 45560 | 44160 | 400 | 1000 |
| | | Вилояти Суғд | 1112 | 20 | 22240 | 22000 | 40 | 200 |
| | | Шаҳри Душанбе | 20 | 20 | 400 | 200 | 0 | 200 |
| | | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла: | 1420 | 20 | 28400 | 27640 | 0 | 760 |
| | | - шаҳри Ҳисор | 261 | 20 | 5220 | 5000 | 0 | 220 |
| | | - шаҳри Ваҳдат | 201 | 20 | 4020 | 3820 | 0 | 200 |
| | | - шаҳри Турсунзода | 166 | 20 | 3320 | 3200 | 0 | 120 |
| | | - шаҳри Роғун | 20 | 20 | 400 | 400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Шаҳринав | 72 | 20 | 1440 | 1400 | 0 | 40 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | - ноҳияи Лахш | 40 | 20 | 800 | 800 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Варзоб | 61 | 20 | 1220 | 1220 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Рӯдакӣ | 358 | 20 | 7160 | 7000 | 0 | 160 |
| | | - ноҳияи Нуробод | 65 | 20 | 1320 | 1300 | 0 | 20 |
| | | - ноҳияи Рашт | 74 | 20 | 1480 | 1480 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Тоҷикобод | 26 | 20 | 520 | 520 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Файзобод | 70 | 20 | 1400 | 1400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Сангвор | 5 | 20 | 100 | 100 | 0 | 0 |
| | | Ҷамъ: | 4846 | | 96920 | 94200 | 460 | 2260 |
| | 2022 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 16 | 20 | 320 | 200 | 20 | 100 |
| | | Вилояти Хатлон | 2278 | 20 | 45560 | 44160 | 400 | 1000 |
| | | Вилояти Суғд | 1112 | 20 | 22240 | 22000 | 40 | 200 |
| | | Шаҳри Душанбе | 20 | 20 | 400 | 200 | 0 | 200 |
| | | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла: | 1420 | 20 | 28400 | 27640 | 0 | 760 |
| | | - шаҳри Ҳисор | 261 | 20 | 5220 | 5000 | 0 | 220 |
| | | - шаҳри Ваҳдат | 201 | 20 | 4020 | 3820 | 0 | 200 |
| | | - шаҳри Турсунзода | 166 | 20 | 3320 | 3200 | 0 | 120 |
| | | - шаҳри Роғун | 20 | 20 | 400 | 400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Шаҳринав | 72 | 20 | 1440 | 1400 | 0 | 40 |
| | | - ноҳияи Лахш | 40 | 20 | 800 | 800 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Варзоб | 61 | 20 | 1220 | 1220 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Рӯдакӣ | 358 | 20 | 7160 | 7000 | 0 | 160 |
| | | - ноҳияи Нуробод | 65 | 20 | 1320 | 1300 | 0 | 20 |
| | | - ноҳияи Рашт | 74 | 20 | 1480 | 1480 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Тоҷикобод | 26 | 20 | 520 | 520 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Файзобод | 70 | 20 | 1400 | 1400 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Сангвор | 5 | 20 | 100 | 100 | 0 | 0 |
| | | Ҷамъ: | 4846 | | 96920 | 94200 | 60 | 2260 |
| | | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 16 | 25 | 400 | 250 | 5 | 125 |
| | | Вилояти Хатлон | 2278 | 25 | 56950 | 55200 | 500 | 1250 |
| | | Вилояти Суғд | 1112 | 25 | 27800 | 27500 | 50 | 250 |
| | | Шаҳри Душанбе | 20 | 25 | 500 | 250 | 0 | 250 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2023 | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла: | 1420 | 25 | 35500 | 34550 | 0 | 950 |
| | | - шаҳри Ҳисор | 261 | 25 | 6525 | 6250 | 0 | 275 |
| | | - шаҳри Ваҳдат | 201 | 25 | 5025 | 4775 | 0 | 250 |
| | | - шаҳри Турсунзода | 166 | 25 | 4150 | 4000 | 0 | 150 |
| | | - шаҳри Роғун | 20 | 25 | 500 | 500 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Шаҳринав | 72 | 25 | 1800 | 1750 | 0 | 50 |
| | | - ноҳияи Лахш | 40 | 25 | 1000 | 1000 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Варзоб | 61 | 25 | 1525 | 1525 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Рӯдакӣ | 358 | 25 | 8950 | 8750 | 0 | 200 |
| | | - ноҳияи Нуробод | 65 | 25 | 1650 | 1625 | 0 | 25 |
| | | - ноҳияи Рашт | 74 | 25 | 1850 | 1850 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Тоҷикобод | 26 | 25 | 650 | 650 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Файзобод | 70 | 25 | 1750 | 1750 | 0 | 0 |
| | | - ноҳияи Сангвор | 5 | 25 | 125 | 125 | 0 | 0 |
| | | **Ҷамъ:** | **4846** | | **121150** | **117750** | **575** | **2825** |

***Сарчашма:*** *Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025*

Мушкилот дар ташаккул ва рушди системаҳои муассисаҳои томактабӣ ва таълимӣ хусусияти хос доранд. Аввалин душвории хос аз сохти мавҷудаи патриархалӣ-феодалӣ, махсусан мавқеи нимғуломии зан дар оила ва ҷамъият ба миён меояд, ки барои ба меҳнати истеҳсолӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб намудани вай душвориҳо ба амал овард. Ташкилотҳои комсомолӣ, Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ, ба худи занони тоҷик лозим буд, ки ин садди онро дар як муддати кӯтоҳ бартараф кунанд.

Душвории дуюм қафомонии иқтисодию мадании аҳолӣ буд, ки асосан дар деҳот зиндагӣ мекарданд. Тоҷикистон дар давраи «тақсимоти бесарусомон» аз шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, ки дар онҳо корхонаҳои саноатӣ рушд мекарданд, роҳи оҳан, мактабҳо ва соҳаи маориф фаъолият мекарданд, маҳрум буд. Маданият ва дигар арзишҳои маънавӣ аз ҳаёти мардуми тоҷик дур буданд, марказҳои рушди маорифи халқ, рушди маънавии мардуми оддӣ вуҷуд надоштанд.

Сеюм, таассуботи (тарафдории кӯркӯрона) ҳаррӯза вуҷуд дошт, ки рушди фарҳангии занонро бозмедошт. Пӯшида нест, ки бисёре аз занони тоҷик бесавод буданд, аз урфу одатҳои бисёрзанӣ ва нотавонӣ азоб мекашиданд. Ба воситаи кори агитатсионӣ-оммавӣ баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятию сиёсии занон, дар шуури онҳо парваридани зарурияти иштироки фаъолона дар дигаргунсозиҳои дар ҷамъият ба амаломада вақту ғайрат лозим буд.

Ғамхории муҳими органҳои партиявӣ, комсомолӣ, иттифоқи касаба ва давлатӣ дар бобати тараққӣ додани тарбияи томактабӣ аз он иборат буд, ки ҳарчи бештар ба назар гирифтани шароити хоси зисту зиндагонии маҳаллии аҳолии ӯзбекҳо, қирғизҳо ва дигар миллатҳои дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Дар байни қирғизҳо ва ӯзбекҳо бартарӣ доштани тарзи ҳаёти кучманчӣ ва нимкучманчигӣ хусусият ва намуди ибтидоии муассисаҳои томактабиро муайян кард. Барои фарзандони чорводорон «майдончаҳои сайёр», «юртхонаҳои бачагонаи томактабӣ» сохта шудаанд, бо вуҷуди

кам будани шумора дар ташкили минбаъдаи мактабҳои аҳолии кучманчӣ нақши калон бозиданд.

Яке аз проблемаҳои асосии кори муассисаҳои таълимӣ нарасидани маводи таълимӣ ба забони тоҷикӣ буд. Таҳлили вазъи ташкили муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру марказҳои ноҳия ва вилоят нишон медиҳад, ки муаллимон, роҳбарони муассисаҳои томактабӣ асосан мутахассисони русзабон буданд, ки ба маводи таълимию методӣ ба забони модарии аксарияти кӯдакон эҳтиёҷ надоранд. Ҳамчунин, намояндагони миллатҳои дигар ва тоҷикон барои идомаи таҳсил забони русиро ҳамчун забони таълим интихоб кардаанд.

Зиёда аз 84%-и кӯдакони аз 3 то 6-сола дар Тоҷикистон бинобар тақсимоти нокифояи захираҳои давлатӣ, динамикаи демографӣ бо афзоиши пуршиддати аҳолӣ, вобастагӣ аз маблағгузории беруна, имкониятҳои иқтисодӣ барои волидон ва набудани таҳсилоти ибтидоии томактабӣ, бахусус дар деҳот ва манотиқи дурдаст таҳсил намекунанд. Сарфи назар аз афзоиши сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ ба таҳсилоти томактабӣ, мизони фарогир дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар Тоҷикистон бетағйир боқӣ монда, аз соли 2014 то инҷониб дар сатҳи 15,9% боқӣ мондааст.

Ҷузъи муҳимтарини пешравии таҳсилоти томактабӣ ҳалли масоили таъминот бо кадрҳои дорои маҳорати касбӣ ва ботаҷриба мебошад. Самтҳои асосии ҳалли масоили нарасидани мутахассисони касбӣ дар соҳаи азнавтайёркунии кадрҳо буда тавассути ин чораҳои зерин амлӣ мегарданд:

- бозомӯзии мутахассисон барои таҳсилоти томактабӣ (гурӯҳҳои синни 6-сола) аз ҳисоби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
- такмили маҳорати касбии мутахассисон ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия;
- омода намудани кадрҳо бо ихтисосҳои нави педагогӣ:
- ҷалби муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ бо ихтисосҳои нави педагогӣ;
- тайёр намудани мутахассисон барои марказҳои инкишофи кӯдак ва дигар шаклҳои имконпазир дар назди коллеҷҳои омӯзгорӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккули системаи самараноки идоракунии захираҳои молиявиро дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ метавон яке аз ҷузъҳои натиҷаи фаъолияти он номид, ки дар шароити кунунии иқтисодӣ бозорӣ ва рақобат амал мекунад. Вобаста ба ин, дар айни замон дар таҷрибаи иқтисодии давлати мо ба мушкилот ва масъалаҳои идоракунии захираҳои молиявӣ дар ҷараёни идоракунии стратегии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ диққати бештар дода мешавад. Ташкилоти тиҷоратӣ шахси ҳуқуқӣ мақсади асосии он ба даст овардани фоида буда, дар байни ҳамаи иштирокчиён тақсим карда мешавад. Ба даст овардани мақсади аввала – ба даст овардани даромади устувор ва афзоиши минбаъдаи он тавассути фурӯши молу хизматрасонӣ ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби сармояи оинномавӣ, ки аз саҳми муассисон ва иштирокчиён ташаккул ва таъсис меёбанд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсиси ҳама гуна имтиёзҳои иҷтимоиро барои давлат ва аҳолӣ ҳадафи асосии худ медонад. Инҳо чорабиниҳои хайрия, барномаҳои фарҳангӣ, чорабиниҳои тандурустии ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Хусусиятҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ва фарқиятҳои онҳоро омӯхта, мо метавонем ба хулосае биёем, ки сарфи назар аз баъзе шабоҳатҳо, инҳо намудҳои комилан гуногуни шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки аз рӯи ҳадафи фаъолияти онҳо муайян карда шудаанд. Фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ бевосита ба он

нигаронида шудааст аз фаъолияти гуногун фоида ба даст овардан ва ҳама гуна фаьолияти ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад.

Ба ҳамин тариқ метавон гуфт, ки ташкилотхои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ қисми таркибии муносибатҳои бозоргонӣ мебошанд. Ҳар кадоми онҳо ҳадафи худ, хусусиятҳои худро доранд. Давлат бо зиёд кардани шумораи ин гуна ташкилотҳо кӯшиш мекунад, ки ин корхонаҳоро инкишоф диҳад ва нигоҳ дорад, ки дар оянда барои афзоиши иқтисодиёти давлат фоидаи боздеҳ медиҳад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” (ш Душанбе, 21 декабри 2021)
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш.Душанбе, 22 декабри соли 2018).
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми якум (аз 11.03.2010с, №601), (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010, №6, мод. 153,154)
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» аз 2.12.2002 сол. таҳти № 68
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» аз 22.05.1998 сол. таҳти № 649
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 12 майи соли 2007, таҳти №5)
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то со7ли 2030. - Душанбе: «Ирфон» 2016. - 72 с.
8. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Душанбе, 2019. -80 с.
9. Алексеев К.С. Методика анализа финансово-хозяйственной деятельности предприятия //Справочник экономиста. - 2012. - № 1. - С.14-25.
10. Бошнякович Н.С. Сбалансированность платежеспособности предприятия и ликвидности его финансовых ресурсов // Экономический анализ. – 2006. - № 6. – С.55-61.
11. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2019. (293 с).
12. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2020. (305 с).
13. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2021. (316 с).
14. Комилов С.Ҷ, Давлатзод У. Иқтисоди корхонаҳо. Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2000. - 140 с.
15. Комилов С.Ҷ, Низомова Т. Д. Иқтисоди корхонаҳо / Китоби дарсӣ. Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. - 244 с.
16. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон (https://nbt.tj).
17. Сомонаи расмии Бонки Эсхата (https://www.eskhata.com).
18. Шеремет А.Д., Негашев Е.В. Методика финансового анализа. - М.: ИНФРА – М, 2002. – 208с.
19. Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности.- М.: ИНФРА-М.- 2006.- 178 с.


# СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ФИНАНСОВО ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ КОММЕРЧЕСКИХ И НЕКОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ


**АМИНОВ ШАМСУЛО АСОЕВИЧ,**

кандидат технических наук, дотцент кафедры физики
Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, р. Шомансур ул. Зафар 385.

Тел.: (+992) 917-17-62-03. E-mail: kasaba_dtt@mail.ru
**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА,**
старший переподаватель и соискатель
кафедры информационных технологий и информационной безопасности
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-81-88-85. E-mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru

*В данной статье определяются финансовое состояние и конкурентный статус учреждения, важнейшие дескрипторы хозяйственной деятельности организации и ее потенциал для сотрудничества и оценивается уровень гарантии ее партнеров.*

*В своей статье об основных признаках разграничения некоммерческих организаций автор привел города, которые рассматривали потребительские кооперативы как исключение из общего правила некоммерческих организаций, поскольку они имеют право распределять прибыль, полученную от предпринимательской деятельности, деятельность в пределах своих законных прав среди членов.*

*Также автор в своей статье отметил, что некоммерческие организации могут оказывать услуги по разной стоимости.*

***Ключевые слова:*** *экономические, конкурентоспособные, гарантированные, инвестиции, некоммерческая организация, кооперативы, ликвидность, рентабельность, предприятие.*

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE FINANCIAL AND ECONOMIC SITUATION OF COMMERCIAL AND NON - COMMERCIAL ORGANIZATIONS

**AMINOV SHAMSULO ASOEVICH,**
candidate of technical science, associate professor of the Department of Physics
Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 385, Zafar st.
Phone: (+992) 917-17-62-03. E-mail: kasaba_dtt@mail.ru
**MAKHKAMOVA ISHKINISO INOMOVNA,**
senior lecturer of the Department of Information Technology and Information Security of the
Academy of Public Administration under the President Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 935-81-88-85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru

*In this article, on the financial status and competitive status of the institution, the most important descriptor of the economic activity of the organization and its potential for cooperation is determined and the level of guarantee of its partners is evaluated.*

*In his article on the main signs of distinguishing non-commercial organizations, the author gave the city, which considered consumer cooperatives as an exception to the general rule of non-commercial organizations, because they have the right to distribute the profits they get from business activities within the limits of their statutory rights among members.*

*The author also noted in his article that non-profit organizations can provide services at different costs.*

***Keywords:*** *economic, competitive, guaranteed, investment, non-profit organization, cooperatives, liquidity, profitability, enterprise.*

УДК: 332.54.001.102

# БАЪЗЕ МУАММОҲОИ АСОСИИ МОДЕЛСОЗИИ РИЁЗИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ХУҶАҚУЛОВ НИЁЗ ҶУМАЕВИЧ,**
муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-70-12-15.

*Дар мақолаи мазкур муаммоҳои мубрами моделсозии риёзии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар шароити муосир дида баромада шудааст. Мафҳум, моҳият, мазмун, зарурият ва имконияти моделсозии риёзии истифодабарии заминҳои таъиноти соҳаи кишоварзӣ оварда шудааст. Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ зарурият ва имконияти моделсозии риёзии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ нишон дода (асоснок карда) шудааст. Дар вақти моделронии истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар шароити муосир дар навбати аввал ба замин, ҳамчун моликияти давлат муносибат карда, ба маҳсулоте, ки аз замин дар натиҷаи коркард намудани он гирифта мешавад – моликияти заминистифодабарандагон ҳисоб кардан лозим мешавад, ки дар мақола инъикоси худро ёфтааст.*

*Дар сатҳи хоҷагӣ вобаста аз ҳаҷми замин коэффитсиентҳои технологии мувофиқро интихоб намудан, дар қатори замин дигар омилҳои истеҳсолотро истифода бурдан, дар модели оптималикунонии иқтисодӣ-риёзии истифодабарии замин, сохтори майдони киштзори зироатҳои кишоварзӣ, моделсозии функсияи мақсад, интихоби критерияи самаранокии истифодабарии замин ва сохти майдони киштзорҳо аҳамияти махсус дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *замин, заминҳои кишоварзӣ, моделсозии риёзӣ, истифодабарии замин, майдони кишт.*

Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилдиҳандаи муҳимтарини комплекси агросаноатӣ ва равияи фундаменталии зеркомплекси хӯроквории он мебошад. Маълум аст, ки дар соҳаи мазкур маҳсулотҳои хӯроквории тару тозаи аслӣ-табиӣ барои аҳолӣ, ашёи хом барои соҳаҳои саноатии коркардкунанда, хӯрока барои чорво, парранда, тухмӣ барои зироатҳои кишоварзӣ истеҳсол кардашуда, нуриҳои органикӣ (пору ва коркарди он, инчунин дигар намудҳои нуриҳои органикӣ) ва ниҳолҳои растаниҳои гуногун тайёр карда мешаванд.

Соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳои иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан фарқ карда, хусусиятҳои алоҳидаи ба худ хосро доро мебошад, ки онҳо дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ мушоҳида карда намешаванд. Ин хусусиятҳо дар маҷмӯъ ҷои кишоварзиро дар системаи иқтисодии ҷумҳурӣ, ҳамчун соҳаи бунёдӣ муайян мекунад. Ба тавре дастаи махсуси соҳаи кишоварзӣ як қатор хусусиятҳои онро номбар кардан мумкин аст. Масалан, вобастагии он аз иқлим, шароити географӣ, ҷойгиршавӣ, муҳити табиӣ, *истифодабарии замин,* меҳнат (дастӣ, механиконидан ва автоматикунонӣ), об, нуриҳо, фарқи вақти сарф намудани меҳнат- меҳнатгузорӣ ва гирифтани натиҷаи он, маблағгузорӣ (ё ин ки сармоягузорӣ) ва ҷамъоварии маҳсулот, мураккабии истифодабарии мошинаҳои кишоварзӣ, агрегатҳои зарурии онҳо, воситаҳои автоматикунонии ҷараёнҳои технологии парвариш намудани зироатҳои ҳосилдеҳанда ва чорво, истеҳсол кардани маҳсулотҳои растанипарварию чорводорӣ, кашондани онҳо, нигоҳ доштан, коркарди ибтидоии онҳо, ба истеъмолкунандагон расондан ва ғайраҳо.

Дар ин ҷо ба назар доштан лозим аст, ки агар як қисми маҳсулот ба тарзи маҳсулоти мобайнӣ, дар ҷараёни технологии истеҳсолот истифода бурда шавад, он гоҳ қисми дигари он, ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷараёни истеҳсолот берун мебарояд.

Охирон дар навбати худ мустақиман, ҳамчун маҳсулоти талаботи ҳаррӯза барои истеъмоли мардум равона карда мешавад, ки онро харида мегиранд.

Кишоварзӣ - ин маҷмӯи хоҷагиҳо ва корхонаҳое мебошад, ки онҳо субъектҳои хоҷагидорӣ буда, маҳсулотҳои як ҷинса истеҳсол мекунанд. Қабул карда шудааст, ки кишоварзӣ, ҳамчун соҳаи истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ ба ду зерсоҳа, яъне растанипарварӣ ва чорводорӣ ҷудо карда мешавад. Дар моделсозии риёзӣ имконияти ҳамчун зерсоҳаҳои алоҳида ҷудо намудани боғдорӣ ва ангурпарварӣ, инчунин дастаи маҳсулотҳо ё ин ки маҳсулотҳои алоҳида низ мавҷуд аст. Чун, ки ҳамаи зерсоҳаҳои зикрёфта бо ҳамдигар алоқаманд, вобаста ва таъсиррасон буда, барои ҳамаи онҳо «махраҷи умумӣ» он мебошад, ки замин истифода бурда мешавад.

Маълум аст, ки дар баъзе хоҷагиҳои кишоварзӣ ба ғайр аз маҳсулотҳои растанипарварӣ, боғпарварию ангурпарварӣ ва чорводорӣ боз якчанд намудҳои маҳсулотҳои саноатӣ низ истеҳсол карда мешавад, ки онҳо маҳсулотҳои дуюмдараҷа – натиҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Ин намуд маҳсулотҳо ҳамчун ҳосила аз маҳсулотҳои якумдараҷаи кишоварзӣ – маҳсулотҳои растанипарварӣ, чорвопарварӣ, боғпарварӣ ва ангурпарварӣ баъд аз коркари аввалияи онҳо тайёр карда мешаванд. Масалан, орд, алаф, майдаи ғалладонагиҳо, гранулҳо, маҳсулотҳои гуногуни сабзавотӣ, меваҷот, ширӣ, гӯшт, маҳсулотҳои гӯштӣ ва ғайра.

Дар модел инъикос намудани чунин ҷараёнҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳатмӣ мебошад. Дар системаи шартҳои маҳдуднокии масъала-модел ба ҳар як намуди он, ҳамчун нобаробарӣ ҷои махсус дода, бо аломати мувофиқ ифода кардан лозим мешавад. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамчун қоида шарти таъмин намудани талабот бо коэффитсиентҳои мувофиқ шарти баробари «=»-ро истифода мебаранд. Ин маънои онро дорад, ки талабот ба намуди маҳсулоти мазкур аз рӯи шартҳои меъёрии гузошташуда ҳатман таъмин карда шавад.

Яке аз вазифаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ – ин беҳтар, оқилона пурра ва самаранок истифода бурдани замин, ҳамчун воситаи асосӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ мебошад. Аз тадбиқ намудани усулҳои нави хоҷагидорӣ, ташкили меҳнати илман асоснок, оқилона ташкил намудани заминсозӣ, истифодабарии замин ва баҳисобгирии пурра, дақиқ ва саривақтии он натиҷагирии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, истифодабарии усулҳои мавҷуд будаи таҳлил, банақшагирӣ, пешгӯи кунӣ, идоракунии захираҳои замин ва баланд бардоштани сатҳи истифодабарии замин, такмил додани онҳо, ҳамчун масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб мераванд, ки онҳоро низ дар модел ҷой кардан лозим мешавад.

Дар ин ҷо, ба воситаи тадбиқ намудани усулҳо ва моделҳои иқтисодию математикии навтарини таҳлил, банақшагирӣ (барномасозии истеҳсолӣ), пешгӯикунӣ, идоракунии захираҳои замин ва баланд бардоштани сатҳи истифодабарии замин, махсус майдони киштзорҳо имконияти ҷустӯҷӯ намудан ва ёфтани роҳҳои ҳосилхез намудани майдони киштзорҳо, зиёд намудани миқдори ҷамъоварии маҳсулоти растанипарварӣ, боғпарварӣ, ангурпарварӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ мавҷуд мебошад.

Дар замони муосир новобаста аз ҳаҷм ва сифати замин, хоҷагиҳои деҳқонӣ бисёрсоҳавӣ буда, ҳамзамон якчанд намудҳои зироатҳои, кишоварзиро парвариш мекунанд, ки онҳо аз ҳамдигар бо баъзе ҷиҳатҳои хочагидорию иқтисодӣ, механиконидан, аз рӯи имконият автоматикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ, агротехникаи парвариш ва технологияи инноватсионии муосир алоқаманд мебошанд. Дар ин ҷо, дар дохили худи хоҷагиҳо вобастагиҳо ва таъсиррасониҳои байни соҳаҳои растанипарварӣ, боғпарварӣ ва чорводорӣ, инчунин коркарди аввалияи маҳсулотҳои дар корхона ва хоҷагӣ истеҳсолкардашуда низ мушоҳида карда мешавад. Аз ин лиҳоз дар

назди хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои гуногуни кишоварзӣ муаммоҳои тақсим намудани захираҳои истеҳсолӣ монанди замин, меҳнат, сармоя, об, нуриҳои минералӣ, органикӣ ва ғайра меистад. Дар ин ҷо миқдори зиёди вариантҳои ҷудокунӣ, ё ин ки тақсимоти захираҳои истеҳсолӣ ва ҳамаи омилҳои истеҳсолот дар байни зироатҳо, ҳаҷми калони маълумотҳои иқтисодӣ ва технологиро дида баромадан, коркард кардан, инчунин истифода бурдан лозим мешавад. Ин хел душвориҳо барои муайян кардани таркиб ва сохти истеҳсолот ва мутаносибиҳои беҳтарини истифодабарии заминро дар хоҷагиҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ боз ҳам мураккабтар месозад. Барои ҳал намудани чунин муаммоҳои мубрам, такмил додани усулҳои ташкил, баҳисобгирӣ, таҳлил, банақшагирии истифодабарӣ ва идоракунии захираҳои замин, заминсозӣ, инчунин пешгӯи намудани истифодабарии замин ва шакли (сохти) таркибии майдони киштзорҳо дар хоҷагиҳо аз усулҳои риёзӣ, аз он ҷумла усули моделсозии риёзии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва технологӣ, моделсозии системавии риёзӣ ва функсияҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо, ҳар як шарти гузошташуда, ҳамчун нобаробарии алоҳида, бо аломати «≥» ё ин ки «≤» дар ситемаи шартҳои маҳдуднокии модел дохил карда мешавад.

Маълум аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои растанипарварӣ аз андозаи майдони кишт, ҳосилнокии зироатҳо ва сохти майдони кишт вобаста аст. Истифодабарии моделсозии риёзӣ, ё ин ки иқтисодӣ- риёзӣ ба корхонаҳо ва хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳад, ки бо воситаи тартиб додан, ҳал намудан ва дар амал ҷорӣ намудани натиҷаи ҳалли моделҳои гуногуни оптималикунонии истифодабарии замин, сохти майдони кишт ва вариантҳои беҳтарини онҳоро муайян кунанд, ки чунин варианти муайян карда шуда, бояд ба мақсади дар назди худ гузоштаи онҳо мувофиқат кунад.

Дар замони муосир низоми иқтисоди бозоргонӣ дар истифодабарии моделҳои риёзӣ дар ҳолати хусусӣ ва усулҳои иқтисодию риёзӣ, дар умум мушкилиҳои зиёде мавҷуд мебошад. Ин мушкилиҳо асосан ба муносибатҳои бозорӣ гузаштан алоқаманд буда, дар оянда дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолият намудани хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии замин аз тарафи заминистифодабарандагон вобаста мебошанд.

Маълум аст, ки дар шароити низоми иқтисодии банақшагирии марказонидашуда, истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз рӯи нақшаи муайян ташкил ва фаъолият намуда, идора карда мешуданд. Чунин фаъолият барои иҷро намудани нақшаи (дар низоми иқтисоди банақшагирӣ) давлатӣ ташкил карда шуда буд. Дар амал иҷро намудани нақша аз тарафи муассисаҳои мутассадии давлатӣ назорат карда мешуд. Чунки барои ба даст даровардани нишондиҳандаҳои нақшавӣ ҳамаи омилҳои истеҳсолот муҳайё буд, яъне давлат бо омилҳои истеҳсолот таъмин мекард. Шарти асосӣ он буд, ки замин, меҳнат ва маблағҳои ҷудокардашуда фақат аз рӯи мақсад истифода шуданаш лозим буд. Барои ҳамин ҳам дар вақти тартиб додани чӣ моделҳои иқтисодӣ-риёзии алоҳидаи ҷудогона, чӣ системаи моделҳо имкониятҳои беҳад васеъ буд, ки онҳоро истифода мебурданд. Дар ин ҳолат манфиатҳои хоҷагиҳо, ҷамоатҳо, ноҳияҳои маъмурӣ, вилоятҳо, ҷумҳириҳои иттифоқӣ ва мамлакати Шӯравӣ пурра якто буд, ҳамчун як системаи иқтисодии яклухти ягонаи бутуни беҳад мураккаб, бо сохти бисёрсатҳаи идорашавандаи мақсаднок нигоҳ карда мешуд. Дар ин ҷо манфиатҳои хоҷагиҳо, маҳалҳо, ҷамоатҳо, ноҳияҳои маъмурӣ, вилоятҳо (минтақаҳо), ҷумҳурӣ дар умум бо алоқамандиҳои мураккаби вертикалӣ ва горизонталии байни худ бевосита ё ин ки мустақим ва баръакс яктаю ягона буданд. Ҳамаи элементҳо, комплексҳо, зерсистемаҳои чӣ сатҳи поёнӣ, чӣ сатҳои мобайнӣ, чӣ сатҳи баландтарин якҷоя як системаи иқтисодиро ташкил дода, барои ба мақсади дар пеш гузоштаи системаи мазкур хизмат мекарданд. Аз ин лиҳоз, системаи моделҳои

иқтисодӣ - риёзии оптималикунонӣ тартиб дода, алгоритми мувофиқкунӣ кор карда бароварда шуда ё алгоритми мавҷуд будаи тайёрро истифода бурда ё ин ки онро такмил дода, баъд истифода бурда, амалкунии оптималии системаи иқтисодии бисёрсатҳа (бисёрзина) –и истифодабарии заминро таъмин кардан мумкин буд. Дар ин самт таҷрибаи хуб ҳам мавҷуд аст. Аммо, ҳоло ҷараёни тамоман дигар мушоҳида карда мешавад, ки дар моделсозии риёзии истифодабарии замин муаммоҳои нави интизор набударо эҷод мекунад, ки ҳалли онҳо муносибатҳо ва нуқтаи назари нави пешқадамро тақозо мекунад. Дар шароити имрӯза замин моликияти давлат бошад ҳам, дар соҳаи кишоварзӣ субъектҳои гуногуни шакли хоҷагидорӣ ҳамчун заминистифобаранда фаъолият мекунад ва маҳсулотҳое, ки онҳо истеҳсол мекунанд, моликияти худи онҳо мебошад [1,2,3].

Истифодабарандагони замин чӣ хеле, ки мехоҳанд ва аз рӯи имконият метавонанд, ҳамин тавр заминро коркард мекунанд, агротехникаи ба худаш маъқулро истифода мебаранд, дар хоҷагии худаш татбиқ мекунанд. Бо хоҳиши худашон кадом намуди зироатро хоҳанд ҳамонро мекоранд, мешинонанд, парвариш мекунанд ва ҳосилашро мегиранд, ҷамъоварӣ мекунанд. Бо маҳсулотҳои истеҳсол кардаашон дар навбати аввал худашонро пурра таъмин мекунанд. Баъд аз он боқимондаашро ба бозор барои фурӯш мебароранд ё ин ки бо ҳамдигар (тавсиякунанда ва харидор) иваз мекунанд. Дар вақти харидани омилҳои истеҳсолот ва истифодабарии он низ хоҷагиҳо озод мебошанд[3. Боби 4. Моддаи 13.].

Азбаски дар бисёр хоҷагиҳо мошинаҳои кишоварзӣ ва агрегатҳо барои онҳо мавҷуд нест, барои интихоб намудани аз куҷо, чӣ тавр дарёфт кардан ва истифода бурдани онҳо, инчунин дар механиконидани истеҳсолот низ озод мебошанд. Аз ин лиҳоз, усули моделсозии иқтисодӣ-риёзии равандҳои иқтисодӣ ва технологӣ бо он мазмуне, ки дар шароити иқтисоди банақшагирӣ ҷой дошт, ҳамчун таҷрибаи самарабахш, фақат дар маҳал, дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзии имрӯза истифода бурдан мумкин аст. Аммо танҳо дар сатҳи корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар ин ҷо, ҳар як намуди омилҳои истеҳсолӣ дар модел бо коэффитсиентҳои технологии алоҳидаи мувофиқи худ, дар ҳаҷми дастрасии он, ҳамчун нобаробарӣ дохил карда шуданаш мумкин аст, чунки деҳқон дар майдони замини худ кадом намуд зироатро парвариш мекунад, ҳосили онро ҷамъоварӣ мекунад, чанд қадарашро худаш истеъмол ё ин ки тақсим (ҳадя) мекунад ва чанд қадарашро ба бозор барои фурӯш мебарорад, ӯ худаш қарор қабул мекунад. Аз ин лиҳоз мумкин, ки чунин қарор ба «супориши» ташкилотҳои мутассадии соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун обеъкти моделиронидан, кишоварзии ноҳияҳои маъмурӣ, минтақаҳо ва ҷумҳурӣ рост наояд.

Мақсади истифодабарии замин дар ҳар як хоҷагиҳои алоҳида ва дар сатҳи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва соҳаи кишоварзии ноҳияҳои маъмурӣ рост намеояд. Аз чунин сабабҳо иборат мебошад.

Омӯзиши чунин сабабҳо мавзӯи алоҳида мебошад. Муаммои мазкур, муаммои басо мураккаб буда, муҳлати ҳалли он як- ду рӯза ё ин ки даҳсолаҳо набуда, вақт ва омӯзиши мукаммалро талаб мекунад.

Дар шароити имрӯза қоида, қонун, тартиб ва принсипҳо, инчунин усулҳои тамоман дигар, яъне иқтисодӣ бозор ё капитализм – усули, тарзи истеҳсолоти капиталистӣ амал мекунанд, ки аз тарзи истеҳсолоти низоми сотсиалистӣ фарқи куллӣ дорад. Азбаски дар шароити истеҳсолоти муносибатҳои капиталистӣ манфиатҳои хоҷагиҳо ва соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, воҳидҳои ҳудудии мамлакат гуногунанд, мувофиқкунии критерияҳои оптималнокии (оптималикунонии) глобалӣ ва локалӣ дар

истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодабарии замин беҳад мураккаб мебошанд. Эҳтимол муаммои бо ҳамдигар мутобиққунии ин критерияҳо дар асоси тартиб додани системаи моделҳо бо роҳи мувофиққунии моделҳои алоҳида ба тариқи мантиқӣ, алгоритмӣ ва иттилоотӣ барои офаридани системаи моделҳо ва таъмин намудани амалиёти он, ҳоло дар як муҳлати наздик ҳалли худашро наёбад, аммо гумон ҳаст, ки дар мӯҳлати муайян ин масъала ба таври мусбӣ ҳал карда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки усулҳои иқтисодӣ- риёзӣ (оморӣ-риёзӣ, мувозинӣ, оптималикунонӣ, моделсозии риёзӣ ва моделсозии системавии иқтисодӣ-риёзӣ), махсус моделсозии риёзӣ барои ҳал намудани масъалаҳои банақшагирии истифодабарии замин дар хоҷагиҳои кишоварзӣ васеъ истифода бурда мешавад [8,9,10,11,12].

Дар ин ҷо, усулҳои риёзии банақшагирӣ гуфта, татбиқи усулҳои риёзии мувофиқро барои ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ- банақшагирӣ меноманд. Пас аз он, ки масъала гузошта мешавад, албатта онро ҳал кардан лозим аст. Барои ҳал намудани моделҳои тартиб додашудаи истифодабарии замин усулҳои гуногуни барномасозии риёзӣ, аз ҷумла барномасозии хаттӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ- риёзӣ беҳад мушкил буда, баъзии аз онҳо ҳалли худро надорад, баъзии онҳо ҳалли ягона доранд ва як қисми дигари онҳо маҷмӯи ҳалҳои беохирро доранд. Дар кишоварзӣ як гурӯҳи масъалаҳои истифодабарии замин ҳалл карда мешаванд, ки онҳо ҳалҳои беохир доранд, масалан, истифодабарии замин, заминсозӣ ва идоракунии захираҳои замин, оптималикунонии сохти майдони киштзорҳои кишоварзӣ ва ғайра. Масъалаҳое, ки ҳалли беохир доранд аз шароитҳои беҳад бисёри истеҳсолот, намуд ва миқдори омилҳои истеҳсолот, меъёри истифодабарии онҳо, қонеъкунондани талабот ба маҳсулотҳои кишоварзӣ, чӣ аз тарафи аҳолӣ- ҳамчун истеъмолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ, чӣ аз тарафи соҳаҳои алоҳидаи саноати коркардкунандаи ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди маъмурии он, яъне мамлакатҳои дури наздик, чӣ аз тарафи соҳаи чорводорӣ ҳамчун истифодабарандаи хӯроки чорво, чӣ аз тарафи растанипарварӣ, дар куҷо пору ҳамчун нуриҳои органикӣ истифада бурда мешавад - ин аз як тараф; мушкилиҳои шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ - аз дигар тараф, вобастагии зич доранд. Ҳамаи ин ва дигар шарту шароитҳое, ки дар ин ҷо оварда нашудааст, аммо дар соҳаи кишоварзӣ ҷой доранд, фазои ҳалли масъаларо хело маҳдуд ва маҳкам, инчунин мураккаб мекунад. Дар ҳамин доираи сарбастаи маҳкаму маҳдуд ҷустуҷӯ кардан ва ёфтани ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи кишоварзӣ, ки ба самти расидани мақсад пай дар пай, қадам ба қадам майл карда ба он наздик мешавад ва дар охир ба мақсади назди худ гузошта мерасанд, беҳад мураккаб мебошад.

Боз як нуктаи беҳад муҳимро қайд кардан лозим аст, ки соҳиби замин давлат мебошад. Барои ҳамин давлат бояд истифодабарии пурра, оқилона ва варианти беҳтарини замин - воситаи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзиро назорат, батартибандозӣ, ба низом даровардани онро таъмин карда, идора кунад, вариантҳои беҳтарини қарорҳои идоракуниро қабул кунад.

Барои он, ки дар асоси натиҷаи тартиб додан ва ҳал намудани модели риёзии истифодабарии замин ба муассисаҳои ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва идоракунии давлатӣ иттилооти илман асоснок кардашударо пешиҳод кунад, бояд моделҳои тартиб додашаванда бо маълумотҳои пурра, саҳеҳ, меъёрҳои агротехникии илман асоснок карда шуда лозим мешавад. Ҳоло ин хел маълумотҳои оморӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайраро дастрас кардан мушкилиҳои зиёд дорад. Аз ин лиҳоз, худи илмҳои муосири баҳисобгирии муҳосибии кишоварзӣ, омори кишоварзӣ ва фанҳои технологии соҳаи кишоварзӣ, ҳамчунин фаъолияти муассисаҳое, ки бо тайёр кардани маълумотҳои иқтисодӣ машғул мебошанд,

такмил додан, мукаммал кардан лозим аст. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки ҷараёни моделсозӣ ва технологияи он бо ҳамаи маълумотҳои тағйирёбанда ва доимии иқтисодии лозимию зарурӣ оид ба замин, истифодабарандагони замин, заминсозӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ пурра таъмин карда шавад. Қайд кардан лозим аст, ки маълумотҳои иқтисодӣ ва технологие, ки барои тартиб додани моделҳои иқтисодӣ - риёзӣ лозим мешавад, аз доираи маҷмӯи маълумотҳои омори кишоварзӣ, омори иқтисодӣ, баҳисобгирии муҳосибии кишоварзӣ, агрономию зоотехникӣ берун мебароянд, чунки дар моделсозӣ талабот ба таъминоти иттилоотӣ аз маълумотҳое, ки ҳоло мавҷуд аст, тамоман фарқ мекунад ва ҷиддӣтар аст. Аз ин лиҳоз барои моделиронидани истифодабарии замин, заминсозӣ, сохти майдони киштзорҳои соҳаи растанипарварӣ, боғпарварӣ ва ангурзорҳо чорвопарварӣ, мурғпарварӣ ташкил кардани бонки маълумотҳои мувофиқи зарурӣ, таъминоти ва ғайра иттилооти иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад. Муаммои дигар *моделиронидани функсияи мақсад* мебошад[4,5,7].

Агар дар хоҷагиҳои алоҳида ҳамчун критерияи оптималӣ, оптималнокӣ, оптималикунонӣ як ё ин ки якчанд (масъалаи бисёркритериявӣ) нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодабарии замин, маблағгузорӣ/сармоягузорӣ дар хоҷагиҳо, корхонаҳо интихоб карда шавад, онгоҳ дар сатҳи соҳаи кишоварзӣ, ноҳияҳои маъмурӣ, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ дар умум имконияти интихоб кардани он ғайриимкон аст. Ин масъала омӯзиши махсусро талаб мекунад. Ин муаммо дар давраи Шӯравӣ на он қадар душвор буд. Ҳоло беҳад мураккаб аст. Сухан дар бораи он меравад, ки ҷамоатҳо, ноҳияҳои маъмурӣ, вилоятҳо соҳиби на замин ҳастанду на маҳсулотҳои дар ҳудуди онҳо истеҳсол карда шуда мебошанд[3].

Салоҳияти онҳо дар [2] ва [3] муфассал оварда шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки онҳо кишоварзонро ба ягон намуди неъматҳои моддӣ, воситаҳои техникӣ, омилҳои истеҳсолот, ки барои истифодабарии замин заруранд таъмин карда наметавонанд. Дар ин ҷо фақат як чиз маълум аст: замин моликияти давлат ҳасту соҳиби маҳсулоти истеҳсол карда шуда моликияти деҳқон ва чорводор мебошад. Ҳамин тавр ҳукуматҳои маҳаллӣ корҳои зарурии истифодабарии заминро бо розигии ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва ташкилотҳои марказии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд. Албатта аз нав ташкил кардан ё ба тарзи нав ташкил кардани хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатии дар давраи Шӯравӣ мавҷуд буда, ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонии коллективии ҳозиразамон, деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ ва ғайраҳо аз инҳо истисно аст.

Дар ин ҷо мо як қисм муаммоҳои асосии тартибдиҳӣ ва тадбиқ намудани усули моделсозии иқтисодӣ-риёзиро дар истифодабарии замини таъиноти соҳаи кишоварзӣ дида баромадем. Аммо дигар қисми зиёди муаммоҳои ба масъалаи гузошташуда таллуқдошта берун аз ҳудуди мулоҳизаҳои мо монд. Балки онҳо боз ҳам муҳимтар ва рӯзмарраи зарурӣ мебошанд. Аз муайян кардан ва ҳал намудани муаммоҳои моделсозии риёзии истифодабарии замин ва заминсозӣ, инчунин равандҳои иқтисодӣ ва технологии замин истифодабарӣ дар кишоварзии муосир беҳад бисёр масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ вобаста мебошанд. Яке аз чунин масъалаҳо бевосита бо муаммои таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулотҳои хӯрокаи кишоварзии истеҳсоли худӣ ва соҳаҳои мувофиқи коркарди саноатии ҷумҳурӣ бо ашёи хом вобастагии зич дорад. Бо ибораи дигар, воситаи беҳад муҳими таъминоти бехатарии озуқаворӣ ҷумҳурӣ мешавад, ки мо дар оянда ба омӯзиши чунин масъалаҳо машғул мешавем. Ҳалли чунин муаммоҳои асосии моделсозии риёзӣ, тартиб додан ва ҳал намудани моделҳои алоҳида ва системаи онҳо самаранокии истифодабарии заминҳои таъиноти кишвоарзиро дар шароити муосир баланд мебардорад. Аз ин лиҳоз, усули моделсозии

риёзӣ дар самти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ воситаи беҳад муҳим буда, ба тартиб додан ва ҳал намудани чунин моделҳои алоҳида, тадбиқ намудани онҳо дар заминсозӣ ва истифодабарии замин дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти ҷиддӣ ва зарурииро талаб мекунад.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон/ 22 майи соли 2016.
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2022 № 1902.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аз 15 марти соли 2016 № 1289.
4. Стативка И. М. Оптимизация использования земель в районном агропромышленном объеденини – К.: «Урожай», 1987. – 160 с.
5. Практикум по экономико-математическим методам и моделированию в землеустройстве /Под ред. Волкова С. Н., Твердовской Л. С. – М.: Агропромиздат, 1991. – 256 с.
6. Кухтин П. В., Левов А. А., Лобанов В. В., Семкина О. С. Управление земельными ресурсами: Учебное пособие, - СПБ: Питер, 2005. – 384 с.
7. Математическое моделирование экономических процессов в сельском хозяйстве/Гатаулин А. М. и др. – М.: Агропромиздат, 1990. – 432 с.
8. Сигал А. В.Моделирование экономики. – Москва: ИНФРА-М, 2021. – 283 с. :
9. Худжакулов Н. Д. Необходимость и возможность системного математического моделирования сельскохозяйственного землепользования (статья) Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. Кишоварз (Земледелец). Теоретический и научно – практический журнал №11 2012г., с. 38–39.
10. Худжакулов Н. Д. К вопросам разработки системы экономико- математических моделей регионального землепользования в сельском хозяйстве (статья) Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. Сборник научных статей. Материалы международной научно- практической конференции на тему «Продовольственная безопасность: состояние и перспективы» посвященной 20-летию Независимости РТ и 80-летию ТАУ имени Ш. Шотемур 8-9 октября 2011г. Душанбе- 2012., с. 512- 516
11. Худжакулов Н. Д. Землепользование - как объект системного математического моделирования (статья) Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. Сборник научных статей. Материалы международной научно- практической конференции на тему «Продовольственная безопасность: состояние и перспективы» посвященной 20-летию Независимости РТ и 80-летию ТАУ имени Ш. Шотемур 8-9 октября 2011г. Душанбе- 2012
12. Худжакулов Н. Д. О разработке системы экономико- математических моделей оптимизации сельскохозяйственного землепользования (тезисы доклада) Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. Сборник научных статей. Материалы международной научно-практической конференции на тему «Эффективное использование биоклиматических факторов, при выращивании сельскохозяйственных культур на пахотных землях» посвященная 20 летию XVI сессии Шурои Олии Республики Таджикистан и 15- летия Национального примирения 31 марта 2012 г. Душанбе


## НЕКОТОРЫЕ ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ МАТЕМАТИЧЕСКОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ХУДЖАКУЛОВ НИЁЗ ДЖУМАЕВИЧ,**
старший преподаватель
кафедры государственного управления и национальной экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 918-70-12-15.

*В данной статье рассматриваются некоторые актуальные проблемы математического моделирования использования сельскохозяйственных земель. Приводятся понятие, сущность, смысл, необходимость и возможноть математического моделирования использования земель сельскохозяйственного назначения. При этом показывается (обосновывается) необходимость и возможность математического моделирования земель сельскохозяйственного назначения в современных условиях рыночной экономики.*

*В современных условиях, при моделировании использования земель сельскохозяйственного назначения в первую очередь необходимо относиться к нему как государственной собственности, а продукция, которая получается путем обработки земель, как собственности землепользователей. Именно такой подход выражается в данной статье.*

*На уровне хозяйств, предприятий в зависимости от размера земель показывается необходимость выбора соответствующих технологических коэффициентов выращивания сельскохозяйственных культур и производства продукции. Наряду с землёй в модели показывается использование других факторов сельскохозяйственного производства в виде ограничения. Далее в экономико-математической модели оптимизации землепользования, структуры посевных площадей сельскохозяйственных культур, целевой функцией моделирования, выбора критерия оптимальности и эффективности использования земель придаётся особое значение.*

***Ключевые слова***: *земля, сельскохозяйственные земли, математическое моделирование, использование земель, посевные площади.*

## SOME BASIC PROBLEMS OF MATHEMATICAL MODELING OF THE USE OF AGRICULTURAL LAND UNDER MODERN CONDITIONS

**KHUDJAKULOV NIYOZ JUMAEVICH,**
Senior Lecturer of the Department of Public Administration and National Economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-70-12-15.

*Some actual problems of mathematical modeling of agricultural land use are considered in this article. The concept, essence, sense, necessity and possibility of mathematical modeling of agricultural land use are given. Thus, the necessity and possibility of mathematical modeling of the lands of agricultural purpose in the modern conditions of market economy is shown (proved).*

*In modern conditions, when modeling the use of agricultural land, it is first necessary to treat it as state property, and the products that are obtained by cultivating land as the property of land users. It is this approach that is expressed in this article.*

*At the level of farms, enterprises, depending on the size of land, the need to select the appropriate technological coefficients for growing crops and producing products is shown. Along with land, the model shows the use of other factors of agricultural production in the form of a constraint. Further, in the economic and mathematical model of land use optimization, the structure of sown areas of agricultural crops, the target function of modeling, the choice of the criterion for optimality and efficiency of land use is given special importance.*

***Keywords:*** *land, agricultural land, mathematical modeling, land use, sown areas.*

УДК: 330

# АҲАМИЯТИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ ДАР ТАТБИҚИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДУСТОВ СУЛАЙМОН АБДУЛЛОЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Наҳимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**ВАЙСОВ ШОҲИН БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Наҳимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба аҳамияти шартномаи сармоягузории шарикӣ маълумот дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз навъҳои шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя буда, солҳои охир истифода аз он миёни давлатҳои ИМА, Британияи Кабир ва Федератсияи Россия афзудааст. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад. Аҳамияти шартнома мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он имкониятҳои ҳуқуқиро барои фаъолияти якҷояи сармоягузорӣ хубтар фароҳам оварда, ҳуҷҷатгузориҳои зиёдатӣ ва хавфи зарарро дар муносибатҳои шарикӣ камтар мегардонад.*

***Калидвожаҳо:*** *шартномаи сармоягузории шарикӣ; фаъолияти якҷоя; Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ; ИҶШС; танзими ҳуқуқӣ; коргоҳҳои истеҳсолӣ.*

Саноатикунонии босуръат эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 – уми декабр соли 2018 ва солҳои “Рушди саноат” эълон гардидани панҷсолаи 2022 – 2026 санаи 21 – уми декабри соли 2021 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми ҳадафмандона буда, заминаи муҳим барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Бо ин мақсад Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 – уми декабри соли 2021 ишора намуданд: «Моро зарур аст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сармоягузории мустақимро нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз зиёд намуда, ҳамзамон ҷалби маблағҳои имтиёзнокро тақвият бахшем ва дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоем, ҳамчунин, то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкориро дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монем» [4, с. 10].

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё кадам роҳҳои ҷалби сармоя ва кадом заминаҳои ҳуқуқӣ барои ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ва муфид мебошад ва дар татбиқи ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаовар буда метавонанд ва кадом роҳҳои татбиқи онҳо имрӯз дар ҷумҳурии мо имконпазир аст? Яке аз василаҳои муҳим барои татбиқи ин ҳадафҳои наҷиби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин инкишоф ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар санадҳои қонунгузории амалкунанда ва қабули санади меъёрӣ – ҳуқуқии махсус дар бахши сармоягузории шарикӣ мебошад, ки бо ин

васила мо метавонем ҳамбастагии ҳамаҷонибаи субъектҳои бозори сармоягузории кишвар, бахусус сармоягузории муштаракро, ки ба ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоикистон барои 2018-2028 ва Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мувофиқ мебошад, амалӣ гардонем.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 масъалаи таъсиси субъектҳои муштараки хоҷагидорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз ҳадафхои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, мақсад аз он пеш аз ҳама баркарор намудани иқтисодиёт ҷумҳурӣ пас аз таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии солҳои охир ба шумор меравад, ки ин ҳолат такмили фаъолияти давлатро дар самти ҳуқуқ эҷодкунӣ ва ҳуқуқ татбиққуни баҳри мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза, тақозо менмояд[3, с. 5-6].

Дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 бандҳои 2, 20, 79 низ, барои расидан ба мақсади амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини самаранокӣ ва сифати онҳо, ҷалби сармояи мустақим ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сохтани корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав, тақвияти ҳамкориҳо ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ, таъсиси корхонаи муштараки истеҳсоли техникаҳои хурди кишоварзӣ зарур шуморида шудааст, ки барои ноил гардидан ба ин мақсадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории граждании ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти ҳатмӣ эътироф гардидааст[1, с. 28].

Бо дар назардошти иқдомҳои пешгирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсия ва барномаҳои боло зикр мо чунин мешуморем, ки татбиқ гардидани сармоягузориҳои муштарак метавонад барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи дилхоҳ ба бор оварад. Аз ин рӯ фурсати он расидааст, ки дар ҷумҳурии мо ба таври ҳамаҷониба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сармоягузории шарикӣ бояд ҳарчи зудтар гузошта шавад, зеро таъсиси корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, ҳамзамон аз лиҳози ҳуқуқӣ шаклҳои соддатарини бақайдгирӣ ва ҳавасмандии сармоягузоронро тақозо менамояд.

Агар мо ба таҷрибаи давлатҳои Амрико ва Аврупо дар солҳои охир назар афканем, мушоҳида мегардад, ки дар ин давлатҳо ассотсиатсияҳои зиёди сармоягузорӣ рушд намуданaнд ва мақсади онҳо сармоягузории шарикӣ мебошад.

Сармоягузорӣ шарикӣ дар ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Швейтсария ва Белгия маъмул буда, одатан бо истилоҳи (limited partnership) шинохта шудааст ва дар ин давлатҳо қонунҳои соҳавӣ дар бахши сармоягузории шарикӣ аллакай қабул карда шудааст. Чунин иттиҳодияҳои сармоягузорӣ дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд ва дар 20 соли охир муҳимтарин шакли сармоягузорӣ дар ҷаҳон эътироф гардидаанд[6].

Дар давлатҳои собиқ ИҶШС бошад, Федератсияи Россия нахуситин Қонуни худро “Дар бораи сармоягузории шарикӣ”, бо назардошти талаботи қисми дуюми Кодекси граждании Федератсияи Россия, бахусус боби 55 – уми он, 21 - уми ноябряи соли 2011 қабул намуд. Дар натиҷаи қабули ин Қонун соли 2011 дар Федератсияи Россия шакли нави ташкилӣ – ҳуқуқии шартномавӣ, ки ҳамчун ширкати оддӣ амал менамояд, ба вуҷуд омад, ки мақсади он пеш аз ҳама амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ бо шумораи зиёди сармоягузорон ба ҳисоб меравад. Чунин иттиҳодияҳои сармоягузорон бо истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ фаъолият менамоянд.

Афзалияти ин иттиҳодияҳои сармоягузории шарикӣ дар он дида мешавад, ки онҳо

танҳо дар доираи шартномаи сармоягузории шарикӣ бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд. Шартномаи сармоягузории шарикӣ на танҳо мӯҳлати кутоҳи вақт ва ҳуҷҷатгузории аз меъёр зиёдро, ки боиси ташвиши сармоягузорон дар солҳои охир мегардид аз байн мебарад, балки эътимоди сармоягузоронро дар татбиқи лоиаҳои сармоягузорӣ низ хеле зиёд гардонид.

Аҳамияти корбурд аз шартномаи сармоягузории шарикӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим ва саривақтӣ мебошад, зеро табиатан як субъекти фаъолияти сармоягузорӣ наметавонад дар алоҳидагӣ бо имкониятҳои доштааш барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ иқдом намояд, аммо иттиҳоди сармоягузорон дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ метавонанд аз уҳдаи татбиқи ҳамагуна лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, ки ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ марбут аст ба хубӣ бароянд.

Фаъолияти сармоягузории шарикӣ одатан аз ҷониби шарикони сармоягузор мутобиқи муқаррароти шартномаи сармоягузории шарикӣ барои ба даст овардан ва (ё) бегона кардани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дар бозор фурӯхтанашуда ва дигар воситаҳои молиявии муомилоти фючерсӣ, аз ҷумла саҳмияҳо дар сармояи оинномавии ширкатҳои хоҷагидорӣ вомбаргҳои ҷамъиятҳои хоҷагидории шарикӣ, амалӣ карда мешавад[5, с. 45].

Оид ба муҳиммияти сармоягузории шаркиӣ Р.Б. Бозоров ҳанӯз соли 2018 дар рисолаи доктории худ ишора намуда, ба вуҷуд овардани фазои зарурии ҳуқуқиро барои амалӣ гардидани чунин шакли сармоягузорӣ, аз ҷумла институти махсуси сармоягузории шарикӣ, ки ҷалб ва ҷобаҷокунии захираҳои молиявии сармоягузорон, ҳамзамон муайян кардани шакли ташкилӣ – ҳуқуқии онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда тавонад зарур донista буданд[2, с. 9].

Шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шартномаҳои муҳим ба шумор рафта, муносибатҳои ҷамъиятии дар доираи он танзимшаванда рӯз то рӯз тамоюли афзоиш доранд. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад.

Дар шароити кунунӣ муносибатҳои ҳуқуқии танзимшавандаро дар асоси ин шартнома, ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармогузорӣ, дар бахши сохтмони, неругоҳҳои барқӣ обии хурд, сохта ба истифода додани иншоот ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, бакорандохтани коргоҳҳои истеҳсолии аз фаъолиятбозмонда ва ҷиҳозонидани таҷҳизотҳои нав ва дигар муносибатҳое, ки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории муштаракро тақозо менамоянд, мушоҳида намудан мумкин аст.

Маълум аст, ки шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шаклҳои нави шартномаи ширкати оддӣ буда, аҳмияти он рӯз то рӯз дар танзими муносибатҳоии сармоягузорӣ зиёд мегардад. Ҳадаф аз бастани ин шартнома пеш аз ҳама инъикоси ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шарикони сармоягузор буда, гирифтани фоида дар ин шартнома шарти ҳатмӣ мебошад. Аммо шартномаи сармоягузории шарикиро ба мақсадҳои дигаре низ, ки қонун манъ накардааст бастан мумкин аст ва ин ҳолат дар асоси талаботи қонун ва мувофиқаи шарикон сурат мегирад.

Шартномаи оид ба сармоягузории муштарак хусусияти иқтисодию истеҳсолӣ дошта, баҳри танзими муносибатҳои муштрак, ки предмети шартномаи мазкурро ташкил медиҳанд мусоидат ҳамаҷониба менамояд.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ тақозои замон мебоашд, зеро он дар таъмини манфиатҳои ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ нақши муҳим дорад. Хусусияти асосии ин шартнома дар он

ифода мегардад, ки он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла муносибатҳои муштараки сармоягузорӣ мавриди корбарӣ қарор гирифта, яке аз воситаҳои асосии ҷалби сармоя ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Аз ин хотир ба ақидаи мо эҳё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ барои фаъолияти сармоягузории шарикӣ, ки бо истифода аз шартномаи сармомоягузории шарикӣ амалӣ мегардад, фазои сармоягузории кишвари моро боз такони нав бахшида шароити мусоидро барои сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ таҳким мебахшад.

Хулоса хусусиятҳои иқтисодию истеҳсолии шартномаи сармоягузории шаркикӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати кишвар вусъат ёбад, зеро маҳз иттиҳод ва ҳамбастагии субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ метавонад барои анҷоми корҳои бузург заминагузорӣ намуда, кишвари моро ба мақсади дар пешгузошта, зудтар дастёб гардонад.

**Адабиёт**


1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025./ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:Барномаи электронии “Адлия”, (санаи муроҷиат 3.04 2022 с).
2. Бозоров Р.Б. Теоретические проблемы правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан: концепции иправоприменение: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук.- Душаенбе., 2018, 83 с.
3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. - Душаенбе., 2018. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:Барномаи электронии “Адлия”, (санаи муроҷиат 15.04 2022 с).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: //prezident. Tj /node /27417 # bgafurov (санаи муроҷиат: 10.03.2022 с.).
5. Семочкина Марина Алексеевна. Инвестиционная деятельность с участием иностранных инвесторов в Российской Федерации (правовой аспект): Дис. ... канд. юрид. наук. М., 2014, 179с.
6. Захираи электронӣ].Манбаи дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/66375-investicionnoe-tovarishhestvo-priroda-specifika-grazhdansko-pravovogo-obyazatelstva.


## ЗНАЧЕНИЕ ДОГОВОРА ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВА В РЕАЛИЗАЦИИ ПРОГРАММ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**ДУСТОВ СУЛАЙМОН АБДУЛЛОЕВИЧ,**
ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупсионого права
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**ВАЙСОВ ШОҲИН БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупсионого права
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru



*В данной статье представлена информация о важности договора инвестиционного товарищества. Авторы отмечают, что договор инвестиционного товарищества является*

*одним из видов договоров о совместной деятельности, и его использование в последние годы увеличилось между государствами США, Великобритании и Российской Федерации. Основным фактором расширения отношений на основе этого договора является, прежде всего, быстрое развитие экономики, инвестиционной деятельности и производственных отношений. Важность этого договора проявляется в том, что он обеспечивает лучшие юридические возможности для совместной инвестиционной деятельности, уменьшает избыточную документацию и риск ущерба в партнерских отношениях.*

***Ключевые слова**: договора инвестиционного товарищества; совместная деятельность; Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан; Концепция правовой политики Республики Таджикистан; нормативно-правовые основания; ИЖШС; правовое регулирование; производственные мощности.*

## THE IMPORTANCE OF THE INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT IN THE IMPLEMENTATION OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION PROGRAMS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**DUSTOV SULAIMON ABDULLOEVICH,**
assistant of the department of economic, financial and anticorruption law of the Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimova str.
Phone: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**VAYSOV SHOHIN BAKHTIYOROVICH,**
assistant of the department of economic, financial and anticorruption law of the Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimova str.
Phone: (+992) 918282148). E-mail slaimon.86@bk.ru

*This article provides information on the importance of an investment partnership agreement. The authors note that the investment partnership agreement is one of the types of joint activity agreements, and its use has increased in recent years between the states of the USA, Great Britain and the Russian Federation. The main factor in expanding relations on the basis of this agreement is, first of all, the rapid development of the economy, investment activity and industrial relations. The importance of this agreement is manifested in the fact that it provides the best legal opportunities for joint investment activities, reduces redundant documentation and the risk of damage in partnerships.*

***Keywords:** investment partnership agreement Team work; Program of accelerated industrialization of the Republic of Tajikistan; Concept of legal policy of the Republic of Tajikistan; regulatory and legal grounds; legal regulation; Production capacity.*

УДК: 336.14:353

# ТАҲЛИЛИ ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ МАҲАЛИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**АБДУСАМАДОВ ХУСРАВ САДИРДДИНОВИЧ**,
докторант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-88-88-92. E-mail: khusrav90.90@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур моҳияти буҷети маҳаллӣ кушода шуда, сарчашмаҳои андозӣ ва ғайриандозии ташаккули он муайян карда шудааст. Қайд шудааст, ки ҷамъоварии андоз дар шароити имрӯза унсури фаъоли маъмурикунонии андоз маҳсуб меёбад. Омилҳои ба маъмурикунонии андоз таъсиррасон муайян ва тавсиф карда шудаанд. Иқтидори буҷетию андозии буҷети маҳаллии вилояти Суғд баҳогузорӣ карда шуда, муайян карда шудааст, ки дар давраи таҳқиқшаванда даромадҳо ва хароҷоти воқеии буҷети вилоят тамоюли афзоянда дорад. Ҳиссаи андозҳои ҷамъоваришуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ арзёбӣ карда шуда, муайян карда шудааст, ки ин нишондиҳанда дар давоми панҷ соли охир афзудааст. Омилҳои муҳим дар самти ҷамъоварии андозҳо дар сатҳи вилояти Суғд муайян карда шудаанд. Пешниҳод шудааст, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати ҷамъоварии андозҳо дар вилояти Суғд истифодаи нишондиҳандаҳои сифатии арзёбии фаъолияти нозироти андоз зарур мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *буҷети маҳаллӣ, даромадҳои буҷет, хароҷоти буҷет, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, иқтидори буҷетию андозӣ, андозҳо, маъмурикунонии андоз, гаронии андоз, имтиёзҳои андозӣ, ҷамъоварии андоз.*

Маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ки дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор дорад, ба гурӯҳи фондҳои пулии марказонидашуда дохил мешавад. Вале на ҳамаи захираҳои молиявии дар ҳудуди минтақа ташкилшуда дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ боқӣ мемонад. Як қисми он захираҳои молиявӣ даромади сатҳи дигари низоми буҷетии мамлакат буда, бояд ба ихтиёри дигар субъектҳо (мисол, мақомоти ҷумҳуриявӣ, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ) дода шавад. Буҷети маҳаллӣ дар шакли санадҳои ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят таҳия ва қабул мешаванд. Даромадҳои буҷети маҳаллӣ аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағ аз ҳисоби андозу пардохтҳои танзимкунанда иборат мебошад. Ба даромадҳои андозии буҷети маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд [1]:

- андозҳои маҳаллӣ, ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ ки феҳристи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст;
- даромад аз андоз ва пардохтҳои танзимкунанда барои буҷети маҳаллӣ мувофиқи тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ муқаррар кардааст, ҷудо карда мешавад;
- боҷи давлатӣ, ба истиснои боҷи давлатие, ки мувофиқи Қонун дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки даромадҳои ғайриандозии буҷети маҳаллӣ инҳо мебошад [9, с.124]:

- даромад аз буҷети ҷумҳуриявӣ, ки дар шакли кӯмаки молиявии бебодош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), қарзи буҷетӣ ё дар шакли дигар ба буҷети маҳаллӣ ворид мешавад;
- даромад аз хизмати пулакие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои идории буҷетӣ мерасонанд;

- воридоти маблағ аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, аз ҷумла ҷаримаҳо, пеня ва фоизҳо барои риоя накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, барқарор намудани зарари дар натиҷаи вайрон кардани интизоми молиявӣ ба буҷети маҳаллӣ расонидашуда.

Ҷамъоварии андоз дар шароити имрӯза унсури фаъоли маъмурикунонии андоз маҳсуб ёфта, ба назар нагирифтани омилҳои мустақиман таъсиррасон ба ин категорияи иқтисодӣ (гаронии андоз, пешпардохт ва қарздориҳои андоз, имтиёзҳои андоз, иқтидори андозии минтақа, ғайримақсаднок истифода бурдани ниҳоди соҳа ва ғайраҳо) дар фаъолияти мақомотҳои андози минтақаҳои кишварамон камбудиҳо эҷод менамояд. Ҳалли ин камбудӣ ва нуқсонҳо тақозо менамояд, ки сатҳу сифати ҷамъоварии андоз бештар таҳқиқ гардад ва барои фаъолияти минбаъдаи мақомоти андоз тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод гарданд [5, с.110].

Ба маъмурикунонии андози минтақа як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки аз низоми андоз ва сатҳу сифати ташаккули механизми он вобаста мебошанд. Омилҳои муҳимми таъсиррасонро ба маъмурикунии андоз ва хосатан механизми ҷамъоварии он ба дохилию берунӣ тасниф намудан мутобиқи матлаб аст. Омилҳои дохилии таъсиррасон ба ҷамъоварии андозҳо аз ташаккулёбии менеҷменти андози давлатӣ ва корпоративӣ (банақшагирӣ ва ояндабинии андозҳо, танзими андозҳо ва назорати андоз), асосҳои ҳуқуқию институтсионалии сиёсати андоз, фаъолияти ниҳодҳои давлатии андоз (мақомоти ҳудудии андоз), вазъи молиявии корхонаҳо, бухронҳо, сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ва ғайра вобаста мебошанд. Бояд қайд намуд, ки омилҳои берунӣ аз сиёсати иқтисодии (хусусан сиёсати андозии) давлатҳои ҳамкор, фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Дар шароити муосир ба маъмурикунонии андоз дар минтақа ташаккулёбии механизми андоз низ таъсир мерасонад, зеро дар раванди банақшагирӣ ва ояндабинӣ, танзим ва назорати андоз камбудиҳое ба вуҷуд меоянд, ки натиҷаи онҳо ба ҷараёни ҷамъоварии андозҳо зоҳир мегардад. Бо назардошти он, ки даромадҳои андозӣ манбаи асосии буҷети давлат мебошад, банақшагирии оқилонаи воридоти онҳоро метавон асоси идоракунии самарабахши давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳисобид.

Як гурӯҳ олимони иқтисодшиноси тоҷик Р.Т. Ҷабборов, М.В. Шогунбеков, Т.М.Тухтаев дар таҳқиқоти худ имтиёзҳои андозиро дар низоми андоз омили муҳимми таъсиррасон ба иҷрои воридоти андозҳо меҳисобанд. Бояд гуфт, ки бо назардошти кулли таҳқиқоти ҷойдошта дар самти ҷамъоварии андозҳо вазъи ташаккулёбии муносибатҳои андоз дар ҳар як давлат ва минтақаҳои он тақозо менамояд, ки механизми босамар ва комилан мутобиқи ҷамъоварии андозҳо тадриҷан амалӣ карда шавад.

Ба андешаи мо, омилҳои таъсиррасонро дар раванди маъмурикунонии андоз ба омилҳои ҳавасмандкунанда ва боздоранда тасниф намудан дуруст аст. Аз ин нигоҳ, омилҳои ҳавсмандкунанда (сиёсати андозии илман асоснокшуда, механизми ташаккулёфтаи андоз, фарҳанги андозситонӣ ва ғайра) ба сатҳу сифати маъмурикунонии андоз дар минтақаҳо мусоидат намуда, омилҳои боздоранда таъсири манфӣ мерасонанд.

Иқтисодчии тоҷик Х.Р. Улуғхоҷаева дар таҳқиқоташ муайян намудааст, ки методологияи муайяни тавсеаи сатҳи ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби васеъ кардани манбаъҳои мавҷудаи андоз мавҷуд мебошад, ки ба боз ҳам самараноктар сохтани маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд [8, с.23].

Мо дар таҳқиқоти мазкури худ қарор додем вазъи даромадҳо ва хароҷоти буҷети маҳалии вилояти Суғдро таҳлил намоем. Бо вуҷуди рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти Суғд ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ идома ёфтани таъсири

манфии бӯҳрони иқтисодӣ ва пурра фаъолият накардани корхонаҳои калони саноатӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар баъзе аз корхонаҳо, мувофиқи нақшаи муайяншуда таъсис наёфтани коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ, пастравии қобилияти харидории аҳолӣ, кам шудани ҳаҷми даромади умумии корхонаҳо ва бо зарар ҷамъбаст шудани фаъолияти молиявии субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ, сабабгори коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағҳои ҳисобшудаву пардохтшудаи андозҳо ва таъмини сифатноки қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои охир гардидаанд (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.***

*Баҳодиҳии иқтидори буҷетию андозии буҷети маҳаллии вилояти Суғд*

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, млн. сомонӣ | 17 510,7 | 18 343,8 | 20 537,1 | 21 241,3 | 23 450,3 | 26 547,0 |
| Даромади воқеии буҷети вилоят, млн. сомонӣ | 1 607,8 | 1 722,4 | 1 924,6 | 2 230,8 | 2 490,9 | 2 650,3 |
| Хароҷоти воқеии буҷети вилоят, млн. сомонӣ | 1 569,8 | 1 678,9 | 1 889,2 | 2 184,9 | 2 446,0 | 2 599,7 |
| Даромадҳои андозӣ, млн. сомонӣ | 1 388,9 | 1 684,9 | 1 877,1 | 2 181,5 | 2 447,3 | 2 590,3 |
| Воридоти ғайриандозӣ, млн. сомонӣ | 218,9 | 37,5 | 47,5 | 49,3 | 43,6 | 60,0 |
| Ҳиссаи даромадҳои андозӣ дар буҷети вилоят, бо % | 86,4 | 97,8 | 97,5 | 97,8 | 98,2 | 97,7 |

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб кардааст.*

Таҳлили иқтидори буҷетии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар динамикаи ҳаҷми захираҳои молиявӣ баъзе тағйироти чашмрас мавҷуд аст. Дар давраи солҳои 2017-2022 ҳаҷми даромади воқеии буҷети вилоят аз 1607,8 млн. сомонӣ ба 2650,3 млн. сомонӣ, ё 64,8 фоиз зиёд гардидааст.

Ба ҳамин монанд, мо метавонем хароҷоти буҷети маҳаллиро дар солҳои 2017-2022 муқоиса намоем. Тавре маълумоти ҷадвали 1 собит менамояд, ҳаҷми хароҷоти буҷети вилоят аз 1 569,8 млн. сомонии соли 2017 дар соли 2022 ба 2 599,7 млн. сомонӣ расида, 65,6% зиёд шудааст, ки назар ба қисми даромад афзоиши бештар дорад (расми 1).




***Расми 1.*** *Баҳодиҳии иқтидори буҷетию андозии буҷети вилояти Суғд*

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб кардааст.*

Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ нишон медиҳанд, ки маҷмӯи маҳсулоти минтақавии (МММ) вилояти Суғд дар соли 2022 ба 26 547,0 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 9 036,6 млн. сомонӣ ё 51,6% зиёд мебошад.

Барои муқоисаи суръати афзоиши ду нишондиҳандаи ба ҳам алоқаманд - динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, воридоти воқеии андозҳо ба буҷет ва ҳиссаи андозҳо дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, инчунин баҳодиҳии сарбории андоз, маълумотро аз ҷадвали 1 ба расм гузаронида, нишон медиҳем (расми 2).




***Расми 2.*** *Суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақа ва андозҳо дар буҷети маҳалии вилояти Суғд*

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб кардааст*

Ҳамин тариқ, ба осонӣ дидан мумкин аст, ки маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра, яъне дар тӯли солҳои 2017 то 2022 тамоили болоравии тағйирёбандаро нигоҳ доштааст.

Мутаносибан воридоти воқеии андозҳо ба буҷети вилояти Суғд низ чунин тамоилро такрор кардааст. Динамикаи ҳиссаи воридоти андозии буҷети вилоят дар МММ, яъне сарбории андозҳо аз 9,6 то 9,1 фоизро ташкил медиҳад. Аммо ба назари мо, ин рақам сарбории воқеии андозро дар минтақа ифода наменамояд. Гап дар сари он аст, ки андози ба буҷети давлатӣ аз ҳудуди минтақа воридшуда дар қисми даромади буҷети маҳаллӣ пурра ба назар гирифта намешавад. Бинобар ин, аз нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи воридоти андозии Раёсати андоз дар вилояти Суғд истифода намуда, сарбории воқеии андозро дар иқтисодиёти минтақаи мазкур муайян менамоем (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.***

*Ҳиссаи андозҳои ҷамъоваришуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ*

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, млн. сомонӣ | 17 510,7 | 18 343,8 | 20 537,1 | 21 241,3 | 23 450,3 | 26 547,0 |
| Иҷрои нақшаи воридоти андоз дар ҳудуди вилояти Суғд, млн. сомонӣ, | 1 607,8 | 1 722,4 | 1 924,6 | 2 230,8 | 2 490,9 | 2 650,3 |
| Ҳиссаи воридоти андоз дар МММ, бо % | 9,2 | 9,4 | 9,4 | 10,5 | 10,6 | 10,0 |

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб кардааст.*

Ба назари мо, дар мақомоти ҳудудии андози вилояти Суғд механизми ҷамъоварии андозҳо дар доираи маъмурикунонии андоз ва нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти нозироти минтақавии андоз такмили ҷиддиро тақозо мекунад.

Ба нишондиҳандаҳои сифатӣ, дар навбати аввал, сохтори андозсупорандагон дар самти таносуби шахсони ҳуқуқию воқеӣ таъсир мерасонад. Дигар омилҳои муҳим дар самти ҷамъоварии андозҳо дар сатҳи вилояти Суғд инҳо ба шумор мерав止:

- ба назар гирифтани сарборӣ ба як нозири минтақавӣ;
- сатҳи иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ;
- сатҳи афзоиши пардохтҳои андоз дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта;
- таносуби маблағҳои воқеан пардохтшудаи андоз нисбат ба маблағи ҳисобшуда;
- таносуби маблағи пардохтҳои барилова ҳисобшуда нисбат ба воридоти андоз ба буҷет дар давраи ҳисоботӣ;
- вазни қиёсии санҷишҳои андозӣ, ки дар рафти онҳо ҳуқуқвайронкунии андоз ошкор шудааст нисбат ба шумораи умумии санҷиш;
- сатҳи рӯёнидани маблағҳои барилова ҳисобшуда;
- таносуби маблағи воридшуда ба буҷет дар натиҷаи корҳои назоратӣ нисбат ба хароҷоти корҳои назоратӣ;
- маблағҳои барилова ҳисобшуда ба ҳисоби як санҷиш ва ғайра.

Як қатор нишондиҳандаҳои алоҳидаи муносибатҳои миёни андозсупорандагон ва мақомоти андозро низ дар арзёбии сифати фаъолияти мақомоти андози минтақа ба назар гирифтан зарур аст [4, с.140]. Аз ҷумла: ҳолати интизоми андозӣ, вазни қиёсии андозсупорандагони ҳисобот пешниҳодкунанда, шумораи умумии андозсупорандагони дар қайди мақомоти минтақавии андоз буда, миқдори баҳсҳои андозии дар суди иқтисодӣ ба манфиати мақомоти андоз баррасишуда, вазъи корҳои фаҳмондадиҳӣ, миқдори муроҷиатҳо доир ба масъалаҳои андозбандӣ.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиикстон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳисоби буҷети маҳалӣ хароҷоти амалҳои зайл маблағгузорӣ мешавад [1]:

- таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- ташаккули моликияти коммуналӣ дар ноҳия ва идоракунии он;
- ташкил, таъмини фаъолият ва инкишофи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, матбуоти даврӣ ва нашрияҳо, дигар муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- инкишофи хоҷагии манзилию-коммуналӣ;
- сохтмони роҳ ва нигоҳдории роҳҳо, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд;
- ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳал;
- ташкили истифода ва коркарди партовҳои рӯзгор;
- амалигардонии барномаҳои мақсадноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- хизматрасонии қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пардохти он;
- ҳифзи табиат дар вилоят;
- кӯмаки молиявии беподош ба аҳолии вилоят;

ташкили хизматрасонии нақлиётии аҳолӣ ва муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;

- гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Бояд қайд намуд, ки маблағгузории амалҳои дигари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва хароҷоти дигар, ки ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мансуб мебошанд, аз ҷониби мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мутобиқи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро карда мешавад [7, с.174].

Дар солҳои охир ислоҳоти системаи тандурустӣ дар маркази диққати бисёр мамлакатҳо қарор дорад. Сатҳи муҳимияти ин масъала дар ҳар як мамлакат гуногун буда, аз бисёр ҷиҳат дар асоси таносуби ҳолати умумии саломатии аҳолии мамлакат, ҳаҷми истифодаи захираҳои молиявӣ дар соҳаи тандурустӣ ва сатҳи умумии рушди иқтисодиёти миллӣ муайян карда мешавад.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ таносуби кафолати давлатии пешниҳодшаванда дар соҳаи тандурустӣ ва захираҳои молиявии ҷамъиятии барои ин мақсадҳо ҷудошаванда мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати давлат оиди ба аҳолӣ пешниҳод намудани ёрии тиббии ройгон қариб тамоми намуди хизматрасониҳои тиббиро фаро мегирад.

Таҳлили сатҳи мавҷудаи рушди бозори хизматрасониҳои тиббӣ нишон медиҳад, ки қариб дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон афзоиши талабот ба хизматрасониҳои тиббӣ мушоҳида карда мешавад. Аз як тараф, ин ҷараён бо тағйирёбии шумора ва қишрҳои аҳолӣ, дигаргуниҳо оиди шумораи беморон ва фавтидагон, аз ҷониби дигар, бо тағйирёбии технологияи ташхис ва табобати беморон алоқаманд мебошад. Баъзан ҷорӣ кардани технологияҳои нави тиббӣ аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок карда намешавад, яъне истифодаи онҳо имкон намедиҳад, оиди беҳтар намудани ҳолати саломатии аҳолӣ, дар муқоиса бо афзудани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ, вобаста ба татбиқ кардани технологияҳои мазкур, тағйироти зиёди мусбӣ ба амал ояд [6, с.85].

Оқибати табиии аз назорат дур мондани афзоиши арзиши хизматрасониҳои тиббӣ зарурати истифодаи оқилонаи механизми тақсимкунии хизматрасониҳои тиббиро байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба миён меорад, ки он барои таъмини дастрасии қишрҳои аҳолии ба кӯмаки тиббӣ хеле ниёзманд ва гурӯҳҳои аз нигоҳи иқтисодӣ хело эҳтиёҷманд равона карда мешавад.

Барои он, ки дастрасии шахсони ба хизматрасонии тиббӣ ниёзманд кафолат дода шуда, маблағгузории системаи тандурустӣ таъмин карда шавад, бояд захираҳои молиявӣ барои гузаронидани ҳамон чорабиниҳое равона карда шавад, ки аз нигоҳи арзиши хизматрасонии тиббӣ самаранок бошад. Новобаста аз он, ки системаи тандурустӣ давлатӣ ё хусусӣ ва ё омехта аст, барои он ки он аз нигоҳи молиявӣ муътадил бошад, самаранок тақсим кардани маблағҳои барномаҳои мақсаднок, идоракунии молиявӣ ва назорати натиҷаҳои фаъолияти системаи тандурустӣ зарур мебошад.

Дар шароити имрӯза таъминоти молиявии соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои махсус ва маблағҳои вилоятӣ таъмин карда мешавад. Барои маблағгузории пурсамараи соҳаи тандурустӣ аз моделҳои маблағгузорӣ ба ин соҳа истифода менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқ дар кори илмӣ оид ба арзёбии вазъи ҷамъоварии андозҳо ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Суғд чунин хулосаҳо баровардан ба матлаб мувофиқ мебошад:

Дар раванди таҳлили нишондиҳандаҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии фаъолияти минтақа, мо ба хулоса омадем, ки нишондиҳандаҳо дар умум имкон медиҳанд то фаъолияти мақомоти андоз мусбат баҳогузорӣ гардад. Аммо, таҳлили анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои боз ҳам хубро дар ин давра бо такмили

самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар самти маъмурикунонии андоз ноил шудан имконпазир буд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи андозсупорандагоне, ки дар баҳисобгирии бақайдгирии мақомоти минтақавии андоз қарор доранд ва хизматрасонии мақомот дар раванди ҷамъоварии андоз аз ҷониби нозирони андоз пешниҳод мегардад, аз нигоҳи вобаста намудани андозсупорандагон ба нозирҳо, оқилона ба назар намерасад. Дар чунин ҳолат, ҳангоми арзёбии самаранокии фаъолияти нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазнинӣ ва сарбории кори мақомоти андоз дақиқ ба ҳисоб гирифта намешавад, ки ин зуҳурот таъсири манфиро ба сифати ҷамъоварии воридоти андоз мерасонад.

Ошкор карда шуд, ки буҷети вилояти Суғд пурра аз воридоти андозҳо вобаста мебошад ва нишондиҳандаҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти андози вилоят мутобиқи усулҳои муосир амалӣ намегардад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади баланд бардоштани сифати ҷамъоварии андозҳо дар вилояти Суғд истифодаи нишондиҳандаҳои сифатии арзёбии фаъолияти нозироти андоз зарур мегардад.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки дар фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғд имконияти такомули маъмурикунонии андоз дар самти ҷамъоварӣ ва банақшагирии воридотӣ андозҳо мавҷуд буда, як қатор нозироти андози минтақаҳо ва хосатан мақомоти ҳудудии андозро зарур аст дар ин самт чораҳои амалии самарабахш андешанд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №7. - 2011.
2. Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2015-2025. - Хуҷанд. - 2014. - 254 с.
3. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар соли 2022 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - Хуҷанд. - 2023.- 167 с.
4. Бабич А.И., Павлова Л.Н. Финансы, денежное обращение и кредит/ А.М. Бабич, Л.Н. Павлова. - М.: ЮНИТИ. - 2019. - 358 с.
5. Гришанова О.А. Сбалансированность бюджетов регионов: теория и методы. - М.: Экономист. - 2020. - 246 с.
6. Иванова Г.Б. Территориальные финансы. - М.: Инфра. - 2018. - 356 с.
7. Оймаҳмадов Г.Н. Маблағгузории муассисаҳои буҷетӣ. - Душанбе: Авесто. - 2020. - 274 с.
8. Улугходжаева Х.Р. Основные тенденции формирования налоговой политики Таджикистана в переходный период: теория и практика. Автореферат дисс.... на соиск. уч. степ. д.э.н. - Худжанд. - 2013. - 38 с.
9. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ (Китоби дарсӣ). - Душанбе: “ЭР-граф”. - 2018. - 368 с.
10. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.stat.tj


## АНАЛИЗ ДОХОДОВ И РАСХОДОВ МЕСТНОГО БЮДЖЕТА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ


**АБДУСАМАДОВ ХУСРАВ САДИРДДИНОВИЧ**,
докторант (PhD)
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 988-88-88-92. E-mail: khusrav90.90@mail.ru

*В данной статье раскрывается сущность местного бюджета, определяются налоговые и неналоговые источники его формирования. Отмечается, что в современных условиях взимание налогов является важным элементом налогового администрирования. Определены и описаны факторы, влияющие на налоговое администрирование. Проведена оценка бюджетно-налогового потенциала местного бюджета Согдийской области и установлено, что за исследуемый период фактические доходы и расходы областного бюджета имеют тенденцию к увеличению. Доля собранных налогов в городах и районах Согдийской области оценивалась по отношению к валовому региональному продукту, и было установлено, что данный показатель увеличился за последние пять лет. Выявлены важные факторы направления сбора налогов на уровне Согдийской области. Выдвинуто предположение, что для повышения качества сбора налогов в Согдийской области необходимо использовать качественные показатели оценки деятельности налоговых органов.*

***Ключевые слова:*** *местный бюджет, доходы бюджета, расходы бюджета, валовой региональный продукт, бюджетно-налоговый потенциал, налоги, налоговое администрирование, налоговая нагрузка, налоговые льготы, собираемость налогов.*

## ANALYSIS OF INCOME AND EXPENSES LOCAL BUDGET OF SUGHD REGION

**ABDUSAMADOV KHUSRAV SADIRDDINOVICH,**
doctoral student (PhD)
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 988-88-88-92. E-mail: khusrav90.90@mail.ru

*This article reveals the essence of the local budget, defines the tax and non-tax sources of its formation. It is noted that in modern conditions, the collection of taxes is an important element of tax administration. The factors influencing tax administration are identified and described. An assessment of the budgetary and tax potential of the local budget of the Sughd region was carried out and it was found that during the study period, the actual revenues and expenditures of the regional budget tend to increase. The share of taxes collected in the cities and districts of the Sughd region was estimated in relation to the gross regional product, and it was found that this indicator has increased over the past five years. Important factors in the direction of tax collection at the level of the Sughd region have been identified. It has been suggested that in order to improve the quality of tax collection in the Sughd region, it is necessary to use qualitative indicators for assessing the activities of tax authorities.*

***Keywords:*** *local budget, budget revenues, budget expenditures, gross regional product, budgetary and tax potential, taxes, tax administration, tax burden, tax incentives, tax collection.*

УДК: 331

# ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ КЛАСТЕРИКУНОНИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ГУЛОВ РУСТАМ БОТУРХОНОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯчаи Сангак Сафаров.
Тел.: (+992) 985-26-44-04.

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккули низоми бехатарии озуқаворӣ дар шароити кластерикунонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои беҳтарнамоии онҳо баррасӣ гардидаанд.*

*Қайд карда шудааст, ки кластерҳо бо ташаккули бахш ва соҳаҳои алоҳида алоқаманд буда, аз баланд шудани ҳамбастагии унсурҳои низоми таъмини озуқаворӣ вбаста мебошад. Дараҷаи рушди кластерҳои соҳаҳои истеҳсолӣ рақобатпазирии соҳа ва хоҷагии халқро дар умум баланд мегардонад. Дар мақола мафҳуми кластеризатсия бо ақидаи олимони хориҷӣ ва дохилӣ нишон дода шудааст ва ҳамзамон фикру ақидаи муаллиф оид ба ташаккули низоми кластерикунонии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нишон дода шудааст. Инчунин марҳилаи рушди сиёсати кластерӣ бо гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд.*

*Хулоса карда шудааст, ки гузаронидани санҷиши сифатии доимии маҷмӯи озуқаворӣ ва ташаккули захираҳои иттилоотӣ барои қабули қарорҳо дар доираи унсурҳои кластер ва банақшагирии самарабахши низоми бо озуқаворӣ таъмини аҳолӣ, ҳамкорӣ намудан бо иштирокчиёни бозори озуқаворӣ ва мақомотҳои давлатӣ, инчунин бо институтҳои мувофиқи илмӣ-таълимӣ дар хусуси ташаккули фармоишҳо ва аз ҷиҳати иттилоотӣ таъмин кардани онҳо зарур мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *таъмини бехатарии озуқаворӣ, кластеризатсия, рушди истеҳсолот, ташаккули низоми идоракунӣ, сохтори рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, марҳилаҳои кластер, кластери инноватсионӣ-озуқаворӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ.*

Имрӯзҳо дар назди илми иқтисод тазодҳо ва хатарҳои нав ба вуҷуд омадааст, ки он аз давлат ва субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ кӯшишҳои дастаҷамъонаро оид ба навҷорисозии сохторӣ ва баҳои самаранокии истеҳсолот тақозо менамояд. Ин равандҳо зарурати ҷорӣ намудани назарияҳои нави рушди иқтисодӣ, махсусан кластерикунонии соҳаҳои иқтисодиётро, ки он барои татбиқи барномаҳои дарозмуҳлат ва татбиқи консепсияи рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа хизмат менамояд, зарур мешуморад.

Кластерикунонӣ дар ташкили истеҳсолот яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, бо истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, инноватсияҳо ва рақобатпазирии соҳаи комплекси агросаноатӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва дар заминаи он рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи муосири рушд равандҳои азнавсозии низоми иқтисодии мамлакатҳои гуногун фаъол гашта истодааст, ки ин раванд ҳам бо ҷаҳонишавӣ ва ҳам дар як минтақа муттаҳид шудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор равона шудааст. Тавре ки таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта гувоҳ аст, шакли нисбатан самараноки ташкилоти ҳудудии иқтисодиёт гурӯҳҳои ҳудудӣ мебошанд. Дар шароити иқтисодиёти рӯ ба инкишоф гурӯҳҳо (кластер) метавонанд нақши пешбарандаҳоеро

бозанд, ки дар ҳудудҳои муайян пешсаф буда, ба онҳо рушди босубот, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, бехатарии иқтисодиро фароҳам меоранд.

Ҳамчун субъекти агломератсия кластерҳо хеле пеш маълум буд, вале танҳо дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX он ба унсури сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфт.

Кластерҳо бо ташаккули бахш ва соҳаҳои алоҳида алоқаманд мебошад, дар мавриди мо бошад, он аз баланд шудани ҳамбастагии унсурҳои низоми таъмини озуқаворӣ вбаста мебошад. Дараҷаи рушди кластерҳои соҳаҳои истеҳсолӣ рақобатпазирии соҳа ва хоҷагии халқро дар умум баланд мегардонад. Ба ғайр аз ин кластер воситаи бартараф кардани беҳаракатӣ, ноуҳдабароӣ дар фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ (хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаҳои коркардкунанда) буда, ҳамчунин сабаби пайдо шудани истеҳсолкунандагони нав мегардад.

Кластеризатсия барои иқтисодиёти миллӣ ва махсусан барои бахши озуқаворӣ ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ дар соҳаи кор карда баровардани механизмҳои муосири идораи бахши зерин самти ғайримаъмулӣ ва нав мебошад.

Кластеризатсия – ин зуҳуроти иқтисодии мураккабе мебошад, ки хусусияти гуногунҷанба дошта, истифодаи муносибатҳои гуногуни назариявиро талаб карда, ба онҳо дохил мешаванд: назарияи афзалиятҳои рақобатии М.Портер, консепсия гурӯҳҳои минтақавии М.Энрайт, назарияи ноҳияҳои саноатии А.Махшалл ва ғайра.

Ба шароити минтақа нисбатан мувофиқ ақидаҳои «минтақа-бо ном давлат», «минтақа- корпоратсияи сохта», «минтақа-бозори сохта», «минтақа- ҷамъияти сохта» мебошанд.

М.Портер бартариҳои рақобатии як қатор мамлакатҳоро таҳқиқ намуда, ба хулосае омад, ки «пешравии миллӣ ба мерос гузошта намешавад-он сохта мешавад» [5, с.168].

Ҳамзамон ӯ чор муайянкунандаҳои бартариҳои рақобатиро ҷудо намуд, ки яке аз онҳо – соҳаҳои наздик ва ба якдигар вобаста мебошанд, ки кластер (гурӯҳ) номида шудаанд.

Кластер ҳамчун «низоми ширкат ва ташкилотҳои бо ҳам алоқаманде, ки аҳамияти он чун як чизи том аз ҳосили ҷамъи қисмҳои таркибии он зиёдтар мебошад» муайян карда шуд.

Иқтисодчии бузурги америкоӣ, тарафдори сиёсати рушди бартариҳои рақобатии мамлакат ҳангоми таҳқиқи раванди ташаккули кластерҳои минтақавӣ онҳоро ҳамчун манбаи пешравии саноатии корхонаҳои хурд ва миёна таҳқиқ менамуд [1].

Аксари олимоне, ки муносибати кластерро нисбати ташкили иқтисодиёти минтақавӣ ба мафҳуми «кластер» иловаҳои гуногунро ворид намудаанд.

Инчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 23.12.2022с.) қайд намуданд, ки «Ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳамияти махсус дода, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот ва ғайраҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шавад [4, с.12].

Тибқи ақидаи Аминов И.А «зери мафҳуми кластер гурӯҳи корхонаҳои як ҳудудро мефаҳманд, ки ба онҳо истеҳсолкунандагони ашёи хом, корхонаҳои коркардкунанда, ташкилотҳои савдои яклухт ва чакана, соҳибкорони фардӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар институтҳо, ки бартариятҳои рақобатии ҳам ташкилотҳои алоҳида ва ҳам ҳамаи шариконро дар умум, хулоса минтақаҳои муайянро дар бар мегирад» [2, с.63-64].

Барои иқтисодиёти миллӣ кластерҳо нақши «нуқтаҳои рушд»-и бозори дохилиро доро мебошанд. Бартариҳои онҳоро рушди як ё якчанд корхонае ташкил медиҳад, ки онҳо маҳсулоти охиринро истеҳсол намуда, барои ривоҷ ёфтани иштирокчиёни тамоми занҷир: дастраскунандаҳои ашёи хом, ташкилотҳои фурӯш, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ғайра мусоидат мекунанд.

Кластерҳо ба ташкилотҳо имконияти соҳиб шудани дараҷаи баланди тахассусиро фароҳам оварда, дар рушди соҳибкории хурд ва миёна саҳм доран, ҳамчунин онҳо имкон медиҳанд, ки соҳаи муайяни бозор таъмин гардад. Дараҷаи пасти ҳамҷоякунии амудӣ ба кластер дохил шудани дигар субъектҳоро осон мегардонад. Ба туфайли дар як минтақаи географӣ ҷамъ шудан, дастрасии сармоя осон мегардад, сармоягузорон ҷалб шуда, барои додугирифти иттилоот оид ба таҷриба шароит фароҳам меояд. Ба кластер унсурҳои муҳими рушди иқтисодии чун захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологӣ дохил мешаванд.

Аз сабаби гуногунҷанба буданашон кластерҳо яке аз воситаҳои сиёсати давлатии сатҳи гуногун ба ҳисоб меравand (нигаред ба расми 1).




***Расми 1.*** *Нақши кластерҳо дар сохтори рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа.*
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф.*

Аз тарафи олимони иқтисодчии алоҳида ду марҳилаи рушди сиёсати кластерӣ ҷудо карда мешавад:

- якумро маҷмӯи чораҳои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ барои муайян кардани кластерҳо, муттаҳид кардани ташкилот ва муассисаҳои дастгирикунандаи кластерҳо ташкил медиҳад;
- дуюм ҷамъ кардани маълумот оид ба кластерҳое, ки дар минтақа фаъолият мекунанд ва муносибати фардӣ нисбати ташкил ва рушди ҳар як кластер мебошад.

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки шакли аз ҳама самарабахши сиёсати кластерӣ ташкили ҳамкориҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад, ки дар он мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорони институтсионалии хусусӣ иштирок намуда, бо ҳамдигар оид ба ҳамкориҳои стратегӣ шартнома мебанданд. Нақши мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дастгирии умумии лоиҳаҳои дорои захираҳои камтарин ва дорои кафолати бозгашти сармоягузорӣ мебошад. Ҷиҳати мусбӣ бошад, ба таври баробар тақсим шудани хавф байни иштирокчиён мебошад, ки ин омили муҳими рушди кластерҳои инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Афзалияти асосии кластерҳо дар доираи худудҳои муайян барои соҳибкории самаранок дар доираи масъалаи таҳқиқшаванда, фароҳам овардани шароити мусоид, таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҳисоби субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ, корхонаҳои коркардкунанда, саноати хӯрокворӣ, савдо ва ҷузъҳои мувофиқи инфрасохторӣ тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва ғайра баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо дар бар мегиранд. Иштирок дар кластер имкон медиҳад, ки хароҷот кам карда шуда, суботи молиявии иштирокчиён таъмин гардад [7, с.3-7].

Мо чунин ақида дорем, ки дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои истифодаи кластерҳо, махсусан дар соҳаи бозори озуқаворӣ замина вуҷуд дорад. Дар натиҷаи истифодаи кластерҳо рақобатпазирии иқтисодиёти маҳаллӣ афзун мегардад, дараҷаи бо кор таъмин будани аҳолӣ баланд мешавад, ки ин аз рӯйи хусусияти минтақавӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калони макроиқтисодӣ дорад. Аммо ба бартариятҳои он нигоҳ накарда, дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба таври маҳдуд ба кор бурда мешавад. Ин вазъият аз як қатор сабабҳои дорои хусусияти объективӣ ва субъективӣ вобаста мебошад: аз он ҷумла, мавҷуд набудани маблағҳо барои гардиш, таҷрибаи корӣ, сатҳи пасти пешрафти соҳаи кишоварзӣ, бахши коркардкунандаи иқтисодиёт ва ғайра. Барои ташкили кластерҳо дар ҷумҳурӣ истифодаи кластере, ки дар он ду муносибати маъмул либералӣ ва дирижистӣ пайваст шудаанд, зарур арзёбӣ мегардад. Дар натиҷа барои навсозии соҳаҳои бо таъмини озуқаворӣи минтақаҳо алоқаманд шароити мусоид фароҳам мегардад.

Заминаҳо асосии ташаккули кластерҳо дар мамлакат ва минтақаҳои он чунин мебошанд:

-иқтидори захиравӣ барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ;

-мавҷуд будани тақозо ба молҳои муқарраршуда;

-шароитҳои мусоиди табиӣ-иқлимӣ;

-тақозои баланд ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғайра [8, с.58-64].

Аз тарафи мо методикаи муваққатии кор карда баровардани кластери озуқаворӣи хоҷагии миллӣ ё минтақаи алоҳидаи махсусгардонидашудаи мамлакат пешниҳод карда шудааст (нигаред ба расми 2).




***Расми 2.*** *Методикаи тартиби марҳилавии кластери озуқаворӣи минтақа*
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Тавре ки дар расми 2 дида мешавад, кластеризатсия дар чор марҳила иҷро мегардад, ки ҳар яки он ба якдигар ҳам аз рӯйи усул, ҳам аз рӯйи салоҳиятнокии иштирокчиён ҳангоми амалӣ намудани стратегияи кластеризатсия низоми таъминоти озуқаворӣи минтақаҳо ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Дар марҳилаи якум имкониятҳои асосии минтақа барои рушди соҳаҳои ба таъмини озуқаворӣ алоқаманд таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд. Ба тавсифҳои имконияҳо дохил мешаванд: мавҷуд будани фондҳои (захираҳои) асосӣ ва захираҳои заминӣ, тавсифи экологӣ ва дараҷаи менеҷменти экологии минтақа, имкониятҳои инфрасохторӣ. Баъзе коршиносон дар бар гирифтани захираҳои меҳнатиро низ ҷудо мекунанд, вале дар шароити аз қувваи корӣ пур будани бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва норасоии ҷойҳои корӣ дар минтақа он, ин ҷиҳат аҳамияти калон надорад.

Дар марҳилаи дуюм таҳлил ва ташхиси шароитҳои молиявию иқтисодӣ ва фискалӣ (андоз, тариф, лизинг, қарздиҳӣ)-и ташаккули кластерҳо, муайян кардани шароитҳои зарурӣ барои истеҳсолот ва манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ҳамчунин

сармоягузории соҳаҳои истеҳсолӣ ичро мегардад. Ҳамзамон баҳисобгирии самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби кам кардани истифодаи энергия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Бояд механизми ташкили кластери озуқаворӣ пурра муайян гашта, қонуниятҳои амалигардии он аниқ карда шаванд. Дар баробари ин қонуниятҳо бояд дар асоси барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди соҳаҳои мувофиқ тартиб дода шуда бошанд.

Дар марҳилаи сеюм аз ҷониби субъектҳои идора новобаста дастур ва механизмҳои фаъолияти кластери озуқаворӣ тартиб дода мешаванд. Дар умум унусрҳои кластер бояд сохтори функсионалӣ-мантиқӣ дошта бошанд, ки ин ба маҳсулнокӣ ва саривақтӣ будани таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ оварда мерасонад. Ба ғайр аз ин рушди инноватсионии сохтори кластер аз ташаккули Марказҳои мониторинг ва консалитинг, ки мо пештар пешниҳод карда будем, вобаста мебошад.

Ташаккули сохтори идоравии кластери озуқаворӣ дар ҳар як минтақаи алоҳида, инчунин баҳо додани самаранокии онро марҳилаи чоруми кластеризатсия фаро мегирад. Сохтори идоравӣ бояд ба принсипи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ асос ёфта бошад. Иҷрои ин принсипро мо ҳангоми ташаккули баъзе унсурҳои низоми таъмини озуқавории аҳолии минтақа қайд карда будем. Вале дар шароити дараҷаи пасти фаъол будани бахши хусусии мамлакат дар соҳаи таъмини озуқаворӣ ҳукумат метавонад, ки ба рушди кластерҳои озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас таъсир расонад.

Барои гузаронидани санҷиши саривақтии бозори озуқаворӣ зарур аст, ки амалиёти баҳисобгирӣ, таҳлил ва пешгӯйии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои истеҳсолот ва савдо тартиб додани низоми дастгирии қабули қарорҳо бо иштироки давлат дар танзими низоми таъминоти озуқавории аҳолии кишвар ва минтақаҳои он иҷро карда шаванд.

Ба ҳайси чунин низом мо ташкили Маркази санҷиш ва пешгӯии маҷмӯи озуқавориро (дар сатҳи ҷумҳурӣ) пешниҳод мекунем. Ин марказро танҳо дар асоси давлат ташкил намудан номумкин мебошад (дар асоси харочот аз ҳисоби буҷаи давлат). Дар амал татбиқ намудани таҷрибаи баъзе кишварҳои пешрафта, ки ба он истифодаи механизмҳои ташаккули фонди моддӣ - техникии асосаш ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат ва низоми кластерии ташкили фаъолияти инноватсионӣ мебошад, мувофиқи мақсад мебошад.

Низоми кластерии намуди инноватсионии пешниҳоднамудаи мо ё ба ибораи дигар кластери инноватсионӣ-озуқавории дараҷаи макроиқтисодӣ мақомотҳои давлатии идора (Ҳукуматҳои маҳаллӣ), истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар хоҷагиҳо), худи бозори озуқаворӣ (бозорҳо, маркетҳо ва ба ин монанд), донишкада ва донишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (аз рӯйи соҳаи мувофиқ), инчунин корхонаҳои коркардкунандае, ки байни ҳам новобаста ё вобаста бо Маркази санҷиш ва ояндабинии маҷмӯи озуқаворӣ робитадоштаро фаро мегирад (нигаред ба расми 3)




***Расми 3.*** *Кластери инноватсионӣ-озуқаворӣ*
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ба мақсадҳои Марказ дохил мешаванд:

-гузаронидани санҷиши сифатии доимии маҷмӯи озуқаворӣ ва ташаккули захираҳои иттилоотӣ барои қабули қарорҳо дар доираи унсурҳои кластер ва банақшагирии самарабахши низоми бо озуқаворӣ таъмини аҳолӣ;

-ҳамкорӣ намудан бо иштирокчиёни бозори озуқаворӣ ва мақомотҳои давлатӣ, инчунин бо институтҳои мувофиқи илмӣ-таълимӣ дар хусуси ташаккули фармоишҳо ва аз ҷиҳати иттилоотӣ таъмин кардани онҳо;

-фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи такмили нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории истеҳсол ва истеъмоли молҳои озуқаворӣ;

-рушди маҷмӯи озуқаворӣ ва бозор аз рӯйи соҳаҳои ояндадор ва ғайра.

Марказ фаъолияташро дар асоси худмаблағгузорӣ пеш бурда, буҷаи он аз ҳисоби фармоишҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, инчунин аз ҳисоби пардохтҳои иштирокчиёни кластер, ки муассисони он низ мебошанд, пур мегардад. Сармояи асосии чунин Марказҳо бояд аз ҳисоби муассисон ташаккул ёбад. Марказ бояд дорои шуъбаҳо ё бахшҳои вилоятӣ бошад, то ки ҷамъ ва таҳлил намудани маълумоти мувофиқ самаранок гардад, чунончи дар замони буҳрон бо мақсади саривақт иҷро кардани санҷиш ин нуқта муҳим мегардад. Асоси фаъолияти Марказ аз он иборат аст, ки маълумоти барои муайян кардани роҳи беҳтарини истифодаи захираҳо ва механизмҳои ба он мувофиқ зарур ба ҳама дастрас мегардад. Барои интихоби дуруст бояд дар бораи завқҳои инфиродӣ, имкониятҳои технологӣ ва дастрасии захираҳо маълумоти мувофиқ мавҷуд бошад. Ҳамаи маълумоти зарурӣ ё ақаллан қисми назарраси онро ягон узви алоҳидаи ҷомеа доро нест. Аз ин рӯ маълумоти дар тамоми миқёси иқтисодиёт маҳдуд ва паҳншуда ба ҳама дастрас мегардад.

Умуман, мавҷуд будани захираҳои иттилоотӣ барои танзими воридоти озуқаворӣ ба мамлакат аз фоида холӣ нест. Давлат дар асоси санҷиши вазъи маҷмӯи озуқаворӣ барои соли ҷорӣ ва пешгӯиҳо нисбати соли оянда метавонад доир ба истифодаи механизмҳои танзими гумрукӣ-тарифӣ ва ғайритарифии воридоти озуқаворӣ қарорҳои мувофиқ қабул намояд. Аммо ба танзим даровардани амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ барои нигоҳ доштани баланси озуқавории ҷумҳурӣ нокифоя мебошад.

Идораи самараноки ин раванд дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ иҷро мегардад. Идораи равандҳои аз ҳам ҷудо, воридот ва содироти озуқаворӣ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо шарте иҷро мешавад, ки агар ин раванд ба шакли марказнок гузарад. Чунки агар воридот ва содироти озуқаворӣ тавассути савдогарони хурд аз рӯйи роҳҳои хусусӣ амалӣ гардад, эҳтимоли аз даст рафтан ва бад шудани шароити савдо мавҷуд мебошад. Воридкунанда ва содиркунандагони хурд барои пӯшондани хароҷоти молкашонӣ, иҷораи анборҳои нигоҳдорӣ ва дигар хароҷотҳои бо амалиётҳои байналхалқӣ алоқаманд маблағҳои калонеро доро нестанд.

**Адабиёт**


1. Stoper MИ The Regional World:Territorial Development in a C Iohal Economy – New York – 2015.
2. Аминов И.А. Продовольственный рынок: проблемы развития товарно – торгового бизнеса / Аминова И.А. Бозори озуқаворӣ: масоили рушди соҳибкории молию тиҷоратӣ.- Душанбе-Ирфон, с. 2013, 196 саҳ.
3. Нурализода А.Н. Сабабҳои пайдоиш ва усулҳои арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н.Нурализода, Н.Муборак / Паёми молия ва иқтисод, №2 (22), с.2020, с.63-68
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.12.2022.

5. Портер Н. Конкуренция: Пер. с анг – М.: Издательский дом «Вильянс», 2002 –с. 168.

6. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасехзода Журнала «научные исследования: ключевые проблемы III тысячелетия", Россия, Москва, 2016 г., № 8 (9), с15

7. Солиев, А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.

8. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.

9. Фасехзода И.С. Обеспечение продовольственной безопасности и государственная поддержка развития рынка молока и молочной продукции / И.С.Фасехзода, А.Р.Доутова // Государственное управление. 2022. № 4/1 (58). -С. 44-50.

10. Фасехзода И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях рыночной экономики / И.С. Фасехзода, С.Дж.Тиллоева / Просвещение и познание. 2021 г., №4 (4), с.3.20.

# СОЗДАНИЕ СИСТЕМЫ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ КЛАСТЕРИЗАЦИИ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ГУЛОВ РУСТАМ БОТУРХОНОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры менеджмента и маркетинга
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллахи Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова.
Тел.: (+992) 985-26-44-04.

*В данной статье рассматриваются вопросы формирования системы безопасности пищевых продуктов в условиях кластеризации регионов Республики Таджикистан и пути их совершенствования.*

*Отмечено, что кластеры связаны с формированием отдельных секторов и производств и зависят от повышения интеграции элементов системы продовольственного обеспечения. Уровень развития кластеров производственных секторов повышает конкурентоспособность отрасли и национальной экономики в целом. В статье показана концепция кластеризации с мнением зарубежных и отечественных ученых, и в то же время показан авторский взгляд на формирование системы кластеризации сельскохозяйственной продукции. Также этап разработки кластерной политики разделен на группы.*

*Сделан вывод о необходимости осуществления постоянного контроля качества продовольственного обеспечения и формирования информационных ресурсов для принятия решений в рамках элементов кластера и эффективного планирования системы продовольственного обеспечения населения, взаимодействия с участниками продовольственным рынком и органами государственной власти, а также с соответствующими научными и образовательными учреждениями в частном порядке необходимо формировать заказы и обеспечивать их информацией.*

***Ключевые слова:*** *обеспечение продовольственной безопасности, кластеризация, развитие производства, формирование системы управления, структура социально-экономического развития региона, этапы кластера, инновационно-пищевой кластер, научно-исследовательские институты, развитие аграрного сектора.*

# CREATING A FOOD SECURITY SYSTEM IN THE CONDITIONS OF CLUSTERING REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GULOV RUSTAM BOTURHONOVICH,**
PhD student of the Department of Management and Marketing
Kulyab State University named after Abu Abdullahi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Sangak Safarov str.
Phone: (+992) 985-26-44-04.

*This article discusses the issues of formation of a food safety system in the conditions of clustering of regions of the Republic of Tajikistan and ways to improve them.*

*It is noted that clusters are associated with the formation of individual sectors and industries and depend on the increase in the integration of elements of the food supply system. The level of development of clusters of industrial sectors increases the competitiveness of the industry and the national economy as a whole. The article shows the concept of clustering with the opinion of foreign and domestic scientists, and at the same time shows the author's view on the formation of a clustering system for agricultural products. Also, the cluster policy development stage is divided into groups.*

*It is concluded that it is necessary to constantly monitor the quality of food supply and form information resources for decision-making within the elements of the cluster and effective planning of the food supply system for the population, interaction with food market participants and government authorities, as well as with relevant scientific and educational institutions in private it is necessary to form orders and provide them with information.*

***Keywords:*** *ensuring food security, clustering, development of production, formation of a management system, structure of the socio-economic development of the region, stages of the cluster, innovation-food cluster, research institutes, development of the agricultural sector.*

УДК: 338

# МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО ВА ТАСНИФИ ИННОВАТСИЯҲО

**ЮСУПОВ ИҚБОЛШОҲ НУСРАТУЛЛОЕВИЧ,**
докторант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 204-06-19-96. E-mail: iqbolshou@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур моҳияи иқтисодии мафҳуми «инноватсия» кушода шуда, зарурат, нақш ва аҳамияти он дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ нишон дода шудааст. Қайд шудааст, ки мафҳуми «инноватсия» дар ибтидои асри XX ба илми иқтисодӣ ворид гардид. Марҳилаҳои пайдоиши инноватсияҳо ва хусусиятҳои хоси онҳо муайян карда шудаанд. Равишҳои гуногуни олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳият ва мазмуни иқтисодии мафҳуми «инноватсия» пешниҳод гардида, қайд шудааст, ки таъиноти асосии инноватсияҳо аз он иборат аст, ки дар натиҷаи истифодаи фаъолнокии онҳо рушди илм, такмили таҷҳизоти техникии истеҳсолот таъмин карда шуда, тавассути он баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт ва таҳкими бехатарии он, беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва мисли инҳо таъмин карда мешаванд. Қайд гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ соҳибкории инноватсионӣ яке аз фишангҳои асосии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Муаллиф инноватсияҳоро аз рӯи нишонаҳои гуногун тасниф карда, моҳияти намудҳои инноватсияро шарҳ додааст. Қайд гардидааст, ки самаранокии гузаронидани корҳои инноватсионӣ аз ҳолати иқтидори инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад, ки асоси онро захираҳои зеҳнӣ, моддӣ, молиявӣ, зерсохторӣ, мутахассисон ва ғайра ташкил медиҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *инноватсияҳо, иқтисодиёти инноватсионӣ, илм ва техника, соҳибкории инноватсионӣ, рушди иқтисодӣ, сиёсати инноватсионӣ, таҷҳизоти саноатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, рақобатпазирӣ, иқтидори инноватсионӣ.*

Дар марҳилаи ҷории инкишофи тамаддуни инсонӣ, ки дар он ба ҷойи ҷамъияти саноатӣ ҷамъияти пасосаноатӣ бунёд мешавад, илм, дониш, инноватсия ба нерӯи асосии истеҳсолкунанда табдил меёбанд, ки ба мундариҷаи рушди иқтисодӣ сифати нав мебахшад. Дар ҳақиқат имрӯз дар тамоми ҷаҳон муносибатҳои инноватсионӣ дар ташкилу рушди фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳамаи соҳаҳо васеъ татбиқ мешавад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21-уми декабри соли 2021 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд» [1].

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо равона намудани захираҳои молиявӣ ва моддию техникиро ба рушди илм, техника ва инноватсия, тақвияти пажӯҳишҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотӣ, коркардҳои таҷрибавию конструкторӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва корхонаҳои алоҳида, табдил додани неруи илмию техникӣ ба яке аз захираҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муҳим мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр гардидааст, ки «...марҳалаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо солҳои 2026-2030 мебошад» [2].

Вобаста ба ин, шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ - ин беҳтар намудани иқтидори илмию техникии инноватсионӣ дар мамлакат мебошад. Бояд қайд намуд, ки роҳи инноватсионии рушд, ки ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои пешрафта асос меёбад, дар тамаддуни муосир торафт афзалият пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки назарияи иқтисодиёти инноватсионӣ аз ҷониби аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ пайдо кардааст. Хусусияти асосии иқтисодиёти инноватсионӣ аз он иборат аст, ки ҷараёнҳои ташаккул ва татбиқи донишҳои нав барои рушди иқтисодиёти мамлакат омили ҳалкунанда гардида, ҳамоҳангии муназзами рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити табиӣ ва пешрафти иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ омӯзиши масъалаи моҳияти иқтисодӣ ва таснифи инноватсияҳо аҳамияти зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мафҳуми «инноватсия» бори аввал дар асри XIX дар таҳқиқоти фарҳангшиносон пайдо шуда, дар аввал маънои гузариши баъзе унсурҳои як фарҳангро ба фарҳанги дигар дошт, масалан, ҷорӣ шудани урфу одатҳои аврупоӣ дар давлатҳои Осиё ва Африко. Дар луғати тафсирии В. Дал калимаи «инноватсия» маънои фарҳангӣ дорад: «ҷорӣ намудани навгонӣ, урфу одатҳо, тартиботи нав» [3].

Пайдо шудани ҳар гуна навигарӣ, ки пештар вуҷуд надошт, новатсия (аз калимаи лотинии notation - тағйирот, навсозӣ) номида мешавад. Дар таҷрибаи таҳлили иқтисодӣ як қатор мафҳумҳое истифода мешаванд, ки дар бораи инноватика, инноватсия ва ҷараёнҳои инноватсионӣ маълумот медиҳанд.

*Инноватика* - соҳаи илм буда, назарияҳои гуногуни навоварӣ, ташаккули навигариҳо, паҳншавии онҳо, омилҳои ба навоварӣ таъсиррасонанда, қабули қарорҳои инноватсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

*Фаъолияти инноватсионӣ* ин ҷараёне мебошад, ки ба амалисозии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва коркардҳои анҷомёфта ва ё дигар дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, такмили ҷараёнҳои технологӣ ва инчунин, тадқиқот ва коркардҳои иловагии ба он алоқаманд равона карда шудааст.

*Инноватсия (навоварӣ)* - натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ буда, дар шакли маҳсулоти нав ва ё такмилёфтаи дар бозор фурӯхташаванда ва ё ҷараёни технологии нав ва такмилшудаи дар фаъолияти корхона истифодашаванда, амалӣ карда мешавад.

Иқтидори инноватсионии корхона (соҳа, минтақа, давлат) - ин маҷмӯи намудҳои гуногуни захираҳо, аз ҷумла, захираҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, илмӣ-техникӣ ва ғайра мебошад, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ зарур аст. Дар адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ мафҳумҳои гуногун ба монанди «навоварӣ», «навигарӣ», «инноватсия» ва «навҷорисозӣ» вомехӯранд. Дар баъзе ҳолатҳо ин мафҳумҳо ҳамчун синонимҳо истифода бурда мешаванд, аммо, ба андешаи мо, байни онҳо фарқияти муайян вуҷуд дорад.

Аз нигоҳи мо, «навоварӣ» чизи нави муайянро тавсиф медиҳад ва ба ҳамин маъно ба мафҳуми «ихтироот» наздик аст. «Навигарӣ» - ин натиҷаи мушаххаси азхудкунии техника ва технологияҳои нав, усулҳои беҳтаркунии ташкил ва идоракунӣ мебошад. «Инноватсия» бошад натиҷаи азхудкунии (истифодабарии) амалӣ ё илмӣ-техникии навигариро мефаҳмонад. Инноватсия (аз калимаи лотинии innovation - навоварӣ, навсозӣ, чизи нав офаридан) маънои «сармоягузорӣ ба новатсия»-ро дорад.

Мафҳуми «инноватсия» дар ибтидои асри XX ба илми иқтисодӣ ворид гардид. Иқтисодчии австриягӣ ва америкоӣ Й. Шумпетер дар натиҷаи таҳлили «комбинатсияҳои

инноватсионӣ», тағйирот дар инкишофи системаҳои иқтисодӣ яке аз аввалинҳо шуда дар солҳои 1900-ум истилоҳи «инноватсия»-ро дар иқтисодиёт ба истифодаи илмӣ ҷорӣ кард [14].

Пас аз бӯҳрони бузурги аввали солҳои 1930 дар байни менеҷерони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва баъдан дигар мамлакатҳои муттараққии капиталистӣ мафҳуми «сиёсати инноватсионии ширкат» - ҳамчун рамзи тахассуси соҳибкор ё менеҷер, қобилияти ӯ оид ба баровардани ширкат аз бӯҳрон, хел маъмул гардида буд.

Солҳои 60-70-уми асри XX дар мамлакатҳои Ғарб таҳқиқи инноватсияҳое, ки дар ширкатҳо гузаронида мешаванд, доираи васеъ пайдо кард. Вобаста ба ин, таваҷҷӯҳ асосан ба се самти асосӣ равона карда шуда буд:

- ширкат ҳамчун эҷодкунандаи инноватсия, ҳассосияти он ба навоварӣ ва вобастагии ин ҳассосият аз сохтори ташкилӣ ва усулҳои идоракунӣ;

- маркетинг ё рафтори ширкат дар бозор, омилҳои хавф, усулҳои пешгӯии муваффақияти инноватсия, нишондодҳои иқтисодии марҳилаҳои алоҳида ва умуман навоварӣ;

- сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти инноватсионии ширкат, мусоидат намудан ба рақобат дар бозори байналмилалӣ.

Бояд гуфт, ки маҷмӯи ин самтҳои таҳқиқот номи «инноватсия»-ро гирифта буданд.

Дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳият ва мазмуни иқтисодии мафҳуми «инноватсия» садҳо таърифҳо мавҷуданд, ки равишҳои гуногун доранд.

Б. Твисс инноватсияро ҳамчун раванде муайян мекунад, ки дар он ихтироъ ё ғоя мазмуни иқтисодӣ пайдо мекунад [12].

Ф. Никсон қайд мекунад, ки инноватсия - ин маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки боиси пайдоиши чараёнҳо ва таҷҳизоти саноатии нав ва такмилёфта дар бозор мегардад [7].

Ба андешаи Б. Санто, инноватсия чунин ҷараёни ҷамъиятӣ, техникӣ, иқтисодӣ аст, ки тавассути истифодаи амалии ғояҳо ва ихтироъҳо боиси эҷоди маҳсулот ва технологияҳое мегардад, ки аз рӯи хосиятҳои худ беҳтаринанд ва агар онҳо ба фоида таваҷҷӯҳ кунанд, пайдоиши инноватсия дар бозор метавонад даромади иловагӣ орад [9].

Й. Шумпетер инноватсияро ҳамчун маҷмӯи нави аз ҷиҳати илмӣ омехтаи омилҳои истеҳсолӣ, ки бо рӯҳияи соҳибкорӣ ҳамоҳаганд, шарҳ медиҳад [14].

Ба андешаи Ҷорҷ Сорос инноватсияҳо яке аз афзалиятҳои асосии бозорҳои озод мебошанд, аммо дар ҳолати бозорҳои молиявӣ инноватсияҳои ногузир (номӯътадил)-ро тавлид мекунанд. Омехтаи технологияҳои иттилоотӣ ва назарияҳои бозорҳои самаранок ба афзоиши таркишмонанди воситаҳои нави молиявӣ ва намудҳои нави аҳдномаҳои иқтисодӣ оварда расонд. Хатарҳое, ки бо онҳо вобастаанд, одатан сарфи назар мешуданд, зеро тахмин карда мешуд, ки бозорҳо метавонанд худро мустақилона ба танзим дароранд. Аммо ин чиз танҳо тахмин буд... эҳтимол, воситаҳои сунъӣ ва сохтаи молиявиро иҷозат додан зарур аст, ба монанди он, ки нашри навбатии коғазҳои қимматнок бояд аз ҷониби Комиссия оиди коғазҳои қимматнок ва биржаҳо ба қайд гирифта шаванд [10].

Масъалаи моҳияти иқтисодӣ, ташаккул ва рушди инноватсияҳо дар асарҳои илмии як қатор олимон-иқтисодчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ба андешаи З.С. Султонов, «... фаъолсозии омилҳои инноватсионии технологӣ бештар аз фаъолияти хизматрасонии иттилоотии ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳо, ҷорӣ

намудани технологияҳои муосир, саривақт ошно шудани корхонаҳо бо сатҳи муосири рушди илми ватанӣ вобаста аст» [11].

М.Қ. Файзуллоев қайд намудааст, ки «...яке аз шартҳои асосии фаъолияти самарабахши низоми миллии инноватсионӣ ин ҳамкорӣ, ҳолат ва муҳити навоварӣ мебошад. Ин бояд як шабакаи ягонаеро ташкил диҳад, ки чараёни озоди дониш, ғоя, таҷриба, иттилоот ва навовариро дар дохили низоми инноватсионии миллӣ ва берун аз он таъмин намояд» [13].

С.Ҷ. Комилов ва Г.Ш. Алиева иброз намудаанд, ки «… инноватсияро ҳам динамикӣ ва ҳам оморӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар ҳолати охирин, инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии давраи илмӣ ва истеҳсолӣ, дар натиҷаи навигарӣ ва қонеъ кардани талаботи муайяни инноватсионӣ пешниҳод карда мешавад» [6].

У.М. Ҷумъаев бар он ақида аст, ки «...инноватсияҳоро дар мафҳуми умумии иқтисодӣ, ҳамчун таҷдиди капитали асосӣ (фондҳои истеҳсолӣ) ё маҳсулоти истеҳсолшуда дар асоси ҷорӣ намудани навовариҳо - дастовардҳои илм, техника, технология ё ин ки ин як раванди табиӣ, объективии такмил додани истеҳсолоти ҷамъиятӣ аст» ҳисобидан мумкин аст [4].

Ба андешаи Р.И. Самадов, «... дар шароити муосир пешрафти илмӣ-техникӣ боиси рушди некуаҳволии ҷомеа гардида, тағйироти технологӣ бошад, омили муайянкунандаи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад» [8].

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти асосии инноватсияҳо аз он иборат аст, ки дар натиҷаи истифодаи фаъолнокии онҳо рушди илм, такмили таҷҳизоти техникии истеҳсолот таъмин карда шуда, тавассути он баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт ва таҳкими бехатарии он, беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва мисли инҳо таъмин карда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ соҳибкории инноватсионӣ яке аз фишангҳои асосии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, рушди истеҳсоли мол ва хизматрасонии субъектҳои хоҷагидор бо роҳи рушди мунтазам, босуръат ва экстенсивӣ дохил мешавад. Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва татбиқи инноватсияҳо мушкилоти муайяни системавӣ ҷой дорад, чун: сатҳи пасти пардохтпазирии аҳолӣ; афзоиши хароҷот барои захираҳои истеҳсолот (хизматрасонӣ); набудани дастрасии алтернативӣ ба манбаъҳои ашёи хом; набудани технологияҳои нав; норасоии сармояи арзони қарз ва ғайра. Ба андешаи мо, ҳалли ин вазифаҳо кафолати ҳифзи мустақилияти молиявӣ ва соҳибкории рақобатпазири ҳамаи навъи он ва гарави фаъолнокии самараноки субъектҳои соҳибкорӣ дар маҷмӯъ мебошад.

Ба андешаи мо, инноватсияҳо як навъ воситаи муҳими соҳибкорӣ мебошанд. Агар чараёни мақсадноки ҷустуҷӯи муташаккили навовариҳо аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ набошад, пас инноватсия худ ба худ ягон маъно надорад, П. Друкер гуфтааст, ки «соҳибкорон бо навъи тафаккури инноватсионӣ фарқ мекунанд ва фаъолияти инноватсионӣ воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад» [5]. Й. Шумпетер мегӯяд, ки «дар соҳибкорӣ аз ҳама муҳим ин фаъолияти инноватсионист» [14].

Бояд қайд намуд, ки бахши тавлидкунандаи донишҳо ва табдилдиҳандаи онҳо ба маҳсулоти истеъмолии инсон бо суръати баланд пеш рафта истодааст. Масалан, зарфияти бозори ҷаҳонии маҳсулоти технологии пешрафта дар шароити муосир 3,3 трлн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ин нишондод дар тӯли 15 соли баъдӣ ба 10 трлн. доллари ИМА хоҳад расид [8].

Теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тайи даҳсолаҳои охир дар доираи коҳиш ёфтани моҳияти омилҳои анъанавии рушди

иқтисодӣ (қувваи корӣ, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ) саҳми корҳои инноватсионӣ ба рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои пешрафта бидуни тағйир афзоиш ёфтааст. Агар дар охири асри XX ҳиссаи донишҳои нав, ки ба технология, таҷҳизот ва ташкили истеҳсолот табдил ёфтаанд, ба 4,5% ММД рост меомад (масалан, Фаронса - 58%, Финландия ва Шветсия - 63%, Австрия ва Германия - 67%), пас имрӯзҳо бошад, наздик ба 50% рост меояд. Дар як қатор давлатҳо саҳми инноватсионӣ ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аллакай то ба 70-85% расидааст [8].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳқиқи инноватсияҳо таснифи онҳо ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар адабиёти иқтисодӣ таснифи ягонаи эътирофшудаи инноватсия ё ҳадди ақал нишонаҳоиҳои таснифкунӣ вуҷуд надорад. Инноватсияҳоро аз рӯи нишонаҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.*** *Таснифи инноватсияҳо*

| № | Нишонаҳои тасниф | Намудҳои инноватсия |
|---|---|---|
| I | Вобаста ба самти татбиқ ва марҳилаҳои прогресси илмӣ-техникӣ | - техникӣ ва ё маҳсулотӣ;<br>- технологӣ;<br>- ташкилӣ-идоракунӣ;<br>- иттилоотӣ-коммункатсионӣ;<br>- маркетингӣ;<br>- логистикӣ;<br>- иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ. |
| II | Вобаста ба сабаби пайдоиш | - ҷавобӣ;<br>- стратегӣ. |
| III | Вобаста ба сатҳи навоварӣ | - заминавӣ;<br>- беҳсозӣ;<br>- навовариҳои нопурра. |
| IV | Вобаста ба хусусиятҳои ҷараёни инноватсионӣ | - дохиликорхонавӣ;<br>- байникорхонавӣ. |
| V | Вобаста ба сарчашмаи пайдоиш | - вобаста ба рушди илму техника;<br>- вобаста ба талаботи бозор;<br>- вобаста ба талаботи истеҳсолот |
| VI | Вобаста ба ҳудуди таъсиррасонӣ | - ҷаҳонӣ ё глобалӣ;<br>- миллӣ;<br>- соҳавӣ. |

***Манбаъ:*** *таҳияи муаллиф*

I. Вобаста ба самти татбиқ ва марҳилаҳои прогресси илмӣ-техникӣ намудҳои зерини инноватсияҳоро фарқ мекунанд:

- техникӣ ва ё маҳсулотӣ (масалан, истеҳсоли маҳсулоти дорои хосиятҳои нав ё такмилёфта);

- технологӣ (истифодаи усулҳои беҳтар ва мукаммалтари истеҳсоли маҳсулот);

- ташкилӣ-идоракунӣ (бо равандҳои ташкили мувофиқи (оптималии) истеҳсолот, нақлиёт, маркетинг ва таъминот алоқаманд аст);

- иттилоотӣ-коммункатсионӣ (ташкили ҷараёни оқилонаи иттилоот дар соҳаи фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии ба даст овардани иттилоот);

- маркетингӣ (ба тағйирот дар таҳқиқоти бозор ва тағйир додани тамғаҳои маҳсулот ва ташкилотҳо оварда мерасонад);

- логистикӣ (ба тағйирот дар ташкил, ҷараёни фаъолият, таъмин ва тақсимот оварда мерасонад)

- иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра (беҳтар намудани шароити меҳнат, ҳалли масъалаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва фарҳанг, тағйири шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии фаъолияти корхона).

Ду намуди навовариҳои технологӣ вуҷуд доранд: маҳсулотӣ ва ҷараёнӣ. Навовариҳои маҳсулотӣ - ҷорӣ намудани маҳсулоти нав ё такмилёфта мебошад. Навовариҳои ҷараёнӣ - азхуд кардани маҳсулоти нав ё хеле такмилёфта, ташкили истеҳсолот аст. Истеҳсоли ин гуна маҳсулот бо истифода аз таҷҳизоти мавҷуда ва ё усулҳои татбиқи истеҳсолот имконнопазир аст.

Намудҳои гуногуни инноватсияҳо бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Масалан, навигариҳои техникӣ ва технологӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ шароит фароҳам меоранд, зеро онҳо ташкили истеҳсолотро тағйир медиҳанд.

II. Вобаста ба сабаби пайдоиш

- ҷавобӣ (ҷавоб ба навоварие, ки рақиб амалӣ карда шудааст);

- стратегӣ (мақсад ба даст овардани бартариятҳои рақобатпазир дар оянда мебошад).

III. Вобаста ба сатҳи навоварӣ инноватсияҳо чунин мешаванд:

- *заминавӣ*, ки ба коркарди наслҳои нави мошинҳо ва масолеҳ нигаронида шудааст ва дар асоси технологияҳои принсипиалии нав ё ба омезиши технологияҳои мавҷуда дар истифодаи нави онҳо асос ёфтааст;

- *беҳсозӣ,* таъсир расонидан ба маҳсулоти мавҷуда, ки хусусияти сифат ё арзиши он ба таври назаррас беҳтар шудааст, инчунин навовариҳои марбут ба ҷорӣ намудани усулҳои хеле такмилёфтаи истеҳсолот. Ин навигариҳо барои паҳн кардан ва такмил додани наслҳои азхудшудаи таҷҳизот (технология) равона карда мешаванд;

- *нопурра,* ки тағйироти ночизи техникӣ ё беруниро дар назар доранд (дизайн, ороиш, бастабандӣ ва ғайра) дар маҳсулот, дар ҳоле ки тарҳи он бетағйир боқӣ мемонад. Ин хусусияти таснифро инчунин метавон аз мавқеи бозор баррасӣ кард. Дар ин ҳолат навоварӣ аз рӯи дараҷаи навгонӣ ба маҳсулоти нав барои саноат, инноватсия барои саноати мамлакат ва навовариҳо барои корхонаи инноватсионӣ ҷудо мешавад.

IV. Вобаста ба хусусиятҳои ҷараёни инноватсионӣ намудҳои зерини инноватсияро ҷудо мекунанд:

- дохиликорхонавӣ (навовариҳо дар дохили корхона сурат мегирад);

- байникорхонавӣ (навовариҳо дар байни корхона амалӣ мешаванд).

V. Вобаста ба сарчашмаи пайдоиш инноватсиҳо чунин мешаванд:

- вобаста ба рушди илму техника;

- вобаста ба талаботи бозор;

- вобаста ба талаботи истеҳсолот.

VI. Вобаста ба ҳудуди таъсиррасонӣ намудҳои зерини инноватсияҳоро ҷудо мекунанд:

- ҷаҳонӣ ё глобалӣ (навовариҳо дар сатҳи мамлакатҳои ҷаҳон);

- миллӣ (навовариҳо дар сатҳи мамлакатҳои алоҳида);

- соҳавӣ (навовариҳо дар сатҳи соҳаи мушаххас, масалан истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии саноатӣ).

Инноватсия аз бисёр ҷиҳат рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодиёти бозорӣ ва умуман мамлакат, шуғли аҳолӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнатро муайян карда, омили муҳими рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба ташкили механизмҳои самараноки татбиқи инноватсияи маҳсулотӣ, технологӣ ва ташкилӣ, равона намудани онҳо барои таъсиси заминаи рушди устувори иқтисодиёт диққати бештарро талаб намуда, дар фаъолияти минбаъда хело муҳим мебошад.

Дар шароити муосир фаъолияти босамари корхонаҳо бе инноватсия ва сармоягузорӣ имконнопазир аст. Шартҳои бозории рушди иқтисодиёт доимо дигаргунсозиҳои на фақат миқдорӣ, балки сифатиро талаб мекунад. Талаботҳои зеринро тавассути истифодаи техника ва технологияи аз ҳама пешқадам, пайваста инкишоф додани манбаи илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади таъмини сифати баланди навовариҳо иҷро намудан мумкин аст, ки он сармоягузории муайянро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, кушодани моҳияти иқтисодии мафҳуми «инноватсия» ва таснифи он аз рӯи нишонаҳои гуногун имкон медиҳад қайд намоем, ки самаранокии гузаронидани корҳои инноватсионӣ аз ҳолати иқтидори инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад, ки асоси онро захираҳои зеҳнӣ, моддӣ, молиявӣ, зерсохторӣ, мутахассисон ва ғайра ташкил медиҳанд. Барои истеҳсоли доимии молҳои нав ё технологияи нав субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд шӯъбаи инноватсионӣ ташкил намояд, ки мақсади асосии он такмили комплекси илмӣ-техникӣ, кам намудани хароҷот, баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои ниҳоӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 года [Захираи электронӣ]//www.president.tj

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, «Контраст». - 2016. - 88 с.

3. Даль В.И. Толковый словарь русского языка. - М.: Издателӣство ЭСКМО. - 2020. - 896 с.

4. Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан // Автореф. дисс. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. - М. - 2010. - 24 с.

5. Друкер П. Задачи менеджмента в XXI веке [Текст]: [пер. с англ.]. - М.: Издательский дом «Вильямс». - 2013. - 412 с.

6. Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Основы инновационного менеджмента. - Душанбе: ТГНУ. - 2014. - 365 с.

7. Никсон Ф. Инновационный менеджмент [Текст]: [пер. с англ.]. - М.: Экономика. - 2007. - 369 с.

8. Самадов Р.И. Управление процессами формирования инновационного потенциала национальной экономики. Диссертация на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. - Душанбе. - 2018. - 189 с.

9. Санто Б. Инновация как средство экономического развития. - М.: Инфра-М. - 2017. - 312 с.

10. Сорос Дж. Открытое общество. Реформируя глобальный капитализм. - М. - 2001. - 460 с.

11. Султанов З.С. Инновационно-технологические факторы развития в региональной экономике, их финансовое и научное обеспечение / Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - Белгород. - 2015. - С. 164-171.

12. Твисс Б. Управление научно-техническими нововведениями. Сокр. пер с англ.; предисл. К.Ф. Пузини. - М.: Экономика. - 2009. - 271 с.

13. Файзуллоев М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления) // Автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. - М. - 2012. - 44 с.

14. Шумпетер Й. Теория экономического развития: (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры) / Пер. с нем. В.С. Автономова и др. Общ. ред. А.Г. Милейковского. - М.: Прогресс. - 2012. - 455 с.

## СУЩНОСТЬ, ОСОБЕННОСТЬ И КЛАССИФИКАЦИЯ ИННОВАЦИЙ

**ЮСУПОВ ИКБОЛШОХ НУСРАТУЛЛОЕВИЧ**,
докторант (PhD) Академии государственного
управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 204-06-19-96. E-mail: iqbolshou@gmail.com

*В данной статье раскрыта экономическая сущность понятия «инновация», показаны его необходимость, роль и значение в условиях перехода к инновационной экономике. Отмечается, что понятие «инновация» вошло в экономическую науку в начале XX века. Определены этапы появления инноваций и их специфические характеристики. Представлены различные подходы зарубежных и отечественных ученых к сущности и экономическому содержанию понятия «инновации», а также отмечено, что основная цель инноваций состоит в том, чтобы в результате их деятельности происходило развитие науки, совершенствование технического обеспечивания оснащение производства, а за счет повышения производительности общественного труда обеспечивается повышение конкурентоспособности экономики и укрепление ее безопасности, повышение качества жизни населения и т.д. Отмечается, что в современных экономических условиях инновационное предпринимательство является одним из основных рычагов экономического развития Республики Таджикистан. Автор классифицировал инновации по разным признакам и разъяснил сущность видов инноваций. Отмечено, что эффективность проведения инновационных работ зависит от состояния инновационного потенциала хозяйствующих субъектов, основу которых составляют интеллектуальные, материальные, финансовые, инфраструктурные, кадровые и др. ресурсы.*

***Ключевые слова:*** *инновации, инновационная экономика, наука и техника, инновационное предпринимательство, экономическое развитие, инновационная политика, промышленное оборудование, информационные технологии, конкурентоспособность, инновационный потенциал.*

## THE ESSENCE, PECULIARITY AND CLASSIFICATION OF INNOVATIONS

**YUSUPOV IKBOLSHOKH NUSRATULLOEVICH,**
doctoral student (PhD) Academy of Public
Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 204-06-19-96. E-mail: iqbolshou@gmail.com

*This article reveals the economic essence of the concept of "innovation", shows its necessity, role and significance in the transition to an innovative economy. It is noted that the concept of "innovation" entered economic science at the beginning of the twentieth century. The stages of emergence of innovations and their specific characteristics are determined. Various approaches of foreign and domestic scientists to the essence and economic content of the concept of "innovation" are presented, and it is also noted that the main goal of innovation is to develop science as a result of their activities, improve technical support, equip production, and by increasing the productivity of social labor provides an increase in the competitiveness of the economy and strengthening its security, improving the quality of life of the population, etc. It is noted that in modern economic conditions, innovative entrepreneurship is one of the main levers for the economic development of the Republic of Tajikistan. The author classified innovations according to different criteria and explained the essence*

*of the types of innovations. It is noted that the efficiency of carrying out innovative work depends on the state of the innovative potential of economic entities, which are based on intellectual, material, financial, infrastructural, human and other resources.*

***Keywords:*** *innovations, innovation economy, science and technology, innovative entrepreneurship, economic development, innovation policy, industrial equipment, information technology, competitiveness, innovation potential.*

УДК: 330

# ТАТБИҚИ СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИИ САНОТӢ ВА ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ БОЗОРГОНӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**АБДУҶАБОРЗОДА ХУШБАХТ АБДУҶАБОР,**
унвончӯйи кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
Тел.: (+992) 908-88-08-00.

*Мақола фарогири масъалаи татбиқи субектҳои ҳуқуқии санотӣ ва воситаҳои муосири бозоргонӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорро фаро мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки барои субъектони хоҷагидории муосир ташаккул додани ҷанбаҳои самараноки соҳибкорӣ бидуни фаъолияти маркетингӣ, ки унсури асосии онро коммуникатсияҳои маркетингӣ дар бар мегирад, душвор аст. Мақсади асосии фаъолияти коммуникатсионии субъектони хоҷагидор таблиғи молу маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои ба он вобаста, пайдо намудани мавқеъ дар байни рақибони бозор ва ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани иттило дар бораи молу мулк (дар шакли реклама) ва фармоиши он мебошад.*

*Ҳамин тавр, муаллиф ба хулосае меояд, ки хусусияти асосии фарққунандаи воситаҳои муосири бозоргонӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ мавҷудияти принсипи ҳамгироӣ дар татбиқи каналҳои нави пешбарӣ, маркетинг, таблиғот, PR ва иртиботи корхона бо ҷонибҳои манфиатдор ба шумор меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *маркетинг, таблиғот, PR, иртиботи корхона, ҷонибҳои манфиатдор, истеъмолкунанда, низоми ҳуқуқӣ, нақши ҳуқуқӣ.*

Барои субъектони хоҷагидории муосир ташаккул додани ҷанбаҳои самараноки соҳибкорӣ бидуни фаъолияти маркетингӣ, ки унсури асосии онро коммуникатсияҳои маркетингӣ дар бар мегирад, душвор аст. Мақсади асосии фаъолияти коммуникатсионии субъектони хоҷагидор таблиғи молу маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои ба он вобаста, пайдо намудани мавқеъ дар байни рақибони бозор ва ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани иттило дар бораи молу мулк (дар шакли реклама) ва фармоиши он мебошад.

Танзими ҳуқуқии воситаҳои муосири бозоргонӣ (фаъолияти маркетингӣ) субъектони хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кафолатҳои конститутсионии фаъолияти соҳибкорӣ ва муқаррароти умумии қонунгузории маданӣ дар бораи шахсони воқеӣ (масалан, соҳибкорони инфиродӣ – барномасозон), шахсони ҳуқуқӣ (масалан, агентиҳои таблиғотӣ), оид ба объектҳо (масалан, захираҳои иттилоотӣ) оид ба ҳуқуқи моликият (масалан, корхона), оид ба ӯҳдадориҳо (аз ҷумла шартномаҳо оид ба хизматрасонии маркетингӣ) ба роҳ монда шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қувваи олии ҳуқуқӣ дорад 6 ноябри соли 1994 қабул гардида, дар моддаи 12 муқаррар менамояд, ки: “Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад” [1].

Ба андешаи профессор Раҳимзода М.З., новобаста аз муҳиммияти муқарраротҳои дар боло зикркардашуда, оид ба иқтисодиёт ва соҳибкорӣ дар конститутсия онҳо наметавонанд асос ва мазмуни дигар муқаррароти Қонуни асосиро муайян намоянд. Чунин нақшро умуман меъёрҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ва инсон, бо дарназардошти муқаррароти ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва интихоби касб иҷро менамоянд. Зимнан, агар давлат ба шахс озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро эътироф намояд, вай инчунин, ӯҳдадор аст, ки дар ҳудуди худ ба ӯ фазои ягонаи иқтисодиро кафолат диҳад. Ба ин муқаррароти муҳими конститутсионӣ ӯҳдадории давлат оид ба таъмин намудани

чунин заминаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди низоми ягонаи пулӣ, низоми ягонаи бонкҳо, ҳаракати озодонаи мол ва хизмат, ҳифзи сармоя дар ҳудуди он ва ҳифзи рақобат мутобиқат менамояд[2-8].

Дуюмин муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи воситаҳои муосири бозоргонӣ танзим мекунад, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 24 декабри соли 2022 қабул гардидааст[3].. Тибқи моддаи 1-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Агар таснифоти шартии санадҳои қонунгузориро бо назардошти танзими воситаҳои муосири бозоргонӣ ба сомон расонем, он чунин гурӯҳбандӣ мешавад:

1) қонунҳое, ки талаботи давлатиро нисбати воситаҳои муосири бозоргонӣ таъмин мекунанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508[4]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” аз 30 майи соли 2017, № 1417[5]. ва ғайра;

2) қонунҳое, ки вазъи ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорро танзим мекунанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” аз 5 марта соли 2007, №237[6]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” аз 10 майи соли 2002 № 53[7]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” аз 22 июли соли 2013, № 991[8]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ” аз 28 феврали соли 2004, № 10[9]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107[10]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 8 декабри соли 2003, № 46[11]. ва ғайра;

3) қонунҳое, ки низоми ҳуқуқии объектҳои фаъолияти маркетингиро муқаррар мекунанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, № 55[12].; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” аз 2 декабри соли 2002, №71[13]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри тиҷоратӣ” аз 18 июни соли 2008, № 403[14], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” аз 18 марти соли 2015 № 1197[15]. ва ғайра.

Барои танзими муфассал ва аксаран фаврии муносибатҳо дар самтҳои алоҳида, санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ шудаанд: фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ ва ғайра.

Дар робита ба ташаккули бисёре аз ширкатҳои калон дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши ҳуқуқи корпоративӣ меафзояд, ки он аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии худи субъектҳои хоҷагидорӣ (асосан ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ) бо мақсади танзими сохтори ташкилӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ қабулгардида ташаккул меёбад. Ба санадҳои корпоративӣ инҳо дохил мешаванд: оиннома, низомнома дар бораи маҷлиси умумии иштирокчиён (саҳмдорон), шурои директорон, дар бораи мақомоти иҷроияи ҷамъияти хоҷагидорӣ, низомнома дар бораи филиал ва шуъба ва ғ. Масалан, низоми ҳуқуқии низоми иттилоотӣ (аз ҷумла сирри тиҷоратӣ) аз ҷониби ҳар як ташкилот бо санади меъёрии маҳаллӣ муқаррар карда мешавад.

Марҳалаи кунунии фаъолияти иқтисодии сохторҳои соҳибкорӣ ташаккул ва ҳамгироии технологияҳои гуногун мебошад, ки он имкон медиҳад, то стратегияи маркетинг мувофиқ ба талабот такмил дода шавад. Як ҷузъи муҳимми самаранокии

маркетинг ин ҳамгироии иртиботи “онлайн” ва “офлайн”-ии созмон бо истеъмолкунандагон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мебошад.

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар доираи рушди эволютсионии фаъолияти коммуникатсия, тағйирот дар консепсияҳо аз коммуникатсияҳои маркетингӣ ба коммуникатсияҳои ҳамгирошудаи маркетинг ба амал омад. Алоқаҳои маркетингӣ барои корхона воситаи асосии таъсиррасонӣ ба муҳити беруна гардиданд, ки унсурҳои асосии он истеъмолкунандагон мебошанд.

Воситаҳои асосии муошırати маркетингӣ брендинг, стратегияи PR ва фаъолияти таблиғотӣ мебошанд. Мақсади ин воситаҳо ташаккул додани мавқеи дурусти бренди ширкат дар бозори истеъмолӣ ва афзоиши фурӯши маҳсулот мебошад. Ин воситаҳо муҳимтарин абзорҳои идоракунии рақобатпазирӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд.

Пас, бисёре аз тамоюлҳои тиҷоратро метавон ба иртиботи маркетингӣ мансуб кард: гузариш аз хидматрасонии муштариён ба эҷоди муносибат бо онҳо ва гузариш аз захираҳои инсонӣ ба қарорҳои кадрӣ.

Дар самти фаъолияти соҳаи мазкур ду унсуре вуҷуд доранд, ки ба иртиботи маркетингӣ таъсир мерасонанд:

- симои ширкат;
- арзиши бренди ширкат.

Ҳам симои ширкат ва ҳам арзиши бренди он тавассути воситаҳои иртибототи маркетингӣ ташаккул меёбанд, ки дар байни онҳо PR ва фаъолияти таблиғотӣ нақши муҳим доранд.

Ба андешаи мо, қоидаҳои ташкили самараноки алоқаи байни ширкат ва ҷонибҳои манфиатдори он инҳо мебошанд:

- маълумоте, ки бояд ҳақиқӣ, боэътимод ва мукаммал бошад ё ба ҳар гуна тақаллуб ва сӯиистифодагариҳо роҳ надиҳад;
- паёмҳои коммуникатсионии корхона бояд барои тамоми аудиторияи мақсаднок сода ва фаҳмо бошанд;
- ҳангоми муошират бо истеъмолкунандагон, як сабурии эмотсионалӣ илова кардан зарур аст, ки бо ёрии шабакаҳои иҷтимоӣ имконпазир бошад;
- аз шакли қатъии иртибототи бренди ширкат бо муштариён ва дигар ҷонибҳои манфиатдор даст кашидан лозим аст;
- ташаккули стратегияи коммуникатсионӣ бе таҳлили ҳаррӯзаи афкори љомеа, ки дар муошират бояд ба назар гирифта шавад, имконнопазир аст.

Дар сурати дуруст ҷорӣ намудани коммуникатсия, роҳбарияти ширкат метавонад арзиши бренди худро баланд бардорад ва баҳодиҳии симои корпоративиро низ аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор, ки ба кор бо брендҳои мусбӣ таваҷҷӯҳ доранд, беҳтар созад.

Асоси муошırати маркетингӣ ҳадафи баланд бардоштани сатҳи эътирофи ширкат дар тарафи рост, инчунин беҳтар кардани симои корпоративӣ ва арзиши брендро дорад, ки дар маҷмуъ дар бозори истеъмолӣ бартарии назарраси рақобатӣ медиҳад. Вазифаи асосии воситаҳои алоқаи маркетингии ташкилотҳо ин ҳамкории дурусти ширкат бо ҷонибҳои манфиатдори он мебошад, ки арзёбии он ба мавқеи эҳтимолииояндаи корхона дар бозор бевосита таъсиррасон мебошад.

Аз солҳои 90-уми асри 20 сар карда, нақши муҳимтаринро дар фаъолияти маркетинг дигар на коммуникатсияҳои маркетингӣ, балки коммуникатсияҳои интегралӣ (коммуникатсияҳои интегралӣ маркетинг) ишғол мекунанд[16.269-271].

Аз ин сабаб, барои шуъбаи маркетингӣ маҳз коммуникатсияҳои ҳамгирошудаи он воситаи муҳимтарин барои таҳияи стратегияи пешбурди маҳсулот ва хидматҳои онҳо дар бозор мебошанд.

Дар маркетинг ҷиҳати тағйироти консепсияи фаъолияти коммуникатсионӣ омилҳои зерин ба амал меоянд, аз ҷумла:

- дастрасии васеи мардум ба истифодаи шабакаи интернет;

-гузаштан аз каналҳои таблиғотии анъанавӣ ба васоити интерактивӣ;

-пайдоиши васоити ахбори оммаи махсусгардонидашуда ба сегментҳои ҷудогонаи бозор;

-тағйир додани рӯҳияи истеъмолкунандагон.

Тафовути асосии байни коммуникатсияҳои интегралӣ ва маркетинг дар он аст, ки принсипи ҳамгироӣ ба ташаккули стратегияи иртибототи корхона бо ҷонибҳои манфиатдор маҳз тавассути пайвастани самаранокии соҳаҳои гуногуни пешбурд мусоидат мекунад. Ин омил, дар навбати худ, ба таъсири синергетикӣ оварда мерасонад ва самаранокии бештарро аз омезиши воситаҳои гуногуни иртибототи маркетингӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, хусусияти асосии фарққунандаи воситаҳои муосири бозоргонӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ мављудияти принсипи ҳамгироӣ дар татбиқи каналҳои нави пешбарӣ, маркетинг, таблиғот, PR ва иртиботи корхона бо љонибҳои манфиатдор ба шумор меравад.

Бо дарназардошти рушди босуръати «инқилоби чоруми саноатӣ» ва гузариш ба «тартиби шашуми технологӣ» технологияҳои инноватсионӣ дар маркетинг танҳо рушд хоҳанд кард, ки он таҳаввулоти минбаъдаро дар фаъолияти коммуникатсионӣ дар ташкилотҳо идома медиҳад.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. - Душанбе, 2016. – С.7.
2. Раҳимзода М.З. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2023. -С.8.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, 1918// https://mmk.tj/content/
4. АМОҶТ 2009, №5, мод. 316; с.2010, №12, мод.828; с.2012, №12, қ.1, мод.1006; с.2015,№11,мод.972; с.2016,№5, мод.370.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” аз 30 майи соли 2017, № 1417// https://mmk.tj/content/
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2008, №10, мод. 812; с. 2009, № 5, мод. 318, №7-8, мод. 496; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” аз 10 майи соли 2002 № 53// https://mmk.tj/content/.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.
9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №2, мод.42; с.2008, №10, мод.807; с.2010, №12, қ.1, мод. 818; Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 426, аз 29.12.2010 № 659, аз 2.01.2020 № 1679.
10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684.
11. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, мод.674; соли 2008, №10, мод.813; соли 2009, №5, мод.317. Қонуни ҶТ аз 02.01.2019 с., № 1579.

12. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164.
13. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №11, мод. 696; соли 2005, №12, мод.646.
14. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, № 6, мод. 461.
15. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2015, №3, мод.219; с.2018, №5, мод.281; Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 № 1530, аз 19.07.2019 № 1636, аз 23.12.2021 № 1838.
16. Макушева О.Н. Интегрированные маркетинговые коммуникации как концепция продвижения продуктов и услуг компании // Молодой ученый. 2019. № 20 (258). С. 269-271.

## ПРИМЕНЕНИЕ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРАВОВЫХ СУБЪЕКТОВ И СОВРЕМЕННЫХ МАРКЕТИНГОВЫХ ИНСТРУМЕНТОВ ПРИ РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**АБДУЖАБОРЗОДА ХУШБАХТ АБДУДЖАБОР,**
соискатель юридического кафедра
Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел: (+992) 908-88-08-00.

*В статье рассматривается применение промышленных юридических лиц и современных рыночных инструментов в развитии предпринимательской деятельности. Автор отмечает, что современным хозяйствующим субъектам сложно развивать эффективные аспекты бизнеса без маркетинговой деятельности, основным элементом которой являются маркетинговые коммуникации. Основной целью коммуникационной деятельности хозяйствующих субъектов является продвижение товаров, продукции, работ и услуг, связанных с ней, поиск позиции среди конкурентов на рынке и предоставление конечному потребителю информации об объекте (в форме рекламы) и его порядок.*

*Таким образом, автор приходит к выводу, что основной отличительной чертой современных маркетинговых инструментов развития деловой активности является принцип интеграции при реализации новых каналов продвижения, маркетинга, рекламы, PR и коммуникации компании с заинтересованными сторонами.*

***Ключевые слова:*** *маркетинг, реклама, PR, корпоративные коммуникации, заинтересованные стороны, потребитель, правовая система, правовая роль.*

## APPLICATION OF INDUSTRIAL LEGAL SUBJECTS AND MODERN MARKETING TOOLS IN THE DEVELOPMENT OF BUSINESS ACTIVITY

**ABDUJABORZODA KHUSHBAKHT ABDUJABOR,**
is a candidate for the Department of Law at the
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 908-88-08-00.

*The article covers the application of industrial legal entities and modern market tools in the development of business activity. The author notes that it is difficult for modern economic entities to develop effective aspects of business without marketing activities, the main element of which includes marketing communications. The main purpose of the communication activity of economic entities is to promote goods, products, work and services related to it, to find a position among market competitors and to provide the final consumer with information about the property (in the form of advertising) and its order.*

*Thus, the author comes to the conclusion that the main distinguishing feature of modern marketing tools in the development of business activity is the principle of integration in the implementation of new channels of promotion, marketing, advertising, PR and communication of the company with stakeholders.*

***Keywords****: marketing, advertising, PR, corporate communication, stakeholders, consumer, legal system, legal role.*

УДК: 35+336:574(575.3)

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ

**ЗОҲИДОВ КАМОЛИДДИН СУЛАЙМОНОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-02-10-95. E.mail: kamoliddin.com95@gmail.com

*Дар мақола принсипҳои асосии рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки бо дарназардошти пешрафти илмию техникӣ ва рақобат, соҳибкории экологӣ бояд дурнамои фаъолияти худро барои ҷоннок намудани хизматрасониҳои маркетингӣ ва ҳалли мушкилоти бозор дошта бошад, инчунин, дар асоси принсипҳои асосии хадамоти маркетингӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар бозорҳои дохила ва хориҷи кишвар мавқеи хоси худро пайдо намояд. Зеро пешбурди тактика ва дурнамоҳои рушд ба таҳлили вазъи бозор ва сохторбандии он асос меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасониҳои маркетингӣ, соҳибкории экологӣ, сиёсати нархгузорӣ консепсияи тиҷоратӣ, таҳлили вазъи бозор, консепсияи истеҳсолӣ, тағйирёбии талабот, бозори экологӣ.*

Масъалаи таъхирнопазири фаъолияти корхонаҳои тамоми ҷаҳон ба накша гирифтан ва ташкили хизматрасониҳои маркетингӣ мебошад. Яке аз сабабҳои фаъолияти зараровари фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории экологӣ диккат надодан ба хизматрасониҳои маркетингӣ мебошад. Дар натиҷа, ширкатҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар шароити маълумоти маҳдуд доштан дар бораи бозор ва сегментҳои алоҳидаи он фаъолият менамоянд. Истифодаи хизматрасониҳои маркетингӣ барои ноил шудан ба мувофиқати байни интизориҳои истеъмолкунандагон ва имкониятҳои (захираҳои) ширкат мусоидат мекунад.

Фаъолият ва хизматрасониҳои маркетингӣ фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ буда, барои муайян намудан ва қонеъ гардонидани ниёзҳои хизматрасонии он тавассути мубодила равона карда шудааст, ки ҳадаф аз он гирифтани фоида ба шумор меравад [11].

Фаъолияти маркетингӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:
- тадқиқоти бозор, сегментатсия;
-таҳлили талабот ва пешгӯии он;
- таблиғ ва пешбурди фурӯш;
- сиёсати нархгузорӣ.

Объекти фаъолияти маркетингӣ низомест, ки аз унсурҳои «талабот – мол, маҳсулот, нарх, таблиғот ва фурӯш» иборат аст. Дар ин низом ҷои марказиро ҳамаи молҳое ишғол мекунанд, ки мақсад аз онҳо қонеъ гардонидани баъзе эҳтиёҷоти аҳолӣ мебошад.

Ба маънои васеъ, хизматрасонии маркетингиро на танҳо ҳамчун як намуди фаъолият, балки ҳамчун консепсияи бозории идоракунии истеҳсолот фаҳмидан лозим аст, ки ғояи асосии он қонеъ гардонидани талабот тавассути бозор ва дар асоси фаъолияти тамоми шӯъбаҳои кории корхона мебошад. [3].

Истеҳсоли маҳсулот комилан ба талаботи бозор ва имкониятҳои фурӯши он вобастагӣ дорад. Бо назардошти пешрафти илмию техникӣ ва рақобат ҳар як корхона бояд стратегияи мувофиқ оид ба ҳалли масъалаҳои маркетингӣ дошта бошад [10].Фаъолияти маркетингии ҳар як корхона бо принсипҳои зерин асос меёбад: (ниг. расми 1.).

***Расми 1.***

**Принсипҳои асосии хадамоти маркетингӣ**

- фурӯхтани маҳсулот аз ҷиҳати экологӣ тоза ва гирифтани фоида
- таъсири фаъол ба талабот ва рушди он дар асоси хадамоти маркетингӣ
- вокуниши истеҳсолот ба эҳтиёҷот ва тағйирёбии талабот
- истифодаи нархгузорӣ ҳамчун механизми таъсиррасонӣ ба вазъи бозор;
- интихоби усулҳои таблиғ ва фурӯши маҳсулот
- нигоҳ доштани фазои эҷодӣ дар байни кормандони бахши маркетингӣ
- ҳавасмандии кормандон ва ташаббуси онҳо дар қабули қарорҳо

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки хадамоти маркетингӣ дар давоми инкишофи худ як эволютсияи муайянеро паси сар кардааст, ки ба он мафҳумҳои муайян хос аст, инчунин илова ба принсипҳои зикргардида метавон гуфт, ки намудҳои гуногуни маркетинг вуҷуд дорад, ки принсипҳои алоҳида ва хоси худро доранд. Масалан, маркетинги (латериальный) паҳлӯиро метавон мисол овард, ки ҳамчун "паҳлӯӣ" ё ба паҳлӯ равонашуда" муайян намудаанд. Таъриф аз калимаҳои лотинии "latus" ва "lateralis" ё ба маънои аслӣ "тараф" гирифта шудааст.

Ин намуди маркетинг бо принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- Омӯзиш ва таҳлили норозигии истеъмолкунандагон, инчунин, муайян кардани нуқтаҳои зарурӣ барои оптимизатсияи молҳо, хизматрасониҳо ва алоқа;
- Диққати ҷиддӣ ва афзалиятнок додан ба объектҳое, ки тағйироти куллиро талаб мекунанд;
- Эҷоди фазои ҳавасмандкунанда барои мизоҷон;
- Эҷоди робитаҳои нав бо мизоҷон, рақибон ва бозор, ки тавассути он объект тағйир меёбад. [1].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як раванди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ консепсияи хоси худро дорад, ки тибқи қисматҳои он фаъолияти минбаъдаро ба роҳ мемонанд. Дар ин замина, бояд қайд намоем, ки фаъолияти хадамоти маркетингӣ низ косепсия худро дорад.

Консепсия ин низоми ақидаҳоест, ки равиши корхонаро барои расидан ба ҳадафи ниҳоии худ муайян месозад.

Тибқи омӯзиши адабиёти мухталифи иқтисодӣ маълум гардид, ки панҷ консепсияи маркетинг вуҷуд дорад ва ин косепсияҳо барои амалӣ гардидани принсипҳои хизматрасониҳои маркетингии соҳибкории экологӣ саҳми муассир гузошта метавонанд: тиҷоратӣ; истеҳсолӣ; хӯрокворӣ; маркетинги иҷтимоӣ; маркетинги инфиродӣ; [2].

Консепсияи тиҷоратӣ пеш аз ҳама бо кори хадамоти тиҷоратӣ тавсиф мешавад. Ба инҳо кормандони таблиғот, фурӯшандагон, агентҳои фурӯш ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Ба ақидаи олими рус Голубков Е. П. шаклҳои гуногуни таъсири равонӣ танҳо вақте самараи бештар медиҳанд, ки харидор бо маҳсулоти пешниҳодшуда ва сифатҳои он шинос набошад. Маҳсулот бо мақсади фурӯши он дар ҳама гуна шароит таблиғ карда мешавад [5].

Мо чунин мешуморем, ки ҳангоми ба роҳ мондани хизматрасониҳои маркетингӣ маркетологҳои ширкатҳо бояд бо ҷалби доираи васеи харидорон таблиғи маҳсулотро ба роҳ монда, сифат ва арзиши аслии онро дақиқ фаҳмонанд ва ҳолати тағйирёбандаи бозорро мунтазам омӯзанд, инчунин оид ба амалӣ намудани консепсияи истеҳсолӣ чораандешӣ намоянд.

Консепсияи истеҳсолӣ ҷидду ҷаҳди бузурги корхонаро барои такмил додани истеҳсолот бо роҳи ба кор андохтани захираҳои дохилӣ барои васеъ намудани истеҳсолот ва мувофиқан паст кардани арзиши аслии маҳсулот пешбинӣ мекунад. Ин мафҳум ба сатҳи пасти рушди муносибатҳои бозорӣ мувофиқат мекунад.

Дар фаъолияти соҳибкории экологӣ бошад, инчунин, консепсияи истеҳсолӣ бо роҳи истифодаи усулҳо ва технологияҳои муосир истеҳсол намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза амалӣ карда мешавад.

Тибқи ақидаи Голубков Е.П. консепсияи маҳсулот аз он ҷиҳат мушаххас аст, ки вай ба беҳтар кардани хосиятҳои маҳсулот, иҷрои амалиётӣ ва конструктории онҳо, инчунин ба беҳтар намудани сифати маҳсулот нигаронида шудааст. Ин консепсия ба талаботи рақобат ҷавобгӯ мебошад, агар имкониятҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ тавассути такмили он дар шароити тақозои устувор мавҷуд бошад [6].

Хусусияти асосии мафҳумҳои дар боло муҳокимашуда дар он аст, ки дар маркази диққати онҳо истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохила ва хориҷи кишвар мебошад.

Консепсияи маркетинги иҷтимоӣ на танҳо бо муайян кардан ва қонеъ кардани ниёзҳои инфиродии корхона маҳдуд намешавад, балки манфиатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти ояндадор: ҳифзи муҳити зист, сарватҳои табиӣ, саломатии одамон, амнияти давлатӣ ва ғайраро ба назар мегирад.

Консепсияи маркетинги инфиродӣ ба муайян кардани ниёзҳои инфиродии ҳар як харидор ва равона кардани кӯшишҳо барои қонеъ кардани ниёзҳо нисбат ба рақибон беҳтар аст [1].

Дар заминаи омӯзиши ҳадафҳои маркетинги иҷтимоӣ ва инфиродӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки соҳибкории экологӣ бояд дар асоси принсипҳои оқилонаи хизматрасониҳои маркетнигӣ бандҳои асосии ин консепсияҳоро дар фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии худ ҳадафмандона истифода намуда, манфиатҳои ҷамъиятии ҳифзи муҳити зист, сарватҳои табиӣ, саломатии одамон, амнияти давлатӣ, инчунин, омилҳои қонеъ гардонидани ниёзҳои инфиродии ҳар як харидор ва дар маҷмуъ мизоҷонро муайян намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки соҳибкории экологӣ дар баробари ба даст овардани фоидаи максималӣ, инчунин бояд ҳадафҳои башардӯстона дошта бошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур, ҳар як ширкат бояд дурнамо ва тактикаи хизматрасонии маркетингиро таҳия намояд.

Дурнамои бозор рафтори корхонаро дар бозор, сатҳу сифати маҳсулоти корхона, нархи маҳсулот, инчунин усулҳои таблиғ ва маркетинги маҳсулотро тавсиф мекунад.

Тактикаи маркетинг – ин қабули қарорҳои мушаххас оид ба масъалаҳои гуногуни сегментҳои бозор ба шумор меравад, ки бояд ҳар як субъекти хоҷагидор онро босамар роҳандозӣ намояд.

Асоси тактика ва дурнамои маркетинг тадқиқоти бозор, таҳлил ва сохторбандии доимии он мебошад. Аз нуқтаи назари маркетинг, бозорро метавон ҳамчун маҷмуи харидорони воқеӣ ва эҳтимолии мол баррасӣ кард. Нишондиҳандаи асосӣ дар бозор ин талабот ба маҳсулот мебошад [2].

Мо низ бар ақидаҳои болозикр розӣ буда, чунин мешуморем, ки ҳар як ширкат фаъолияти истеҳсолию тиҷоратиро бе ташкил намудани тактика ва дурнамои маркетинг муваффақона пеш бурда наметавонад. Бинобар ин, соҳибкории экологӣ низ, бояд тактика ва дурнамои маркетингии худро таҳия намуда, дар асоси талаботҳои он фаъолияти мунтазами худро роҳандозӣ намояд.

Яке аз принсипҳои асосии хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ин рақобатпазир будан дар бозори дохила ва хориҷи кишвар ба шумор меравад. Рақобатпазирӣ ин қобилияти объект ё субъект барои бартарӣ аз рақибон дар шароити мушаххас мебошад

Барои омӯзиши бозор шуъбаи маркетингии корхона бояд на танҳо ба таҳлили талабот ба маҳсулот, балки ба дигар хусусиятҳо низ диққати ҷиддӣ диҳад, аз ҷумла, ҷуғрофияи бозор, ҳаҷми бозор ва арзёбии пешбинишаванда дар оянда, ки динамикаи талабот, шиддати рақобат ва сиёсати нархгузориро ба назар мегирад. Бозор ҳамчун низоми муайян метавонад аз рӯи меъёрҳои муайян ба гурӯҳҳои харидорон - сегментҳои бозор ҷудо карда шавад. Сегментизатсияи бозор ин тақсимоти истеъмолкунандагон ба гурӯҳҳои гуногун мебошад, ки дар доираи онҳо истеъмолкунандагони ниёзҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда мешаванд[9]. Барои молҳои истеъмолӣ меъёрҳои зерини сегментатсия муқаррар карда мешаванд: психологӣ; иҷтимоӣ; ҷуғрофӣ; демографӣ; Бо ёрии сегментатсия ширкат метавонад дурнамои фарогирии бозорро интихоб намояд. Ба инҳо равишҳои тафриқашуда, тафриқанашуда ва мутамарказ дохил мешаванд.

Маркетинги тафриқавӣ фарогирии якчанд сегментҳои бозорро дар як вақт ва таҳияи барнома барои ҳар яки онҳо, ки хусусиятҳои онҳоро ба назар мегирад, тавсиф мекунад.Маркетинги тафриқанашуда як дурнамои иқтисодӣ мебошад, ки боиси рақобати шадид мегардад, агар онро якбора якчанд корхона истифода баранд [4].

Маркетинги мутамарказ ҳолатеро тавсиф мекунад, ки корхона кӯшишҳои худро ба як сегменти алоҳида мутамарказ карда, ба ин васила афзоиши хавфро ба вуҷуд меорад .

Дурнамои диверсификатсия маънои онро дорад, ки корхона бо маҳсулоти нави худ, азхудкунии истеҳсолоти марбут ба бозори нав ворид мешавад. Он метавонад якчанд шакл гирад:

-аз худ намудани навъҳои нави маҳсулот;

- шакли конгломератӣ (таҳияи маҳсулоти нав дар соҳаи фаъолият, ки ба истеҳсолоти мавҷуда алоқаманд нест).

Интихоби шакли дурусти диверсификатсия гарон аст ва асосноккунии бодиққатро талаб мекунад. Диверсификатсия вақте истифода мешавад, ки фаъолиятҳо рушди истеҳсолотро маҳдуд мекунанд [2].

Дар давраи инкишофи худ фаъолияти маркетингӣ эволютсияи муайянеро паси сар кардааст, ки марҳилаҳои онро мафҳумҳои муайян тавсиф мекунанд. Ҳар яке аз консепсияҳо самти фаъолиятро барои иҷрои ҳадафҳои муайян тавсиф мекунанд. Дар фаъолияти соҳибкорӣ консепсияҳо метавонанд бо ҳам пайваст шаванд ва дар якҷоягӣ истифода шаванд [5].

Ба андешаи мо бо дарназардошти пешрафти илмию техникӣ ва рақобат, соҳибкории экологӣ бояд дурнамои фаъолияти худро барои ҷоннок намудани хизматрасониҳои маркетингӣ ва ҳалли мушкилоти бозор дошта бошад, инчунин, дар

асоси принсипҳои асосии хадамоти маркетингӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар бозорҳои дохила ва хориҷи кишвар мавқеи хоси худро пайдо намояд. Зеро пешбурди тактика ва дурнамоҳои рушд ба таҳлили вазъи бозор ва сохторбандии он асос меёбад.

Қисмати муҳими тактика ва дурнамои фаъолияти маркетингӣ муқаррар кардани нархи маҳсулоти истеҳсолкардаи ширкат мебошад. Бисёр омилҳо ба раванди нархгузории маҳсулоти экологӣ таъсир мерасонанд. Он якчанд марҳилаҳоро дар бар мегирад: (ниг. расми 2.)

***Расми 2.***

*Омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди нархгузории маҳсулоти экологӣ*




Интихоби дурнамои рушди корхона аз бисёр меъёрҳои сегментатсияи бозор (ҷуғрофӣ, соҳавӣ, вазни истеъмолӣ, устувории мизоҷон) вобаста аст. Инчунин, бояд қайд намуд, ки унсури муҳими дурнамои рушд сиёсати нархгузорӣ ба шумор меравад, ки бояд ҳар як субъекти хоҷагидор оид ба масъалаи мазкур диққати аввалиндараҷа зоҳир намояд [6].

Ҳамин тариқ, дар шароити ҳозира барои ҳар як корхона (иттиҳодия) низоми идоракуниро ба вуҷуд овардан зарур аст, ки оид ба пурратар истифода бурдани захираю имкониятҳо бо назардошти талаботи истеъмолкунанда ва бозор имконият медиҳад. Дар баробари ин, таъсири маркетинг ба тамоми давраи истеҳсоли маҳсулот бояд ҳалкунанда бошад.

Тибқи омӯзиши бозор ва хосиятҳои истеъмолии молҳои ба истеъмолкунанда муфид, зарур аст, ки ба ҳар як корманд, конструктор, технолог ва коргари бахши истеҳсолӣ маълумот оид ба хосиятҳои истеъмолии ин маҳсулот муқарраркардашуда, расонида шавад, яъне принсипҳои маркетинг бояд пурра истифода шаванд, ки ин ба лоиҳакашӣ, тайёрии техникии истеҳсолот, беҳбудии ҷараёни истеҳсолот, фурӯш ва нигоҳубини таҷҳизот таъсири мусбӣ мерасонад [8].

Дар баробари ин, ин принсипҳо, инчунин ба таҳлили иқтисодии истеҳсолот бо дарназардошти методология, қобилияти омӯзиши бозор, арзёбии сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, таҳия ва татбиқи дурнамои воридшавӣ ба бозор, низоми тадбирҳои нигоҳдории ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот таъсир расонида, барои расидан ба ҳадафи ниҳоии корхона, ки ба даст овардани фоида мебошад, мусоидат менамоянд [7].

Ба ақидаи мо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳанд, ки сохтори хизматрасониҳои маркетингӣ дар бахши соҳибкории экологӣ дар баробари омӯзиши бозори молу маҳсулот, инчунин, бояд ба муносибатњои молиявии ширкат дар асоси принсипњои муайяни ташкилї, ки бо асосњои фаъолияти хољагидорї алоќаманданд, аҳамияти хосса

зоҳир намоянд. Бо дарназардошти ин, бояд қайд намуд, ки ҳар як соҳибкор, аз ҷумла соҳибкории экологӣ дар назди мақомотҳои ваколатдори молиявї барои пардохти сариваќтии андозњо ва дигар њиссаљудокунињо масъулияти мукаммали молиявӣ ба дӯш доранд ва њамаи харољоту пардохтҳои ҳатмиро аз њисоби даромади бадастоварда мепӯшонанд. Аз њисоби даромади фурӯши мањсулот (хизмат) харољоти ташкилу тараќќиёти истењсолот, хариди ашёи хом ва музди мењнати кормандонро пардохт менамоянд. Аз ин сабаб, соҳибкории экологӣ бояд хадамоти экологиро хуб ба роҳ монад, инчунин, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол намуда, тавассути хизматрасониҳои мусбии маркетингӣ фаъолияти пурсамари худро дар бозорҳои дохила ва хориҷи кишвар роҳандозӣ намояд.

**Адабиёт**


1. Амблер Т. Практический маркетинг / пер. с англ. Общей ред. Ю.Н. Каптуревского. –спб: издательство (Питер). 2003-400с
2. Ассэль Генри. Маркетинг: принципы и стратегии: учебник для вузов – ИНФРА-М, 2004 -840с.
3. Багиев, Г.Л; Тарасевич, В.М; Анн Х. маркетинг / Г.Л. Багиев, В.М. Тарасевич, Х Анн.-М :ПИТЕР, 2005-153с.
4. Березин И.С. маркетинг и исследования рынков – М русская деловая литература, 2003-416с.
5. Голубков Е.П. Маркетинг: стратегия, планы, структура. - М.: Дело, 2011
6. Голубков Е.П. Маркетинг: выбор лучшего решения.М.:Экономика, 2013
7. Досиев М. Н. , Зоҳидов К. С. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона / М. Н. Досиев , К. С. Зоҳидов, Паёми АИДНПҶТ, №4/1 (58)-2022 саҳ. 69-75
8. Досиев М. Н. , Зоҳидов К. С. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили асосии рушди ташкилот/ М. Н. Досиев, К. С. Зоҳидов, Паёми ДТТ 4/2(51)2022-с. саҳ,165-169
9. Котлер Ф. маркетинг менеджмент –СПб: питер ком, 1998- 896 с.
10. https://stud.wiki/marketing/2c0b65625a3ac69b5d53a89521216c36.html(санаи мурoҷиат 13.06.2023)
11. https://stud.wiki/marketing/2c0b65625a3ac69b5d53a89521216c36.html(санаи мурoҷиат 13.06.2023)
12. https://center-yf.ru/data/Marketologu/Marketing-kak-specificheskaya-(санаи мурoҷиат 13.06.2023)


## ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ РАЗВИТИЯ МАРКЕТИНГОВЫХ УСЛУГ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА


**ЗОХИДОВ КАМОЛИДДИН СУЛАЙМОНОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 988-02-10-95. E-mail: kamoliddin.com95@gmail.com



*В статье рассматриваются основные принципы развития маркетинговых услуг в деятельности экологического предпринимательства. Подчеркивается, что с учетом научно-технического прогресса и конкуренции экологический предпринимательства должен иметь перспективу своей деятельности на активизацию маркетинговых услуг и решение рыночных задач, а также, исходя из основных принципов маркетинговых услуг, вести свою деятельность на внутреннем и внешнем рынках страны найти собственную позицию. Потому что*

*продвижение тактики и перспектив развития основано на анализе рыночной ситуации и ее структуры.*

***Ключевые слова:*** *маркетинговые услуги, экологическое предпринимательство, ценовая политика, бизнес-концепция, анализ рыночной ситуации, производственная концепция, изменяющийся спрос, экологический рынок.*

## MAIN PRINCIPLES FOR THE DEVELOPMENT OF MARKETING SERVICES IN THE ACTIVITIES OF ENVIRONMENTAL ENTREPRENEURSHIP

**ZOHIDOV KAMOLIDDIN SULAYMONOVYCH,**
doctoral student (PhD) of the Department of Public Finance Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 988-02-10-95. E-mail: kamoliddin.com95@gmail.com

*The article discusses the basic principles of the development of marketing services in the activities of environmental entrepreneurship. It is emphasized that, taking into account scientific and technological progress and competition, environmental entrepreneurship should have the prospect of its activities to enhance marketing services and solve market problems, and, based on the basic principles of marketing services, conduct its activities in the domestic and foreign markets of the country to find its own position. Because the promotion of tactics and development prospects is based on an analysis of the market situation and its structure.*

***Key words:*** *marketing services, ecological entrepreneurship, pricing policy, business concept, market situation analysis, production concept, changing demand, ecological market.*

УДК: 004:631.145

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИСТЕМАИ АМНИЯТИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

**АЮБҶОНИ САЛОМУДИН,**
унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.
734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Ҳаёти Нав 306.
Тел:(+992) 985-58-48-18.

*Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии ҳалли таҳлили ҳисоботи бухгалтерӣ ва оморӣ бо муайян кардани мавқеъҳои қавӣ ва заиф, инчунин такмили таъминоти иттилоотии системаи идоракунӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, такмили механизми ташкилию идоракунӣ дар системаи амнияти иқтисодиёти кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешаванд.*

***Калидвожаҳо***: *кишоварзӣ, қарорҳои идоракунӣ, менеҷмент, технологияи иттилоотӣ, таҳлили иқтисодӣ.*

Асоси ҳама гуна фаъолияти идоракунӣ қарорҳои идоракунӣ мебошанд, ки ҳоло омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб мекунанд. Назария ва амалияи илми иқтисодӣ исбот мекунад, ки таъмини сифат ва самаранокии татбиқи қарорҳои идоракунӣ танҳо дар асоси маълумоти идоракунӣ имконпазир аст. Ин исбот мекунад, ки ҳар як менеҷери оянда бояд омӯхта шавад ё ҳадди аққал дар бораи он тасаввуроти умумӣ амнияти иттилоотии менеҷмент дошта бошад.

Маълумоте, ки барои таъмини қабули қарорҳо пешбинӣ шудааст, ба қарор саҳми назаррас мегузорад. Он аз ҳама далелҳои объективӣ ва ҳама фарзияҳое иборат аст, ки ба дарки шахси тасмимгиранда, моҳият ва дараҷаи номуайянии марбут ба ин масъала таъсир мерасонанд.

Идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд ба маълумоти пурраи объективӣ ва саривақтӣ асос ёбад. Дар асоси маълумоти дахлдор роҳбарон, ки чӣ гуна беҳтар таъмин намудани рушди самараноки фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо қарор қабул мекунанд. Қариб дар ҳар раванди таҳлил, банақшагирӣ, татбиқ ва назорат, менеҷерон маълумотро талаб мекунанд. Ба андешаи мо, маълумот дар идоракунӣ фаъолият калиди муваффақият аст. Ба ибораи дигар, маълумотро ҷони идоракунӣ номидан мумкин аст.

Қарори идоракунӣ амалиётҳои асосие мебошанд, ки дар корхонаҳо сурат мегиранд ва натиҷаи фаъолияти онҳоро муайян мекунанд, ки беҳтарин рафтори менеҷеронро тавсиф мекунад ва идоракуниро аз дигар фаъолияти иҷтимоии шахс фарқ мекунад. Қарори идоракунӣ аз сабаби аҳамият ва мураккабии он аз менеҷер талаб мекунад, ки ҳангоми таҳия ва қабули қарор ба ҷанбаҳои асосии зерин диққати махсус дода мешавад:

1. Тасмимгиранда (ҷанбаи рафторӣ).
2. Ташкилоте, ки дар он қабул карда мешавад.
3. Муҳити беруна.
4. Натиҷаи қарори идоракунӣ, яъне натиҷаҳои онро роҳбарият ҳангоми қабули қарор интизор аст.

Равандҳои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар сохтори фаъолияти идоракунӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд, он бояд сифат бошад, зеро мундарича ва натиҷаҳои ин фаъолиятро муайян мекунад. Бисёриҳо мафҳумҳои сифати қарорҳои идоракуниро бо самаранокии онҳо омехта мекунанд. Агар раванди қабули қарорҳоро ба назар гирем, он аз ду марҳилаи ба ҳам алоқаманд иборат аст: таҳия ва татбиқ — бояд

қайд кард, ки ба якум, яъне (аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда) мафҳуми сифат ва ба дуюм самаранокӣ бояд татбиқ карда шавад. Ҳамин тариқ, сифати қарори идоракунӣ имконпазир аст ва бояд дар марҳилаи қабули он бидуни интизории натиҷаи воқеӣ арзёбӣ карда шавад. Ба ибораи дигар, сифати қарорҳои идоракунӣ имкон медиҳад, ки он самаранок амалӣ карда шавад.

Хусусиятҳои хоси таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ иштироки бисёр мутахассисонро бо назардошти мураккабӣ, бисёрҷанбаи мушкилоти ҳалшаванда талаб мекунанд. Барои ин, менеҷер бояд комиссияи коршиносонро аз шумораи мутахассисони ботаҷрибаи шӯъбаҳои дахлдор ташкил кунад, ки ҳангоми омӯзиши мушкилот варианти алтернативиро интихоб мекунад ва амалҳоро муайян мекунад. Вай барои натиҷаи он шахсан масъул хоҳад буд. Ин ба коршиносон ҳуқуқ медиҳад, ки дар масъалаҳои дар доираи салоҳияти худ буда, назари мустақил дошта бошанд. Барои гузаронидани экспертиза дониши амиқ дар соҳаи мушкилоти омӯхташуда, ҳушёрии ҳукмҳо, маълумоти боэътимод барои таҳлил ва ақли солим лозим аст, то тавонанд ояндаро муайян кунанд, таҳқиқотро ба анҷом расонанд ва ба роҳбар маълумоти боэътимод пешниҳод кунанд.

Тадқиқотчиён метавонанд оқилонагӣ ва самаранокии қарорҳоро танҳо дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи иқтисодии ҳисоботи бухгалтерӣ ва оморӣ бо муайян кардани мавқеи қавӣ ва заифи корхонаҳои кишоварзӣ муайян кунанд.

Чунин таҳлил барои арзёбии маълумоти дар ҳисобот мавҷудбуда, хулоса баровардан дар бораи вазъи гузаштаи хоҷагӣ ва пешгӯии қобилияти он дар оянда гузаронида мешавад. Дар натиҷаи ҳисоботи бухгалтерӣ хусусиятҳои муҳими фаъолияти хоҷагӣ муайян карда мешаванд, ки аз ҷумла аз муваффақияти он ё таҳдиди муфлисшавӣ шаҳодат медиҳанд. Илова бар ин, амалиёти молиявӣ ба нақша гирифта мешавад, фаъолияти хоҷагӣ пешгӯӣ карда мешавад ва қарорҳои идоракунӣ қабул карда мешаванд. Ҳамаи онҳо бо се намуди асосии қарорҳо алоқаманданд: фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ.

Мувофиқи се самти қабули қарорҳои иқтисодӣ марҳилаҳои таҳлили иқтисодии фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва сармоягузории корхонаро ҷудо мекунанд, ки асосҳои асосии он дар корҳои бунёдӣ оид ба назарияи таҳлили иқтисодӣ аз ҷониби М. И. Баканов ва А.Д. Шеремет пешниҳод гардидааст:

- таҳлили ҳаҷми маҳсулоти парваришшаванда ва навъҳо;
- таҳлили истифодаи захираҳои моддӣ;
- таҳлили истифодаи захираҳои меҳнатӣ;
- таҳлили арзиши маҳсулот;
- таҳлили фурӯши маҳсулот;
- таҳлили натиҷаҳои молиявӣ;
- таҳлили устувории молиявӣ;
- таҳлили сармоягузорӣ;
- таҳлили ҳавасмандгардонии иқтисодӣ;
- таҳлили сатҳи ташкилию техникии шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии истеҳсолот.

Дар Тоҷикистон ҳоло кори таҳлилӣ суст шудааст, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти ширкат, алалхусус дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ гузаронида намешавад ва сифати онҳо ба талаботи роҳбарон барои таҳияи қарорҳои амнияти иқтисодии идоракунӣ ҷавобгӯ нест.

Омӯзиши мушкилот нишон медиҳад, ки дар хадамоти молиявию иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ миқдори максималии иттилоот ҷамъоварӣ ва коркард карда

мешавад. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, вазифаҳои баҳисобгирӣ, таҳлили пешгӯиро ҳамчун муҳимтарин ва меҳнатталаби корхонаҳои кишоварзӣ автоматӣ кардан лозим аст. Кормандони хадамоти молиявию иқтисодиро бо усулҳои таҳлили молиявӣ таълим медиҳад. Роҳбарон бояд ҳуҷҷатҳои ҳисоботи молиявиро хонда тавонанд ва танҳо пас аз он дар асоси маълумоти пурра, саривақтӣ ва боэътимод қарори босифат қабул кардан мумкин аст.

Барои қабули қарори босифат вобаста ба объекти идоракунӣ як ё якчанд кормандони хадамоти молиявию иқтисодиро ҷудо кардан лозим аст, ки бо таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти он машғул хоҳанд шуд.

Онҳо бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунанд:

- Таҳияи шаклҳои вуруд ва баромади ҳуҷҷатҳо бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ба истиснои ҳуҷҷатҳое, ки ҳоло аллакай истифода мешаванд.
- Пур кардани ин шаклҳо бо давраe, ки барои дастгирии кори хадамоти молиявию иқтисодии соҳибкорӣ ва умуман корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳама мувофиқ аст.
- Давра ба давра (ҳармоҳа, семоҳа, ҳар сол) тартиб додани ёддоштҳои тавзеҳӣ ба шаклҳои баромад бо нишондиҳандаҳои ҳисобшуда ва таҳлили муфассали дуршавӣ аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ, миёнаи соҳа, нишондиҳандаҳои давраи қаблии дигар корхонаҳои кишоварзӣ бо додани тавсия оид ба рафъи камбудиҳо.

Ин маълумот ба қабули босифати қарорҳои идоракунии иқтисодӣ ба роҳбарони хоҷагиҳо мусоидат мекунад. Ғайр аз ин маълумот, яъне маълумоти дохилӣ дар бораи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, роҳбар бояд дорои маълумоти беруна бошад, ки гирифтани фаврии он дар шароити муосир бидуни истифодаи технологияи иттилоотӣ ғайриимкон аст. Масалан: маълумоти мақомоти қонунгузор дар бораи андозҳо, маълумот дар бораи нархҳо ва харидорон дар бозор, техникаи нав ва ғайра.

Нақш ва аҳамияти иттилоот дар фаъолияти идоракунӣ, рушди босуръати технологияи иттилоотӣ, ки бо арзиши паст, ҳосилнокии баланд ва нигоҳдории осон тавсиф мешавад, имкон медиҳад, ки онҳо дар амнияти фаъолияти идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ истифода шаванд.

Барои таҳлил ва қабули қарорҳо, маълумоти воридотӣ аз ҳисоботи мавҷуда интихоб карда мешавад, ки ба шумо имкон медиҳад маълумоти ҷамъбастӣ гиред. Шаклҳои зерини ҳисобот вуҷуд доранд соҳибкорӣ дар шакли электронӣ: Шакли №1 "балhistorically Баҳисобгирӣ ", шакли №2"ҳисобот дар бораи фоида ва зиен", шакли №5 "Замима ба балanси баҳисобгирӣ" ва инчунин як қатор шаклҳои махсуси ҳисоботи баҳисобгирӣ. Вобаста аз самти интихобшуда ва умқи таҳлил, корбар бояд маълумоти аслиро ба сатрҳо ва сутунҳои мувофиқи ҳуҷҷати электронӣ ворид кунад.

Танҳо дар он сурат иқтисоддони ширкат метавонад ба таҳлил шурӯъ кунад, ки барои ин маҷмӯи маълумоти зарурӣ дорад.

Таҳлили иқтисодии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ки мо омилҳоро истифода мебарем ба 10 марҳила тақсим кунед (расми 1).

Марҳилаи 1. Таҳлили ҳаҷми истеҳсолот ва навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ. Аз ҷумла таҳлили ҳаҷми истеҳсолот, маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, таҳлили истеҳсолот ва навъҳои маҳсулот аз рӯи намудҳо, таҳлили таъсири омилҳои алоҳида шумораи кормандон, ҳосилнокии меҳнат, арзиши воситаи меҳнат, хароҷоти захираҳои моддӣ, фонд ва маводи баргардонидан ба ҳаҷми табобати маҳсулот.




**Расми 1. - Блоки маҳсулоти барномавӣ «Таҳлили фаъолияти молиявию иқтисодии ташкилотҳои кишоварзӣ».**

Марҳилаи 2. Таҳлили истифодаи захираҳои моддӣ. Хароҷоти моддӣ таҳлил карда мешаванд, вазни хоси хароҷоти моддӣ барои истеҳсоли асосӣ омӯхта мешавад, самаранокии истифодаи захираҳои моддӣ барои арзёбии таъсири тағиребии захираҳои моддӣ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот муайян карда мешавад.

Марҳилаи 3. Таҳлили истифодаи фондҳои асосӣ. Ин блок таркиб, ҳаракат ва сохтори фондҳои асосиро таҳлил мекунад ва самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ҳосилнокии меҳнат ва музди миёнаи меҳнат ва хароҷоти меҳнатро муайян мекунад.

Марҳилаи 5. Таҳлили арзиши маҳсулоти кишоварзӣ. Хароҷоти истеҳсоли асосӣ ва хароҷоти 1 сомонӣ маҳсулоти парваришшаванда, таҳлил карда мешаванд.

Марҳилаи 6. Таҳлили фурӯши маҳсулот. Ҳаҷм ва сохтори фурӯши маҳсулот, ҳаҷми фурӯш аз рӯи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ таҳлил карда мешавад.

Марҳилаи 7. Таҳлили натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагӣ. Сатҳ ва динамикаи натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагӣ таҳлил карда мешавад ва саҳми ҷузъҳои алоҳидаи ташаккули фоидаи хоҷагӣ муайян карда мешавад.

Марҳилаи 8. Таҳлили устувории молиявӣ. Қобилияти пардохт ва устувории молиявии хоҷагӣ таҳлил карда мешавад, намуди вазъи молиявӣ муайян карда мешавад, чор коэффитсиенти молиявӣ ҳисоб карда мешаванд: коэффитсиенти пардохтпазирӣ ва пардохтнапазирӣ (ликвидности), коэффитсиенти фаъолияти тиҷоратӣ ва коэффитсиенти даромаднокӣ.

Марҳилаи 9. Таҳлили сармоягузорӣ. Ин блок таҳлили иҷрои нақшаи корҳои асосӣ, ба даст овардани воситаҳои асосӣ, ба даст овардан ва ташаккули рамаи асосӣ, бунёд ва парвариши ниҳолҳои бисёрсола ва таҳлили самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои асосиро дарбар мегирад

Марҳилаи 10. Арзёбии умумии қобилияти молиявӣ ва самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ-молиявӣ. Ин блок сохтани ҷадвалҳои таҳлилии ҷамъбастиро дар як сол бо тақсимоти семоҳа, бо тақсимоти моҳона ё дар тӯли якчанд сол бо тақсимоти солҳо пешбинӣ мекунад.

Пас аз ин, иқтисоддон бояд реҷаи кор, самти таҳлил ва фосилаи вақти таҳлилро интихоб кунад. Фосилаи ҳадди ақали вақт моҳ муайян карда мешавад, зеро маълумоти ибтидоӣ барои таҳлил ба моҳона асос ёфтааст ҳисоботи молиявӣ ё баҳисобгирии компютерӣ барои сохтани ҷадвалҳои таҳлилии муқаддимавӣ истифода мешаванд. Дар оянда парвози барномавиро истифода бурдан мумкин аст, ки имконияти таҳияи ҳисоботи молиявӣ ё баҳисобгирии пешбинишударо фароҳам меорад. Дар асоси ин ҳисобот тамоюлҳои манфии фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявию иқтисодии хоҷагӣ ва қабули қарорҳои дахлдори идоракунии иқтисодӣ, ки ин тамоюлҳоро пешгирӣ мекунанд, муайян карда мешаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ ҳангоми татбиқ омилҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- шаклҳои ташкилии идоракунӣ;
- вақти зарурӣ барои амалӣ намудани қарор;
- сатҳи омодасозии кадрҳои идоракунӣ;
- салоҳияти роҳбар;
- эътимоднокӣ ва самаранокии воситаҳои техникии идоракунӣ;
- сатҳи ташкили назорати иҷрои қарор.

Аз ин рӯ, самтҳои асосии баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшуда инҳоянд: тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси идоракунӣ, истифодаи технологияҳои илмии қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ, такмили таъминоти иттилоотии системаи идоракунӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, такмили механизми ташкилию идоракунӣ ва ғайра.

Корҳои таҳлилӣ дар ташкилотҳои кишоварзии Тоҷикистон суст гардида, натиҷаҳои фаъолияти онҳо таҳлил карда намешаванд ва ба талаботи роҳбарон дар раванди таҳияи қарорҳои дурусти иқтисодӣ ҷавобгӯ нестанд. Вай барои натиҷаи он шахсан масъул хоҳад буд. Ин ба коршиносон ҳуқуқ медиҳад, ки дар масъалаҳои доираи салоҳияти худ назари мустақил дошта бошанд. Зарурати пешбурди ҳисоботи дохилӣ дар бораи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, пешбурди ҳисоботи дохилӣ шаклҳои вуруд ва баромади ҳуҷҷатҳо, даврабандии таҳияи онҳо ва таҳлили мунтазами фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро талаб мекунад.

Барои автоматикунонии баҳисобгирӣ ва таҳлили фаъолияти молиявию иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ ва кам кардани хароҷоти идоракунӣ истифодаи маҳсулоти барномавӣ, ки ба таҳлили ҳаҷми истеҳсол ва сохтори маҳсулот ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таҳлили устувории молиявии онҳо имкон медиҳад, мувофиқ аст.

**Адабиёт**

1. Atrshy, M.. Интернет в развитие сельского хозяйства и образования: Джихад. Номер 184-185 (март-апрель 1375). Стр. 31-32

2.Афанасьев СВ., Ярошенко В.Н. Эффективность информационного обеспечения управления - М.: Экономика, 1992.-145с.

3. Веснин В.Р. Основы менеджмента: Учебник. -М.: Институт международного права и экономики, Изд-во «Триада. Лтд», 1996. - 384с.

4. Ғаниев Т. Б., Додочонов Б. Б. Менеҷер дар бораи экологияи инсон бояд чиро донад. Корхонаи хурди "Диловар" Душанбе, соли 1994.

5. Комилов С. Д., Ёров М. Р. Управленческое решение. Учебное пособие, Душанбе.: Эр-граф - 2005.

6. Одинаев Ш. Т., Алибаева М.М. Развитие информационной и коммуникационной технологии в АПК Таджикистана// Известия вузов Кыргызстана (Республиканский научно- теоретический журнал). Бишкек.-2017, №3, 2017. С.102-106.

7. Одинаев Ш. Т., Нозимзода М.О., Ятимов Дж. С.Потенциальные возможности развития аграрного производства // Наука новые технологии и инновации Кыргызстана (Республиканский научно- теоретический журнал). Бишкек. -2017, №1, 2017. С.91-95.

8. http://www.ebtekarnews.com/Ebtekar/News.aspx?NID=14543

9. http://animal-sciencequ.blogfa.com/post-67.aspx

# ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В СИСТЕМЕ БЕЗОПАСНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**АЮБДЖОН САЛОМУДИН,**
соискатель Института экономики и
системного анализа развития сельского хозяйства АИКТ.
734049, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Хаёти Нав 306.
Тел: (+992) 985-58-48-18.

*В данной статье рассмотрены основные направления повышения эффективности анализа бухгалтерской и статистической отчетности путем выявления сильных и слабых позиций, а также совершенствования информационного обеспечения системы управления, использования новых информационных технологий, совершенствования организационно-управленческого механизма в изучаются и обсуждаются системы безопасности аграрной экономики.*

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, управленческие решения, менеджмент, информационные технологии, экономический анализ.*

# SECURITY SYSTEM OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

**AYUBJON SALOMUDIN,**
applicant for the Institute of Economics and
System Analysis of Agricultural Development, AIKT.
734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 306, Khaeti-Nav st.
Phone: (+992) 985-58-48-18.

*This article discusses the main directions for increasing the efficiency of analysis of accounting and statistical reporting by identifying strengths and weaknesses, as well as improving the information support of the management system, using new information technologies, improving the organizational and management mechanism, and studying and discussing the security systems of the agricultural economy.*

***Key words:*** *agriculture, management decisions, management, information technology, economic analysis.*

# ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 342

## ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,**
доктори илмҳои таърих, профессор, Котиби матбуотӣ – роҳбари
Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 907-77-25-20. E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

*Дар мақола масъалаи таърихи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода шудааст.*

*Муаллиф ҷараёни таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҳлил намуда, доир ба моҳияти ворид намудани тағйиру иловаҳо бо мақсади такмили низоми сиёсӣ ва афзудани мақоми ҷаҳонии Тоҷикистон, таъсиси парламенти касбӣ, эълон гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ, раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун шакли олии ифодаи бевоситаи ҳокимияти халқ, эътироф ва шинохта шудани ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ фикрҳои худро пешниҳод кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Конститутсия, Истиқлолият, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, рамзҳои давлатӣ, парламенти касбӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, раъйпурсии умумихалқӣ, интихобот.*

Дар саргаҳи ибтикороти давлатсозии Эмомалӣ Раҳмон қабули Конститутсияи нави мамлакат қарор дошт, ки бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ сурат гирифта, дар он таҷрибаву андӯхтаҳои тамаддуни башарӣ дар робита ба озодии инсон, ҳуқуқи шаҳрванд, ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таҷассуми равшан пайдо намуд ва ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамои як давлати комилҳуқуқ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуд.

Истиқрори ҳокимияти конститутсионӣ ва тағйиру иловаҳои бунёдӣ, ки ба дунболи баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон падид омаданд, дар низоми қонунгузорӣ ва мақому мавқеи Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси кишвари комилҳуқуқ эътироф гардид, давраи комилан наверо ба миён овард. Таҳия ва қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар меҳвари пайомадҳои ин марҳалаи нав қарор дошт.

Аз таърихи таҳаввулоти низоми қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳоти конститутсионӣ дар поёни асри XX бармеояд, ки кӯшишҳои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон дар аввали солҳои навадум шурӯъ гардид, аммо ташаккули ғояи меҳварӣ ва ҷараёни пайрезии он то ба марҳалаи ниҳоии таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мантиқан натиҷаи амалӣ гардидани назария ва тадбирҳои мушаххаси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ислоҳоти конститутсионӣ мебошад.

Қабули «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1] ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар солҳои 1990-1991 аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки раванди қабули Қонуни асосиро суръат бахшиданд

Вале кӯшиши воқеан ҷиддӣ ва ҳадафманди таҳияи лоиҳаи Конститутсия баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истиқрори сохти конститутсионӣ

ва таъсиси мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ дар кишвар оғоз шуд. Баъдан Иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ аз роҳи дохил намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Шӯрои Олӣ дар таърихи 23 августи соли 1990 «Дар бораи ташкили Комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ намуд. [2]

Дар ҳамин ҷаласа Эмомалӣ Раҳмон бо таъкид ва тафсири моҳияти сиёсии ин ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат изҳор дошт: «Муҳимтарин ҷиҳати ин вазифа то сатҳи юридикӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва тадбирҳои универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат, мо ба хулоса омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро ба экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии Қонуни асосиамон аз кумаки машваратии муассисаҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем».

Сарвари Тоҷикистон бо зикри аҳаммият ва зарурати ҳамоҳангсозии низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба равиши судманди ислоҳоти конститусионии Тоҷикистон асос гузошт, ки яке аз заминаҳои бисёр муҳимми истиқболи ҷаҳонии кишвари мо гардид. [3]

Дар асоси дастурҳои Сарвари давлат гурӯҳи кории Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корбандии дастовардҳои илми ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва суннату тафаккури ҳуқуқии миллӣ дар муддати шаш моҳ ду лоиҳаи Конститутсия, яке дар шакли идораи президентӣ ва дигар дар шакли идораи парламентиро таҳия намуда, ба баррасии мардум пешниҳод кард. Таҳия намудани ду лоиҳа бесабаб набуд. Аз замони таҳияи аввалин лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи апрели соли 1992 пешниҳод гардида буд, дар афкори умум дар асоси бархурди неруҳои мухталифи сиёсиву иҷтимоии кишвар дар масъалаи интихоби шакли идории давлати Тоҷикистон ақидаҳои гуногун ва ҳатто комилан хилофи ҳамдигар изҳор мешуданд. Комиссияи конститутсионӣ бо дарки масъулият ва дар натиҷаи таҳлили амиқи воқеияти сиёсии кишвар, бинобар набудани ҳизбу созмонҳои соҳибтаҷриба ва фароҳам наомадани пойгоҳи муносиби идоракунии парламентӣ дар Тоҷикистон, ба хулосаи ягона расид, ки лоиҳаи шакли идораи президентӣ ба баррасии халқ тавсия дода шавад.

Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон бори нахуст 6 ноябри соли 1994 раъйпурсии умумихалқӣ барои қабули Конститутсия баргузор гардид. Натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ хеле муассир буд ва беш аз 87 фоизи шаҳрвандон лоиҳаро ҷонибдорӣ намуда, сарнавишти худро мутобиқи он муайян карданд. [4]

Ин истиқболи мардум аз лоиҳаи Конститутсия ва интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳамин рӯз ба вуқуъ пайваст, далели қотеи дастгирии ҳамаҷонибаи ислоҳоти конститутсионии Президент, ҳадафу барнома ва дурнамои сиёсати дохиливу хориҷии ӯ буд.

Дар фосилаи панҷ сол, ки баъди қабули Конститутсия сипарӣ гардид, бо таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеа таҳаввулот ва пешрафтҳои зиёди ба назар намоён ба вуҷуд омаданд. Пайвастани Тоҷикистони тозаистиқлол ба равандҳои бунёдгузори ҷаҳони муосир, ҳамкорӣ ва робитаи мутақобилан судманд бо кишварҳо, созмонҳо ва эътирофи конунҳои байналмилалӣ зарурати ҳамоҳангӣ ва тавсеаи уфуқҳои ҳуқуқии низоми қонунгузории мамлакатро дар паҳнои расидагӣ бо ин вусъати мақоми ҷаҳонӣ тақозо мекард.

Аз ҷониби дигар, Конститутсия дар айёме қабул шуд, ки оташи зиддият ва муқовимати неруҳои мухталифи мухолифон ҳанӯз фурӯ нанишаста буд ва сохтори сиёсиву низоми иҷтимоии Тоҷикистон дар ҳоли таҳдиду ташаккул қарор дошт. Танҳо

пас аз се соли қабули Конститутсия, ки талошҳои хастагинопазири Сарвари давлат дар роҳандозии сулҳу оштӣ ба марзи фарҷоми мантиқии худ расид, мамлакат дар ҳама бахшҳои иқтисодиву иҷтимоии худ ба давраи сифатан нави пешрафту таҳаввул ворид гардид.

Зарурати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия тақозои раванди такмили низоми сиёсӣ ва афзудани мақоми ҷаҳонии Тоҷикистон ва натиҷаи ибтикороти сарнавиштсози роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки муваффақ шуд кишварро аз марҳалаҳои ташаккули низоми қонунгузорӣ ва давлатдорӣ то ба мақоми давлатдории сатҳи ҷаҳонӣ раҳнамун созад.

Чуноне ки таҷрибаи таърих нишон медиҳад, Конститутсия санадест зодаи шароит ва муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ, ки дар худ таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоиро бо маҳфуз доштани аслҳои бунёдии хеш таҷассум менамояд. Бо дарки ҳамин ҳақиқат ва бо дарназардошти тасаллути ваҳдати миллӣ дар субот ва рушди давлату давлатдории тоҷикон ҳам роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам сарварони Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик дар раванди музокироти тӯлонии сулҳи байни тоҷикон тасмим гирифта буданд, ки ба Конститутсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд. Тибқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мақоме, ки амалӣ шудани меъёрҳои онро ба ӯҳда дошт, Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) буд. Дар қатори масъалаҳои дигаре, ки ҳаллу фаслашон ба ӯҳдаи Комиссия вогузор карда шуд, масъалаи дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар низ шомил буд.

Ҷараёни таҳия ва баррасии «Андешаҳо оид ба пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» беш аз як сол тӯл кашид ва билохира бо иштироки мустақими Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки лоиҳа барои анҷом додани расмиёти конститутсионӣ ба Президенти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳоди худро доир ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ирсол дошт. Маҷлиси Олӣ қарорро «Дар бораи гузаронидани раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуд ва дар таърихи 26 сентябри соли 1999 бо раъйи халқ як силсила тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар ворид гардиданд. [5]

Тағйиру иловаҳо дар қисмати ҳокимияти иҷроия асосан ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доштанд ва мӯҳлати салоҳияти президентиро аз панҷ то ба ҳафт сол тамдид намуда, ба ӯ ҳуқуқи мустақилона таъсис ва барҳам додани вазорату кумитаҳои давлатӣ, мустақилона баровардани масъалаи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ, ҳаққи мустақилона таъин ва озод намудани намояндагони салоҳиятдори Тоҷикистон (сафирон) ва ғайраро муқаррар намуданд.

Соли 1999 дар асоси тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида бо таваҷҷуҳ ба таъсиси парламенти касбӣ, ки имконияти такмили сифатии қонунҳо ва ифодаи пурратари манфиати воҳидҳои ҳудудии алоҳида ва табақаҳоро фароҳам меовард, сохтори парламенти думаҷлиса муайян гардид ва дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Бар асоси ин муқаррарот қонунҳое, ки Маҷлиси Олӣ ба унвони мақоми қонунгузор таҳия ва қабул мекунад, аз ҷониби ҳокимияти иҷроия ба амал татбиқ мешаванд ва аъзои парламент дар таъини шахсони мансабдори мамлакат иштирок мекунанд. Ин салоҳият маҳакест, ки тавозуни ҳокимиятро фароҳам меоварад. Маҷлиси Олӣ чун мақоми воқеан қонунгузор ва намояндагӣ ба сифати мақом расмият пайдо кард, ки манфиатҳои ҳама табақаҳои ҷамъиятро ифода менамояд.

Мутобиқи ин навовариҳои конститутсионӣ аввалин бор дар таърихи сиёсии Тоҷикистон парламенти думаҷлисаи доимамалкунандаи касбӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар рушду инкишофи андешаи парламентаризми миллӣ ва амалияи демократисозии давлату давлатдорӣ таъсири файзбахше расонид.

Дар доираи қонунмандии иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа ва дастовардҳои кишвари рӯ ба инкишоф ворид намудани тағйиру иловаҳои навбатӣ ба Конститутсияи Тоҷикистон ба миён омад, ки он рӯзи 22 июни соли 2003 бо раъйи мардум амалӣ гардид.

Президенти мамлакат дар консепсияи давлатдорӣ ва сиёсати амалии худ ба ҳайси кафили Конститутсия такмили ислоҳоти ҳуқуқиро як раванди муназзаму муттасили ҷомеаи шаҳрвандӣ, раванди ҳамешагии таҷаддуд дар роҳи камолоти давлати демократӣ тафсир намуда, ҳамвора таъкид ва гӯшзад мекунад, ки бо дарназардошти ташаккули муносибатҳои нав дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар барои рушди низоми нави ҳуқуқӣ, аз байн бардоштани ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ, таъмин намудани ҳамоҳангӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ, экспертизаи дақиқи илмӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зиддикоррупсионӣ, эҷоди қонунҳои нав ба манзури танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозаргонӣ, фаъолияти бонкиву соҳибкорӣ ва дигар ниҳодҳои иқтисодӣ роҳро барои таҳияи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамвор бояд кард. Дар ин робита, 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйиру иловаҳои нав ворид карда шуданд.

Дар натиҷаи тағйиру иловаҳои солҳои 2003 ва 2016 инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардида, раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун шакли олии ифодаи бевоситаи ҳокимияти халқ эътироф ва ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ шинохта шуданд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ эътироф шуданд, синни 30-солагӣ ва таҳсилоти олӣ барои интихоб шудан ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ муқаррар гардид.

Қобили зикри хос аст, ки Конститутсияи аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшудаи Тоҷикистон яке аз панҷ конститутсияи беҳтарини дунё эътироф гардидааст.

Тавре академик Маҳкам Маҳмудзода дар мақолаи худ тазаккур додааст: «сарфи назар аз он, ки дар ҳудуди ИДМ Тоҷикистон дуввумин шуда баъди Русия соҳиби Конститутсия гардид ва ин Конститутсия бинобар таҳлили коршиносони САҲА ҷиҳати ҳуқуқи инсон дар радифи 5 конститутсияи беҳтарини давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо эътироф шудааст, танҳо бо исботи он далел, ки қабули Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ (на бо усулҳои дигар, масалан тавассути муассисаҳои намояндагӣ – маҷлиси муассисон, парламент ва ғайра) сурат гирифтааст, гуфтаи Сарвари давлатро оид ба ҷавобгӯи арзишҳои демократӣ будани Конститутсия дуруст мебарорад». [6]

Дар асоси Конститутсияи соли 1994 қабулгардида шаш маротиба ҷиҳати таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии намояндагӣ интихоботи даврии парламентӣ (солҳои 1995, 2000, 2005, 2010, 2015, 2020), панҷ маротиба интихоботи президентӣ (солҳои 1994,

1999, 2006, 2013, 2020) бо иштироки бевоситаи халқи Тоҷикистон баргузор шуда, низоми қонунгузорӣ бо се раъйпурсии умумихалқӣ се ислоҳоти конститутсиониро (солҳои 1999, 2003, 2016) ҳамчун давраҳои рушди табиати ҳуқуқии мардум паси сар кард ва талаботи моддаи 6 Конститутсия, ки халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намудааст, воқеан амалӣ ва соҳибихтиёрии халқ дар Тоҷикистон собит гардид.

Конститутсия бо истифода аз таҷрибаи сиёсиву ҳуқуқии тамаддуни башарӣ принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатиро ба ҳайси маҳаки аслии низоми давлатдорӣ таъйид намуда, усули классикии таҷзияи ҳокимияти давлатиро расмият бахшид. Дар асоси моддаи 64 Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия мебошад. Ҳокимияти иҷроия ба ҳайси рукни тавоно ва зудамали ҳокимияти давлатӣ пурра ба Президент мутааллиқ дониста шуда, ӯ ҳамчун раис роҳбарии Ҳукумати мамлакатро низ ба уҳда дорад.

Дар асоси муқаррароти Конститутсия ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ амалӣ мегардад. Ҳокимияти қонунгузорро Маҷлиси Олӣ, ҳокимияти иҷроияро Президент ва ҳокимияти судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар зинаҳои судӣ амалӣ месозанд.

Ин се рукни ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ мустақил буда, ба якдигар тобеъ намебошанд. Аммо мустақилияти рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ба маънои мутлақ нест, зеро ҳеҷ яке аз онҳо бе ширкати рукни дигар, яъне бидуни робита ва таъсиргузории мутақобила вазифаҳои худро дар ҳадди лозим ба сомон расонида наметавонад. Чунончи, қабули қонунҳо салоҳияти Маҷлиси Олӣ аст, вале қонун фақат баъди имзои Президент ҳукми амал пайдо мекунад. Ва ё худ ҳама фармонҳои Президент дар бораи таъину озод намудани аъзои Ҳукумати мамлакат барои тасдиқ ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мешаванд. Дар ташкили сатҳи олии сохторҳои ҳокимияти судии мамлакат ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия низ ширкат меварзанд. Ин иртиботи судманд ҳам барои назорати тарафайн ва ҳам барои истиқрори тавозун дар миёни рукнҳои ҳокимияти давлатӣ бо ҳифзи мустақилият ва ҳудуди салоҳияти онҳо омили самарабахш мебошад.

Ҳамин тавр, чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми шодбошии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия иброз доштанд, “Конститутсияи Тоҷикистон санади тақдирсоз, роҳнамо ва шаҳодатномаи халқи Тоҷикистон аст. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди кишвар онро бояд азизу муқаддас шуморад ва ба он ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ арҷ гузорад”. [7]

Феълан ҳам, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои созандаи қаблан анҷомёфта оид ба воридсозии тағйиру иловаҳо ба он бозгӯйи роҳу равиши ба худ хоси давлатдориву идоракунии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ ва чаҳорчӯбаҳои рушди сиёсию ҷамъиятии кишвар ба шароити замони муосир буда, аз ҳар як фарди ватандӯсту масъулиятшинос донистан, риоя ва татбиқи меъёрҳои дахлдори ин санади олиро дар ҳамаи сатҳу зинаҳо тақозо мекунад.

**Адабиёт**

1. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1991, №18, мод.237

2. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми августи соли 1990

"Дар бораи ташкили Комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон".

3. Маҳмудзода М.А. Саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II, Душанбе, 2021. – С. 29-47

4. Филмномаи "Эмомалӣ Раҳмон-Асосгузори давлати навини тоҷикон" Филми 1 (муаллифон: Шарифзода А., Ҳакимзода А., роҳбари лоиҳа: Асадулло Раҳмон, соли 2021). Дақиқаҳои 01:25:52-01:26:22

5. Суханронӣ ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/283

6. Маҳмудов М.А. Даҳ соли амали қонуни сарнавишту тақдирсоз // Ҷумҳурият, 4 ноябри соли 2004

7. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/29523 (Санаи нашр: 06.11.2022).

## ПРИНЯТИЕ КОНСТИТУЦИИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА

**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОХ АБДУВАХХОБ,**
доктор исторических наук, профессор,
пресс-секретарь – руководитель Пресс-службы Президента Республики Таджикистан.
член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 907-77-25-20. E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk.

*В статье исследуются вопросы истории принятия Конституции Республики Таджикистан.*

*Автор анализирует процесс разработки и принятия Конституции независимого Таджикистана, а также представляет свое видение относительно сути внесения изменений и дополнений в целях совершенствования политической системы и повышения международного статуса Таджикистана, создания профессионального парламента, признания человека, его прав и свобод как высшую ценность, общенародного референдума и выборов как форму высшего непосредственного выражения власти народа, политических партий как элемента политической системы.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Конституция, независимость, XVI сессия Верховного Совета, государственная символика, профессиональный парламент, права и свободы человека, общенародный референдум, выборы.*

## ADOPTION OF THE CONSTITUTION OF INDEPENDENT TAJIKISTAN

**SHARIFZODA ABDUFATTOH ABDUVAHHOB,**
Doctor of historical sciences, Professor,
Press Secretary – Head of the Press Service of the President of the Republic of Tajikistan,
Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave.
Phone.: (+992) 907-77-25-20. E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk.

*The article examines the history of the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan.*

*The author analyzes the process of developing and adopting the Constitution of independent Tajikistan, and also presents his vision regarding the essence of introducing amendments regarding the improvement of the political system and enhancement of the international status of Tajikistan, the establishment of a professional parliament, the recognition of man, his rights and freedoms as the*

*highest value, a national referendum and elections as a form of the highest direct expression of the authority of the people, political parties as an element of the political system.*

***Key words:*** *Tajikistan, Constitution, independence, XVI session of the Supreme Council, state symbols, professional parliament, human rights and freedoms, national referendum, elections.*

УДК: 347

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**ДИНОРШО АЗИЗ МУСО,**
муовини директори иҷроия оид ба корҳои илмии филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.
734002, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: (+992) 935-89-02-07. E-mail: a.dinorshoh@gmail
**МИРЗОЗОДА ШАҲРИЁР МУНАВАР,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru.

*Дар мақола муаллифон масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар асоси таҳқиқи худ муаллифон қайд мекунанд, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат дар қонунгузории миллӣ натанҳо тавассути конститутсия ва қонунҳои соҳавӣ танзим мешавад, балки тавассути дигар санадҳои зерқонунӣ, аз қабили қарорҳои ҳукумат ва фармонҳои Президент, созишномаву шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар ин баробар лозим ба зикр аст, ки санадҳои зерқонунӣ оид ба меҳнат санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки қонун танзими минбаъдаи муносибатҳои меҳнатиро бевосита ба онҳо ҳавола менамояд ва онҳо ҷиҳати танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар раванди татбиқ нақши муҳимро иҷро менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *конститутсия, созишнома, шартномаи коллективӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқӣ, кодекс, шаҳрвандон, қонунгузории миллӣ.*

Танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат, ки дар доираи васеи санадҳои меъёрӣ амалӣ карда мешавад, барои таъмини риояи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шуда, се вазифаи муҳимро иҷро мекунад: якум, тибқи талаботи он заминаи ҳуқуқие ба вуҷуд меояд, ки ба таъсис ёфтани и муносибатҳои меҳнатии истеҳсолӣ, инчунин ба ташаккули натиҷаҳои яккхела, саривақтӣ ва боэътимоди чунин муносибатҳо мусоидат мекунад; дуюм, ҳамчун воситаи муҳими ташаккули низоми демократӣ дар ҷои кор, тавассути фароҳам овардани замина барои ҳамкорӣ бо корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо хидмат мекунад. Сеюм, танзими конститутсионӣ -ҳуқуқӣ метавонад метавонад ба таври доимӣ василаи ёдовар ва кафили меъёрҳои асосӣ ва ҳуқуқ мавқеи кор бошад, ки тавассути раванди қонунгузории миллӣ аз ҳимояти васеи иҷтимоӣ бахурдор гаштааст. Дар ин баробар он метавонадтартиби маҷбурии истифодаи ин усулҳо ва ҳуқуқҳоро муқаррар созад.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси меҳнат, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад. Ҳамзамон, дар моддаи 3 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст, ки вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштанинекуаҳволии одамон равона гардидааст [1, м. 3].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз мазмуни ҳуқуқи конститутсионии инсон ба меҳнат бармеоянд, ду мавқеи асосӣ мавҷуданд, ки шартан ба «маҳдуд» ва «васеъ» унвон кардан мумкин аст. Дар доираи мавқеи аввал

баземуаллифон хотирнишон мекунанд, ки бояд дар байни қонунгузории соҳаи меҳнат ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ин соҳа, ки маҷмуан печида ва мураккаб ҳастанд, бояд фарқ гузошт [2, с. 75 ]. Муаллифон дар ин мавқеъ муқаррароти қонунгузории гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро низ ба назар гирифтаанд. Дар доираи равиши дуюм қонунгузории меҳнат иборат аз он санадҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунад [3, с. 8 ]. Бидуни баҳс дар бораи ин мавқеъҳо, мо танҳо ин нуқтаҳоро қайд мекунем, ки ин баҳсҳо аз соҳае бармеоянд, ки муаллифони муайян дар он тадқиқоти илмии худро анҷом медиҳанд. Тарафдорони мавқеи аввал одатан мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат мебошанд, ки ба ҳамин васила мустақилияти қонунгузории меҳнатро ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ асоснок мекунанд. Тарафдорони мавқеи дуюм, чун қоида, мутахассисони соҳаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқ мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатӣ барои онҳо аз нуқтаи назари муносибатҳои шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ ҳамчун объекти омӯзиш қарор гирифтааст.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти худ мо танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун доираи васеи санадҳои меъёрие фаҳмида мешавад, ки ҷанбаҳои гуногунро танзим намуда, мазмуни доираи ин ҳуқукро ошкор менамоянд.

Тавре ки омӯзиши адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат дар се сарчашмаи асосӣ таҷассум ёфтааст:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.Санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст;

3.Қонунгузории соҳавӣ.

Дар илми ҳуқуқ чунин як далели эътирофшуда вуҷуд дорад, ки конститутсия-сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқ маҳсуб ёфта, на танҳо асосҳои сохти конститутсионии давлатро муқаррар мекунад, балки ҳуқуқҳои асосии инсонро эълон ва кафолат дода, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, инчунин асосҳои конститутсионии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатро муайян менамояд. Конститутсия ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ муқаррар намуда, барои таҳкими ҳуқуқии он замина фароҳам меорад ва принсипу самтҳои асосии рушди қонунгузориро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муайян мекунад.

Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар амалияи ҷаҳонӣ тафсири норавшан дорад. Ин ба равишҳои танзими ҳуқуқи инсон, ки дар асри XX дар ҷаҳон вуҷуд дошт, вобаста аст. Кишварҳое, ки ба консепсияи пайдоиши табиии ҳуқуқи башар пайравӣ мекарданд, ба танзими конститутсионии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ афзалият дода, аксар вақт ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро сарфи назар мекарданд. Ба ин категорияи давлатҳо кишварҳое дохил мешаванд, ки дар адабиёти шӯравӣ ҳамчун мамлакати капиталистӣ шинохта шудаанд. Дар ин кишварҳо танзими ҳуқуқ ба меҳнат (ё озодии кор) аз миёнаи солҳои 50 уми асри XX оғоз мешавад. Дар навбати худ, кишварҳое, ки ба консепсияи мусбати ҳуқуқи инсон афзалият дода шуда, танзими ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар мадди аввал гузошта буданд, дар низоми онҳо ҳуқуқ ба меҳнат ҳанӯз дар ибтидои солҳои 1920 эътирофи конститутсионӣ пайдо карда буд. Ба ин гурӯҳи давлатҳо асосан давлатҳои узви лагери сотсиалистӣ, хусусан ИҶШС дохил мешаванд.

Дар омӯзиши ин масъала як қатор муаллифон, аз ҷумла В.В. Чиркин ва Д.Худолей аз ҷумла қайд мекунанд, ки «ҳуқуқи меҳнат ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон нисбатан дар солҳои наздик пайдо шудааст. Ба таври умум эътироф шудааст, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои мавҷи сеюм, яъне баъди ба охир расидани ҷанги дуюми ҷаҳон ворид гардид. Лекин дар ИҶШС ин намуди ҳуқуқ хеле

пештар дар сатҳи ҳуқуқи конститутсионӣ эътироф шуда буд. Давлатҳои Аврупо ва ва Амрикои Лотинӣ зарурияти дар сатҳи ҳуқуқҳои конститутсионӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқи меҳнатро дар миёнаи асри XX дарк карданд. Албатта, дар ин кор нақши ҳалкунандаро ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, шикасти фашизм, идеологияи либералии рост, ки дар бисёр давлатҳои ҷаҳон дарк мешуд, бозид [4, с.168 ].

Тоҷикистон аз оғози солҳои 20 уми асри XX ба як ҷузъи ҷудонашавандаи ИҶШС табдил ёфта, талаботи низоми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсонро дар маҷмӯъ, аз ҷумла низоми ҳуқуқи меҳнатро, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфтааст, риоя мекунад. Чунончи А.М. Диноршоев қайд мекунад «Инкишофи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бо дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ низ шабоҳатҳои зиёде дошт. Аз ҷумла, дар марҳалаи ибтидоии тараққиёт қонунгузории конститутсионии Тоҷикистон ба таҷрибаи ҶШСФР асос ёфтааст. Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР дар ташаккулёбии конститутсионии Тоҷикистон роли калон бозид. Аввалин конститутсияҳои Тоҷикистон хусусиятҳо ва шароити миллиро инъикос намуда, дар танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, умуман Конститутсияи ҶШСФР-ро намунаи ибрат гирифтанд [5, с.12-13].

Дар навбати худ Г.М. Бобокалонов масъалаи ташаккул ва инкишофи қонунгузории меҳнатро дар Тоҷикистон таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «тартиб ва хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон, ҳамчунин дар дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ пеш аз ҳама, бо принсипи сохтмони давлати нав ва қонунҳои нави ба он мувофиқ алоқаманд буданд ва дар он мавқеи асосиро идеяи барҳам додани давлати кухна ва ба вуҷуд овардани қонунҳои нав ишғол мекард» [6, с.11]. Ф.Т. Тоҳиров бошад қайд мекунад, ки «санадҳои қонунгузории ҶШСФР, ки аз рӯзҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ қабул шуда буданд, аз ҷумла Конститутсияи ҶШСФР дар соли 1918 сарчашмаи асосии ҳуқуқ дар ҶШС Туркистон буда, тараққиёти давлатӣ-ҳуқуқии онро муайян карда, ҳамчун воситаи иқтисодиёт хизмат мекард ва дигаргун сохтан ва аз нав ташкил кардани тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ дар принсипҳои сотсиалистӣ вобаста аст” [7, с.86].

Н.П. Фарберов масъалаи танзими ҳуқуқи инсонро дар Россия таҳлил намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки «бо ба сари ҳокимият омадани болшевикон онҳо як катор санадҳои қонунгузориро қабул карданд, ки ҳуқуқу озодиҳои демократиро, ки ба тамоми аҳоли дахл доштанд, ҷорӣ ва мустаҳкам намуданд" [8, с.8]. Масалан, бо Декрети Шурои Комиссарони Халқ аз 11 ноябри соли 1917 рӯзи кории ҳаштсоата ҷорӣ карда шуд [9, с.18]. Минбаъд дар Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР бори аввал эълон карда шуд, ки барои нест кардани табақаҳои паразитии ҷамъият ва ташкили иқтисодиёт хизмати умумии меҳнатӣ ҷорӣ карда шуд.

Дар баробари ҳамин қайд кардан лозим аст, ки аксарияти муаллифон дар бораи усулҳои конститутсионии мустаҳкам намудани муносибатҳои меҳнатӣ дар аввалин санадҳои шуравӣ, аз ҷумла дар конститутсия сухан ронда, нишон медиҳанд, ки он на ба унвони ҳуқуқи як фард балки ба унвони вазифаи ӯ ироа шудааст.

Вобаста ба ин О.И. Чистякова қайд мекунад, ки ҳуқуқ ба меҳнат муқаррар карда нашудааст, зеро «давлат ба шаҳрванд додани ин ё он ҳуқуқи конститутсиониро ба зиммаи худ ҳамчун ӯҳдадории дахлдор гузошта, амалишавии ин ҳуқуқро таъмин менамояд. Чунин ӯҳдадории ба шаҳрвандон додани таҳсилоти олӣ ва ҳаматарафаро ҳануз дар соли 1918 давлати шуравӣ ба зимма гирифта наметавонист. Барои ҳамин ҳам конститутсия ҳуқуқи таҳсил ва ҳуқуқи меҳнатро дар ин давра эълон накардааст” [10, с.95].

Бинобар ин, мо таклифҳои муаллифонро дуруст мешуморем, чун онҳо қайд мекунанд, ки «танзими конститутсиони ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи

муносибатҳои меҳнатӣ танҳо баъди дар Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР муайян кардани ҷиҳати ҳатмии он ташаккул меёбад» [11, с.4].

правового договора на сумму более 100 тысяч рублей в месяц) с гражданами, замещавшими должности государственной или муниципальной службы, перечень которых устанавливается нормативными правовыми актами Российской Федерации, в течение двух лет после их увольнения с государственной или муниципальной службы работодатель обязан в десятидневный срок сообщать о заключении такого договора представителю нанимателя (работодателю) государственного или муниципального служащего по последнему месту его службы. При этом кадровая служба каждого работодателя — будь то транснациональная корпорация или микропредприятие — должна знать, что это за перечни должностей (закон, кстати, не дает их названия) и какие должности в них предусмотрены (с учетом регулярных изменений), а также соотнести с нужным перечнем должностей те должности, которые вписаны в трудовую книжку работника. При этом: а) работник может вообще не предъявить трудовую книжку, заявив о ее утрате или о том, что ранее не работал; б) работник может предъявить восстановленную или сфальсифицированную трудовую книжку без соответствующих записей; в) записи о многих должностях (для всех военнослужащих и сотрудников правоохранительных органов) по законодательству вообще не вносятся в трудовую книжку. Таким образом, во многих случаях работодатель может располагать только информацией, полученной от нанимаемого работника, и вынужден полагаться только на его добросовестность (а в противодействии коррупции, как известно, нужно опираться на презумпцию недобросовестности потенциального нарушителя).

В результате такого законодательного решения работодатели несут регуляторные риски привлечения к ответственности за то, что приняли на работу бывшего публичного служащего в нарушение установленных законом ограничений. И, если даже в итоге организации избегнут ответственности, они вынуждены участвовать в неприятных и обременительных разбирательствах с прокуратурой по этому поводу.

При этом в соответствии с пунктами 5 и 6 статьи 11 Федерального закона Российской Федерации от 01.04.1996 № 27-ФЗ «Об индивидуальном (персонифицированном) учете в системах обязательного пенсионного страхования и обязательного социального страхования» работодатель сообщает в Фонд пенсионного и социального страхования Российской Федерации о приеме на работу (заключении гражданско-правового договора) не позднее рабочего дня, следующего за днем издания приказа (заключения договора). В такой ситуации достаточно было бы поставить «галочку» в системе обязательного пенсионного страхования и обязательного социального страхования в лицевом счете того публичного служащего, который покинул коррупционно-опасную должность, и тогда при получении в течение двух лет информации о его трудоустройстве государство уже на следующий же день получило бы достоверную информацию о правонарушении. Кстати, государство не слишком полагается на эффективность им же самим введенных обязанностей работодателей, поэтому регулярно проверяет соблюдение временных ограничений по трудоустройству бывших публичных служащих на основе открытых данных и государственных информационных систем, привлекая к ответственности не только бывших служащих, но и их новых работодателей.

Таким образом, нормативно-ориентирующее регулирование предполагает разграничение сфер ответственности между государством, бизнесом и гражданами сообразно тому, на каком уровне наиболее эффективно могут осуществляться конкретные функции по противодействию коррупции. В пределах своей зоны ответственности экономические субъекты самостоятельно устанавливают локальное регулирование, от адекватности и эффективности которого в деле противодействия

коррупции (в пределах их зоны ответственности) зависят их преимущества в области их экономических интересов (налоги, кредиты, субсидии, заказы и т.д.). За пределами своей зоны ответственности организации не могут нести негативных последствий и не могут подлежать никакой оценке и профилированию.

**Заключение.** Нормативно-ориентирующее регулирование по своей природе является правовым регулированием, включающим правовые принципы ориентируемой деятельности экономической субъектов и стимулирующие правовые нормы в сферах экономического интереса объектов ориентирующего регулирования. Такое стимулирование предполагает дифференциацию входных и текущих административных барьеров для экономических субъектов (в области получения заказов от публичного и частного сектора, субсидий, льгот, разрешений и пр.) и для должностных лиц (в области карьеры, оплаты труда, награды и пр.).

Нормативно-ориентирующее регулирование основано не на обязывании или принуждении субъекта ориентируемого поведения, а на его заинтересованности, оно предполагает самостоятельное решение экономическим субъектом юридически значимых вопросов, его дискрецию в локальном регулировании. Экономическому субъекту доверяется конкретизация регулирования поведения его агентов и контрагентов на основе обрабатываемой им информации об условиях его деятельности, его собственной оценки коррупциогенных факторов и коррупционных рисков и адекватных им мер.

Нормативно-ориентирующее регулирование предполагает распределение антикоррупционных функций между регулятором и регулируемым исходя из того, кто может более эффективно их осуществлять, а также закрепление за государством (органами публичной власти), бизнесом (экономическими субъектами) и домохозяйством (гражданами) обособленных зон ответственности в области противодействия коррупции. Ответственность за недостатки антикоррупционной деятельности как таковой (в отсутствие коррупционных преступлений и правонарушений) не допускается, что устраняет соответствующие регуляторные риски. Эти меры должны максимально устранить из правового поля формальные, неизбирательные и неэффективные обязанности организаций, должностных лиц и граждан.

Нормативно-ориентирующее регулирование предполагает единое экономическое, правовое и информационное пространство, в котором формируется страновая (региональная) система противодействия коррупции на основе стимулирования экономической заинтересованности и функционирует государственная (межгосударственная) информационная система раскрытия информации об антикоррупционной деятельности и ее существенных фактах.

## Литература

1. Велиева Д. С., Пресняков М. В. Сущность принципа правовой определенности: в поисках конституционно-правового смысла // Известия Саратовского университета. Новая серия. Сер.: Экономика. Управление. Право. 2019. Т. 19, № 3. С. 302–309.

2. Амосова Т. В. Принцип правовой определенности в зеркале лингвокультуры // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Образование и педагогические науки. 2017. Вып. 2 (773). С. 106–118.

3. Воробьев С. М., Полищук Н. И. Теоретико-правовой анализ метаюридического принципа правовой определенности // Теория государства и права. 2019. № 2. С. 83–89.

4. Талапина Э. Правовые способы противодействия коррупции // Право и экономика. 2006. № 6. С. 3–11.

5. Гайдарева И. Н. Актуальные проблемы противодействия коррупции в системе государственной службы // Вестник Адыгейского государственного университета. Сер. 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. 2011. № 3. С. 301–307.

6. Гендлер Г. Е., Паксюткин А. А. Типология форм коррупции // Известия вузов. Северо-Кавказский регион. Общественные науки. 2006. № S20. С. 12–16.

7. Изотов М. О. Коррупция в современной России: социокультурные основания и формы проявления: дис. … канд. философ. наук. Орел, 2012. 192 с.

8. Вородюхин С. Е. Коррупция как социальное явление и меры борьбы с ней // Вестник Белгородского юридического института МВД России имени И. Д. Путилина. 2020. № 4. С. 42–47.

9. Кажибаева Г. Е. Юридические определения коррупции, ее виды и формы // Наука России: цели и задачи: сб. науч. тр. по материалам IV междунар. науч. конф. (Екатеринбург, 10 авг. 2017 г.). Ч. 1. Екатеринбург: НИЦ «Л-Журнал», 2017. 68 с. С. 34–39.

10. Мусабеков М. Д. Коррупция как латентное общественное явление в рамках социологического подхода // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. 2018. № 4. С. 264–267.

11. Шишкарев С. Н. Коррупционные отношения и формы коррупции // Вестник Московского университета МВД России. 2009. № 4. С. 149–154.

12. Советское административное право: Методы и формы государственного управления / С. Г. Березовская, Р. Ф. Васильев, М. И. Еропкин [и др.]; редкол.: Ю. М. Козлов, Б. М. Лазарев, А. Е. Лунев, М. И. Пискотин. М.: Юрид. лит., 1977. 334 с.

13. Захарцев С. И., Мазурин С. Ф., Прокофьев К. Г. Методы административного управления: понятие и сущность. Лекция // Юридическая наука: история и современность. 2018. № 6. С. 89–98.

14. Андриенко И. Р., Семина Л. А. Формы и методы государственного управления // Актуальные исследования. 2021. № 18. С. 52–55.

15. Соловьева О. А. Особенности механизма государственного регулирования экономики // Проблемы современной экономики. 2011. № 4. С. 72−75.

16. Коренев А. П. Административное право России. Учебник. В 3-х частях. Часть I. М.: МЮИ МВД России, Щит-М, 1999. 280 с.

17. Белов В. И., Ловыгина А. Б. Особенности государственного управления системой энергообеспечения региона: зарубежный и отечественный опыт // Управленческое консультирование. 2015. № 6. С. 109–124.

18. Фиалковская И. Д. Методы государственного управления: вопросы теории: моногр. Казань: Бук, 2019. 174 с.

19. Гринин А. А. Направления государственного регулирования конкуренции в условиях финансового кризиса // Проблемы экономики и юридической практики. 2011. № 5. С. 183–186.

20. Плотникова О. С., Тимофеева О. Г. Антимонопольная политика в России // Развитие теории и практики управления социальными и экономическими системами. 2019. № 8. С. 111–115.

21. Синяк О. В. Механизм антимонопольного регулирования и его роль в становлении конкурентной среды на примере Республики Беларусь // Велес. 2018. № 11-2. С. 18–25. С. 20.

22. Near Ja. P., Miceli M. P. Whistle-blowing: myth and reality // Journal of Management. 1996. Vol. 22, № 3. Pp. 507–526.

23. Петров М. П. О соотношении принципов государственного управления и принципов административного права // Вестник Воронежского государственного университета. Сер.: Право. 2009. № 1. С. 202–209.

## НАҚШИ САНАДҲОИ МАҲДУДКУНАНДА ВА ТАНЗИМКУНАНДА ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ВА ПАСТКУНИИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ

**ТРОФИМОВ ЕГОР ВИКТОРОВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент, муовини директор оид ба корҳои илмии
Институти (филиали) Санкт-Петербурги Донишгоҳи давлатии умумироссиягии адлия.
199178, Федератсияи Россия, Санкт-Петербург, хати 10-уми ҷазираи Васильевский.

*Давлат танҳо дар сурати он, ки коррупсия ба қабули қарорҳои махсусан муҳими сиёсиву иқтисодӣ таъсири манфӣ расонид, мубориза муҳим, мақсаднок ва ҷиддиро бо ин зуҳурот ба роҳ мемонад. Дар ин сурат давлат аз дигар гуна ташкилоту муассисаҳое, ки дар ҳолати доштани манфиати иқтисодӣ захираҳоро барои мубориза бо коррупсия истифода намебаранд, монанд хоҳад буд. Ҷорӣ намудани танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи муқовимат ба коррупсия имкон медиҳад, ки ин манфиати иқтисодӣ тавассути танзими ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ дар соҳаҳои ҷолиб барои тиҷорат (фармоишҳо, қарзҳо, субсидияҳо, имтиезҳо ва ғайра) ба шарте истифода шавад, ки тиҷорат системаи муқовимат ба коррупсияро бомуваффақият амал кунад. Танзими меъерӣ-ҳуқуқӣ на ба ӯҳдадорӣ ё маҷбуркунии субъекти рафтор, балки ба манфиати ӯ асос ёфтааст ва он ҳалли мустақили масъалаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимро аз ҷониби субъекти иқтисодӣ дар назар дорад. Ба субъекти иқтисодӣ мушаххас кардани танзими рафтори агентҳо ва контрагентҳои ӯ дар асоси маълумоти коркардкардаи ӯ дар бораи шароити фаъолияти ӯ, арзёбии худи ӯ дар бораи омилҳои коррупсионӣ ва хатарҳои коррупсионӣ ва чораҳои мувофиқи онҳо эътимод карда мешавад. Ин танзим тақсимоти функсияҳои зиддикоррупсиониро байни танзимкунанда ва танзимшаванда дар асоси он, ки кӣ метавонад онҳоро самараноктар амалӣ кунад, инчунин ба давлат, тиҷорат ва шаҳрвандон минтақаҳои масъулиятро дар соҳаи муқовимат ба коррупсия мустаҳкам мекунад. Дар сурати мавҷуд набудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо масъулият барои камбудиҳои фаъолияти зиддикоррупсионӣ ғайриқобили қабул аст.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, зидди коррупсия, танзими меъёрӣ нигаронидашуда, танзими маҳаллӣ, хавфи танзим, усулҳои ғайримустақим, усулҳои иқтисодӣ, ӯҳдадориҳои ташкилотҳо.*

## REGULATORY GUIDANCE AND ITS ROLE IN COMBATING CORRUPTION AND REDUCING REGULATORY RISKS

**TROFIMOV EGOR VIKTOROVICH,**
Doctor of Law, Associate Professor, Deputy Director for Research of the
Saint Petersburg Institute (branch) of the All-Russian State University of Justice.
199178, Russia, Saint Petersburg, 10th line of Vasilyevsky Island.

*The state fights corruption for a long time, seriously, persistently and effectively only when corruption interferes with the solution of a well-defined political and economic task. In this regard, the state is not much different from any organization that is ready to divert resources to combat corruption when it has an obvious economic interest in this. The implementation of norm-referenced regulation in the scope of combating corruption will make it possible to use this economic interest through stimulating legal regulation in areas of interest to business (orders, loans, subsidies, benefits, etc.), provided that the business has a successfully functioning anti-corruption system. Norm-referenced regulation is based not on the obligation or coercion of the subject of oriented behavior, but on his interest. It implies an independent decision by the legal entity of legally significant issues, its discretion in local regulation. An legal entity is entrusted with specifying the regulation of the behavior of its agents and counterparties based on the information it processes about the conditions of its activities,*

*its own assessment of corruption factors and risks and measures adequate to them. Such regulation involves the distribution of anti-corruption functions between the regulator and the regulated on the basis of who can perform them more effectively, as well as assigning to the state, business and citizens areas of responsibility in the field of combating corruption. In the absence of facts of corruption crimes and offenses, responsibility for the shortcomings of anti-corruption activities is unacceptable. These measures will eliminate excessive compliance risks, as well as formal, indiscriminate and inefficient responsibilities of organizations, officials and citizens.*

***Keywords:*** *anti-corruption, norm-referenced regulation, local regulation, compliance risk, indirect methods, economic methods, obligations of organizations.*

УДК: 347

# ҲУҚУҚ БА МУСОФИРАТ ҲАМЧУН ҚИСМИ ҶУДОНАШАВАНДАИ ИНСТИТУТИ ОЗОДИИ ҲАРАКАТ ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛИ ЗИСТИ ШАҲРВАНДОН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақола мазкур масъалаҳои ҳуқуқ ба мусофират ҳамчун қисми ҷудо нашавандаи институти озодии ҳаракат интихоби озоди маҳаллӣ зисти шаҳрвандон таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Моҳияти ҳуқуқии тартиби баамалбарории ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодии инсон ва шаҳрванд аз бисёр ҷиҳат аз рӯи хислати худи раванди татбиқи ин ҳуқуқу озодиҳо муайян карда мешавад. Ҳуқуқи ҳар кас ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст, барои дар қонунгузории амалкунанда муқаррар намудани он асоси ҳуқуқӣ мебошад. Ин, аз ҷумла, ба таърифи умумии мафҳуми ҷойи истиқомат дахл дорад, ки дар моддаи 21-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли истиқомати доими ё асосан шаҳрванд баён шудааст. Дар кишвари мо дар шароити ташаккул ва рушди ҷамъияти ҳуқуқбунёд ва демократӣ чунин усули татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ, ба мисли аз худ намудани анъанаҳои демократӣ ва рушди муттасили онҳо дар замина ва тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ муҳим ба шумор мераванд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқ, институт, маҳал, конститутсия, қонунгузорӣ, сатҳ, мусофират, мақомоти давлатӣ, ҳифз, масъала, озодӣ.*

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида баромади иҷтимоӣ дошта, барои иҷрои вазифаҳои муайян, ки барои ҷамъият фоидаоваранд, қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, «Тоҷикистони муосир дар худ низоми мураккаби иҷтимоиро ифода месозад, ки дар байни унсурҳои он мавқеи муҳимро ҳокимияти оммавӣ бо падидаҳои худ ишғол менамояд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамон вақт маънову моҳият пайдо мекунанд, ки агар амалӣ гарданд, яъне дар ҳаёт татбиқ карда шаванд. Бидуни ин, дар хусуси риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳарф задан имконнопазир мебошад. Масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо амалисозии ҳуқуқ алоқамандии зич дорад. Таҳти амалисозии ҳуқуқ анҷомдиҳии имкониятҳои дар қонун муқаррар ва кафолатдодаи давлат, ки ба иҷрои ҳуқуқҳои субъективии афрод равона гардидааст, фаҳмида мешавад. Ҳуқуқ тавассути рафтори фаъоли фард ҳангоми истифода аз арзишҳо ва неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ба амал бароварда мешавад [4,169].

Ҳуқуқи ҳар кас ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст, барои дар қонунгузории амалкунанда муқаррар намудани он асоси ҳуқуқӣ мебошад. Ин, аз ҷумла, ба таърифи умумии мафҳуми ҷойи истиқомат дахл дорад, ки дар моддаи 21 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли истиқомати доими ё асосан шаҳрванд баён шудааст[2].

Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои муҳимтарини шахсии шаҳрванд аст. Он як навъ имконияти бемонеа ҳаракат кардан, ҷойи рафт ва зист интихоб кардани инсон дар қисмати дилхоҳи давлат, ҳамчунин тарк кардани мамлакат ва бозгаштан ба он бо риояи як силсила талаботи қонун мебошад.

Махсусияти ин озодӣ имкон доштани одам бахри ихтиёрдорӣ дар макон, ҳамчунин ҳимоя кардан аз дахолати ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ аст.

Чи тавре, ки Н.С. Бондарь қайд менамояд, «Баробарӣ на танҳо принсипи умуми ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки инчунин категорияи инструменталӣ-амалӣ мебошад, он метавонад инчунин ба сифати дараҷаи (критерияи) конститутсионии баҳодиҳии танзими қонунгузории ҳар як ҳуқуқ ва озодӣ дар алоҳидагӣ ё тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият дар маҷмуъ, баррасӣ карда шавад. Ин аллакай аз он бармеояд, ки баробарӣ дар вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии шахсият ба сифати унсури ҷудонопазир ҷой гирифта, дар ҳар як ҳуқуқ ва озодии асосӣ мавҷуд мебошад»[3,232].

Дар умум Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф, ибрози ақида намудаанд, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башари Куруши Кабир чунин ҳуқуқу озодиҳои шахсии маънавии инсонро муқаррар карда буд: ҳуқуқ ба озодӣ (банди 2); ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб ва тоату ибодат (банди 5); ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист (банди 5); ҳуқуқ ба моликият (банди 3); ҳуқуқ ба адолати судӣ (банди 6); манъи шиканҷа (банди 2); ҳуқуқ ба озодии касбу кор (банди 5); эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон (банди 5); манъи хариду фурӯши одам (банди 7); манъи ғуломӣ (банди 7)[12,117-118].

Дар асоси меъёрҳои болозикр А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ – инҳо ҳуқуқҳое мебошанд, ки аз тарафи субъектони зиёд, яъне халқҳову миллатҳо ба амал бароварда мешаванд. Ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳуқуқҳои маҳсулӣ ба ҳисоб мераванд, чунки онҳо ба андозаи ташаккули манфиатҳои ин ва ё он умумият ё гурӯҳи одамон (коллектив) тасвият меёбанд»[6,226].

Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор нигоҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст.Инчунин моддаи 24-ум конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад[1].

Ба андешаи А. Курманов озодии ҳаракат, интихоби ҷои будубош ва истиқомат мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда, ҳуқуқи ҳар як шахс мебошад[10,117-125].

Чӣ тавре, ки Б.А. Сафарзода дуруст менависад, дар Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқҳои инсон хусусияти антропосентрӣ (яъне, дар маркази таваҷҷӯҳ инсон меистад) доранд[11,19].

Ҳуқуқҳои инсон ҳамчун арзиши олии конститутсионӣ эътироф мегарданд, ки онро давлат бояд кафолат диҳад, таъмин ва ҳимоя намояд. Амалисозии ҳуқуқҳои инсон танҳо дар чунин ҷомеае имконпазир аст, ки дар он инсон дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дорад, дар он ғояву мафкураҳои пешбаранда, аз ҷумла дар иртибот ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ҷой доранд ва якмафкурагӣ ҳукмрон нест[4,169].

Ба андешаи Герасимов П.Ю, мафҳуми ҷойи будубош дар амалияи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи истиқомат ба таври умум қабул карда нашудааст. Дар қонунгузории Русия ин мафҳум ва низоми бақайдгирии марбут ба он дар ибтидои солҳои 90-ум бо сабаби зарурати аз байн бурдани институти маҳалли зист, ки дар ИҶШС вуҷуд дошт, муқаррар карда шуда буд [5,28].

Дар ҳамин росто қайд намудан зарур аст, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-ми майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки яке аз тағйиру иловаҳо ин

меъёри моддаи 24-ум буд, ва меъёри «ҳақ» ба «ҳуқуқ» иваз карда шуд. Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад.

Чӣ тавре, ки Ибрагимова Л.Р, қайд намудааст фаъолияти механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат, баромадан ва дохил шудан ба давлат низоми ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи фаъолияти қонунии давлат мебошад[9,28].

Ба андешаи Жадяева Т.А, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба озодии ҳаракат, интихоби ҷои будубош ва истиқомат як ҳуқуқи асосӣ мебошад, ки дар Конститутсияи Федератсияи Россия мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд муқаррар карда шудааст. Бидуни озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат ва истиқомат, ки давлат кафолат медиҳад, амалӣ намудани як қатор ҳуқуку озодиҳои дигари дар давлат амалкунанда имконнопазир аст[13,28].

Дар кишвари мо дар шароити ташаккул ва рушди ҷамъияти ҳуқуқбунёд ва демократӣ чунин усули татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ, ба мисли аз худ намудани анъанаҳои демократӣ ва рушди муттасили онҳо дар замина ва тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ муҳим ба шумор мераванд. Маҳз дар асоси татбиқи амали ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ раванди аз бар намудани чунин арзишҳо, ба мисли арзиши олӣ эътироф гардидани инсон, ҳуқуқҳо ва озодиҳои ӯ, пазируфтани ғояҳои некӣ ва адолатнокӣ, риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, идоракунии ҳукумат тавассути гузаронидани интихоботи демократӣ ҷараён мегирад.

Воситаи самаранок оид ба таъмини баамал барории ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ, арзу шикоят дар хусуси қарорҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудани ин қарорҳо (ё иҷро нашудани онҳо) ба шумор меравад.

Мафҳуми «муҳоҷират» яъне яке аз ҷузъҳои мусофират дар луғати донишномаӣ «Демография» чунин шарҳ дода шудааст: «Муҳоҷират калимаи лотинӣ буда, маънояш кӯчонидан, ҳаракат ва ҷойивазкунии одамон аз сарҳади ягон давлат ба ҳудуди давлати дигар бо иваз кардани ҷои зист бо муҳлатҳои гуногун, доимӣ ва дарозмуддат омадааст»[8,403].

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират вобаста ба унсурҳо дар ду шакл зоҳир мегардад:

- ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофирати дохилӣ;
- ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофирати хориҷӣ.

Бояд тазакур дод, ки ҳиҷрати одамон бо кадом сабабе набошад, дарбаргирандаи ин шаклҳо мебошад.

Ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофирати дохилӣ – ин сафар кардан дар дохилӣ давлат аз як кӯча ба кӯчаи дигар аз як маҳалла ба маҳаллаи дигар аз як ноҳия ба ноҳияи дигар аз як шаҳр ба шаҳри дигар, аз як вилоят ба вилояти дигар барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври доими ва ё муваққатӣ фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофирати хориҷӣ – гуфта ин ба таври доими ва ё муваққати тарк кардани давлат барои қонеъ намудани талаботҳои иқтисодӣ, иҷтимоиӣ ва ё фарҳангӣ башумор рафта ба ин категорияҳо (муҳоҷирони меҳнатӣ, донишҷӯён, табобатгирандагон, сайёҳон, ва ғ) фаҳмида мешавад.

Аз тарафи муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҳама бештар таснифоти ҳуқуқҳои инсон вобаста ба насл истифода бурда мешавад. Чунин тақсимот бо инкишофи таърихии донишҳо оид ба ҳуқуқи инсон, бо тағйиротҳои ҷамъиятии баамал оянда, ки ба инкишоф

ва ба вуҷудоии ҳуқуқ ва озодиҳои нав таъсир расониданд, инчунин бо мустаҳкамнамоии ҳуқуқӣ - байналмилалии онҳо алоқаманд мебошад. Ҳамчун анъана дар асоси таснифоти мазкур дар назарияи ҳуқуқи инсон се насли ҳуқуқҳои инсон ҷудо карда мешавад[7,190].

Хусусияти хоси танзими конститутсионии ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират интихоби озодӣ маҳаллӣ зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин ягонагӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад:

а) шаклҳои бевоситаи ба амал барории ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират интихоби озоди маҳаллӣ зист аз ҷониби халқ;

б) кафолатҳои ягонаи сиёсии ба амал барории ҳуқуқӣ шаҳрванд ба мусофират интихоби озодӣ маҳаллӣ зист аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

Дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодӣ ва ӯҳдадориҳо усулҳои зиёде оид ба таҷҷассуми имкониятҳои потенсиалӣ маълуманд. Теъдоди умумии чунин усулҳои имконпазир амалан номаҳдуд аст.

Ҳамин тавр, дар робита ба ин ҳуқуқӣ конститутсионии шаҳрванд ба мусофират, интихоби озодӣ маҳаллӣ зист тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба онро бо ду мазмун фаҳмидан мумкин аст:

а) васеъ;

б) маҳдуд.

Ба мазмуни васеъ муносибати васеъро ки аз озодии мусофират ва интихоби озоди маҳаллӣ зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он фаҳмидан мумкин аст, ва аз инҳо иборат аст:

-ҳуқуқ ба мусофират;

-ҳуқуқ ба озодии маҳаллӣ зист;

-ҳуқуқ ба тарки ҷумҳурӣ;

-ҳуқуқ ба бозгаштан он.

Ба мазмуни маҳдуд ин муносибатҳои дар раванди мусофират ва интихоби озоди маҳаллӣ зист, дар дохилӣ кишвар фаҳмида мешавад, фарқият аз васеъ танҳо бо интихоби доимии маҳаллӣ зист дар дохилӣ давлат фаҳмида мешавад.

Хулоса ҳуқуқ ба мусофират, яъне шаҳрванд дар дохилӣ кишвар ва берун аз он имконияти озоди сафар карданро дорад. Вобаста ба имконият метавонад дар дохилӣ кишвар ва ё хориҷ аз он сафари муваққатӣ ва ё доимӣ намояд. Ин ҳуқуқи вай аст, ки ӯро дар муносибатҳои ҳуқуқии мутлақ ворид менамояд. Яъне ӯ чунин ҳуқуқро дораду дигарон, ки ба сифати масъул баромад доранд, ӯҳдадор мебошанд, ки дар иҷрои он кӯмак намоянд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -136.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6, мод. 153, 154; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010, №3, мод.156, №12, қ-1, мод. 802; соли 2012, №7, мод.700; №12 қ1,мод.1021; соли 2013, №7, мод.504; соли 2015, №3, мод.200, соли 2016 №7, мод.612; соли 2019, №1, мод.4; соли 2020.№1, од. 3, мод.4).

3. Бондарь Н.С. Власть и свобода на весах конституционного правосудия. Защита прав человека Конституционным Судом Российской Федерации. – М., 2005. – С. 232.

4. Вализода С. О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон. [Матн]. дисс. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12 00 01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) / Вализода Саёҳат Одинашоҳ. – Д., 2020. – 169с.

5. Герасимов, П.Ю. Право каждого на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема дисс.. и авто.. 12.00.02, кан.. юри.. наук Герасимов, Павел Юрьевич. 2011г. 28с.

6. Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 226.

7. Диноршоев А.М. Салоҳидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 190.

8. Донишномаи «Демографи». [Текст] / А.А. Такаченко, – М, 2013. 403 с.

9. Ибрагимова Л Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема диссе и авто по 12.00.02, кан..юрид.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна 2020 г. 28с.

10. Курманов, А. О. Конституционном праве граждан на свободу передвижения, выбора места пребывания и жительства // Экономика и управление: научно-практический журнал. – №1 (139), 2018. – С. 117-125.

11. Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – С. 19.

12. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – С. 117–118

13. Жадяева, Т.А. Реализация права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема диссе и авто 12.00.02, кан.. юри. наук Жадяева, Татьяна Алексеевна. 2006г 28с.

## ПРАВО НА ПЕРЕДВИЖЕНИЕ КАК НЕОТЪЕМЛЕМАЯ ЧАСТЬ ИНСТИТУТА СВОБОДЫ ПЕРЕДВИЖЕНИЯ, СВОБОДНЫЙ ВЫБОР МЕСТНОГО ПРОЖИВАНИЯ ГРАЖДАН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел: (992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*В данной статье анализируются вопросы права на передвижение как составной части института свободы передвижения и свободного выбора места жительства граждан. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. Правовая сущность порядка реализации конституционных прав и свобод человека и гражданина во многом определяется характером процесса реализации этих прав и свобод. Право каждого на передвижение, свободный выбор места жительства, провозглашенное в Конституции Республики Таджикистан, является правовой основой для его закрепления в действующем законодательстве. Это касается, в частности, общего определения понятия места жительства, которое изложено в статье 21 Гражданского кодекса Республики Таджикистан как место постоянного или основного жительства гражданина. В нашей стране в условиях становления и развития правового и демократического общества такой способ реализации*

*конституционных прав и свобод, а также приобретение демократических традиций и их непрерывное развитие в контексте и посредством правового значит, считаются важными.*

***Ключевые слова:*** *Права, учреждение, местность, конституция, законодательство, уровень, пассажир, государственная власть, защита, проблема, свобода.*

## THE RIGHT TO TRAVEL AS AN INTEGRAL PART OF THE INSTITUTE OF FREEDOM OF MOVEMENT, FREE CHOICE OF LOCAL RESIDENCE OF CITIZENS

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Law and Comparative Law of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 939-37-77-72. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*This article analyzes the issues of the right to travel as an integral part of the institution of freedom of movement and free choice of local residence of citizens. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. The legal essence of the procedure for the implementation of constitutional rights and freedom of man and citizen is determined in many ways by the nature of the process of implementation of these rights and freedoms. Everyone's right to travel, free choice of place of residence, declared in the Constitution of the Republic of Tajikistan, is the legal basis for its establishment in the current legislation. This applies, in particular, to the general definition of the concept of place of residence, which is stated in Article 21 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan as the place of permanent or principal residence of a citizen. In our country, in the conditions of the formation and development of a law-based and democratic society, such a method of implementation of constitutional rights and freedom, as well as the acquisition of democratic traditions and their continuous development in the context and through legal means, are considered important.*

***Keywords:*** *Law, institution, locality, constitution, legislation, level, passenger, state authority, protection, problem, freedom.*

УДК: 342

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ НИКОҲҲОИ ВОҚЕӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБЗОДА БИБИРАҶАБ САФАРАЛӢ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи граждании
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 25.
Тел.:(+992) 938-96-96-96. E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи проблемаҳои танзими никоҳҳои воқеӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Айни замон, институти никоҳ хеле тағйир ёфтааст. Никоҳҳои воқеӣ дар ҷомеа маъмул гаштаанд, яъне муносибатҳое, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун дар мақомоти бақайдгирии САҲШ ба қайд гирифта нашудаанд ва боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ дар шакли пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо барои тарафҳо намегарданд. Дар асоси принсипҳои умумии ҳуқуқи оила, ки дар моддаи якуми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, никоҳи танҳо дар мақомоти САҲШ басташуда эътироф карда мешавад.*

*Яке аз падидаҳои иҷтимоӣ дар муносибатҳои никоҳи муосир никоҳи воқеӣ мебошад. Азбаски дар қонунгузории муосир танҳо иттифоқи қонунӣ ба расмият дароварда шудаи зану мард никоҳ эътироф шудааст, никоҳи воқеӣ - ба маънои ҳуқуқии калима ҳамзистии воқеӣ мебошад. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа никоҳи воқеӣ метавонад дар шакл ё моделҳои гуногун вуҷуд дошта бошад. Азбаски ин шаклҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим нашудаанд, никоҳи воқеӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик падидаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад.*

***Калидвожаҳо:*** *никоҳ, давлат, никоҳи воқеӣ, оила, ҳуқуқи оилавӣ, ахлоқ, ҳамзистӣ.*

Дар ҷомеаи муосир ғояҳои гуногунандешӣ дар арзишҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтори инсон инъикос ёфта, инчунин ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба институти оила ва никоҳ таъсир мерасонанд. Гуфтан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, институти никоҳ хеле тағйир ёфтааст. Никоҳҳои воқеӣ дар ҷомеа маъмул гаштаанд, яъне муносибатҳое, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун дар мақомоти бақайдгирии САҲШ ба қайд гирифта нашудаанд ва боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ дар шакли пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо барои тарафҳо намегарданд [9].

Дар асоси принсипҳои умумии ҳуқуқи оила, ки дар моддаи якуми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, никоҳи танҳо дар мақомоти САҲШ басташуда эътироф карда мешавад [11].

Пеш аз он, ки падидаҳои нави муносибатҳои никоҳи муосирро баррасӣ кунем, бояд гуфт, ки никоҳ падидаи ичтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Яке аз падидаҳои ичтимоӣ дар муносибатҳои никоҳи муосир никоҳи воқеӣ мебошад. Азбаски дар қонунгузории муосир иттифоқи қонунӣ ба расмият дароварда шудаи зану мард никоҳ эътироф шудааст, никоҳи воқеӣ ба маънои ҳуқуқӣ ҳамзистии воқеӣ мебошад. Дарвоқеъ, никоҳи воқеӣ падидаи ичтимоӣ буда, дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа метавонад дар шакл ё моделҳои гуногун вучуд дошта бошад.

Азбаски ин шаклҳои ҳамзистии зану мард бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим нашудаанд, никоҳи воқеӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик падидаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад.

Пеш аз ҳама муайян кардан лозим аст, ки никоҳи воқеиро ҳамчун категорияи консептуалӣ чӣ ташкил медиҳад. Барои ин, бояд аломатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим муайян карда шаванд, ки имкон медиҳанд муносибатҳои байни одамон ҳамчун никоҳи воқеӣ тасниф карда шаванд. Ба инҳо дохил мешаванд:

1. Дар мақомоти САҲШ бақайд нагирифтани чунин муносибатҳо;
2. Якканикоҳӣ
3. Риояи шартҳои дар м. 12 ва 14 КО ҶТ
4. Ҳамзистӣ ва хоҷагидорӣ, яъне қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаррӯза, ки ба манфиати ҳарду шахс бо ризоияти тарафайн сурат мегирад;
5. Давомнокии зиндагии муштарак, инчунин амали воқеии ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар нисбат ба ҳамдигар.

Ҳамин тариқ, никоҳи воқеӣ иттифоқи ихтиёрии зану мард мебошад, ки дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта нашудаанд, муддати тӯлонӣ ҳамзистӣ дошта, хоҷагии муштаракро роҳбарӣ мекунанд, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсариро нисбат ба ҳамдигар амалӣ карда, бо мавҷудияти муносибатҳои наздик, набудани муносибатҳои хешутаборӣ ва дигар никоҳи воқеӣ ё никоҳи ба қайд гирифташуда, тавсиф карда мешавад. Муҳим аст, ки чунин муносибатҳоро зану марде, ки бо ҳам ҳамзистӣ доранд ва шахсони сеюм ҳамчун иттифоқи ягонаи оилавӣ қабул кунанд [5, с.159].

Никоҳи воқеӣ (ҳамзистӣ) институтест, ки ҳанӯз аз замони Рими қадим маълум аст. Дар айни замон асосҳои ҳуқуқии ин ниҳод бо тафовутҳои гуногун дар бисёр давлатҳо (Олмон, Шветсия, Нидерландия, Фаронса ва ғайра) вуҷуд доранд ва шумораи онҳо пайваста меафзоянд [3, с. 521].

Бояд қайд намуд, ки аввалин санадҳои ҳокимияти шӯравӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ декретҳо «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, доир ба кӯдакон ва доир ба нигаҳдории дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 18 декабри соли 1917 ва «Дар бораи бекоркунии никоҳ» аз 19 декабря 1917 [8] мебошад, ки барои қабули дигар қонуну санадҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ замина гузоштаанд. [7

Декрети аввал муқаррар карда буд, ки танҳо никоҳҳое, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудаанд, эътибори ҳуқуқӣ доранд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кудакони берун аз никоҳи қонунӣ таваллудшуда, ба ҳуқуқу уҳдадориҳои кудакони дар никоҳи қонунӣ таваллудшуда, баробар эътироф мегардид. [8]

16 сентябри 1918, Декретҳои ҷорӣ бо “Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васоят” иваз карда шуданд. Кодекси қонунҳо, низ танҳо никоҳҳои ба таври расмӣ ба кайд гирифташударо эътироф намуда, ба озодии никоҳ ва баробарии зану шавҳар дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ хусусияти расмӣ медод. [10]

Ин қоида зиёда аз ҳашт сол амал кард. Моҳи январи соли 1927 пас аз ба кувваи қонунӣ даромадани Кодекси нави қонунхо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШСФР он тағйир дода шуд. Дар баробари акди никоҳе, ки дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст, ба ақди никоҳи ба истилоҳ воқеӣ низ аҳамияти ҳуқуқӣ дода шуд, яъне никоҳи ки дар идораи САҲШ ба кайд гирифта нашудааст. Дар вақти қабул шудани кодекс ва қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШСФР дар мамлакат шумораи бениҳоят зиёди никоҳҳои воқеӣ ба кайд гирифта шуда буданд. Ин оилаҳо фарзанд доштанд. Барои ҳифзи ҳуқуқҳои кудаконе, ки дар ин гуна никоҳҳо таваллуд шудаанд, чораҳо дидан лозим буд. Дар ин шароит Кодекси оилаи ҶФШСР соли 1926 кабул карда шуд.

Якуми январи соли 1929 дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон кодекс ва қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон аз 23 июни 1928 ба кор шурӯъ кард. Принсипҳои асосии кодекси мазкур аз кодекси ҶФШСР-и соли 1926 фарқ намекарданд. Вале бо дарназар дошти хусусиятҳои маҳаллӣ кодекс ва қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон аксари масъалаҳои никоҳ ва оиларо ба таври хоса ҳал менамуд. Масалан, агар Кодекси ҶФШСР дар баробари никоҳҳои дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шуда, никоҳҳои воқеиро низ эътироф менамуд, Кодекси ҶШС

Ӯзбекистон чунин никоҳҳоро эътироф намекард (м.1). Моддаи 3 Кодекси ҶШС Ӯзбекистон имконияти ба расмият даровардани никоҳҳои воқеиро пешбинӣ карда буд, ки тибқи муқаррароти он шахсони дар никоҳи воқеӣ қарор дошта метавонистанд бо нишон додани муҳлати воқеии ҳамзистии якҷоя барои ба расмият даровардани муносибати худ ба мақомоти САҲШ муроҷиат намоянд. Дар мавриди розӣ набудани яке аз тарафҳо муносибати байни ҳамдигарии онҳо дар асоси қарори суд ба расмият даровардa мешуд.

Дар назарияи ҳуқуқ оид ба масъалаи никоҳи воқеӣ ва ҳуқуқӣ нуқтаи назари олимон гуногунанд. Ҳамин тавр, ба ақидаи профессор О. У. Усмонов, ки танҳо никоҳи расмиро эътироф менамуд, “Никоҳ иттифоқи ихтиёрии озодонаи марду зан мебошад, ки ба меҳру муҳаббати пок, дӯстиву ҳурмати тарафайн асос ёфтааст”.[19,с.24]

Яъне мақсади чунин иттифоқ барпо намудани оила ва дар рӯҳияи ахлоқи ҷамъиятӣ тарбия кардани фарзандон мебошад. Олимони дигар М.А. Маҳмудзода ва Б. Т. Худоёрзода ба ҳатмигии бақайдгирии давлатии никоҳ ишора намуда, ба ақидаи онҳо никоҳ иттифоқи ихтиёрӣ, озод, баробарҳуқуқ ва чун қоида умрбодӣ зану шавҳарро меноманд, ки ба меҳру муҳаббат ва эҳтироми байни ҳамдигарӣ асос ёфтааст ва мақсади ташкили оила, тавлиди фарзанд, таълим ва тарбияи ӯро дошта, бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузорӣ ва бо риояи шартҳои пешбини гардида дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад ва дар натиҷа дар байни аъзои оила умумияти маънавию хоҷагӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба миён оварда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад [15,с.142].

Ба фикри Маҳмудзода М.А. ва Худоёрзода Б.Т. розӣ шуда, чунин мешуморам, ки никоҳ бояд фарогири ҳам хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва ҳам хусусиятҳои маънавӣ (ахлоқӣ) бошад. Зеро агар меъёрҳои ахлоқӣ мавҷудияти меҳру муҳаббат ва эҳтиром, эҳсоси масъулият ва ҷавобгарии ҳамсарон (издивоҷкунандагон)-ро дар бунёди оила ифода намоянд, меъёрҳои (асосҳои) ҳуқуқӣ талаботи қонунро оид ба ташкили оила, танзими муносибатҳои никоҳ ва оила дар бар мегиранд.

Арзишҳои оилавӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар никоҳи расмӣ амалӣ мешаванд, дар никоҳи воқеӣ бошад, муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеоянд. Шахсоне, ки дар воқеъ муносибатҳои никоҳӣ доранд, дидаю дониста ақди никоҳро ба қайд намегиранд, бинобар ин онҳо ба ҳимояи ҳуқуқӣ фаро гирифта намешаванд. Дуруст аст, ки имрӯз ҳолатҳои пойдории ҳамзистӣ, ки бо умумияти ҳаёти ҳарруза, дастгирии ҳамдигар фарқ мекунанд, ҷой доранд. Чунин иттифоқҳо бо мақсади барпо намудани оила ташкил карда мешавад, вале тартиби расмии ба қайд гирифтани ақди никоҳ вуҷуд надорад. Чунин муносибатҳои воқеиро метавон бо истилоҳи «Ба никоҳ монанд» тавсиф кард. Аммо ин иттифоқҳо наметавонад аз ҷониби давлат ва ҷомеа эътироф дошта бошад. Илова бар ин, муносибати воқеии мавриди баррасӣ бо вуҷуди давомнокии он, ҳамеша муваққатӣ мемонад, зеро он ё ба қонунӣ шудани он ва ё ба ҷудошавии ҳамзистон оварда мерасонад.

Қонунгузории оилавии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо никоҳҳои ба қайд гирифта шударо эътироф мекунад. Барои илми ҳуқуқшиносӣ дар институти никоҳ ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ муҳиманд, ки пеш аз ҳама дар муносибатҳои махсуси моликияти байни зану шавҳар таҷассум мeёбанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳҳои воқеӣ берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ мемонанд ва ин навъи никоҳ бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда нашудааст ва хилофи дигар қонунҳо мебошад.

Никоҳҳои воқеӣ аз ҷониби давлат ҳамчун иттифоқи зану мард бо мақсади ташкили оила эътироф карда намешаванд, ки боиси як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ мегардад:

Аввалин мушкилӣ - ин тақсимоти молу мулке мебошад, ки дар давраи никоҳи воқеӣ ба даст оварда шудааст. Чуноне ки маълум аст, моликияти зану шавҳаре, ки никоҳи расмӣ доранд, яъне дар мақомоти САҲШ ақди никоҳ бастаанд, моликияти муштарак эътироф гардида, бо меъёрҳои қонунгузории оилавӣ танзим ва ҳифз карда мешавад. Дар ҳоле, ки молу мулк дар давраи зиндагии муштараки зану шавхаре, ки дар никоҳи воқеӣ, ба даст оварда шудаанд, амволи якҷоя ба даст овардашуда эътироф намегардад. Бинобар сабабе, ки қонунгузории оилавии Тоҷикистон ин муносибатҳоро танзим намекунад, меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар бораи моликияти ҳиссагӣ татбиқ мешаванд [1,с.14].

Дар сурати эътирофи никоҳи воқеӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, пешниҳод дорам, ки барои ин гуна моликият режими муайяни ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шавад, ба монанди режими моликияти муштараки ҳиссагӣ. Ин режими ҳуқуқи моликият дар сурати ҳамзистии муштарак ба муддати беш аз 10 сол ва барои таваллуди кӯдаки умумӣ - бештар аз 5 сол имконпазир хоҳад буд. Дар баробари ин андозаи ҳиссаи зану шавҳар аз сармоягузории амволии ҳар яки онҳо вобаста буда, дар сурати мавҷуд набудани далели сармоягузории амвол саҳмияҳо баробар эътироф карда мешаванд.

Мушкилоти дуюм, дар сурати фавти яке аз ҳамсарони воқеӣ ҳамсари дуюм ворис тибқи қонун эътироф карда намешавад ва аз ворисони марҳилаи якум намебошад. Онҳо инчунин ба ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо, аз қабили нафақаи маҳрум мондан аз саробон, ҳуқуқ надоранд.

Вобаста ба ин, чунин мешуморам, ки ҳамсари воқеӣ метавонад ҳамчун вориси марҳилаи аввал баромад кунад, агар ӯ ба меъёрҳои муайян мувофиқат кунад, масалан, зиндагии муштарак дар тӯли зиёда аз 10 сол ва ҳангоми таваллуди кӯдаки умумӣ - зиёда аз 5 сол.

Сеюм, проблемаи ҳуқуқи кӯдаконе, ки дар никоҳи воқеӣ таваллуд шудаанд, шоёни зикри махсус аст. Ҳарчанд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии онҳо аз кӯдакони дар никоҳи қонунӣ таваллудшуда фарқ намекунад, аммо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ аксар вақт, вазъияте ба миён меояд, ки тамоми ӯҳдадориҳои падару модарӣ танҳо ба зиммаи модари кӯдак гузошта шуда, ӯҳдадориҳои дахлдор дар назди падар танҳо пас аз муқаррар намудани факти падарӣ аз ҷониби суд ба миён меоянд.

Алоқаи ногусастанӣ бо ин масъала масъалаи ӯҳдадориҳои алимент нисбат ба кӯдак мебошад. Созишнома оид ба пардохти алимент, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ (боби 16-и КО ҶТ) асос ёфтааст, байни зану шавҳари воқеӣ бастан мумкин нест, ҳамон тавре, ки талаби ба тартиби судӣ муқаррар намудани онҳо танҳо пас аз муқаррар намудани далели дахлдори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим имконпазир аст [11].

Чорум мушкилӣ, набудани имконияти якҷоя ба фарзандхондӣ қабул намудани кӯдакон аз ҷониби зану шавҳаре, ки дар никоҳи воқеӣ қарор доранд [20, с.1108].

Бо вуҷуди ҷой надоштани танзими ҳуқуқии ин масъала, аз нигоҳи тарбия ва некӯаҳволии кӯдаконе, ки дар муассисаҳои давлатӣ, хонаҳои кӯдакон ҷойгиранд, дар оилаи комилҳуқуқ будани онҳо муҳим ва зарур аст, новобаста аз он ки ҳамсарон дар никоҳи ба қайд гирифташуда ва ё дар никоҳи воқеӣ мебошанд. Дар ин хусус, пешниҳод дорам, ки ба ин гуна ҳамзистони воқеӣ иҷозат дода шавад, ки кӯдакро якҷоя ба фарзандӣ қабул кунанд, аммо агар онҳо ба меъёрҳои иловагӣ ҷавобгӯ бошанд, масалан, зиёда аз 10 сол якҷоя зиндагӣ кунанд.

Баъзе масъалаҳои танзими никоҳҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аллакай дар қонунгузории мамлакатхои хориҷӣ ҳали худро ёфтаанд. Қонунгузории Олмон никоҳи воқеиро ҳамчун ташаккули ҷомеаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ, яъне иттифоқи шахсоне эътироф мекунад, ки шахси ҳуқуқӣ нест, вале ҳуқуқи моликияти алоҳидаро дорад. Дар Фаронса имкон ҳаст, ки баҳри ташкили никоҳи воқеӣ шартнома баста шавад ва ин шартнома бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Шветсия аввалин давлати муосире гардид, ки никоҳҳои воқеиро дар сатҳи қонун иҷозат дод.

Ҳамин тариқ, пешниҳод менамоям, ки ин муқаррароти пешқадами қонунгузории хориҷӣ ҳангоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои воқеии ақди никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шаванд.

Дар илми ҳуқуқи оилавӣ нуқтаи назаре, ки никоҳ ба таври қонунӣ ба расмият даровarда мешавад ва иттифоқи ихтиёрии зану мард аст, бартарият дорад. Қонунгузори ҷумҳурии мо бо ҳамин роҳ рафта, дар м. 10 КО ҶТ шакли шаҳрвандии (дунявии) никоҳро муқаррар намудааст. Аз ин бармеояд, ки дар Тоҷикистон танҳо никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ баста шудааст. Агар никоҳ бо роҳҳои дигар баста шуда бошад, масалан, тибқи маросими динӣ, дар асоси анъанаҳои миллӣ ва ё навъи дигари анъанаҳо, пас давлат чунин никоҳро эътироф намекунад, зеро ин гуна никоҳ аҳаммияти ҳуқуқӣ надошта, оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён намеорад.

**Барои муқоиса мисолҳоеро дида бароем, ки чӣ тавр зане, ки никоҳи расмӣ бастааст, бо зане, ки ба таври ғайрирасмӣ никоҳи воқеӣ бастааст, аз ҷониби қонун ҳимоя карда мешавад:**

| **Оқибатҳои ҳуқуқӣ пас аз бақайдгирии расмии ақди никоҳ** | **Оқибатҳои ҳуқуқӣ ҳангоми никоҳи воқеӣ (пас аз анҷоми ғайрирасмии «никоҳ»)** |
|---|---|
| Мувофиқи қоидахои умумӣ тамоми молу мулке, ки зану шавҳар дар давоми зиндагии якчоя ба даст меоранд, дар ихтиёри якчояи онхо мебошад, ҳатто агар хамсар ба хона даромад наоварад, фарзандонро тарбия карда, ба хона нигохубин кунад. Ин маънои онро дорад, ки агар зану шавҳар пас аз бастани ақди никоҳи расмӣ ва дар давоми тамоми умри якҷояи издивоҷашон хона, таҷҳизот, мошин ва дигар молу мулк ба даст оранд, ҳамаи ин молу мулк байни зану шавҳар дар сурати бекор кардани ақди никох баробар тақсим карда мешаванд.<br>Ё ҳамсар наметавонад ин амволро бидуни ризоияти ҳамсар фурӯшад ё ҳадя кунад. Барои фурӯш ё тухфа кардани хона, квартира розигии тариқи нотариалии ҳамсар зарур аст (моддаҳои 34-35, 39-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). | Маросими динии «никоҳ» барои давлат никоҳи воқеии марду зан маҳсуб мешавад.<br>Зан ба даромади шавҳар (шарик), ҳуқуқи моликиятӣ надорад, чигунае, ки зани расмӣ дорад.<br>Мард ва зан дар муносибатҳои ҳуқуқи моликиятӣ, ҳамон андозае, ки ҳар яки онҳо алоҳида ба даст овардаанд, доро мебошанд.<br>Агар шавҳар ҳангоми зиндагии муштарак хона бихарад, он танҳо амволи ӯ мешавад, ҳамин тавр бо мошин, асбобу анҷом ва дигар молу мулк.<br>Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, зан дар никоҳи воқеӣ наметавонад амволи бадастовардаи ҳамзисти худро талаб кунад ва баръакс. |
| Пас аз марги ҳамсар дар асоси мерос | Мувофиқи оини «никоҳ» (никоҳи воқеӣ) |

| | |
|---|---|
| тибқи қонун зан ҳамроҳи фарзандони шавҳараш меросгири марҳилаи якум мешавад, гарчанде ки ин кудакон аз ӯ не, балки аз зани дигар бошанд ҳам, вале аз ҷониби ӯ эътироф шуда бошанд ҳам, дар айёми зиндагӣ ё ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани падар ва падару модари ӯ мавҷуд бошад (моддаи 1274 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[13].<br>Ин чунин маъно дорад, ки агар шавҳар васиятнома нагузошта бошад, пас зан аввал ҳиссаи худро дар молу мулки муштараки зану шавҳар муайян намуда, онро тақсим мекунад (моддаи 1280 Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистон) ва баъдан ӯ ҳам ҳуқуқ дорад, ки бо фарзандон ва падару модари шавҳари марҳум ҳиссаи баробар гиранд. | зан баъди вафоти ҳамзисти воқеияш, ҳуқуқи меросиро надорад, агар ба вай васиятнома нагузорад, ки бо тартиби нотариалӣ тасдиқ карда шудааст (моддаи 1260 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[13].<br>Масъалаҳои баҳсӣ дар ин ҳолатҳо тибқи қонунгузории маданӣ ҳал карда мешавад. |
| Агар шавҳар даромадро аз занаш пинҳон дошта бошад, масалан, дар бонк суратҳисоби амонатӣ мекушояд, қоғазҳои қиматноки ҷамъияти саҳомиро мехарад ва ғайра даромад мегирад, дар доираи моддаи 35-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки муштараки зану шавҳар танҳо бо ризоияти тарафайн амалӣ карда мешавад), зан ҳуқуқ дорад дар бораи мавҷудият ва вазъи бонк маълумот талаб намояд, ҳисоб, шумора ва арзиши коғазҳои қиматнок дар Ҷамъият, инчунин тақсими саҳмияҳо, ҳиссаҳо, ҳиссаҳои сармояи ба ташкилотҳои қарзӣ ё дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ гузошташударо талаб кунад, ҳам ҳангоми акди никоҳ ва ҳам баъд аз бекоршавии акди никоҳ (қисми 4 моддаи 38-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). | Зане, ки бо мард дар никоҳи ғайрирасмӣ зиндагӣ мекунад, ҳақ надорад, ки маълумотро дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, коғазҳои қиматноки ҷамъиятҳои саҳомӣ талаб намояд, зиёда аз он, тақсими онҳоро талаб намояд. |
| Зани дар никоҳи расмӣ қарордошта, дар ҳуқуқи истифодаи замин ҳамчунин ҳиссаи баробар бо шавҳар дорад, агар ин ҳуқуқ ҳангоми никоҳи муштарак пайдо шуда бошад (моддаи 10 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон)[12]. | Зани дар никоҳи воқеӣ (ғайрирасмӣ) қарордошта ба ҳуқуқи шавҳар ба истифодаи замин ҳуқуқ надорад. |

| | |
|---|---|
| Бақайдгирии расмии акди никоҳ ба таври худкор падарии ҳамсарро эътироф мекунад. Яъне, агар ҳамсар дар муҳоҷират бошад ҳам, зан фарзанд таваллуд кардааст ва мехоҳад далели таваллуди ӯро сабт кунад, пас барои ин ҳузури ҳамсар лозим нест. Гирифтани гувоҳномаи акди никох, шиноснома ва маълумотномаи тиббии таваллуди кудак кифоя аст. Ва мақомоти САҲШ таваллуди фарзанди шуморо ба қайд гирифта, ба шумо шаҳодатномаи таваллуд медиҳад. Дар ин ҳолат дар сутуни падар насаб ва номи ҳамсар нишон дода мешавад. | Агар зан дар никоҳи ғайрирасмӣ кӯдакдор шавад, пас барои давлат ин бешубҳа маънои онро надорад, ки падари фарзанди ӯ тибқи ойини «никоҳ» шавҳари уст. Ин эътирофи падариро талаб мекунад. Агар шавҳари воқеии зан бо мисоли никоҳи расмӣ низ дар муҳоҷират қарор дошта бошад, бе ҳузури ҷисмонии ӯ зан далели падариро муқаррар карда наметавонад. Зан барои эътирофи падарии фарзандаш ду роҳ дорад: ихтиёрӣ ва судӣ. Ин як раванди хеле тӯлонӣ аст. |

Дар амалия, мо аксар вакт ба зарурати мустаҳкамнамоии қонунии мафҳуми никоҳ (никоҳи расмӣ) дӯчор меоем. Аммо, бисёре аз назарияшиносони ҳуқуқӣ баръакс шуморида, дар он ақидаанд, ки таърифи ҳуқуқии никоҳ нопурра хоҳад буд, зеро он хусусиятҳои муҳими никоҳро, ки берун аз ҳуқуқ мебошанд, фаро гирифта наметавонад. Ба таври қонунӣ муқаррар набудани таърифи никоҳ инчунин ба он вобастааст, ки никоҳ падидаи мураккаби комплексии иҷтимоӣ буда, ба он ғайр аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин меъёрҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва қонунҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва ин боис мегардад, ки таърифи саҳеҳи никоҳ танҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ зери шубҳа гузошта шавад. Ба ақидаи мо, дар КО ҶТ, ба монанди қонунгузории оилавии аксар давлатҳо (Қазоқистон, Қирғизистон, Украина, Литва, Албания ва ғ.), муқаррар намудани қонунгузор оид ба мафҳуми никоҳ зараре нахоҳад дошт ва баръакс дар сатҳи қонун мавҷуд будани ин мафҳум барои фарқ кардани никоҳ аз муносибатҳои ҳуқуқии дорои мазмуни наздик ва аз ин рӯ барои дуруст татбиқ намудани қонун зарур мегардад.

Чунин мешуморем, ки м. 10-и КО ҶТ чунин номгузорӣ карда шавад: "Мафҳум ва мақсади ақди никоҳ".

1. Никоҳ иттифоқи ихтиёрӣ, озод ва баробарҳуқуқи зану мард аст, ки ба меҳру муҳаббат ва эҳтироми байниҳамдигарӣ асос ёфта, бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин кодекс дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, байни аъзои оила умумияти маънавию хоҷагӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба миён оварда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

2. Мақсади никоҳ – бунёд ва таққими оила, тавлиди фарзанд ва таълиму тарбияи ӯ, таҳкими принсипҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои оилавӣ ва никоҳ мебошад.

Ворид намудани иловаҳо ба КО ҶТ, ки мазмуни никоҳро тавассути принсипҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии тарзи ҳаёти оилавӣ ошкор мекунад, ягонагии амалияи судиро дар баррасии парвандаҳои граждании таъмин хоҳад кард. Пешбинӣ кардани мафҳуми никоҳ имкон медиҳад муқаррар карда шавад, ки ҳама гуна муносибатҳои байни зану мард, ки мақсади он барпо кардани оила ва пайдоиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн (молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ) набуда, бо вайрон кардани шартҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун баста мешаванд, метавонад беэътибор донист шаванд. Дар асоси ин, ба андешаи мо сарлавҳаи боби 3 -и КО ҶТ низ бояд тағйир дода шуда, он чунин номгузорӣ карда шавад "Мафҳум, шарт ва тартиби бастани ақди никоҳ".

**Адабиёт**


1. Альбиков И. Р. Защита прав и интересов лиц, состоящих в фактических супружеских отношениях: проблемы и правовые особенности их разрешения // Семейное и жилищное право. 2015. № 2. С.14 – 15.
2. Борминская Д. Новые тенденции в развитии семейного права: внебрачные союзы на примере отдельных европейских стран. // Семейное и жилищное право. – 2007. - №2. С.19. 95
3. Васильев Е. А., Комаров А. С.Гражданское и торговое право зарубежных государств: учеб. / отв. ред. Е.А. Васильев, А. С. Комаров. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Междунар. отношения, 2006. 635 с.
4. Ворожейкин Е.М. Правовые основы брака и семьи. С. 29. 94
5. Выборнова М. М. Понятие и признаки фактического брака разнополых лиц // Актуальные проблемы российского права. 2011. № 2. С. 159 – 167.
6. Данилова Л.Я. Правовая природа отношений общей собственности супругов // Второй Пермский конгресс ученых: материалы международной научно-практической конференции. Пермь: ПГНИУ. 2011. С. 112 – 114.
7. Декрет «О гражданском браке, о детях и ведении книг актов гражданского состояния» от 18 декабря 1917 года [Электронный ресурс]. URL:http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_108.htm (санаи муроҷиат: 10.06.2023с.)
8. Декрет «О расторжении брака» от 19 декабря 1917 года [манбаи электронӣ]. URL:http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_112.htm (санаи муроҷиат: 10.06.2023с.)
9. Демографический энциклопедический словарь (манбаи электронӣ) http//academic.ru
10. Кодекс законов об актах гражданского состояния, брачном, семейном и опекунском праве от 16 сентября 1918 года [манбаи электронӣ]. URL:http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_363.htm
11. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 1998, (манбаи электронӣ http://mmk.tj/content/)
12. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри 1996, (манбаи электронӣ http://mmk.tj/content/)
13. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри 2022, (манбаи электронӣ http://mmk.tj/content/)
14. Кружалова Л.В., Морозова И. Г. Справочник юриста по семейному праву. С.96
15. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии ҶТ, - Д.: «ЭР-граф», 2015. – С. 142.
16. Носкова Ю.Б., Козлова Ю.Н. Совместная собственность супругов в Российской Федерации и Республике Узбекистан: компаративный подход // 183 Актуальные проблемы цивилистических отраслей права: сборник научных трудов. Екатеринбург: Уральский институт МВД России. 2018. №17. С. 44-49.
17. Орловская А. В. Фактический брак (сожительство) в законодательстве европейских государств // Право и современные государства. 2012. № 6. С. 60 – 68.
18. Тарусина Н.Н. Семейное право. М.: Проспект, 2001. С.60.
19. Усмонов О.У. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. -Д.: Ирфон, 1994. С. 24
20. Чигрина Е. В. О проблемах правового регулирования фактических брачных отношений // Известия Иркутской гос. экон. академии. 2015. Т. 25. № 6. С. 1108 – 1114.


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ФАКТИЧЕСКИХ БРАКОВ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАДЖАБЗОДА БИБИРАДЖАБ САФАРАЛИ,**
соискатель кафедры гражданского право
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 25.
Тел.: (+992) 938-96-96-96. E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

*В данной статье речь идет о проблемах фактического регулирования брака на основе законодательства Республики Таджикистан. В настоящее время институт брака существенно изменился. В обществе стали популярны фактические брачные отношения, то есть отношения, не зарегистрированные в установленном законом порядке в органах ЗАГС и не порождающие правовых последствий в виде возникновения прав и обязанностей у партнеров. На основании общих принципов семейного права, предусмотренных статьей 1 Семейного кодекса Республики Таджикистан, признаются браки, заключенные только в органах ЗАГС. Одним из социальных явлений в современных брачных отношениях является фактический брак. Так как в современном законодательстве браком признается юридически оформленный союз мужчины и женщины, то фактический брак — это не брак в юридическом значении слова, а фактическое сожительство. На современном этапе общественного развития фактический брак может существовать в разных формах и моделях. Поскольку эти формы не установлены и не регулируются законодательством Таджикистана, фактический брак не считается правовым явлением в современном таджикском обществе.*

***Ключевые слова:*** *брак, государство, фактический брак, семья, семейное право, нравственность, сожительство.*

## SOME ISSUES OF REGULATION OF THE DE FACTO MARRIAGES UNDER THE LEGISLATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAJABZODA BIBIRAJAB SAFARALI,**
applicant for the Department of Civil Law of the
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 25, Rudaki Avenue.
Phone: (+ 992) 938-96-96-96. E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

*This article deals with the problems of de facto regulation of marriage based on the legislation of the Republic of Tajikistan. Nowadays, the institution of marriage has changed significantly. De facto marital relations have become popular in society, that is, relations that are not registered in the manner prescribed by law in the registry office and do not give rise to legal consequences in the form of rights and obligations for partners. On the basis of the general principles of family law, provided for in Article 1 of the Family Law of the Republic of Tajikistan, marriages concluded only in the registry offices are recognized. One of the social phenomena in modern marital relations is de facto marriage. Since in modern legislation a legally formalized union of a man and a woman is recognized as marriage, the de facto marriage - is not a marriage in the legal sense of the word, but actual cohabitation. At the present stage of social development, de facto marriage can exist in different forms and models. Since these forms are not established or regulated by Tajik law, de facto marriage is not considered a legal phenomenon in contemporary Tajik society.*

***Keywords:*** *marriage, state, de facto marriage, family, family law, morality, cohabitation.*

УДК: 342.9

# ВАЗЪИ РАҚОБАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**КАРИМОВ АБДУЛҲАНОН ҚАДИМОВИЧ**
номзади илми ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail:karimov-ak@mail.ru

*Дар мақола ҳолати рақобат дар шароити раванди ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, мафҳум ва моҳияти ҷаҳонишавӣ, таъсири он ба муносибатҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама ба рақобат мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон, ҳолати таъсири равандаи ҷаҳонишавӣ ба мавқеи рақобат, чӣ дар доираи бозори миллӣ ва бозори ҷаҳонӣ баррасӣ гардидааст.*

*Инчунин, дар мақола оид ба ҳолати пешгири намудани омилҳои номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ ба вазъи рақобат дар бозори ҷаҳонӣ ва таъсири он ба бозори миллӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф масоили мубрамми вобаста ба раванди ҷаҳонишавиро таҳлил намуда, як қатор тавсияҳоро ҷиҳати дасгирии рақобат пешниҳод менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, рақобат, иқтисодиёт, давлат, инҳисор, таъмин, фаромиллӣ.*

Дар зери мафҳуми ҷаҳонишавӣ ҳамгироии равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳон фаҳмида мешавад. Дар умум, моҳияти ҳамгироӣ фаро гирифтани тамоми паҳлӯҳои зиндагии инсоният дар сар то сари ҷаҳон мебошад. Дар ин радиф, рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир бо раванди ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳар як кишвар муайян карда мешавад. Ҷаҳонишавӣ як ҷанбаи объективӣ дошта, он дар баробари гардиши мол ва хазаматрасонӣ, боз сиёсати сармоягузорӣ, омилҳои истеҳсолӣ, сармояи инсонӣ ва иттилоот дар натиҷаи рушди технологияи муосир зоҳир мегарданд. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешавои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт кишваре ширкаткунандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шуда метавонад, ки бо молҳои худ дар бозори ҷаҳонӣ қобилияти дошта бошад. Ба мо маълум аст, ки ҷаҳони муосир дар назди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, хусусан иқтисодиёт талаботи қатъӣ мегузорад. Аз ин рӯ, мо бояд фақат бо дастовардҳои гузаштаву имрӯзаи худ қаноатманд нагашта, барои рушди ояндаи кишвари худ тамоми тадбирҳои заруриро андешем».

Дар шароити имрӯзаи пешравии ҷараёни ҷаҳонишавӣ шакли байналмилалиро ба худ гирифта, торафт васеътар мегардад, чун омили муайянкунандаи инкишоф бояд дар ҳамаи зинаҳои иқтисодӣ миллӣ мавқеи намоёнро дошта бошад [8, 122].

Айни замон дар қатори махфуми ҷаҳонӣ, инчунин, мафҳумои дигар ба монанди давраи баъди индустриявӣ, асри инқилобӣ иттилоотӣ ва технологиякунониро низ истифода мебаранд. Дар баъзе таҳқиқотҳо вобаста ба махфуми ҷаҳонишавӣ, махсусан ба ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва васеъ шудани фаъолияти инҳисорӣ дар микёси ҷаҳон диккат ҷиддӣ дода мешавад.

Ба андешаи Коретский В.А. бошад, раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди муҳиму объективии умумиҷаҳонӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таърихи муосири башариро ташкил менамояд. Дар зери ин мафҳуми мураккаб ва баҳснок раванди бо ҳам пайваст гаштан ва умумият ёфтани равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир фаҳмида шуда, ба таври куллӣ, дар оянда моҳияти ҷаҳонӣ ва умумисайёравӣ гирифтани ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии башарӣ дар назар гирифта мешавад [4, 49].

Ташаккули фаъоли равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси тағйирёбии муносибатҳо дар самти рақобат, низ мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ рақобат ҳамчун як раванде пеш

аз ҳама, дар муносибатҳои ҳамкории сатҳи ҷаҳонӣ, байнидавлатӣ ва миллӣ зоҳир мешавад, ки натиҷаи ниҳоияш афзоиши афзалиятҳои рақобатии дохилӣ ё нигоҳ доштани имкониятҳо барои рушди фаъолияти ҳар як корхона мебошад [1].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рақобат ба як низоми бисёрсатҳӣ мубаддал мегардад, ки вобаста аз таносуби сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ рушди шаклҳои мушаххаси рақобат дар назар дошта мешавад. Дар доираи низоми бисёрсатҳии рақобат онро дар байни субъектҳои хоҷагидори фаромиллӣ (ширкатҳо, бонкҳо, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва ғ.) ва субъектҳои хоҷагидори миллӣ дар сатҳи бозори миллӣ фарқ кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, айни замон зарурати таҳлили ҳаматарфаи рақобат ва нақши он дар шароити ҷаҳонишавӣ хело ҳам зарур мебошад. Чунки ҳадафи субъектони хоҷагидори фаромиллӣ ин ба даст овардани бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки дар натиҷа бозорҳои миллӣ, низ аз ҷониби онҳо фаро гирифта мешаванд.

Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ, низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Маслан, ба андешаи профессор Холиқов А.Ғ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди фарогири ҷаҳонишавӣ ба як силсила масълаҳое рӯ ба рӯ мегардад, киояндаи ҳифзи ҳуввияти миллии давлатдории тоҷикон ба чигунагии ҳалли онҳо сахт вобаста мебошад [10, 12].

Хусусияти раванди босуръати ҳамгироии иқтисодиёт дар аввали асри XXI ин дар сатҳи минтақавию миллӣ таъсис ёфтани ширкатҳои фаромиллӣ мебошад. Чунин вазъият имкон медиҳад, ки аз як тараф дар заминаи тақсимоти байналмилалии меҳнат ва аз тарафи дигар истифодаи дастовардҳои ҷаҳонӣ дар пешрафти илмию техникӣ, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот имконпазир гардад. Ин раванд мубодилаи озоди байнидавлатии молҳо ва хизматрасониро дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба роҳ мондааст. Бояд қайд намуд, ки дар заминаи таҳкими муносибатҳои рақобатӣ, равандҳои истеҳсолот мунтазам такмил меёбанд, намудҳои нави маҳсулот пайдо мешаванд, ки метавонад эҳтиёҷоти ҳамаи истеъмолкунандагонро қонеъ гардонанд.

Ҷаҳонишавӣ, тағир ёфтани шароити умумии иқтисодиёт, инчунин омилҳои ҳамкориҳои байни давлатҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар натиҷаи наздикшавӣ ва ҳамкории низоми иқтисодии кишварҳои мухталиф ба рушди рақобат таъсири назаррас доранд. Ба андешаи С.В. Поленина, ҷаҳонишавӣ – ин раванди макроҷаҳонӣ, бисёрҷабҳа ва ихтилофноки афзуншавии умумият дар низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷаҳон, як навъ падидаи объетивист [1, 103].

Муҳаққиқон фаъолияти давлатро бо дарназардошти ҳамин хислати дутарафаи ҷаҳонишавӣ муайян мекунанд. Масалан, Перевалов В.Д. ва Алексеев С.С. қайд менамоянд, ки проблемаҳои ба вуҷуд омада истодаи ҷаҳонӣ чӣ мусбӣ (бозори ҷаҳонӣ, инқилоби иттилоотӣ ва диг.) ва чӣ манфӣ (бухрони энергетикӣ, захираи яроқи ядроӣ, терроризм ва диг.), тамоили навро ба миён меорад - ҳамкории давлатҳои мухталиф дар ҳалли ин мушкилотҳо, инчунин наздикшавӣ, таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ва халқҳо [8, 52].

Аз ин рӯ, ба андешаи профессор Зокиров Г.Н. муқобилият ва истодагарӣ дар баробарии арзишҳо ва қонунмандиҳои ҷаҳонишавӣ то ҳадде душвор мебошад [3, 79].

Дар адабиёти пасошуравӣ, ҳамчунин, функсияи ҷаҳонишавӣ давлат таҷдиди назар мегардад. Функсияи мазкур фаъолияти давлатро дар соҳаҳои экологӣ, демографӣ, истифодаи ашёи хом, кайҳон, технологияи ядроӣ, иттилоотӣ, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигар соҳаҳои фаъолияти глобалии давлат, ки кулли тамаддунро фаро мегиранд, дар назар дорад [2, 185].

Дар марҳилаи кунунии раванди ҷаҳонишавӣ афзоиши муносибатҳои байни рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ ба назар мерасад, ки дар раванди ҳамгирой ва ҳамкории ҷаҳонӣ зоҳир мегардад. Дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ширкатҳои минтақавӣ ва фаромиллӣ ташаккул меёбанд, ки барои онҳо сарҳадҳои миллӣ ва минтақавӣ вуҷуд надоранд. Чунин ширкатҳо имкон доранд, молро дар тамоми ҷаҳон паҳн намоянд.

Дар шароити имрӯза бошад раванди ҷаҳонишавӣ, фаъолияти ширкатҳои трансмиллӣ, иттиҳодияҳои нави байнидавлатӣ, эътирофи зарурати ҳуқуқҳои инсон чун заминаи назарияи давлатии ҷаҳонӣ истифода мешаванд [5, 185].

Дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ кишварҳои дорои технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ муносибатҳои иқтисодӣ боз инкишоф ёфта ба сатҳи сифатан нав мегузарнд. Дар ин сатҳ, субъектҳои бозор, аз як тараф, рақобат мекунанд ва аз тарафи дигар, дар бораи ҳамкорӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ иттифоқ мебанданд. Дар натиҷаи он, рақобат шаклҳои навро бадаст меорад (рақобат барои «сармояи зеҳнӣ», рақобат ба воситаи захираҳои маъмурии кишвар – ҷойгиршавии рақиб, рақобати дороиҳои ғайримоддӣ ва ғайра) [4, 6].

Тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, таҳкими равандҳои ҳамгирой, афзоиш ёфтани шаффофият, инчунин, ҳолати кунунии низоми ҷаҳонии иқтисодиёт зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои ватанирро тақозо мекунанд. Чунон, ки профессор Раҳимзода М.З. қайд менамояд, шароити ҷаҳонишавӣ зарурати танзими давлатии иқтисодӣ ва озод будани воридшавии субъектҳои хоҷагии дигар кишварҳоро ба бозори ватанӣ тақозо менамояд [7, 249].

Идоракунии рақобат чун ҷараён тавассути танҳо бартариятҳое муяссар мегардад, ки агар ҳар як субъект ба он соҳиб бошаду, онро ба хотири ба даст овардани ҳадафи худ истифода намояд. Ингуна бартарият соҳиб будан ба навоварӣ, сармоя, тамғаи молӣ ва истифодаи оқилона онҳо боиси пешравӣ мегардад. Соҳиб гаштан ба бартариятҳо дар назди рақибон аз чандин омилҳо иборат буда, онҳоро чун омилҳои воқеӣ ё имконпазир, дохилӣ ё хориҷӣ, стратегӣ ё тактикӣ, асосӣ ё дуюмдараҷа, меросӣ ё сунъӣ, техникӣ, иқтисодӣ, вобаста ба иқлиму табиати кишвар ва ташкилӣ метавон гурӯҳбандӣ намуд.

Таъмини афзалиятҳои устувори рақобатии корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонишавӣ, баланд бардоштани сатҳи дастгирии илмии соҳаҳои хоҷагии халқро талаб менамояд.

Ҳоло дар ҷараёни густариши ҷаҳонишавӣ иқтисодӣ миллии давлатҳо чун қисми таркибӣ, ба ҳайси бахше аз хоҷагии ҷаҳонӣ мубаддал гаштаанд. Воқеан меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ афзун гашта, муҳити иқтисодие ба миён овардаанд, ки дар он қоидаҳо, принсипҳо, стандартҳо ва арзишҳои умумӣ пеш омадаанд [9, 18].

Равнақи робитаҳои иқтисодии хориҷиро бо дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо вобаста мекунанд. Гуфтан лозим аст, ки Созмони номбурда, чун, дигар созмонҳои байналмилалӣ ба монанди корпоратсияҳои байналмилалӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ натиҷаи густариши ҷаҳонишавӣ буда, ҳам чун ҷараёнии табиии ҳамкорию ҳамбастагии давлатҳо ба хотири равнақи тақсимоти байналмилалии меҳнат, печ дар печ шавии иқтисодӣ миллии давлатҳо ба иқтисодӣ ягонаи ҷаҳонӣ мебошад. Ҳоло зиёда аз 90% ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои СУС танзим мешавад, ки дар хусуси нақши ҳалкунанда доштани ин Созмон дар танзими гардиши савдои хориҷии байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Таъмини интиқоли озоди байнисарҳадии молу хизматрасониҳо дар шароити шафофии меъёрҳои танзим яке аз ҳадафҳои асосии ин Созмон қарор гирифтааст [9, 105].

Бинобар ин сиёсате, ки бо максади инкишоф додани ракобат пеш бурда мешавад, характери махсус пайдо мекунад. Дастгирии давлатӣ дар иқтисодӣ, соҳаҳо ва минтақаҳо ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Дар натиҷа, таъмини рақобат тавассути дастгирии соҳаҳои рақобатпазир дар иқтисодиёт таъсири назаррас расонад.

Ин аст, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дастгириии рақобат ва пешгири намудани фаъолияти инҳисорӣ зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, мафҳуми рақобатро, ки ҳадафи сиёсати рақобат аст, аз мафҳуми рақобатпазирӣ, ки ҳадафи асосии сиёсати саноатӣ мебошад, бояд фарқ намуд. Рақобат, ҳамчун рақобатпазирии субъектони хоҷагидор фаҳмида мешавад, ки амали мустақилонаи онҳо қобилияти таъсиррасонии ҳар яки онҳоро ба таври якҷониба ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори дахлдори мол маҳдуд кунад. Рақобатпазирӣ, дар навбати худ, мафҳуми маҳсулотро дар назар дошта, дараҷаи бартарии онро аз нуқтаи назари истеъмолкунандагон нисбат ба дигар моли дорои мақсадашон якхела ифода мекунад. Ба даст овардани бартарии маҳсулот нисбат ба дигар маҳсулот метавонад ҳам бо афзоиши рақобат байни истеҳсолкунандагон ва ҳам суст шудани он, яъне ба вуҷуд овардани фаъолияти инҳисорӣ алоқаманд бошад. Дар навбати худ, аз бозор дур кардани рақибони заиф, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ғайрирақобатӣ машғул мебошанд, ҳамчунин, маънои рушди рақобат ва ба пайдо шудани фаъолияти инҳисорӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, дар амалӣ намудани сиёсати дастгирии рақобат таносуби он ба сиёсати саноатӣ низ, ба инобат гирифта, то ки дар шароити ҷоҳонишавӣ барои пешрафти иқтисодиёт мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Александрова Ю.Ю. Современное содержание механизма конкуренции // Проблемы современной экономики. — 2007. —№ 1 (21).
2. Венгеров А.Б. Теория государства и права. М.. 2006. М.: Омега-Л,. 2006. - 608 с.
3. Зокиров. Г.Н. Геопалитика.- Душанбе: Эҷод, 2007. – 324с.
4. Корецкий В.А. Глобализатсия. Вапросы теории методологии.- М.: Издательство МГУ, 2007. – 192с.
5. Марченко М.Н. Миф о формировании мирового государства и права в условиях глобализации// Вестник Московского университета. Серия 11 – Право. 2003. № 2. - С. 6-9.
6. Поленина С.В. Правовая система Россия в условиях глобализации и региональной интеграции: Обзор материалов круглого стола// Государство и право. М., 2004. №11. - С.103.
7. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳикорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография.-Душанбе, 2018. – 392с.
8. Теория государства и прва / Отв. ред. В.Д. Перевалов. М.. 2006. – 341с..
9. Хакимов А. Иктисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Душанбе: Ирфон, 2007. – 488с.
10. Холиқов А.Г Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои давлати миллӣ.-Душанбе: Ирфон, 2009. – 70с.


## КОНКУРЕНТНАЯ СИТУАЦИЯ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ


**КАРИМОВ АБДУЛХАНОН КАДИМОВИЧ,**

кандидат юридический наук, доцент

кафедры административного права и государственного служба

Академии государственного управаления при Президенте Республики Таджикистан.

734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.

Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*В статье рассматривается состояние конкуренции в контексте процесса глобализации, анализируются понятие и сущность глобализации, ее влияние на экономические отношения, в первую очередь на конкуренцию. При этом рассматривается влияние процесса глобализации на конкурентные позиции как в рамках национального рынка, так и на мировом рынке.*

*Также в статье о состоянии предотвращения нежелательных факторов процесса глобализации рассматривается состояние конкуренции на мировом рынке и ее влияние на национальный рынок. Автор анализирует важнейшие проблемы, связанные с процессом глобализации, и предлагает ряд рекомендаций по поддержке конкуренции.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, интеграция, конкуренция, экономика, государство, монополия, предложение, транснациональные компании.*

## THE STATE OF COMPETITION IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

**KARIMOV ABDULKHANON KADIMOVICH,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*The article considers the state of competition in the context of the globalization process, analyzes the concept and essence of globalization, its impact on economic relations, primarily on competition. At the same time, the impact of the globalization process on competitive positions both within the national market and in the world market is discussed. Also, the article on the state of prevention of undesirable factors of the globalization process examines the state of competition in the world market and its impact on the national market. The author analyzes critical issues related to the globalization process and offers a number of recommendations to support competition.*

***Keywords:*** *globalization, integration, competition, economy, state, monopoly, supply, transnational companies.*

УДК.342 (575.3)

# ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АМИНОВ МУҲАМАДҶОН МАҲМАДРИЗОЕВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола, функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати мавриди омузиш қарор дода шудааст. Дар мақола муаллиф вазъи маъмури ҳуқуқии мақомоти маҳаллиро ҳамчун як ниҳоди низоми идораи давлати таҳлил намудааст. Дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ функтсия, доираи амал ва ваколатҳои он барраси гардидаанд. Дар мақола мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти иҷроиявии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола кушиш ба харҷ дода шудааст, ки самтҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ ва сиёсии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери тадқиқот қарор дода шавад. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амали гардонидани самтҳои иқтисоди ва иҷтимоии иҷроияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати ваколат ва масъулиятдор мебошад.*

*Дар маҷмуъ мушкилот ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дастгоҳи мақомоти маҳаллли ҳокимияти давлатӣ зери таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо****: асосҳои ҳуқуқӣ, идоракунии маҳаллӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, идораи давлатӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, замони муосир, давраҳои рушд, ҳамкории дуҷониба, заминаҳои қтисодию иҷтимоӣ.*

Дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз сохторҳои калидии амалигардонандаи ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавассути маҷлиси вакилон ва дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллиро амалӣ мегардонад.

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти дастгоҳи раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои давлатию ҷамъиятиро танзим менамояд, ташкил медиҳад.

Аз ҷумлаи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати мебошанд. Дар Тоҷикистони муосир, ки ҳадафи асосӣ, сохтани давлатӣ демократи аст, идораи корҳои давлат амали умумихалқист ва халқ ҳокимияти худро дар ин ҷода ҳамарӯза ба воситаи вакилони хеш, мақомоти доимоамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ ва низоми худидоракунии маҳаллӣ амалӣ мегардонад. Зеро идора дар чорчӯбаи ба ҳам таъсиррасонии одамон ба миён омада, мақсади танзими ҷамъиятиро амалӣ менамояд. Ба воситаи идора одамон бо ҳам робита мебанданд, бо кӯшиши якҷоя ҳаёти коллективӣ ва ҷамъиятиро мепайванданд [3, 254].

Асосҳои ҳолати ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти давлати дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ бахшида шудааст. Меъёрҳои конститутсионӣ зери ибораи мазкур ду қисми мақомоти маҳаллӣ:

мақомоти намояндагӣ ва мақомоти иҷроияро муқаррар намуда, моҳиятан, тарҳи ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллиро дар кишвар муқаррар сохтааст. Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ дониста мешавад[4;488]. Мақомоти ҳокимияти ҳмаҳаллиро дар вилоят, шаҳр ва ноҳия, раиси вилоят, шаҳр, ноҳия роҳбари намуда, амалӣ мегардонад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро Президенти Тоҷикистон таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр раис, ки ҳамзамон роҳбари бевосита дар маҳал аст, сарвари ҳам мақоми намояндагӣ ва ҳам мақоми иҷроия дар воҳиди маъмурию марзии ҷумҳурӣ (вилоят, шаҳр, ноҳия) мебошад[3, 254].

Бо назардошти категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллӣ чун дигар хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ аз тамоми ҳуқуқ, озодӣ ва кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии самти хизмати

Имрӯз ба касе пӯшида нест, ки пояҳои рушди устувори ҷомеа ба се унсури асосӣ: фарогирии аҳолӣ бо таҳсилот, дарозумрӣ ва тақсими маҷмӯъи маҳсулоти миллӣ ба сари ҳар як сокини кишвар вобаста аст. Дарозумрӣ ва саломатии бардавом дар навбати худ аз ҳазорҳо омили дигар вобастааст. Миёни ин омилҳо иқлими мусоид, ғизои хуб ва вазъи равонӣ аз ҳама асоситарин мебошанд.

Миёни ин омилҳо метавонем худи ташкилёбии давлат, ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро дохил кард[5, 327].

Дар сатҳи вилоят, шаҳру ноҳия сарчашмаи ҳокимият, вакилони Маҷлиси маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Аз ҳайати сифатии корпуси вакилони Маҷлиси Олӣ, дастгоҳи онҳо, вакилони маҳаллӣ фаъолияти босамари онҳо яке аз рукнҳои асосии аркони давлатдориро танзим, ҳамоҳанг ва роҳ мекушояд, вобастагии калон дорад[1, 267].

Дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ташкили дурусти фаъолияти корӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, амалигардонии доираи ваколатҳои вогузоршуда ва аз қарорҳои мақомоти маҳалли бармеомада, ташкил карда мешавад. Дар мақомоти маҳалллии ҳокимияти давлатӣ роҳбари дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби раиси шаҳр, ноҳия, вилоят таъйин ва озод карда мешавад, ки асоси фаъолияти онро ташкили фаъолияти иҷроивии мақомоти маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Аз ҳамин сабаб хизмати давлатӣ, оид ба идоракунии давлатии ин дастгоҳи бонуфузи давлатӣ, ки яке аз шохаҳои асоситарини ҳокимияти давлатиро ба низом, ҳамоҳанг, таҳким, роҳнамоӣ, самт нишондиҳӣ ба сӯи рушд мекунад бояд сохтори модели, ҳамгиро, мутобиқгар бо усул, роҳ, тарз, сабк ва навоварии ҷадид фаъолият намояд.

Масоили ташкил ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ дар дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дар доираи санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ аз ҷумла, бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» танзим мeёбад. Қонуни конститутсионии мазкур дар фарқият аз санадҳои пешини қонунгузорӣ меъёрҳои конститутсиониро саҳеҳтар намуда, ҷузъҳои таркибии тарҳи ҳокимияти маҳаллиро дақиқ месозад.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ асосҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дорад, ки онҳо аз буҷет, моликияти коммуналии воҳиди дахлдори марзию маъмурӣ ва манбаъҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, иборат аст. Таъминоти иқтисодию молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба самаранок ба роҳ мондани кори онҳо дар роҳбарии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии

қаламрави дахлдор мебошад. Сатҳи ташаббуснокӣ ва фаъолии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шарти асосии таъмини инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал, беҳтар гардонидани некӯаҳволии зиндагии аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар мебошад.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи идоракунии давлатӣ (дастгоҳи давлатӣ) ва кормандони онҳо ба хизматчиёни давлатӣ дохил буда, вазъи ҳуқуқии онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» танзим карда мешавад. Дар доираи талаботи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз он ҷумла, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба хизмати давлати шомил гардида, талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба онҳо татбиқ мегардад. [2;] Бо назардошти ин меъёр дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба хизмати давлатӣ шомил гардида, баҳри амалигардонии хизмати давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ягона ё унификатсия кардани кафолатҳои иҷтимоии тамоми намудҳои хизмати давлатӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонида истодааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки баъзе аз салоҳияти мақомоти давлатӣ, ваколати хизматчиёни давлатии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба доираи танзими Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ҳавола кардааст, ки муносибатҳои зерини ҷамъиятӣ ба шумор меравад:

- тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллӣ;
- салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтори он ( мақомоти намояндагӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ) ;
- салоҳият ва сохтори мақомоти намояндагӣ;
- салоҳият ва сохтори мақомоти иҷроия;
- салоҳияти раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ;
- салоҳияти дастгоҳи раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия;
- салоҳияти сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия;
- ваколати вогузоршаванда, ваколати муштарак, ваколати истисноии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ;
- принсипҳои фаъолияти мақомоти маҳаллӣ;
- муносибати мақомоти маҳаллӣ бо мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот;

Низомномаи дастгоҳ, сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кори онро раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мувофиқи низомнома ва сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти маҳаллӣ дар давраи ҳозира ин беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маишии зиндагонии аҳолӣ мебошад. Барои амалӣ гардонидани вазифа ва ӯҳдадориҳои худ ҳар як мақомоти маҳаллӣ бояд сохтори ташкилии идоракунии худро дошта бошад [1, 167]. Зери мафҳуми сохтори ташкили идоракунии мақомоти маҳаллӣ (мақомоти маҳаллии вилоят, шаҳру ноҳия) маҷмӯи зинаҳо ва коргарони алоҳида, алоқаи байниҳамдигарӣ, дараҷаи тобеият, ки барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои мақомоти маҳаллӣ равона карда мешавад, ифода меёбад. Ҷои кори хизматчии давлатӣ (маҳаллӣ) яке аз ҷузъи зарурии сохт ё таркиби ҳамагуна мақомоти

маъмурии идоракунанда буда, дорои хусусияти ҷудогонаи худ мебошад. Тартиби дуруст ба роҳ мондани ташкили кор бисёртар аз мулоҳизакории фаъолияти дастгоҳи маъмурии идоракунанда вобастагӣ дорад. Фаъолияти идоракунии мақомоти идоракунии маҳаллӣ ба худ масъалаҳои ҳамкории мақомоти идораи маҳаллӣ бо субъектони хоҷагидор қатъи назар аз шакли моликият ва боз ҳам аниқтар ба танзим даровардани муносибатҳои хоҷагидорӣ барои муассиса ва ташкилотҳои маҳаллиро дар бар мегирад. Бо ин сабаб шакли асосии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ- ин дар ҳамбастагӣ бо муассиса ва ташкилотҳои ҳудуди маҳал қонеъ гардонидани манфиатҳои шаҳрвандон мебошад .

Мақомоти маҳаллӣ аз рӯи мазмуну мундариҷаи фаъолияташ ба дигаргуниҳо ниёз дорад, ва дар ин равиш пеш аз ҳама эҳтиёҷот ба барномаҳои рушд эҳсос мегардад. Дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳими мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Яке аз роҳҳо ва фишангҳои таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҳаллӣ таҳияи барномаҳои рушд ва таъмини иҷроиши онҳо мебошад. Раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия, ҷамоатҳо ва худфаъолияти ҷамъиятӣ бо роҳи истифодаи шаклҳои мухталифи барномасозӣ амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки захираҳои маҳдуди дар маҳал буда ва имкониятҳои ба мақсад расидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ самаранок истифода бурда шаванд.

Дар баробари инислоҳоти татбиқшаванда дар системаи идоракунии мақомоти давлатӣ ба баланд бардоштани нақши мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ ва худидоракунӣ, васеъ намудани вазифаҳои он дар асоси ба ихтиёрашон додани мустақилияти иқтисодӣ ва дастгирии молии матлуб аз тарафи давлат, самти бартаридоштаи системаи татбиқи ғайримарказикунонии давлат ба ҳисоб меравад.

Худ аз худ мақсадҳо маъно надоранд агар имкониятҳои баҳодиҳӣ дар иҷрои он набошад. Азбаски идоракунии давлатӣ- ин таъсиррасонии як гурӯҳи одамон ба дигар гурӯҳ бо ифодаи манфиати худи онҳо буда, дар madди аввал бояд натиҷаҳои иҷтимоӣ ва оияндабинии он ба назар гирифта шуда, на танҳо натиҷаҳои истеҳсолӣ,технологӣ, нишондодҳои иқтисодӣ балки тақсимоти онҳо, аз як тараф тариқи таъминоти талаботи ҷомеа ва нигоҳдории пуррагӣ ва ҷараёни он, ва аз дигар бо тариқи қонеъгардонии талаботи одамон, яъне таъмин намудани шароитҳои меҳнатӣ ва ҳаёти осоишта, нигоҳдошти саломатӣ ва тозагии маънавии онҳо мебошад.

Принсипи ташкил ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягонагии давлат[1, 187], талаботи замони нав ва ҳаёти нави сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон буда, инъикоскунандаи хусусияти давлати иҷтимоӣ будани он ба шумор мераванд.

Принсипҳои умумие, ки имрӯз дар аксари давлатҳои демократӣ асоси ташкил ва фаъолияти дастгоҳи давлатии онҳоро ташкил медиҳанд: принсипи сохтори муносиб ва амалкунандаи дастгоҳи давлатӣ, принсипи фаъолияти самаранок, қонуният, дараҷаи баланди касбии хизматчиёни давлатӣ, риояи талаботи одоб аз тарафи вакилон, аъзои парлумон ва хизматчии давлатӣ, бетарафии сиёсии хизматчиёни давлатӣ ва ғайраҳо мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дастгоҳи давлатӣ як қисми асосии механизми давлат буда, таъминкунандаи фаъолияти ҳаррӯзаи системаи мақомоти давлатӣ барои дар амал татбиқи идоракунӣ, ки барои баамалбарории вазифаҳои гузоштаშудаи давлат мебошад. Мувофиқи талаботҳои мавҷудаи давлат дорои сохтори худ мебошад. Ба ташкил ва фаъолияти дурусти дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама Конститутсия ва муқаррароти он; хусусиятҳои иҷтимоии давлати Тоҷикистон; афзалияти ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд; принсипи тақсими ҳокимияти давлатӣ; танзими ҳуқуқии салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунанда таъсири муҳим расонидаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар ҳамкорӣ бо якдигар ва дар ҳамкорӣ бо институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мақсадҳои гузошташудаи таъсиррасонии идоракунии давлатиро ва иҷрои қонунҳоро амалӣ мегардонад[3, 254].

Дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

**Адабиёт**


1. Атаманчук Г.В. «Сущность государственной службы» Москва. Издательство РАГС 2004.-С.267
2. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ. ADLIA. Версия 7.0.
3. Глазунов Н.И. «Государственное и муниципальное (административное) управление» М.,2006-С.254
4. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М.: ЮРИСТЪ, 2000. - С. 488
5. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Оли Сомон, 1997. - С. 379.
6. Конституционное право зарубежных стран. // Под ред. Малько А.В. - М.: НОРМА, 2004. - С. 194.
7. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М.: ЮРИСТЪ, 2000. - С. 488.
8. Муниципальное право. // Под ред. Конина Н.М. - М.: НОРМА, 2006. - С. 327.
9. Права личности в социалистическом обществе. - М., 1981. - С. 144-206.


# АППАРАТ МЕСТНОГО ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО ОРГАНА В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ


**АМИНОВ МУХАМАДЖОН МАХМАДРИЗОЕВИЧ,**
кандидат юридических наук. доцент
кафедры государственного управления и экономического права
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru



*В данной статье проводится научный анализ нормативно-правовой базы организации и деятельности местного управления. В то же время в статье исследуются функции органов местного управления. В статье автор анализирует аппарат местного исполнительного управления как институт системы государственного управления. Рассмотрен аппарат органов местного управления, их функции, сфера деятельности и полномочия.*

*В статье отдельно анализируются местные представительные органы и местные исполнительные органы государственной власти. В статье ставится задача рассмотреть экономические, социальные и политические аспекты местного управления. При этом подчеркивается, что аппарат местного самоуправления уполномочен и несет ответственность за реализацию экономических и социальных направлений исполнительного органа местного самоуправления.*

*В целом проблемы и развитие органов местного самоуправления и аппарата органов местного управления подлежат научному анализу.*



***Ключевые слова:*** *правовая база, местное управление, местные органы власти, государственный аппарат, государственное управление, правовые акты, современность, периоды развития, двустороннее сотрудничество, экономические и социальные предпосылки.*

# THE APPARATUS OF THE LOCAL EXECUTIVE BODY IN THE ACTIVITIES OF LOCAL GOVERNMENT

**AMINOV MUHAMADZHON MAHMADRIZOEVICH,**
candidate of Law Sciences, Associate Professor of the
Department of Public Administration and Economic Law
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*This article provides a scientific analysis of the regulatory framework for the organization and activities of local government. At the same time, the article examines the functions of local governments. In the article, the author analyzes the apparatus of local executive administration as an institution of the public administration system. The apparatus of local government bodies, their functions, scope and powers are considered.*

*The article separately analyzes local representative bodies and local executive bodies of state power. The article aims to consider the economic, social and political aspects of local government. At the same time, it is emphasized that the apparatus of local self-government is authorized and responsible for the implementation of economic and social directions of the executive body of local self-government.*

*In general, the problems and development of local self-government bodies and the apparatus of local government bodies are subject to scientific analysis.*

***Keywords:*** *legal framework, local government, local self-government, public administration, public administration, legal acts, modernity, periods of development, bilateral cooperation, economic and.*

УДК: 340.5

# ТАҲЛИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ИРТИБОТ БА СИЁСАТӢ ДАВЛАТ ДАР БОРАИ ЗАБОН

**МАҲМАДШОЗОДА ФАРҲОД АБДУРАҲМОН,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов 13.
Тел.: (+992) 372-27-45-00. E-mail: farhodmahmadshoev@rambler.ru

*Дар мақола аҳамияти забонӣ давлатӣ дар ташаккули қонунгузорӣ, ҷанбаҳои гуногуни мафҳумҳои ҳуқуқӣ, марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккулӣ истилоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳахои қонунгузории ба ҳуқуқӣ байналмилалӣ алоқаманд дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таркиб, марҳилаҳои рушд ва низоми мафҳумҳои дар соҳаҳои қонунгузории дипломатӣ, қонунгузорӣ оид ба шартномаҳои байналмилалӣ, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ва монанди инҳо таҳқиқ шуда, дар робита ба такмили он таклифу пешниҳод манзур гардидааст. Нақши як қатор шартномаҳои байналмилалӣ дар ривоҷу равнақи забони давлатӣ ва истилоҳоти ҳуқуқии соҳавӣ дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ муайян гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *забонӣ давлатӣ, мафҳум, истилоҳот, ҳуқуқӣ дипломатӣ, соҳибистиқлолӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ.*

Таваҷҷуҳ ба забон - унсури муҳимми ифодаи фикру андеша, воситаи гуфтор байни инсонҳо, барқарор намудани муносибатҳои байни миллату халқият, давлат ва ифтихори миллӣ дар дилхоҳ давр, замон ва ҳомеа назаррас аст. Дар Ҷумҳурии Тоҳикистон низ ба забони давлатӣ дар сатҳи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва қонунгузорӣ диққати аввалин дараҷа дода шудааст, ки бесабаб нест. Зеро, ки мавҷудияти забон ва мансубияти он ба миллат маънои ҳастии онро дошта, рукни асосии мустақилият дар давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Миллатҳое дар давлатдорӣ муваффақ мешаванд, ки забони худро гиромӣ дошта, чун гавҳараки чашм ҳифз, нисбати он ғамхорӣ зоҳир карда барои пешбурди идоракунӣ, коргузорӣ дар муносибатҳои дохилӣ давлатӣ ва хориҷӣ мутобиқ месозанд.

Мусаллам аст, ки бо кӯшишу ғайрати донишмандони забоншинос, аҳли зиё, олимони соҳаҳои гуногуни илм тавассути тафаккури эҳтироми фардӣ ба забони давлатӣ метавон ҷойгоҳи забони худро мустаҳкам ва обрӯи онро дар арсаи дохилӣ ва хориҷӣ баланд бардошт. Бо таваҷҷуҳ ба масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки: “Танҳо бо ғамхории донишмандон, аҳли зиё ва, умуман, ҳар як фардӣ бонангу номуси миллат забони модарӣ, забонӣ аҷдод ва забони давлати соҳибистиқлол метавонад пойдор бимонад.”[1]

Мавриди зикр аст, ки ҳанӯз соли 1995 Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки қадами устувори сиёсӣ, ибтикори муҳим дар робита ба баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ, идоракунии давлатӣ дар ин соҳа буд. Инчунин, бо мақсади рушди забони давлатӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ нисбати забони тоҷикӣ, мустаҳкам намудани мақоми он дар ҷомеа соли 2008 “Соли забони тоҷикӣ” эълон гардид.[2]

Мақоми ваколатдори соҳаи забон ва истилоҳот, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, якчанд барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла “Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016” [3]

ва “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” [4] таҳия гардид. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳангоми амалисозии сиёсати хориҷӣ масъалаҳои зиёди ҳалталаб, аз ҳумла дар робита ба ҷаҳонишавӣ, пешрафти бесобиқаи илму технологияҳои иттилоотӣ, дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, рушди фарҳанг ва забон, аз ҷумла забони тоҳикӣ ба вуҷуд омад.

Дар сиёсати хориҷӣ, барои мисол, омилҳое мушаххас гардиданд, ки ба ташаккули намудҳои алоҳидаи дипломатия, бахусус дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона оварда расонид. Қабули ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Консепсия) авлавиятҳо дар ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамзабонро муайян намуд.

Консепсия роҳҳои расидан ба ҳадафҳои дипломатияи фарҳангӣ, аз ҷумла, дастгирии ҳуқуқӣ ва фарҳангию маърифатии ҳамватанони бурунмарзиро дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, мусоидат ба иттиҳоди ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вежагиҳои этнофарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ дар чаҳорчӯбаи қонунҳои кишварҳои будубоши онҳоро пешбинӣ намуд.

Забон, бахусус забони тоҷикӣ ба тадриҷ ҳамчун воситаи муошират ва коргузорӣ дар сиёсати дохиливу хориҷии давлат мақоми устувор пайдо намуда, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф ва зери ҳимоя, дастгирии ҳама ҷониба қарор гирифт. Бешубҳа, нуқтаи мазкур аз ҳуқуқӣ миллату халқиятҳо ба доштан ва истифодаи забон бе ҳамагуна табъиз, ки тибқи моддаи 2 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 эълон гардидааст, бармеояд. [5]

Албатта, ташаккули қонунгузории даврони Истиқлолияти давлатӣ ба рушди забони давлатӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла истилоҳоти соҳавии ҳуқуқӣ байналмилалӣ мусоидат намуд. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи қабули қонунҳои гуногун мафҳумҳои навӣ соҳавӣ ба муомилоти илмӣ, амалияи қонунгузорӣ тавассути услубҳои гуногуни иқтибос аз забонҳои хориҷӣ ворид гардид.

Бахусус, қабули қонунҳои соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ байналмилалӣ дар асоси эътирофи санадҳои байналмилалӣ боиси иқтибос ва ба муошират, муомилоти илмӣ ва иҳтимоӣ ворид гардидани истилоҳҳои байналмилалӣ ё ихтисороти он гардид. Қонунгузор ҳангоми иқтибос аз калимаҳои забонҳои хориҷӣ аз услубҳое мисли тарҳумаи ҳарф ба ҳарфи калимаҳо, транскрипсия ва транслитерасия васеъ истифода намуда, талабот оид ба такмил ва татбиқи якхелаи забон ва истилоҳоти ҳуқуқиро дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, [6]

Таллафӯзи ибораҳои иқтибос шударо бошад дар Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мушаххас намуд. Ба ин талабот на танҳо содда ва равону фаҳмо будани истилоҳот, балки фарогирии мазмуну мафҳуми муайян будани он бо мақсади истисно намудани шарҳи гуногуни меъёрҳо, таъмини татбиқи якхелаи онҳо дохил гардид.

Таъсири забонҳои ғайр дар замони соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла иқтибос аз забонҳои давлатҳои хориҷӣ (англисӣ, фаронсавӣ, лотинӣ, русӣ ва ғайра) ҳамчун ҷузъи фарҳангии мо ба таври мутлақ, ё ин, ки маҳдуд қабул, ва ё инкор карда шуд. Ҳамин ҷиҳат тақозо менамояд, ки талабот ба сифати тарҷумаи истилоҳот аз забонҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ дар робита ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо дарназардошти асолати мазмун ва фарҳанги миллии мардуми тоҷик такмил дода шаванд.

Нахуст, санади меъёрии ҳуқуқие, ки мақоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми ҳуқуқӣ дохилӣ муайян ва мушаххас намуд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.[7]

Боиси зикр аст, ки муқаррар намудани мақоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ин ҳуҷҷати сарнавиштсози ҳуқуқӣ, ки такя ба сиёсатӣ “дарҳои кушод” татбиқ

мегардад, барои ба таври мутавозин инкишоф ёфтани забони давлатӣ мусоидат менамояд. Конститутсия, ки дар он меъёрҳои дахлдор оид ба татбиқи сиёсати хориҷӣ дарҷ гардидааст барои ташаккули низоми ҳуқуқӣ байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Таҳлили якчанд соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ нишон дод, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби бастан, ратификатсия, иҷроиш ва денонсатсияи Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25 июни соли 1993 боиси ба муомилот ворид гардидани миқдори маҳдуди мафҳумҳо гардид, ки аз ҷониби қонунгузор моҳияти онҳо, аз ҷумла мафҳуми "денонсатсия" мушаххас муқаррар нашуд. [8]

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" аз 11 декабри соли 1999 боиси пайдоиши истилоҳоти нави иқтибосии ҳуқуқӣ мисли "шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "имзокунӣ", "тасдиқ, қабул ва ҳамроҳшавӣ", "ваколатнома", "тавзеҳот", "бекор кардан", "созмони байналмилалӣ" ва "маҳфуздоранда" гардид. Бо гузашти вақт ин истилоҳот такмил ёфта дар санади меъёрии амалкунанда истилоҳоти нав "парафгузорӣ", "ваколат", "расмиёти дохилидавлатӣ", "тасдиқ (ратификатсия)", "бекор кардан (денонсатсия)" ва "Феҳристи давлатии шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо дарназар дошти хусусиятҳои миллӣ мушаххас ва мураттаб гардид. Муайянсозии мафҳумҳо дар қонунҳои соҳавӣ боиси аз байн бурдани мухолифатҳо ва ташаккули тавсеаҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқ эҳодкунӣ гардид. Яке аз талабот, ки ҳангоми таҳияи истилоҳот дар соҳаи ҳуқуқӣ шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ мегардад – мутобиқат ба меъёрҳои Конститутсия, инчунин моддаи 3 Конвенисияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 мебошад. [9]

Албатта, мутобиқат тавассути воридсозии (имплементатсияи) инкорпоративӣ, шаклдигарсозӣ (траснформатсия), истиноди умумӣ, махсус ва мушаххас ба меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ гардонда мешавад.

Ҳангоми қабули нахустин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи хизмати дипломатӣ" аз 2 декабри соли 2002, истилоҳоти соҳаи ҳуқуқӣ дипломатӣ дар меъёри алоҳида пешбинӣ нагардиданд, агарчанде аз мазмуни меъёрҳои санади меъёрии ҳуқуқӣ дар маҳмӯъ бармеомаданд. Ҳамин тавр, дар қонунгузорӣ дар бораи хизмати дипломатӣ истилоҳоте мисли "хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "кормандони воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои робитаҳои байналмилалиро пеш мебаранд", "кормандони хизмати дипломатӣ", "коркунони техникии хизмати дипломатӣ", "ҳайати хизмати дипломатӣ", "аъзои оилаи ҳайати хизмати дипломатӣ", "муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пайдо гардид.

Дар марҳилаи дуюми рушди қонунгузории хизматӣ дипломатӣ истилоҳоти "атташе (вобаста)", "консул", "ротатсия", "аттестатсияи хизматӣ" ва ғайра муқаррар гардид, ки асосан аз забонҳои хориҷӣ (лотинӣ, фаронсавӣ ва англисӣ) бармеоянд. Бо қабули қонуни нав дар соҳаи хизматӣ дипломатӣ, ки дар асоси Консепсияи рушди қонунгузорӣ [10] ва барномаи дахлдори татбиқи он таҳия ва қабул гардид, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматӣ дипломатӣ ба талаботи як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Вена дар бораи робитаҳои дипломатӣ аз 18 апрели соли 1961 мутобиқ, моҳиятан мушаххас ва вобаста ба мазмун такмил дода шуданд.

Истилоҳоти соҳаи ҳуқуқи дипломатӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба таърихи пайдоиши он алоқаманд аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ бо таваҷҷуҳ ба таърихи дипломатия қайд мегардад, ки мафҳуми "дипломатия" ҳанӯз соли 1645 ба маънои

имрӯза истифода мегардид. [11] Муаллифони ватанӣ 159 истилоҳоти маъмулро дар соҳаи дипломатия ҳудо менамоянд, ки аз лиҳози назариявӣ-амалӣ тавсиф гашта, аксари онҳо дар қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ гардиданд. [12]

Таъкид намудан зарур, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳи фаронсавии “дипломатия” ҳамчун фаъолият ва усули корбарии ҳукумат тавассути сардори давлат ва идораҳои махсуси робитаҳои хориҷӣ дар ҷорӣ намудани сиёсати беруна ва байналхалқии давлат, инчунин ҳимояи манфиатҳои вай дар хориҷӣ кишвар тафсир мегардад. [13] Шахсоне, ки ба фаъолияти дипломатӣ машғул мебошанд дар навбати худ ҳамчун сафир ва ё фиристода дониста шуда, мафҳуми арабиасоси “сафорат”, ки ба таърихи дипломатияи форсӣ - тоҷикӣ робита дорад, дар муомилот қарор гирифтааст. Зимнан, дар асоси мафҳуми арабиасоси “сафорат” дар забони тоҷикӣ истилоҳи “сафоратхона” бино-идораи сафири як давлат дар давлати дигар пайдо шуд. [14]

Муаллифон дар адабиёти ватанӣ оид ба риояи унсурҳои миллии маросимӣ ва ташрифотӣ фикрҳои ҳолиби диққат изҳор менамоянд. Қайд мегардад, ки “... агар унсурҳои мазкур хусусияти эҳтиромгузорӣ, арҷгузорӣ дошта ишоракунандаи анъанаҳои миллӣ ва безарар бошанд, таҳрифкунандаи меъёрҳои пазируф ташудаи байналмилалӣ набошанд, ба эҳтироми арзишҳои сиёсии муайянкунандаи соҳибихтиёрӣ ва ғайра сардӣ ворид накунанд, риоя кардани онҳо лозим мешавад, то ба муносибатҳои мавҷуда халал ворид нашавад.” [15]

Замони муосир таъсири забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва англисӣ, ки муддати зиёд ҳамчун забонҳои дипломатияи аксари давлатҳои Ғарб эътироф мегардиданд, дар ташаккули қонунгузории хизмати дипломатии аксари кишварҳои дунё, аз ҷумла Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Нуқтаи хос он аст, ки дар қонугузории ҷумҳурӣ мафҳумҳои соҳаи хизматӣ дипломатиро метавон дар санадҳои меъёрии зерқонунӣ низ пайдо намуд. Дар тафовут аз дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ навобаста аз он, ки дар соҳаи ташрифоти байналмилалӣ мафҳумҳои соҳавӣ таснифи худро наёфтаанд, баҳс оид ба риояи маросимҳои ташрифотӣ дар адабиёт мавҳуд аст.

Дар санадҳои меъёрии зерқонунӣ масъалаи мазкур мутаносиб ҳал гардида, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Муқаррароти асосии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 октябри соли 2019, №1358 мафҳумҳои “ташрифоти давлатӣ”, “”аршадияти ташрифотӣ”, “сафари сатҳи олӣ”, “сафари сатҳи баланд”, “сафари давлатӣ”, “сафари расмӣ”, “сафари корӣ”, “сафари хусусӣ”, “сафари убурӣ”, “сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили кишвар”, “қолаби (формати) сафар”, “чорабинии ташрифотӣ”, “чорабинии расмӣ”, “тухфаҳои хотиравӣ”, “корпуси дипломатӣ”, “шайхуссуфаро (дуайен)”, ”имзои санадҳои дуҳониба” ва “усули муомилаи ҳамгун” ба муомилот ворид карда шуданд.

Тазаккур бояд дод, ки баъзе мафҳумҳои соҳаи дипломатӣ (агреман, арбитраж, аккредитатсия, аннексия, конференсия, парафгузорӣ) ба мазмуни асл тарҷума нагардида, қисми дигар ба мазмуни истилоҳот наздик (дуайен - аршад, эмиссар - фиристода, легализатсия - ҳукми қонунӣ додан ё қонунигардонӣ, литсензия - иҷозатнома) тарҷума ва дар соҳахои қонунгузорӣ дар истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Мафҳумҳое мавҷуданд, ки аз моҳияти шартномаҳои байналмилалӣ (масалан, Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терооризм, сепаратизм ва экстремизм) [16]

Бе восиата ба қонунгузорӣ ворид гардида (масалан, терроризм, экстремизм ва ғайра) бармеоянд. Агарчанде як қатор мафҳумҳо аз шартномаҳои байналмилалӣ ба муомилоти илмӣ ворид гардида бошанд ҳам бархе (масалан, мафҳуми “сепаратизм”) то ҳол дар қонунгузорӣ, аз ҷумла қонугузории ҷиноятӣ дарҷ нагардидаанд.

Тавре таҳлили қонунгузорӣ дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, мафҳумҳои “низои мусаллаҳона”, “воҳидҳои тиббӣ”, “ҳайати кормандони тиббӣ”, “Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар”, “воситаҳои нақлиёти санитарӣ” ва “аломат” маҳз аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба муомилот ворид гардиданд. Дар тафовут аз дигар соҳаҳои қонунгузорӣ дар ин соҳа тартиби истифода ва ҳимояи аломатҳо ва номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, инчунин сигналҳои фарққунӣ дар ҷумҳурӣ муайян гардид. Муқарраротӣ номбурда аз ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, ки тибқи конвенсияҳои Женева дар бораи ҳимояи қурбониҳои ҷанг аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо аз 8 июни соли 1977, Қоидаҳои истифодаи аломатҳои салиби сурх ё ҳилоли аҳмар аз ҷониби ҷамъиятҳои миллӣ, ки Конфронси XX байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар соли 1965 (бо тағйирот ва иловаҳои соли 1991) муайян намудааст, бармеояд. Ба андешаи мо мафҳумҳои номбурдаро мисли мафҳумҳои “генотсид”, “биотсид” ва “экотсид” ва монанди инҳо, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар робита ба ҳуқуқӣ байналмилалии башардӯстӣ муқаррар гардидаанд ҳамчун мафҳумҳои конвенсионӣ қабул намудан мумкин аст.

Дигар самти ташаккули соҳаи ҳуқуқӣ байналмилалӣ - қонунгузорӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аст, ки дар марҳилаи аввали ташаккули ин соҳаи қонунгузорӣ мухолифату холигиҳо ба назар расид ва эътирофу татбиқи санадҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқӣ байналмилалии ҳуқуқӣ инсон робита дошт. Яке аз қонунҳо, ки ба соҳаи мазкур бевосита дахл намуд ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1 феврали соли 1996 буд, ки танҳо мафҳуми “шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро муқаррар намуда, дигар мафҳумҳо ба таври пароканда дар он муқаррар гардиданд.

Марҳилаи дувуми рушди қонунгузории ин соҳа аллакай ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мансуб дониста мешавад. Дар ин давра тағйироти зиёд тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сурат гирифт. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонӣ хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 2 январи соли 2018, қабул гардида, қонунгузор мафҳумҳои “шаҳрванди хориҷӣ”-ро мукаммал, истилоҳоти нави “шахси бешаҳрванд”, “паноҳгоҳи сиёсӣ”, “гузаштани транзитӣ”, “бо роҳи маъмурӣ берун кардан”, “манъи воридшавӣ” ва “муассисаи махсус”-ро муайян намуд. Муайян намудани ин мафҳумҳо боиси ҳаматарафа иҷро намудани ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон гардида, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, бахусус Конститутсияро оид ба масъалаҳои мухталиф осон намуд. Барои мисол, то лаҳзаи қабули мафҳуми “паноҳгоҳи сиёсӣ”, ки дар моддаи 16 Конститутсия муқаррар гардидааст, фаҳмиши амалии он гуногун ба назар мерасид. Мафҳумҳое монанди “шахсони бешаҳрванд” дар тақвияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардиданд. Дар натиҳа вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҳӣ ва шахсони бешаҳрванд ба низом даровварда шуда, мазмуни муносибатҳое, ки қонуни мазкур ба танзим медаровард, тағйир ёфта, мушаххас шуданд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20 марти соли 2008 қадами устувор дар ташаккули ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон дар ҳумҳурӣ ба шумор меравад. Дар натиҳаи қабули ин қонун мафҳумҳои “Ваколатдор оид ба ҳуқуқӣ инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ваколатдор оид ба ҳуқуқӣ кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” пайдо гардид.

Пайдоиши падидаи “Ваколатдор оид ба ҳуқуқӣ инсон”, намудҳои алоҳидаи он ҳамчун мақомот дар ҳаёти иҳтимоии мо дигаргуниҳоро ворид намуд. Боиси зикр аст ки ин падида дар заминаи мафҳуми “омбудсмен” дар давлатҳои скандинавӣ (Шветсия, Финляндия ва Дания) таъсис ёфт. Аз ҷумла, дар Шветсия соли 1809 он бо номи “омбудсмен” таъсис ёфт, ки маънои “ҳимоягар”, “намоянда” -ро дорад. Таҳлил нишон дод, ки қонунгузор на дар алоҳидагӣ, балки бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами умумиҷаҳонӣ мафҳуми мазкурро дар мазмуни вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, моҳияти онро бошад ҳамчун ҳимоягар, мусоидаткунанда дар риоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсон ифода намудааст.

Ҳамин тариқ, агар муқоиса намоем, маълум мегардад, ки як қатор мафҳумҳо дар ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ истифодашаванда, масалан мафҳуми “созмони байналмилалӣ” ва мафҳуми “парафгузорӣ” тавассути воридсозии (инкорпоратсияи) бевосита ё истиноди мушаххас ба қонунгузорӣ ворид гардиданд.

Хулоса, қисми зиёди мафҳумҳои дар қонунгузории ҷумҳурӣ мавҷуд мафҳумҳои конвенсионӣ (масалан, карантин, терроризм, экстремизм ва ғайра) буда бевосита тавассути тарҳума ба муомилоти ҳамарӯза ворид гардидаанд. Мафҳумҳое ба назар мерасанд, ки дар татбиқи ҳуқуқ муҳим арзёбӣ гардида, навобаста аз муқаррар гардидан дар шартномаҳои байналмилалӣ дар қонунгузорӣ ифодаи ҷойи худро наёфтаанд (масалан, мафҳуми “сепаратизм”).

Имрӯзҳо ҳолатҳоеро дар қонунгузорӣ дучор шудан мумкин аст, ки як қатор мафҳумҳо, ки аз забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун иқтибос дар даврахои гуногуни таърихӣ ворид гардида, маъмулӣ шуданд на ҳамавақт метавонанд мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҷамъиятиро ифода намоянд. Бо гузашти вақт зарурати ивази калимаҳои хориҷӣ дар қонунгузорӣ, бахусус дар ҳолати қиёсшаванда будани ин мафҳумҳо ба вуҷуд меояд, навобаста аз он, ки мафҳумҳо қисми таркибии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Гуфтан мумкин, ки истифодаи усулҳои маъмули воридсозӣ (инкорпоративӣ) ва истиноди умумӣ, махсус ва мушаххас ҳангоми дар муомилот қарор гирифтани ин ё он истилоҳоти соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳахои қонунгузории ҷумҳурӣ васеъ ба назар мерасад.

**Адабиёт**


1. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. С.157.
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2007, №291. / Махзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №335. / Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647. / Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи мурохиат 02.05.2023 с.
5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015 / Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

6. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005. / Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

7. Минбаъд дар матн Конститутсия

8. Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

9. Махзани марказони дашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 «Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Махзани марказонида шудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

11. Мирзоев Н., Шарифов А. Асосҳои дипломатия. Душанбе, 2015. - С.3.

12. Раҳмонова Р. Асосҳои хизматӣ дипломатӣ. Душанбе: «Ганҷ», 2017. - С.25-283.

13. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 1, Душанбе, 2008. - С.454.

14. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 2, Душанбе, 2008. - С.224.

15. Мирзоев Н., Шарифов А. Ҳамон асар. - С.15.

16. Қарори Маҳлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.01.2002 с., №513. / Махзани марказонида шудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия», фарзияи 7.0. санаи муроҷиат 02.05.2023 с.

# АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И МЕЖДУНАРОДНЫХ НОРМ В СВЯЗИ С ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКОЙ О ГОСУДАРСТВЕННОМ ЯЗЫКЕ

**МАХМАДШОЗОДА ФАРХОД АБДУРАХМОН,**
кандидат юридических наук, заместитель директора
Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.
734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академика А. Адхамов 13.
Тел.: (+992) 372-27-45-00.; E-mail: farhodmahmadshoev@rambler.ru

*В статье анализу подвергается значение государственного языка в формировании законодательства, различные аспекты правовых понятий, этапы возникновения и формирования юридической терминологии в отраслях права связанных с международным правом в период независимости. Исследованы структура, периоды и система понятий в отраслях дипломатического законодательства, законодательства о международных договорах, о правовом положении иностранных лиц и лиц без гражданства и тому подобных, в этой связи предлагаются предложения по их усовершенствованию. Определена роль некоторых международных договоров в развитии государственного языка и отраслевых юридических терминологий в период независимости республики.*

***Ключевые слова:*** *государственный язык, понятие, термин, дипломатическое право, независимость, международные договоры, законодательство, нормативный правовой акт.*

# ANALYSIS OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL NORMS IN CONNECTION WITH THE STATE POLICY ON THE STATE LANGUAGE

**MAHMADSHOZODA FARHOD ABDURAKHMON,**
candidate of legal sciences, Deputy Director of the
National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 13, Academician A. Adkhamov Str.
Phone: (+992) 372-27-45-00. E-mail: farhodmahmadshoev@rambler.ru

*The article analyzes the importance of the state language in the formation of legislation, various aspects of legal concepts, the stages of the emergence and formation of legal terminology in the branches of law related to international law in the period of independence. The structure, periods and system of concepts in the branches of diplomatic legislation, legislation on international treaties, on the legal status of foreigners and stateless persons, and the like, have been studied, in this regard, proposals for their improvement are proposed. The role of some international treaties in the development of the state language and branch legal terminologies during the period of independence of the republic is determined.*

***Keywords:*** *state language, concept, term, diplomatic law, independence, international treaties, legislation, normative legal act.*

УДК: 342.951

# АЗ ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛОТИ АТТЕСТАТСИЯИ ХИЗМАТЧИЁН ДАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

**САЙФУДДИНОВА РИСОЛАТ РАҲМАТУЛЛОЕВНА,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 887-70-92-92.

*Дар мақола аз таърихи аттестатсия ва хусусиятҳои он дар Бобулистон, Чин, Эронзамин ва Иттиҳоди Шӯравӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки аттестатсия таърихи қадима дорад ва вобаста ба замонаҳо ва сохторҳои идоракунӣ такмил ва ташаккул ёфтааст. Дар шароити ҳозира дар шакли умумӣ якчанд марҳиларо дар бар мегирад ва як раванди давомдор аст ва механизмҳои гуногун дорад. Моҳият ва мақсади асосии аттестатсия ин амалигардонии сиёсати кадрӣ, воситаи баҳодиҳии кадрҳои хизмати давлатӣ ва воситаи баланд бардоштани маҳорати касбии хизматчиён ва самаранокии захираҳои кадрӣ ва кадрии хизмати давлатӣ мебошад. Аттестатсия раванди баҳодиҳии самаранокии иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд мебошад, ки аз ҷониби роҳбари бевоситаи ӯ амалӣ карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *аттестатсия, идоракунии сиёсӣ, идоракунӣ,сифатҳои сиёсӣ, комиссияи аттестатсионӣ, хизматчии давлатӣ, хирад, хирадмандӣ, дониш, шӯравӣ, сиёсати кадрӣ.*

Дар рафти ислоҳоти хизмати давлатӣ масъулияти калон ба души кадрҳо меафтад. Айни замон талабот нисбат ба хизматчиёни давлатӣ ҳамчун мутахассиси соҳаи худ зиёд шудааст. Яке аз воситаҳои асосии татбиқи сиёсати кадрӣ, ки дар қонун тасдиқ гардида, ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар интихоб, такмили ихтисос ва ҷо ба ҷо гузории хизматчиёни давлатӣ ин аттестатсия мебошад. “Аттестатсия ин тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғол намуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ”мебошад( ҚҶТ аз 11.03.2010,№603).[1,3]

Аттестатсия барои ба мувофиқа овардани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ бо талаботи тахассусии вазифа пешбинӣ шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия дар бораи зарурати такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, самтҳои тайёрӣ ва такмили касбии онҳо муайян карда шуда, масъалаи пешбарӣ, муқаррар намудани иловапулӣ, додани категорияи тахассусӣ ба шахсони мансабдор қабул карда мешавад. Ҳамин тариқ, аттестатсия дар системаи кор бо кадрҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия мавқеи марказӣ дорад.

Яке аз воситаҳои асосии татбиқи сиёсати кадрӣ, ки дар қонун тасдиқ гардида, ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар интихоб, такмили ихтисос ва ҷо ба ҷо гузории хизматчиёни давлатӣ ин аттестатсия мебошад, ки барои ба мувофиқа овардани сатҳи касбии онҳо бо талаботи тахассусии вазифа пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, аттестатсия дар системаи кор бо кадрҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия мавқеи марказӣ дорад.

Аттестатсия, яъне талабот ба шаклҳои гуногуни фаъолият дар ҷомеа таърихи хеле қадима дорад. Дар Бобулистони қадим дар байни ҳазорсолаи 111 –и пеш аз мелод нисбат ба фаъолияти котибон талаботҳои махсус вуҷуд дошт. Онҳо бояд фаъолиятҳои арифметикӣ, ботаника ва илмҳои замонавии навро хуб донанд, сипас онҳоро ба кор қабул мекарданд.

Дар Мисри қадим барои коҳинон системаи махсуси озмоиш вуҷуд дошт. Аз номзад барои фаъолияти коҳинӣ тести махсус гирифта мешуд, ки дар раванди он

тарҷумаи ҳол, дараҷаи дониш ва маълумоти ӯ, фаъолияти сӯҳбат гузаронида тавонистан ва ё натавонистани ӯ муайян карда мешуд. Дар раванди хизмат намудан чунин хусусиятҳои коҳин ба мисли фаъолияти корӣ, меҳнатдӯстӣ, сирнигоҳдорӣ, хомӯш ва ором нигоҳ дошта тавонистани худ, дар об, дар оташ, танҳо дар зери замин худро нигоҳ дошта тавонистан тафтиш карда мешуд. Чунин системаи омӯзиш дар мактаби Пифагор низ вуҷуд дошт. Дар вақти қабул ба хизматӣ шаҳрвандӣ дар империяи Хитой, 3000 сол пеш номзад аз системаи махсуси супоришҳо мегузашт. Системаи махсуси интихоби кадр ба воситаи имтиҳон вуҷуд дошт, барои хоҳишмандоне,ки дар аппарати маъмурӣ кор кардан мехостанд. Шахсони мансабдор дар се сол як маротиба аз худи император дар шаш шакли санъат: мусиқӣ, тирпаронӣ аз камон, аспсаворӣ, навиштан, ҳисоб, дониш дар бораи расму оин ва маросимҳо имтиҳон мегирифтанд [5, с. 199 ].

Дар Эронзамин низ чунин шаклҳои омӯзиш ва санҷиш (ҳаммонанд бо аттестатсия имрӯза) барои қабул ба кор ва фаъолиятҳои идоракунӣ мавҷуд буд ва имтиҳонгирандагон дар ҷойи аввал хираду донишро мегузоштанд. Оид ба ин масъала дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ чунин омадааст. Инсон ва хирад ин ду офаридаи Худованд бо ҳам сахт алоқамананданд ва яке бе дигаре вуҷуд надорад. Инсон барои ташаккулу такомули худ аз хирад баҳра мебарад, аз тарафи дигар вай барои рушду ташаккули хирад бояд доимо аз баҳри беканори дониш бархӯрдор бошад.

...Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.
Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Зи омӯхтан як замон нағнавӣ.
Чу дидор ёбӣ ба шохи сутун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун [6, с. 26].

Ба андешаи шоир ба даст овардани дониш ранҷу заҳмати зиёдеро талаб менамояд, лекин баъд сабаби эмин мондан аз ҳама зиштиву офат ва бадиҳо мегардад.

Ба ранҷ андарорӣ танатро равост,
Ки худ ранҷ бурдан зи дониш сазост [6,29 ]

Ба ақидаи шоир танҳо ба туфайли ақлу хирад ва дониш инсон метавонад аз амалҳои зишт даст кашад, некро аз бад ҷудо намояд ва ба адлу дод бирасад. Дониш аз назари мутафаккир ёвару мададгори хирад аст, доимо хирадро ғизову нерӯ мебахшад. Фирдавсӣ низ ба мисли Рӯдакӣ донишро барои инсон ҷавшане медонад, ки ӯро аз хатар, бадӣ, зиштиву нерӯҳои зишти эмин медонад. Ва дар фасли “Пурсиши мӯбадон аз Ҳурмузд ва посух додани ӯ” нақл мекунад,ки Ҳурмузд писари Нӯшинравонро пеш аз ба тахт нишастан мӯбадон имтиҳон менамоянд ва аз ӯ мепурсанд, ки чӣ чиз ҳаст, ки аз ӯ ҷону хирад пок ва ҷисми ту равшан аст. Ҳурмузд ба ин саволи мӯбадон чунин ҷавоб медиҳад:

Чунин дод посух,ки дониш беҳ аст,
Ки доно бари меҳтарон – бар меҳ аст.
Ба дониш бувад мардро эманӣ,
Бубандад зи бад дасти оҳарманӣ. [7,239]

Шахсе, ки барои дониш гирифтан сайъу кӯшиш менамояд, аз ҳама қудратманд аст, яъне ба ақидаи мутафаккир дониш ин қувва аст.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад. [7,248]

Шоир панду андарзҳои худро ба шоҳону ҳокимон дар фаъолияти давлатдориашон аксар вақт аз забони файласуфону мубадон, ки дар “Шоҳнома” тимсоли хирадмандонанд, баён намуда, таъсир ва дарки пандҳоро бештару афзунтар

гардонидааст.Ӯ аз“Пандномаи Бузургмеҳр” фаровон истифода намуда аз забони Бузургмеҳри ҳаким дар бораи нақш ва мақоми донишу хирад дар ҳаёти инсон,барои идоракунандагон чунин мегӯяд:

Зи дониш чу ҷони туро моя нест,
Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пероя нест.
Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,
Хирадро зи ту бугсилад доварӣ...
Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад....
Фурӯтан бувад шоҳ,ки доно бувад,
Ба дониш бузургу тавоно бувад. [15,52.]

Раванди доимиии фаъолияти аттестатсионӣ дар фаъолиятҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъияти ва самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ дар шакли васеъ замони шӯравӣ пайдо шуд. Асосгузори давлати шӯравӣ В.И.Ленин нақши ҳалкунанда ва аҳамияти назаррас доштани кадрҳоро дар сохтумони сотсиализм чандин маротибаҳо қайд карда буд. [19,110]

Баъди ба анҷом расидани ҷангӣ шаҳрвандӣ дар давлати шӯравӣ норасогии кадрҳои баланд ихтисос дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъияти ҳис карда мешуд. Дар алоқаманди бо ҳамин масъала аз тарафи ҳукумат барои интихоби кадрҳои баланд ихтисос як қатор меъёрҳо ва шаклҳои баҳодиҳӣ ба сифати шахсони ба кор қабул шаванда ба назар гирифта шуда буд ба мисли: бо виҷдонӣ, мавқеи сиёсӣ, қобилияти маъмурӣ, кордонӣ ва ғайра. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар давраи шӯравӣ дар баробари тафтиш ва баҳодиҳӣ ба сифати кордонии коргарон инчунин сифатҳои сиёсии онҳо низ ба назар гирифта мешуд. Ба ақидаи В.И.Ленин барои баланд шудани самара ва сифати истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар вақтӣ ба ягон кор ва вазифа гирифтан ва таъин кардан, коргар бояд аз якчанд коммунистҳо тавсия гирад, дониши сиёсӣ ва кории ӯ оиди давлат ва давлатдорӣ санҷида шавад, асосҳои илми замона, идоракунӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва кор бо аъзоёни КМ-ро бояд нағз донад.[19,393-394]

Омӯзиши аттестатсия давраи шӯравӣ нишон медиҳад, ки мақсад ва функсияи аттестатсия ин: назорати сатҳи омодагии доимии кадрҳо, интихоби хуб ва ҷо ба ҷо гузории дурусти кадрҳо мебошад. Мақсад ва фазифаи аттестатсия дар шароити кунуни низ аз ҳамин чиз иборат аст ва аттестатсия дар замони истиқлолият низ манша аз ана ҳамин шаклҳо мегирад.

Самаранокии фаъолияти касбӣ дар идораи давлатӣ пеш аз ҳама аз интихоби дурусти кадрҳо вобаста буда, дар ин раванд аз малакаю лаёқати касбии ҳайати кадрӣ вобастагии амиқ дорад.

Дар ин замина, аттестатсия нақши муҳим бозида, чун воситаи дурусти интихоб, тарбия, ҷо ба ҷо гузорӣ, идоракунии миқдорӣ ва сифатии кормандон барои дар амал татбиқ намудани мақсади мақомоти давлатӣ ва таъмини фаъолияти самараноки он равона карда шудааст.

Мақсади асосии аттестатсия фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва мусоидат ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ дар интихоб, ҷо ба ҷо гузорӣ ва болоравии мансабии кадрҳои босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ мебошад [8,35].

Вазифаҳои асосии истифодабарии аттестатсия ин таҳкими иқтидори кадрӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчии давлатӣ, муайян намудани самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ, сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии

давлатӣ, эҳтиёҷот ба таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчии давлатӣ ва ҳавасманд гардонии хизматчии давлатӣ аст. Баҳодиҳии фаъолияти кормандон ин барои посух додан ба саволе, ки то чӣ андоза самаранокии кори кормандон аз он вобастагӣ дорад мебошад. Барои ин пеш аз ҳама мафҳуми самаранокиро муайян кардан лозим аст.

Мақсади ниҳоии баҳодиҳии кадрҳо ин баҳогузорӣ кардани параметрҳое мебошад, ки метавонанд ба беҳтар кардани фаъолияти умумии муассиса, корхона, мақоми давлатӣ таъсир расонанд. Чунин параметрҳо, масалан, самаранокии инфиродии ҳар як корманд; сатҳи дониш ва малакаи зарурӣ барои иҷрои кор; иштироки кормандон ва ғайра мебошад.

Муносибати муосир ба баҳодиҳии кори кормандон ба он асос ёфтааст, ки баҳогузорӣ кардани натиҷаи ниҳоӣ кифоя нест, инчунин бояд муайян карда шавад, ки корманд то чӣ андоза чунин сифатҳоро нишон медиҳад ва чунин рафтори меҳнатиро нишон медиҳад, ки шарти самаранокии фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Азбаски баҳодиҳии самаранокӣ ба чораҳои ислоҳии минбаъда нигаронида шудааст, пас бо муносибати маҷмӯӣ объектҳои таҳлил он омилҳое мебошанд, ки ба кори кормандон мустақиман ё бавосита таъсир мерасонанд, бинобар ин бояд омилҳои таъсирбахш ба самаранокии касбӣ баррасӣ карда шаванд. Барои сохтани системаи арзёбӣ, ки барои рушди корхона кор мекунад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва стратегии он кӯмак мекунад, бояд возеҳ фаҳмем, ки кадом омилҳо ба самаранокии кормандон таъсир мерасонанд.

Омилҳое, ки ба фаъолияти касбии кормандон таъсир мерасонанд, метавонанд ба ду категорияи васеъ тақсим карда шаванд:

-омилҳои ба корманд вобаста,

- омилҳое, ки аз ҷониби ташкилот таъсир мерасонанд. Ҳар яке аз ин омилҳо ба сатҳи корӣ одамоне, ки дар корхона кор мекунанд, мусоидат мекунанд. Дар ҳамин ҳол, рушди сусти ягон омили мушаххас ҳатман ба самаранокии кор таъсири калон намерасонад. Набудани таъсири мусбати баъзе омилҳо метавонад то андозае бо саҳми бештари дигарон ҷуброн карда шавад [9,343].

Баҳодиҳӣ дар ҳар як марҳилаи кор бо кадрҳо бо ин ё он роҳ сурат мегирад. Баҳодиҳии ғайри нақшавӣ ҳангоми маҷбур кардани роҳбарӣ ба ин тартиб гузаронида мешавад, масалан, ҳангоми ба кор қабул кардани корманди нав, ҳангоми санҷиши корманди нав, агар ягон мушкилот дар муносибатҳои байни шуъбаҳо ё аз нав ташкилдиҳии корхона муайян карда шавад, аризаи корманд дар бораи зиёд кардани маош ё гузаштан ба вазифаи нав ва ғайра. Дар ин бобат ташаббус аз тарафи роҳбари бевоситаи корманд мебарояд. Баҳодиҳии банақша гирифтаи кадрҳо одатан бо ташаббуси директори генералӣ гузаронида мешавад, зеро он ба шумо имкон медиҳад вазъи корҳоро дар дохилӣ корхона таҳлил кунед ва дар таҳияи стратегияи рушди минбаъда кӯмак мекунад.

Аз ин рӯ, ҳадафҳои баҳодиҳии кадрҳо гуногун хоҳанд буд. Дар ҳолати баҳодиҳии банақша гирифта ин метавонад таҳияи нақшаҳои инфиродии касб, таъсиси системаи такмили ихтисос ва таъсиси резерви кадрҳо, аз нав дида баромадани системаи ҳавасмандкунӣ, таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба корҳои дохилӣ бошад. PR(робита бо ҷомеа) ва рушди бренди HR(идоракунии ҳайат), тасдиқи усулҳои ҷалб, тағйирот дар сохтори ташкилии корхона ва ҷорӣ намудани вазифаҳои нав дар ҷадвали штатӣ мебошад. Баҳодиҳии маҷбурӣ барои қабули қарор аз рӯи як масъалаи мушаххас истифода мешавад ва натиҷаҳо бештар аз стратегӣ амал мекунанд.

Дар асоси ҳадафҳои баҳодиҳии кадрҳо тартиби баҳодиҳӣ таҳия карда мешавад. Якчанд намуди равандҳои арзёбӣ вуҷуд доранд. Якум, ин баҳодиҳии бевоситаи кадрҳо мебошад, ки барои баҳодиҳии корманд, сифатҳои инфиродӣ ва дониш, малака ва маҳорати касбии ӯ истифода мешавад. Навъи дуюм - баҳодиҳии самаранокии фаъолият, ки дар моҳияти худ ҷамъбасти натиҷаи кори корманд дар давраи муайян мебошад. Ва, ниҳоят, намуди сеюми расмиёти арзёбӣ - баҳодиҳии вазифа баҳодиҳии аҳамияти мавқеи муайянро барои корхона бо баҳодиҳии минбаъдаи арзиши он дар бар мегирад.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ҳадафҳои баҳодиҳии кадрҳо нисбат ба ҳадафҳои аттестатсия хеле васеъ таранд. Аттестатсия танҳо ба муайян кардани мувофиқати мутахассис ба вазифаи нигаронида шуда, танҳо дониш, маҳорат ва маҳорати касбии корманд (бе назардошти хусусиятҳои шахсӣ, ки бо вуҷуди ин ба самаранокии кор таъсир мерасонад) ба инобат мегирад. Баҳодиҳии кадрҳо бошад на танҳо мувофиқати кормандро ба вазифаи ишғолкардааш ошкор мекунад, балки барои баҳодиҳии иқтидори корманд, ба нақшагирии рушди касбии ӯ, гирифтани фикру мулоҳизаро низ ба инобат мегирад.

Ҳамин тариқ, фарқияти байни баҳодиҳӣ ва аттестатсияи кадрҳо хеле назаррас аст ва аз ин рӯ, дар истифодаи истилоҳот бештар дақиқтар ба кор бурдан лозим аст. Барои баҳо додан ба ҳайати кормандони дар корхона гузаронида шуда танҳо истилоҳи «аттестасия»-ро истифода бурдан лозим аст, зеро расмиёт маънои дигар, мақоми ҳуқуқии дигар, инчунин қарорҳои дар асоси натиҷаҳои он қабулшударо пайдо мекунад. Ин истилоҳот бояд бо дар назардошти он, ки эҳтимолияти баҳси дидгоҳӣ бо корманде, ки бо қарорҳои дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳӣ ё аттестатсияи кормандон қабулшуда розӣ нест, истифода шавад.

Аттестатсия барои баҳодиҳии мутобиқати роҳбарон, мутахассисон ва кормандон ба талаботи вазифаашон истифода мешавад. Аттестатсия шарти ҳатмии кор на танҳо барои хизматчиёни давлатӣ, балки барои як қатор коркунон ва хизматчиёни идораю муассисаҳои давлатӣ ва дар баъзе мавридҳо барои дигар корхона, сарфи назар аз шакли моликият мебошад. Барои зиёд кардани категорияи коргарон бо душвории кораш (ва ба ин муносибат зиёд шудани музди меҳнат) дар комиссияҳои тахассусӣ имтиҳонҳо ташкил карда шуданд. Бо гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ аксар корхонаҳо аз аттестатсия ҳамчун арзиши сотсиализм даст кашиданд. Бо вуҷуди ин, сабку услуби корбарии навъи корхонаҳои ғарбӣ, ки ба кишвар омад, инчунин равишҳои баҳодиҳии кадрҳоро дар тӯли солҳои зиёд таҳия кард. Маълум шуд, ки ин равишҳо аз равишҳои ба роҳбарони корхонаҳо ошношуда ба куллӣ фарқ мекунанд.

Сарфи назар аз навовариҳои ин равишҳо, ки масъулияти ба таври назаррас баландтари менеҷери хаттӣ барои арзёбиро дар назар доранд, ин равишҳо тадриҷан ҷой гирифтаанд. Агар мо дар бораи ҷанбаи ҳуқуқии гузаронидани баҳодиҳии мунтазами кадрҳо дар ташкилотҳо сухан ронем, пас он ҳанӯз хеле суст инкишоф ёфтааст. Дар кодекси кӯҳнаи меҳнат мафҳуми «аттестатсия» вуҷуд надошт ва дар низомномаи идоравӣ тартиби аттестатсия танҳо барои баъзе корхонаю ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тавсиф карда шудааст.

Аттестатсия раванди баҳодиҳии самаранокии иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд мебошад, ки аз ҷониби роҳбари бевоситаи ӯ амалӣ карда мешавад. Аттестатсияи кадрҳо – фаъолияти кадрӣ, ки барои баҳодиҳии мутобиқати сатҳи кор, сифатҳо ва иқтидори шахс ба талаботи фаъолияти иҷрошаванда пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии аттестатсия на назорати фаъолияти ҷорӣ (ҳарчанд ин нишондод низ ниҳоят муҳим аст), балки муайян кардани захираҳо барои баланд бардоштани сатҳи бозгашти кормандон мебошад. Функсияҳои аттестатсия байни менеҷерони хаттӣ

(менеҷерҳо) ва менеҷерони кадрҳо (хидматҳои кадрӣ) тақсим карда мешаванд. [11,12-18]

Ҳамин тариқ, дар аттестатсия на танҳо кормандони хадамоти кадрӣ, балки роҳбарони соҳа низ иштирок мекунанд.

Аттестатсия як шакли баҳодиҳии шахсест, ки онро танҳо шахси дигар дода метавонад (бар хилофи дастгоҳи техникӣ, ки параметрҳо ва хусусиятҳои онро тавассути воситаҳои техникӣ баҳогузорӣ кардан мумкин аст). Аз ин рӯ, аттестатсия ҳамеша субъективӣ аст, зеро он дорои нишони шахсияти шахсе мебошад. Ин як зиддият пайдо мешавад - хоҳиши ба таври объективӣ баҳо додан ба он чизе, ки ба таври объективӣ баҳо додан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, таҳаввулоти тартиби аттестатсия равшан аст ва татбиқи он дар ширкатҳои пешрафта расмият нест, балки асоси динамикаи кадрҳо мебошад. Аттестатсия якчанд марҳиларо дар бар мегирад ва аслан раванди муттасил буда, мониторинг, мониторинги давравӣ ва аттестатсияи ниҳоиро дар бар мегирад. Марҳилаҳои асосии раванди аттестатсия инҳоянд: омодагӣ, аттестатсия ва ҷамъбаст.

1.Омӯзише, ки аз ҷониби шӯъбаи кадрҳо гузаронида мешавад, иборат аст аз:

- таҳияи принсипҳо ва усулҳои аттестатсия;
- интишори ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тайёр кардан ва гузаронидани аттестатсия (фармоиш, рӯйхати комиссияи аттестатсионӣ, методологияи аттестатсия, нақшаи аттестатсия, барномаи таълимии роҳбарон, дастурҳо оид ба нигоҳдории маълумоти шахсӣ);
- таҳияи барномаи махсус барои омодагӣ ба фаъолияти аттестатсия (ҳангоми гузаронидани аттестатсия бори аввал бо усули нав);
- тайёр кардани материалҳои аттестатсия (формаҳо, бланкаҳо ва ғайра).

2.Гузаронидани аттестатсия:

- аттестатсияшуда ва роҳбарон мустақилона (мувофиқи сохтори таҳиякардаи хадамоти кадрҳо) ҳисобот омода мекунанд;
- аттестатсияшуда ва на танҳо роҳбарон, балки кормандон ва ҳамкорон варақаҳои арзёбӣро пур мекунанд;
- натиҷаҳо таҳлил карда мешаванд;
- маҷлисҳои комиссияи аттестатсионӣ барпо мегарданд.

3. ҷамъбасти натиҷаҳои аттестатсия:

- таҳлили маълумоти кадрӣ, воридкунӣ ва ташкили истифодаи маълумоти шахсӣ;
- омода намудани тавсияҳо оид ба кор бо кадрҳо;
- тасдиқи натиҷаҳои аттестатсия.
- Таҳлили натиҷаҳои аттестатсия: баҳодиҳии меҳнат (муайян кардани коргароне, ки ба нормаҳои меҳнат мувофиқ нестанд,муайян кардани кормандоне, ки ба меъёрҳои меҳнат мувофиқат мекунанд, муайян кардани коргароне, ки нормаҳои меҳнатро хеле барзиёд иҷро мекунанд, ташхиси сатҳи инкишофи сифатҳои муҳими касбӣ, муқоисаи натиҷаҳои инфиродӣ бо талаботи стандартии кор (аз рӯи сатҳҳо ва хусусиятҳои вазифаҳо), баҳодиҳии дурнамои самаранокии фаъолият, баҳодиҳии афзоиш, ротатсия). [11,13]

- баҳодиҳии кадрҳо.

3.Ҷамъбасти натиҷаҳо:

- ҷадвалҳои муқоисавии самаранокии фаъолияти кормандон тартиб дода мешаванд;
- гурӯҳҳои хавф муайян карда мешаванд (кормандони бесамар ё коргарони дорои сатҳи пасти инкишофи сифатҳои муҳимтарини касбӣ);

- гурӯҳҳои афзоиш ҷудо карда мешаванд (кормандоне, ки ба рушд ва рафтори касбӣ нигаронидашуда ва қодиранд);
- тавсияҳо оид ба истифодаи маълумоти аттестатсионӣ омода карда мешаванд.

Хулоса моҳият ва мақсади асосии аттестатсия ин амали гардонии сиёсати кадрӣ, воситаи баҳодиҳӣ ва воситаи баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиён мебошад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи хизмати давлатӣ”, аз 5 марти соли 2007 №233.
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 31.12.2008. № 582.
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои ҳоли маъмурии хизмати давлатӣ”, аз 20.05.2009. № 659.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 14.01.2010. № 756.
5. Аванесов В.С. Тесты в социологическом исследовании. М.: Наука, 1982- 199 с.
6. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома.ҷ.1.Душанбе: Адиб,2007-540 с.
7. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома.ҷ.9.Душанбе: Адиб,2009-570 с.
8. Базаров Т.Ю. Еремин Б.Л. Управление персоналом, М.: Юнити, 2012. - 392 с.
9. Веснин В.Р. Практический менеджмент персонала. М.: Юрист, 2010. - 404 с.
10. Вучкович-Стадник А. Оценка персонала. М.: Эксмо, 2008. - 376 с.
11. Грибкова И.А. Оценка государственных служащих // Государственная служба. 2011. №11. с.12-18.
12. Деркач А.А.Акмеологическая оценка профессиональной компетентности государственных служащих, учебное пособие. М.: РАГС, 2009. - 227 с.
13. Каримов К.М. Китоби хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон : моҳият ва принсипҳои ташкил. Душанбе 2006.347с.
14. Кибанов А.Я., Дуракова И.Б. Управление персоналом организации. Отбор и оценка при найме, аттестации. М.: Экзамен, 2008 - 483 с.
15. М. Муллоаҳмад. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ. Душанбе: Деваштич, 2003-150 с.
16. Ойев Х. Китоби хидмати давлатӣ. Душанбе 2020.216с.
17. Пирназаров А.И. Тафсири баъзе масъала ва истилоҳоти соҳаи хизмати давлати. Нашриёти “Эҷод”, Душанбе -2009
18. Поршнев А.Г. Менеджмент. Теория и практика в России. М.: Инфра-М, 2007. - 304 с.
19. Ленин В.И. Полное собрание сочинений. Т.45-645с.
20. Турчинов А.И. Оценка и профессиональное развитие государственных служащих. М.: РАГС, 2009. - 350 с.
21. Турчинов А.И. Управление государственной служба. М.: РАГС, 2010. - 404 с.
22. Федосеев В.Н., Капустин С.Н. Управление персоналом организации. М.: Проспект, 2009. - 304 с.
23. Цветаев В.М. Управление персоналом. СПб.: Питер, 2010. - 431 с.
24. Шапиро С.А. Управление человеческим ресурсом. М.: Гроссмедиа, 2008. - 274 с.
25. Шекшня С.В. Управление персоналом современной организации. М.: Юрайт, 2008. - 308 с.
26. Шлендер П.Э. Управление персоналом. М.: Юнити, 2005. - 430 с.

# ИЗ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ АТТЕСТАЦИИ СОТРУДНИКОВ В ОРГАНАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

**САЙФУДДИНОВА РИСОЛАТ РАХМАТУЛЛОЕВНА,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 887-70-92-92.

*В данной статье представлены сведения об истории аттестации и ее особенностях в Вавилоне, Китае, Иране и Советском Союзе. Автор отмечает, что аттестация имеет давнюю историю и совершенствовалась и формировалась в зависимости от времени и структур управления. В современных условиях он, как правило, включает несколько стадий, представляет собой непрерывный процесс и имеет различные механизмы.*

*Автор попытался показать место аттестации государственных служащих в профессиональном развитии. Продвижение по службе оценивается в статье с двух подходов, во-первых, государственный служащий должен быть готов к продвижению по службе, а во-вторых, непредвзято государственный служащий, обладающий профессиональными способностями, должен наблюдаться государственным органом при его продвижении по службе. При этом в статье также анализируются принципы и этапы аттестации и ее роль в эффективности государственных служащих.*

***Ключевые слова:*** *аттестация, принципы аттестации, государственные служащие, государственная служба, политические качества, мудрость, знания, кадровая политика, система государственной службы, профессиональные качества, профессиональная компетентность, механизм обеспечения профессионализма, государственные органы, аттестационная комиссия.*

# FROM THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF EMPLOYEE CERTIFICATION IN GOVERNMENT BODIES

**SAYFUDDINOVA RISOLAT RAHMATULLOEVNA,**
Applicant of the department of administrative law and civil service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 887-70-92-92.

*This article provides information about the history of certification and its features in Babylon, China, Iran and the Soviet Union.*

*The author tried to show the place of certification of civil servants in professional development. Career promotion is evaluated from two approaches in the article, firstly, the civil servant should be ready for career promotion, and secondly, without bias, the civil servant with professional ability should be observed by the government authority in his career promotion. At the same time, the principles and stages of certification and its role in the effectiveness of civil servants are also analyzed in the article.*

***Keywords****: attestation, principles of attestation, public servants, public service, public service system, professional qualities, professional competence, mechanism of ensuring professionalism, professional skills, public bodies, wisdom, knowledge, personnel policy, attestation commission.*

УДК: 347. 779 (575.3)

# ПРОБЛЕМЫ ПРОПРИЕТАРНОЙ КОНЦЕПЦИИ И КОНЦЕПЦИИ ИСКЛЮЧИТЕЛЬНЫХ ПРАВ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ПРАВ НА РЕЗУЛЬТАТЫ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И СРЕДСТВА ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ

**СИДИКОВ ДИЛШОД АХРОРОВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права
Российско-Таджикского (Славянского) университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30.
Тел.:(+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

*В данной статье подчеркнуто, что в ходе формирования и становления прав на продукты интеллектуального труда обычно разделяют три периода. Вначале это была система привилегий, затем – национальные законы, а после и международные договоры. В аспекте прав на продукты интеллектуального труда были рассмотрены вопросы становления и развития проприетарной концепции и концепции исключительных прав. Вместе с тем анализированы различные точки зрения сторонников этих концепции. Высказывается о недостатках проприетарной концепции и концепции исключительных прав. Кроме того, указывается на влияние обозначенных концепции в формирование категории «интеллектуальная собственность», понятие которого нашло отражение в ст. 2 Стокгольмской конвенции, учредившей Всемирную организацию интеллектуальной собственности (1967 г.).*

***Ключевые слова:*** *проприетарная концепция, концепция исключительных прав, результаты интеллектуальной деятельности, средства индивидуализации, интеллектуальная собственность, нематериальные объекты, промышленная собственность, авторское право, гражданское право, право собственности, исключительные права, государство.*

Развитие экономики в том или ином государстве, опосредуется новыми общественными отношениями, и прежде всего имущественными, которые требуют надлежащей правовой регламентации. Совсем недавно, в имущественный оборот наряду с материальными благами, которые главенствовали в своей экономической ценности, вошли такие нематериальные блага, как результаты интеллектуальной деятельности и приравненные к ним средства индивидуализации юридических лиц, товаров, работ, услуг и предприятий (далее средства индивидуализации), которые в экономической ценности никак не уступают материальным благам. Ибо в настоящее время в условиях развития электронного рынка, международного товарообмена и коммерциализации именно эти объекты вносят огромный вклад в экономику развитых стран мира. Однако следует отметить, что денежные средства, направленные на проведение научных исследований и разработки новейшей техники и технологий, приносят ощутимую пользу в экономику лишь только тогда, когда в соответствующем образе обеспечивается охрана продуктов творческого труда и средств индивидуализации.

На начальном периоде развития общественных отношений связанных, с продуктами творческого труда и средств индивидуализации, последние не выступали как самостоятельные объекты правоотношений. При таких обстоятельствах, соответственно не были специальные нормы, которые регламентировали бы отношения, связанные с созданием и использованием отмеченных объектов. Формирование нормативной базы для юридической регламентации, в первую очередь было сопряжено с надобностью вовлечения продуктов интеллектуального труда и средств индивидуализации в имущественный оборот.

Составляющие права на продукты интеллектуального труда развивались параллельно. В ходе формирования и становления прав на эти нематериальные блага обычно разделяют три периода. Вначале, это была система привилегий, затем – национальные законы, а после и международные договоры [41, с. 21-22].

Прежде всего, следует подчеркнуть, что система привилегий главным образом была направлена на стимулирование разработок и создание новых изобретений и объектов авторских прав. А формирование такой системы, как выдача привилегий было вызвано с развитием массового книгопечатания. Привилегия давала ее обладателю право на издание определенной книги и позволяло требовать запрета ее размножения другими издателями [34, с. 123]. Однако данная система была направлена для защиты имущественных интересов обладателей привилегий. К сожалению, на данном этапе развития создатели произведений оставались за бортом - не наделялись соответствующими правами. Люди неизменно имели желание и стремились защитить свои результаты интеллектуальной деятельности. Лишь в конце XVIII века в ряде стран стали признаваться права творцов (авторов) в отношении свох интеллектуальных трудов.

*outcomes of such amendments. Additionally, the author delineates the framework of the 'whistle-blowing' that has proved to be essential in terms of misuse of discretionary powers. Finally, the author takes heed on the opportunities aimed at enhancing efficiency of the use of discretionary powers, as well as harmonizing their efficiency in order to reduce the number of judicial rulings invalidating such acts.*

**Keywords:** *administrative body, law of administrative procedures, effectiveness, discretion power, legality, appropriateness of the measures taken, responsibility.*

УДК: 247.314

# ҲУҚУҚИ ИНСОН БА МАНЗИЛ: АСОСҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛӢ

**ҶУМЪАХОНИ САИДШОИ ЛАТИФЗОДА,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: (+992) 985-90-50-81. E-mail: jumakhon.S@.mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҳуқуқи субъективии ҳар як шахс мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҳуқуқи бунёдии ҳар як шахс дар сатҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти универсалӣ ва минтақавӣ дошта, ҷойгоҳи муҳимро касб менамояд. Дар низоми қонунгузории миллӣ шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ба манзилро пешбинӣ намуда, ҳамчунин раванди амалишавии ин ҳуқуқи шахс дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ муайян гардидааст. Дар маҷмуъ, асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқ ба манзил бо дарназадошти назарияҳои илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи инсон ба манзил; конститутсия; санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; қонунгузории манзил; қонунгузории мадани; қонунгузории шаҳрсозӣ; Эъломияи умумии ҳуқуқи башар; Паймон; Ковенсия; ҳуқуқи инсон; манзил; дахлнопазирии манзил; асосҳои ҳуқуқӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.*

Дар замони ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳими мавриди танзими васеи ҳуқуқӣ қарор дошта, ин ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳсуб мегардад, ки аҳамияти универсиалӣ доранд. Вобаста ба ин санадҳои зиёди байналмилалӣ, минтақавӣ ва меъёрии ҳуқуқии дохилӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки моҳият, мазмун, кафолатҳо, ӯҳдадориҳо ва механизмҳои ҳимоя ва амалишавии онҳоро танзим менамоянд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз як тараф зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ба шумор меравванд.

Бахри амалишавии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҶТ ба роҳ мондани таҳлил ва омӯзиши он ҳамчун василаи муҳими мукаммалгардонии маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа зарур шуморида мешавад, ки дар шароити муосир ин ҳолат бештар ба амалисозии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар кишвар вобастагии амиқ пайдо мекунад.

Дар ин замина, яке аз ҳуқуҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки аҳамияти махсусро касб мекунад, ин ҳуқуқ ба манзил мебошад. Ҳуқуқ ба манзил аз ҷумлаи ҳуқуқҳои субъективии ҳар як шахс ба шумор рафта, ҳамчун заминаи бунёдии таъмини зиндагии арзанда дар шароити муосир ба шумор меравад.

Воқеан манзил асоси саломатӣ ва некуаҳволии инсон аст ва амалӣ гардидани ҳуқуқи шахс ба манзил василаи муҳими зиндагии осуда маҳсуб мегардад. Ҳуқуқ ба манзили мувофиқ ҷузъи ҷудонашавандаи консепсияи «дараҷаи зиндагии шоиста барои ҳама» маҳсуб мегардад. Ин ҳуқуқ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар гардида, унсури маҷмӯи ҳуқуқҳоест, ки барои рушди озоди шахсият дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамояд [14, с. 216].

Ҳуқуқ ба манзили муносиб ба категорияи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ таллуқ дорад, ки ба рушди он созмонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар таваҷҷуҳи бештар доранд. Ин ҳуқуқ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофи умумӣ пайдо кардааст.

Ҳуқуқ ба манзил дорои тавсифоти назариявӣ, таърихӣ ва ҳуқуқӣ буда, мазмуну моҳият ва доираи амалишавии он дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва

байналмилалӣ мавриди танзим қарор дода шудааст, ки инҳо асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзилро ташкил медиҳанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар танзими муносибатҳо вобаста ба ҳуқуқ ба манзил асосҳои ҳуқуқии он нақши асосиро ишғол менамоянд. Ба сифати асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба манзил метавон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллиро тавсиф намуд.

Дар миёни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (минбаъд – ЭУҲБ) мавқеи муҳим ва асосиву заминавиро касб менамояд, чунки дар ҷаҳонӣ муосир баҳри таъмину инкишофи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ин эъломия хизмати арзанда намудааст. Дар ин замина, М.Н. Раҷабов қайд менамояд, ки "Аҳамияти таърихию ҳуқуқии ЭУҲБ дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин санади ҳуқуқи байналхалқӣ дар ҷодаи ҳуқуқи инсон ҳисоб мешавад, ки дорои характери универсалӣ мебошад. ЭУҲБ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналхалқӣ ягона санади ҳуқуқиест, ки мавқеи инсонро аз давлат баланд гузоштааст" [16, с. 89-90].

Пас аз қабули ЭУҲБ дар соли 1948 ҳуқуқ ба манзили муносиб ҷузъи муҳими низоми санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии универсалӣ ва аз ҷониби умум эътирофшуда дар соҳаи ҳуқуқи инсон гардид. Баъдан ин ҳуқуқ дар як қатор ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқи инсон, ки ҳар яки онҳо ба гурӯҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ (занон, кӯдакон, гурезаҳо, халқҳои хурд ва ғайра) дахл доштанд, мавриди танзим қарор дода шуд [14, с. 217].

Дар самти муайян намудани вазъи ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқ ба манзил дар ЭУҲБ муқаррароти бевосита пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар моддаи 12 Эъломияи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки "Ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона суиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё суиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд" [22].

Ҳамчунин, дар моддаи 25 ЭУҲБ низ муқаррарот оид ба ҳуқуқ ба манзили шахс дарҷ гардидааст. "Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад".

Муқарраротҳои Эъломияи мазкур манзили шахсро дахлнопазир эътироф намуда, дар сурати дахолати худсарона ва суиқасди худсарона ба ин ҳуқукро қатъиян манъ намудааст. Дар баробари ин, ҳимояи қонунии ҳолати вайронгардӣ ва суиқасди ин ҳуқукро бевосита пешбинӣ намудааст.

Ҳамзамон, дар заминаи муқаррароти моддаи 25 ЭУҲБ ҳуқуқи воқеии ҳар як инсон ба манзил, ҳамчун унсури сатҳи зиндагии шоиста кафолат дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамчунин ҳуқуқ ба манзили мувофиқ дар на камтар аз 12 санади мухталифе, ки аз ҷониби СММ қабул ва эълон шудаанд, ба таври возеҳ муқаррар гардидааст. Бисёре аз ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ ба манзили мувофиқро эътироф мекунанд, онро ҳамчун ҳуқуқе муайян мекунанд, ки бояд барои ҳар як шахс дастрас бошад. Чунин раванд дар шароити муосир муҳим ба шумор меравад, новобаста аз он ки дар баъзе санадҳо пешбинӣ мегардад, ки ҳуқуқ ба манзили мувофиқ бояд дар доираи гурӯҳҳои алоҳида таъмин карда шавад. Воқеан, ҳуқуқ ба манзили муносиб ҳуқуқи ҳар кӯдак, ҳар зан ва ҳар мард, новобаста аз он ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, мебошад.

Ҳамчунин, дар Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ махсусан дар моддаи 17-и он доир ба дахлнопазирии манзил муқаррарот пешбинӣ гардида, дар сурати мудохила ва суиқасд ба ин ҳуқуқ кафолати ҳимояи қонунро

муқаррар сохтааст. Аз ҷумла, пешбинӣ мегардад, ки “Ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҳеҷ кас дахолати худсарона ва ғайриқонунӣ намудан, ба дахлнопазирии манзил ё сирри мукотиботи ӯ худсарона ё ғайриқонунӣ суиқасд кардан ё ба шараф ва обрӯи ӯ ғайриқонунӣ суиқасд намудан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё чунин суиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд” [15].

Дар боробари ин, дар Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун омили таъмини сатҳи зиндагии арзанда кафолати ҳуқуқ ба манзилро барои давлатҳои аъзои Паймони мазкур бевосита муқаррар намудааст. Дар қисми 1 моддаи 1 Паёмони мазкур қайд мегардад, ки “давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар як фардро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилаи ӯ, ки хӯроки кофӣ, либос ва манзилро дар бар мегирад ва ҳуқуқ ба беҳбуди мунтазами шароити зистро эътироф мекунанд. Давлатҳои ширкаткунанда бо эътирофи аҳамияти муҳими ҳамкории байналхалқӣ, ки ба ризоияти озодона асос ёфтааст, доир ба таъмини амали шудани ин ҳуқуқ тадбирҳои лозима меандешанд” [15].

Ҳамчунин, санади дигари ҳуқуқии байналмиллалие, ки дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад намуда, дахлнопазирии манзилро таъмин менамояд, ин Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаи онҳо ба ҳисоб меравад. Мувофиқи м. 14-и ин Конвенсия “коргари муҳоҷир ва аъзои оилаи ӯ набояд мавриди сӯиқасди худсаронаву ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил... қарор гиранд” [19, с. 150].

Дар баробари ин, дар ду санади ҳуқуқии байналмилалии дигар, ки аз ҷониби СММ қабул гардидаанд, аз ҷумла, Эъломия дар бораи ташаккул ва рушди иҷтимоӣ (1969) ва Эъломияи Ванкувер оид ба ҷойгиршавии одамон (1976) ҳуқуқи ҳар як шахс ба манзили муносиб муқаррар гардидааст.

Ҳуқуқ ба манзили мувофиқ на танҳо дар шартномаҳо ва эъломияҳои дар боло зикршуда пешбинӣ гардидааст, инчунин дар бисёр резолютсияҳое, ки сохторҳои гуногуни дохилии СММ қабул кардаанд, баррасӣ шудааст. Ҳарчанд ин қарорҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд, онҳо дар таҳияи стандартҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда нақши муҳим мегузоранд. Ин усули эътироф нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳадди ақалл ба ҳуқуқи манзили муносиб таваҷҷуҳи пайваста ва ҳамаҷониба зоҳир мекунад. Аксари қарорҳо оид ба ҳуқуқи манзил ба давлатҳо нигаронида шудаанд, то онҳоро водор намоянд, ки барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ саъю кӯшиши бештар равона созанд.

Масалан, дар резолютсияи 42/146 Ассамблеяи Генералӣ бори дигар «зарурияти андешидани тадбирҳо дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ барои мусоидат намудан ба амалӣ гардондани ҳуқуқи ҳар кас ба сатҳи кофии зиндагонии худ ва оилааш, аз ҷумла бо манзили муносиб бевосита пешбинӣ гардидааст ва ҳамаи давлатҳои манфиатдор ва созмонҳои байналмилалиро даъват мекунад, ки ҳангоми татбиқи тадбирҳо оид ба таҳияи стратегияҳои миллии манзил ва барномаҳои беҳбуди маҳалҳои аҳолинишин ба татбиқи ҳуқуқ ба манзили муносиб таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд» [17].

Яке аз резолютсияҳои охирини он №1991/26, ки аз ҷониби Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон ва зеркомиссия оид ба пешгирии табъиз ва ҳифзи ақаллиятҳо қабул шудааст, ҳамаи давлатҳоро даъват мекунад, ки “сиёсат ва қонунгузории муассирро бо мақсади амалӣ гардонидани ҳуқуқи тамоми аҳолӣ ба манзили муносиб махсусан ба онҳое, ки дар айни замон бесарпаноҳанд ва ё манзили номуносиб доранд, роҳандозӣ намоянд” [21].

Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти манзили мувофиқ, бехатар ва муносиб қобилияти одамонро барои истифода бурдани як қатор ҳуқуқҳои дигар хеле зиёд мекунад. Яъне,

таъмини ҳуқуқ ба манзил асоси ноил шудан ба татбиқи дигар ҳуқуқҳо мебошад. Масалан, таъмини принсипи мувофиқ будани шароити манзил ва маишӣ ба дараҷаи амалишавии ҳуқуқ ба муҳити солим ва ҳуқуқ ба сатҳи баландтарини солимии равонӣ ва ҷисмонӣ бевосита мусоидат менамояд.

Дар баробари санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқ ба манзил дар заминаи меъёрҳои қонунгузории миллӣ низ мавриди танзим қарор дода шудааст. Муаллифони воситаи таълимии ҳуқуқи манзили ҶТ иброз медоранд, ки “низоми қонунгузории манзилро қонун, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳад, ки муносибатҳои манзилиро ба танзим медарорад” [20, с. 15].

Конститутсияи ҶТ [1] доир ба муқаррар намудани вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи аввалиндараҷаро касб намуда, заминаи низоми ҳуқуқии манзил ба шумор рафта, дахлнопазирии ҳуқуқ ба манзилро дар доираи моддаҳои 22 ва 36 бевосита пешбинӣ намудааст.

Аз ҷумла, дар моддаи 22 он муқаррар шудааст, ки “манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст”.

Воқеан чунин муқаррароти конститутсионӣ далолат ба он менамояд, ки манзили шахс ва ҳаёти шахсии ӯ дахлнопазир мебошад ва ин меъёр дар пасманзари нишондодҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар боло зикргардида, мустаҳкам карда шудааст.

Зӯран ба манзили шахс даромадан ё аз манзил набаромадан рафтори зиддиқонунӣ буда, ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро халалдор менамояд ва дар мавридҳои вайрон гардидани дахлнопазирии манзил ҳолати татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноӣ, интизомӣ ва маданӣ ба вуҷуд меояд [18, с. 138].

Дар моддаи 36 Конститутсияи ҶТ бошад, бевосита ҳуқуқи ҳар кас ба манзил ҳамчун заминаи фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ муқаррар гардида, тартиби амалӣ гардидани он пешбинӣ шудааст. Чунончи: “ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад”.

Бо дарназардошти талаботи меъёрҳои Конститутсияи ҶТ дар низоми қонунгузории кишвар ду маротиба кодексҳои манзил, аз ҷумла 12 декабри соли 1997 [5] ва дар таҳрири нав бошад, аз 18 марти соли 2022, № 1852 [6] қабул гардида, аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд.

Бояд қайд намуд, дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси манзили ҶТ заминаи асосии рушди асосҳои ҳуқуқии онро ташкил намуда, муқаррароти меъёрии муфассалро доир ба танзими ҳуқуқ ба манзил пешбинӣ намудааст.

Дар кодекси манзили амалкунанда масъалаҳои ҳуқуқ ба манзил, манзили истиқоматӣ ва фонди манзил, ба моликият гирифтани манзили истиқоматӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молики манзили истиқоматӣ ва аъзои оилаи ӯ, ҳуқуқи моликияти умумии моликони манзил, асосҳои идоракунии фонди манзил, идоракунии бевоситаи бинои бисёрхонагӣ, идоракунии бинои бисёрхонагӣ аз ҷониби ширкати моликони манзил, идоракунии бинои бисёрхонагӣ аз ҷониби ташкилоти идоракунанда, додани манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, истифодабарии манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, истифодабарии манзилҳои истиқоматии фонди манзили махсус гардонидашуда, таъсис ва фаъолияти кооперативии манзил, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои кооперативии манзил, иҷораи манзили истиқоматӣ, пардохти маблағи истифодабарии манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ, инчунин ҳалли баҳсҳои манзилӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузори манзил мавриди танзим қарор дода шудаанд.

Бояд иброз намуд, ки кодекси мазкур санади кодификатсионие маҳсуб мегардад, ки муносибатҳо дар соҳаи манзилро ба таври маҷмӯи ва комплексӣ муқаррар намуда, механизмҳои амалишавии ин ҳуқуқро муайян намудааст.

Ҳамчунин, низоми қонунгузории манзилро ба ғайр аз сарчашмаҳои номбаркардашуда, боз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хислати маданӣ-ҳуқуқӣ дошта, инчунин дигар қонунгузориҳои хислати оммавию ҳуқуқӣ дошта, ба монанди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунандаи ваколати мақомотҳои иҷроияи ҳокимияи давлатӣ, Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо дар соҳаи идоракунии фондҳои маҳаллии манзилӣ, ташкилотҳои фонди манзил оид ба истифодабарӣ ва таъмирӣ фонди манзил ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои манзилӣ, инчунин дар Кодекси мадании ҶТ аз аз 24 декабри соли 2022, 1918 [4] бевосита пешбинӣ гардидааст. Махсусан, дар моддаи 253 ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, дар моддаи 614 хусусиятҳои хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, дар боби 39, параграфи 9 иҷораи манзили истиқоматӣ, дар моддаи 761 шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ, ҳамчунин дар моддаи 1295 ҳуқуқи афзалиятноки меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос ва ғайра муқарраротҳо дар ин самт пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, дар Кодекси шаҳрсозии ҶТ аз 28 декабри соли 2012, №933 [11] низ як қатор меъёрҳо дар соҳаи ҳуқуқ ба манзил пешбинӣ гардидааст. Дар кодекси мазкур, дар баробари меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти шаҳрсозӣ, инчунин боби алоҳида, махсусан боби 8 ба масъалаҳои муқаррар кардани ҳолати ҳуқуқии сохтмони манзили шахсӣ пешбинӣ гардидааст. Дар он меъёрҳо дар бораи ҳуқуқӣ шаҳрвандони ҶТ ба сохтмони манзили шахсӣ, фонди манзили шахсӣ, меъёри масоҳати истиқоматӣ ва умумии манзили истиқоматии шахсии сохта шаванда, ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтмони манзилҳои шахсӣ, тартиби оғоз намудани сохтмони манзили шахсӣ, лоиҳаи иморатсозӣ дар қитъаи замин, хизматрасонӣ ва таъмири хонаҳои фондӣ манзилҳои шахсӣ ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Баъзе муҳаққиқон ба он назаранд, ки "Кодекси оилаи ҶТ 13 ноябри соли 1998 [10], агарчанде ки бевосита дорои меъёрҳои хислати ҳуқуқӣ манзилӣ надошта бошад ҳам, вале сарчашмаи ҳуқуқӣ манзил мебошад. Зеро дар заминаи муносибатҳои оилавӣ муносибатҳо оид ба додани бинои истиқоматӣ, танзими ҳолати ҳуқуқии аъзоёни оилаи иҷорагир, соҳибмулк, иштироки мақомотҳои васӣ ва парастор дар муносибатҳои манзилӣ амалӣ карда мешавад" [20, с. 17-18].

Ҳамзамон, дар Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996 [2] масъалаҳо оид ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқӣ моликият ба манзили истиқоматӣ (моддаи 27) ва додани қитъаҳои замин барои сохтмони манзил дар шаҳр ва андозаи он (моддаи $77^5$) пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, баҳсҳои манзилӣ аз рӯйи қоидаҳои Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз 5 январи соли 2008 [7] баррасӣ карда мешаванд. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008 [9] бошад, меъёрҳо вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба манзил (боби 25), дар Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 [3] ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил (моддаи 147) ва дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз 3 декабри соли 2009 [8] ҳолати муқарракунии дахлнопазирии манзил (моддаи 13) муқаррар шудаанд.

Дар ин самт, Қонуни ҶТ "Дар бораи хусусигардонии фондӣ манзил дар ҶТ" аз 4 ноябри соли 1995, №114 [13] қабул гардидааст, принсипҳои асосии хусусигардонии фондӣ давлатии манзилро дар ҳудуди ҶТ муқаррар намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва

иқтисодии дигарсозии муносибатҳои моликиятро ба манзил муайян намуда, бо мақсади муҳайё кардани шароити ба амал баровардани ҳуқуқи озодона қонеъ гардонидани талаботи ба манзилдоштаи шаҳрвандон, инчунин беҳтар истифода ва саришта намудани фонди манзил равона гардидааст.

Қонуни мазкур аз 3 фасл ва 23 модда иборат буда, мувофиқи он шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои фонди давлатӣ аз рӯи шартномаи киро ё иҷора зиндагонӣ мекунанд, ҳуқуқ пайдо мекунанд, бо розигии тамоми аъзоёни болиғи оила ин хонаро бо шартҳои пешбиникардаи ҳамин қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҶТ харида гирифта, соҳиби он шаванд.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқиро дар ин самт Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманкул ва ҳуқуқҳои ба он" аз 20 марти соли 2008, №375 [12] ташкил медиҳад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманкул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гаронихои) ҳуқуқӣ ба онро дар ҳудуди ҶТ бо мақсади эътироф ва ҳимояи давлатии тибқи қонуни мазкур бақайд гирифтаи ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гаронихои) ҳуқуқӣ ба молу мулки ғайриманкулро муқаррар менамояд.

Муносибатҳои оид ба манзил, инчунин дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба танзим даровара мешаванд. Аз ҷумла, дар ин самт фармонҳои Президенти ҶТ (фармони Президенти ҶТ "Дар бораи гузаронидани ба рӯи хатгирии аҳолӣ ва фонди манзили ҶТ дар соли 2020" аз 30 сентябри соли 2019, №356; фармони Президенти ҶТ "Дар бораи лоиҳаи Созишномаи грантӣ байни ҶТ, муассисаи давлатии "Раёсати коммуналӣ-истеҳсолӣ ва истифодаи манзилии шаҳраки Ёвон" ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд оид ба лоиҳаи "Идоракунии партовҳои сахти маишии ноҳияи Ёвон" аз 9 июли соли 2019, №1280 ва ғайра) қабул гардидаанд, ки ба ҷумлаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳа махсуб мегардаднд.

Дар танзими муносибатҳо вобаста ба манзил нақши қарорҳои Ҳукумати ҶТ ҳамчун санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хоса мебошад. Чунки дар самт, шумораи зиёди қарорҳои Ҳкумати кишвар қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аз ҷумла:

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии давлатии фондӣ манзил" аз 29 майи соли 2023, №208;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Тартиби ташаккули фондӣ манзили давлатии иҷтимоӣ" аз 29 майи соли 2023, №209;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Тартиби иваз намудани манзилҳои истиқоматии тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ додашуда" аз 29 майи соли 2023, №210;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад" аз 29 майи соли 2023, №211;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Қоида ва меъёрҳои нигоҳдорӣ, хизматрасонӣ, истифодабарӣ ва таъмири фондӣ манзил" аз 29 майи соли 2023, №212;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Номгӯй ва шакли ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои баҳисобгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ, ки тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешаванд" аз 29 майи соли 2023, №213;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Барномаи рушди хоҷагии манзилию коммуналии ҶТ барои солҳои 2021-2024" аз 27 феврали соли 2021, № 53;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ" аз 31 майи соли 2012, №288;

– қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар ҶТ барои солҳои 2010-2025" аз 1 июли соли 2010, №321 ва ғайра.

Ҳамчунин, ба сифати сарчашмаи батанзимдадрории муносибатҳои вобаста ба манзил қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ низ бaромад менамоянд. Аз ҷумла, қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он, ғайриқонунӣ додани қитъаи замин” аз 25 июни соли 2012, №3 ва қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд” аз 23 ноябри соли 2012, №14 (бо тағйиру иловаҳои бо қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 12 июни соли 2014, №4).

Дар баробари ин, муносибатҳо дар самти мазкур дар санадҳои ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳо, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра низ ба танзим даровaрда мешаванд.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). –Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.
2. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; – 1997. – №23-24. – Мод. 333. – фасли IV; – 1999. – №5. – Мод. 59; – 2001. – №4. – Мод.176; – 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; – 2006. – №7. – Мод. 347; – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; – 2011. – №3. – Мод. 171; – 2012. – №4. – Мод. 269; – №8. – Мод. 828.
3. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
4. Кодекси мадании ҶТ аз аз 24 декабри соли 2022, 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
5. Кодекси манзили ҶТ аз 12 декабри соли 1997 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1997. – №23-24. – Мод. 339.
6. Кодекси манзили ҶТ аз 18 марти соли 2022, № 1852 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
7. Кодекси мурофиавии граждании ҶТ // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз 3 декабри соли 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
9. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).
10. Кодекси оилаи ҶТ 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1998. – №22. – Мод. 303; – 2006. – №4. – Мод. 196; – 2008. – №3. – Мод. 201; – 2010. – №7. – Мод. 546; – 2011. – №3. – Мод. 177. – №12. – Мод. 855; – 2013. – №3. – Мод. 195; – 2015. – №11. – Мод. 960; – 2016. – №3. – Мод.143.
11. Кодекси шаҳрсозии ҶТ аз 28 декабри соли 2012, №933 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2012. – № 12, қ. 1. – Мод. 998; – 2016. – №7. – Мод. 626; – 2019. – №1. – Мод. 24. – Мод. 25.

12. Қонуни ҶТ “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” аз 20 марти соли 2008, №375 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2008. – №3. – Мод.194; – 2013. – №7. – Мод.525; – 2018. – №1. – Мод.32; – 2019. – №6. – Мод.331.

13. Қонуни ҶТ “Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар ҶТ” аз 4 ноябри соли 1995, №114 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).

14. Курпякова С.И. Международные стандарты как основа развития российского законодательства о праве каждого на достаточное жилище // Международные пакты о правах человека: ценностные характеристики: материалы Международной научно-практической конференции / отв. ред. Т.А. Сошникова, Н.В. Колотова. – М.: Изд-во Моск. гуманит. ун-та, 2016. – 313 с.

15. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст ва ҷиҳати имзо, тасвиб ва ҳамроҳ шудан боз аст. Мутобиқи моддаи 49 аз 13 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2023).

16. Раҷабов М.Н. Зарурат ва аҳамияти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар // Масоили назариявӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида 62-юмин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар). – Душанбе: “Виза-принт”, 2011. – 192 с.

17. Система официальной документации Организации Объединенных Наций / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://documents-dds-ny.un.org /doc /RESOLUTION /GEN/NR0/518/36/IMG /NR051836.pdf?OpenElement (санаи муроҷиат: 26.08.2023).

18. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

19. Ҳуқуқи инсон: маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе, 2010. – 552 с.

20. Ҳуқуқи манзили ҶТ: воситаи таълимӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Меликов У.А. – Душанбе: ҶДММ “Мастер Принт”, 2022. – 311.

21. Экономический и Социальный Совет ООН / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ecosoc/en/documents/resolutions (санаи муроҷиат: 26.08.2023).

22. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 06. 09. 2023).

## ПРАВО ЧЕЛОВЕКА НА ЖИЛИЩЕ: ОСНОВЫ ЕГО МЕЖДУНАРОДНОГО И НАЦИОНАЛЬНОГО ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

**ДЖУМАХОНИ САИДШОИ ЛАТИФЗОДА,**
ассистент кафедры права
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16.

Тел.: (+992) 985-90-50-81. E-mail: jumakhon.S@.mail.ru

*В данной статье анализируются национальные и международные правовые основы права на жилище как субъективного права каждого человека. При этом отмечается, что право на жилище как фундаментальное право каждого человека занимает важное место на уровне универсальных и региональных международно-правовых документов. В национальной законодательной системе большое количество нормативных правовых актов предусматривают вопросы, связанные с правом на жилище, а процесс реализации этого права человека определяется в рамках подзаконных нормативных правовых актов. В целом национальные и международные правовые основы права на жилище анализируются с учетом научных теорий.*

***Ключевые слова:*** *право человека на жилье; конституция; международные правовые документы; жилищное законодательство; гражданское законодательство; градостроительное законодательство; Всеобщая декларация прав человека; Пакт; Соглашение; права человека; жилья; неприкосновенность жилища; правовые основы; подзаконные нормативные правовые акты.*

## THE HUMAN RIGHT TO HOUSING: THE BASIS OF ITS INTERNATIONAL AND NATIONAL LEGAL REGULATION

**JUMAKHONI SAIDSHOI LATIFZODA,**
Assistant at the Department history, law and international relations of the
Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, 16 S. Safarova, st.
Phone: (+992) 985-90-50-81. E-mail: jumakhon.S@.mail.ru

*In this article, the national and international legal bases of the right to housing as a subjective right of every person are analyzed. At the same time, it is noted that the right to housing as a fundamental right of every person occupies an important place at the level of universal and regional international legal documents. In the national legislative system, a large number of normative legal acts provide for issues related to the right to housing, and the process of exercising this right of a person is determined within the framework of sub-legal normative legal acts. In general, national and international legal foundations of the right to housing are analyzed taking into account scientific theories.*

***Keywords:*** *human right to housing; constitution; international legal documents; housing legislation; civil law; urban planning legislation; Universal Declaration of Human Rights; Pact; Agreement; human rights; housing; inviolability of home; legal basis; by-laws and regulatory legal acts.*

УДК: 342

# АЛОҚАМАНДИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚМУҲОФИЗАВӢ

**МАҲМАДАЛИЕВ ҚИЁМИДДИН МУРОДАЛИЕВИЧ,**
унвончӯйи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 987-92-66-63. E-mail: lawyer96@mail.ru

*Омӯзиши падидаи хизмати давлатӣ ҳамчун механизми пешбарандаи фаъолияти давлатӣ, воситаи амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои давлатӣ дар ҳар давру замон аҳаммияти махсус дошт. Зеро ин падида мазмун ва моҳияти фаъолияти давлатдро муайян намуда, ротибаи байни давлат ва ҷомеа маҳз тавассути он таъмин карда мешавад. Вобаста ба он, ки давлат самтҳои фаъолияти гуногун дорад, ин ҳолат боиси он гардид, ки навъҳои гуногуни хизмати давлатӣ ташаккул ёфта, барои танзим ва идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ нигаронида шаванд.*

*Яке аз навъҳои хизмати давлатӣ ин хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки вобаста ба хусусиятҳои худ аз навъҳои дигари хизмати давлатӣ фарқ мекунад. Ин навъи хизмат танҳо дар мақомоти алоҳидаи давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Дар мақолаи мазкур алоқамандии ин навъи хизмати давлатӣ бо фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки асоси онро ташкил медиҳад баррасӣ карда шудааст. Дар натиҷа нуктаҳои назари олимони соҳа таҳлил ва мазмуни пурраи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва робитаи он бо хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ваколатҳои мансабӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, санади меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, андоз, чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ.*

Хизмати давлатӣ дар кишвари соҳибихтиёри Тоҷикистон ҳамчун як намуди фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, ҳадафи асосии ин навъи фаъолиятро иҷрои вазифаҳои давлатӣ ташкил медиҳад. Хизмати давлатӣ ба сифати падидаи муҳимми ҳуқуқи маъмурӣ баромад намуда, меҳвари зернизоми кадрӣ-касбии идоракунии давлатӣ мебошад. Хизмати давлатӣ ҳамчун институти маркази ҳуқуқи маъмурӣ дар амалишавии идоракунии давлатӣ ва омода намудани кадрҳои аз лиҳози касбӣ комилан муваффақ нақши ниҳоят калон дорад [15, с. 175].

Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мавқеъ ва нақши хизмати давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро хизмати давлатӣ механизми амалисозии идоракунии давлатӣ буда, тавассути фаъолияти хизматчиёни давлатӣ амалӣ карда мешавад [1, с. 71]. Маҳз тавассути хизмати давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатӣ фаъолияти муътадили ҳамаи падидаҳои иҷтимоӣ ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад [2, с. 29].

Хизмати давлатӣ гарчанде бо давлат алоқамандии зич дошта бошад ҳам, вале бо мазмуни имрӯзаи худ хизмати давлатӣ падидаи нав маҳсуб меёбад. Асоси пайдоиши ин падидаро олими фаронсавӣ Александр Вивен дар асари худ “Очеркҳо дар бораи маъмурикунонӣ” гузошта, консепсияи ӯро олими амрикоӣ Вудро Вилсон идома додааст. Ба ақидаи олимони мазкур давлат асосан ду функсияи муҳим дорад – сиёсӣ ва маъмурӣ. Функсияи сиёсии давлат дар қабули қарорҳои оммавӣ ва назорат иҷроиши онҳо ифода гардида, функсияи маъмурии давлат бошад, танҳо дар иҷрои қарорҳои оммавии қабулгардида ва пешниҳоди ҳисоботи иҷроиши онҳо ифода мегардад [16, с. 150].

Мазмунан ақидаи мазкур бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе давлатҳои дигар дуруст аст. Маҳз ҳамин омил асос гардидааст, ки аз теъдоди умумии кормандони мақомоти давлатӣ доираи муайни онҳо ба сифати хизматчии давлатӣ эътироф нагардидаанд.

Вобаста ба мафҳум ва мазмуни хизмати давлатӣ нуқтаҳои назари гуногун ба назар мерасанд, ки бо хусусиятҳои алоҳидаи худ ҷолиби диққатанд. Ҷамшедзода Ҷ.Н. масъалаи хизмати давлатиро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки хизмати давлатӣ намуди махсуси фаъолияти касбии шаҳрвандон (хизматчиён) дар иҷрои ваколатҳои мансабӣ дар мақомоти давлатӣ, ки ба татбиқи вазифаҳо ва функсияҳои ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст[11, с. 35].

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мазмуни хизмати давлатӣ андешаҳои гуногунро дарёфт намудан мумкин аст:

– хизмати давлатӣ ин воситаи амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошад;

– хизмати давлатӣ ин воситаи амалисозии функсияҳои давлат буда, дастгоҳи идоркунии давлатӣ ба ҳисоб меравад;

– хизмати давлатӣ навъи махсуси фаъолият мебошад, ки бо давлат алоқамандии зич дорад;

– маҷмӯи муносибатҳои оммавӣ мебошад, ки байни давлат ва шаҳрванди он ба вуҷуд меояд ва ғайра[5, с. 23].

Атаманчун Г.В. хизмати давлатиро ба ду мазмун баҳогузорӣ менамояд: ҳамчун фаъолияти ба амалисозии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд; ва ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони ФР. Дар асоси мазмуни аввал хизмати давлатӣ ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, қоидаҳо, стандартҳо ва анъанаҳо оид ба амалисозии Конститутсия ва қонунҳои давлат, мақсад ва вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он мебошад. Тибқи мазмуни дуюм, хизмати давлатӣ ин иштироки амалӣ ва касбии шаҳрвандон дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои давлат тариқи иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ дар мансабҳои давлатӣ буда, аз маҷмӯи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ иборат мебошад,ки байни давлат ва шаҳрвандони давлат (хизматчии давлатӣ) ба вуҷуд меоянд [3, с. 85].

Аз мазмуни ақидаҳои пешниҳод гардида натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо ба як самт равона гардидаанд, яъне хизмати давлатӣ ба давлат алоқаманд буда, механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошад ва маҷмӯи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқие мебошад, ки танҳо байни давлат ва шаҳрвандони он ба вуҷуд меояд. Вале ба назари мо, бо ҷудо намудани ҷанбаҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ моҳияти аслии онро муайян намудан душвор ва ҳатто номумкин мегардонад. Хизмати давлатӣ вобаста ба таъиноти худ хусусияти оммавӣ дошта, ба ҳокимияти давлатӣ алоқамандӣ дорад, ки вобаста ба категорияҳои алоҳида метавонад хусусияти гуногунро ба худ касб намояд. Масалан, вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии худ хизмати давлатӣ мазмуни сиёсиро касб менамояд; вобаста ба таъиноти худ хизмати давлатӣ мазмунӣ ҳуқуқӣ-идоракунӣ (маъмурӣ); ва вобаста ба сифат ва самаранокии фаъолият хизмати давлатӣ хусусияти касбиро ифода менамояд. Аз ин лиҳоз, бо муттаҳид сохтани ҷанбаҳои зикргардида ба муайян намудани мазмуни аслии хизмати давлатӣ муваффақ гардидан имконпазир аст. Вале дар адабиёти илмӣ вобаста ба ин масъала мавқеи ягона то имрӯз қолаб нагирифтааст.

Ба назари мо, хизмати давлатиро ба мазмуни сиёсӣ ва маъмурӣ баҳо дода, онҳоро аз якдигар ҷудо намудан нодуруст аст, зеро доираи зиёди ваколатҳои сиёсии давлат имрӯзҳо ба хизматчиёни давлатӣ дода шудааст. Масалан, дар доираи ваколатҳои худ роҳбари аксари мақомоти давлатӣ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро

дошта (сиёсӣ), дар баробари ин, ҳамчун хизматчии давлатӣ барои амалӣ гардидани салоҳияти мақомоти давлатӣ масъулияти хизматӣ доранд. Маҳз бо назардошти он, ки роҳбари мақомоти давлатӣ ҳуқуқӣ қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошта, функсияи сиёсии давлатро амалӣ менамоянд, онҳоро хизматчиёни давлатии сиёсӣ ном мебаранд. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки химзати давлатӣ ҳам мазмуни сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ-маъмурӣ дорад.

Хизмати давлатӣ дар байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирифта, барои давлат як қатор миссия ё худ вазифаҳои муҳими сиёсӣ, маъмурӣ ва иҷтимоиро ба иҷро мерасонад. Давлат, ки дар худ ҳокимияти легалӣ ва легитимиро ифода менамояд, мақсад ва вазифаҳои худро тавассути идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ амалӣ мегардонад. Ин аст робитаи зич ва муттақобилаи ҳокимияти сиёсӣ, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ.

Хизмати давлатӣ, ки дар як қатор бо давлат, ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ қарор дорад, бо онҳо робитаи муттақобила дорад ва танҳо тавассути таъсир расонидан ба онҳо худро ошкор менамояд, амалӣ мегардонад ва баҳо медиҳад.

Идоракунӣ ин фаъолияти амалии маърифатии таъсир расонидан ба ҷамъият бо мақсади таъмини самаранокии ташкил ва инкишофи он мебошад. Идоракунии давлатӣ – ин татбиқи амалии ҳокимият мебошад, яъне пешниҳод намудани талаботҳои муайян нисбати субъектони гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ноил кунонидани онҳо ҷиҳати бо мақсади расидан ба мақсадҳои муайяни гузошташуд аз рӯи ин қоидаҳо амал намудан мебошад. Ҳамин тариқ, идоракунии давлатӣ - ин фаъолияти бевоситаи амалӣ (таҷрибавӣ) ҷиҳати амалигардонии қарорҳои сиёсии қабулгардида мебошад. Барои оне, ки раванди идоракунии давлатӣ фаъол гардад (амал намояд) механизми махсус лозим мебошад. Ба сифати ин механизм хизмати давлатӣ баромад менамояд. Мувофиқан, хизмати давлатӣ ба ҳайси механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд.

Бо назардошти он, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад, низоми хизмати давлатиро ҷудо намудан мумкин аст. Аниқтараш, бинобар сабаби оне, ки мақомоти давлатӣ вобаста ба хусусият, мақсад, тартиби ташкили фаъолият ва реҷаи баамалбарории фаъолият гуногун мебошад, хизмати давлатӣ низ дар мақомоти мазкур бо назардошти махсусияти онҳо ба амал бароварда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар моддаи 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" низоми хизмати давлатӣ ба тариқи зерин муқаррар карда шудааст:

- хизмати давлатии шаҳрвандӣ;
- хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- хизмати давлатии ҳарбӣ.

Мавзуи баррасишаванда, ки ба масъалаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ алоқамандӣ дорад, мо танҳо ба навъи дуюми хизмати давлатӣ – хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ диққат дода, ҷанбаҳои гуногуни онро таҳлил ва баррасӣ менамоем.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба маҳфум ва мазмуни хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ гуногунандешӣ ҳукмфармост ва бо назардошти онҳо гуфтан мумкин аст, ки хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун як навъи хизмати давлатӣ фаъолияти касбии танҳо шаҳрвандонро дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меноманд, ки фаъолияташон ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ ва саломатии аҳолӣ, ошкор, пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахсони ҳуқуқвайронкунанда равона карда шудааст.

Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ яке аз намудҳои хизмати давлатӣ мебошад, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба амал бароварда мешавад. Пеш аз он, ки мафҳум ва мавқеи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ шавад, зарур мешуморем, ки аввал мафҳум ва намудҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шавад. Зеро чуноне, ки аз нуктаҳои назари олимон бармеояд, муайян намудани номгӯи ниҳодҳои ба "мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" шомилшаванда мушкил мебошад[12, с. 18].

Дар қонунгузории ҶТ ба ибораи "мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" баҳои амиқи ҳуқуқӣ дода нашудааст, вале аз мазмуни меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ бармеояд, ки "мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" танҳо мақомоте, ки функсияи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткориро амалӣ менамояд, фаҳмида мешавад. Ба назари мо, ин гуна баҳогузорӣ намудани "мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" маҳдуд мебошад ва мазмуни аслии "ҳифзи ҳуқуқ"-ро, ки матлаби фаъолияти аксар мақомоти давлатӣ мебошад, ифода карда наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба ин масъала дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ гуногунандешӣ ҳукмрон мебошад. Масалан, А.Г. Братко вобаста ба масъали мазкур чунин категорияҳои ба ҳам алоқамандро пешкаш менамояд: "низоми ҳифзи ҳуқуқ", "низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ", "фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ" ва "мақомоти ҳифзи ҳуқуқ". Ба ақидаи мавсуф ҳама гуна мақомоте, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро ба амал бароварда, имконияти амалӣ сохтани маҷбурсозии давлатиро дорад, ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мумкин аст эътироф карда шавад [7, с. 13].

Бо назардошти ақидаи мазкур олими дигар В.И. Гойман низоми зерини мақомоти ҳифзи ҳуқуқро пешниҳод менамояд: мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти амнияти давлатӣ [9, с. 8].

Ба ақидаи мо, барои муайян намудани функсияи ҳуқуқмуҳофизавии мақомоти давлатӣ, аниқтараш мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф гардидани ин ё он мақомоти давлатӣ категорияи "фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ" нақши муҳим мебозад ва муайян намудани моҳияти "фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ" метавонад ба суоли гузоштаишуда баҳои дурусти илмӣ диҳад. Ба назари К.Ф. Гутсенко ва М.А. Ковалев "фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ" чунин фаъолияти давлатиест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти махсус ваколатдоршуда бо роҳи татбиқи чораҳои ҳуқуқии тибқи қонун муқарраршуда ва риояи бечунучарои тартиби муқарраркардаи он анҷом дода мешавад[10, с. 46].

Дар адабиёти дигар қайд мегардад, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ – ин амали мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ (прокуратура, милитсия, амният ва ғайра), ки барои ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимшаванда равона гардидааст[13, с. 50].

Маҳмудзода М.А. менависад: дар низоми мақомоти давлатӣ мақомоте мавҷуд мебошад, ки ваколати иҷрои бевоситаи ҳифзи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷинояткорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба ӯҳда доранд. Ин мақомотро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меноманд[14, с. 8].

Таҳлили қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, андоз ва гумрук, адлия бо фаъолияти худ таъмингари қонуният, ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодии инсон ва шаҳрванд мебошанд. Аз рӯи ин нишонаҳо мақомоти зикршуда вазифаи муштарак доранд, ки он аз фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ иборат аст. Адвокатура бошад, дар корӣ ба амал баровардани фаъолияти зикргардидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд[14, с. 9].

Элназаров Д.Х. менависад, ки дар низоми ҳуқуқмуҳофизавии ҶТ мавқеи махсусро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ишғол менамоянд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – ин низоми мақомоти давлатӣ мебошад, ки ба ҳокимияти иҷроия мансуб буда, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро амалӣ

менамоянд. Ба мақомоти мазкур Вазорати корҳои дохилӣ, Мақомоти амнияти миллӣ, Вазорати адлия, Мақомоти судӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст[17, с. 36].

Вобаста ба он, ки мақомоти номбаргардида ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд шубҳае нест, вале ба низоми ҳокимияти иҷроия шомил намудани мақомоти судӣ нодуруст мебошад. Ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошад, на зертобеи ҳокимияти иҷроия. Ғафурзода А.Д. ва Соибов З.М. фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро дар мисоли мақомоти гумрук таҳлил намуда, қайд менамояд, ки фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавии мақомоти гумрук аз маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ иборат мебошад, ки тибқи қонунгузорӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ дар раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ равона гардидаанд.[8, с. 95].

Ақидаи дигаре ҷолибе низ вуҷуд дорад, ки тибқи он “фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” бо маҷбурсозии давлатӣ мушобеҳ набуда ва пайвастагии зич низ надоранд. Бинобар ҳамин, дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақомоте мавҷуд мебошанд, ки фаъолияти онҳо умуман ба маҷбурсозии давлатӣ алоқаманд намебошад (масалан, суди конститутсионӣ, нотариат ва ғайра). Дар баробари ин, ташкилотҳои ҷамъиятие низ мавҷуданд, ки функсияҳои ҳуқуқмуҳофизавӣ дошта, маҷбурсозии давлатиро амалӣ наменамоянд (масалан, адвокатура). Ҳамзамон, ақидаи дигари низ ҷой дорад, ки тибқи он мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ (мақомоти судӣ, прокуратура, адлия, корҳои дохилӣ ва ғайра) ва мақомоти ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқ (комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакон ва ноболиғон) [6, с. 178].

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба мазмуни “фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” ақидаҳои зиёд ба назар мераванд. Аммо, аксари нуктаҳои назари баррасинамудаи мо мазмуни маҳдуди “фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” ба баъзеи дигар мазмуни васеи онро ифода намудаанд. Мувофиқан, мо ба он назарем, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва умуман мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мазмуни маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад. Ба мазмуни васеъ фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ин фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ мебошад. Мазмуни васеи ибораи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки мақсади асосии ташкил ва фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро мустаҳкам намудани қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил медиҳад. Вале фаъолияти мазкурро мақомоти давлатӣ дар ҳаҷми гуногун амалӣ менамоянд. Барои баъзе аз мақомоти давлатӣ мустаҳкам намудани қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи асосӣ (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ва барои баъзеи дигар вазифаҳои иловагӣ (дигар мақомоти давлатӣ) мебошанд. Дар баробари ин, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ ба амал бароварда мешавад. Масалан, фаъолияти адвокатура оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ба аҳолӣ.

Ба мазмуни маҳдуд бошад, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ин фаъолияти мақомоти махсус ваколатдоргардидаи давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат аз ҳама гуна вайроншавӣ мебошад, ки дар чаҳорчубаи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда шуда, бо чораҳои дорои хусусияти маҷбурсозии давлатӣ таъмин карда мешавад. Бинобар ин, таҳлили минбаъда дар доираи таҳқиқоти мазкур маҳз дар доираи мазмуни маҳдуди “фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” ва “мақомоти ҳифзи ҳуқуқ” сурат мегирад.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккул ва амалисозии фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар асоси худро аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ мегирад. Тавре маълум аст, тибқи м. якуми Конститутсияи ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Бунёд намудани давлати ҳуқуқбунёд афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати амалишавии бемонеаи

онҳоро талаб менамояд. Мувофиқан, дар м. 5 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд... Ҳуқуқу озодиҳои инсонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд". Бо мақсади самаранок татбиқ гардидани муқаррароти мазкур зарур аст, ки пеш ҳама нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар ин самт мустаҳкам намуд. Зеро маҳз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳайати хизматчиёни онҳо механизми кафолат ва таъмини амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравconfigured. Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқӣ-ташкилии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ, таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти мазкур ва такмил додани он аз масъалаҳои муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. [4, с. 84].

Ҳамин тариқ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сурат мегирифта, фаъолияти онҳо ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ва амнияти давлатӣ алоқаман буда, бо чораҳои маҷбурсозии давлатӣ таъмин карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Алексеева М.В., Кобизь К.С., Леонова Д.В. Понятие и сущность государственной службы // Материалы Международной научно-практической конференции. В 2 – х частях. – 2017. – С. 70-72
2. Астахова Н. Идеология государственной службы // Государственная служба, 2006, № 3. – С. 29-33
3. Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика / Г.В. Атаманчун. – М., 2008. – 311 с.
4. Баландин А.Л. Сотрудник правоохранительных органов: проблема единства понятия и содержания // Вестник Омского университета. Серия «Право». 2021. – Т. 18, № 1. – С. 84–88.
5. Бахрах Д. Н. Государственная служба России. М.: Изд-во «Проспект», 2008. – 152 с
6. Бойкие А.Д., Рагинский А.Ю., Мураметс О.Ф. Правовое воспитание в процессе правоохранительной практики // Организация и эффективность правового воспитания. – М., 1983. – С. 178-182.
7. Братко А.Г. Правоохранительная система: понятие и основные элементы содержания // Проблемы развития правоохранительных органов. – М. : Академия МВД России, 1996. – С. 12–13
8. Гафурзода А.Д., Соибов З.М. Содержание правоохранительной деятельности таможенных органов Республики Таджикистан // Государственное управление. 2020. – №4/1 (48) – С.94-101
9. Гойман В.И., Лазарев В. В. Правоохранительные органы в Советском правовом государстве. Понятие, система, направления совершенствования // Теоретические и организационно-правовые проблемы применения наказания: сб. науч. тр. – Уфа : Уфимский юридический институт Министерства внутренних дел Российской Федерации, 1990. – С. 16 с.
10. Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Правоохранительные органы: учебник для юридических вузов и факультетов / Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. – М.: Зерцало-М. – 2010 г. – С. 496 с.
11. Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конститутционно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 237 с.

12. Лукичева Ю.А. Правоохранительные органы: курс лекций и учебно-методические материалы / под ред. Ю. А. Лукичева. – СПб. : Астерион, 2020. – 336 с.

13. Малько А.В. Краткий юридический словарь. М.: Проспект, 2014. – 120 с.

14. Маҳмудов М.А., Худоёрзода Б. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. –Душанбе, 2008.

15. Саъдиев И.З. Хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ. // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №1 (55). – С. 175-183

16. Черепанов В.В. Основы государственной службы и кадровой политики: учебник для студентов. / В.В.Черепанов. – М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2012. – 679 с.

17. Эльназаров Д.Х. Особенности деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан по конституционно-правовому обеспечению прав и свобод человека и гражданина: теоретико-правовой анализ // Юридический вестник. 2020. – №2 (2). – С. 36-43

# СВЯЗЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**МАХМАДАЛИЕВ КИЁМИДДИН МУРОДАЛИЕВИЧ,**
соискатель кафедры конституционного права
Таджикского национального университета.
734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудакӣ 17.
Тел.: (+992) 987-92-66-63. E-mail: lawyer96@mail.ru

*Изучение феномена государственной службы как ведущего механизма государственной деятельности, средства реализации государственных целей и задач особое значение имело в любое время. Потому что это явление определяет содержание и сущность деятельности государства, и именно через него обеспечивается отношения между государством и обществом. В связи с тем, что это государство имеет разные направления деятельности, это обстоятельство привело к формированию различных видов государственной службы, направленной на регулирование и управление различными сферами государственной и общественной жизни.*

*Одним из видов государственной службы является государственная служба правоохранительных органов, которая в зависимости от своих особенностей отличается от других видов государственной службы. Этот вид службы осуществляется только в отдельных государственных органах. В данной статье рассматривается связь данного вида государственной службы с правоохранительной деятельностью, которая составляет ее основу. В результате были проанализированы точки зрения ученых отрасли и определено полное содержание правоохранительной деятельности и ее связь с государственной службой правоохранительных органов.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба, государственная служба правоохранительных органов, правоохранительная деятельность, государственное управление, правоохранительные органы, должностные полномочия, защита прав и свобод человека и гражданина, нормативные правовые акты, судебные органы, прокуратура, внутренние дела, безопасность, налог, правовые и организационные меры.*

# COMMUNICATION OF THE STATE SERVICE OF LAW ENFORCEMENT AGENCIES AND LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES

**MAKHMADALIEV KIYOMIDDIN MURODALIEVICH,**
Applicant for the Department of Constitutional Law of the
Tajik National University.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.

Phone: (+992) 987-92-66-63. E-mail: lawyer96@mail.ru

*The study of the phenomenon of public service as a leading mechanism of state activity, a means of implementing state goals and objectives was of particular importance at any time. Because this phenomenon determines the content and essence of the activity of the state, and it is through it that the relationship between the state and society is ensured. Due to the fact that this state has different areas of activity, this circumstance has led to the formation of various types of public service aimed at regulating and managing various spheres of state and public life.*

*One of the types of public service is the state service of law enforcement agencies, which, depending on its characteristics, differs from other types of public service. This type of service is carried out only in certain state bodies. This article examines the relationship of this type of public service with law enforcement, which forms its basis. As a result, the points of view of industry scientists were analyzed and the full content of law enforcement activity and its relationship with the state law enforcement service were determined.*

***Keywords:*** *state service, state service of law enforcement agencies, law enforcement, public administration, law enforcement agencies, official powers, protection of human and civil rights and freedoms, regulatory legal acts, judicial authorities, prosecutor's office, internal affairs, security, tax, legal and organizational measures.*

УДК: 342

# ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ТАБАРЗОДА ДАЛЕР РАҲМАТУЛЛО,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-44-44-46. E-mail: dalereko@mail.ru

*То имрӯз дар илми ҳуқуқи андоз муносибати ягона оид ба мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз вуҷуд надорад. Аз сабаби он, ки қонунгузории андоз ин масъаларо танзим накардааст, дар амал мушкилот ва ихтилофҳои хеле калон вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди илми ҳуқуқи андоз муносибатҳои татбиқи назорати андоз ва алалхусус танзими шаклҳои назорати андоз суст дарк карда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки сабаби ин номукаммал будани як қатор муқаррароти асосии назорати андоз дар қонунгузории андоз мебошад. Дар мақола мафҳумҳои «шакл» ва «усул»-и назорати андоз пешниҳод гардида, инчунин робитаи онҳо муқаррар карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *назорати андоз; тарзу воситаҳо; андозсупоранда; агенти андоз; фаъолияти мақомоти ваколатдор; баҳисобгирии муҳосибӣ; мониторинг; буҷети давлатӣ; адабиёт; сармоягузорӣ; иттилоот*.

Фаъолияти мақомоти андоз оид таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва саривақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ бо истифода аз шакл ва усулҳои назорати андоз алоқаманд аст. Интихоби дурусти шакл ва усулҳои назорати андоз самаранокии онро муайян мекунад.

Чуноне ки Ҷ.Ю. Рустамзода дар таҳқиқоти худ қайд мекунад: “Самаранокии фаъолияти назорати давлатии молиявӣ бештар аз намудҳо ва усулҳои татбиқи он вобаста аст” [16, с.58.].

Бояд гуфт, ки масъалаи асосии муайян кардани мафҳумҳои шакл ва усулҳои назорати андоз яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар илми ҳуқуқи молиявии ватанӣ ва Федератсияи Россия ба ҳисоб меравад. Ин масъалаи баҳсталабро, аз як тараф, гуногунии меъёрҳо ва аз тарафи дигар, бо номуайянии мавқеи қонунгузор дар ҳалли ин масъала шарҳ додан мумкин аст.

Доир ба мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз дар байни олимони ҳуқуқи молиявӣ ақидаи агона дида намешавад. То ба ҳол муҳаққиқон дар ин масъала ба хулосаи қатъӣ наомадаанд. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки мафҳуми намудҳо ва шаклҳои назорат муродифанд, баъзеи дигар онҳоро категорияҳои ивазшаванда меҳисобанд [16, с.58.].

Дар луғати Брокгауз ва Эфрон хусусиятҳои зерини мафҳумҳои «шакл»-ро ёфтан мумкин аст: «Шакл» маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки ифодаи берунии мазмуни объекти онро муайян намуда, объектро дар замон ва фазо устувор мекунанд” [16, с.58.].

Дар луғатҳои муосир мафҳуми «шакл»-ро маъмулан ба ду маъно мефаҳманд: 1) ҳамчун тарзи мавҷудияти мазмун, ки аз он чудонашаванда ва ҳамчун ифодаи он хизмат мекунад; 2) намуди берунии предмет [11, с.262.].

Тавре ки маълум аст, мафҳуми шаклҳо ва усулҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ васеъ истифода мешаванд ва аз ин рӯ, онҳоро аз мавқеъҳои хеле гуногун, ҳамзамон назорати давлатии молиявӣ баррасӣ кардан мумкин аст.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ зери шакли назорати молиявӣ (андоз), роҳҳои ифодаи мушаххас ва ташкили амалиётҳои назоратӣ фаҳмида мешаванд [21, с.263.].

Дар Русия низ, ин масъала таваҷҷуҳи олимонро ҷалб кардааст. Инак, ба андешаи Ю.А. Крохина таҳти мафҳуми шакл «ҷиҳатҳои муайяни зуҳури моҳияти назорат вобаста ба вақти чораҳои назоратӣ фаҳмида мешавад» [6, с.521.]..

Н.Д. Бровкина шакли назорати молиявиро ҳамчун «зуҳуроти берунии амалиёти назоратӣ барои ҳамаи субъектҳои назорат, бо ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва вобаста ба вазъи ҳуқуқии худи тадбири назорат муайян карда мешавад». Дар робита ба ин, шакли назорати молиявӣ, ба андешаи Н.Д. Бровкина «Хусусиятҳои берунии раванди назорат, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои назоратро дар раванди татбиқи он муайян мекунанд, мебошад» [2, с.141.].

Олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода шаклҳои назорати молиявиро таҳлилу гуруҳбандӣ намуда, ҳамзамон онҳоро шарҳ медиҳанд, ки ба ақидаи мо қобили қабул аст. Ин шаклҳои назорат чунинанд:

Вобаста ба вазъи субъектҳои назорати молиявӣ ба:

- давлатӣ (умумидавлатӣ, дохилиидоравӣ);
- ғайридавлатӣ;
- аудиторӣ;
- ҷамъиятӣ тасниф карда мешавад.

Вобаста аз вақти гузаронидан назорати молиявиро ба:

- пешакӣ;
- ҷорӣ;
- баъдӣ [3, с.109.].

Аз нигоҳи мундариҷа ба қисмҳои зерин тақсим карда мешавад:

1) назорати буҷетӣ - фаъолияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои қонунӣ, саривақтӣ, дурустӣ ва самаранокии ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои буҷетҳои дахлдор мебошад.

2) назорати андоз - фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорат аз ҷониби андозсупорандагон, агентҳои андоз ва супорандагони пардохтҳо аст, ки бо қонунҳои андоз ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

3) назорати асъорӣ - маҷмӯи чораҳои меъёрӣ, маъмурӣ ва ташкилие аст, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё мақомоти дигари бо қонун ваколатдоршуда бо мақсади таъмини риояи тартиби иҷрои амалиёти асъорӣ ва санҷиши онҳо анҷом дода мешаванд.

5) назорати гумрукӣ маҷмӯи тадбирҳое аст, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. Ҳамаи мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, тибқи талаботҳои пешбининамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ба расмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ қарор дода мешаванд.

6) назорати молиявӣ дар соҳаи бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун як мақоми танзим ва назорати бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи қонунгузории бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ ва стандартҳои ҳатмии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва гуруҳҳои бонкӣ назоратшавандаро назорат мекунад. Ҳадафи танзим ва назорати бонкӣ нигоҳ доштани устувории низоми бонкӣ, низоми пардохт, инчунин ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ мебошад [3, с.109.].

Дар амалияи хориҷӣ назорати буҷетиро ба чор шакли асосии ҷудо менамоянд, ки инҳоянд:

- назорати маъмурии буҷетӣ;
- назорати буҷети мақомоти қонунгузор (намояндагӣ);
- назорати судии буҷет;
- назорати байналмилалии буҷет [11, с.262.].

Олими фаронсавӣ Г.Мино ба мавҷудияти якчанд шаклҳои махсуси назорат дар фаъолияти палатаҳои ҳисоби минтақавии Фаронса ишора мекунад, ки чунинанд [12, с.44.].

1. Назорати буҷетӣ – назорат аз болои ҳаракати маблағҳои буҷетӣ, ки ба тафтиши ҳисоботи молиявии муассисаҳои буҷетӣ, ки амалиёти молиявиро анҷом медиҳанд, асос меёбад;

2. Назорати судӣ - ҳуқуқӣ - ситонидани тамоми қарзҳое, ки дар натиҷаи назорати буҷетӣ ошкор шудаанд;

3. Назорати идоракунӣ – ин назорат аз болои идоракунии молияи давлат аз ҷониби мақомоти минтақавии назорати молиявӣ мебошад.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо шаклҳои зерини ташкили назоратро ҷудо кардан мумкин аст. Ба таври амудӣ: назорати давлатии буҷет, назорати буҷетҳои маҳаллӣ, назорати буҷети фонди мақсадноки давлатӣ. Ба таври уфуқӣ: назорати буҷети ҳокимияти қонунгузор (намояндагӣ), назорати буҷети мақомоти иҷроия.

Инак, ба таҳқиқӣ мафҳуми шаклҳои назорати андоз мегузарем. Бояд гуфт, ки вобаста ба мафҳуми шакли назорати андоз дар байни олимони соҳа ба мисли назорати давлатии молиявӣ ақидаи агона дида намешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мафҳуми шакли назорати андоз ҳамчун тарзҳои ифодаи мушаххас ва ташкили амалии назорат оварда шудааст [13, с.268.].

Бояд гуфт, ки олимони ватанӣ мафҳуми шаклҳои назорати андозро таҳқиқ намуда, онҳоро таснифбандӣ намудаанд. Масалан, Ҷ.Ю. Рустамзода шаклҳои зерини назорати андозро аз рӯйи якчанд хусусиятҳо таснифбандӣ намудааст:

- вобаста ба замони гузаронидан (вақти) назорати андоз ба назорати пешакӣ, ҷорӣ (амалӣ) ва минбаъда;
- аз ҷиҳати ҳаҷми масъалаҳое, ки бояд тафтиш карда шаванд (объект), назорати комплексӣ ва мавзӯӣ (тематикӣ);
- аз ҷиҳати хусусият ё ҷадвали чораҳои назоратӣ назорати андоз ба нақшавӣ ва ғайринақшавӣ (ногаҳонӣ);
- вобаста аз усул ва воситаҳои тафтиши ҳуҷҷатҳо назорати андоз ба доимӣ ва интихобӣ;
- вобаста ба маҳалли гузаронидани назорати андоз ба камералӣ ва сайёрӣ;
- вобаста аз манбаъҳои ба даст овардани маълумот (иттилоот) ҳуҷҷатӣ ва воқеӣ тақсим карда мешавад [18, с.43.].

Чунин таснифбанди дар адабиёти ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дида мешавад [21, с.263.]. Дар фарқият аз таснифбандии Ҷ.Ю. Рустамзода дар он вобаста ба ногузирии барои андоздиҳанда, назорати андоз ба ғайрииҷборӣ (ибтикорӣ) ва иҷборӣ ҷудо карда шудааст. Ба ақидаи муалифони он мақомоти андоз ҳақ доранд андоздиҳандаро муддати тӯлонӣ дар чунин ҳолатҳо насанҷанд, агар: андоздиҳанда санадҳоеро, ки барои ҳисоббарорӣ ва (ё) пардохти андозҳо ва боҷҳо заруранд, сари вақт пешниҳод намояд; санҷиши охирини онҳо вайронсозии қонун дар бораи андозҳо ва боҷҳоро ошкор насохта бошад; афзоиши андозаи амволи ташкилот тасдиқи санадӣ дошта бошанд; санадҳо ва иттилооте, ки пайдоиши воситаҳои андоздиҳандаро зери шубҳа гузоранд, вуҷуд надошта бошанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо назорати андоз

ногузир аст. Масалан, назорати иҷбории андоз, дар ҳолати гузарондани санҷиши дурустии ҳисоббарорӣ, пуррагӣ ва саривақти пардохти андозҳо ва боҷҳо ба буҷет аз ҷониби ташкилот бо сабаби барҳам хурдан, баста шудани филиал (намояндагӣ) ё қатъ шудани ҳаққи моликият ба амвол, сурат мегирад [21, с.263.].

Олими рус Т.Ю. Курбатов дар таҳқиқоти худ шаклҳои назорат ҳатмӣ, ихтиёрӣ (ташаббус), ибтидоӣ ва такрорӣ ҷудо менамояд. Ба ақидаи ӯ назорати андоз ин ихтиёрӣ аст ва мақомоти андоз метавонанд, андозсупорандаро то муҳлатҳои тӯлони тафтиш накунанд [5, с.46.].

Крохина Ю.А. хусусияти назорати андози ҷориро дар татбиқи он дар ҷараёни амалисозии муомилоти иқтисодӣ ё молиявӣ таъкид мекунад, яъне дар кори ҳаррӯзаи андозсупорандагон [6, с.521.]. Аз ин рӯ, назорати андози ҷорӣ ба таври дигар оперативӣ ё ин ки фаврӣ номида мешавад. Ин намуди назорат ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз, ҳуҷҷатҳои аввалия, инвентаризатсия, тартиби гузаронидани амалиёти нақдӣ асос ёфтааст, ки ҳам ба мақомоти танзимкунанда ва ҳам ба субъектҳои назоратшаванда имкон медиҳад, ки ба тағйироти фаъолияти молиявӣ зуд вокуниш нишон диҳанд, қонуншиканиҳоро пешгирӣ намоянд.

Ю.Ф. Кваша ва М.О. Клейменов, шаклҳои назорати андози зеринро пешниҳод менамоянд: баҳисобгирии давлатии андоз, мониторинг ва назорати оперативии андоз, назорати камералию сайёрӣ, назорати маъмурӣ – андозӣ [7, с.71.]. Ба андешаи мо пешниҳоди шаклҳои назорати андозҳои олимони номбурда баҳснок мебошад, зеро сухан дар бораи шаклҳо нею самтҳои назорати андоз меравад

Олими дигар Д.Е. Нелюбин чунин мешуморад, ки танҳо ду шакли назорати андозро фарқ кардан мумкин аст - ҳисобдорӣ ва санҷиш [14].

Нуқтаи назари Д.Е. Нелюбин дар бораи шаклҳои назорати андоз аз ҳама муваффақ ба назар мерасад. Аммо ба шаклҳои назорати андоз дохил намудани шаклҳои ҳисобу китоби баҳисобгирии ташкилотҳо ва шахсони алоҳида, ба назари мо, хеле баҳсталаб аст. Агар шакл ва зуҳуроти берунии моҳияти ҳодиса бошад, пас шакли назорати андоз зуҳуроти берунии моҳияти мафҳуми «назорати андоз» мебошад. Азбаски назорати андоз фаъолияти мақомоти ваколатдори оид ба таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва саривақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ мебошад, пас ба қайд гирифтани ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, ба фикри мо, характери назорати андозро дорад. Бақайдгирии ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ тартибест, ки барои татбиқи минбаъдаи назорати андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдор шароити махсус фароҳам меорад.

Мо чунин мешуморем, ки “ревизия” ва “назорат” шаклҳои назорат шуда наметавонанд. Объекти назорати андоз муносибатҳои пулии дорои хусусияти оммавӣ мебошанд, ки бо ягон «фаъолият»-и дар доираи санҷиш фаро гирифташуда тавсиф намешаванд.

Дар тафсири муаллифони дигар ревизия, экспертиза ва санҷиши мавзӯӣ ҳамчун усулҳои назорат баромад менамоянд. Ин мафҳумҳо баъзан ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд: баъзе коршиносон шаклҳои назоратро ҳамчун ҷузъҳои усули он маънидод мекунанд, баъзеи дигар чунин мешуморанд, ки усулҳои назорат асоси таснифоти шаклҳои онро ташкил медиҳанд. Ба андешаи мо, ревизия усули назорат аст на шакл.

Бояд гуфт, ки бо қабули Кодекси нави андози ҶТ якчанд шаклҳои нави назорати андоз муқаррар карда шуд, ки тибқи моддаи 41 назорати андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) назорати камералӣ;

2) муоинаи хронометражӣ;

3) назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигар;
4) назорати низоми рамзгузории электронии молҳо;
5) санҷиши сайёри андоз;
6) санҷиши амалиётӣ;
7) мониторинги андозӣ;
8) нархгузории трансфертӣ ва бозорӣ [8.].

Шакли муҳими назорати андоз ба назари мо назорати камералӣ мебошад. Ин шакли назорати андоз дар моддаи 42-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «Назорати камералӣ шакли назорати андозӣ буда, дар мақомоти андоз бе ташриф ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте, ки дар асоси муқаррароти Кодекси мазкур дастрас гардидаанд, бе талаб намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ аз андозсупоранда анҷом дода мешавад.

Ин шакли назорат мумкин аст, дар шакли автоматӣ бо истифода аз барномаҳои электронӣ бо риояи муқаррароти Кодекси андози ҶТ гузаронида шавад. Қонунгузор дар инҷо истифодаи барномаҳои электронӣ афзалият медиҳад. Аммо бояд гуфт, ки дар рафти санҷиши сайёри андоз ва мониторинги андозӣ, гузаронидашудаи ин намудҳои назорати андозӣ манъ аст.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ, андозсупорандагон имконият дорад машваратчӣ ё шахси дигарро ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъин намояд. Дар инҷо қонунгузор ягон маҳдудиятро пешбинӣ накардааст.

Шакли дигари муҳими назорати андоз ба андешаи мо мониторинг мебошад. Бояд гуфт, ки ин шакли назорат дар Кодекси пештараи андоз (соли 2012) вуҷуд надошт. Он бо қабули Кодекси нави андоз аз 23 декабри соли 2021 ҳамчун як шакли алоҳидаи назорати андоз дар боби 8 моддаҳои 71-77 муқаррар карда шуд.

Дар Федератсияи Россия шакли назорати мониторингӣ ҳамчун як роҳи нави ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти ваколатдори андоз ва андозсупорандагон аз моҳи декабри соли 2012 истифода карда мешавад.

Бояд гуфт, ки шакли назорати мониторин дар бисёр кишварҳои хориҷӣ тӯли чанд сол фаъолона истифода мешавад. Масалан, он бори аввал дар Нидерландия соли 2005 истифода шудааст. Баъдтар он дар дигар давлатҳо истифода шуд. Масалан, дар Беларус институти мониторинги андоз барои муайян кардани ширкатҳое таъсис дода шуд, ки манбаи андози худро кам арзёбӣ мекунанд. Дар Фаронса шакли мониторинги андоз то андозае дигар аст: ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти андоз барои шарҳ додани амалиёти дарпешистода муроҷиат кунад. Дар Британияи Кабир, иқтисоддонҳои ширкат вазифадоранд, ки ба идораи андоз дар бораи ҳама тағйирот дар шакли тиҷорат гузориш диҳанд. Сарфи назар аз тафовут дар таъминоти техникии муоширати байни ташкилотҳо ва мақомоти андоз, моҳияти тартиб тағйир намеёбад – ҳамкорӣ тавассути роҳои алоқаи электронӣ дар вақти воқеӣ бо мақсади пешгирии баҳсҳои андоз дар оянда сурат мегирад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар амалияи хориҷии назорати андоз ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва баъзе намуди чорабиниҳои инфиродӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад, яъне барои ихтиёран иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон нигаронида шудааст. Ин иттилооти фаъол тавассути васоити ахбори омма, истифодаи марказҳои тамос барои машварат ва баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон, паҳн кардани буклетҳои ройгон оид ба таҳияи эъломияҳои андоз ва ғайра мебошад.

Мақомоти андози баъзе кишварҳо, ба фарқ аз Тоҷикистон, дорои салоҳиятҳои васеъ мебошанд, ки дар ниҳоят ба самаранокии назорати андоз таъсир мерасонанд. Масалан, дар Олмон ва Шветсия мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз ҳуқуқ доранд ба махзани электронии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андози андозсупорандагони тафтишшаванда дастрасӣ пайдо кунанд. Дар Норвегия иҷозат дода мешавад, ки биноҳо, ҳуҷҷатҳо ва ашёи андозсупоранда, инчунин инвентаризатсияро берун аз доираи санҷишҳои андоз аз назар гузаронанд.

Бояд гуфт, ки муқаррароти шакли назорати мониторинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав мебошад ва доир ба зарурияти пешбинӣ намудани он дар сатҳи қонунгузорӣ аз тарафи Ҷ.Ю. Рустамзода [18, с.43.] дар таҳқиқотҳои худ якчанд маротиба пешниҳод шуда буд. Инак, ба пуррагӣ метавон ба андешаи Ҷ.Ю. Рустамзода розӣ шуд, ки мониторинги андоз шакли нави назорати андоз буда, ҳамкории иттилоотии байни андозсупорандагон ва мақомоти андозро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, ташкилотҳо ихтиёран ба мақомоти андоз дастрасӣ ба маълумоти андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ медиҳанд, то баъдан хулосаи асосноки коршиносони андозро барои пешгирии оқибатҳои қонунвайронкуниҳои андоз барои амалиётҳо ба даст оранд.

Хусусияти фарққунандаи мониторинги андоз дар он аст, ки ташкилот дар давраи гузаронидани он ба мақомоти андоз дастрасии ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) худро, ки барои ҳисоб кардан ва пардохти андозҳо асос ёфтаанд, инчунин тартиби баҳисобгирии даромад, хароҷотро ошкор менамояд ва объектҳои андозбандӣ дар реестрҳои андоз ва баҳисобгирии бухгалтерӣ бударо медиҳад. Ҳамин тариқ, мақомоти ваколатдори андоз имкон пайдо мекунад, ки маълумотҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва андози ташкилотро дар ҳолати реалӣ бубинад, инчунин ба дурустии ҳисобу китоб ва сари вақт супурдани андозу хироҷҳо назорат кунад.

Ба андешаи Ҷ.Ю. Рустамзода, бартарии асосии истифодаи мониторинги андоз, пеш аз ҳама дар он аст, ки имконияти зудтар, оқилона ва самараноктар амалӣ намудани назорат аз рӯйи риояи қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан ва сари вақт пардохтани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин саривақт ҳал намудани баҳсҳо байни мақомоти андоз ва андозсупоранда мебошад [19, с.41.].

Ба андешаи Л.Л. Арзуманова “истифодаи чунин инструмент, ба мисли мониторинги андоз, аз як тараф, ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки хатогиҳои дар ҳисоб ва пардохти андозҳо ва таҳияи ҳисоботи андозро тавассути гузаштани назорати пешакӣ (мониторинг) бартараф намояд, аз тарафи дигар, барои мақомоти андоз ин роҳи баландтарин назорати сифати андозсупоранда оид ба риояи қонунгузории андоз ва аз ҷиҳати ҳисоб кардани пурра ва саривақт ва минбаъд аз ҷониби андозсупоранда ба буҷет пардохт намудан ва маълумоти объективӣ дар бораи даромаде, ки дар доираи эъломияҳои андози пешниҳод шудааст, мебошад” [1, с.101.].

Ба андешаи мо, яке аз бартариҳои ҷорӣ намудани шакли нави назорати андоз – мониторинг – ин баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоягузории объектҳои мушоҳида аз ҳисоби баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии ташкилот мебошад.

Бояд гуфт, ки тибқи қ. 2 моддаи 71 Кодекси андози ҶТ мониторинги андозӣ нисбат ба андозсупорандае гузаронида мешавад, ки даромади умумии ӯ дар соли гузаштаи ҳисоботӣ зиёда аз 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад [8].

Ҳамин тариқ, мониторинги андоз дар низоми назорати андози кишвар нав буда, бештар хусусияти пешгирикунандаи қонунвайронкуниро дар соҳаи андоз дорад. Ҳадафи асосии он эҷоди эътимод байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз мебошад.

Бояд гуфт, ки дар қонунгузории амалкунанда мафҳумҳои «шакл» ва «намуд»-и назорат дар омезиш истифода шудаанд. Масалан, дар моддаи 5 -и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми “санҷиш” ҳамчун намуди назорати давлатии молиявӣ истифода шудааст, дар қ.3 моддаи 41 Кодекси андози ҶТ, бошад ҳамчун шакл истифода гардидааст. Ба андешаи мо чунин ҳолат духӯрагиро ба миён меорад. Бо дарназардошти ин ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар моддаи моддаи 5 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағийрот ворид карда шуда, номгузории он ба “Шаклҳои фаъолияти назорати давлатии молиявӣ” иваз карда шавад.

Дар асоси таҳлилҳои оварда шуда ва мавқеъҳои назариявии олимон, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуданд, метавон мафҳуми зерини шакли назорати андозро пешниҳод намуд: шакли назорати андоз – ин роҳи бо қонунгузории андоз танзимкунандаи фаъолияти давлат дар шахси мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори) он вобаста ба ташкил ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, бо тафтиши риоя аз тарафи андозсупорандагон, агентҳои андоз ва супорандагони боҷҳо оиди таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва саривақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ мебошад.

Ба андешаи мо мақсаднок аст, ки мафҳуми мазкур бо дарназардошти тағийру иловаҳо дар қ. 2 моддаи 41 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ карда шавад.

Таҳлилу таснифоти шаклҳои назорати андозро баррасӣ намуда, ба тавсифи усулҳои татбиқи он мегузарем.

Вобаста ба мафҳуми усули назорати андоз гуфтан ба маврид аст, ки ба мисли мафҳуми усули назорати давлатии молиявӣ дар байни муҳаққиқону олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, зери мафҳуми усули назорати андоз “тарзҳо ва воситаҳои мушаххаси татбиқи он» ё “маҷмӯи тарзу воситаҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар фаъолияти назорати андоз истифодашаванда” фаҳмида мешавад [20, с.253.].

Дар луғати тафсирии забони русӣ С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведов таҳти мафҳуми “усул” тарзи татбиқи амалии чизе фаҳмида мешавад [15].

А.Ю. Ильин зери мафҳуми усулҳои назорати андоз “тарзҳо ва воситаҳое, ки ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас истифода мешаванд» мефаҳмад [4].

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ зери усулҳои назорати андоз тарз, роҳҳо ва воситаҳои анҷом додани он фаҳмида мешаванд [21, с.264.] Ҳамзамон, вобаста ба назорати ҳуҷҷатӣ усулҳои зерини назорати андоз фарқ карда мешавад: санҷиши расмии мантиқӣ ва арифметикии ҳуҷҷатҳо; баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба амалиёти тиҷоратӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос шудаанд; тафтиши муқобил, таҳлили иқтисодӣ.

Назорати воқеии андоз истифодаи чунин усулҳоро дар бар мегирад: аз андозсупоранда талаб кардани ҳуҷҷатҳо, аз контрагентҳо ва дигар шахсоне, ки дар бораи андозсупоранда маълумот доранд (санҷиши муқобил), баррасии ҳуҷҷатҳои гирифташуда, гирифтани шарҳу вокунишҳо, азназаргузаронии биноҳо (ҳудудҳо) ва объектҳо, инвентаризация, ҷалб намудани мутахассис, мукоисаи маълумот дар бораи хароҷоти шахсони алоҳида бо даромади онҳо ва экспертиза [9, с.189.].

Ба андешаи мо, таърифи мафҳуми усули назорати андоз чунин аст: - ин тарзу воситаҳо ва роҳҳое мебошанд, ки мақомоти андоз ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас ва хусусияти чораҳои андешидашуда, оиди таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва саривақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ истифода мебаранд.

Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ аст, ки мафҳуми додашудаи мо ва номгӯи усулҳои назорати андоз, минбаъд дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд.

Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар марҳалаи кунунии рушди илми ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба равишҳои асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз ҳанӯз таҳқиқотҳои кам дида мешавад. Ба андешаи мо чунин ҳолат боиси нофаҳмӣ ва нокифоягӣ дар амалия ва қонунгузории андоз мебошад. Аз ҷумла, дар қонунгузории андоз мафҳумҳои шакл ва усулҳои назорати андоз мавҷуд нестанд, номгӯи онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудааст. Набудани муносибати якхела ба ин мафҳумҳо, тағйироти доимии қонунгузории андоз дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мушкилотро ба вуҷуд меорад. Ба ин муносибат байни ин мафҳумҳо фарқ карда, онҳоро тибқи қонунгузорӣ муайян ва танзим кардан лозим аст.

**Адабиёт**


1. Арзуманова Л.Л. Налоговый мониторинг как новая форма налогового контроля // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2016. № 6. С. 101.
2. Бровкина Н.Д. Основы финансового контроля. М., 2007. С. 140-141.
3. Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ 2022. – С.109.
4. Ильин А. Ю. Формирование организационно-правового механизма налогового контроля в современных условиях : дис. ... канд. юрид. наук. М., 2007. С. 24.
5. Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. М., 2015. С. 46.
6. Крохина Ю. А. Налоговое право. М., 2009. С. 521
7. Кваша Ю. Ф., Зрелов А. П., Харламов М. Ф. Налоговое право. М. : Юрайт, 2012 С. 79–95; Клейменова М. О. Налоговое право : учеб. пособие. М. : Моск. финансово-промышленный ун-т «Синергия», 2013. С. 71.
8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 14.07.2023).
9. Кучеров И. И. Налоговое право России : курс лекций. М. : ЮрИнфоР, 2001. С. 189.
10. Крохина Ю.А. Қонуни молиявии Русия. М., 2007. С. 125.
11. Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. М., 2014. С. 262.
12. Миньо Г. Счетная палата Франции и ее взаимодействие с региональными счетными палатами // Отношения между высшими федеральными и местными региональными контрольно-ревизионными органами: материалы международного семинара (г. Москва, 14-16 апр. 1998 г.). М., 1999. С. 44.
13. Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во “ЭР-граф”, 2018. С. 268.
14. Нелюбин Д.Е. Система налогового контроля в Российской Федерации: теория и практика правового применения, актуальные проблемы и направления реформирования: Автореф. дис... канд. юрид. наук // Нелюбин Дмитрий Евгеньевич. М., 2003. 214с.
15. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 1999. С. 855.
16. Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография & под. ред. Е. Ю. Грачевой. — Москва : Проспект, 2021. - С. 58.

17. Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы с комментариями: учебное пособие. Душанбе: ТГУК, 2020. С. 108.
18. Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. № 1 (38) С. 43.
19. Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно-практический журнал «Налоги». 2021. № 3. С. 41.
20. Худяков А.И. Налоговое право Республики Казахстан. Алматы : Жет жаргы, 1998. С. 253.
21. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе, 2017. С. 263.

## К ВОПРОСУ О ФОРМАХ И МЕТОДАХ НАЛОГОВОГО КОНТРОЛЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ТАБАРЗОДА ДАЛЕР РАХМАТУЛЛО,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-44-44-46. E-mail: dalereko@mail.ru

*На сегодняшний день в науке налогового права не существует единого подхода к понятию форм и методов налогового контроля. В связи с тем, что законодательство о налогах и сборах также не регулирует указанный вопрос, то на практике возникает достаточно большие проблемы и разногласия. Необходимо все же признать, что на современном этапе развития науки налогового права отношения по осуществлению налогового контроля, а в частности при регулировании форм налогового контроля, являются малоизученными. Представляется, что причиной тому является уже упомянутая неурегулированность ряда основных положений налогового контроля в налоговом законодательстве. В Статье предложены понятия «форма» и «метод» налогового контроля, а также установлено их соотношение.*

***Ключевые слова:*** *налоговый контроль; способ и средства; налогоплательщик; налоговый агент; деятельность уполномоченных органов; бухгалтерский учет; мониторинг; бюджет государства; литература; инвестиции; информация.*

## TO THE QUESTION OF FORMS AND METHODS OF TAX CONTROL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**TABARZODA DALER RAHMATULLO,**
applicant of the Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir st. 33
Phone: (+992) 918-44-44-46. E-mail: dalereko@mail.ru

*To date, in the science of tax law there is no single approach to the concept of forms and methods of tax control. Due to the fact that the legislation on taxes and fees also does not regulate this issue, in practice there are quite big problems and disagreements. Nevertheless, it must be recognized that at the present stage of development of the science of tax law, relations for the implementation of tax control, and in particular in the regulation of forms of tax control, are poorly understood. It seems that the reason for this is the already mentioned unsettledness of a number of basic provisions of tax control in tax legislation. The article proposes the concepts of "form" and "method" of tax control, and also establishes their relationship.*

***Keywords.*** *tax control; method and means; taxpayer; tax agent; activities of authorized bodies; Accounting; monitoring; state budget; literature; investments; information.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 66.01+26.22**

# ИДОРАКУНИИ ҲАМГИРОЁНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ АСОСИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ЗОКИРОВ ГУЛМАҲМАД НОЗИМОВИЧ,**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур асосҳо ва принсипҳои идоракунии захираҳои об дар шароити муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, моҳият ва зарурати он, принсипҳо ва қисмҳои таркибии онро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дарҷ гардидааст, ки дар заминаи рушди босуръати демографӣ, тараққиёти бамаротиби соҳаи саноату кишоварзӣ, тағйирёбии иқлим, коҳишёбии захираҳои об ва зиёд гардидани талабот ба оби тозаи ошомиданӣ ва кишоварзӣ зарурати таҳияи консепсияҳои муассири идоракунии захираҳои об ба вуҷуд омада, олимону муҳаққиқон дар ин самт чандин роҳу равишҳоро пешниҳод кардаанд, ки яке аз онҳо идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мебошад.*

*Муаллиф консепсияи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обро таҳлил намуда, истифодаи принсипи мазкурро асоси ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ медонад. Таъкид гардидааст, ки миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ вобастагии пурраи обӣ мавҷуд буда, онҳо дорои ҳавзаи ягонаи обӣ мебошанд. Кишварҳои минтақа ба гидродонор ва вобастаи обӣ, болооб ва поёноб ҷудо мегарданд.*

*Ҳолати истифодаи захираҳои об дар минтақа нишон медиҳад, ки асоси пайдоиши мушкилоти об идоракунии нодуруст ва истифодаи ғайриоқилонаи об дар соҳаи кишоварзӣ буда, принсипҳои пайгиришавандаи консепсияи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар амал татбиқ нагардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *об, захираҳои об, оби ошомиданӣ, мушкилоти об, тағйирёбии иқлим, идоракунӣ, мудирият, ҳамгироӣ, Осиёи Марказӣ, давлат, гидродонор, ҳамкорӣ, дарёи фаромарзӣ, дарёи Омӯ, дарёи Сир, баҳри Арал, табиат, кишоварзӣ, аҳолӣ.*

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст яке аз заминаҳои асосии рушди ҷомеа аз худ кардани қобилияти идоракунии захираҳои об аз ҷониби инсоният мебошад. Қобилияти азхудкунии идоракунии захираҳои об тавассути бунёди нахустин инфрасохтори обрасонӣ сурат гирифтааст, ки ҷомеаи ибтидоӣ онро бо мақсадҳои обёрии кишоварзӣ ва беҳдоштӣ истифода намудааст. Ташаккули ин қобилият заминаи асосӣ дар роҳи бунёди инфрасохтори бузурги обрасонӣ бо ҳадафҳои обёрии кишоварзӣ гардидааст, ки дар натиҷаи он тамаддуни кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст. Маълум аст, ки тамоми шаҳрҳои бузург дар соҳили дарёҳо ва баҳру укёнусҳо бунёд гардидаанд ва нахустин давлатҳо низ кишварҳои соҳилӣ мебошанд. Аз назарияи пайдоиши давлат дар асари Вит Фогелл низ бар меояд, ки яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани давлат рушд кардани соҳаи обёрӣ ё ирригатсионӣ мебошад, ки танҳо халқҳои бузург бо муттаҳидӣ ва дастаҷамъӣ қудрати бунёди системаҳои бузурги ирригатсиониро доштанд.

Аз замонҳои қадим то имрӯз инсоният тарзи идоракунии захираҳои обро омӯхта истодааст ва онро бо назардошти талаботи замон такмилу таҳким бахшида истодааст.

Ҳар як давраи таърихӣ заруратҳои бо тарзу усулҳои хос идора кардани захираҳои обро ба вуҷуд меорад. Агар қарни XX марҳила ҳарчи бештар идора кардани захираҳои об бо мақсадҳои кишоварзӣ ва ба маротиб зиёд намудани майдони заминҳои кишт бошад, пас қарни ҷорӣ марҳилаи истифодаи оқилонаи захираҳои об дар доираи меъёрҳои муайян мебошад.

Дар қарни XX дар заминаи рушди босуръати иқтисодию иҷтимоӣ, алалхусус рушди босуръати соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ва дар баробари он афзоиши мунтазами демографӣ муносибат ба захираҳои об ва табиат ғайриоқилона сурат гирифтааст, ки дар пайи он мушкилотҳои азими экологӣ ва гидроэкологӣ ба вуҷуд омадаанд.

Қисми мутлақи мушкилоти бавуҷудомадаи муҳити зист бевосита ва ё ба восита ба масъалаи идоракунии захираҳои об марбутанд. Чунин ҳолат дар пайи муносибати ғайриоқилона, нодуруст ва дағалона ба захираҳои об ба вуҷуд омада, «ҳаққи табиат» ба об аз ҷониби инсон ба инобат гирифта нашудааст. Сабаби дигари муносибати ғайриоқилона ба захираҳои об муайян набудани арзиши иқтисодии он мебошад, ки ҷомеа то ҳанӯз онро ҳамчун сарвати беарзиш, беохир ва тамомнашаванда истифода менамояд. Ҳолати мазкур исботи он аст, ки инсоният то ҳанӯз дар самти идоракунии оқилона ва дурусти захираҳои об муваффақ нагардидааст.

Бо назардошти мураккабшавии беш аз пеши масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ ва дар минтақаю давлатҳои алоҳида мутахассисонро водор ба он намудааст, ки роҳу усулҳои дуруст ва мувофиқ ба шароити имрӯзро дар самти идоракунии захираҳои об коркард намоянд. Тавре маълум аст об воситаи зарурӣ барои ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа маҳсуб ёфта, истифодаи барзиёди он дар як соҳа метавонад боиси камбуди он дар соҳаҳои дигар гардад. Ҳамзамон истифодаи ғайриоқилонаи об дар соҳаҳои мухталиф боиси зарар дидани экосистемаҳо ва дар маҷмӯъ зарар дидани табиат мегардад.

Дар баробари ин, захираҳои об дар сатҳи сайёра нобаробар ҷойгир шуда, боиси вобастагии обии қисме аз давлатҳо ва ба кишварҳои гидродонор табдил ёфтани қисми дигари давлатҳо гардида, мавҷудияти шумораи зиёди дарёҳои фаромарзӣ миёни давлатҳо сабаби ба вуҷуд омадани ҳавзаҳои ягонаи обӣ гардидааст, ки дар худ чандин давлатҳоро муттаҳид менамоянд. Ҳолати ҳамбастагии обии байнидавлатӣ низ зарурати дарёфти роҳу усулҳои идоракунии мусолиҳатомези муштараки захираҳои обро тақозо менамояд, ки давлатҳои шомили ҳавзаи ягонаи обӣ тавонанд дар заминаи принсипи дӯстӣ ва ҳамсоягии нек онро ба нафъи рушди иқтисодию иҷтимоии худ истифода намоянд.

Маҷмӯи омилҳои болозикр зарурати таҳияи консепсияҳои муосири идоракунии захираҳои обро ба вуҷуд оварда, муносибат ба захираҳои об бояд комилан тағйир дода шавад. Яке аз чунин консепсияҳои идоракунии муосири захираҳои об идоракунии ҳамгироёна мебошад.

Идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об (ИҲЗО) ба рушд ва идоракунии ҳамоҳангшудаи об мусоидат намуда, мақсади онро ба таври қобили мулоҳиза ва одилона баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бидуни расонидани осеб ба устувории экосистемаҳои ҳаётан муҳим ташкил менамояд.

ИҲЗО равиши байнисоҳавӣ ва ҳамоҳангии талаботи тамоми соҳаҳои ҷомеаро бо талаботи табиат ба об мувофиқ сохта, асоси онро таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа бидуни расонидани зарар ба табиат ва ҳифзи амнияти экологӣ ташкил менамояд. Идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ба фаҳмиши он, ки захираҳои об ҷузъи ҷудонашавандаи экосистема, захираи табиӣ ва неъмати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд, асос ёфтааст.

ИҲЗО ба вобастагии мутақобилаи истифодаи гуногуни захираҳои маҳдуди об асос ёфтааст. Эҳтиёҷоти баланди обёрӣ дар соҳаҳои гуногун, алалхусус дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ва дар пайи истифодаи барзиёди об дар ин соҳаҳо боиси ба вуҷуд омадани партовҳои оби тозанашудаи саноатӣ ва кишоварзӣ мегардад, ки дар аксари мавридҳо чунин партовҳо ба дарёҳо мерезанд ва боиси ифлосшавӣ ва заҳролудшавии дарёҳо гардида, ба экосистема таҳдиди ҷиддӣ доранд. Чунин ҳолат боиси аз байн рафтани бисёр мавҷудоти зиндаи маскун дар об гардида, ландшафтҳои табиӣ, ки асоси табиатро ташкил менамоянд зарари ҷиддӣ мебинанд. Бо назардошти ин, зарурати татбиқи ҳамҷонибаи принсипи ИҲЗО зарур арзёбӣ гардида, яке аз роҳҳои натиҷабахши муносибати оқилона бо захираҳои об мебошад. Татбиқи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ба ҳифзи муҳити зист, рушди устувори иқтисодӣ ва кишоварзӣ мусоидат намуда, принсипи иштироки демократиро дар идоракунӣ дастгирӣ мекунад ва ба беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ ва саломатии омма нигаронида шудааст.

Консепсияи идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об соли 1992 дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба об ва муҳити зист дар Дублин пешниҳод шуда, дар конфронси Рио-де-Жанейро ба «Рӯзномаи XXI» ворид карда мешавад. Ҳадафи асосии ИҲЗО, тибқи Рӯзномаи XXI, қонеъ кардани ниёзҳои тамоми кишварҳо бо оби тозаи нӯшокӣ ва таъмини рушди устувори онҳо ташкил менамояд. ИҲЗО ҳамчун раванде баррасӣ мешавад, ки дар ҳар як ҳолати алоҳида хусусиятҳои худро дорад. Асоси идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об эътирофи вобастагии ҳама намудҳои истифодаи об мебошад. Бо ин равиш, қарорҳо оид ба тақсим ва идоракунии захираҳои об таъсири ҳар як намуди истифодабарии обро ба дигарон ба назар гирифта, аз ҷониби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор якҷоя қабул карда мешаванд. Дар баробари ин мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии азхудкунии ҳавзаҳо барои ноил шудан ба рушди устувори ҳудудҳо ба назар гирифта мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии ИҲЗО идоракунии устувор ва ҳифзи захираҳои об дар ҳама сатҳҳо мебошад. Принсипҳои асосии идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об (онҳоро Принсипҳои Дублин низ меноманд) барои ислоҳоти минбаъдаи бахши об дар бисёр кишварҳо асос шуданд:

***Якум.*** Захираҳои обӣ тозаи нӯшокӣ манбаи маҳдуд ва осебпазир барои таъмини ҳаёт, рушд ва муҳити зист мебошад.

***Дуюм.*** Рушд ва идоракунии захираҳои об бояд ба равиши муштарак бо ҷалби истифодабарандагон, банақшагирандагон ва сиёсатмадорон дар ҳама сатҳҳо асос ёбад.

***Сеюм.*** Занон дар таъмин, идора ва ҳифзи бехатарии об нақши марказӣ доранд.

***Чорум.*** Об ва ҳама шаклҳои истифодаи он арзиши иқтисодӣ дорад ва бояд ҳамчун неъмати иқтисодӣ эътироф карда шавад [1].

Аз принсипи якум бар меояд, ки бо назардошти маҳдуд будани захираҳои оби тозаи нӯшокӣ дар сатҳи сайёра ва комилан нобаробар ҷойгир шудани онҳо дар минтақаҳои мухталиф зарурати ҳамкориҳо ва амалкардҳои муштарак ва мутақобилан судманд ҷиҳати идоракунӣ ва истифодаи оқилона, ҳамзамон ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои об зарур мебошад. Дар ин баробар, захираҳои оби тоза осебпазир маҳсуб ёфта, ҳамарӯза дар натиҷаи партофтани миқдори азими партовҳои кимиёвию саноатӣ, маишӣ, кишоварзӣ ва инчунин дар пайи таъсири манфии раванди тағйирёбии иқлим он бамаротиб коҳиш ёфта истодааст, ки хатари ҷиддӣ дар роҳи таъмини ҳаёти осоиштаи ҷомеа мебошад. Мушкилоти мураккаби гидроэкологии бавуҷудомада низ нишонаи ба таври воқеӣ дарк нагардидани маҳдудият ва осебпазирии захираҳои оби тоза аз ҷониби ҷомеа буда, ба муҳити зист талафоти барқарорнашаванда расонидааст.

Принсипи дуюм ба ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии фаъолияти истифодабарандагон, банақшагирандагон ва сиёсатмадорон дар муносибат ба захираҳои

об нигаронида шуда, равиши мазкур танзимкунандаи талаботи соҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар самти идоракунии захираҳои об мебошад. Бе иштироки муштараки ҳамаи ҷонибҳо қабули қарори оқилона дар самти идоракунии захираҳои об душвор мебошад. Банақшагирӣ низ дар соҳаи об бояд оқилона бошад ва қарорҳои сиёсӣ дар ин самт қабул гарданд. Дар бисёри мавридҳо ҳалли мушкилоти вобаста ба об аз иродаи сиёсии сиёсатмадорон ва қарорҳои қабулнамудаи онҳо вобаста мебошад. Ҳолати мазкур пешбурди сиёсати инсондӯстона ва дарки арзиши олӣ доштани онро тақозо менамояд. Дар ин маврид зарур аст, ки шахсони дорои ваколати қабулкунандаи қарори сиёсӣ талаботи маҷмӯии ҷомеаро ба об ба таври куллӣ ба инобат гирифта, дар ин самт қарорҳои созанда ва ба нафъи умум равонашударо қабул намоянд.

Принсипи сеюм ба масъалаҳои гендерии муносибат бо захираҳои об ва иштироки фаъолонаи бонувон дар идоракунии захираҳои об нигаронида шудааст. Тавре маълум аст қисми мутлақи аҳолии ҷаҳон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва масъулияти таъмини оила бо об дар деҳот асосан бар ӯҳдаи бонувон вогузор гардидааст. Ҳамзамон, фаъолияти маишии оилавӣ, ки истифодаи об дар он ба таври назаррас сурат мегирад, бонувон дар истифодаи оқилонаи он нақши муҳим доранд. Дар ин баробар дар раванди норасоӣ ва ё камбудии об бонувон аз табақаи осебпазир маҳсуб ёфта, мушкилоти об пеш аз ҳама таъсири манфии худро ба ин тоифаи ҷомеа мерасонад.

Принсипи чорум ба дарки арзиши иқтисодии об нигаронида шуда, яке аз шартҳои асосии идоракунии талабот ба об ва истифодаи оқилона захираҳои об маҳсуб меёбад. Новобаста аз мушкилоти мураккаби вобаста ба об ва норасоии он дар бисёр манотиқи ҷаҳон то ҳанӯз арзиши иқтисодии он пурра эътироф нагардидааст. Имрӯз яке аз сабабҳои асосии истифодаи ғайриоқилона ва муносибати нодуруст ба идоракунии захираҳои об низ масъалаи эътироф дарк нагардидани арзиши иқтисодии об мебошад. Бо назардошти ин, барои ба роҳ мондани фаъолияти натиҷабахш дар самти идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об эътирофи об ҳамчун сарвати табиӣ арзиши иқтисодидошта зарур мебошад.

Дар баробари принсипҳои болозикр, ҳамзамон як қатор принсипҳои дигари идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об низ муайян гардидаанд:

1. Салоҳияти ташкилотҳои хоҷагии об дар ҳудуди гидрографӣ паҳн мешавад;
2. Истифодаи об бояд миёни ҳамаи категорияҳои (шохаҳои) истифодабарандагони об дар як воҳиди гидрографӣ ҳамоҳанг карда шавад;
3. Сатҳҳои иерархия, ки идоракунии обро таъмин мекунанд, бояд бо ҳам зич алоқаманд бошанд, то талафоти бесамари обро кам кунанд;
4. Ҳамаи намудҳои захираҳои об (рӯйизаминӣ, зеризаминӣ, бозгашт) бояд ба як системаи ягонаи идоракунӣ муттаҳид карда шаванд;
5. Намояндагони ҷомеа аз ҷониби истифодабарандагони манфиатдори об бояд дар раванди қабули қарорҳо оид ба идоракунии об ҷалб карда шаванд, ки ин тақсимоти одилонаи об ва шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои хоҷагии обро таъмин менамояд;
6. Даромади истифодабарандагони об бояд кофӣ бошад то ки онҳо хароҷоти истифодабарӣ ва нигоҳубин, инчунин таъмири ночиз ва такмил додани қисми системаи худро пурра пардохт кунанд;
7. Маблағгузории болооби системаҳои идоракунии об то сатҳи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об бояд аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ бо афзоиши минбаъдаи иштироки истифодабарандагони об бо афзоиши даромади онҳо сурат гирад;
8. Ҳифзи экосистемаҳои обӣ бояд яке аз афзалиятҳои асосии фаъолияти мақомоти идоракунии об бошад.

Вазифа гузориҳои пешбинишуда дар заминаи принсипҳои мазкур ба ҳалли маҷмӯии мушкилоти вобаста ба об ва истифодаю идоракунии оқилонаи он ҳам ба нафъи

рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва ҳам ҳифзи захираҳои об ва дар умум ҳифзи ҳамаҷонибаи табиат нигаронида шудааст. Қисми муҳими принсипҳои мазкурро дарки воқеии арзиши об ва маблағгузории соҳаи об ташкил менамояд. Маблағгузории мунтазам ва навсозии пайвастаи инфрасохтори обрасонӣ, инчунин истифодаи технологияи каммасрафи обӣ дар ҳамаи соҳаҳо шарти асосии коҳиш додани мушкилоти вобаста ба об арзёбӣ мегардад.

Сатҳҳои ҳамгироӣ дар заминаи ИҲЗО чунин таркиб ёфтаанд:

1. Ҳамгироии амудӣ аз сатҳи поёни корбар то сиёсатмадорони воломақоми вазорат ва тамоми сатҳҳои ҳукуматро фаро мегирад;

2. Ҳамгироии уфуқӣ ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни ҳамаи ташкилотҳоеро дар назар дорад, ки барои идоракунии захираҳои об дар миқёси ҳавзаи обҷамъкунӣ масъуланд.

3. Ҳамгироии байнисоҳавӣ тамоми самтҳои зарурӣ, аз ҷумла иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, гидрологӣ, иқтисодӣ ва экологиро дар бар мегирад.

4. Ҳамгироии функсионалӣ, банақшагирӣ, танзим, тарҳрезӣ, истифода, нигоҳдорӣ ва мониторингро дар бар мегирад.

5. Ҳамгироии ҷонибҳои манфиатдор (тарафҳои манфиатдор) манфиатҳои ғайриҳукуматӣ, гурӯҳҳои истифодабарандагон ё гурӯҳҳои маҳаллиро дар тамоми ҷанбаҳои идоракунии об ва қабули қарорҳо ҷалб мекунад [2].

Сатҳи назорати уфуқӣ ва амудӣ интиқоли обро аз манбаъ ба истеъмолкунанда таъмин мекунад. Дар ҳар яке аз ин сатҳҳо омилҳои ноустувории таъминоти об, ки ба онҳо хосанд, аз рӯи табиат ва дараҷаи таъсирашон гуногун амал мекунанд. Системаи идоракунии захираҳои оби кишвар ба таври оптималӣ аз 4 зинаи иерархӣ иборат аст. Дар заминаи ИҲЗО ин сохтор чунин менамояд:

Дараҷаи якум миллӣ буда, тибқи қонунгузорӣ он аз мақоми қонунгузор, ҳукумат, вазорату идораҳои ваколатдор иборат аст. Дар ин замина фаъолияти об истифодабарандагон тибқи талаботи қонунгузории миллӣ ба роҳ монда шуда, ҳадафи онро қонеъ сохтани соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо об дар сатҳи дохилӣ давлатӣ ташкил медиҳад.

Сатҳи дуюм - ҳавза, сатҳи гидрологии дарёҳо ва дигар объектҳои обиро ба таври куллӣ фаро мегирад. Он дарёро воҳиди ягонаи гидрологӣ арзёбӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, ИҲЗО раванд ва усулҳои нави идоракунии захираҳои об буда, ба истифодаи самараноки об ба манфиати таъмини устувории иҷтимоӣ ва амнияти экологӣ мусоидат мекунад [1].

Осиёи Марказӣ аз минтақаҳое маҳсуб меёбад, ки дар он масъалаҳои вобаста ба об қисми таркибии муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои онро ташкил менамоянд. Идоракунӣ ё мудирияти об дар Осиёи Марказӣ масъалаи мубрам маҳсуб ёфта, бо назардошти вобастагии мутақобилаи байнидавлатии обӣ миёни кишварҳои минтақа татбиқи принсипҳои ИҲЗО зарур арзёбӣ мегарданд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ асосан дорои ду ҳавзаи ягонаи дарёи фаромарзӣ – ҳавзаи дарёи Сир ва ҳавзаи дарёи Омӯ мебошанд. Дарёҳои мазкур ҳамаи панҷ кишвари минтақаро ба ҳам мепайванданд ва дар умум ҳавзаи ягонаи баҳри Аралро ба вуҷуд овардаанд. Дарёҳои мазкур, ки асоси таъминоти минтақа бо об мебошанд дар қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон ташаккул меёбанд, аммо истифодабарандаи онҳо асосан кишварҳои дигари минтақа – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон мебошанд.

Ҳолати мазкур давлатҳои минтақаро ба кишварҳои гидродонор ва кишварҳои вобастаи обҳои фаромарзӣ, ҳамзамон давлатҳои болооб ва поёноб табдил додааст.

Кишварҳои болооби минтақа – Тоҷикистон ва Қирғизистон бо сабаби дар минтақаи кӯҳистон ва ноҳамвор ҷойгир шуданашон имконияти истифодаи обро танҳо бо мақсадҳои гидроэнергетикӣ доранд. Кишварҳои дигари минтақа – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон дорои масоҳати калони заминҳои ҳамвори обёришавандаи аҳамияти кишоварзӣ дошта буда, захираи азими обҳои мазкурро бо мақсадҳои кишоварзӣ истифода менамоянд.

Ҳаҷми умумии маҷрои оби ҳавзаи баҳри Арал 55,4 фоиз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25,3 фоиз дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон, 7,6 фоиз дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 3,9 фоиз дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон, 2,4 фоиз дар Туркманистон ва 5,4 фоиз дар ҳудуди кишварҳои . Афғонистон, Чин ва Покистон ташаккул меёбад [3].

Аммо истеъмоли об бошад тамоман ҳолати дигарро мемонад. Тибқи реҷаи дар замони шуравӣ ҷоригардида аз ҷараёни дарёи Сир Ҷумҳурии Ӯзбекистон 50,5 фоиз, Ҷумҳурии Қазоқистон 42 фоиз, Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 фоиз ва Ҷумҳурии Қирғизистон 0,5 фоиз истифода менамоянд. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз истифодабарандагони асосии захираҳои оби минтақа буда, вобастагии зиёди онро аз кишварҳои дигари минтақа дар соҳаи об ба вуҷуд овардааст.

Чунин ҳолат дар истифодаи оби дарёи Омӯ низ зоҳир мегардад. Аз маҷрои дарёи Омӯ Ҷумҳурии Ӯзбекистон 42,2 фоиз, Туркманистон 42,3 фоиз, Ҷумҳурии Тоҷикистон 15,2 фоиз, Ҷумҳурии Қирғизистон 0,3 фоиз истифода менамоянд[4].

Ҳолати мазкур зарурати татбиқи ҳамаҷонибаи принсипҳои ИҲЗО дар минтақа мубрам намуда, ҳамгироии минтақавиро дар соҳаи об ба вуҷуд овардааст. Бо назардошти принсипҳои ИҲЗО кишварҳои поёноби минтақа ӯҳдадоранд, ки ба кишварҳои гидродонор ҷуброни ҳаққи истифодаи об пардохт кунанд ва дар раванди мудирияти ва ҳифзи захираҳои об, ҳамзамон бунёду навсозии инфрасохтори обрасонии кишварҳои болооб иштироки фаъол дошта бошанд.

Дар раванди тағйирёбии иқлим ва босуръат коҳишёбии захираҳои об вобастагии баланди байнидавлатӣ дар соҳаи об ва иродаи нисбатан заифи ҷубронпазирии истифодаи об аз ҷониби давлатҳои поёноб мушкилоти зиёдеро дар пай дорад, ки он бо маҷмӯи омилҳои дигар ҳамбаста буда, масъалаҳои вобаста ба обро дар минтақа беш аз ҳар вақти дигар мубрам намудааст.

Осиёи Марказӣ аз минтақаҳое мебошад, ки дар он маҷмӯи омилҳои асосии ба вуҷуд омадани мушкилоти вобаста ба об ҷой доранд.

Пеш аз ҳама дар минтақа талабот ба об афзоиши мунтазам дорад. Афзоиши талабот ба об дар ҳамаи соҳаҳо, алалхусус кишоварзӣ ва саноат беш аз пеш суръат гирифта истодааст. Инчунин минтақа дар ҳоли рушди иқтисодӣ қарор дошта, дар заминаи он истифодаи об низ зиёд гардида истодааст.

Масъалаи дигар афзоиши бемайлони истифода ва истеъмоли бевоситаи об мебошад, ки дар пайи афзоиши босуръати демографӣ ба вуҷуд омадааст. Аҳолии Осиёи Марказӣ афзоиши мунтазам дошта, тибқи маълумоти дар доираи лоиҳаи Worldometer пешниҳоднамудаи Созмони Милали Муттаҳид он ҳамасола зиёда аз як миллион афзоиш ёфта истодааст. Тибқи ҳисобҳои охири СММ, ба ҳолати соли 2020 аҳолии Осиёи Марказӣ 74 миллиону 5 ҳазору 626 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин нишондод ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 45 фоиз, Ҷумҳурии Қазоқистон 25 фоиз, Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 фоиз, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон мутаносибан 8,5 фоизӣ рост меояд [5].

Афзоиши демографӣ дар баробари зиёд гардидани талабот ба истифода ва истеъмоли бевоситаи об, инчунин талаботро ба маводи озуқаворӣ ва дигар молу

маҳсулоти саноатӣ зиёд менамояд, ки дар маҷмӯъ ҳамаи ин ба истифодаи бештару бамаротиб зиёди об оварда расонидааст.

Мушкилоти мураккабтарини минтақавии вобаста ба об коҳишёбии босуръати захираҳои оби минтақа дар раванди тағйирёбии иқлим мебошад. Маълум аст, ки захираҳои оби минтақа маҳфӯз дар хушкӣ буда, дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир маҳсуб меёбанд ва ин раванд эҳтимолияти мавсимӣ гардидани дарёҳои фаромарзиро дар пай дорад. Бо назардошти ин, зарур аст, ки кишварҳои поёноби минтақа принсипи чоруми ИҲЗО пурра ва комилан эътироф созанд ва ба кишварҳои болооби минтақа кумакҳои мунтазами молиявӣ ва техникӣ расонанд. Коҳишёбии захираҳои оби маҳфӯз дар Тоҷикистон ва Қирғизистон пеш аз ҳама таъсири манфии худро ба Ӯзбекистону Туркманистон ва Қазоқистон расонида, рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии ин кишварҳоро халалдор месозад.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда тайи 70 соли охир дар Тоҷикистон тақрибан 35 дарсади пиряххои хурд нобуд шудаанд. Аз 13 ҳазор пирях, ки дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, то кунун беш аз ҳазор пирях аз байн рафтааст. Дар натиҷаи ин омил тайи чанд соли охир дар Ӯзбекистон камбуди шадиди об мушоҳида мешавад. Талаботи Ӯзбекистон ба об нисбат ба кишварҳои дигар ба маротиб зиёд буда, он бо доштани майдони умумии 4,2 миллион гектар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ бузургтарин истеъмолкунандаи захираҳои об буда, 90 дарсади захираҳои оби минтақавиро маҳз он истифода менамояд [6].

Дар маҷмуъ, ин вазъ барои кишварҳои минтақа, аз ҷумла дар таъмини амнияти ғизоӣ хатарҳои бузург дорад. Талаботи афзояндаи минтақа ба маводи озуқаворӣ ва дар баробари он коҳишёбии босуръати захираҳои об вазъро беш аз пеш мураккабу печида мегардонад. Ин ҳолат гузариш ба технологияи муосири обрасониро дар соҳаи кишоварзӣ тақозо намуда, ҳамгироии байнисоҳавиро дар истифодаи об боз ҳам мубрам мегардонад.

Таркиби ҳамгироии байнисоҳавиро дар Осиёи Марказӣ идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об миёни соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, гидроэнергетика ва демография ташкил менамояд. Соҳаи кишоварзии минтақа аз истифодабарандагони асосии захираҳои об буда, он асосан ба кишварҳои поёноб рост меояд. Ин соҳа афзалияти худро аз замони шуравӣ то кунун дар истифодаи захираҳои оби минтақа нигоҳ дошта, фаъолияти иншоотҳои гидроэнергетикӣ низ барои таъмини соҳаи кишоварзӣ бо об нигаронида шудаанд. Ҳамзамон, дар соҳаи кишоварзии кишварҳои поёноби минтақа дар муқоиса бо кишварҳои дигари ҷаҳон истифодаи об ба маротиб зиёд буда, аммо сатҳи ҳосилнокӣ ба маротиб кам мебошад. Ин ҳолат далели истифодаи ғайриоқилона ва риоя нагардидани талаботҳои илмии фаъолияти аграрӣ дар муносибат бо захираҳои об мебошад. Яъне ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ аз ҳар ҷиҳат вобаста аст аз татбиқи натиҷабахши принсипҳои ИҲЗО дар соҳаи кишоварзӣ.

Дар баробари ҳамгироии байнисоҳавӣ тақвияти ҳамгироиҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об низ беш аз ҳар вақти дигар мубрам мебошад. Дар Осиёи Марказӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ҷуғрофӣ ҳамгироии байнидавлатӣ дар соҳаи об миёни давлатҳои болооб ва поёноби минтақа сурат мегирад. Давлатҳои поёноби минтақа бояд принсипи чоруми ИҲЗО ба инобат гирифта, арзиши иқтисодӣ доштани захираҳои обро комилан эътироф намоянд.

Дар раванди татбиқи натиҷабахши принсипҳои ИҲЗО ва дастёбӣ ба ҳадафҳои назаррас дар мудирияти захираҳои об иродаи сиёсии ҷонибҳои қарор қабулкуннда аҳамияти махсус дорад. Дар он ҷое, ки иродаи сиёсӣ вуҷуд дорад, сиёсатҳо, қонунҳо, маблағгузорӣ ва сохторҳои устувори институтсионалии идоракунии обро амалӣ кардан

мумкин аст. Бо иродаи сиёсӣ, қоидаҳо ва расмиёт ва созмонҳои идоракунии об эҳтимолан ҳатто ҳангоми нооромиҳои шаҳрвандӣ ё тағйирот дар ҳукуматҳо самаранок кор кунанд. Муҳимияти иродаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки кор бо шахсони тасмимгиранда то чӣ андоза муҳим аст, то онҳо дарк кунанд, ки идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об чист ва чаро он барои таъмини дастгирӣ ва ӯҳдадориҳо дар сатҳи баланд барои татбиқи он зарур аст. ИҲЗО маънои онро дорад, ки онҳое, ки ба қабули қарорҳо дар бораи захираҳои об таваҷҷуҳ доранд ё ба онҳо таъсир хоҳанд кард, бояд дар идоракунии ҳавза иштирок кунанд [7].

Таърихи зиёда аз се даҳсолаи соҳибихтиёрии кишварҳои минтақа, махсусан муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соҳаи об нишон медиҳад, ки иродаи сиёсӣ асоси ҳалли мушкилоти вобаста ба об маҳсуб ёфта, ҳамаи масоили вобаста ба обро метавон дар доираи ҳусни тафоҳум ва ҳамсоягии нек бартараф намуд. Дар ин ҷода муносибатҳои байни давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон возеҳ нишон медиҳад, ки на об, балки иродаи заифи сиёсии ҷониби давлати поёноб дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи замони соҳибистиқлолӣ сабаби ба вуҷуд омадани гуногунадешиҳо ва мухолифатҳо дар соҳаи об гардидааст.

Масъалаи муайян кардани чӣ гуна ба таври самаранок, оқилона ва одилона тақсим кардан ва истифода бурдани захираҳои об муҳим аст. Идоракунии бомуваффақияти об раванди дарозмуддат ва муттасил аст. Он иштирок ва ҳамкории ҳукуматҳо, идораҳо ва созмонҳо дар сатҳҳои байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, инчунин бахши хусусӣ, ҷомеаҳои хайрхоҳ ва мутахассисони варзидаро талаб мекунад[8].

Таҳлили ҳолати мудирият, идоракунӣ, истифода ва истеъмоли захираҳои об дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз нишондодҳои ИҲЗО дар минтақа, алалхусус аз ҷониби кишварҳои поёноб риоя нагардида, омили асосии ба вуҷуд омадани мушкилоти об гардидаанд. Бо назардошти чунин ҳолат, ба инобат гирифтани тавсия ва пешниҳодҳои зерин зарур шуморида мешавад:

1. Ҳангоми истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ аввалиндараҷа талаботи табиат ба об бояд ба инобат гирифта шавад;

2. Кишварҳои поёноби минтақаро зарур аст, ки фаъолияти кишоварзиро бештар ба таъмини амнияти озуқаворӣ равона намуда, бо назардошти ҳифзи манфиати табиат кишти пахта ва дигар маҳсулоти обталабро ба маротиб коҳиш диҳанд;

3. Дар айни замон, бо назардошти хусусияти гуногун ҷанбаи идоракунии захираҳои об, дар бисёр кишварҳо муносибати маҷмӯӣ дар идоракунии захираҳои об дар сатҳи миллӣ ва ҳавзавӣ татбиқ карда мешавад, ки такмили сохторҳои институтсионалӣ ва такмили таҷрибаи корро тақозо мекунад;

4. Бо назардошти зарурати татбиқи принсипҳои ИҲЗО кишварҳои поёноби минтақаро зарур аст, ки вобаста ба ҳифзи захираҳои об, амнияти минтақавии экологӣ, таъмини рушди устувори тамоми соҳаҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеа, ба инобат гирифтани талаботи наслҳои оянда ба об кумкҳои техникӣ, молиявӣ ва илмию кадриро ба кишварҳои болооб ба маротиб афзоиш диҳанд.

Муносибати маҷмӯии идоракунии захираҳои об барои идора ва рушди захираҳои об ба таври устувор ва мутавозин бо назардошти манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ мусоидат мекунад. Он гурӯҳҳо ва бахшҳои мухталиф ва баъзан рақобатпазири иқтисодро, ки обро истифода мебаранд ва метавонанд ифлос кунанд, инчунин талаботи экологиро баррасӣ мекунад. Равиши ҳамгирошуда идоракунии обро дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ ё гурӯҳҳои манфиатдор дар миқёсҳои гуногун, аз сатҳи маҳаллӣ то сатҳи байни давлатӣ ҳамоҳанг месозад. Он ба зарурати дохил кардани сиёсати миллӣ ва чаҳорчӯби қонунӣ дар раванди рушд, таъсиси системаи беҳтари идоракунӣ ва эҷоди

сохторҳои муассири институтсионалӣ ва танзимкунанда, ки барои ҳалли бештар одилона ва устувор заруранд, таъкид мекунад. Маҷмӯи воситаҳо ба монанди арзёбии иҷтимоӣ ва экологӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва системаҳои мониторинг, ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот ин равандро дастгирӣ мекунанд.

**Адабиёт**

1. Расулзода К., Пулатов Я. Интегрированное управление водными ресурсами: проблемы и перспектива. С.-14.

2. Пулатов Я.Э. Реализация принципов интегрированного управления водными ресурсами в странах Центральной Азии и Кавказа. ГВП ЦАК. -Алмата, 2004.-С.90-104.

3. Рахимов Ф. Д. Развитие гидроэнергетики Таджикистана в период независимости (1991-2015гг.): диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.02 / Рахимов Файзиддин Дониерович;[Место защиты: Таджикский национальный университет].- Душанбе, 2015. С.39 (- 176 с.)

4. Бояркина О.А. Проблемы и перспективы урегулирования международных конфликтов в сфере водопользования в Центральноазиатском регионе: диссертация ... кандидата биологических наук: 23.00.04 / Бояркина Оксана Александровна;[Место защиты: Дипломатическая академия МИД России].- Москва, 2015. С.54(- 160 с)

5. Население Центральной Азии вырастет более чем на миллион в 2020 году [электронный ресурс]//Источник: https://e-cis.info/news/567/86015/ (дата обращения 14.10.2022).

6. Дефицит воды в Центральной Азии: страны должны пересмотреть политику водопользования[электронный ресурс]//Источникhttps://cabar.asia/ru/defitsit-vody-v-tsentralnoj-azii-strany-dolzhny-peresmotret-politiku-vodopolzovaniya (дата обращения 14.10.2022).

7. Горошков Н.И. Соколова В.И. Глобальное Водное Партнерство. Руководство по интегрированному управлению водными ресурсами в бассейнах. С.-29.

8. Карен Брендон Прогресс в области интегрированного управления водными ресурсами краткий обзор. С.-3

# ИНТЕГРИРОВАННОЕ УПРАВЛЕНИЕ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ – ОСНОВА РЕШЕНИЯ ВОДНЫХ ПРОБЛЕМ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**ЗОКИРОВ ГУЛМАҲМАД НОЗИМОВИЧ,**
доктор политических наук, профессор кафедры политологии
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудакӣ 17.
**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*В данной статье проанализированы и обсуждены основы и принципы управления водными ресурсами в современных условиях. Автор изучил интегрированное управление водными ресурсами, его сущность и необходимость, его принципы и составляющие элементы. Констатируется, что в условиях стремительного демографического роста, многократного развития промышленности и сельского хозяйства, изменения климата, сокращения водных ресурсов и увеличения потребности в чистой питьевой воде и хозяйственной воде возникает необходимость разработки эффективных концепций управления водными ресурсами и ученые*

*в этом направлении предложили несколько подходов, одним из которых является интегрированное управление водными ресурсами.*

*Автор анализирует концепцию интегрированного управления водными ресурсами и рассматривает использование этого принципа как основу для решения водохозяйственных проблем в Центральной Азии. Подчеркивается, что между странами Центральной Азии существует полная водная зависимость, и они имеют единый водный бассейн. Страны региона делятся на гидродонорные и водозависимые, верхнего течения и нижнего течения.*

*Состояние использования водных ресурсов в регионе показывает, что в основе водных проблем лежит неправильное управление и нерациональное использование воды в агропромышленном комплексе, а следующие принципы концепции комплексного управления водными ресурсами не реализованы на практике.*

***Ключевые слова:*** *вода, водные ресурсы, питьевая вода, водные проблемы, изменение климата, управление, водохозяйство, интеграция, Центральная Азия, государство, гидродонор, сотрудничество, трансграничная река, река Ому, река Сир, Аральское море, природа, сельское хозяйство, население.*

## INTEGRATED WATER MANAGEMENT IS THE BASIS FOR SOLVING WATER PROBLEMS IN CENTRAL ASIA

**GULMAKHMAD NOZIMOVICH ZOKIROV,**
Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of Political Science
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
**QUVVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
candidate of political sciences, Associate Professor of the Department
of political science and public relations
Academy of public administration under the president of Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*This article analyzes and discusses the basics and principles of water resources management in modern conditions. The author studied integrated water resources management, its essence and necessity, its principles and constituent elements. It is stated that in the conditions of rapid demographic growth, multiple development of industry and agriculture, climate change, reduction of water resources and an increase in the need for clean drinking water and utility water, there is a need to develop effective concepts for water management, and scientists in this direction have proposed several approaches, one of which is integrated water resources management.*

*The author analyzes the concept of integrated water resources management and considers the use of this principle as a basis for solving water management problems in Central Asia. It is emphasized that there is complete water dependence between the countries of Central Asia, and they have a single water basin. The countries of the region are divided into hydro-donor and water-dependent, upstream and downstream.*

*The state of the use of water resources in the region shows that the basis of water problems is the mismanagement and irrational use of water in the agro-industrial complex, and the following principles of the concept of integrated water resources management have not been implemented in practice.*

***Keywords:*** *water, water resources, drinking water, water problems, climate change, management, water management, integration, Central Asia, state, hydro-donor, cooperation, transboundary river, Omu River, Sir River, Aral Sea, nature, agriculture, population.*

УДК: 323

# МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**АЛИЗОДА БАҲРИДДИНИ ПИРМУҲАММАД,**
доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-18-97-26. E-mail b.p.alizoda63@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ таҳлил гардида аст. Ҳамзамон дар мақола масъалаҳои такмили мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар 32-соли Истиқлол мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши Раёсати (Агентии) хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳкими ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар марҳилаи ҳозира қайд карда шудааст.*

*Таҳкими низоми идоракунии давлатӣ ва худидораи маҳаллии ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзаи рушди ҷомеа яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори давлат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ мебошад. Бо назардошти ин, дар мақола саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ислоҳоти идоракунӣ ва такмили сохтори мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлол мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Истиқлол, Тоҷикистон, Президент, такомул, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, хизматчиёни давлатӣ, давлатдорӣ, мақомоти идоракунӣ, Раёсати (Агентии) хизмати давлатӣ, дастовардҳо, таҳкими давлат.*

Дар замони истиқлоли давлатӣ ва шароити ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини рушди устувори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили идораи давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ ва дар маҷмуъ такмили низоми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, бунёди давлати миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва пояҳои давлатдорӣ талаб мекунанд, ки дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ бояд самаранок, мунтазам ва бонизом фаъолият намоянд.

Ташаккули давлат ва давлатдорӣ дар Осиёи Марказӣ давраи тӯлонии раванди таърихиро дар бар мегирад. Низоми идоракунӣ ва худидораи маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ дар замони қадим мавзӯи хеле доманадори шеваи давлатдории ниёгон мебошад. Ҳанӯз 2575 сол муқаддам асосгузори давлати Ҳахоманишиён - Куруши Кабир (558-530) дар таърихи инсоният аввалин империяи ҷаҳонии умумиэрониро ташкил карда, ҳуҷҷати ҳуқуқии «Эъломияи ҳуқуқи башар»-ро ба тамоми шаҳрвандонаш эълон кард ва низоми нави идоракунии давлатиро ҷорӣ кард.

Ҳанӯз дар замони давлатдории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён (558-330 то м.) бори аввал дастгоҳи муктадири идоракунии давлатӣ созмон дода шуд, ки тамоми атрибутҳои давлатдорӣ ташаккул дода шуданд. Давлат ба мулкҳо ва халқҳои алоҳида ҳуқуқӣ худидорашавиро дода буд ва ҳифзи қонунгузории маҳаллӣ дар худидоракунӣ авлотар дониста мешуд.

Баъд аз давлатдории беш аз садсолаи эллиниҳо дар Порт давлатдории миллӣ дар шакли давлати бузурги Ашкониён(247 то м.-226 м.) аз нав эҳё гардид. Онҳо анъанаи давладории ниёгонро идома доданд ва иловатан дар низоми идораи давлат ду шӯрои олиро ворид карданд, ки ҳама масъалаҳои идораи давлатӣ ва маҳаллӣ дар доираи машварат ва тавсияи ин ду шӯро амалӣ мегардид.

Дар замони шоҳаншоҳии овозадори Сосониён (224-651м.), ки анъанаи давлатдории ниёгонамонро идома доданд, дар идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти марказӣ камтар дахолат мекард. Ҳокимияти марказӣ ба шаҳрҳо ва рустоҳои бузургу хурд ҳуқуқи худидоракунӣ дода буд. Сардори шаҳр – шаҳраб номида мешуд, ки аз сатрап гирифта шудааст. Аммо дар давраи дертар намояндаи ҳокимияти марказӣ дар шаҳрҳо ҳамаркорҳо буданд, ки дар асоси дастурҳои сардори музофот – остондор амал мекарданд. Дар маъмурияти шаҳрӣ ҳавзаҳои рустакҳо (ноҳияҳо) ва деҳҳо дохил мешуданд, ки худидоршаванда буданд, остондор ва ҳамаркор ба корҳои онҳо дахолат намекарданд.

Дар низоми идоракунии давлатӣ Сосониён асосан ба Ашкониҳо такя карда, онро боз ҳам такмил доданд. Дар замони Сосониён ҳуҷҷати махсуси идоракунии мақомоти давлатӣ, масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва судӣ вуҷуд дошт, ки «Мотикони ҳазор додастон» ном дашт, олимон онро мухтасаран «Қонунномаи Сосониён» меноманд. Дар асоси ин Қонуннома масъалаҳои додгоҳӣ, идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба танзим даровარда мешуд.

Давлатҳои Ашкониён ва Сосониёи таҷрибаи давлатдории Ҳахоманишиёнро эҳё намуда, онро инкишоф ва такомул доданд. Хилофати Араб низоми давлатдории Сосониёнро аз худ карда дар давлатдории хеш истифода намуд ва оқибат дар замони Сомониён давлатдории миллии мо дар пояи таҷрибаи давлатдории ниёгонамон эҳё карда шуд.

Сомониён дар қатори даргоҳ ва даҳ девон низоми муайяни анъанаи худидораи маҳаллро ба вуҷуд оварда буданд, ки вазифаи кадхудо мустақил буд. Кадхудо сараввал маънои ҳукмронӣ ба оилаҳо ва авлодро дошт. Дар давраи ислом кадхудои идеалиро ҳамчун сарвари ғамхор тассавур мекарданд.

Тоҷикистон муосир низ барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муайян намудани мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ таҷрибаи зарурӣ дорад. Ҳанӯз дар қонуни Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» чунин мафҳум дода шудааст: «Худидораи маҳаллии ҶШС Тоҷикистон шакли ҳокимияти халқӣ мебошад, ки дар асоси он ҳуқуқи шаҳрвандон ва иштироки амалии онҳо дар ҳалли масъалаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳудуд ва проблемаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ амалӣ мегардад» [6, С.52].

Дар он Қонун муқаррар карда шуда буд, ки «Мафҳуми худидораи маҳаллӣ низоми ташкили фаъолияти аҳолиро барои мустақилона ва тахти масъулияти худ мустақиман ё ба воситаи мақомоти интихобкунандаи худ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ифода мекунад. Мақомоти худидораи маҳаллӣ масъалаҳоеро, ки ба салоҳияти онҳо дахл доранд, мустақиман ва ё ба воситаи намояндагони худ ҳаллу фасл менамоянд» [3, Мод.450].

Дар моддаи 126 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 муқаррар карда шуда буд, низоми худидораи маҳаллии Тоҷикистон Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти марзии худидораи ҷамъиятӣ, раъйпурсиҳои маҳаллӣ, маҷлисҳои шаҳрвандон ва дигар шаклҳои демократияи бевоситаро дарбар мегиранд. Худидоракунии маҳаллӣ дар ҳадди воҳидҳои марзию маъмурӣ дар асоси сезинагӣ ба амал бароварда мешуд, ки асоси марзии онро шаҳрак, Шӯрои маҳалла, ноҳия, шаҳр, ноҳия дар шаҳр, вилоят ташкил менамоянд. Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ, ҳамчун мақомоти намояндагии ҳокимият, зинаи асосии худидоракунии маҳаллӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ин меъёрҳо чанде пеш дар Қонун «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» аз 23 феврали соли 1991[6]. муфассал танзим ёфта буданд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар кишварамон ва доир гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 барои таҳкими ҳокимияти давлатию низоми идоракунии кишвар, муайян намудани самти раванди инкишофи ҷомеа дар солҳои минбаъда ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд омад.

Дар ин радиф, бо шарофати ҷаҳду талошҳои Роҳбарияти олии кишвар дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу оромӣ дар саросари кишвар таъмин гардида, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандаи сокинони кишвар шароити мусоид фароҳам омад.

Аммо тағйироти муҳим дар такмил ва таҷдиди низоми идоракунии давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ баъд аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) ба амал омад, низоми идоракунии кишвари мо тадриҷан аз усули фармонфармоӣ ба низоми идоракунии демократӣ табдил ёфт, ки ин тақозои замон ва хусусияти демократӣ доштани ҳокимияти давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: “Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони истиқлолият мебошад, ки дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида, марҳила ба марҳила нумӯъ ёфт” [8, С.3].

Дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба Конститутсия худидоракунии маҳаллӣ дар шакли мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат) мустаҳкам карда шудааст.

Агар ба таърихи ташкилёбии ҷамоатҳо назар афканем, мебинем, ки ин мақомот аз аввал масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро дар сатҳи маҳал ва дар доираи ваколатҳои худ ҳаллу фасл мекардааст. Ҳамчунин, бояд тазаккур дод, ки миёнарави асосии байни мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ маҳз Ҷамоат мебошад. Яке аз принсипи асосии фаъолияти Ҷамоат ин мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ мебошад. Барои амалишавии он ҳамаи масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро дар доираи салоҳият ва таҳти масъулияти худ қарор дода, аҳолии маҳалро ба корҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ ба хотири баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони худ ҷалб мекунад.

Дар асоси моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мекунад, ки ин меъёри Конститутсия дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» низ дарҷ шудааст ва иштироки шаҳрвандони синнашон ба 18 расидаро дар ташкил ва фаъолияти Ҷамоат ҳуқуқ дода, моддаи 28-и қонуни мазкур ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро пешбинӣ мекунад ва ба амалбарории бевосита ва бавоситаи ҳуқуқи шаҳрвандонро дар фаъолияти Ҷамоат амалӣ менамояд [3]. Илова бар ин, раис ва дигар ҳайати дастгоҳи Ҷамоат хизматчии давлатӣ мансуб мегарданд. Инчунин, ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳуқуқи татбиқи ваколатҳои алоҳидаи мақомоти ҳокимияти давлатиро дар асоси шартнома иҷро намудан дода шудааст, ки аз эътироф шудани Ҷамоат ҳамчун мақомоти давлатӣ дар низоми идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Худидораи маҳаллӣ бевосита аз ҷониби аҳолӣ ё тавассути мақомоти худидора амалӣ карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мақомоти худидора аз корҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта хуб огоҳанд ва метавонанд қарорҳоро фавран қабул намоянд, дар баробари ин қарорҳои зиёд қабулнамударо бо мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа намуда, дар ин замина барои ба вуҷуд овардани робитаи мутақобила бо аҳолӣ имконият фароҳам оварда мешавад.

Мувофиқи Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ, фаъолият ва низоми худидораи маҳаллӣ хеле маҳдуд гардида аст. Меъёри конститутсионӣ дар ин бора аз ҷумла зерин иборат аст: «Мақоми худидоракунии шаҳраку деҳа ҷамоат аст» (моддаи 78) [1].

Ин меъёр асос барои қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот» аз 1 декабри соли 1994 гардид, ки то моҳи августи соли 2009 амал кард. Бо мурури замон меъёрҳои қонуни мазкур коста гардида, зарурат пеш омад, ки қонуни нав дар бораи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қабул карда шавад. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 августи соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [3] қабул карда, шуд, ки айни ҳол амал мекунад.

Ба ҳамин тариқ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи худидораи маҳаллӣ салоҳияти васеъ доранд.

Мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ низоми ташкилии фаъолияти аҳолиро барои мустақилона ва таҳти масъулияти худ мустақиман ё ба воситаи мақомоти интихобкунандаи худ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ифода мекунад. Мақомоти худидораи маҳаллӣ масъалаҳоеро, ки басалоҳияти онҳо дахл доранд мустақиман ва ё ба воситаи намояндагони худ ҳаллу фасл менамояд.

Ҷамоатҳо дар амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар идораи корҳои ҷамъият ва давлат ёрӣ мерасонанд, онҳоро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагии қаламрави худ, ҳалли масъалаҳои хеле муҳимме, ки бевосита ба манфиати аҳолӣ дахл доранд, муттаҳид месозанд, ба мақомоти хокимияти давлатӣ дар иҷрои талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ ва раисони онҳо мусоидат мекунанд.

Ҷамоатро раиси он идора мекунад. Қарорҳои Ҷамоат аз рӯи ҳамаи масъалаҳо бо овоздиҳии ошкоро ва бо дастгирии аксарияти ҳозирин қабул карда мешавад. Бо пешниҳоди раиси шаҳр, ноҳия раиси Ҷамоатро намояндагони Ҷамоат интихоб мекунанд. Шумораи ҳайати муовинони раиси ҷамоатро раиси шаҳр, ноҳия муқаррар менамоянд. Муовинони раис ва котиби ҷамоат бо пешниҳоди раиси Ҷамоат интихоб карда мешаванд. Онҳо ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешаванд.

Маҷлиси вакилонит халқи Ҷамоатро раиси Ҷамоат бо маслиҳати Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ё Раиси шаҳр, ноҳия дар мавриди зарурат, вале соле камаш ду бор даъват мекунад. Ҷамоат инчунин аз тарафи Маҷлиси вакилони халқ, Раиси шаҳр, ноҳия ё худ ташаббуси камаш сеяки шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи дар Ҷамоат иштирок кардан доранд, даъват шуда метавонад.

Дар Маҷлиси вакилони халқи Ҷамоати шаҳрак намояндагони кӯчаю маҳаллаҳо, дигар воҳидҳои марзии қаламраваш, дар Ҷамоати деҳот бошад, намояндагони деҳаҳои дахлдор чун вакил иштирок менамоянд. Меъёри намояндагӣ ва тартиби пешбарии вакил аз тарафи Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, ноҳия ё Раиси шаҳр, ноҳия муқаррар карда мешавад.

Ҷамоат дар ҳадди худидоракунии шаҳрак ва деҳот ваколатҳо дошта, хизматрасонии аҳолии маҳал, ободонии шаҳраку деҳаро ба роҳ монда, ҷамъоварии маблағ ва харҷи онро ташкил мекунад. Ҷамоат масъалаҳои ҷудо кардани қитъаҳои заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ, тартиби ихтиёрдорӣ, истифода ва иҷораи замин ва дигар муносибатҳои оид ба заминро ҳал мекунад. Раиси Ҷамоат дастгоҳи худро дорад, ки сохтори он аз тарафи мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад, ки аз

муовини Раис, котиби Ҷамоат, коргузори сабти ҳолати шаҳрвандӣ, муҳосиб ва дигар коркунон иборат буда, ғайр аз муовину котиби Ҷамоат дигар коргаронро раиси Ҷамоат бо қарори худ ба кор қабул ва озод мекунад.

Тибқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [3, М.503] мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ мусоидат мекунад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад, татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо вогузорад.

Чи хеле ки аз муқаррароти қонунҳои зикргардида аён мегардад, доираи ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нисбат ба мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ васеътар буда, ҳатто дар асоси шартнома ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор гардидани ваколатҳои алоҳидаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, дар 32-соли Истиқлолияти давлатии кишвар идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол рушду такомул ёфта, ба таҳкими давлату давлатдории навинамон мусоидат намуд.

Барои амалишавии ҳадафҳои гузошта ҷамоатҳо низ бояд дар қатори дигар мақомоти давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мавқеи худро мустаҳкам намоянд. Ҷамоат ҳамчун дорои хусусияти ташкилии ба худ хос буда, фаъолияташро вобаста ба ваколат ва салоҳияташ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ намояд ва як қатор хизматрасониҳоро ба аҳолии маҳал пешкаш карда, дар як вақт масъалаҳои дар маҳал ба вуҷудояндаро дар доираи ваколатҳои худ доир ба ҳалли онҳо чораҷӯӣ ва мусоидат намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳамкории самарабахшро ба роҳ монда, фаъолияташ самаранок намуда, барои ҳалли мушкилоти маҳаллӣ ва беҳбудии вазъи зиндагии мардум саҳми бештар дошта бошад.

Мо бояд барои боз ҳам рушду такомул додани низоми идоракунии давлатӣ ва такмили фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот кӯшиш намуда, барои ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани онҳо тамоми имкониятҳоро истифода барем. Пеш аз ҳама дар ҷамоатҳо ашхоси поквиҷдону мутахассисони варзидаи дорои маънавиёти баланд ва салоҳиятнокии касбӣ дар асоси меритократия (шоистасолорӣ) ҷалб карда шаванд, то онҳо ба манфиати халқу ватан хизмат карда тавонанд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 86 с.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, №11, 2009, №12, мод.814.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009, №7-8, мод.503.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа» //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, № 23-24, мод. 450.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» 5 январи соли 2008 №347. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 1, қисми 2, мод. 12.

6. Қонуни Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» (23-02-1991 № 266) // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3. – Душанбе, 1992. – С. 48- 62.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007 // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 2. – 2007. – С.3- 27.
8. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ [Матн]. – Душанбе: Эҷод, 2017. – 427 с.
9. Ализода Б.П. Таърихи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон// Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2007.-№ 3.- С 30-41.
10. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистон. –Душанбе; 2007.- 448с.
11. Каримов К.М. Муносибати хизмати давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2006.-№ 2.- С. 21-35
12. Нуриддинов Ҳ. Идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар замони Сомониён// Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2005.-№ 1.- С. 47-55.
13. Саидов Ғ. Асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти худидо-ракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 195с.
14. Сайфиддинов А.А. Асосоҳои ҳуқуқии худидораи маҳаллӣ барои раисони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. -Душанбе: Деваштич, 2008.-220 с.

## ПРОБЛЕМЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЕ ОРГАНОВ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**АЛИЗОДА БАХРИДДИНИ ПИРМУХАММАД**,
доктор исторических наук, доцент, заведующей кафедры философии и гуманитарных наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992)91818 9726. E-mail b.p.alizoda63@mail.ru

*В статье анализируется вопросы становления и развития органов местного самоуправления в Республике Таджикистан в годы независимости. Рассматриваются вопросы совершенствования и развития органов местного самоуправления за 32 года государственной независимости. Подчеркивается роль Управления (Агентства) государственной службы при Президенте Республики Таджикистан в разработке нормативно-правовых актов и совершенствования государственного управления и местного самоуправления в период независимости страны.*

*В статье также анализируется вопросы совершенствования государственного управления и местного самоуправления в Республике Таджикистан. Автор подчеркивает, что новые формы государственного управления в Таджикистане формировались в результате достижения государственной независимости, которое были реорганизованы, в основном, все органы государственного управления, в том числе местные органы самоуправления в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *независимость, Таджикистан, развитие, совершенствования, государственное управления, органы местного самоуправления, президент, государственность, органы управления, управления государственной службы, достижения, укрепления.*

## PROBLEMS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF LOCAL SELF-GOVERNMENT BODIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ALIZODA BAHRIDDINI PIRMUHAMMAD**,
Doctor of Historical Sciences, manager of the Department of philosophy and humanities of the Academy of public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-18-97-26. E-mail:b.p.alizoda63@mail.ru

*In this article are discussed history of formation and perfection public administration and local self government bodies in the Republic of Tajikistan in years of independence. Discussed questions of perfection and development of administrative authorities in 30 years of independence. Underlined the role of Civil Service Department of the Prezident of the Republic of Tajikistan in the formation of legistlation, perfection of civil service and strethening state for this period.*

*The article deals with the issues of formation and development of executive bodies of state authority in Tajikistan. Author highlights that new forms of state administration in Tajikistan have formed as a result of state independence and which had been reorganized. Mainly all state authority bodies, including executive bodies of state authority.*

***Keywords:*** *independence, Tajikistan, development, prezident, perfection, local self government bodies, jamoat, state system, administrative authorities, civil service department, achievment, strethening.*

УДК:930.88 (575.3)

# НИГОҲЕ БА МАКТАБИ АФҒОНИСТОНШИНОСИИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ МАВҶУДИЯТИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ

**ҚОДИРОВ ДОВАР САИДАЛЛОВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур муаллиф нигоҳе ба мактаби афғонистоншиносии тоҷик дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ намуда, дар ин замина самтҳо ва муаммоҳои афғонистоншиносии тоҷикро баён доштааст. Ба қавли муаллифи мақола аз оғоз то барҳамхурии Иттиҳоди Шуравӣ самтҳои мубрами шарқшиносӣ, аз ҷумла афғонистоншиносӣ тадқиқ, таҳия ва нашри осори хаттӣ доир ба таърих, забону адабиёт ва маданияти кишварҳои Шарқ, хоса Афғонистон, омӯзиши таърих, таърихи наҳзатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон, масъалаи гирдоварӣ ва таҳқиқи адабиёти омиёнаи Афғонистон, таҳқиқи масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистон дар соҳаҳои илм ва фарҳанг ва омӯзиши мавзуи тоҷикони Афғонистон дар маркази пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷик қарор гирифта буд. Аз ҷониби дигар, дар мақола оид ба ҳайати аввалини афғонистоншиноси тоҷик ва нақши онҳо дар тарбия ва камолоти маънавии афғонистоншиносони насли дуюм баён ёфтааст.*

*Ҳамчунин дар мақола оид ба пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсири он ба тадқиқоти афғонистоншиносони тоҷик манзур гаштааст. Тавре муаллифи мақола баён доштааст, раванди суқути Иттиҳоди Шӯравӣ, боиси он гардид, ки дар Тоҷикистон он шуҳрату шаҳомате, ки афғонистоншиносӣ дошт то ҳадде эътибори худро аз даст дод, зеро тамоми муҳаққиқони афғонистоншинос рӯзгори мушкилеро паси сар менамуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *шарқшиносӣ, афғонистоншиносӣ, афғонистоншиносии тоҷик, Пажуҳишгоҳи шарқшиносӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, Афғонистон, Тоҷикистон, тоҷикон, афғонҳо*

Солҳои 50-уми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти боз намудани маркази академикӣ-илмии шарқшиносӣ ба миён омад. Дар таъсиси маркази академикӣ-илмии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон донишмандони шарқшиноси тоҷик аз ҷумла устод С.Айнӣ, Б.Ғафуров, А.Мирзоев, М.С.Осимӣ ва дигарон хизмати шоён анҷом додаанд.

Дар бораи шарқшиносӣ ва шохаҳои дигари он, махсусан афғонистоншиносӣ муҳаққиқони зиёди тоҷик мақолаҳои пурмазмуне дар маҷаллаҳои дохилӣ ва хориҷӣ таълиф намудаанд, аммо он ба таҳқиқи нав ниёз дорад. Муҳаққиқ Л.З. Саломатшоева ба масъалаи шарқшиносии тоҷик таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар ин маврид иброз менамояд: «Самти асосии таҳқиқоти шарқшиносии олимони тоҷик ба омӯзиши кишварҳои ҳамҷавор – Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон алоқаманд мебошад. Ин ҳадаф ба рушд ва ташаккули робитаҳои илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ бо ҳамсояҳои ҳамҷавори худ, ҳамчунин ба анъанаҳои бисёр асраи фарҳангӣ ва умумиятҳои забонӣ бо халқҳои зикршудаи минтақа вобастагӣ дорад» [21, с.226].

Мавсуф дар ҷои дигари мақолаи худ таъкид мекунад: «Тоҷикистон яке аз марказҳои илмии шарқшиносии Шуравӣ, дорои зарфияти хоси кадрӣ дар соҳаи таърих, филология, забоншиносӣ, иқтисодиёт, муаммоҳои ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳии кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна мебошад. Муассисаи пешбари шарқшиносии ҷумҳурӣ Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон ба шумор меравад, ки моҳи июли соли 1970 дар заминаи Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ, ки қаблан ба низоми Академияи илмҳои ҷумҳурӣ шомил мешуд, маҳсуб меёбад. Дар таркиби Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон 6 бахш – Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва

Покистон, арабшиносӣ, дастхатҳои шарқӣ, матншиносӣ ва нашри осор амал менамуданд» [21, с.226].

Ба масъалаи инкишофи афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон муҳаққиқи дигари тоҷик Д.Саидмуродов таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мақолаи муфассале дар ин мавзӯъ навиштааст. Тавре ин муҳаққиқ менависад: «Бо вуҷуди он ки проблемаҳои марбути Афғонистон ҳанӯз дар солҳои 20-ум шурӯъ шуда буд, вале оғози муташаккилонаи афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон ба замони таъсиси шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи фанҳои Тоҷикистон дар соли 1958 вобаста аст. Таъсиси чунин шуъбаро зарурияти фаро расидаи омӯзиши комплексӣ ва ҳамаҷонибаи таърихи маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин омӯзиши адабиёт, забон ва проблемаҳои рӯзмараи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишофи Шарқи Наздик ва Миёна тақозо менамуд»[19, с.11]. Умуман, дар мақолаи Д.Саидмуродов дастовархое, ки дар зарфи 25 сол шуъбаи афғонистоншиносӣ ба даст овардааст, пажӯҳиш гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки паҳлуҳои гуногуни шарқшиносӣ, аз ҷумла яке аз шохаҳои он афғонистоншиносӣ дар мақолаҳои зиёди донишманди тоҷик Д.С.Саидмуродов мушахас гардидаанд. Мавсуф дар ин хусус чунин андешаҳо баён менамояд: «Дар илми шарқшиносии Шуравӣ то ба ҳол масоили муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар давраи нав ва навтарин пурра омӯхта нашудаанд. Муҳаққиқони афғонистоншиносро минбаъд ҳам корҳои бузург оид ба таҳқиқи рушди таърихии ин кишвар дар пеш мебошад. Масъалаи камомӯхташуда то ҳол таърихи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон, таҳаввули муносибатҳои обу замин, сиёсати фискалию андозӣ ва вазъи моддию маишии оммаи мардум дар давраҳои гуногуни таърихи рушди ин кишвар ба ҳисоб меравaнд. Аҳаммияти хосро ҳамзамон омӯзиши таърихи мубориҳаҳои зиддифеодалӣ ва миллӣ-озодихоҳии мардумони Афғонистон ишғол менамоянд»[20, с.10].

Мувофиқи арзёбии ин муҳаққиқ аз рӯи нишондиҳандаҳои таҳқиқот таълифи чунин монографияҳои коллективӣ пешбинӣ гардида буданд:

1. Вазъи сотсиолингвистикӣ (иҷтимоию забонӣ) дар Афғонистон (солҳои 60-80-уми қарни XX);
2. Саид Ҷамолиддин Афғонӣ ва рушди афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Афғонистон ва Эрон;
3. Адабиёти пашту ва даризабонӣ Афғонистон дар қарни XX;
4. Хусусиятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон дар давраи нав ва навтарин[20, с.11].

Яке аз мақолаҳои дигари илмие, ки ба ташаккул ва рушди афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст ба қалами доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров таалluқ дорад. Мавсуф чунин андеша дошт, ки дар Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба омӯзиши илмии ҷанбаҳои гуногуни таърих, иқтисодиёт, адабиёт ва забонҳои Афғонистон зиёда аз 20 коршинос машғул мебошанд. Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон яке аз марказҳои бонуфузи илмии афғонистоншиносӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ҳисоб меёфт. Шавқи беандоза ба омӯзиши Афғонистон баъд аз музаффарияти Инқилоби миллӣ-демократии апрелии соли 1978 афзуд, ки тамоми монеаҳоро дар роҳи таҳқиқи илмии холисонаи таърих ва фарҳанги халқҳои Афғонистон бартараф намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар бораи Институти шарқшиносии тоҷик ва дастовардҳои он дар замони Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Т.Мардонов мақолае дар маҷаллаи Ахбороти Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон ба нашр расид. Ба таъкиди мавсуф «Дар соли 1990 бо талошҳои роҳбарияти Институти шарқшиносӣ барои ҳалли

масоили илмии таърих, иқтисодиёт, фарҳанг, ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва динӣ, забонҳои кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна, махсусан Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва кишварҳои араб олимони зиёде ҷалб гардиданд. Ба нақши халқи тоҷик, ки ба халқҳои ин кишвар умумияти мероси фарҳангӣ ва забонӣ дорад, таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Дар Институт ба омӯзиши масоили муҳимми таърих ва ҳаёти кишварҳои Шарқ дар замони нав ва навтарин диққати зиёд равона гардида буд. Ҳисоботи солонаи олимони афғонистоншинос дар ин сол бояд ба нашри осори таърихии «Зафарномаи Хусравӣ», маъхази ду ҷилда оид ба таърихи Афғонистони охири қарни XIX ва ибтидои XX «Аҳкоми ҳузур», ҳамзамон таҳқиқоти монографӣ «Саид Ҷамолиддин Афғонӣ ва мактаби иҷтимоӣ-сиёсии ӯ», «Тоҷикони Афғонистон: Очерки таърихӣ, хоҷагидорӣ ва фарҳанги моддӣ», «Ҷунбиши ҷавонон дар Афғонистон (1945-1990)», «Топонимикаи Афғонистон» ва ғайраро ба иҷро мерасониданд. Ба ғайр аз ин дар соли 1990 таҳқиқоти як қатор масъалаҳои иқтисодӣ, махсусан муносибатҳои арзӣ ва қонунгузории арзӣ, захираҳои энергетикӣ, муаммоҳои сохтмони фарҳангӣ ва забонӣ дар Афғонистони навин идома меёфт» [8, с.82-83].

Перомуни афғонистоншиносии тоҷик, раванди ташаккул, инкишоф ва муаммомҳои он доктори илмҳои таърих Қ.Искандаров мақолаи пурмазмуне иншо намудааст. Тавре донишманди тоҷик Қ.Искандаров дар мақолаи худ баён менамояд: «Афғонистоншиносӣ, дар тӯли солҳои зиёд, яке аз самтҳои муҳимми илми шарқшиносии тоҷикро ташкил мекунад. Гарчанде омӯзиши масъалаҳои гуногуни Афғонистон ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри гузашта шурӯъ шуда буд, аммо баъди ташкили шуъбаи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 1958 омӯзиши Афғонистон шакли муташаккилона ва густурдатареро касб намуд» [4, с.76].

Донишманди афғонистоншиноси тоҷик Қ.Искандаров афғонистоншиносии тоҷикро дар дарозои мавҷудияти худ таҳлил намуда, дар ин замина баён менамояд, ки самтҳои асосии онро аз оғози ташкил то ба имрӯз тадқиқ, таҳия ва нашри осори хаттӣ доир ба таърих, забону адабиёт ва маданияти кишварҳои Шарқ, хоса Афғонистон, омӯзиши таърих, таърихи нуҳзатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон, масъалаи гирдоварӣ ва таҳқиқи адабиёти омиёнаи Афғонистон, таҳқиқи масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистон дар соҳаҳои илм ва фарҳанг ва омӯзиши мавзӯи тоҷикони Афғонистон ва умуман вазъи ақвоми гуногуни ин кишвар ташкил медоданд. Умуман, дар мақолаи Қ.Искандаров вобаста ба самтҳои зикргардида, таҳқиқоти олимони тоҷик дар риштаи афғонистоншиносӣ нишон дода шудааст, ки арзиши илмии худро то кунун аз даст надодаанд.

Дар боби шаклгирии мактаби шарқшиносӣ ва яке аз соҳаҳои он афғонистоншиносӣ Ш.Сӯфиев дар китоби «Шарқшиносии тоҷик» чунин менигорад: «Солҳои 80-уми қарни XX таҳаввулоти мухталифи ҷиддии сиёсиву иҷтимоӣ дар сартосари дунё ба амал омад, ки ба раванди минбаъдаи илмӣ-пажӯҳишии шарқшиносии тоҷик низ таъсири бевосита расонид. Дар нақшаи сиёсии ҷаҳон мавқеи Афғонистон ниҳоят мубрам ва муҳим гардид. Барои омӯзиш ва таҳқиқи масоили мухталифи таърихи гузашта ва муосири Афғонистон, масъалаҳои фарҳангиву адабӣ, забонҳо, ҷуғрофиё ва иқтисодиёти ин кишвари ҳамсоя, дар Институти шарқшиносӣ, шуъбаи нави Афғонистон ифтитоҳ гардид, ки олимон бевосита ба баррасии масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва фарҳангии ин кишвар машғул гардиданд» [22, с.162].

Муҳаққиқи дигари тоҷик А.Раҳнамо дар китоби худ бо номи «Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ» як бахши китоби хешро ба масъалаи афғонистоншиносии классикӣ ва муосири тоҷик бахшидааст. Донишманди тоҷик А.Раҳнамо дар мавриди афғонистоншиносӣ ва мафҳуми ин вожа чунин андеша

баён менамояд: «Зери мафҳуми афғонистоншиносӣ, пеш аз ҳама, маҷмӯаи таҳқиқот ва омӯзишҳои илмӣ дар мавриди таърих, ҷуғрофия, фарҳанг, забон, этнография ва бофти иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи Афғонистон дар назар дошта мешавад. Ин фаҳмиши анъанавӣ ва то ҷое академикии афғонистоншиносист, ки як шохаи муҳимми илми шарқшиносии тоҷик буда, барои дарки паҳлуҳои гуногуни масъала ва вазъияти Афғонистон хидмати бузург кардааст ва мекунад» [16, с.118].

Аммо метавон аз таърифи баён намудаи муҳаққиқ А.Раҳнамо чунин хулосабарорӣ намоем, ки мафҳуми дар боло овардашудаи афғонистоншиносӣ, ки яке аз шохаҳои шарқшиносӣ маҳсуб меёбад, хоси марказҳои академикии илмии шарқшиносии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар баробари ҷой доштани афғонистоншиносии классикӣ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ афғонистоншиносии амалӣ низ мавҷуд буд, ки хусусияти пӯшида ва корбурди амниятию сиёсиро дошт.

Ба таҳқиқоти афғонистоншиносони тоҷик дар хориҷ аз кишвар таваҷҷуҳ зоҳир гардида, дар ин замина ба осори онҳо баҳо баланд дода шудааст. Метавон дар ин зимн аз В.С.Бойко афғонистоншиноси рус ёд намуд. Ба таҳқиқоти бунёдии шарқшиноси рус В.С.Бойко, доктор илмҳои таърих, Қ.Искандаров нақди пурмазмун навишта, таъкид менамояд: «…дар китоби муҳаққиқи рус В.С.Бойко оид ба ташаккул ва вазъи имрӯзаи афғоншиносии ҷаҳон маълумот пешниҳод шудааст. Хизмати муаллиф дар ҷамъоварӣ, ба назм даровардан ва истифодаи ҳуҷҷатҳои муҳимми бойгонӣ ва дигар мавод, таҳқиқоти майдонӣ, дараҷаи фаъолияти масъалаҳои мактабҳои гуногуни афғоншиносии Россия, Шуравӣ ва пасошӯравии Россия ва дигар давлатҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ, афғоншиносии аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёгӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст» [5, с.156].

Дар таҷрибаи Тоҷикистон шаклгириии мактаби афғонистоншиносӣ ба замони Иттиҳоди Шуравӣ рост меояд. Маҳз дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ маркази бонуфузи илмӣ оид ба омӯзиши кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна, яъне Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар марҳилаи аввал ҳангоми ифтитоҳи Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶШС Тоҷикистон (1958-1969) кадрҳои афғонистоншиносӣ тоҷик бештар сари масъалаи омӯзиши дастхатҳои Шарқ, матншиносӣ ва нашри осори Шарқ, ба омӯзиши забон, адабиёт, таърих, фарҳанг ва иқтисоди кишварҳои Шарқ, аз ҷумла Афғонистон ибтидо гузоштанд. Ҳайати нахустини кадрҳои афғонистоншинос низ маҳз дар ҳамин солҳо, аз ҷумлаи ҷавонони боистеъдод ба мисли Ҳ.Н.Назаров, Д.С.Саидмуродов, С.Мерганов, Ш.Зарипов, М.Гулҷонов, Н.М.Шпак, Ш.Орипов ва дигарон ба майдони омӯзишу пажуҳиш омаданд. Саҳми мудири аввалини Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ ва баъдан Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон академик А.М.Мирзоев дар ташаккул ва рушди афғонистоншиносии тоҷик низ қобили ёдоварист, зеро дар давраи роҳбарии ӯ ҳастаи асосии кадрҳои афғонистоншиносони тоҷик рисолаҳои илмии худро дифоъ намуданд. Аз тарафи дигар, Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон дар миқёси давлати Шӯравии собиқ ва сохторҳои он бо кадрҳои донишмандашон, аз ҷумла афғонистоншиносон машҳур гардида буданд.

Дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ки ниҳоди илмии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон (1958-1991) таъсис ёфта буд, омӯзиши Афғонистон яке аз мақсадҳо ва вазифаҳои калидии афғонистоншиносони тоҷик маҳсуб мегардид. Дар он ҳангом Тоҷикистон ба яке аз марказҳои асосии афғонистоншиносӣ мубаддал гардида буд. Донишмандони афғонистоншиноси тоҷик дар зарфи зиёда аз 30 соли мавҷудияти Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон масъалаҳои гуногуни таърихи Афғонистонро ба риштаи таҳқиқ кашиданд. Яке аз таҳқиқоте, ки дар риштаи афғонистоншиносӣ дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ анҷом дода шуд ба қалами пири

афғонистоншиносони тоҷик Ҳ.Н.Назаров роҷеъ ба равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро мансуб мебошад [13].

Солҳои 1968-1969 муаллифи номбурда дар хусуси хислати ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX ва ибтидои XX Афғонистон таълифоти арзишманд анҷом дод. Устод Ҳ.Н.Назаров таҳқиқотро дар самти ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX ва ибтидои XX Афғонистон идома дода, талошҳои ӯ боис ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид [15].

Дар солҳои 80-уми асри XX профессор Ҳ.Н.Назаров як қатор асарҳои ҷолиб дар бахши афғонистоншиносӣ ба табъ расонид, ки аз онҳо имрӯз доираи васеи ҳаводорони илм истифода менамоянд [11;12;14].

Пажуҳишгар ва афғонистоншиноси дигари тоҷик Д.С. Саидмуродов бошад, ба таҳқиқи сарчашмаи боэътимоди таърихи Афғонистон даст зада, дар заминаи он рисолаи номзадии худро дифоъ намуд [18]. Ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон (1955-1965) дар таҳқиқоти муҳаққиқ С.Қаюмов мавриди арзёбии холисона қарор гирифтааст [7].

Муҳаққиқи дигари тоҷик М.Гулҷонов дар хусуси вазъи рӯҳониён ва самтҳои асосии азнавсозии ислом дар Афғонистони муосир пажуҳиш анҷом дод [1]. Ш.Зарипов бошад, оид ба қувваҳои истеҳсолии хоҷагии халқи Афғонистони муосир таҳқиқоти ҷолибе ба итмом расонид [2]. Муҳаққиқ ва афғонистоншиноси тоҷик Л.Темирханов дар бораи ҳазораҳо очерки таърихии нав иншо намуд [23].

Ҳастаи дуюми афғонистоншиносони тоҷик солҳои 80-90-уми асри XX аз ҳисоби ҷавонони боистеъдоди хатмкунандагони мактабҳои олии кишварамон ба майдони илм ворид гардиданд. Дар тарбия ва фазои илмиро ба онҳо фароҳам овардан, албатта насли аввали афғонистоншиносони тоҷик ва дигар афғонистоншиносони марказҳои илмии шарқшиносии давлати Шуравӣ саҳм гузоштанд.

Дар бораи “Аҳкоми ҳузур” яке аз сарчашмаҳои таърихи ибтидои асри XX Афғонистон афғонистоншиноси тоҷик С.Шохуморов соли 1980 таҳқиқоти ҷолибе анҷом дод [25].

Перомуни афкори иҷтимоии Афғонистон дар даҳсолаи баъд аз истиқлолият (1919-1929) бошад, муҳаққиқ Ш.З.Имомов таҳқиқоти мукаммале ба итмом расонид [3]. Дар бораи фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсии Саид Ҷамолиддини Афғонӣ ва шогирдони ӯ дар Эрон дар охири асри XIX ва ибтидои XX яке аз афғонистоншиносони дигари тоҷик Х.Холиқназаров таҳқиқоти фарох анҷом дод, ки асоси рисолаи номзадии ӯ гашт [24].

Яке аз муҳаққиқони дигари афғонистоншиноси тоҷик, ки дар бораи яке аз маъхазҳои нодир оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Афғонистон “Зафарномаи Хусравӣ” таҳқиқот анҷом дод, И.Раҳматов маҳсуб меёфт [17]. Қ.Искандаров дар хусуси ҷунбиши ҷавонон дар Афғонистон (1945-1988) таҳқиқоти муфассале ба анҷом расонид [6]. Ба ҳамин монанд дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар Институти шарқшиносии тоҷик ба масъалаи таҳқиқот дар бораи тоҷикони Афғонистон ва таърихи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистони Шуравӣ бо Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд [9;10].

Умуман, Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тавонист, маркази бонуфузи илмиро оид ба шарқшиносӣ асос гузорад ва дар пажуҳишгоҳи илмии шарқшиносӣ кадрҳои афғонистоншинос тарбия ёфта, масъалаҳои гуногуни таърихи ин кишварро мавриди арзёбии холисона қарор доданд. Пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол ба даст овардани ҷумҳуриҳои он, аз ҷумла, Тоҷикистон, боиси тағйирот дар сохтори ташкилии пажуҳишгоҳи илмии шарқшиносӣ гардид. Шуъбаи Афғонистон, ки дар сохтори пажуҳишгоҳи илмии шарқшиносӣ буд, аз ин раванди ба миён омада, истисно шуда наметавонист. Дар ин замина, афғонистоншиносони тоҷик дигар дар як маркази

илмӣ-академикӣ муттаҳид набуданд, балки онҳо дар заминаи барҳамхурии Иттиҳоди Шӯравӣ, мушкилиҳои солҳои аввали истиқлолият ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати ноумедӣ ба сар мебурданд, ки бешубҳа ба фаъолияти илмию кории онҳо таъсири худро расонид. Новобаста ба ин асару мақолаҳое, ки афғонистоншиносони тоҷик дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ эҷоду таълиф намудаанд, то кунун арзиши баландро соҳибанд ва насли имрӯзаи муҳаққиқони тоҷик аз пажӯҳиши онҳо васеъ истифода менамоянд.

**Адабиёт**

1. Гульджанов М. Положение духовенства и основные направления модернизации ислама в современном Афганистане [Текст] автореф. дисс. ... канд. ист. наук: 07.00.03 - Всеобщая история (Новая и новейшая история) /М.Гульджонов.-М., 1971.-20 с.

2. Зарипов, Ш. Производительные силы сельского хозяйства современного Афганистана [Текст] / Ш. Зарипов; Отв. ред. В.А. Пуляркин; АН Тадж. ССР. Ин-т Востоковед. - Душанбе: Дониш, 1972. - 148 с.

3. Имомов Ш.З. Общественная мысль Афганистана в первое десятилетие после восстановления независимости (1919 - 1929 гг.) [Текст] автореф. ... канд. ист. наука 003.01.01. - Всеобщая история /Ш.З.Имомов.-М., 1984.-20 с.

4. Искандаров Қ. Афғонистоншиносии тоҷик дар 10 соли истиқлол [Матн] /Қ.Искандаров //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.– 2003.– №1.– С.76–86.

5. Искандаров К. Мировая афганистика между наукой и политикой. Рец.: [Текст] /К.Искандаров //Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук.-2017.-№2.-С.153-156.

6. Искандаров К. Молодежное движение в Афганистане: 1945-1988 гг. [Текст] : Дисс. ... канд. ист. наук : 07.00.03-Всеобщая история (Новая и новейшая история) / К.Искандаров / МГУ им. М. В. Ломоносова. Ин-т стран Азии и Африки. - Душанбе,1989. - 200 с.

7. Каюмов С. Социально-экономические преобразования в Афганистане (1955-1965) [Текст] автореф. дисс. ... канд. ист. наук: 07.00.03 -Всеобщая история (Новая и новейшая история) /С.Каюмов.-М., 1966.-16 с.

8. Мардонов Т. Институт востоковедения [Текст] /Т.Мардонов // Известия Академии наук Таджикской ССР, Серия: востоковедение, история, филология.-1991.- №1(21).- С.82-84.

9. Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время (Историко-этнографическая характеристика) . [Текст] автореф. на соискание учен.степени канд. ист. наука 07.00.03 - Всеобщая история 07.00.07-Этнография /Р.Махмадшоев.-М., 1989.-16 с.

10. Назаров Н.Д. Из истории культурных связей советского Таджикистана с Афганистаном (1945-1988 гг.): [Текст] Дис. ... канд. ист. наук/ Н.Д. Назаров. - Душанбе,1990. - 199 с.

11. Назаров Ҳ. Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон [Матн] /Ҳ.Назаров, И. Раҳматов /Муҳаррири масъул С.Мерганов; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Ин–ти шарқшиносӣ.– Душанбе: Дониш, 1987.– 41 с.

12. Назаров Ҳ. Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ [Матн] /Ҳ.Назаров. / Муҳаррири масъул Ғ.А.Ашуров; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фалсафа.– Душанбе: Дониш, 1980.– 105 с.

13. Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро [Матн] /Ҳ.Назаров. / Муҳаррири масъул М.Боқиев.

Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе,1963.– 179 с.

14. Назаров Х. Социальные движения 20–х годов XX века в Афганистане [Текст] /Х.Назаров. /Отв. ред. А.Г.Слонимский; АН ТаджССР.Ин–т востоковедения. – Душанбе: Дониш, 1989.– 265 с.

15. Назаров Х.Народные и просветительско–антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков) [Текст] /Х.Назаров. / Отв. ред. Б.И.Искандаров; Тадж. гос. ун–т. им. В.И.Ленина– Душанбе: Ирфон, 1976.– 262 с.

16. Раҳнамо А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ [Матн] / А.Раҳнамо (Чопи дуввум).-Душанбе:Ирфон, 2014.-398 с.

17. Рахматов И. Зафар-нама-ий Хусрави - как источник по истории Средней Азии и Афганистана: [Текст] Дисс. … на соискание уч. степени канд. истор. наук 07.00.09-Историография и источниковедение / Науч. руков. Д.С. Саидмурадов; АН Тадж.ССР, Ин-т востоковед./ И.Рахматов. - Душанбе,1988. - 160 с.

18. Саидмуродов Д. «Таърих-и Ахмад-шахи» Махмуда ал-Хусайни как источник по истории Афганистана во второй половине XVIII века. [Текст] Дисс. на соискан. уч. степени канд. историч. наук. -М.: Институт востоковедения АН СССР,1966.-267 с.

19. Саидмуродов Д. Инкишофи афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон [Матн] /Д.Саидмуродов //Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Серияи Шарқшиносӣ. таърих. филология.– 1986.– №3(3).– С.10–18.

20. Саидмуродов Д.С. Таджикское востоковедение: проблемы и перспективы [Текст] / Д.С. Саидмуродов. //Известия Академии наук Таджикской ССР, Серия: востоковедение, история, филология.-1987.- №3(7).- С.8-13.

21. Саломатшоева Л.З. Исследования востоковедов Таджикистана [Текст] / Л.З.Саломатшаева //Народы Азии и Африки. История, экономика, культура.-1972.-№6.-С.226-227.

22. Сӯфиев Ш. Шуъбаи Эрон ва Афғонистон [Матн] /Ш.Сӯфиев //Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К.Олимов. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009.– С.158–164.

23. Темирханов Л. Хазарейцы.(Очерки новой истории) [Текст] /Л.Темирханов. – М.:Наука, 1972.–140 с.

24. Холикназаров Х. Общественно–политическая деятельность Джамаль–ад–Дина Афгани и его последователей в Иране в конце XIX начале XX вв. [Текст] Дисс. … канд. ист. наук. /АН ТаджССР., Ин–т востоковедения /Х.Холикназаров.– Душанбе, 1987.– 190 с.

25. Шохумаров С. «Ахкам–и хузур» как источник истории Афганистана начала XX века [Текст]/С.Шохуморов.– М., 1980. –272 с.

# ВЗГЛЯД НА ТАДЖИКСКУЮ ШКОЛУ АФГАНОВЕДЕНИЯ В ПЕРИОД СУЩЕСТВОВАНИЯ СОВЕТСКОГО СОЮЗА

**КОДИРОВ ДОВАР САИДАЛЛОЕВИЧ,**
кандидат исторических наук, доцент кафедры философии и гуманитарных наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003 Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира 33.
Тел: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com

*В данной статье автор рассматривает таджикскую школу афгановедения в период существования Советского Союза и в этом контексте разъяснил направления и проблемы таджикской афгановедения. По мнению автора статьи, от начала до распада Советского*

*Союза важными направлениями востоковедения, в том числе афгановедения, были исследования, разработка и публикация письменных трудов по истории, языку, литературе и культуре стран Востока, особенно Афганистана, изучение истории, истории общественно-политических движениях и общественной мысли Афганистана, проблема сбора и исследования афганской литературы, исследование вопросов сотрудничества между Таджикистаном и Афганистаном в области науки и культуры, и изучение темы афганских таджиков находились в центре исследований таджикских исследователей. С другой стороны, в статье описывается первая группа таджикских афганистов и их роль в воспитании и духовной зрелости афганских ученых второго поколения.*

*Также упоминается в статье о распаде Советского Союза и его влиянии на исследования афганских ученых. Как констатировал автор статьи, процесс распада Советского Союза привел к тому, что в Таджикистане престиж афганистики в определенной степени потерял свое значение, ведь все исследователи афганистики переживали нелегкий жизненный путь. .*

***Ключевые слова:*** *востоковедение, афганистика, таджикская афганистика, Институт востоковедения, Советский Союз, Афганистан, Таджикистан, таджики, афганцы.*

## A LOOK AT THE TAJIK SCHOOL OF AFGHAN STUDIES DURING THE EXISTENCE OF THE SOVIET UNION

**KODIROV DOVAR SAIDALLOYEVICH,**
Candidate of historical sciences, Associate Professor of the
Department of Philosophy and Humanities of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003 Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com

*In this article, the author looked at the Tajik school of afghan studies during the existence of the Soviet Union, and in this context, he explained the directions and problems of Tajik afghan studies. According to the author of the article, from the beginning to the collapse of the Soviet Union, the important directions of oriental studies, including afghan studies, research, development and publication of written works on the history, language, literature and culture of the countries of the East, especially Afghanistan, the study of history, the history of social and political trends and social thought of Afghanistan, the issue of collecting and researching Afghan literature, researching the issues of cooperation between Tajikistan and Afghanistan in the fields of science and culture, and studying the subject of afghan Tajiks were at the center of Tajik researchers' research. On the other hand, the article describes the first group of Tajik afghan scholars and their role in the education and spiritual maturity of the second generation afghan scholars.*

*It is also mentioned in the article about the collapse of the Soviet Union and its impact on the research of afghan scholars. As the author of the article stated, the process of the collapse of the Soviet Union led to the fact that in Tajikistan, the prestige of Afghanistan studies lost its value to a certain extent, because all researchers of Afghanistan studies were going through a difficult life.*

***Keywords:*** *oriental studies, afghan studies, Tajik afghan studies, Institute of oriental studies, Soviet Union, Afghanistan, Tajikistan, Tajiks, afghans.*

УДК: 323

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

**АБДУЛЛОЕВ НАСУЛЛО САЙФУДДИНОВИЧ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи фалсафаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 900-10-37-74

*Муаллиф дар мақола ба масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон эътибори ҷиддӣ дода, нақш ва мақоми ҷавононро дар раванди муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, инчунин нақши неруи зеҳнӣ ва истеъдоду малакаи ҷавононро дар густариш ва таҳкими ҷомеаи демократӣ нишон додааст. Бо истифода аз ҳисоботҳои оморӣ фаъолияти пурсамари ҷавононро ҳамчун омили пешбаранда дар ҷомеаи муосир шарҳ дода, инчунин бо овардани иқтибосҳо аз суханрониҳои сарвари мамлакат ба боварӣ сазовор будани ҷавононро мавриди баррасӣ қорор додааст. Аз сарчашмаҳои илмӣ истифода намуда ҷасорат, малака ва муваффақиятҳои ҷавононро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо овардани мисолҳо аз суханрониҳои сарвари мамлакат, ҷавононро ҳамчун узви фаъоли муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеаи демократӣ арзёбӣ намудааст. Инчунин қайд менамояд, киояндаи давлат ва миллат аз фаъолияти босамари ҳар як фард бахусус ҷавононӣ бомаърифат вобастагии бузӯрг дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсат, омил, арзишҳои миллӣ, истиқлолият, таҳким, арзиш, неруи зеҳнӣ, сиёсати далатӣ.*

Сиёсати давлатии ҷавонон ин ташкилоти ихтиёрии гуруҳи одамони аз синни 14-сола то 30-сола буда, қонун дар бораи он 13.03.1992 қабул карда шудааст. Қобил ба ёдоварист, ки созмони ҷавонон дар пойдорӣ ва мустаҳкам намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан муносибатҳои иҷтимоию сиёсии ҷавонон саҳми намоён дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бидуни душвориҳо ва ноҳамвориҳо дар роҳи тараққиёт дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки мо онро дар мисоли ҳаёти ҷавонони кишвар хеле равшан мушоҳида менамоем. Қабул гардидани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис дода шудани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардидани Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 1999-2000 (5 октябри соли 1998), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2003» (соли 2001), таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омузишгоҳҳои касби-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» (26 феврали соли 1998), баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (23 феврали соли 1998), 23 май эълон гардидани Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи дӯстии ҷавонон соли 1997 дар вилояти Сугд, соли 2000 дар Бадахшон, соли 2001 дар шахри Душанбе, соли 2002 дар вилояти Хатлон, соли 2007 дар вилояти Суғд шаҳодати раднопазири дар солҳои истиқлолият ба амал омадани тағйиротҳои куллӣ дар ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд.

Аммо бояд қайд кард, ки аз ҷониби олимони мамлакатҳои ИДМ доир ба масъалаи мазкур адабиёти ҷамъиятию сиёсӣ кам нашр карда шудааст. Бинобар ин мехоҳем, баъзе паҳлуҳои масъалаи мазкурро мавриди тадқиқ карор диҳем. Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳояшон қайд менамоянд, ки ҷавонон нерӯи ояндасози миллат, қувваи пешбаранда ва ифтихори миллатанд. Ояндаи далат ва миллат дар дасти ҷавонони бомаърифат ва болаёқат мебошад. Воқеан ҳам ҷавонон нерӯи созанда ва пешбарандаи ҳар як халқу миллат мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо дар ҳама соҳаҳои ҳайёти ҷамъиятӣ ҷавонон кор ва фаъолият менамоянд. Тақрибан гуфтан мумкин аст, ки 35%курраи замин ва 70%-и аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Таҳлилу баррасии ҳаёти ҷавонон дар замони муосир ба худ мавқеи хосаро касб намудааст. Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд ва фаъолияти беназири ҷавонон мутаасифона баъзан амалҳои номатлубе, ки аз ҷониби баъзе ҷавонони бемаърифат содир карда мешаванд, ки эътибори онҳоро паст менамояд. Дар замони муосир пайдошавии баъзе зуҳуротҳои номатлуб аз қабили терроризму экстремизм ҳамчунин таҳдид ба амнияти миллӣ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб ва амсоли инҳо на танҳо ҷумҳурии мо, балки ҷомеаи ҷахониро ба ташвиш овардааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин мушкилот мавриди омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ ва мавзӯи тадқиқотии олимони соҳаи мазкур қарор гирифтааст.

«Ҷавонон-ин гурӯҳи калони иҷтимоӣ-демографӣ буда, нишонаҳои иттиҳоди ҷамъиятиро ба худ гирифта, сифатҳои иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар хусусиятҳо, аз ҷумла тарзи ҳаётро доро буда, раванди иҷтимоишавиро аз сар мегузаронанд ва дар таносуб бо талаботи замон бояд офаранда ё асосгузори ҳақиқати маданӣ ва ҷамъиятӣ бошанд». [1.с.33].

Чун асри бист ва бисту як асри технологияи инфарматсионӣ аст, ҷавонон бояд маданияти баланди истифодабарии ҳамагуна МЭҲ–ро донанд. Ҳангоми кор бо сомонаҳои интернетӣ Вайбер, Одноклассники ва дигар сомонаҳои иҷтимоӣ бояд бо эҳтиёт бошанд. Бо истифода аз шароити мусоид ҷавонон бояд тарғибгари ҷаҳони маънавии халқи тоҷик эҳёгари суннатҳои қадимаи тоҷикон, барандагони фарҳанги миллӣ, пайвандгари наслҳо ва имрӯзу фардои миллати тоҷик бошанд. Бо дониш малака ва маҳорати худ бояд собит намоянд, ки метавонанд, дар рушди минбаъдаи илм ва фарҳанг саҳми намоён дошта бошанд.

Мусаллам аст, ки бе омодасозии ҷавонон ҳамчун нерӯи созанда ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, ташкили давлати хубу осоишта, инчунин дар оянда пойдору мустаҳкам намудани пояи устувори давлатдорӣ инчунин вусъат додани истиқлолияти миллӣ номумкин аст. Аҳамияти истиқлолияти миллӣ ва мустақилияти халқи тоҷикро баррасӣ карда, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буд: “Мо истиқлолияти сиёсиро ба даст овардем. Вале дар пеш роҳи тулонӣ, душвор, масъулиятноки ноил шудан ба истиқлолияти иқтисодӣ, масъулият барои ояндаи халқ, таъмини бомуваффақияти раванди истеҳсолот, барпо кардани давлати дар асл ҳуқуқӣ, дунявӣ ва демократӣ истодааст”. [2. с.77].

Бояд тазаккур дод, ки дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон бояд сармашқи асосии кору пайкор ва фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо қарор дода шавад. Бо истифода аз ин дастуру супоришҳои сарвари мамлакат, ҷавонон бояд баҳри ҳифзи Ватани азизамон кӯшиш намуда, бар зидди ҳар гуна зуҳуроти бегонапарастӣ мубориза баранд. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷавонони созандаи мо бо таърихи ниёгони худ, давлати соҳибистиқлол ва забону фарҳанги миллиамон ифтихор намуда, баҳри дифои онҳо ба муқобили ҳар гуна омилҳои зараровар ва номатлуб пайваста мубориза мебаранд. Маҳз ҳамин талошҳои пурсамари ҷавононро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017- ро “Соли ҷавонон” эълон доштанд. Ҷавонони мо аз ин таваҷҷуҳи Пешвои миллат руҳу илҳоми тоза гирифта ва бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки баҳри ҳифзи марзу буми ватани азизамон Тоҷикистон доимо омодаанд ва ҳимояи марзу буми ин ватанро қарзи шаҳрвандии худ медонанд.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо ҷавонон бо маҳорату малакаҳои худ бо дониш ва дарки амиқи ватандорӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла, соҳаи маънавиёт, сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг, саёҳӣ ва варзиш ва ғайра фаъолияти пурсамар доранд. Тайи солҳои охир ҷавонони мо бо истифода аз фазои сиёсии ором ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, тариқи квотаҳои президентӣ ва грантҳо дар давлатҳои ИДМ ва ҳатто берун аз он таҳсили илм намуда истодаанд.

Воқеан ҳам равшан аст, ки бе дониш ва илм наметавон ояндаро бунёд кард. Дониш ва илм дар асри бист ва бисту як мазмуну мундариҷаи хоса пайдо намуда, ба неруи пешбарандаи ҳар як ҷомеа табдил ёфтаанд бе ин ду наметавон ояндаро бунёд кард. Ин фикр алалхусус, дар замони мо, ки дар раванди ҷаҳонишавист, маънии амиқе касб намудааст. Ба ин манзур таҳкими низоми илму маориф ва дар ин замина омода кардани насли ояндасози кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳояшон таъкид менамоянд: «Ҷавонон қувваи бузург, нерӯи созанда ва ояндаи миллатанд». [3.с.37].

Дар ҷомеаи имрӯза дар кори пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст,чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, нерӯи муҳими пешбарандаи иқтисод буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонанд ба хубӣ таъмин созанд.

Чунонки дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 дарҷ гардидааст,ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд. Ин бори дигар ҷавононро вазифадор менамояд, ки ба кӯмаку ғамхориҳо ва ба боварии сарвари мамлакат сазовор бошанд.

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷавонони имрӯзаи мо пайваста баҳри рушду нумӯи кишвари азизамон ва бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ тамоми нерӯи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ватани азизамон равона месозанд.

Бояд тазаккур дод, ки мухимтарин кор барои ҷавонон ин дарки амиқи Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошт ва эҳтироми арзишҳои миллӣ аз қабили арзишҳои давлатӣ, забони модарӣ, ҳимояи марзу буми кишвар ва огоҳ будани ҷавонон аз таъриху фарҳанги миллат мебошад.

Тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси ҷавонон чорабиниҳои мухталифи сиёсиву фарҳангӣ, оммавию варзишӣ, маърифатию ахлоқӣ ва илмию адабӣ гузаронида мешавад. Муҳимтарин масъалае, ки доимо аз ҷониби сарвари мамлакат дар баромадҳояшон таъкид мегардад, ин дарки моҳияти Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби ҷавонон, гиромидошт ва эҳтироми арзишҳои миллӣ, аз қабили арзишҳои давлатӣ, забони модарӣ, ҳимояи марзу буми кишвар ва огоҳ будани ҷавонон аз таъриху фарҳанги миллат мебошад.

Ҷавонони кишвар аз ҳар вохӯриву мулоқотҳои бо Ҷаноби Олӣ баргузоргардида барои худ сабақи судманд гирифтаву дар роҳи ба ҳаёт татбиқ намудани он ҳамеша садоқату фидокорӣ зоҳир мекунанд, ки мо онро дар мисоли ҳаёти ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр равшан эҳсос мекунем. Ҷавобан ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат вобаста ба баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва малакаи корӣ дар ин давра тавассути муассисаҳои илмии кишвар садҳо ҷавонон соҳиби унвонҳои илмӣ гардида, дар риштаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолит карда истодаанд. Танҳо ҷоизадорони Ҷоизаи ба номи И. Сомонӣ барои олимони ҷавон беш аз 140 нафарро ташкил медиҳанд, ки корҳои онҳо фарогири масъалаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, исетҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд. Ҳамасола сафи ҷавонон – хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ афзоиш ёфта истодааст. Дар ҳоли ҳозир шумораи ҷавонони то синни 35 сола дар байни хизматчиёни давлатӣ тақрибан 50%-ро ташкил намуда, 23%-и дигар дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд.

Бояд гуфт, ки ҷавонони имрӯз ба ташаккули тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи зиёд доранд. Танҳо дар давоми солҳои 2015-2017 варзишгарони кишвар аз натиҷаи иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ 2717 медал, аз ҷумла 783 тилло, 759 нуқра ва 1175 биринҷӣ ба даст овардаанд, ки бо шарофати онҳо чандин маротиба парчами давлатӣ дар кишварҳои гуногун парафшон гардидаст. Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон, татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон метавонад ҷомеаро бо назардошти сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маънавии он дар шароити ҷомеаи муосир устувор гардонад, имкониятҳои рушдёбии онро таҳким бахшад ва нерӯи зеҳнии давлат ва ҷомеаро пойдор нигоҳ дорад.

Акнун аз санаи қабули Қонуни нахустини соҳаи кор бо ҷавонон, «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», зимнан ташаккулёбии расмии сиёсати давлатии ҷавонон 25 сол пур мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти низоми устувори мақомоти ваколатдори соҳаи кор бо ҷавонон – собиқ Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2017 20- сол мешавад. Дар ин давраҳои таърихӣ бо пуштибонӣ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти титбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба дастовардҳои хеле зиёд аз ҷониби ҷавонон ноил гаштем.

Аз ин рӯ, соли 2017-ро метавон дар асл Соли ҷавонон, таҷлили 25-умин солагарди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон ва 20-умин солгарди фаъолияти низоми устувори мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон номид. Ҷавонон бояд мувофиқан, дар ҷавоб ба ғамхориҳои раёсат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гузашта бештар ва аз имрӯза хубтар бо руҳияи баланду болида ва ифтихору қадрдонӣ (аз истиқлолияти комил ва ваҳдати миллӣ) кӯшишу ғайрат намуда, баҳри пешрафти Тоҷикистони азизамон ва дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани миллати куҳанбунёд, соҳибтамаддун ва фарҳангдӯст камари ҳиммат баста, пайваста созанда ва бунёдкор бошанд.

**Адабиёт**

1. Российская социологическая энциклопедия /Под общей редакцией академика РАН Г.В.Осипова, М.,1998
2. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст.-Душанбе;Матбуот-2001.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе- шаҳри дустӣ ва бародарӣ.-Душанбе; фон, 1998.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост.-Душанбе;Шарки озод. 2001.
5. Набиев В. Навниҳолони боғи Истиқлол.- Душанбе; Авесто, 2001.

6. Партии и движения Таджикистана. -№10. 1999.
7. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 mmk.tj/Government-programs/strategy/youth-policy
8.Эмомали Рахмон. Молодёжь-будущее нации. –Душанбе: «Ирфон», 1998.

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ МОЛОДЕЖНАЯ ПОЛИТИКА КАК ВАЖНЫЙ ДВИЖУЩИЙ ФАКТОР ОБЩЕСТВА

**АБДУЛЛОЕВ НАСУЛЛО САЙФУДДИНОВИЧ,**
кандидат политических наук, заведующий кафедрой философии
Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 900-10-37-74

*Автор в статье обращает внимание на вапрос государственной политики молодежи, место и роль молодежи в процессе социально-политических отношений, а также показывает интелектуальный потенциал, способность и талант молодежи в развитии и формировании демократического общества. Используя статические отчеты эффективной деятельности молодежи как развивающий фактор в современном обществе, а также приводя примеры из выступлений президента страны анализирует доверие молодежи к дастоинству. Используя научные источники, анализирует и рассматривает талант и успехи молодёжи в разных сферах общественной жизни. Приводя примеры из научных источников, рассказывал о молодежи как активных членов общественных отношений в демократическом обществе. А также отмечает, что светлое будущее государства и нации зависит от эффективной деятельности каждого индивида, особенно от образованной молодежи.*

***Ключевые слова:*** *политика, фактор, национальные ценности, независимость, фармирование, ценность, интелектульный потенциал, государствнная политика.*

# PUBLIC YOUTH POLICY AS AN IMPORTANT DRIVING FACTOR OF SOCIETY

**ABDULLOEV NASULLO SAIFUDDINOVICH,**
candidate of political science, the head of philosophy department of the
Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab town, 16 S. Safarov str.
Phone: (+992) 900-10-37-74

*The author in article pays attention to a question of public policy of youth, the place and a role of youth in the course of the socio-political relations and also shows intellectual potential, ability and talent of youth in development and formation of democratic society. Using static reports of effective activity of youth as the developing factor in modern society and also giving examples from speeches of the president of the country analyzes trust of youth to advantage. Using scientific sources, analyzes and considers talent and progress of youth in different spheres of public life. Giving examples from scientific sources, told about youth as active members of the public relations in democratic society. And also notes that bright future of the state and the nation depends on effective activity of each individual, especially on educated youth.*

***Keywords:*** *politics, factor, national values, independence, forming, value, intectual potential, government politics.*

УДК: 930 (575.3) (470)

# МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**МЕЪРОҶИДДИНИ НАСРИДИН,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 938-14-44-48. E-mail:muborak.a@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои сохти идоракунии захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст. Омӯзиши масъала дар ин лаҳзаҳои ҳассоси муносибатҳои байналхалқӣ муҳим мебошад. Дар маќола мушкилоти идоракунӣ ва истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ инъикос гардидааст. Инчунин ќайд мегардад, ки чор мушкилоти асосӣ моҳияти ҳалли масъаларо мураккаб намуда, зарурати ҳалли оқилонаи онҳо пешниҳод мегардад. Муаллиф ќайд менамояд, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба об яке аз омилҳои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъала ва ҳалли тадриҷии он ба шумор маеравад.*

*Инчунин, дар маќола масъалаи истифодаи самараноки об, ҳамоҳангии амали кишварҳо ва ниҳодҳои дигари байналмилалӣ барои татбиқи ҳадафҳои рушди устувор таъкид шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *масъала, идоракунӣ, захира, Осиёи Марказӣ, об, истифода, самаронок, ҳамоҳанг, тадбир.*

Мушкилоти идоракунӣ ва истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ, сабабҳо ва оқибатҳои пайдоиши онҳо дар худи минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аз қадим маълум аст. Истифодаи нооқилона ва ғайримантиқии об боиси марги баҳри Арал, инчунин шӯршавӣ ва ботлоқ шудани беш аз 5 миллион гектар замин гардид ва бо ин дигар мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва экологиро ба вуҷуд овард.

Аз ҷониби дигар, тамоюлҳои кунунии тағирёбии иқлим ва таъсири онҳо ба захираҳои об, афзоиши талабот ба об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ алоқаманданд, мушкилоти иқтисодӣ ва молиявӣ, ки ба амалисозии лоиҳаҳо халал мерасонанд, таҳдидҳои минтақавӣ ва дигар мушкилот вазъи мавҷударо дар Осиёи Марказӣ боз ҳам сангинтар месозад. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ боиси зиёд шудани талабот ба об, аз ҷумла ба ғизо, энергетика ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодӣ мегардад.

## Мушкилоти мавҷуда

Дар айни замон, сарҳадҳои ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии  Осиёи Марказӣ ба сарҳадҳои давлатӣ табдил ёфт. Бисёр захираҳои табиӣ дар тарафҳои гуногуни марзҳо боқӣ монда,таҳияи қоидаҳои нави муосирро барои истифодаи самарабахшу самараноки онҳо тақозо менамояд. Ҳамзамон баъзе мушкилиҳои асосие мавҷуд аст, ки ҳалли онҳо аз ҳамкории оқилонаи кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста аст.

**Мушкилоти якум.** Тибқи арзёбиҳои коршиносон, бинобар таъсири тағирёбии иқлим, пиряххои Осиёи Марказӣ, ки манбаи асосии ғизохӯрии дарёҳо дар минтақа мебошанд, хеле зуд коҳиш мeёбанд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон, ки 93% -и онро кӯҳистон ташкил медиҳад, яке аз манбаъҳои асосии захираҳои оби Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳамзамон, 60 фоизи захираҳои оби минтақа аз пиряххои Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Обшавии шадиди пиряххо дар натиҷаи тағирёбии иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад. Гуфтан кифоя аст, ки аз 14000 пиряххои Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳамияти ҳаётӣ доранд, дар тӯли 30 соли охир беш аз 1000 пиряхи хурд аз байн рафтааст. Раванди обшавии босуръати

пиряххо дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси афзоиши офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи об гардид.

Ин падида ҳамасола сабаби хароб шудани иншооти хоҷагии халқ мегардад ва ба аҳолии кишвар зарари зиёди молиявӣ мерасонад. Офатҳои табиии марбут ба об ҳамасола ба иқтисодиёти кишвар аз садҳо ҳазор то даҳҳо миллион доллар зарар мерасонанд. Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо ин боиси марги одамон мегардад.

Аён аст, ки ягон кишвари минтақа ин мушкилотро бо саъйи ҷудогона ҳал карда наметавонад. Гузашта аз ин, кишварҳои минтақа асосан бо инфрасохтори минтақавӣ, аз ҷумла идоракунии об, энергетика, нақлиёт, ки бидуни онҳо ҳалли бисёр масъалаҳои дар боло номбаршуда комилан ғайриимкон аст, ба ҳам пайваанди ногусастанӣ доранд.

**Мушкилоти дуюм.** Дар давраи ташаккулёбии муносибатҳои бозаргонӣ байни давлатҳои соҳибихтиёри Осиёи Марказӣ, схемаҳои истифодаи маҷмӯӣ ва қоидаҳои тақсимоти об боқӣ мемонанд, ки дар давраи шӯравӣ таҳия ва қабул шудаанд. Ин Схемаҳо ва Низомномаҳо ҳуҷҷатҳои меъёрие буданд, ки тақсимот ва истифодаи захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳо танзим мекарданд. Тибқи ин нақшаҳо, дар шароити ҳар як ҷумҳурӣ квотаҳои ҳаҷми об, меъёрҳои обёрӣ ва минтақаҳои обёрӣ муқаррар карда шуданд.

Дар сатҳи минтақавӣ, мушкилоти тағйир додани системаи тақсимоти об дар давоми солҳои 1994 - 1997, вақте ки Шӯрои байнидавлатӣ оид ба проблемаҳои баҳри Арал ташкилшуда, Барномаи ҳавзаи баҳри Аралро тартиб дода буд, фаъолона баррасӣ шуд, ки дар он нуқтаи аввал - "Таҳияи стратегияи умумии тақсимоти об" пешбинӣ шудааст.

Соли 1997 таҳияи "Стратегияи минтақавии об" бо таърифи муфассали ташаккул ва истифодаи захираҳои об аз ҷониби ҳамаи давлатҳо ба анҷом расид ва барои таҳияи стратегияи муосири тақсимоти об тавсияҳо дода шуданд. Аммо, баъзе кишварҳои поёноби минтақа меъёрҳои қабулшударо риоя накарда, ба захиракунии об бо истифодаи кулҳои сунъӣ шурӯъ намуданд, ки боиси хушкшавии баҳри Арал гардидааст.

Мушкилоти муҳими **сеюм** набудани принсипҳои иқтисодии истифодаи байнидавлатии об мебошад. Бо гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар ҳама соҳаҳо, бо кадом сабабе соҳаи об дар ҳолатҳои кӯҳна боқӣ мондааст. Бо ҷорӣ кардани ҳаққи хидматрасонии обтаъминкунӣ барои истифодабарандагони худ (дохилӣ) -и об, давлатҳои Осиёи Марказӣ механизми бозории пардохти обро, ки аз қаламрави давлатҳои ҳамсоя мегиранд, комилан сарфи назар карданд ва онҳо то ҳол ба Тоҷикистону Қирғизистон ҳеҷ хароҷоте пардохт накардаанд, ки барои нигоҳдорӣ обанборҳо ва дигар иншооти обёрии байнидавлатӣ аз онҳо истифода мебаранд.

**Мушкилоти чорум.** Мушкилоти сифати оби нӯшокӣ ба бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти он таъсир мерасонад. Дар айни замон, оби нӯшокӣ ҳамзамон як мушкили иҷтимоӣ, сиёсӣ, тиббӣ, ҷуғрофӣ ва инчунин мушкилоти экологӣ ва иқтисодӣ мебошад.

## Роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ҳар рӯз меафзояд, ки ин мушкилоти нав, аз қабили амнияти озуқаворӣ, тағирёбии иқлим ва экосистемаи ҷаҳонро ба миён меорад. Бо вуҷуди афзоиши хатари ин таҳдидҳо, минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида наметавонанд ба ин падида муқовимат кунанд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва ҳалли чунин масъалаҳо бидуни амали дастаҷамъона дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ғайриимкон аст.

Ҳамкории созанда дар асоси принсипҳои баробарӣ, эҳтироми тарафайн, эътимод ва дастгирии тарафайн калиди ҳалли мушкилтарин масъалаҳои рӯзнома мебошад. Ва мо

бояд бо истифода аз равишҳои нав ва абзорҳои мувофиқи татбиқ дар ин самт ҳаракат кунем. Созишномаҳои баимзорасида ва сохторҳои таъсисёфта дар самти мазкур аз замони истиқлолияти давлатҳо дар таъмини идоракунии захираҳои об дар минтақа нақши муҳим бизидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, дар якҷоягӣ бо шарикони кишварҳои Осиёи Марказӣ сохтани силсилакӯлҳои иловагии обанборҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебуд, то обро дар солҳои сероб ҷамъ оварем ва дар солҳои камоб истифода барем. Ин ташаббус як қатор масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, гидроэнергетикӣ ва обро ҳал мекунад, ки дар навбати худ ба ҳадафҳои № 2; 6; 7; 13 ва 17 Ҳадафҳои Рушди Устувор мувофиқат мекунад. Иҷрои ҳадафи мазкур имкон медиҳад, то кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ ҳам аз хароҷоти калони молӣ ва ҳам аз ботлоқшавии садҳо га заминҳояшон эмин боқӣ монанд.

Ҳамзамон, дар шароити ҷаҳони зуд тағирёбанда ва таъсири ҷолишҳои нав, ба назари мо, заминаи мавҷудаи институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ бознигарӣ ва такмилро тақозо мекунад. Рафъи ин вазъ аз кишварҳои минтақа дар баробари сармоягузориҳои бузург ба соҳаи об ва беҳтарсозии обёрии кишоварзӣ, иродаи сиёсӣ ва омодагӣ ба татбиқи тадбирҳои муштараки дарозмуддатро талаб мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо омодагии худро барои ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар заминаи судманд ва созанда изҳор доштааст. Ин мавқеи принсипӣ дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Тоҷикистон узви ҳама созишномаҳои минтақавӣ оид ба масъалаҳои об, энергетика ва экология ва узви институтҳои мавҷудаи байнидавлатӣ ва комиссияҳои он мебошад, ки дар доираи он бо кишварҳои ҳамсоя фаъолона ҳамкорӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки дар паи ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об, батадриҷ мафҳуми дипломатияи об ба сатҳи амалӣ баромад. Ин нукта ба ҷаҳониён собит шуд, ки ғояи “дипломатияи об” аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, роҳандозии технологияҳои нави гуфтушунидеро тақозо мекунад, ки ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу мунокишаҳо оид ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат намоянд. Ин иқдом метавонад ба ҳамкории ҷиддии васеъ ва таҳияи созишномаҳои одилона ва оқилона дар робита ба ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё оварда расонад.

Кишвари мо, ки ташаббускори фаъол ва пешбари ҳалли масъалаҳои марбут ба об аст, минбаъд низ ҷонибдори истифодаи самараноки захираҳои об хоҳад буд. Ба ҳамагон маълум аст, ки Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт, солҳои 2005 - 2015”, Соли байналмилалии “Оби тоза (2003)”, Соли байналмилалии “Ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013)” ва ниҳоят Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028” аз муҳимтарин иқдомоти ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Зеро маҳз бо ҳамин хотир ҷомеаи байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст, ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтанд. Ин аст, ки имрӯз муҳокима ва баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба мудирияти захираҳои об, тарҳрезии талошҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо бо иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд.

Аз ин рӯ, даҳсолаи оянда саҳифаи нав барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда, дар соҳаи захираҳои об хоҳад буд. Бояд тадбирҳои муассирро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои ин даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳия ва амалӣ кард. Тоҷикистон умедвор аст, ки тавассути ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва рушди мушорикат бо дигар сохторҳои дахлдор равишҳо ва механизмҳои амалисозии даҳсола якҷо бо дигар ҳадафҳои рушди устувор пайдо хоҳанд шуд. Зикри ин нукта ҳам ба маврид аст, ки дар рафти татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон шаҳри Душанбе пойтахти ҷаҳон оид ба баррасии масъалаҳои марбут ба об гардид. Ҳамаи ин буд, ки инак Тоҷикистонро маркази дипломатияи об ва ташаккули ғояҳо ва ташаббусҳои оқилона барои ҳалли масъалаҳои ҷаҳонии марбут ба об мешуморанд.

**Адабиёт**


1. Барномаи ислоҳоти соҳаи оби ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2016-2025. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 791 тасдиқ шудааст. Сомонаи интернетӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=491. (санаи муроҷиат: 24.09.2023).
2. Водно-энергетические ресурсы Центральной Азии: проблемы использования и освоения. Отраслевой обзор. - Алматы, 2009. -182 с.
3. Водные проблемы Центральной Азии. // Валентини К.Л., Оролбаев Э.Э., Абылгазиева А.К. – Б.: 2004. – 142 с.
4. Водный Кодекс Республики Таджикистан: утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 27 декабря 1993 г., №907. - Душанбе, 1993. -28с.
5. Исайнов, Х.Р. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: современное состояние, тенденции и проблемы развития/ Х.Р. Исайнов, У.О. Кимсанов// Вестник Таджикского национального университета. Серия Экономика. - Душанбе. - 2011. - №6. - С.72-79.
6. Наджмиддинов Ф.Н. Водные ресурсы как фактор безопасности в Центральной Азии/ Ф.Н.Наджмиддинов, А.Куджмурадов // Таджикистан передовая страна в решении глобальных водных проблем, - Душанбе: Контраст, 2018. - С.148-152.
7. Пулатов, Я.Э. Реализация принципов интегрированного управления водных ресурсов в странах Центральной Азии и Кавказа / Я.Э Пулатов // Национальный доклад GWP (Global water Partnership CAC). - Ташкент. - 2004. - С.120.
8. Фозилов Р.Ш., Исайнов Х.Р. Водно-энергетические ресурсы Центральной Азии: проблемы и пути решения. Конференсияи Байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт” (Душанбе, 27 феврали соли 2020). - С.29-38.
9. Центральная Азия: вода и конфликт. Сомонаи интернетӣ: https://www.crisisgroup.org/ru/europe-central-asia/central-asia/uzbekistan/central-asia-water-and-conflict. (санаи муроҷиат: 24.09.2023).
10. Центральная Азия: водные ресурсы на грани исчерпания. Сомонаи интернетӣ: https://www.dw.com/ru/%D1%86%D0%B5%D0%BD%D1%82%D1%80%D0%B0%D0%BB%D1%8C%D0%BD%D0%B0%D1%8F-%D0%B0%D0%B7%D0%B8%D1%8F-%D0%B2%D0%BE%D0%B4%D0%BD%D1%8B%D0%B5-%D1%80%D0%B5%D1%81%D1%83%D1%80%D1%81%D1%8B-%D0%BD%D0%B0-%D0%B3%D1%80%D0%B0%D0%BD%D0%B8-%D0%B8%D1%81%D1%87%D0%B5%D1%80%D0%BF%D0%B0%D0%BD%D0%B8%D1%8F/a-829891. (санаи муроҷиат: 04.10.2023).

# ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**МЕЪРОДЖИДДИНИ НАСРИДИН,**
кандидат исторических наук, доцент
кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Саид Носир 33.
Тел: (+992) 938-14-44-48. E-mail:muborak.a@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы структуры управления водными ресурсами в Центральной Азии. Изучение вопроса важно в эти деликатные моменты международных отношений. В статье освещаются проблемы управления и использования воды в Центральной Азии. Также отмечается, что четыре основные проблемы усложняют суть проблемы и предполагают необходимость их рационального решения. Автор отмечает, что международные инициативы Таджикистана по воде являются одним из факторов, привлекающих внимание международного сообщества к этой проблеме и ее постепенному решению.*

*В статье также освещается проблема эффективного использования воды, координации действий стран и других международных институтов для реализации целей устойчивого развития.*

***Ключевые слово:*** *проблема, управление, ресурс, Центральная Азия, вода, использование, эффективность, координация, мера.*

# WATER MANAGEMENT PROBLEMS IN CENTRAL ASIA

**MERODZHIDDINI NASRIDIN,**
Candidate of historical sciences, Associated Professor of
Department of Diplomacy and International Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir ave.
Phone: (+992) 938-14-44-48. E-mail:muborak.a@mail.ru

*The article discusses the issues of the structure of water management in Central Asia. The study of the issue is important in these sensitive moments of international relations. The article highlights the challenges of water management and use in Central Asia. It is also noted that the four main problems complicate the essence of the problem and suggest the need for their rational solution. The author notes that Tajikistan's international water initiatives are one of the factors attracting the attention of the international community to this issue and its gradual solution.*

*The article also highlights the issue of efficient use of water, coordination of actions of countries and other international institutions for the implementation of sustainable development goals.*

***Key words:*** *problem, management, resource, Central Asia, water, use, efficiency, coordination, measure.*

УДК: 327

# ДУРНАМОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**РИЗОЁН ШЕРАЛИ ШУКРУЛЛОЗОДА,**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони
кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 987-28-00-81. E-mail: sherali.rizoyon@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки рӯзи 14-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таҳлил шудааст. Созмондиҳии нишастҳо дар Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои дохилиминтақавиро сифатан беҳтар кард ва дурнамои рушди тамоми соҳаҳо поягузорӣ намуд.*

*Дар фазои иттилоотии минтақа ривоятҳои гуногун перомуни аҳамият ва самаранокии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ офарида шуданд. Чунин бархӯрд собиткунандаи зарурати нишаст аст, чун агар аҳамият намедошт, ривоятҳои манфӣ аз ҷониби расонаҳои қудратҳои беруна эҷод намегардид. Нишасти Душанбе нишон дод, ки кишварҳо дар эҷоди ниҳоди минтақавӣ шитоб надоранд ва аз таҷрибаи собиқаи худ баҳра гирифтаанд. Иқдоми собиқ аз рӯйи рӯйкарди “аз боло ба поён” роҳандозӣ гардида, бидуни ба назар гирифтани омилҳои таъсиррасони дохилию хориҷӣ шакл гирифта буд. Рӯйкарди ҳозираи ҳамгироии минтақавиро аз “поён ба боло” арзёбӣ метавон кард, чун ба сохторсозии рақобатпазир ва самаранок нигаронида шудааст. Дар нишасти Душанбе аҳамият ва зарурати рушди якҷояи Осиёи Марказӣ бо назардошти вижагии минтақавӣ ва кишварӣ дар доираи ҳамкориҳо дар қолабҳои “Осиёи Марказӣ+” зикр гардид, ки як қадами ҷиддӣ барои ҳамоҳангии сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа мебошад.*

*Дар суханрониҳои сарони кишварҳои минтақа дар Нишасти Душанбе зиёда аз 40 иқдом ва ташаббуси рӯй ба оянда баён шуданд, ки соҳаҳои ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷорӣ, обию энергетикӣ, маводи сӯхт, нақлиёт ва транзит, фарҳангию гуманитарӣ, ҷаҳонгардӣ ва таъмини амниятро дар бар мегиранд.*

*Дар фарҷоми навишта ҳафт пешниҳод оварда шуда, муҳимтаринаш бидуни раводид кардани рафту омад дар минтақа ва таҳияи “Чашмандози Осиёи Марказӣ - 2050” мебошанд.*

***Калидвожаҳо***: *Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисод, тиҷорат, об, неруи барқ, маводи сӯхт, нақлиёт, транзит, фарҳанг, ҷаҳонгардӣ, амният, ҳамгироӣ.*

Фарғашти равандҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ боиси сифатан беҳтар шудани равобити кишварҳо гардид. Баргузории нишасти панҷуми давлатҳои минтақа собиткунандаи аҳамияти ҳамкориҳо дар ҷуғрофиёии Осиёи Марказӣ мебошад. Дар баробари Вохӯрии машваратии сарони давлатҳо ва ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Бунёди байналмилалии наҷоти Арал дар Душанбе, ҳамчунин 12 ҳамоиши дигар, аз қабили Форуми иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ “Иқтисоди диҷитолӣ. Савдои диҷитолӣ ва навоварӣ”, Форуми дувуми ректорони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҷаласаи нахустини вазирони нақлиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ, Мӯколамаи занони Осиёи Марказӣ “Дастёбӣ ба баробарии гендерӣ дар заминаи созгорӣ ба тағйири иқлим дар Осиёи Марказӣ”, Форуми олимони Осиёи Марказӣ, Форуми роҳбарони мақомоти ваколатдори кор бо ҷавонони Осиёи Марказӣ, Форуми ризокорони Осиёи Марказӣ, Форуми созмони ҷамъиятии кор бо ҷавонони Осиёи Марказӣ, Форуми соҳибкорони ҷавони Осиёи Марказӣ баргузор шуданд.

Ба муносибати раисии Тоҷикистон дар Нишасти панҷуми машваратӣ, Душанбе ҳудуди 50 ҳамоиши гуногун, аз ҷаласаи коршиносон, то роҳбарони вазорату идораҳо баргузор кард, ки бархӯрди ҷиддии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро нисбат ба

ҳамкориҳои минтақавӣ ба намоиш мегузорад. Дар нишасти Душанбе 5 санади бисёрҷониба, аз қабили Изҳороти муштарак аз натиҷаи Вохурии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Созишномаи таҳкими муносибатҳои нақлиёти рӯизаминӣ дар Осиёи Марказӣ, Созишнома перомуни самтҳои умумии сиёсати ҷавонон, Роҳкор барои пуштибонии саломатӣ ва некӯаҳволӣ дар Осиёи Марказӣ барои солҳои 2022-2025 ва Низомнома дар бораи "Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ дар умури Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ" қабул гардид.

Баъди фосилаи 10 сол, нахустин мулоқоти машваратии сарони кишварҳои минтақа моҳи марти соли 2018 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон доир гардид ва мизбони нишасти дуюм дар соли 2019 Тошканд буд. Вохӯрии сеюм соли 2021 дар Туркманистон барпо шуд ва мизбони нишасти чорум дар соли 2022 Қирғизистон буд. Нишасти Душанбе, ки рӯзи 14-уми сентябри соли 2023 баргузор гардид, давраи аввали нишастҳои машваратиро ҷамъбаст кард, чун ҳамаи кишварҳо онро дар қаламрави худ созмон доданд. Нишасти шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ соли 2024 дар Қазоқистон доир мешавад ва давраи дуюми ҳамкориҳои вижаи минтақаро оғоз мебахшад.

Ба муносибати баргузории ин нишасти минтақавӣ лозим донистем, то бурдҳо ва дурнамои густариши ҳамкориҳои дохилиминтақавиро баррасӣ кунем. Вожаи "бохт" махусус корбурд намешавад, чун густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ба ҷуз аз бурд барои кишварҳо ягон бохтро надорад. [1],

**Бардоштҳо аз раванди ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ дар Осиёи Марказӣ**

Натиҷаҳои саммити Душанбе то ҷойе унсури рамзӣ барои Осиёи Марказиро дорад, паёмади давраи нави ҳамкорию ҳамёрии минтақаро ба намоиш мегузорад ва тарҳи эҳтимолии чашмандози ҳамгироиро барои дурнамо муаррифӣ мекунад. Дар ин росто, зикри чунин мулоҳизаҳои усулӣ муҳим аст:

***Якум***, дар арафаи баргузори нишаст дар фазои иттилоотии минтақа ривоятҳои гуногун перомуни аҳамият ва самаранокии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи дохилиминтақавӣ офарида шуд. Чунин бархӯрд худ собиткунандаи зарурати нишаст аст, чун агар аҳамият намедошт, ривоятҳои манфӣ аз ҷониби расонаҳои қудратҳои беруна эҷод намегардид. Гуфтушунидҳо дар бораи ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар худи кишварҳо асосан мусбат буданд, ки тавонмандиҳои ин қолабро ба намоиш мегузорад. Андеша ва ташаббусҳои баёншудаи сарони кишварҳо чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои минтақавиро дар дурнамо шакл медиҳанд ва замина барои таҳлилу баррасиҳои амиқи коршиносон мебошанд. Ҳар қадаре, ки ривоятҳо дар бораи самара надоштани ин қолаб эҷод гардид, ҳамин андоза дурустии роҳбурд ва рӯйкарди кишварҳои Осиёи Марказиро собит мекунад. Бинобар ин, роҳу равиши қадам ба қадам ниҳодина кардани ҳамкориҳо дар Осиёи Марказӣ иқдоми саривақтӣ, мантиқӣ ва мувофиқ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими кишварҳои минтақа аст, зеро аз рӯйи роҳбурди "бурд-бурд" сурат мегирад.

***Дуюм***, нишасти Душанбе баёнгари он гардид, ки кишварҳо дар эҷоди ниҳоди минтақавӣ шитоб надоранд ва аз таҷрибаи собиқаи худ баҳра гирифтаанд. Чун сохторсозии қолаби ҳамгироии минтақавӣ дар солҳои 90-уми асри XX нишон медиҳад, ки агар замина барои ҳамкориҳои воқеӣ ва ба ҳам омадани хоставу манфиатҳои кишварҳо сурат нагирад, беҳтарин андеша ва иқдом ҳам самара намедиҳад. Амалкарди собиқ аз рӯйи рӯйкарди **"*аз боло ба поён*"** роҳандозӣ шуда, бидуни ба назар гирифтани хоста ва ҳадафҳои воқеии кишварҳо (i), тавонмандиҳои онҳо (ii) ва побарҷойи нисбат ба аксуламали бозингарони беруна (iii) шакл гирифта буд. Дар натиҷа, сохторҳо эҷод шуданду ҷаласаҳои онҳо баргузор мешуд, вале самарнокӣ надоштанд. Раванди баръакс, яъне канорравии кишварҳо аз ҳамдигар ба таври амиқ падидор гардид ва сатҳи равобити

дохилӣ минтақавӣ коҳиш ёфт: Созмони вижаи минтақавӣ соли 1994 бо номи "Иттиҳоди Осиёи Марказӣ" (ЦАС) рӯи кор омад, сараввал ба "Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ" (ЦАЭС) ва баъдан ба "Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ" (ОЦАС) табдили ном кард ва соли 2005 барҳам хӯрд [2, с.129-130]. Яъне ваҳдати назар перомуни моҳият ва роҳбурди ҳамгироии минтақа ба мушоҳида намерасид. Рӯикарди ҳозираи ҳамгироии минтақавиро аз ***"поён ба боло"*** арзёбӣ кардан мумкин аст. Чунки сохторсозӣ аз рӯйи аҳамияту зарурати воқеӣ (i), вобаста ба тавонмандиҳову афзалият (ii)-и кишварҳо (масалан, нахустин ҷаласаи вазирони нақлиёт, ки дар ҳошияи нишасти Душанбе баргузор гардид), наздикии роҳбурдҳои миллии рушд (iii), дарки васеъи хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеӣ (iv), ҳамчунин тобоварӣ нисбат ба "фишорҳо"-и беруна (v), рӯйи даст гирифта шудааст. Дар пасманзари натиҷаҳои Нишасти Душанбе метавон хулоса кард, ки агар дар шакли комил сохторҳои рақобатпазир ва самараноки минтақавӣ эҷод нагарданд, муаррифии созмони вижаи Осиёи Марказӣ сурат намегирад. Чунин хулосаро метавон аз Изҳороти муштараки сарони кишварҳо бардошт кард [Ниг.: 3], чун дар сархати якуми он "таҳкими пайдарпайи муносибатҳои дӯстона ва тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанбаи минтақавӣ" зикр шудааст.

***Сеюм***, дар Изҳороти муштараки сарони кишварҳо [3] баён мегардад, ки ҷонибҳо тарафдори ҳалли ҳама масъалаҳои минтақавӣ танҳо тавассути воситаҳои сиёсию дипломатӣ дар асоси баробарӣ ва эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар мебошанд; роҳи худсолори пешрафти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии якдигарро, ки бархоста аз таҷрибаи таърихӣ ва вижагиҳои миллӣ аст, эҳтиром мекунанд (нуқтаи мазкур дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро дар назар дорад); ва перомуни мавзуъҳои муосири минтақавӣ ва байналмилалӣ барои наздиксозӣ ва мувофиқати баҳогузориҳо муколамаи доимии вазоратҳои корҳои хориҷиро вусъат медиҳанд. Се нуқтаи зерин дар шароити имрӯза бисёр муҳим аст, чун дар дохили минтақа дидгоҳҳои гуногун перомуни истифодаи муштараки захираҳои обӣ ва маводи сӯхт; дар ҳалли масъалаи марзӣ истифодаи ривояти дуруст; кудратгирии Толибон [Ниг.:4]; истифодаи зерсохтори нақлиётию транзитӣ; аз байн бурдани "девор" ё монеаҳои мавҷуда барои густариши тиҷорат ва доду гирифти иқтисодӣ; ва ғайра ба назар мерасад. Будани чунин масъалаҳо равобити дохилӣ минтақавиро боз ҳам барҷаста менамояд, заруратащро нишон медиҳад ва имтиҳоне барои ҳамкориҳои оянда аст. Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, ки кишварҳо мушкилоти аз гузашта меърос мондаро мустақилона ва бидуни дахолат аз берун бояд ҳаллу фасл кунанд [Ниг.:5]. Раисҷумҳури Қирғизистон зикр кард, ки мушкили ҳалнашаванда вуҷуд надорад ва танҳо иродаи сиёсӣ лозим аст [Ниг.:6]. Изҳори чунин мавқеъ худ як қадам ба пеш аст, чун дидгоҳи роҳбурдиро ба намоиш мегузорад.

**Бурдҳо аз ҳамкориҳои минтақавӣ ва натиҷагирии нишасти Душанбе**

Таҳлили суханрониҳои сарони давлатҳои минтақа дар Нишасти панҷуми машваратӣ дар Душанбе нишон медиҳад, ки ***зиёда аз 40 иқдом ва ташаббуси рӯй ба оянда*** баён шуданд (*барои алоҳида нишон додани онҳо, ҳар якеро бо истифодаи қавс шуморагузорӣ кардем*). Дар ин нишаст роҳбарони кишварҳо дидгоҳу натиҷагирии худро перомуни аҳамияти ҳамкориҳои минтақавӣ изҳор намуда, дар шакли консептуалӣ дурнамо ва авлавияти кишварии худро муаррифӣ карданд. Аз ин рӯ, ҳадс задан мумкин аст, ки дарояндаи наздик ҳамаи нуқтаҳои рӯй ба дурнамо дар шакли санад ё сохтори ҳамкории бисёрҷониба амалӣ мешаванд. Барои нишон додани аҳамияти нуктаҳои изҳоршудаи сарони давлатҳо барои тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ, онро ба соҳаҳо ҷудо мекунем ва тафсири кутоҳи вазъ, то роҳандозии нишастҳои машваратиро низ меорем.

***Ҳамкориҳои сиёсӣ***

Таҷрибаи ҳамкории кишварҳои минтақа дар се даҳаи худсолорӣ нишон медиҳад, ки он ҳамвор набуд ва пасту баландиравиҳо мушоҳида мешаванд. Омили заифи ҳамкориҳои дохилӣ минтақавӣ сабаб гардид, ки тавонмандиҳои минтақа дар маҷмӯъ ва ҳар як кишварҳо дар алоҳидагӣ ба таври шоиста татбиқ нашаванд. Набудани фазои эътимод дар минтақа ба осебпазирии кишварҳо аз чолишҳои ҷаҳонӣ сабаб гардид. Тағйири мусбати ҳамкориҳои сиёсии минтақавӣ, ки баъди соли 2017 ба мушоҳида мерасад, тавонмандиҳои кишварҳоро боло бурд ва раванди ба субъекти равобити байналмилалӣ табдил шудани Осиёи Марказиро такон бахшид. Давлатҳои минтақа дар сатҳи дуҷониба созиш дар бораи шарикии стратегиро имзо карданд, ки моҳияти ҳамкориҳоро боло мебарад (Тоҷикистон соли 2015 бо Қазоқистон чунин санадро имзо намуда буд. Бо Туркманистон соли 2017 ва бо Ӯзбекистон соли 2018 имзо шуданд. Ба эҳтимоли зиёд, баъди ҳаллу фасли масъалаи марзӣ бо Қирғизистон низ чунин ҳуҷҷат ба имзо мерасад). Дар умум, ҳамкориҳои сиёсиро дар минтақа аз рӯйи роҳбурди “бурд-бурд” тавсиф кардан мумкин аст, чун самараи мусбатро ҳамаи кишварҳо эҳсос мекунанд.

Бо оғози нишастҳои машваратӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамовозӣ ва ҳамёрии давлатҳо дар самти ҳамкориҳои усулии сиёсӣ густариш ёфта, қолаби мазкур ба платформаи амалии дорои тавонмандиҳои бузург мубаддал гардид. Ҳамаи дастовардҳои мавҷӯдаи ҳамкориҳои дохилӣ минтақавӣ бархоста, аз омили ҳамкориҳои сиёсӣ мебошад, ки вусъати пай дар пайи он ба мушоҳида мерасад.

Имрӯз таваҷҷуҳи як қатор кишварҳо, аз қудратҳои берунаи анъанавӣ то нав ба минтақа афзоиш ёфтааст ва қолабҳои “Осиёи Марказӣ +”-ро роҳандозӣ кардаанд. Кишварҳои минтақа фурсатро аз даст надода, сиёсати хориҷии бисёрсамтии худро густариш бахшиданд. Дар суханронии сарони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон зикр шуд, ки имрӯзҳо зиёда аз 10 қолаби “Осиёи Марказӣ +” рӯйи кор омада (Ҷопон соли 2004, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Корея соли 2007, Амрико соли 2015 (“С5+1”), Ҳиндустон соли 2018, Русия ва Чин соли 2020, Кишварҳои арабии Халиҷи Форс соли 2022 чунин қолабро роҳандозӣ карданд), таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавиро ба Осиёи Марказӣ ба намоиш мегузорад. [5]

Аз ин рӯ, сарвари Тоҷикистон даъват ба амал оварданд, ки пешниҳодҳои мушаххас *барои рушди якҷояи Осиёи Марказӣ бо назардошти вижагии минтақавӣ ва кишварӣ (1) таҳия* ва ба таваҷҷӯҳи шариконии беруна пешкаш гардад. Ба эҳтимоли зиёд ин ҳуҷҷате бояд шавад, ки чашмандози минтақавиро барои дурнамои наздик дар тамоми соҳаҳо дар бар гирифта, шаффофу пешбини шаванда будани сиёсат ва роҳбурди кишварҳои Осиёи Марказиро дар самти ҳамкорӣ бо якдигар, ҳамчунин бо қудратҳои беруна ба намоиш мегузорад. Аҳамияти таҳияи чунин ҳуҷҷати роҳбурдӣ дар он аст, ки то имрӯз **ҳафт саммити** роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ, ба монанди: қолаби **“Осиёи Марказӣ - Чин”** (нишасти якум дар шакли видеоконфронс дар таърихи 25 январи соли 2022 ва нишасти дуюм дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Сиани Чин дар таърихи 18-19 майи соли 2023); қолаби “**Осиёи Марказӣ - Ҳинд**” (дар шакли видеоконфронс дар таърихи 27 январи соли 2022); қолаби “**Осиёи Марказӣ - Русия**” (дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дар таърихи 14 октябри соли 2022); қолаби “**Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо**” (дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дар таърихи 27 октябри соли 2022); қолаби “**Осиёи Марказӣ - Шӯрои ҳамкориҳои кишварҳои арабии Халиҷи Форс**” (дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ дар таърихи 19 июли соли 2023); “**Осиёи Марказӣ - ИМА**” (дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар таърихи 19 сентябри соли

2023), “**Осиёи Марказӣ - Олмон**” (дар шакли ҳузурӣ дар шаҳри Берлини Олмон дар таърихи 29 сентябри соли 2023) баргузор шуданд. Дар назар аст, ки соли 2024 нишасти сарони давлатҳои “**Осиёи Марказӣ - Ҷопон**” доир мешавад.

Афзоиши таваҷҷӯҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба ҳамкорию муколама дар қолаби “Осиёи Марказӣ +” ба тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва ба густаришу амалисозии сиёсати бисёрсамтии кишварҳо таъсири нек расонд ва имкони онро бештар кард. Дар назар аст, ки ин қолаб боз густариш меёбад ва дарояндаи наздик нишасти “Осиёи Марказӣ - Минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором” баргузор мешавад. Аз эҳтимол дур нест, ки Эрон ва Покистон низ чунин қолаби муколамаро ба роҳ мемонанд.

***Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ***

Қадами фазои эътимоди мутақобила дар минтақа ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ зарари бештар расонд. Осиёи Марказӣ аслан як минтақаи худкифо аст, вале набудани ҳамкориҳои наздики иқтисодию тиҷоратӣ имкон намедод, то кишварҳо аз тавонмандиҳои худ васеъ истифода кунанд.

Баъди роҳандозии нишастҳои машваратӣ густариши бесобиқаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷорӣ ба назар расид. Ба андешаи раисҷумҳури Қазоқистон дар панҷ соли охир гардиши тиҷории дохилиминтақавӣ 80% боло рафт ва имрӯз ба $10,6 млрд расида, дар дурнамо бояд ба $15 млрд бароварда шавад [Ниг.:7].

Барои расидан ба ин натиҷа – даст кашидан аз ҳимоятгароии иқтисодӣ ва эҷоди шароити мувофиқ барои тиҷорат муҳим мебошад. Аз дидгоҳи роҳбари Ӯзбекистон тавлиди ноҳолиси дохилии кишварҳои минтақа дар ҳаҷми 40% афзоиш ёфт, дар ин муддат гардиши тиҷорӣ 2,5 маротиба боло рафт, ҳаҷми сармоягузории дохилӣ минтақавӣ 6 маротиба зиёд шуд ва ҷалби сармояҳои мустақим 45% афзуд [Ниг.:8]. Ба гуфтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доду гирифти мутақобилаи кишвар бо давлатҳои минтақа ҳудуди ду маротиба боло рафт ва айни замон ба 28% гардиши тиҷоратӣ баробар аст [Ниг.: 5].

Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ андеша ва ташаббусҳои зеринро барои густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, саноатӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои азим, ба монанди: *созмондиҳии Пойгоҳи электронии истеҳсолкунандаи молу маҳсулот (2); таҳияи Роҳкор барои рушди ҳамкориҳои саноатӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ (3); таҳияи барномаҳои вижаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҷорӣ кардани фановариҳои нав (4); созмондиҳии Палатаи савдои Осиёи Марказӣ (5); созмондиҳии Шӯрои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи фановариҳои нав (6); таҳия ва қабули Барномаи маҷмӯии ташаккули занҷираҳои устувори тиҷорию логистикӣ, ифтитоҳ ва густариши марказҳои савдою ҳамкориҳои фаромарзӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва рафъи монеаҳо дар тиҷорати мутақобила, созмондиҳии пойгоҳи ягонаи электронӣ барои маъмурияти боҷситонӣ, назорати санитарию фитосанитарӣ, сертификатсияи пайдоиши мол ва роҳандозии пойгоҳи савдои электронии минтақавӣ, ки муколамаи доимии вазирони масъули тиҷорати хориҷиро дар назар дорад (7); таҳияи Роҳбурди ҳамкориҳои саноатии кишварҳои Осиёи Марказӣ барои дурнамои дарозмуддат (8); Шӯрои иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ (9)* баён карданд. Табиист, ки дурнамои ҳамкориҳои наздики минтақавӣ аз вусъатёбии равобити иқтисодӣ вобаста хоҳад буд.

Дар умум, бо беҳтар шудани ҳамкориҳои минтақавӣ дар 5 соли охир, мувофиқи омори расмии кишварҳо, додугирифти иқтисодиву тиҷоратии ҳам миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам бо шариконि беруна афзоиш ёфт. Паҳлуи мусбати ба чашм аёни ҳамкориҳои иқтисодӣ чунин аст: нуктаҳои миллӣ ва минтақавии рушдро ташаккул медиҳад (i); осебпазирии иқтисоди миллии кишварҳоро дар баробари таҳаввулот,

таҳдидҳо ва чолишҳои ҷаҳонӣ коҳиш дод ва дар оянда низ чунин вижагии худро ҳифз мекунад (ii); гардиши молу маҳсулот, хидматрасонӣ ва сармояро густариш бахшид, ки дар натиҷа корхонаҳои муштарак бо сармояи худи давлатҳои минтақа дар қаламрави онҳо таъсис ёфтанд (iii); ва ғайра. Нуктаи дигари муҳим ин ба ҳам монанд будани барномаҳои роҳбурдии кишварҳо аст, ки ҳолати мазкур барои комил намудани имкони якдигар ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ сабаб шуда метавонад.

***Ҳамкориҳо дар соҳаи об, нерӯи барқ ва маводи сӯхт***

Омили тағйири иқлим, дастрасии нобаробар ба захираҳои обӣ, шиддат ёфтани камбуди нерӯи барқ ва ғайра кишварҳои Осиёи Марказӣ водор месозад, то дар ин самт ҳамкориҳои нек дошта бошанд. Адами чунин ҳамкориҳо дар солҳои пеш, осебпазириро имрӯз бештар намудааст. Бо таҳаввул ёфтани ҳамкориҳо дар минтақа дар ин самт низ тамоюлҳои мусбат ба мушоҳида мерасанд. Душанбе ва Тошканд тасмим гирифтаанд, ки дар рӯди Зарафшон нерӯгоҳҳои муштарак месозанд. Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар анҷоми сохтмони неругоҳи Қамбарото дар Қирғизистон ширкат мекунанд. Чунин тамоюлро 10 сол пеш ҳеч кас пешбинӣ намекард ва он вақт мисли афсона менамуд. Осиёи Марказӣ аз диди тавонмандиҳои обию энергетикӣ худкифо аст, вале набудани ҳамкориҳои наздик, фарсуда ва муосир набудани зерсохтори обёрӣ ва ғайра осебпазириро афзоиш додааст.

Осиёи Марказӣ ба давраи камобӣ ва хушксолӣ ворид шуда, талаботи зиёд ба захираҳои обӣ ба мушоҳида мерасад. Дастрасии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба захираҳои маводи сӯхт низ мубрам гардида, дар фасли сармои соли гузашта ҳолати изтирорӣ ба мушоҳида расид. Раисҷумҳури Туркманистон омодагии кишварашро *бо шартҳои судманд барои интиқоли гази табиӣ ва неруи барқ ба давлатҳои Осиёи Марказӣ (10),* ҳамчунин тавассути қаламрави онҳо ба бозорҳои хориҷӣ изҳор кард [Ниг.: 9]

Агар иқдоми мазкур амалӣ гардад, ба унвони “болини амниятӣ” барои дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ хидмат карда, талаботи мавҷудаи кишварҳои минтақаро ба маводи сухт қонеъ месозад. Ба андешаи раисҷумҳури Қирғизистон тавонмандиҳои минтақавии обӣ коҳиш ва талабот ба об афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, тағйири муносибат ба об бисёр муҳим гардида, *азсаргирӣ ва такмили ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби Созишнома дар бораи истифодаи захираҳои обию энергетикии дарёи Норин-Сирдарё байни Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбакистон ва Тоҷикистон аз соли 1998 мубрам шудааст (11).* Созишномаи мазкур мубодилаи захираҳои обию энергетикиро дар назар дорад. Бояд зикр кард, ки ҳудуди 20 сол пеш мавзуи мубодилаи захираҳои обӣ бо маводи сӯхт ва энергетикӣ яке аз омилҳои боздорандаи равобити неки давлатҳои минтақа гардида буд, чун кишварҳо он замон барои истифодаи мутақобилан судманди онҳо ба созиш нарасиданд. Дар шароити имрӯза, бо назардошти коҳиши захираҳои обӣ мавзуи мазкур барои ҳамаи кишварҳо аҳамияти махсусро касб кардааст. Даъвати раисҷумҳури Қирғизистон перомуни ҷалби сармоя ва фановариҳои нав ба соҳаи оби Қирғизистон барои Тоҷикистон низ аҳамияти фавқулода дорад.

Сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дидгоҳҳои зеринро перомуни густариши ҳамкориҳои обию энергетикӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ, аз қабили *созмондиҳии Маркази минтақавии ҷорӣ кардани фановариҳои энерҷисамаранок ва каммасраф дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Бишкек (12); роҳандозии Муколамаи энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ (13)-ро* баён карданд.

Ҳамкориҳои обию энергетикӣ дар минтақа бо соҳаи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ иртиботи бевосита дорад. Чун солҳои охир дар минтақа дар фасли тобистон гармӣ ва дар зимистон сардии аз меъёр зиёд ба мушоҳида мерасад ва ба

офатҳои табиӣ оварда мерасонад. Масъалаи ҳифзи пиряххо, ки манбаи асосии об дар минтақа ҳастанд, барои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамият дорад. Ҳамаи сарони давлатҳо зарурати таваҷҷуҳ ва чораандешӣ нисбат ба тағйири иқлим дар минтақаро таъкид карданд (мавзуи мазкурро дар шакли алоҳида ҳамчун натиҷаи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Бунёди байналмилалии наҷоти Арал бояд баррасӣ кард). Дар ин самт ташаббусҳои зерин баён шуданд: *созмондиҳии Маркази минтақавии фановариҳои марбут ба тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ дар Ашқобод (14); таҳияи Роҳбурди минтақавии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (15) ва роҳандозии платформаи "Муколамаи иқлимии Осиёи Марказӣ" дар сатҳи вазирони муҳити зист (16).* Бинобар ин густариши ҳамкориҳо дар самти мазкур омили муҳими таъмини амнияти маҷмуъӣ ба шумор меравад ва муҳити ҳамёрии дохилиминтақавиро ба таври кулли тағйир медиҳад.

***Ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт ва транзит***

Ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар инзиво қарор дошта, ба роҳҳои баҳрӣ мустақиман дастрасӣ надоранд. Қадами ҳамкориҳои неки минтақавӣ рушди ин соҳаро низ боз медошт. Густариши тавонмандиҳои нақлиётию транзитӣ омили муҳими рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад. Беҳтар шудани равобит дар ин самт ва моли таърих гардидани истифодаи омили зерсохти нақлиётӣ ҳамчун фишор болои якдигарро аз натиҷаҳои неки оғози Вохӯриҳои машваратӣ қаламдод кардан мумкин аст. Чун минтақа шанси таърихиро барои эҳёи мақоми худ ба унвони ҳаби транзитӣ миёни кишварҳои Шимолу Ҷануб ва Шарқу Ғарб ба даст оварда, аз он ҳатман бояд истифода кунад. Даъвати раисҷумҳури Озарбойҷон ба унвони меҳмони ифтихорӣ ба нишасти Душанбе бархоста аз ҳамин самти ҳамкориҳо мебошад. Чун Боку аз ташаббускорон ва нафъгирандагони ҷиддии роҳандозии долони нақлиётию транзитии Фарокаспийӣ ба шумор меравад ва раисҷумҳури ин кишвар дар ду соли охир 9 маротиба ба давлатҳои Осиёи Марказӣ боздид анҷом додааст [10].

Масири мазкур як ҷойгузини ҷиддӣ барои берун шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ аз бунбасти иртиботӣ мебошад. Дар суханрони ҳамаи сарони давлатҳои мавзӯи густариши тавонмандиҳои нақлиётию транзитӣ зикр гардид ва андешаҳои зеринро баён карданд: *таҳияи Консепсияи ҳамгироии марказҳои логистикии давлатҳои минтақа (17); рушди долонҳои транзитӣ ба самтҳои Шимолу Ҷануб ва Шарқу Ғарб (18); созмондиҳии Пойгоҳи нақлиётию логистикии Осиёи Марказӣ (19); таҳияи Созишнома дар соҳаи нақлиёт ва транзит дар Осиёи Марказӣ (20); таҳияи механизмҳои мушаххаси пешбурди долонҳои самарабахши нақлиётӣ барои васл ба бозорҳои Чин, кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, Ховари Миёна, Иттиҳоди Аврупо (21); таҳияи Барномаи чораҳои озодсозии бозори хидматрасониҳои нақлиётӣ, мукаммалсозии расмиёти иҷозатдиҳӣ ва баррасии масъалаи созмондиҳии Платформаи ҳамгирошудаи рақамӣ барои ҳамлу нақли байналмилалӣ (22).*

Аз ин рӯ, бисёр муҳим аст, ки тавонмандиҳои нақлиётию транзитӣ ҳамчун омили муттаҳидкунанда амал кунад. Чун иродаи сиёсии мавҷуда ва фазои боэътимод миёни кишварҳо фурсатҳои навро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи зерсохти нақлиётию транзитӣ боз кардааст. Агар лоиҳаҳои мавҷуда амалӣ шаванд, мақоми минтақаро ҳамчун ҳаби транзитӣ баланд мебардорад ва ҳар як давлати Осиёи Марказӣ нафъи зиёдеро ба даст меорад.

***Ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ***

Дар Осиёи Марказӣ барои эҳёи ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ байни кишварҳои минтақа зарурати ҷиддӣ вуҷуд дорад ва ин самт ҳамеша мубрам боқӣ мемонад. Худи баргузор гардидани ҳамоишҳои канорӣ дар Душанбе, аз қабили Форуми

дуюми ректорон, Муколамаи занон, Форуми олимон, Форуми роҳбарони мақомоти ваколатдори кор бо ҷавонон, Форуми ризокорон, Форуми созмонҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон баёнгари тавонмандиҳои ин самт мебошанд.

Дар самти ҳамкориҳои мазкур ҳамовозӣ ва наздикии дидгоҳҳои кишварҳо ба мушоҳида мерасад, ки дорои тавонмандиҳои бузург аст. Тавре дар оғози навишта зикр шуд, перомуни ҳамкориҳои минтақавӣ аксар вақт ривоятҳое эҷод мешаванд, ки моҳияти воқеии мавзуи ҳамёрии давлатҳои Осиёи Марказиро фаро намегиранд. Ривоятҳои мавҷуда дар минтақа на ҳама вақт ба воқеият мувофиқат мекунад. Бо дарки аҳамияту зарурати масъала, аз ҷониби раисҷумҳури Тоҷикистон созмондиҳии *"Анҷумани расонаҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ" (23)* пешниҳод гардид. Раисҷумҳури Қазоқистон пешниҳод кард, ки татбиқи лоиҳаҳои расонаии рақобатпазир оғоз гардад ва *шабакаи телевизионии минтақавӣ ва пойгоҳҳои интернетии хабарӣ (24)* роҳандозӣ шаванд. *Раисҷумҳури* Ӯзбекистон *роҳандозии Платформаи расонаии байналмилалии "Таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ: як гузашта ваояндаи муштарак"-ро (25)* пешниҳод кард. Ҳамчунин, 95 солагии Чингиз Айтматов, нависандаи саршиноси Қирғизистон дар кишварҳои минтақа таҷлил мегардад, ки падидаи нек мебошад ва шинохти наздик ва ривоятҳои воқеиро ба вуҷуд меорад.

Дар самти густариши ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ чунин андешаҳо низ баён шуданд: барои ҳифз ва омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси таърихӣ *Форуми таърихнигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ (26)* баргузор гардад. *Роҳкор барои тақвияти ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарии кишварҳои Осиёи Марказӣ (27)*; *Маркази густариши имконот ва худсозии ҷавонон (28),* ҳамчунин *бурсия ва идорҳои илмию таълимӣ барои ҷавонони эҷодкор ба номи донишмандони саршинос ал-Хоразмӣ, Форобӣ, Ҷомӣ, Махтумқулӣ ва Чингиз Айтматов (29)* созмон ёбанд. Дар умум, густариши равобити фарҳангию гуманитарӣ аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои минтақавӣ ба шумор меравад ва чунин вижагии худро дар дарозмуддат ҳифз мекунад.

***Ҳамкориҳо дар соҳаи ҷаҳонгардӣ***

Нармшавӣ ва табиӣ гардидани равобити кишварҳои минтақа ба рушди соҳаи ҷаҳонгардӣ таъсири нек расонд ва дар натиҷа нишондиҳаи диду боздиди шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ аз давлатҳои якдигар ҳудуди ду маротиба афзоиш ёфт. Рушд бесобиқаи ҷаҳонгардӣ вижагии дохилиминтақавӣ ва ҳам беруна дорад. Имрӯз ғояи роҳандозии раводиди минтақавӣ бо номи "Раводиди Роҳи Абрешим" дар ҳоли баррасӣ аст ва бояд ба "Созишномаи Шенген" монанд шавад. Қадами нахустин барои амалӣ намудани ин тарҳ бекор кардани низоми раводид миёни худи кишварҳои минтақа мебошад, ки ҳамкориҳои фарҳангию гуманитариро боз густариш мебахшад. Дар ин самт пешниҳоди раисҷумҳури Қазоқистон перомуни *пешбарии якҷойи тамғаи ҷаҳонгардии "Осиёи Марказӣ" тавассути пойгоҳи Visit Central Asia (30)* аҳамияти вижа дорад. Чун сараввал роҳандозии хатсайрҳои минтақавии ҷаҳонгардиро дар назар дорад, ки дар умум тавонмандиҳои Осиёи Марказиро дар ин самт муаррифӣ мекунанд.

***Ҳамкориҳо дар соҳаи таъмини амният***

Роҳандозии қолаби вижаи минтақавӣ ба таъмину пойдории амният дар Осиёи Марказӣ таъсири нек гузошт, чун номгӯйи мавҷудаи таҳдидҳоро ба дохилию беруна ҷудо намудан мумкин аст. Бо оғози Вохӯриҳои машваратӣ силсилаи таҳдидҳои дохилӣ дар Осиёи Марказӣ коҳиш ёфт (аз ҷумлаи таҳдидҳои ҳассос масъалаи марзӣ миёни Душанбе ва Бишкек аст, ки ба эҳтимоли зиёд дарояндаи наздик пурра ҳаллу фасл мешаван). Дар ин муддат ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ миёни кишварҳо густариш ёфт ва размоиши муштараки дуҷониба низ баргузор шуданд. Давлатҳои минтақа ҳамкориҳо дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризмро низ тақвият бахшиданд, ки бо

назардошти омили қудратгирии Толибон аҳамияти махсус дорад. Чун дар қаламрави он кишвар ҷангҷӯёни зодаи Осиёи Марказӣ ҳузур доранд ва пеш аз ҳама ба минтақа таҳдид эҷод мекунанд. Ҳамкорию ҳамёрии давлатҳо дар самти таъмини амният омили муҳими ташаккули "болини амниятӣ" дар минтақа мебошад ва бо назардошти таҳаввули сиёсати ҷаҳонӣ ва хатарзо гардидани он аҳамияти махсусро касб менамояд. Чун муқовимати якҷоя ба таҳдидҳои муосир ва пайдо кардани роҳҳалҳо - тавонмандиҳои ҳамаро боло мебарад.

Тавре маълум аст, яке аз самтҳои муҳими таъмини амнияти Осиёи Марказӣ ба вазъи кунунии Афғонистон иртибот дорад. Чун оиндаи норавшани ин кишвар хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеиро барои минтақа афзоиш додааст. Роҳбарони кишварҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба мавзуи вазъи кунунии Афғонистон таваҷҷӯҳ карданд. Ба андешаи сардори давлати Тоҷикистон вазъи имрӯзаи Афғонистон ва бухрони шаклгирандаи инсонӣ боиси нигаронӣ буда, фаъол гардидани созмонҳои экстремистию террористӣ ва гурӯҳҳои қочоқбар манбаи таҳдид барои тамоми кишварҳои минтақа мебошад. Бояд зикр кард, ки ривоят ва роҳбурди кишварҳо перомуни вазъи Афғонистон гуногун ва бархоста аз тавсифи манфиатҳои миллии онҳо аст. Омили мазкур, яъне набудани дидгоҳу роҳбурди муштарак, дар бартарӣ қарор доштани хостаҳои кишварӣ маҷмуан осебпазирии минтақаро аз рушди эҳтимолии вазъ дар Афғонистон ҳассос нигаҳ медорад.

Дар умум, перомуни ҳамкориҳо дар самти таъмини амният, эҷоди рӯӣ кардҳо барои наздикӣ ва ҳамоҳангии иқдомҳои рушди устувору бидуни низои Осиёи Марказӣ аз тарафи сардорони давлатҳои минтақа ташаббусҳои зерин пешниҳод шуданд: созмондиҳии *нишасти Муколамаи амният ва ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ таҳти сарпарастии СММ (31); эҷоди гурӯҳи тамос дар сатҳи намояндагони вижаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар умури Афғонистон (32); ба роҳ мондани машваратҳои доимии Котибони Шӯрои амният (33); таҳияи Барномаи байни давлатии ҳифз ва тақвияти хати марзи кишварҳои Осиёи Марказӣ (34); роҳандозии размоишҳои муштарак барои посух гӯйиву муқовимат ба таҳдидҳои амниятии анъанавӣ ва нав (35); ташаккули Низоми минтақавии пешбинӣ, пешгирӣ, огоҳии бармаҳалу вокуниши муштарак ба ҳолатҳои фавқулодда (36); таҳияи Барномаи ҳамкории минтақавӣ дар самти амнияти озуқаворӣ бо пуштибонии Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (37).*

### *Нуктаҳои муҳим дар ҳамкориҳои минтақавӣ*

Дар баробари дастоварду падидаҳои мусбат, ки дар боло ишора шуд, имрӯз дар назди кишварҳои минтақа як силсила масъалаҳо истодаанд, ки ҳаллу коҳиши онҳо танҳо дар ҳолати мавҷудияти ҳамсоягии нек имконпазир мебошад:

**Якум, осебпазирии минтақа аз равандҳои глобалӣ**. Осиёи Марказӣ дар ҳамсоягии 4 кудрати ҳастаӣ: Русия, Чин, Ҳинд ва Покистан ҷойгир аст. Рақобат ва зиддияти кудратҳои ҷаҳонӣ ба минтақа таъсири мустақим мерасонад. Дар пасманзари бухрон дар Укроин барои сиёсати бисёрсамтии давлатҳои минтақа чолиш ва фурсатҳои зиёде пайдо шуд. Танҳо ҳамкориҳои наздики минтақавӣ коҳиши таъсири манфии эҳтимолӣ ва воқеӣ аз ин ҷанг ва дигар рақобатҳои қудратҳои бузургро таъмин намуда метавонад.

**Дуюм, ниёз ба ниҳодина шудани ҳамгироии минтақавӣ**. Дар шароити кунунӣ бисёр муҳим аст, ки дар фазои Осиёи Марказӣ созмони махсуси минтақавӣ рӯйи кор ояд ва ҳамгироӣ ниҳодина шавад. Зарурати ҷиддӣ ба чунин формати равобит эҳсос мешавад, чун ҳамкориҳоро дар ҳама сатҳ тақвият мебахшад. Адами созмони хоси минтақавӣ раванди ба субъекти равобити байналмилал табдил ёфтани Осиёи Марказиро боз медорад, чун кишварҳо танҳо якҷо имкони бештарро барои ҳифз ва татбиқи манфиатҳои

миллии худ пайдо мекунанд. Дар ин самт, имзои “Созишномаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ барои рушди Осиёи Марказӣ дар асри XXI” аҳамияти махсус дода метавонад. Раисҷумҳури Қазоқистон пешниҳод кард, ки *ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ дастур дода шавад, то дар самти татбиқи ин созишнома фаъолиятро дар асоси манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо ба роҳ монанд (38).* Ба эҳтимоли зиёд, дар нишасти Шашуми машваратӣ мавзуи *созмондиҳии Котиботи Мулоқоти машваратӣ (39)* ва таъин кардани намояндаҳои вижа баррасӣ хоҳад гашт. Пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон дар бораи таъсиси *Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ дар умури Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (40)*, ки аз ҷониби ҳамаи кишварҳо пазируфта шуд ва дар Изҳороти муштарак аз натиҷаи Вохурии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ зикр шудааст қадами нахустини усулӣ барои оғози раванди ниҳодина гардидани ҳамгироии минтақавӣ мебошад. [3],

***Сеюм, ниёз ба ҳамоҳангии бештари сиёсати хориҷӣ.*** Дар пасманзари рақобат ва зиддияти қудратҳои бузург дар паҳнои олам зарурати ҷиддӣ барои ҳамоҳангии бештари сиёсати хориҷӣ пайдо шудааст. Чун кишварҳо дар шакли дастҷамъӣ имкони бештари таъмини авлавияти худро соҳиб мешаванд. Дар дурнамои кӯтоҳмуддат пешбинӣ мешавад, ки раванди ба қутби худ ҷазб намудани минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷониби қудратҳои беруна боз ҳам афзоиш меёбад. Дар ин росто нигоҳ доштани тавозун дар амалисозии сиёсати бисёрсамтӣ зарур мегардад. Пешниҳоди роҳбурдии сарвари Тоҷикистон перомуни таҳияи чашмандози муштараки рушди якҷояи Осиёи Марказӣ бо назардошти вижагии минтақавӣ ва кишварӣ ҳам барои густариши равобит дар қолабҳои “Осиёи Марказӣ +”, ҳамчунин барои тавсеаи сиёсати бисёрсамтии давлатҳо аҳамияти ниҳоят муҳимро касб мекунад. Агар дар пасманзари афзоиши таваҷҷуҳи қудратҳои беруна ба минтақа чунин чашмандоз таҳия нагардад ва ҳамоҳангии бештари сиёсати хориҷии кишварҳо ба вуқуъ напайвандад, Осиёи Марказӣ аз шанси таърихии худ васеъ истифода карда наметавонад.

***Чорум, ниёз ба ҳамоҳангӣ дар самти таъмини амният***. Тақвияти ҳамкориҳо дар ин самт муҳим аст, чун 3 кишвари минтақа бо Афғонистон марзи муштарак доранд. Ҳарчанд рӯйкарди кишварҳо нисбат ба таҳаввулоти Афғонистон аз ҳам фарқ мекунад, вале дар баробари таъсири эҳтимолии манфӣ баробар зарар мебинанд. Ҳамсояҳои шимолии Афғонистон, ба монанди Покистон, Эрон ва Чин нуфузу таъсир ба равандҳои ин кишварро надоранд ва танҳо дар ҳамоҳангӣ имкони пуштибонии манфиатҳои худро соҳиб мешаванд. Аз ин рӯ, ҳамоҳанг ва ба ҳам наздик гардидани рӯйкарди кишварҳо нисбат ба равандҳои Афғонистон бисёр муҳим аст, чун тавонмандии бештарро барои Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон эҷод мекунад, ки таъсири мусбаташ ба Қазоқистон ва Қирғизистон низ мерасад.

***Панҷум*, *ниёз ба густариши ҳаҷми додугирифти иқтисодию тиҷории дохилиминтақавӣ*.** Нуқтаи мазкур аз ҷониби сарони кишварҳо ва ҳам забони таҳлилгарону коршиносони аршад борҳо садо додааст. Имрӯз иқтисоди кишварҳои минтақа бештар барои доду гирифт бо давлатҳои берун аз минтақа нигаронида шуда, боиси ба таври комил истифода нагардидани тавонмандиҳои мавҷуда шудааст. Лозим ба назар мерасад, ки иқтисоди кишварҳо якдигарро бояд мукаммал кунанд ва дар натиҷа рақобатпазирӣ ва устувории бештарро соҳиб мегарданд. Агар чунин гардиш ба вуҷуд ояд, додугирифти иқтисодию тиҷории дохилиминтақавӣ ба маротиб афзоиш меёбад ва механизми ҳисоби мутақобилаи савдо тавассути пули миллии кишварҳоро ба вуҷуд меорад. Аҳамияти ин нукта дар он аст, ки Осиёи Марказӣ аз нигоҳи захираҳо, канданиҳои фоиданок ва сармояи инсонӣ минтақаи худкифо мебошад, вале набудани ҳамкориҳои наздик дар ин самт кишварҳоро аз қудратҳои беруна вобаста кардааст. Агар

раванди амалии ҳамгироии минтақавӣ оғоз шавад, он маҳз аз матни мавзуи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ бармехезад. Имрӯз Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар анҷоми сохтмони неругоҳи Қамбарото дар Қирғизистон ширкат мекунанд. Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар рӯди Зарафшон нерӯгоҳҳои муштарак месозанд. Ҳаммонанди ин лоиҳаҳои муштарак бояд дар сатҳи минтақа зиёд бошанд, чун барои таъмини кишварҳо бо неруи барқ мусоидат карда, имкони захираи об низ барои кишоварзӣ пайдо мешавад.

***Шашум, ниёз барои аз байн бурдани раводид***. Нуқтаи мазкур аз мавзуи муҳим дар рӯзномаи ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад, чун бидуни раводид кардани сафар ба ҳамаи кишварҳои минтақа, густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷорӣ ва фарҳангию гуманитариро такон мебахшад. Дар натиҷа, Осиёи Марказиро ба ҷуғрофиёи ягона табдил дода, ҳусни нияти неки кишварҳоро барои ҳамкорию ҳамёрӣ ба намоиш мегузорад.

***Ҳафтум, ниёз ба таҳияи “Чашмандози Осиёи Марказӣ - 2050”***. Баъди Нишасти панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ниёзи бештар ба таҳияи “Чашмандози Осиёи Марказӣ -2050” ба вуҷуд омад. Чун ироа гардидани зиёда аз ***40 пешниҳод, даъват ва ташаббус*** зарурати ҷамъбаст шудан ва пухтаю суфта гардиданро дар шакли як ҳуҷҷати роҳбурдии консептуалӣ ба маротиб афзоиш дод. Чун арзёбии фурсатҳои эҳтимолӣ ва воқеъӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ собит мекунанд, ки дар баробари намунаҳои беруна боз ҷойгузини дохилӣ низ мавҷуд аст. Аҳамияти таҳияи чунин санади роҳбурдӣ дар он аст, ки то соли 2050 аҳолии минтақа афзоиш ва захираҳои табиъӣ коҳиш меёбанд. Тамоми чолишу фурсат ба ҳамин ду омил вобаста аст. Аз ин рӯ, чашмандоз барои давраи то соли 2050 имкон медиҳад, ки тамоми паҳлуҳои мусбати ҳамкориҳои минтақавӣ мушаххас шаванд ва ба унвони барномаи роҳбурдӣ ҳам барои худи давлатҳо ва қудратҳои беруна амал кунад. Чун шарти муҳими рушди устувори давлатҳои минтақа ин ҳамгироии бештар бо ҳамдигар ва сиёсати хориҷии пешгӯишаванда ва фаъол барои қудратҳои беруна мебошад.

Дар фарҷоми навишта зикр бояд кард, ки Осиёи Марказӣ дар низоми манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми вижа дорад ва Душанбе татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳими худро бо минтақа алоқаманд медонад. Ин нуқта борҳо дар суханрониҳои роҳбарияти олии кишвар садо дода, иродаи қавии сиёсии Тоҷикистонро барои ҳамёрӣ ва ҳамгироии минтақа ба намоиш мегузорад. Хулоса, Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Душанбе марҳилаи навро дар ҳамкориҳои минтақавӣ оғоз бахшид ва шароити мувофиқро фароҳам овард.

**Адабиёт**

1. Ризоён Ш.Ш. Нишасти Душанбе. Ҳамгироии минтақаӣ падид меояд? [Манбаи электронӣ] // Сарчашма: https://halva.tj/tj/articles/analytics/nishasti_dushanbe_amgiroii_minta_a_padid_meoyad/ (санаи воридшавӣ: 18.01.20236).
2. Ризоён Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан. -Душанбе: Дониш, 2020. -320с.
3. Совместное заявление по итогам Пятой Консультативной встречи Глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г.Душанбе, Таджикистан.
4. Ризоён. Ш.Ш., Гиёсов М.Ф. Афганистан до и после пришествия Талибан. -Душанбе: Дониш, 2023. -508с.
5. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

6. Выступление Президента Кыргызской Республики Садыра Жапарова на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

7. Выступление Президента Республики Казахстан Касым-Жомарта Токаева на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

8. Выступление Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

9. Выступление Президента Туркменистана Сердара Бердымухамедова на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

10. Выступление Президента Азербайджанской Республики Ильхама Алиева на Пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии /14.09.2023, г. Душанбе, Таджикистан.

## ПЕРСПЕКТИВЫ ИНТЕГРАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**РИЗОЁН ШЕРАЛИ ШУКРУЛЛОЗОДА,**
кандидат политических наук, старший преподаватель кафедры
дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан
Таджикского национального университета.
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 987-28-00-81. E-mail: sherali.rizoyon@gmail.com

*В данной статье анализируются итоги Пятой консультативной встречи глав государств Центральной Азии, которая состоялась 14 сентября 2023 года в городе Душанбе. Организация внутрирегиональных встреч качественно изменила сотрудничество в Центральной Азии и заложила перспективы для развития во всех сферах.*

*В информационном пространстве региона были созданы различные нарративы о важности и эффективности многостороннего регионального сотрудничества. Эти действия доказывают необходимость таких встреч, потому что если бы они не были важными, то медиа внешних акторов не создавали бы негативные нарративы. Саммит в Душанбе показал, что страны не спешат создавать региональный институт и учли уроки своего прошлого опыта. Первый подход к региональной интеграции был реализован по принципу «сверху вниз» и формировался без учета внутренних и внешних влияющих факторов. Нынешний процесс региональной интеграции можно оценить как «снизу вверх», поскольку он направлен на создание конкурентоспособных и эффективных структур. На саммите в Душанбе была отмечена важность и необходимость совместного развития Центральной Азии с учетом региональной и страновой специфики в рамках сотрудничества в форматах «Центральная Азия+», что является серьезным шагом для координации внешней политики государств региона.*

*В выступлениях глав стран региона на Душанбинском саммите было высказано более 40 предложений и инициатив, направленных на будущее, которые включают сферы политической, экономической, коммерческой, водной, энергетической, энергоносителей, транспорта и транзита, культурно-гуманитарного сотрудничества, а также туризма и обеспечения безопасности.*

*Статья завершается семью предложениями, наиболее важными из которых являются безвизовый режим в регионе и разработка «Видение Центральной Азии -2050».*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Казахстан, Кыргызстан, Туркменистан, Узбекистан, Центральная Азия, внешняя политика, экономика, торговля, вода, электроэнергия, энергоносители, транспорт, транзит, культура, туризм, безопасность, интеграция.*

# PROSPECTS FOR INTEGRATION IN CENTRAL ASIA

**RIZOYON SHERALI SHUKRULLOZODA,**
Candidate of Political Sciences, Senior lecturer of the Department
of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan
Tajik national university.
734025, Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 987-28-00-81. E-mail: sherali.rizoyon@gmail.com

*This article analyzes the results of the Fifth Consultative Meeting of the heads of Central Asian States, which took place on September 14, 2023 in the city of Dushanbe. The intraregional meetings have qualitatively changed cooperation in Central Asia and laid prospects for development in all spheres.*

*Different narratives about the importance and effectiveness of multilateral regional cooperation have been set up in the information space of the region. It proves the need for such meetings, because if they were not important, the media of external actors would not create negative narratives. The summit in Dushanbe showed that the countries are in no hurry to create a regional institution and have taken into account the lessons of their past experience. The first approach to regional integration was implemented on the "top-down" principle and was formed without taking into consideration internal and external factors. The current attempts for regional integration can be regarded as a"bottom-up" process, since it is aimed at creating competitive and efficient structures. At the summit in Dushanbe, the importance and necessity of joint development of Central Asia, with emphasis on regional and countries distinct features, within the framework of cooperation in the "Central Asia+" formats was raised, which is a serious step for coordinating the foreign policy of regional states.*

*In the speeches of the heads of the countries of the region at the Dushanbe Summit, more than 40 proposals and initiatives aimed at the future were made, which include the areas of political, economic, commercial, water, energy, energy carriers, transport and transit, cultural and humanitarian cooperation, as well as tourism and security.*

*The article concludes with seven proposals, the most important of which are the visa-free regime in the region and the development of the "Vision of Central Asia -2050".*

***Keywords:*** *Tajikistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Turkmenistan, Uzbekistan, Central Asia, foreign policy, economy, trade, water, electricity, energy, transport, transit, culture, tourism, security, integration.*

УДК: 327+316

# ТАҲЛИЛУ БАРРАСИИ МАФҲУМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ ВА ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОӢ

**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD)-и илмҳои сиёсии кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru
**ИБРОҲИМОВ САЙДАКРАМ САЙДАНВАРОВИЧ,**
унвонҷуйи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 985-02-11-11. E-mail: Saidakram1111@mail.ru

*Дар таърихи навини миллати тоҷик, рузи 9-уми сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин сана ҳамчун ҷашни муқаддас маҳсуб мешавад. Бояд қайд намуд, ки қадамҳои аввалини истиқлолият ва ба даст овардани озодӣ барои миллати тоҷик бо ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз гардид, ки он аз ҷониби душманону хоинони миллати тоҷик роҳандозӣ шуда, беш аз яксаду панҷоҳ ҳазор кушта ва қариби як миллион муҳоҷиру гуреза ва зиёда аз миллиардҳо сомонӣ зиён ба бор оварда буд. Ҳамзамон, ҷанги мазкур ба якпорчагии мамлакат ва ҳастии миллати тоҷик таҳдиди ҷиддӣ низ эҷод мекард.*

*Бешак, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва ҳосил шудани озодиҳои иҷтимоӣ дар чунин шароити мазкур кори бисёр сахту душвор ба назар мерасад. Чунин коре ҳар миқдор сахту мушкил ҳам тасаввур гардад аммо, ҷавонмардоне ҳамчун Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки бидуни дар назар гирифтани ҳамаи он сахтиҳову душвориҳо ва ба ҷон харидани хатарҳо барои миллати худ ҷасурона вориди майдон гардида, чунин армуғони гаронбаҳоеро ба давлату миллати ранҷдида ҳадя намуданд. Дар ин мақола ҳадаф он аст, ки мафҳуми истиқлолияти давлатӣ ва озодиҳои иҷтимоӣ аз назари илмӣ ва сиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баён намояд, ки он ҳама заҳматҳову кӯшишҳои мардони бузурги миллати тоҷик дар ба даст овардани истиқлол ва озодӣ чӣ маъноҳо ва мафҳумҳои назаррас ва баланддараҷа доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 сентябр, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ҷашни истиқлолияти давлатӣ, озодиҳои иҷтимоӣ.*

**Баррасии мафҳуми истиқлол:** Дар Луғатномаи Деххудо вожаи истиқлол ба маъноҳои бардоштан ва баланд кардан, баланд баромадан, рафтан ба ҷойи баланд омадааст. Инчунин дар ҳамин китоб истиқлол ба маънои тартибдиҳандаи кори хештан, ба худии худ бидуни ёрии дигарӣ кореро ба анҷом расонидан, тоқат овардан ва тоб овардан бар корҳои сахт низ оварда шудааст.[5, Ҷ. 2, с. 83] Мафҳуми истиқлол дар маънои кам кардани вобастагӣ ва ба ҳаддиақал расондани он мебошад, ки сабаб мегардад миллат ва ё давлати соҳибистиқлол ба сатҳи баланду болотари пешрафт бирасад, то корҳои худро битавонад худаш ба танҳоӣ тартиб дода ва бидуни ёрии дигарон онҳоро ба анҷом расонад.[7, с. 64]

**Таҳлили сиёсии мафҳуми истиқлол:** Албатта ин маъноҳои мазкур сирфан ба худи вожа ва мафҳуми истиқлол бармегардад. Аммо дар китобҳои дигар барои мафҳуми истиқлол ҳамчун як истилоҳи сиёсӣ ва фалсафӣ, маъноҳои зиёде зикр шудааст. Истиқлол, ҳолатеро мегуянд, ки як миллат, кишвар ё давлат тавоноии худгардонии нисбӣ ё комили сарзамин ва корҳои худро дошта бошад.[8, с. 183] Инчунин истиқлолро ба маънои доштани қудрати тасмимгирӣ ва иҷрои онҳо дар мавҷудаи ҳокимиятии муайян гуфтаанд.[9, с. 49] Бинобар таърифҳои зикршуда ва вожашиносии мафҳуми

истиқлол метавон чунин гуфт, ки агар миллате битавонад бидуни таъсири нерӯҳои минтақавию байналмилалӣ ва таҳмили сиёсатҳо ва барномаҳои созмонҳову ниҳодҳои дохилию хориҷӣ барои худ барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра тадвин ва амалӣ гардонад, онро метавон миллати мустақил номид.

Зикр кардан ба маврид аст, ки мафҳуми таомулу ҳамкорӣ бо нерӯҳо ва созмонҳои дохилию хориҷӣ аз таҳмили фикру ақида бар миллатҳо фарқият дорад. Таомул ва ҳамкорӣ истиқлолияти як миллатро аз байн намебарад, балки таҳмили фикру ақидаҳои дигарон ба он осеб мезанад.[6, С. 160 ва 161 // 7, с. 55]

**Рукнҳои асосии ташкилдиҳандаи мафҳуми истиқлол:** Дар як ҷомеа масоиле ҳастанд, ки истиқлоли онро таъмин менамоянд. Таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллатҳо, роҳбарони сиёсӣ ва нухбагони ҷомеа, сарчашмаҳо ва захираҳои табиии ва мавқеияти иқлимӣ, ҷуғрофиёи сиёсӣ ва геополитика, қудрати низомӣ, системаи иқтисодӣ ва ҳокимияти сиёсии ҳар ҷомеа дар барқарорсозии ҳар чӣ бештар ва мустаҳкамтар гардонидани решаҳои мафҳуми истиқлол дар он, нақши калидӣ доранд.[6, с. 78 ва 179]

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, ба даст овардан ва ҳифзу ҳимоя аз истиқлолият дар ҳамаи заминаҳои мазкур барои як миллат бисёр кори сахту душвор буда, камтар ҷомеаҳое дар тули таърих ба он даст ёфтаанд. Бинобар ин, мафҳуми истиқлолро аз лиҳози фалсафаи сиёсӣ як амри нисбӣ медонанд. Яъне, як миллат дар баъзе масъалаҳои мазкур метавонад ба таври комил мустақил шуда, аммо дар баъзе масъалаҳои дигар сатҳи он мустақил будан камтар мебошад.[7, с. 64]

**Баррасии мафҳуми озодӣ:** Пас аз баррасии илмию таҳлилии мафҳуми истиқлол, ҳол дар идома таҳлили илмии мафҳуми озодию озодагӣ хоҳад омад. Озодӣ ё раҳоӣ ба маънoҳои зиёде ишора дорад, ки шомили мафҳумҳои решадор монанди истиқлол, тавоноии анҷоми корҳо, доштани интихобҳои мухталиф, ҳукумати бар худ ва худмухторӣ мешавад. Доштани интихобҳои гуногун дар анҷоми корҳо ба ин маъно аст, ки агар шахсе бихоҳад кореро анҷом диҳад ё тарк кунад, ҳеч чизе набояд ӯро аз анҷоми он кор боз дошта, ё маҷбур ба анҷоми он кунад.[1, с. 43 // 9, Ҷ. 1, с. 161]

Мафҳуми озодӣ дар васеътарин маъно ҳолатест, ки ҳеч чизе маҳдуд ва вобаста ба ҷизе дигар набошад ва иродаи шахс барои расидан ба мақсад ва ҳадафи худ ба ягон монеъ бархӯрд накунад.[5, с. 77 // 10, с. 20]

Густариши беш аз андозаи мафҳумҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ, робитаи давлат ва ҳуқуқи фардию иҷтимоии инсонҳо, ва ғайра, сабаби он мегардад, ки дар ҳар баҳсе аз озодӣ бояд нисбият ва умумият надоштани онро дар назар дошт. Яъне, ҳамеша бояд таваҷҷуҳ намуд, ки мафҳуми озодиро ба танҳоӣ ҳамчун як мафҳуми умумии фалсафӣ набояд маъно кард, балки аз ду масъалаи (озодӣ аз чӣ) ва (озодӣ барои чӣ) барои беҳтар маъно намудани он метавон истифода намуд. (Озоди аз чӣ) ба ин маъност, ки инсон аз чӣ чизе озод аст? Аз кадом қайду банд ва қонун? (Озодӣ барои чӣ) ба маънои он аст, ки инсон озодӣ пайдо мекунад барои анҷоми чӣ корҳое. Ба кадом ҳолати беқайду банд даст меёбад? [2, с. 236 // 10, с. 22]

Озодӣ, имкони амалӣ намудани тасмимҳоест, ки фард ё ҷомеъа ба майлу иродаи худ мегирад. Агар одамӣ битавонад ҳамаи он тасмимҳоро амалӣ намуда, ҳеч шахс ё созмоне натавонад андеша ва гуфтори уро маҳдуд кунад, он инсон дорои озодии беҳадду марз ва беқайду шарт аст. Ин маънои озодӣ, ҳамон озодии мутлақ мебошад. Аммо чун инсонҳо ба сурати иҷтимоӣ зиндагӣ менамоянд, наметавонанд озодии мутлақ дошта бошанд. Зеро мумкин аст риояти озодиҳои як шахс, дар айни замон маҳдуд кардани озодиҳои шахси дигар бошад. Дар ин ҳолат, имкони амалӣ шудани озодии мутлақ барои ҳар фард дар ҷомеа ба таври мустақиллона вуҷуд надорад. Ба ҳамин сабаб дар ҷомеаҳо

қонуну муқаррарот ва қоидаҳои зиндагии иҷтимоӣ тартиб дода мешавад. Ба он далел, ки агар қонун ва қарордодҳои иҷтимоӣ дар ҷомеъа вуҷуд надошта бошад, он озодии мутлақ сабаби беназмӣ ва ҳарҷу марҷ гашта, тартиботи сиёсию иҷтимоӣ ва баъзан иқтисодии мардум аз ҳам мепошад.[3, с. 134 // 9, Ҷ. 1, с. 164]

**Таҳлили сиёсии мафҳуми озодӣ:** Таърих нишон медиҳад, ки тамоми талошу кушиши инсонҳо дар барои ба даст овардани озодӣ ҳамроҳ бо қайду бандҳои он мебошад. Зеро, ҳеч файласуф ва мутафаккире намегуяд, ки ҳамаи намуди фишор ва қайду банд сабаби аз байн рафтани озодӣ буда ва бад шуморида мешавад. Ба таври мисол, нигоҳ доштани шахсе, ки мехоҳад ба худ ва дигарон зарару осеб бирасонад, ба маънои зидди озод будан нест, балки маънояш ҳифзу ҳимоя аз озодиҳои дигар афроди ҷомеа мебошад. Чуноне, ки як назму тартиби қонунии иҷтимоиро, ки ҳама онро пазируфтаанд, ҳеч шахсе онро мухолифи озодӣ намедонанд, балки ҳамон озодии ҳамроҳ бо қайду банд аст. Аммо озодие, ки бидуни камтарин қайду банд бошад ва қонунро осеб бизанад, ошуб ҳисобида мешавад, ки метавон номи дигари онро озодии мутлақ номид. Ҷомеъаҳое, ки тавонистаанд бар ҳокимони худкома пируз шаванд ва ҳукуматҳои истибдодиро барандозанд, аз озодиҳои фардӣ ва иҷтимоии фаровоне бархӯрдор шудаанд.[4, с. 263]

Имрӯз бо ин, ки усули озодиҳои фардӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои ҷаҳон ва миёни мардуми дунё муайян шудаанд, аммо ҳанӯз роҳи дарозе дар пеш аст то он озодиҳои фардию иҷтимоӣ пурра риоя карда шаванд. Таърифҳои фаровоне дар бораи мафҳуми озодӣ аз ҷониби донишмандону файласуфони ҷаҳон шудааст, вале ҳанӯз таърифи дақиқу комил ва ҷомеъ барои он ироа нагардидааст. Бо ин вуҷуди ин, ду нуқтаи муҳим ва асосиро метавон дар назар гирифт. Яке вуҷуд надоштани монеъа барои иҷро намудани дархост ва иродаи инсон. Дигарӣ, омода будани замина ва шароити иҷрои дархост ва иродаи инсон мебошад. Яъне, ин ду масъала агар дар канори якдигар ҳамзамон мавҷуд бошанд онгоҳ метавон гуфт, ки ин инсон озод аст. Масалан, парандае дар қафас аст ва мехоҳад парвоз намояд. Агар ӯ аз қафас берун равад ва болу параш бурида бошад дар ин ҳолат имкони парвоз дорад, аммо монеъ барои парвоз мавҷуд аст, ки шарти аввали озодиро надорад. Дар сурате, ки болу пари парвоз дошта бошад вале дар қафас баста бошад, монеи парвоз надорад, аммо имкон ва заминаи парвоз вуҷуд надорад.[2, с. 236 // 10, с. 23]

**Алоқамандии мафҳуми Истиқлол ва Озодӣ:** Чуноне, ки дар таҳлили мафҳуми озодӣ гузашт, озодӣ яъне тавоноии анҷоми корҳо бидуни ҳеч монеъ.[2, с. 48 // 9, Ҷ. 1, С. 164] Истиқлол низ ба маънои коҳиши вобастагӣ дар анҷоми корҳо аз ҷумла корҳои ҳокимият тавассути ҳоким мебошад.[7, с. 56 // 11, с. 3]

Яъне, маънои озодӣ бисёр васеътар аз истиқлол аст. Зеро озодӣ ҳамаи намуди тавоноиҳо дар анҷоми корҳоро шомил мешавад, аммо истиқлол ҳолати вобаста набудан дар анҷоми корҳоро гуянд.

Ба маънои дигар чунин метавон гуфт, ки як инсон метавонад дар анҷоми корҳои худ озод бошад, аммо аз истиқлолияти камтаре дар корҳояш баҳраманд гарада ва он корро бо ёрии дигарӣ ба анҷом росонад. Пас, он инсон озод аст, вале истиқлолияти нисбӣ дорад, на истиқлолияти комил. Аз тарафи дигар, агар як инсон ё миллате имконият дошта бошад, ки мустақилона кореро анҷом диҳад, вале бар сари роҳи ӯ монеъ пайдо шавад, он инсон ва ё ҷомеа мустақил ҳаст, аммо комилан озод нест.

Дар натиҷа алоқамандии мафҳуми истиқлол ва озодиро чунин хулоса намудан мумкин аст, ки озодӣ ба маънои набудани монеъ барои анҷоми корҳо тавассути як шахс ё як миллат аст ва фарқе надорад, ки мустақилона сурат мегирад ё ғайримустақилона. Аммо истиқлол ба маънои тавоноии худ ба худ ва ба танҳоӣ анҷом додани корҳоро

шомил мешавад, ки ҳатман шахс ё ҷомеа бояд озод бошад то битавонад он корро анҷом диҳад. Яъне, набудани озодӣ, истиқлолиятро ҳам аз фард ва ҷомеа мегирад. Аммо набудани истиқлолият ҳатман озодиро аз фарз ва ҷомеа намегирад, зеро шахс ё ҷомеа метавонад кореро бо ёрии дигарӣ ва ғайримустақилона, вале бо озодӣ анҷом диҳад. Дар сурати акси ин ҳолат, шахс ё ҷомеа кореро чӣ бо истиқлолият ва чӣ беистиқлолият, бидуни озодӣ аслан наметавонад анҷом диҳад.

Алоқамандии дигари мафҳуми озодӣ ви истиқлолият дар ин аст, ки ҳар ду мафҳум нисбӣ ҳастанд ва комилан дар як ҷомеа ба таври сад дар сад иҷро намудани онҳо ғайримумкин аст. Тавре, ки дар мафҳуми озодӣ гузашт миллатҳо дар талошанд то ба озодӣ аз навъи маҳдуд ва ба танзимдаровардаи он даст ёбанд. Зеро, ҳеч мутафаккир ва файласуфе озодии мутлақ ва номуназзамро намеписандад. Мафҳуми истиқлол ҳам чунин аст, ки дар низоми муосири байналмилалӣ амалӣ намудани истиқлолият дар ҳамаи заминаҳо ва унсурҳои он ба таври комил бисёр сахту душвор ва ҳатто ғайримумкин аст. Ба ҳамин сабаб ин ду мафҳум аз ин ҷиҳат ба якдигар монанд буда, ки ҳар ду нисбӣ ва маҳдуд ҳастанд.[7, с. 62 // 10, с. 24]

**Адабиёт**


1. Feinberg, J. Freedom and liberty In E Craig (Ed), Routledge Encyclopedia of Philosophy London:. Routledge, 2000. – Ҷ. 8, 12с.
2. Isaiah Berlin. Чаҳор, мақолаи озодӣ, Трҷумаи М, Муваҳҳид. Теҳрон:. Хоразмӣ, 1392/2013. – 359с.
3. Westbrooks, Logan Hart. “Personal Freedom” 2008, 155с.
4. William, D. Таърихи фалсафа. Тарҷумаи А, Зарёб, Теҳрон:. Илмӣ ва фарҳангӣ, 1389/2010. – 594с.
5. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо. Теҳрон:. Донишгоҳи Теҳрон, 1351/1972. – Ҷ.2, 257с.
6. Қавом, А. Усули сиёсати хориҷӣ ва сиёсати байналмилал. Теҳрон:. Самт, 1370/1991. – 328с.
7. Мансурӣ, Ҷ. Фарҳанги истиқлол. Теҳрон:. Вазорати корҳои хориҷӣ, 1374/1995. – 288с.
8. Муъин, М. Фарҳанги Муъин. Теҳрон:. Заррин, 1391/2012. – 1816с.
9. Оғобахшӣ, А. Фарҳанги улуми сиёсӣ. Теҳрон:. Чопор, 1387/2008. – 751с.
10. Ошурӣ, Д. Донишномаи сиёсӣ, Теҳрон:. Марворид, 1389/2010. – 360с.
11. Саъдулоев А. Низоми давлатӣ ва ҷомеаи маданӣ аз нигоҳи Абу-Райҳони Берунӣ ва Насируддини тусӣ. Маҷаллаи Идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 4/2 (59). – 11с.


## АНАЛИЗ И ОБЗОР КОНЦЕПЦИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И СОЦИАЛЬНЫХ СВОБОД


**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) политических наук, кафедры политология и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

**ИБРАГИМОВ САЙДАКРАМ САЙДАНВАРОВИЧ,**
соискатель кафедра дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 985-02-11-11. E-mail: Saidakram1111@mail.ru

*В новейшей истории таджикского народа 9 сентября официально принято как День государственной независимости Республики Таджикистан, и эта дата считается священным праздником. Следует отметить, что первые шаги к независимости и свободе для таджикского народа начались с навязанной гражданской войны, которую развязали враги и предатели таджикского народа, в результате которой было убито более ста пятидесяти тысяч человек, а почти 1 миллион переселенцев и беженцев и более миллиарда нанесли убыток сомони. В то же время эта война представляла серьезную угрозу целостности страны и существованию таджикской нации.*

*Несомненно, получение государственной независимости и получение социальных свобод в таких условиях представляется очень сложной задачей. Какой бы трудной и трудной ни была такая задача, были такие юноши, как Эмомали Рахмон, которые отважно вышли на поле боя за свой народ, не считаясь со всеми теми лишениями и трудностями и рискуя своей жизнью, и преподнесли столь драгоценные дары страждущим. государство и нация. Цель данной статьи - проанализировать и обсудить понятие государственной независимости и социальной свободы с научной и политической точки зрения, а также объяснить, к чему привели все усилия и усилия великих людей таджикского народа в достижении независимости и свободы. значимые значения и понятия имеют высокий уровень.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, Республика Таджикистан, 9 сентября, навязанная гражданская война, празднование государственной независимости, социальные свободы.*

## ANALYSIS AND REVIEW OF THE CONCEPT OF POLITICAL INDEPENDENCE AND SOCIAL FREEDOM

**SA’DULOEV ABDULVOSIT HABIBULLOEVICH,**
doctor (PhD) political science, the Department Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru
**IBRAHIMOV SAIDAKRAM SAIDANVAROVICH,**
Applicant Department of Diplomacy and International Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 985-02-11-11. E-mail: Saidakram1111@mail.ru

*In the modern history of the Tajik people, September 9 is officially accepted as the State Independence Day of the Republic of Tajikistan, and this date is considered a sacred holiday. It should be noted that the first steps towards independence and freedom for the Tajik people began with the imposed civil war, which was unleashed by the enemies and traitors of the Tajik people, as a result of which more than one hundred and fifty thousand people were killed, and almost 1 million migrants and refugees and more than a billion somoni. At the same time, this war posed a serious threat to the integrity of the country and the existence of the Tajik nation.*

*Undoubtedly, obtaining state independence and obtaining social freedoms in such conditions is a very difficult task. No matter how hard and difficult such a task was, there were young men like Emomali Rahmon who bravely entered the battlefield for their people, ignoring all those hardships and difficulties and risking their lives, and presented such precious gifts to the suffering. state and nation. The purpose of this article is to analyze and discuss the concept of state independence and social freedom from a scientific and political point of view, as well as to explain what all the efforts and efforts of the great people of the Tajik people in achieving independence and freedom led to. significant meanings and concepts are of a high level.*

***Keywords:*** *Leader of the Nation, Republic of Tajikistan, September 9, imposed civil war, celebration of state independence, social freedoms.*

УДК: 321

# ДАВЛАТ УНСУРИ АСОСӢ ДАР СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**ҲУКМИШОЕВ ЗАФАРШО ДИЛОВАРШОЕВИЧ**,
номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти
кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи пайдоиш, моҳият ва мақоми давлат дар системаи сиёсии ҷомеа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳлили масъалаи мазкур таълимотҳои мутафаккирони шарқу ғарб истифода шудаанд. Давлат институти муҳим дар системаи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, мақом ва нақши он дар раванди ҳаёти ҷомеа хело барҷаста мебошад. Ба вуҷуд омадани давлат дар раванди ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарурати объективӣ буда, бархӯрди манфиатҳо муносибатҳои ҷомеаро мураккаб сохта, инсоният ба мавҷудияти чунин як институти муҳими сиёсӣ ниёз пайдо менамояд.*

*Масъалаи пайдоиши давлат яке аз масоили баҳснок дар миёни мутафаккирони олам ба ҳисоб рафта, қисме онро офаридаи Худо ва қисми дигаре онро маҳсули шуури инсонӣ медонанд. Аксарияти мутафаккирони олами башарият раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеаро ба инобат гирифта, дар заминаи он андешаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии худро иброз намудаанд. Ба инобат гирифтани моҳияту хусусияти раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеа аз ҷониби аксарияти мутафаккирони олам ба хотири ҳифзи амният ва эҷод накардани хавфу хатар ва таҳдид барои шахс, ҷомеа ва давлат будааст.*

*Вазифаи аввалиндараҷаи давлат ин дар заминаи таъмини амният зиндагии инсонро аз ҳар гуна хавфу хатар эмин нигоҳ доштану кафолат додан ба зиндагӣ ва ниҳоятан ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, талаботу манфиатҳо ва хушбахтӣ ҳадя намудан барои инсон мебошад. Метавон гуфт, ки талаботҳои инсонӣ давлатро ба вуҷуд оварду онро ташаккул дод ва то ба имрӯз ҳифз намуд ва минбаъд низ ояндагии онро нигоҳ хоҳад дошт.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, системаи сиёсӣ, раванди сиёсӣ, таълимот, истиқлолият, ҳокимият.*

Давлат институти муҳим дар системаи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, мақом ва нақши он дар раванди ҳаёти ҷомеа хело барҷаста мебошад. Қабл аз зуҳури давлат дар ҷомеаи ибтидоӣ дин ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа баромад намудааст. Ба вуҷуд омадани давлат дар раванди ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарурати объективӣ буда, бархӯрди манфиатҳо муносибатҳои ҷомеаро мураккаб сохта, инсоният ба мавҷудияти чунин як институти муҳими сиёсӣ ниёз пайдо менамояд.

Андешаҳои мутафаккирони олами башарият оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат мухталиф мебошанд. Яке аз таълимотҳое, ки оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дар Ахди Қадим ва асрҳои миёна бештар нуфуз дошт ин таълимоти теологӣ буд. Таълимоти теологӣ пайдоиши давлатро аз иродаи Худо вобаста диниста, Худоро офаридгори давлат медонад. Аз он хотире, ки дар Ахди Қадим ва асрҳои миёна ҷаҳонбинии мардум динӣ буд, мутафаккирон кӯшиш менамуданд, ки ақидаҳои ичтимоию сиёсии худро наздик ба ҷаҳони андешаи мардум баён намоянд. Воқеан аксарияти мутафаккирони олами башарият раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеаро ба инобат гирифта, дар заминаи он андешаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии худро иброз намудаанд. Ба инобат гирифтани моҳияту хусусияти раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеа аз ҷониби аксарияти мутафаккирони олам ба хотири ҳифзи амният ва эҷод накардани хавфу хатар ва таҳдид барои шахс, ҷомеа ва давлат будааст. Аз ҷониби мутафаккир ба инобат гирифта нашудани имконоти сиёсию иҷтимоии замон ин мантиқан дур рафтан аз воқеият ва андешаи худро дар утопия ғарқ намудан аст. Метавон гуфт, ки мутафаккирони Ахди

Қадим ва асрҳои миёна дар баробари омилҳои мазкур инчунин имконоти мавҷудаи баёни андеша ва сатҳи дарки ҷомеаро ба инобат гирифта, андешаҳои сиёсии худро оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат иброз намудаанд.

Мувофиқи таълимоти дин Худо офаридгори тамоми мавҷудоти олам аст. Пас ҳар он чи дар олам аст, офаридаи Худо маҳсуб мегардад. Офаридгори кул будани Худо яке аз масъалаҳои мураккаби фалсафӣ ва динӣ ба ҳисоб рафта, дарки моҳияти он хело душвор мебошад. Дарки офаридгор будани Худо дар шакли омиёна комилан ғалат ва дур аз воқеият аст. Давлатро офаридаи Худо донистан ин сарфи назар намудани сабаби наздик, яъне ақли инсонӣ ва рӯ овардан ба сабаби ҳама сабабҳо – Худо буда, масъалаи мазкурро хусусияти эътиқодӣ бахшидан ва дур рафтан аз дарки ратсионалии масъала мебошад.

Масъалаи пайдоиши давлат яке аз масоили баҳснок дар миёни мутафаккирони олам ба ҳисоб рафта, қисме онро офаридаи Худо ва қисми дигаре онро маҳсули шуури инсонӣ медонанд. Яке Худоро офаридгори давлат медонаду ақли инсонӣ – шуурро сарфи назар менамояд ва дигаре давлатро маҳсули шуури инсонӣ медонад. Агар мо дар пайдоиши давлат ақли инсонӣ – шуурро сабаби наздик ва Худоро сабаби ҳама сабабҳо бидонем, яъне аҳли маърифт бошем, комилан аз саҳнаи баҳс дар масъалаи мазкур берун хоҳем рафт. Зеро дар ҷаҳони андешаи мо оид ба дарки моҳияти масъалаи мазкур дигар муаммое боқӣ нахоҳад монд.

Агар моҳияти сиёсии таълимоти теологии пайдоиши давлат дарк карда шавад, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки давлат дар Аҳди Қадим ва асрҳои миёна аслан ҳомии талаботу манфиатҳои табақаи болои ҷомеа буд. Яъне давлат ба табақаи болои ҷомеа такя менамуд ва табақаи болои ҷомеа бо истифода аз қонун ва қувваи давлат зулму истисморро дар нисбати табақаи поёни ҷомеа раво медид. Чунин тарзи муносибат нафрати табақаи поёни ҷомеаро дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа бармеангехт. Барои хомӯш сохтани хашму ғазаби табақаи поёни ҷомеа дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа чунин идеологияе лозим буд, ки табақаи поёни ҷомеа онро пазирой намояд. Дар заминаи омилҳои мазкур зарурати ба вуҷуд омадани таълимоти теологии пайдоиши давлат ба миён омад.

Августин барои сохти ғуломдориро абадӣ гардонидан, ғуломиро хости Худо медонад. Мавҷудияти моликияти хусусӣ, нобаробарии ҷомеа, мавҷудияти бою ашрофон ва бенавоёнро аз иродаи Худо вобаста медонист. Андешаҳои Августин дар асари «Дар бораи шаҳри Худо» гирд оварда шудаанд. Ӯ махсусан ба муносибатҳои байниҳамдигарии калисо ва давлат диққати асосӣ медиҳад. Августин калисоро «шоҳигарии Худо» медонист. Он аз «шаҳри заминӣ» - «давлат» боло дониста мешуд. Агар давлат тобеи калисо намебуд, ба андешаи Августин он аз дастаи роҳзанон ҳеҷ бартарие пайдо намекард. Бинобар ин ҳимояи манфиатҳои калисоро вазифаи асосии император медонад. Ӯ давлатро дар хизмати калисо мегузорад. Император бояд ба калисо хизмат намояд, қонунҳои онро ҳифз намояд ва бар зидди шаккокон мубориза барад [6. 43-44].

Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои теологии Августин метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1. Августин нобаробариҳои иҷтимоии сохти ғуломдориро на амали табақаи болои ҷомеа, балки аз иродаи Худо вобаста дониста, мехост зулму истисмори табақаи болои ҷомеа – ғуломдоронро зери парда созад;
2. Августин давлатро ба дастаи роҳзанон ташбеҳ дода, таъкид мекунад, ки давлат бояд тобеи калисо бошад;

3. Августин ҷонибдори режими сиёсии теократӣ буду мехост, ки давлат ва император дар хизмати калисо бошанд.

Ба ақидаи Фомаи Аквинӣ раванди ташаккули давлат тариқи офариниши олам аз тарафи Худо мебошад. Мақсади давлатро «хайрияти умум» ташкил менамояд. Ҳокимияти калисо ва қонунҳои ҳасткардаи Худо бояд аз ҳокимияти дунявӣ боло истанд. Ҳокимияти дунявӣ метавонад, қонунҳои илоҳиро вайрон намояд ва он ноҳақ аст, ки ба тирания омада мерасад.

Яке аз ҷойгоҳи таълимоти Фомаи Аквинӣ ғояи иерархияи умумӣ ва қатъӣ ба шумор меравад, ки он ба ҷомеаи инсонӣ низ мутааллиқ аст. Аз хотире, ки оламро як худо ҳаст намудааст ва онро худаш роҳбарӣ менамояд ва тани одамро фақат ақл идора мекунад, давлатро бояд як шахс идора намояд. Аммо худо, ақл, монарх бо ҳам фақат тавассути зинаи иерархӣ, ки пояҳои гуногун дорад, пайвастанд [6. 44].

Аз он хотире, ки дар таърихи асримиёнагии Аврупо диктатураи дин вуҷуд дошт, Фомаи Аквинӣ андешаҳои теократии худро мутобиқ ба ҳамон маҷрои динию сиёсӣ баён намудааст. Ӯ давлатро офаридаи Худо ва ба синфҳо ҷудо гардидани ҷомеаро аз иродаи Худо вобаста медонист. Фомаи Аквинӣ бо ин ақидаҳои худ аввалан мехост ҳисси нафрати табақаи мазлуми ҷомеаро дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа бартараф намояд ва баъдан табақаи поёни ҷомеаро аҳли таслим бар тақдиру сарнавишт созад. Яъне, табақаи камбағалу мазлум бояд мушкилоти зиндагӣ ва ҷабру зулми ҳокимону табақаи болои ҷомеаро аз иродаи Худо вобаста донанду аз лиҳози равонӣ ором бошанд.

Воқеан чунин таълимот як навъи идеологияе буд, ки бо системаи сиёсию иҷтимоӣ ва низоми давлатдории Аҳди Қадим ва асрҳои миёна мувофиқат менамуд. Зеро имкониятҳо барои тағйир додани системаи сиёсию иҷтимоӣ дар он марҳилаи таърихӣ имконнопазир буданд. Таълимоти Фомаи Аквинӣ хусусияти идеологӣ дошту ифодакунандаи манфиатҳои элитаи сиёсии ҳукмрон, элитаи динӣ ва табақаи болои ҷомеа буд. Дар баробари ин то андозае таълимоти мазкур метавонист, ҳолати равонии табақаи поёни ҷомеаро ором созаду зиддиятҳои иҷтимоии табақаи боло ва табақаи поёни ҷомеаро бартараф кунад ва дар таъмин намудани суботи сиёсӣ мусоидат намояд.

Оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат мутафаккирони тоҷику форс низ андешаҳои худро баён намуда, мақому манзалати давлатро дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои ҷомеа муҳим ва меҳварӣ донистаанд. Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ – Низомулмулк андешаҳои сиёсии худро дар асараш «Сиёсатнома» иброз намуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсии ҷомеаро таҳлил карда, дар баробари дигар мутафаккирони асримиёнагии шарқу ғарб, ки таълимоти теологӣ доштанд, ӯ низ давлатро офаридаи Худо медонад. Низомулмулк халқро объекти асосии ҳастии давлат дониста, мавҷудияти давлатро аз мавҷудияти халқ вобаста медонад. Ӯ асоси легитимӣ будани ҳокимияти давлатиро дар ризоияти халқ мебинаду оид ба масъалаи мазкур чунин ибрози андеша менамояд: «Чун дуои халқ ба некуӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад» [9. 22].

Агар мо андешаи мутафаккирро таҳлили сиёсӣ намоем, хоҳем дарёфт, ки халқ аз давлат розӣ бошад, пас халқ дар нисбати давлат дуои нек хоҳад кард. Яъне, мутафаккир дуои некро ифодакунандаи ризоияти мардум медонаду далели легитимӣ будани ҳокимияти давлатӣ. Мутафаккир андешаҳои сиёсии худро бо назардошти нуфузи дин ва рӯҳияи динии ҷомеа иброз намуда, маҳдуд будани фазои озодии ҷомеаро комилан ба инобат гирифтааст. Ӯ ризоият ва норозигии ҷомеаро бо ибораҳои дуои нек ва дуои бад ифода мекунад. Зеро раият дар он марҳилаи таърихӣ вобаста ба фазои сиёсӣ имконияташ дар доираи дунёи нек ва ё бад кардан маҳдуд мегардид. Норозигии ҷомеа наметавонист заминаи ба вуҷуд омадани ҷунбишу ҳаракатҳои оммавӣ ва инқилобҳо гардад. Аввалан

мавҷуд набудани фазои озодӣ барои андешидан ва баён намудан. Баъдан мавҷуд набудани идеологияи сиёсие, ки роҳу воситаҳои тағйир додани системаи сиёсию иҷтимоии ҷомеаро муайян намояд. Ниҳоятан қувваи фаъоли сиёсие вуҷуд надошт, ки шуури сиёсии ҷомеаро бедор созад ва мардумро сафарбар намояду ҳидоят кунад.

Низомулмулк яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки мафҳуми «Давлат»-ро дар маънои ташкилоти бузурги сиёсии ҷомеа ва масъули суботи сиёсӣ маънидод менамояд. Ҳатто мутафаккирони кишварҳои ғарб мафҳуми «Давлат»-ро то ин замон дар чунин мазмун истифода накардаанд [6. 45].

Афлотун мутафаккири Юнони Қадим заминаҳои объективии пайдоиши давлатро чунин муайян намудааст:

«Одамон танҳо тавассути кӯшишҳои худ наметавонанд талаботҳои худро қонеъ созанд. Ниёзманд будани инсон ва дар танҳоӣ бартараф карда натавонистани он зарурaтро ба вуҷуд овард, ки одамон муттаҳид шаванд ва ба якдигар кӯмак расонанд. Ин иттиҳоди одамон заминаи ба вуҷуд омадани давлат гардидааст» [10. 522-523].

Афлотун оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат андешаҳои худро иброз намуда, дар маҷмӯъ давлатро ба ду навъ: ноқис ва комил ҷудо карда, ҳар як навъи давлатро боз дар шаклҳои гуногун нишон медиҳад. Ӯ принсипи тақсимоти меҳнатро омили асосии рушди давлат дониста, ҷомеаро бо назардошти қобилияти меҳнатиашон ба табақаҳои зерин ҷудо мекунад: а) ҳокимон – файласуфон; б) ҷанговарон; в) ҳунармандон.

«... Дар республикаи Афлотун тақсимоти меҳнат принсипи асосии ташаккули давлат мебошад...» [8. 379].

Дар баробари дигар мутафаккирони олам Арасту низ оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дидгоҳи худро дорад. «Давлат табиатан вуҷуд дорад ва табиатан аз ҳар инсон муқаддам аст» [1. 379].

Аз нигоҳи Арасту давлат моҳиятан дар шакли содда дар оила ба вуҷуд омада, тадриҷан ба марҳилаи зуҳурот расида, рӯ ба ташаккулу инкишоф овардааст. Воқеан метавон оиларо давлати кӯчак ва давлатро оилаи бузург номид. Чор унсури давлат: сиёсат, иқтисод, иҷтимоъ ва фарҳангро дар шакли содда дар оила метавон мушоҳида намуд. Арасту оиларо сарчашмаи ҳастии давлат медонад. Ӯ муҳиммияти мавҷудияти давлатро барои инсоният дар кафолат додан ба зиндагӣ ва ҳадя намудани хушбахтӣ медонад.

«Давлат нафақат ба хотири зистан, балки бештар барои хушбахтона зистан таъсис дода мешавад» [1. 460].

Аввалин шахсияте, ки мафҳуми давлатро ба илми сиёсӣ ворид намуд ин Н. Макиавеллӣ мебошад. Таълимоти ӯ дар илми сиёсӣ бо номи «макиавеллизм» маъруф буда, бо баъзе хусусиятҳои худ аз дигар таълимотҳои сиёсӣ фарқ мекунад. Н. Макиавеллӣ таълимоти теологии пайдоиши давлатро рад намуда, назарияи давлати муқтадири дунявиро ташаккул медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки барои тавоно гардидани давлат ва нигоҳ доштани иқтидори он шоҳ метавонад, аз тамоми омилҳои ғайриахлоқӣ, аз ҷумла, куштор, хиёнат, фиреб ва дурӯғ самаранок истифода бубарад. Н. Макиавеллӣ наҷоти империяи Римро аз фано ва бақои онро аз муқтадир будани ҳокимият вобаста медонист. Аз нигоҳи ӯ қонунҳои оқилона ва артиши тавоно асоси иқтидори ҳокимият ва давлат мебошад.

Т. Гоббс дар пайрави ба таълимоти сиёсии Н. Макиавеллӣ давлатро офаридаи инсон медонад. Андешаҳои сиёсии Т. Гоббс оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дар асарҳояш «оғози фалсафии таълимот дар бораи шаҳрванд» ва «Левиафан» ифодаи худро пайдо намудаанд. Ӯ амниятро арзиши олӣ барои шахс ва ҷомеа дониста, давлатро субъекти асосии амният медонад. Ба андешаи ӯ тарс аз марг инсонро ниёзманд ба амният

сохта, дар ин замина инсоният рӯ ба шартномаи ҷамъиятӣ оварда, давлатро таъсис додааст. Яъне, дар он марҳилаи таърихие, ки давлат набуд, «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» вуҷуд дошт ва чунин ҳолат ба амният ва зиндагии инсон таҳдид менамуд. Барои бартараф намудани он таҳдиде, ки дар заминаи «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» ба миён меомад, зарурат ба вуҷуд омад, ки одамон шартномаи ҷамъиятӣ бубананд ва давлатро таъсис диҳанд. Пас метавон гуфт, ки мувофиқи таълимоти «Шартномаи ҷаиъиятӣ»-и Т. Гоббс ниёзмандии инсон ба амният заминаи объективии ба вуҷуд омадани давлат буда, вазифаи асосии давлат ин таъмини амният барои одамон аст.

Рисолати давлат ин ҳимояи ҳуқуқҳои табиии инсон: ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва ҳуқуқ ба хушбахтӣ мебошад. Т. Гоббс дар асараш «Левиафан» қайд менамояд, ки давлат барои он ки амнияти ҷомеаро таъмин намояд ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя кунад, бояд тавоно бошад, зеро дар сурати заифу нотавон будан давлат наметавонад рисолати худро анҷом бидиҳад.

Т. Гоббс ба нутқи инсон диққати ҷиддӣ дода, ба андешаи ӯ маҳз нутқ инсонро аз ҳайвон ҷудо месозад. Ӯ оид ба масъалаи мазкур чунин изҳори андеша менамояд, ки бе қобилияти нутқи одамон на давлат, на ҷомеа, на шартнома, на сулҳ буда наметавонанд, ҳамон тавре, ки инҳо дар шерҳо, хирсҳо ва гургон мавҷуд нестанд [5. 65].

Таълимоти марксистӣ оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат назарияи хоси худро дорад. Агар дар дигар таълимотҳо оид ба пайдоиш ва инкишофёбии давлат ибрози андеша равад, пас дар таълимоти марксистӣ бошад, оид ба пайдоиш, инкишофёбӣ ва таназзулёбии давлат назариёти махсус пешниҳод мегардад.

«Давлат азалӣ ва абадӣ нест. Он дар давраи муайяни рушди таърихӣ ташаккул ёфта, дар марҳилаи муайян аз байн меравад. Чунин гузориши масъаларо қариб дар ҳеҷ таълимоти дигар мушоҳида кардан ғайриимкон аст. Яъне, таълимотҳои дигар, асосан дар бораи пайдоиши давлат андеша менамоянд. Марксистон бошанд, масъалаи аз байн рафтани онро низ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор додаанд» [6. 92].

Мувофиқи таълимоти марксистӣ заминаи ба вуҷуд омадани давлат ин пайдоиши моликияти хусусӣ ва ба синфҳо ҷудо гардидани ҷомеа мебошад.

«Давлат маҳсул ва зуҳуроти оштинопазирии зиддиятҳои синфӣ мебошад. Давлат дар ҷое, вақте ва аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки дар он ҷо дар он вақт ва ба он сабаб зиддиятҳои синфиро объективона оштӣ додан мумкин нест, баръакс: мавҷуд будани давлат исбот мекунад, ки зиддиятҳои синфӣ оштинопазир мебошанд» [7. 427].

Қонуни зуҳурот, инкишоф ва таназзул воқеан қонунест инкорнашаванда. Қонуни мазкур тамоми мавҷудоти зинда аз ҷумла, наботот, ҳайвонот ва инсониятро дар худ фаро гирифта, аз доираи ин қонун падидаҳои ҷамъиятӣ низ берун нестанд. Таърихи инсоният пайдоишу инкишофёбӣ ва рӯ ба таназзул овардани давлатҳо ва тамаддунҳоро дар хотир дорад, ки чандин давлатҳо дар саҳнаи сиёсат зуҳур намуданду то ба дараҷаи империя расиданд ва ниҳоятан таназзул ёфтанду саҳнаи сиёсатро тарк намуданд ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон бар канор шуданд. Дар раванди таърих ба мушоҳида мерасад, ки чунин ҳолат тамаддунҳои башариро низ дар худ фаро гирифтааст.

Пайдоиши давлат дар раванди ҳаёти ҷомеа заминаҳои воқеӣ дошта, талабот ва манфиатҳои ҷомеа онро ба миён овардааст. Ҷомеаи инсонӣ давлатро барои он ба вуҷуд овардааст, ки муносибатҳои онҳоро ба танзим дарорад ва кафили оромию амнияти онҳо бошад. Давлатҳо дар натиҷаи таҳаввулоти дуру дарози таърихӣ зуҳур намуда, инкишоф ёфта, рӯ ба таназзул хоҳанд овард. Яъне, таърих гувоҳ аст, ки қисме аз давлатҳо дар сиёсати кабир зуҳур намуда, ташаккулу инкишоф ёфтанд ва муқтадир гардиданду ба давлатҳои тавоно табдил ёфтанд. Ва ниҳоятан ин давлатҳои муқтадиру тавоно рӯ ба завол оварданду аз харитаи сиёсии ҷаҳон барканор шуданд. Дар ҳудуди он давлатҳои

абарқудрати таназзулёфта, давлатҳои кӯчак эҳё гардиданду рӯ ба истиқлолият овардаанд.

Мавҷудияту муқтадир гаштан ва ё заифу нотавон шудану рӯ ба таназзул овардани давлат аз ҳокимияти сиёсӣ вобаста мебошад. Зеро мақом ва нақши ҳокимияти сиёсӣ дар давлат хело бузург буда, он ба сифати муайянкунандаи самти инкишофи давлат баромад менамояд. Сиёсати оқилонаю созандаи субъектҳои сиёсӣ ҷойгоҳи давлатро дар сиёсати кабир муайян намуда, самти инкишофи онро таъмин месозанд.

Дар Аврупо ду табақаи бонуфуз вуҷуд дошт: а) элитаҳои динӣ; б) ритсарҳо; (табақаи ҳарбӣ-дворянӣ дар форматсияи феодалӣ).

Дар асрҳои XV-XVII раванди гузариш аз давлатҳои ҳудудӣ ба давлатҳои миллӣ ба вуҷуд меояд. Раванди муайянсозии сарҳадоти давлатҳо бо мушкилоти зиёд ба вуҷуд омада, баъди ин марҳилаи сиёсӣ, масъалаи таъсиси давлатҳои миллӣ ба миён меояд. Дар ин марҳила рақобати гурӯҳҳои этникӣ вуҷуд дошта, муттаҳид сохтану ба сулҳу созиш овардани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Зеро рақобату парокандагии этникӣ имкон намедод, ки давлатҳои миллӣ таъсис дода шаванд. Дар ин раванди сиёсӣ сохти сулолавӣ нақши муҳим мебозид.

Фазои сиёсии Аврупо дар ин марҳила саропо аз тазодҳо иборат буд. Аз ҷумла, ҷангҳои сулолавӣ, динӣ, ҳаракатҳои реформатсионӣ ва зидди реформатсионӣ бо ҳам дар ҳоли бархӯрд қарор доштанд. Дар ин раванд калисои католикии Рим рӯ ба таназзул ва идеологияи масеҳӣ рӯ ба бухрон меорад.

Фазои сиёсии Аврупоро бухрони идеологӣ дар худ фаро гирифта, зарурати объективии ба вуҷуд омадани идеологияи миллӣ пеш меояд. Чунин вазъи сиёсӣ заминаи воқеии ба миён омадани идеологияи миллӣ гашта, дар андешаи мардум шинохтану қадр намудани арзишҳои миллӣ ба вуҷуд омада, ҳар як миллат барои таъсиси давлати миллии худ мубориза мебарад.

Бедоршавии ҳисси миллӣ дар фазои сиёсӣ ва ҳам дар фазои динӣ таъсири бузурги худро расонид. Дар баробари оне, ки мардум давлатҳои миллии худро месохтанд, аз лиҳози сиёсӣ мустақил буданро ҳадафи асосии худ медонистанд. Дар ин марҳилаи таърихӣ дар фазои динӣ низ таҳаввулоти бузург ба миён омад. Элитаҳои динӣ мубориза мебурданд, ки аз тобеияти калисои католикии Рим озод бошанд. Сарварони калисо аз намояндагони миллӣ таъин гашта, тадриҷан ба ҷо овардани ибодат бо забонҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад, ки қаблан забони дину ибодат лотинӣ буд. Минбаъд тарҷумаи китоби Муқаддас – Библия бо забонҳои миллӣ сурат мегирад. Сарварони сиёсӣ барои мустаҳкам сохтани сарҳади давлати миллии хеш муборизаи истиқлолиятхоҳии калисоҳоро дастгирӣ менамуданд.

Дар заминаи ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ масъалаи озодии эътиқод ба вуҷуд меояд. Зеро дар дохили як миллат чандин ақидаҳои динию мазҳабӣ ҳукмрон буд. Барои муттаҳид сохтани миллату ташаккули давлати миллӣ дар фазои динӣ ба вуҷуд овардани таҳаммулпазирӣ шарт ва зарур буду ҳукмрон будани сулҳу созиш нақши муҳим мебозид. Ихтилофи ақидаҳои динӣ дар дохили як миллат метавонад ба парокандагӣ ва заиф сохтани давлати миллӣ мусоидат намоянд. [11, с.335].

Сулҳи Вестфали соли 1648 сарҳадҳои давлатҳоро муайян сохт ва барои ташаккули давлатҳои миллӣ нақши ҳалкунанда бозид. Дар заминаи ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ забону маданият ва иқтисоди миллӣ ташаккул ёфта, дар мардум ҳисси ватандӯстӣ бедор мегардад. Ташаккули давлатҳои миллӣ дар Аврупо марҳилаи дуру дарози таърихиро аз сар гузаронидааст. Дар раванди ташаккули давлатдории худ сиёсатмадорон аз таҷрибаи давлатдории империяи Рим самаранок истифода бурдаанд.

Аз сохти ҷумҳуриявии империяи Рим истифода бурда, институтҳои сиёсию демократии худро ташаккул додаанд.

Аз асрҳои XVII шурӯъ карда, мафҳуми «давлат» ба маънои ташкилот, аппарат-дастгоҳ, маъмурият, ҳукмрон ва умумият-давлати халқӣ (миллӣ) мавриди истифода қарор мегирад. Аз давраи револютсия дар Франсия мафҳуми миллат хосияти сиёсӣ пайдо намуда, давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии миллӣ фаҳмида мешавад.

Бо бедор гаштани афкори сиёсӣ, боло рафтани маданияти сиёсии ҷомеа, фазои зулму зӯроварӣ дар давлатҳои олам тадриҷан маҳдуд гашта, принсипҳои гуманизм, адолат, озодии сухан, гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ ва таъмини озодиҳо дар фазои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар олами муосир ҷойгоҳи давлатҳоро дар сиёсати кабир устувор сохта, мақому манзалати онҳоро боло бардоштааст. Мавҷудияти давлат барои таъмини оромию амният ва ташаккулу инкишофи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа шарт ва зарур аст. Давлатҳо таҷассумкунандаи манфиатҳои ҷомеа буда, ҳомии арзишҳои олии инсонӣ ва таъминкунандаи низоми муътадил дар фазои олам мебошанд.

Давлат ҳамчун институти сиёсӣ дорои сохтори мураккаб мебошад. Ҳамчуноне, ки қаблан зикр намудем, давлат гарчанде, ки дар марҳилаи зуҳуроти хеш хело содда буд, вале бо мурури замон ташаккулу инкишоф ёфта, мукаммалу мураккаб гардидааст. Барои шинохти моҳияти давлат бояд аз шакл ва сохти идоранамоии он воқиф буд. Давлат шаклҳои гуногун дошта, сохти идоранамоии он мухталиф мебошад. Аслан муассисаҳои давлатӣ ба се гурӯҳ ҷудо мегарданд: а) органи олии ҳокимияти давлатӣ ва идоранамоӣ; б) дастгоҳи давлат; в) механизми ҷазодиҳии давлат. Сохт ва салоҳияти ин муассисаҳои давлатӣ ва кору фаъолияти онҳоро аксаран режими сиёсӣ муайян мекунад. Барои он ки шаклҳои давлатро муайян намоем, бояд сохти идоранамоӣ ва сохтори давлатро мавриди омӯзиши худ қарор бидиҳем. Зеро маҳз тавассути ин ду унсур шакли давлат равшан мегардад. Шакли идоранамоӣ муайянкунандаи сохтори органҳои давлатӣ ва принсипи муносибати байни онҳо мебошад. Ду навъи асосии идоранамоӣ вуҷуд дорад: а) монархия; б) республика.

Монархия чунин шакли идоранамоие мебошад, ки дар он сарвари ҳокимият монарх (шоҳ, карол, император) буда, он хосияти меросӣ дошта, интихобӣ нест. Монархия дар навбати худ ба ду навъ ҷудо мегардад: а) монархияи мутлақ; б) монархияи конститутсионӣ. Дар монархияи мутлақ монарх соҳиби ҳокимияти мутлақ буда, дар монархияи конститутсионӣ салоҳиятҳои монархро конститутсия маҳдуд месозад.

Дар олами муосир монархия институти заифи сиёсӣ буда, монарх рамзи иттиҳоди миллат, ҳомии системаи сиёсӣ ва соҳиби анъана мебошад. Монархияи коститутсионӣ имрӯз дар як қатор кишварҳои олам аз ҷумла, дар Британияи Кабир, Нидерландия, Норвегия, Шветсия, Монако, Люксембург, Испания, Дания ва Белгия амал менамояд. Монархияи мутлақ хусусияти ғайридемократӣ дошта, монархияи парламентарӣ принсипҳои режими демократиро фаро гирифта, дар он диктатураи қонун вуҷуд дорад. Шакли идоранамоии республикавӣ дар навбати худ ба ду навъ ҷудо мегардад: а) президентӣ; б) парламентӣ.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда, бунёди ҷомеаи демократиро мақсади асосии хеш қарор додааст. Таназзул ёфтани як шакли давлатдорӣ ва дар заминаи он бунёд намудани шакли дигари давлатдорӣ марҳилаи муайяни гузаришро дар худ фарогир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар як муддати кӯтоҳ худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд ва аз ҷониби субъектҳои бузурги муносибатҳои байналхалқӣ аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мавриди эътироф қарор бигирад.

Баъд аз истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардан Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 Конститутсияи хешро қабул намуда, дар он низоми сиёсӣ ва шакли давлатдории худро муайян намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи аввали Конститутсия чунин омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад».

**Адабиёт**


1. Аристотель. Политика. Соч. в 4 – х томах – М., 1983.
2. Бердяев Н.А. Государство // Властӣ ин право. Из истории русской правовой мҷсли. – Л., 1990.
3. Боден Ж. Шест книг о государстве // Антология мировой философии: в 4 т. – М., 1970. Т. 2.
4. Гегель Г.Ф.В. Философия право. – М., 1990.
5. Гоббс Т. Избранные произведения. Т. II. – М., 1964.
6. Зокиров Г.Н. Давлат. Қисми 1. Монографияи илмӣ. – Душанбе, «Истеъдод». - 2012.
7. Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 25
8. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 23.
9. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 1998.
10. Платон. Диалоги. – М., 2009.
11. Сафаров Б.С. Сарварӣ дар системаи мудирияти давлат. Маҷалаи илмию сиёсии Акдемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2022/№1 (55). – 335с.
12. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. – М., 2003.
13. Челлен Р. Государство как форма жизни / пер. Со швед. – М., 2008.
14. Цицерон М.Т. Диалоги. О государстве. О законах // О государстве, I, XXV. -М., 1966.
15. Энгельс Ф. Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат. // Маркс К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб, ҷ. II – Душанбе, 1965.
16. Якунин В.И. Формирование государственной политики в современной России: проблемҷ теории и практики. Ғ М., 2006.


## ГОСУДАРСТВО ЯВЛЯЕТСЯ ОСНОВНЫМ ЭЛЕМЕНТОМ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА


**ХУКМИШОЕВ ЗАФАРШО ДИЛОВАРШОЕВИЧ**,
кандидат политических наук, доцент
кафедры политических процессов в Республике Таджикистан
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан г. Душанбе Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru



*В данной статье рассматривается вопрос о происхождении, сущности и статусе государства в политической системе общества. В анализе данного вопроса использовались учения мыслителей Востока и Запада. Государство считается важным институтом в политической системе, его статус и роль в жизненном процессе общества весьма выдающиеся. Возникновение государства в процессе жизнедеятельности человеческого общества является объективной необходимостью, конфликт интересов усложняет отношения общества, человечество начинает нуждаться в существовании такого важного политического института.*

*Вопрос о происхождении государства считается одним из самых спорных вопросов среди мыслителей мира, часть его рассматривается как творение Бога, а часть-как продукт*

*человеческого сознания. Большинство мыслителей мира человечества приняли во внимание политический процесс и социальные возможности общества и на его основе высказали свои философские, политические и социальные мысли. Учитывая сущность и характер политического процесса и социальные возможности общества, большинство мыслителей мира в целях защиты безопасности и недопущения рисков и опасностей для личности, общества и государства.*

*Первоочередной задачей государства является обеспечение безопасности жизни человека от любых рисков и опасностей, обеспечение жизни и, наконец, защита прав и свобод, потребностей, интересов и счастья для человека. Можно сказать, что человеческий спрос создал государство, сформировал его и сохранил до сих пор и будет продолжать поддерживать его постоянство.*

***Ключевые слова:*** *государство, политическая система, политический процесс, доктрина, независимость, власть.*

## THE STATE IS THE MAIN ELEMENT OF THE POLITICAL SYSTEM OF SOCIETY

**HUKMISHOEV ZAFARSHO DILOVARSHOEVICH**,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the
Department of Political Processes in the Republic of Tajikistan of the
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki avenue.
Phone: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*This article examines the question of the origin, essence and status of the state in the political system of society. In the analysis of this issue, the teachings of thinkers of the East and West were used. The state is considered an important institution in the political system, its status and role in the life process of society are very outstanding. The emergence of the state in the process of human society is an objective necessity, the conflict of interests complicates the relations of society, humanity begins to need the existence of such an important political institution.*

*The question of the origin of the state is considered one of the most controversial issues among thinkers of the world, part of it is considered as a creation of God, and part-as a product of human consciousness. Most of the thinkers of the world of humanity took into account the political process and the social possibilities of society and expressed their philosophical, political and social thoughts on its basis. Taking into account the essence and nature of the political process and the social opportunities of society, most thinkers of the world in order to protect security and prevent risks and dangers for the individual, society and the state.*

*The primary task of the State is to ensure the safety of human life from any risks and dangers, to ensure life and, finally, to protect human rights and freedoms, needs, interests and happiness. It can be said that human demand created the state, formed it and has preserved it to this day and will continue to maintain its constancy.*

***Keywords:*** *state, political system, political process, doctrine, independence, power.*

УДК: 321

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИНТИХОБИ ҲАЙАТ ДАР ТАҶРИБАИ ТАШКИЛОТҲОИ МУОСИР

**МУХАМЕДОВА ЗАЙНАБ ШАМСИДДИНОВНА,**
муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 935-83-52-77. E-mail: mukhamedova1311@mail.ru
**БОЙМАТОВА ЛИНО КОМИЛҶОНОВНА,**
ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 931-13-02-96. E-mail: lino.boymatova@icloud.com

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаҳои интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳоро дар мақомоти давлатӣ баррасӣ менамоянд ва чунин меҳисобанд, ки татбиқи мақсадноки он ба самаранокии фаъолияти идораи давлатӣ мусоидат менамояд. Бо назардошти он, ки фаъолияти идоракуниро кадрҳо амалӣ менамоянд, омили кадрӣ барои қавӣ намудани идораи давлатӣ ва дар маҷмӯъ давлатдорӣ мақоми махсусро ишғол намудааст.*

*Технологияи интихоби ҳайат дар ҷои худ қарор надошта, тадриҷан рушд меёбад. Усулҳое, ки пештар истифода мешуданд, имрӯз самаранокии худро гум карданд. Сабаби ин якчанд омилҳо шуда метавонанд: бозори меҳнати доимоивазшаванда, ҳолати демографӣ, ивазшавии мотиватсияи мутахассисон ва ғ. Бинобар ин, мақомоти давлатӣ бояд диққати махсусро ба интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори кадрӣ равона созад.*

*Воридшавӣ ба давраи технологияи компютерӣ ва глобализатсия норасоии мутахассисонро ба миён овард ва ҳар як роҳбар дарк месозад, ки барои таъмини рушд ва самаранокӣ натанҳо захираҳои моддӣ, балки кадрӣ низ хеле заруранд.*

*Бо назардошти он, ки фаъолияти идоракуниро кадрҳо амалӣ месозанд, омили кадрӣ дар мустаҳкам намудани системаи идоракунии давлатӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд.*

*Дар Тоҷикистон оид ба ҷобаҷогузории кадрҳо ва идораи онҳо санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавие қабул гардидаанд, ки дар сурати амалӣ шудан метавонанд, тағйироти мусбиеро дар ин самт ба бор оваранд.*

*Таҷрибаи кор бо кадрҳо ва ҳаёти воқеӣ собит намуд, ки ҳалли кулли масоили коллективҳои меҳнатӣ ба муносибати дурусти масъалаҳои кадрӣ вобастагӣ доранд.*

*Бинобар ин, масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз қабили умдатарин масоили ҷомеа буда, инкишофи муътадили равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳалли дурусти он вобаста аст.*

*Тарзи дурусти интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо муайян менамояд, ки ба ҳар корманд коре супорида шавад, ки ба дараҷаи донишу малака ва таҷрибаи андӯхтаи ӯ мувофиқ бошад. Бинобар ин, ҳангоми тақсимоти кормандон ба ҷойҳои корӣ бояд ба он кӯшиш кард, ки кори иҷрошаванда ба тахассуси иҷрокунанда мувофиқат намояд. Дараҷаи кор аз дараҷаи корманд набояд пасттар бошад.*

*Таҷрибаи кор бо кадрҳо ва ҳаёти воқеӣ собит намуд, ки ҳалли кулли масоили коллективҳои меҳнатӣ ба муносибати дурусти масъалаҳои кадрӣ вобастагӣ доранд.*

*Бинобар ин, масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз қабили умдатарин масоили ҷомеа буда, инкишофи муътадили равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳалли дурусти он вобаста аст.*

*Мақсади муаллифон аз таҳияи мақолаи мазкур омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии интихоб ва ҷобаҷогазории кадрҳо дар ташкилотҳои муосир аст.*

***Калидвожаҳо*** *интихоб, дарёфт, ҷобаҷогузорӣ, мақомоти давлатӣ, банақшагирӣ, ҳайат, корманд, касбият, банақшагирии кадрӣ, самаранокӣ, скрининг, рекрутинг.*

Интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо яке аз функсияҳои асосии давраи идоракунӣ, ки аз ҷониби ҳайати роҳбари кунандаи ташкилот иҷро карда мешавад, ба ҳисоб меравад. Аз сифати интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо чӣ дар системаи истеҳсолот ва чӣ дар системаи идоракунӣ самаранокии фаъолияти ташкилот вобастагии зиёд дорад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо фикр мекунем, ки мавзуи интихобнамудаи мақолаи мазкур актуалӣ буда, ба таҳлил ниёз дорад.

Ҳангоми интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо ба хатогӣ роҳ додан, алалхусус, дар интихоби кадрҳои роҳбарикунанда зарбаи сахт ба ташкилот расонидан аст. Ҷустуҷӯ, интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо аз рӯйи қоида ба зиммаи хадамоти кадрӣ вогузор карда шудааст.

Зери мафҳуми интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо тақсимоти дурусти кормандон ба сохторҳо, зерсохторҳо, қитъаву ҷойҳои корӣ дар мувофиқат бо системаи қабул шудаи ташкилот аз як тараф ва аз тарафи дигар, аз рӯйи қобилият, хусусиятҳои психофизиологиву кории корманд, ки ба маҷмӯи талаботи кори иҷрошаванда ҷавобгӯ аст, мебошад. Дар ин ҳолат ду мақсад пайгирӣ карда мешавад: ташаккули коллективҳои фаъол амалкунанда дар доираи сохторҳои ташкилот ва муҳайё кардани шароит барои пешравии касбии ҳар корманди ташкилот. Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар принсипҳои мувофиқат, ояндадорӣ, ивазшавандагӣ асос ёфтааст.

Технологияи интихоби ҳайат дар таҷрибаи ташкилотҳои муосир чунин давраҳоро дар бар мегирад: банақшагирӣ, ҷустуҷӯй, интихоби ҳайат. Дар умум, ин давра ба пешбинӣ кардани талабот ба ҳайат ва муайян кардани талабот ба номзад равона карда шудааст.

Проблемаи интихоби касбӣ яке аз масъалаҳои актуалии замони мо ба шумор меравад. Ҳангоми интихоби кадрҳо аслан натиҷаи кор (муваффақиятҳо), қобилиятҳо, характери корманд, мутобиқшавии ӯ ба мансаб баҳогузорӣ мешавад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои моддӣ бештар ба натиҷаи кор, вале ҳангоми ҳалли масъалаи пешравии мансабӣ, ҷо ба ҷо гузории кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо қобилият ва характери корманд ба инобат гирифта мешавад.

Давраи якум, ки дар тамоми ташкилотҳо истифода бурда мешавад, ин давраи ҷустуҷӯ аст, ки имконияти тартиб додани рӯйхати номзадҳоро ба мансабҳои холӣ имконият медиҳад.

Давраи дуюм ин интихоб ба кор аст. Сохтори ин давра аз мавқеи интихоби ҳайат пурра вобаста аст. Дар умум, вай меъёрҳо ва усулҳои интихобро дар бар мегирад. Сохтори мазкури интихоби ҳайат ба ташкилот имконият медиҳад, ки маҳз вакт ва «сифати номзадҳо» барои интихоби захираҳо муносиб карда шаванд. Ғайр аз ин, технологияи самараноки интихоби кормандони нав ба ташкилот имконият фароҳам меорад, ки бо кафолати нисбатан зиёд муайян кардани номзади тахассуси баланддошта пешгӯйӣ карда шавад ва имконияти интихоб кардани номзадҳои ояндадор бошад.

Ҳоло чӣ тавр технологияи интихоби ҳайат дар ташкилотҳои муосир татбиқ карда мешавад, дида мебароем.

**Банақшагирии кадрӣ.** Раванди интихоби ҳайат ба банақшагирии кадрӣ, ки вазифаи асосиаш муайян кардани талаботи ташкилот ба захираҳои инсонии чи кӯтоҳмуҳлат ва чи дарозмуҳлат аст, такя мекунад. Дар раванди банақшагирии кадрӣ чор давраро ҷудо кардан мумкин аст:

***Давраи якум,*** ки аз он раванди банақшагирии кадрӣ оғоз гардида ва ба он асос меёбад, ин таҳлили нақшаи стратегии ташкилот мебошад. Дар ин давра дар ташкилот таҳлил гузаронида мешавад: мақсадҳои ояндаи ташкилот, самаранокии меҳнати банақшагирифташуда, ҳаҷми маҳсулот. Муайянкунии дақиқи мақсадҳои стратегӣ

нишонаест, ки ба воситаи он тамоми қарорҳо дар соҳаи захираҳои инсонӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

***Давраи дуюм-*** ин пешгӯйии талаботи ташкилот ба ҳайат аст. Дар ин давра талаботи ташкилот ва захираҳои инсонии мавҷуда муқоиса карда мешаванд.

Менеҷерон оид ба ҳайат қайд мекунанд, ки « банақшагирии кадрӣ масъалаи пурра кардани камчинӣ ба ҳайати сифатан ва миқдоран зарури самтҳои мушаххаси кори кадриро дар бар мегирад» [3.-С.17-21]

Талабот ва омода будани ташкилот ба бурдани банақшагирии мунтазами кадрӣ бо баробари афзоиши андозаи ташкилот, микёс ва мураккабии фаъолияти ташкилот зиёд мешавад. Ин тағйиротҳо, ба мадди аввал, ҳамаи талаботҳои навро ба кормандон, ки ҳангоми интихоб бояд ба назар гирифта шаванд, мегузоранд. Ҳар қадаре ки нишондиҳандаи сифатии ҳайат зиёд аст, аз рӯйи маълумоти оморӣ ҳамон қадар масраф барои ҷустуҷӯйи ӯ зиёдтар аст.

***Давраи сеюм.*** Самти асосии кор дар доираи банақшагирии кадрӣ дар ташкилот бо баҳогузории ҳолати захираҳои дохилии меҳнатӣ ва баҳогузории захираҳои берунаи меҳнатӣ алоқаманд аст.

Менеҷерон оид ба ҳайат ҳаҷми иттилооти кадриро таҳлил менамоянд: маълумотҳои демографӣ ва сатҳи маълумот, натиҷаҳои назарсанҷиҳои гузаронидашуда ва санҷишҳои тестӣ, натиҷаҳои баҳодиҳии мунтазами кори ҳайат (аттестатсияҳо), талаботи мансабӣ, дараҷаи воқеии истеҳсолот.

Аз сабаби он ки имкониятҳои дохилии ташкилот барои қонеъ гардонидани талаботи афзоишёбанда ба кадрҳои сифатан ва миқдоран ҷавобгӯ нокифоя ҳастанд, банақшагирии кадрӣ ҳамеша омӯзиш ва баҳогузории сарчашмаҳои берунаро талаб мекунад. Дар ташкилот таҳлили вазъияти кадрӣ дар минтақаҳо гузаронида мешавад, то ки доираи кувваи кориро дар бозори меҳнат муайян намоянд. Сарчашмаҳои иттилоот дар бораи ҳолати бозори меҳнат чунинанд: доираи маош, сайтҳо оид ба шуғли меҳнат, рӯзномаву маҷаллаҳо оид ба интихоби ҳайат.

***Давраи чорум.*** Дар ин давра ташкилот нақшаҳо тартиб медиҳад, қолаби муваққатиро барои ҳалли масъалаҳои таъмини ташкилотро бо кадрҳои зарурӣ муайян мекунад. Маънои банақшагирии кадрӣ дар муайян кардани чораҳои муосир барои конеъ гардонидани ташкилот ба қувваи кории зарурӣ бо дарназардошти нақшаи муваққатии ташаккули ташкилот, зерсохторҳои он ё самтҳои алоҳидаи фаъолияти ташкилот мебошад. Чорабиниҳои банақшагирифташуда бояд ҷӣ кор карданро барои пурра кардани камчинӣ ба қувваи кории аз ҷиҳати дониш, малака ва таҷриба ба талабот ҷавобгӯро нишон дода тавонанд.

Ҳамин тариқ, мақсади асосии давраи банақшагирии кадрӣ кам кардани фосилаи байни таъминоти ҳозираи захираҳои кадрӣ ва талаботи ояндаи ташкилот мебошад.

**Қабули ҳайат.** Қабули ҳайат дар ташкили захираи зарурии номзадҳо ба ҳамаи мансабу ихтисосҳо, ки ташкилот дар оянда кормандони нисбатан мувофиқро интихоб менамояд, иборат аст. Ин кор дар ҳамаи ихтисосҳо гузаронида мешавад(идоравӣ, истеҳсолӣ, техникӣ, маъмурӣ). Маҷмуи корҳои зарурӣ оид ба қабул дар бештари ҳолатҳо аз рӯйи фарқияти байни қувваи кори мавҷуда ва талаботи оянда ба он муайян карда мешавад. Ин талаботро ташкилот аз давраи гузашта- банақшагирии ҳайат, ки мо дар боло дида баромадем, муайян мекунад.

Барои гузаронидани қабули номзадҳо ташкилот талаботи расмиро ба номзад мегузаронад. Расмият- тавсифи дақиқ ва муфассали номзади «идеалӣ» аст. Ҳамчун иттилоот ба ин таҳлили кори дар давраи банақшагирӣ гузаронидашуда, инчунин хоҳиши роҳбарӣ бевосита хизмат менамоянд.

Аз рӯи таҳқиқоти сотсиологӣ ба саволи оё дар ташкилот расмият нисбат ба номзад вуҷуд дорад, 33% ҷавоби қаноатбахш доданд, ки ин ба муносибати ҷиддӣ доштан ба тартиб додани талаботҳо ба номзадҳо ба ин ё он вазифа далолат мекунад. 28% пурсидашудагон тасаввуроти умумӣ дар бораи номзади «идеалӣ»-ро доранд. 17% иштирокчиён дар бораи расмияти талабот ба номзадҳо маҷмӯи камтарини маълумотҳоро, ки барои ишголи ин мансаб зарур ҳастанд (маълумот, таҷрибаи корӣ, донистани забонҳои хориҷӣ), 11% пурсидашудагон ба дархост барои ишғоли мансаби холӣ аз роҳбари сохторро дар назар доранд [5].

Инак, маълумоти таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки роҳбарон зарурати расмияти талабот ба номзадро хуб медонанд, вале ба он кам аҳамият дода мешавад. Агар бархе аз ташкилот ин корро шарти зарурӣ барои ҷустуҷӯи самараноки номзадҳо ҳисобад, қисми дигар ба гувоҳии пешакӣ такя мекунанд ва рафтори бисёр «расмӣ»-ро ба ин масъала тарафдор нестанд. Вале барои таъмин кардани самаранокии интихоби ҳайат мувофиқати пешгӯйии менеҷер, ки дар асоси таҷрибаи чандинсола пайдо шудааст ва тасвири пурраи номзади идеалӣ зарур аст. Ин кор дар навбати худ, ҷараёни интихоби номзадро хеле осон менамояд.

Сарчашмаҳои қабул метавонанд дохилӣ ва беруна бошанд. Ин вобаста аз вазифа, мӯҳлат, вақт ва сиёсати кадрӣ муайян карда мешавад. Ҳамаи ин дар давраи банақшагирӣ тасдиқ карда мешавад.

Ба воситаҳои қабули беруна дохил мешаванд:

1. Додани эълон дар воситаҳои ахбори умум;
2. Муроҷиат ба агентиҳо оид ба интихоби ҳайат;
3. Ҷустуҷӯйи номзадҳо ба воситаи интернет-захираҳо;
4. Ба воситаи тавсияҳои кормандони ташкилот, шарикон ва шиносон;
5. Иштирок дар ярмаркаҳои ҷойҳои холӣ, рӯзҳои карера.

Пурсишномаҳо нишон доданд, ки дар ташкилоти пешбари Россия ва хориҷ аз он усули нисбатан шинохташудаи интихоб- ҷой кардани эълон дар воситаҳои ахбори умум ( бештар дар нашрияҳои махсус)-ро истифода мебаранд. Иштирокчиёни пурсишномаҳо қайд мекунанд, ки ин усули нисбатан арзони интихоби номзадҳо ва зуд ҷавоб додани онҳо ба эълони додашуда мебошад. Вале бояд гуфт, ки ин усул камбудиҳои худро низ дорад. Рӯ ба рӯ шудан бо гурӯхи калони одамоне, ки ба талаботҳои ташкилот ҷавобгӯ нестанд ва бо ин сарф шудани маблағҳои захираҳои дохилии ташкилот аст[6].

Бештари пурсидашудагон чунин ҳисоб мекунанд, ки хизматрасонии агентиҳо оид ба интихоби ҳайат хеле гаронбаҳо ҳастанд ва раванди дурударози корро доранд. Ғайр аз ин, дар муддати ҳамкорӣ бо агентӣ тимсоли корманди «идеалӣ» ғалат маънидод карда мешавад мулоқот ва баррасии талабот ба корманд аз ҷониби як корманди агентӣ гузаронида мешавад, вале бо номзадҳо нафари дигар машғул мебошад. Вале новобаста ба ин, аз хизматрасониҳои агентиҳо қариб 88% одамон истифода мебаранд. Бартарии усули мазкур дар он аст, ки ба суҳбат нафароне меоянд, ки интихоби пешакиро гузаштаанд. Ташкилот мехоҳад бо агентиҳои санҷидашуда ҳамкорӣ дошта бошад. Чунин агентиҳо вазъияти бозори меҳнатро хуб медонанд, хусусияти ин ё он ташкилотро омӯхтаанд, аз сохтор ва стратегияи онҳо бохабар ҳастанд. 50% пурсидагон ҷустуҷӯйи номзадҳоро ба воситаи интернет амалӣ менамоянд. Ба ақидаи онҳо ин усул барои каммасраф будан хеле мувофиқ аст. На камтар аз 40 % пурсидагон ҳангоми ҷустуҷӯйи номзадҳо барои ишғоли ҷойҳои холӣ аз тавсияҳои кормандони ташкилот истифода мебаранд. Ба акидаи пурсидагон ин усул аз ҷихати иқтисодӣ камхарҷ буда, омадани номзадҳои тахассусиро таъмин карда метавонад. Бар замми ин, дар баъзе ташкилотҳо системаҳои гуногуни ҳавасмандкунии кормандоне, ки номзадҳои тавсиякардаашон ба

кор қабул шудааст, вуҷуд доранд. Як қисми пурсидагон чунин мешуморанд, ки дар баробари ҳавасманд гардонӣ дар ҳолати пешбарии номзади номувофиқ ҷазо низ муқаррар карда шавад. Дигарон чунин пешниҳод доранд, ки корманди номзадро тавсиякунанда ҳавасманд гардонида шуда, барои фаъолияти минбаъдаи номзади тавсиякардааш ҷавобгар карда нашавад, зеро қабули корманд ба ташкилот пурра ба зиммаи ташкилот вогузор карда шудааст.

Ғайр аз ин, 33% барои тавсияҳо ба шарикон, ҳамкорон ва шиносони худ мурочиат менамоянд.

17% пурсидагон барои ҷалби кормандони нав (асосан, ин ба мутахассисони ҷавон тааллуқ дорад) дар ярмаркаҳои ҷойҳои холӣ иштирок мекунанд, презентатсияҳо барои донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва хатмкунандагони макотиби олӣ мегузаронанд.

Инак, аз рӯйи нишондиҳандаҳои пурсишҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки барои қабули ҳайат ташкилот аз тамоми усулу воситаҳо истифода мебарад. Бартарии асосӣ барои тамоми ташкилот камхарҷ будани ин усулҳо мебошад.

Вале мо чунин мешуморем, ки потенсиали мутахассисони ҷавон аз ҷониби ташкилоти зиёд дуруст баҳогузорӣ карда намешавад. Танҳо 17 % онҳо дар ярмаркаҳои ҷойҳои холӣ иштирок менамоянду халос.

Тамоми усулҳои дар боло зикршуда ба корфармо имконият медиҳанд, ки шумораи зиёди номзадҳоро ҷалб намуда, интихоби максималиро таъмин намоянд ва ҷойҳои холиро бо ин восита пурра намоянд.

Аслан, ташкилот кӯшиш менамояд, ки қабулро дар дохили ташкилоти худ гузаронад. 50% пурсидагон ин усули қабулро истифода менамоянд, зеро он сарфи маблағҳои зиёдро талаб намекунад ва барои баланд бардоштани мартабаи роҳбар дар назди кормандон мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ин ҳавасмандшавии онҳоро баланд мебардорад, муҳити маънавиро беҳтар месозад ва дилбастагии кормандонро ба ташкилот меафзояд[6.].

Ҳангоми қабули номзадҳо дар дохили ташкилот шуъба оид ба ҳайат ҷойҳои холиро бо истифодаи воситаҳои иттилооти дохилӣ эълон менамояд: рӯзномаи ташкилот, варақаҳои ахборотӣ, инчунин мурочиат ба роҳбарони сохторҳо бо хоҳиши пешниҳоди номзадҳо. Баъзе ташкилотҳо таҷрибаи расонидани эълон ба тамоми кормандон дар хусуси ҷойҳои холиро ҷорӣ карда истодаанд, ки ин дар навбати худ ба кормандон имконият медиҳад, ки аризаи худро пеш аз номзади беруна пешниҳод карданро фароҳам меорад. Ин муносибат ҷойивазкунии кадрҳоро дар ташкилот таъмин намуда, ба ҳар як корманд имконияти пешравии мансабиро фароҳам меорад.

Вале қабули дохилӣ ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад: аз рӯйи гуфтаҳои пурсидагон онҳо бо муқовимати роҳбарони сохтории ташкилот рӯ ба рӯ мешаванд, зеро онҳо дар навбати худ намехоҳанд, корманди арзишманди худро аз даст диҳанд.

Ғайр аз ин, ҳангоми ҷустуҷӯйи номзадҳо дар дохили ташкилот имконияти интихоб кардан маҳдуд аст, зеро дар қатори онҳо метавонад, одами зарурӣ набошад. Боз як камбудии дигар дар он аст, ки ба ташкилот одамони нав бо идеяҳои нав, диди нав намеоянд ва ин сабаби ба карахтӣ дучор шудани ташкилот шуда метавонад.

Давраи қабул давраи муайянкунанда аст, зеро интихоби номзадҳои «нодуруст» худ аллакай интихоби бебарори ҳайатро кафолат медиҳад. Яъне агар номзадҳои номувофиқ интихоб карда шаванд, пас интихоб намудани номзадҳои арзанда (мувофиқ ба мансаби холӣ) ғайриимкон мегардад.

Чӣ тавре мебинем, проблемаи асосии давраи мазкур мухолифати талаботҳои роҳбари бевосита ва менеҷер оид ба ҳайат аст. Ва натиҷаи ин нофаҳмӣ дар бартарии ин

талаботҳо, ки самаранок ташкил кардани тактикаи интихоби номзадҳоро имкон намедиҳад, аст.

**Интихоби номзадҳо.** Дар ин давра роҳбарият номзадҳои нисбатан мувофикро аз захираҳое, ки дар раванди қабул ташкил додааст, интихоб менамояд.

Қарори объективӣ оид ба интихоб вобаста аз вазъият дар маълумоти номзад, дараҷаи малакаи касбӣ, таҷрибаи кори пештара, хислатҳои фардии ӯ асос меёбад. Агар мансаб ба сатҳи чунин мансабҳое, ки факторӣ муайянкунанда донишҳои техникӣ ҳастанд(мисол, корманди илмӣ), пас аҳамияти бештарро маълумот ва фаъолияти илмӣ андӯхтаи номзад мебозад. Барои мансабҳои роҳбарикунанда, алалхусус, зинаи нисбатан баланди он малакаи ба танзим даровардани муносибатҳои байнимитақавӣ, инчунин мутобиқати номзад бо роҳбарият ва зертобеони ӯ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ғайр аз ин, интихоби самараноки кадрӣ яке аз шаклҳои назорати сифатии пешакии захираҳои инсонӣ мебошад.

Дар таҷрибаи муосири интихоби номзадҳо дар мамлакатҳои пешрафта аз ҷумла, дар Россия асосан муносибати зеринро истифода мебаранд: **скрининг ва рекрутинг.**

Технологияи скрининг- ин муносибати сатҳӣ барои интихоби ҳайат мебошад, ки ҷудо кардани номзадҳои нисбатан мувофиқ аз дигарон аз рӯйи натиҷаи пурсишномаҳо аст. Хусусиятҳои имкондоштаи расмӣ инҳоянд: вазифа, синну сол, ҷинс, таҷрибаи корӣ ва ғайра. Ҳавасмандкунӣ ва хислатҳои фардии номзад дар технологияи мазкур ба инобат гирифта намешаванд. Ба ҳамин тариқ, агентии кадрӣ ҷараён ва полоиши номзадҳоро ташкил мекунад, суҳбати номзадҳоро бошад, ташкилот мустақилона мегузаронад. Чунин хизматрасонӣ барои ташкилотҳое мувофиқ аст, ки ба хизматрасонии каммасраф муҳтоҷ ҳастанд.

Ба хизматрасонии скрининг чунин давраҳои интихоби ҳайат дохил мешаванд:

- тартиб додани талабот ба ҷойҳои холӣ;
- ҷойгир кардани матни эълон дар интернет ва нашрияҳо, интихоби резюме аз базаи маълумоти агентиҳо;
- доимӣ нав кардани эълони ҷойҳои холӣ дар ВАО;
- ҷустуҷӯйи номзадҳои мувофиқ, тақсими пешниҳодҳо бо иттилои ҷойҳои холӣ;
- ба корфармо расонидани резюмеҳои беҳтарин ба воситаи почтаи электронӣ.

Гузаронидани суҳбат бо номзадҳои мувофиқ вазифаи роҳбари ташкилот аст.

**Рекрутинг** аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънои ҷалб карданро дорад. Рекрутинг ин тамоми раванди ҷустуҷӯй ва интихоби ҳайат аст, вале дар бештари ҳолатҳо раванди суҳбат ва интервю бо номзадҳо, муайян кардани сатҳи дониш, мувофиқати ӯ ба талаботҳои интихоб то нақшаи коркард ва ҳавасмандгардонӣ фаҳмида мешавад.

Моҳияти рекрутинг дар ҷустуҷӯйи номзадҳо мебошад, ки маълумотҳои касбии ӯ ба меъёрҳои ҷустуҷӯй мувофиқат мекунад. Сохти анъанавии ҷустуҷӯй дар чоп кардани эълон оид ба қабул ва дар оянда интихоби одамоне, ки ба ин эълон ҷавоб додаанд, мебошад.

Хулоса, интихоб, дарёфт ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар идораи давлатӣ яке аз унсурҳои муҳими идораи давлатӣ ба шумор рафта, татбиқи мақсадноки он ба самаранокии идораи давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар Тоҷикистон оид ба ҷобаҷогузории кадрҳо ва идораи онҳо санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавие қабул гардидаанд, ки дар сурати амалӣ шудан метавонанд, тағйироти мусбиеро дар ин самт ба бор оваранд.

Мусаллам аст, ки дар тамоми давлатҳои мутараққӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон низ роҳу усулҳои илмии таъминоти ҳайати мақомот таҳия гардида, дар асоси пешниҳоди

иқтисодшиносон, равоншиносон, ҷомеашиносон ва дигар мутахассисон анҷом дод шудааст.

**Адабиёт**


1. Виханский О. С. Стратегическое управление: Учебник. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Гардарика, 2005 – 296 с.
2. Егоршин А.П. Управление персоналом. – Н. Новгород: НИМБ, 2007. 1104с.
3. Магура, М. Управление персоналом в обучающейся организации / М. Магура // Управление персоналом. – 2009. – № 9(18). – С. 17-21.
4. Основы управления персоналом: Учеб. для вузов/ Б. М. Генкин, Г. А. Кононова, В. И. Кочетков и др.; Под ред. Б. М. Генкина. – М.: Высш. шк., 2006 – 383 с.
5. Прибылова, М. Подбор персонала без ошибок. Часть 2 - Формализация требований к кандидату / М. Прибылова // Режим доступа: http://www.i2r.ru/static/318/out_12461.shtml
6. Прибылова, М. Подбор персонала без ошибок. Часть 1 - Методы подбора кандидатов / М. Прибылова // Режим доступа: http://www.i2r.ru/static/318/out_12460.shtml.


# ТЕХНОЛОГИЯ ПОДБОРА ПЕРСОНАЛА НА ПРИМЕРЕ СОВРЕМЕННЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ОРГАНАХ


**МУХАМЕДОВА ЗАЙНАБ ШАМСИДДИНОВНА,**
старший преподаватель кафедры таджикского языка и делопроизводства
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 935-83-52-77. E-mail: mukhamedova1311@mail.ru
**БОЙМАТОВА ЛИНО КОМИЛДЖОНОВНА,**
ассистент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 931-13-02-96. E-mail: lino.boymatova@icloud.com



*Авторы статьи рассматривают в своей работе вопросы подбора и расстановки кадров в государственных структурах и считают, что целеустремленное применение этих процедур способствует эффективности работы государственного органа.*

*Технология подбора персонала не стоит на месте и регулярно развивается. Методы, применяемые раньше, в настоящее время теряют свою эффективность. На это есть ряд причин: постоянно обновляющийся рынок труда, демографическая ситуация, изменение мотивации молодых специалистов и т.д. Именно поэтому, государственные органы, которые настроены на серьезную конкурентную состязательность, должны уделять особое внимание подбору, расстановке и укреплению кадрового потенциала.*

*Вступление в эпоху компьютеризации и глобализации породило высокий дефицит кадров, и каждый руководитель понимает, что для процветания нужны не только средства, но и квалифицированные специалисты.*

*С учетом того, что управленческую деятельность осуществляют кадры, кадровый фактор занимает особое положение в укреплении системы государственного управления.*

*В Таджикистане в области приёма, расстановки и управления кадрами принят ряд нормативно-правовых актов, правильное применение которых может привести к положительным изменениям в этом направлении.*

*Практика работы с кадрами показала, что решение множества проблем в трудовом коллективе зависит от правильного отношения к кадровому вопросу. Поэтому, вопрос подбора и расстановки кадров является одним из важнейших вопросов общества, от правильного*

*решения которого зависит стабильное развитие социальных, политических, экономических и культурных процессов.*

*Правильный подбор и расстановка кадров определяет какому сотруднику какую работу можно поручить, по уровню его знаний, способностей и имеющегося опыта. Исходя из этого, при распределении рабочего места нужно иметь в виду, что поручаемая работа должна соответствовать квалификации исполнителя. Степень работы не должна быть ниже квалификации работника.*

*Авторы данной статьи рассматривают аспекты подбора и расстановки кадров в современных государственных органах.*

***Ключевые слова:*** *подбор, расстановка, государственный орган, планирование, персонал, сотрудник, квалификация, кадровое планирование, эффективность, скрининг, рекрутинг.*

## RECRUITMENT TECHNOLOGY BASED ON THE EXAMPLE OF MODERN GOVERNMENT AGENCIES

**MUKHAMEDOVA ZAYNAB SHAMSIDDINOVNA,**
Senior teacher of the Department of Tajik language and Records management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 935-83-52-77. E-mail: mukhamedova1311@mail.ru
**BOYMATOVA LINO KOMILJONOVNA,**
Assistant of the Department of Human Resource Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 931-13-02-96. E-mail: lino.boymatova@icloud.com

*The selection and placement of personnel in public institutions is one of the most important functions of the management cycle and its purposeful application promotes the effectiveness of the organizations functioning.*

*Recruitment technologies do not stand still but regularly evolve. Methods that were previously applied are now losing their effectiveness. There are a number of reasons for this: the renewing labor market, the demographic situation, the change in the motivation of young specialists, etc. Therefore, organizations that are determined to be strongly competitive. should pay special attention to the selection, placement and strengthening of human resources. Entry into the era of computerization and globalization has generated a high deficit of personnel and every manager understands that for the organization to prosper, not only funding is needed, but also a need for qualified specialists. Taking into account the fact that management activities are carried out by personnel, the personnel factor occupies a special position in strengthening the system of public administration and management as a whole. In Tajikistan, in the field of personnel placement and personnel management, a number of normative legal acts have been adopted, of which the proper application can lead to positive changes. The practice of working with personnel and life experience have shown that the solution for many problems in the work environment depends on the right attitude to the personnel issue. Therefore, the issue of selection and placement of personnel is one of the most important issues of society and the stable development of social, political, economic and cultural processes depends on the right solution. The right selection and placement of personnel determines that each employee should be entrusted with work according to the level of his knowledge, abilities and relative experience. Accordingly, when allocating a workplace, it should be borne in mind that the assigned work must correspond to the qualifications of the performer. The degree of work should not be lower than the qualifications of the employee. The purpose of the authors of this article is to study the theoretical and practical aspects of the selection and placement of personnel in modern organizations.*

***Keywords***: *selection, placement, organization, planning, personnel, manager, candidates, human resource planning, screening, recruitment.*

**УДК: 321.01**

# ТАМОМИЯТИ АРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**ИБРОҲИМЗОДА ЭРАҶ ОДИЛХОН,**
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 987-44-44-20.

*Дар замони муосир масъалаи таъмини тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудии кишварҳои барои давлатҳои ҷавону тозаистиқлол ба масъалаи умдаи бақо ва ҳастӣ табдил ёфтааст. Тазоду танишҳои пайдарпайи байналмилалӣ, низоъҳои гуногуни марзиву ҳудудӣ, пиёдасозии ҳадафҳои стратегиву геополитикӣ ва геостратегии қудратҳои низомиву ҳарбии ҷаҳон, ки мақсади асосиашонро ҷоҳталабӣ ташкил менамояд, боиси рӯзафзун гардидани масъалаи таъмини амнияти сохти конститутсионӣ гардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи ҳифзи сохти конститутсионӣ бо роҳи таъмини тамомияти арзии кишвар меъёри конститутсионӣ ба шумор меравад. Дар моддаи 7-и қонуни асосии кишвар мақсаду мароми ва рисолати асосии давлат ва ҷомеа будани таъмини тамомияти арзии кишвар муқаррар гардида, вазифаи таъмини ҳифзи он ба дӯши давлат ва мақомоти дахлдори он вогузор карда шудааст.*

*Дар доираи мақолаи мазкур муаллиф дар ибтидо истилоҳоти тамомияти арзӣ ва ҳудудӣ, якпорчагӣ ва дахлнопазирии давлатҳоро таҳлили намуда, равишҳои асосии ин самтро дар асоси ба назар гирифтани нуқтаҳои назари муҳаққиқони варзидаи самти мазкур таҳлил намудааст. Дар идома саҳми ҳифзи тамомияти арзии мамлакат дар таъмини амнияти сохти конститутсионӣ баррасӣ карда шуда, паҳлуҳои асосии он муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо.*** *Конститутсия, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирӣ, ваҳдат, ягонагӣ, Эъломияи СММ, давлат, байналмилалӣ, амният, Хелсинкӣ, Аврупо, модда, Тоҷикистон, волоияти қонун, давлатдории муосир, низоми геополитикӣ, стратегӣ, ҳадафҳо, қудратхоҳон, ҷоҳталабон ва ғайра.*

Мувофиқи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ тамомияти арзӣ ё дахлнопазирии ҳудуди давлат принсипи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мебошад, ки тибқи он қаламрави давлат аз таҷовузҳои дигар давлатҳо тавассути истифодаи қувваи ҳарбӣ ё таҳдиди зӯрӣ дахлнопазир аст.

Принсипи тамомияти арзии давлатҳо бори аввал дар банди 4 моддаи 2 Оинномаи СММ муқаррар карда шуд ва баъдтар дар Эъломияи таҳкими амнияти байналмилалӣ меъёрҳои марбут ба тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии кишварҳои такмили пурраи худро пайдо намуд. [1] Дар эъломия ғайриқобили қабул будани ишғоли ҳарбӣ дар натиҷаи истифодаи қувва, инчунин ғайриқобили қабул будани амалиёти қувва, ки ба хариди қаламрави давлати дигар равона карда шудааст, қайд карда шуд. Давлатҳо дар замони муосир ба масъалаи принсипи мазкур диққати махсус равона менамоянд, зеро маҳз ин принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ воситаи асосии ҳифзи озодии сиёсиву мустақилияти томи ҳудудии мамлакатҳо ба шумор меравад.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи мушкилоти таҳкими кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ягонагӣ ва тамомияти арзии кишварҳо ва давлатҳои муосир, ки бо омилҳои гуногуни дахолати дохиливу хориҷӣ вобастагии зич дорад, афзоиш меёбад.

Дар таълимоти муосири ҳуқуқӣ мафҳумҳои ваҳдати давлатӣ ва тамомияти арзии давлат ба таври муфассал омӯхта шудаанд. Ин мафҳумҳоро бо ҳамдигар ва инчунин бо категорияҳои ҳамҷавор муқоиса кардан лозим аст: тамомияти давлатӣ, дахлнопазирии

ҳудудӣ, қаламрави давлатӣ ва соҳибихтиёрии давлат аз ҷумлаи он категорияҳои ҳамҷавор ба шумор меравад, ки дар баробари тамомияти арзии давлатҳо ва дахлнопазирии ҳудудии онҳо мавриди омӯзиши васеъ қарор дода мешавад.

Тамомияти ҳудудӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи муосири байналмилалӣ мебошад, ки барои мӯътадил кардани муносибатҳои байналмилалӣ ва муқовимат ба сиёсати ғасби ҳудудӣ пешбинӣ шудааст. Ин принсип, ки ҳамчун дахлнопазирии ҳудудӣ (дар варианти англисӣ якпорчагӣ) таҳия шудааст, дар Оинномаи СММ муқаррар карда шудааст, ки дар он муқаррарот мавҷуд аст, ки "ҳамаи аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар муносибатҳои байналмилалии худ аз таҳдиди зӯрӣ ё истифодаи он ҳам бар зидди дахлнопазирии ҳудудӣ ё истиқлолияти сиёсии ҳар як давлат ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо ҳадафҳои Созмони Милали муттаҳид номувофиқанд".

Дар соли 1970 дар Эъломияи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ байни давлатҳо тибқи Оинномаи СММ дахл доранд, Ассамблеяи Генералӣ дар принсипи аввал тафсири Оинномаи СММ-ро, ки принсипи тамомияти арзии давлатҳоро дар бар мегирад, ба таври возеҳ ин нуқтаро қайд намуд. Дар Эъломия муқаррар карда шуд, ки ҳар як давлат "бояд аз ҳама гуна амалҳое, ки ба вайрон кардани ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзии як давлат ё кишвар равона шудаанд, худдорӣ кунад". Инчунин мушаххас карда шуд, ки қаламрави давлат набояд объекти ишғоли низомӣ бошад, ки натиҷаи истифодаи қувва дар вайрон кардани истифодаи қувва, вайрон кардани муқаррароти Оинномаи СММ мебошад ва "қаламрави давлат набояд объекти ба даст овардани давлати дигар дар натиҷаи таҳдиди зӯрӣ е истифодаи он бошад".[1] Дар соли 1975 принсипи тамомияти арзӣ (дахлнопазирӣ) дар нишасти Хелсинкӣ такмил дода шуд ва ҳамчун яке аз вазифаҳои худ тасдиқи ин принсип ва мустаҳкам кардани сарҳадҳои давлатӣ дар Аврупоро, ки дар натиҷаи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, гузошт.

Баъзан дар ҷараёни низоъҳои байналмилалӣ принсипи тамомияти арзии давлатҳо ба принсипи дигари ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ муқобил гузошта мешавад. Ин аксар вақт бо мақсадҳои маҳдуди сиёсӣ анҷом дода мешавад. Аммо, бояд дар хотир дошт, ки ҳардуи ин принсипҳо дар таҷрибаи таърихии давлатҳо асоси ҷиддӣ доранд ва ҳангоми ба вуҷуд омадани низоъҳои байналмилалӣ, на бо роҳи муқоиса, балки бо роҳи ба таври оқилона ба назар гирифтани ҳарду принсип ва мувофиқа кардани созишҳои дипломатӣ ба ҳалли масъала ноил шудан лозим аст.

Дар афкори муосири конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва умумитаълимии ҳуқуқӣ чор равиш ба фаҳмиши ягонагии давлат ва тамомияти арзии он ҷудо карда мешавад. [2]

Равиши аввал дар фаҳмидани ваҳдати давлатӣ ҳамчун хусусияти сифатии давлат аст. Дар ин ҳолат, агар баъзеҳо хосиятҳои онро бо хосиятҳои федерализми ватанӣ муттаҳид кунанд, дигарон ба ҷанбаи ҳудудӣ диққат медиҳанд ва ягонагии давлатро ҳамчун ҳолати сифатии тамомият ва ҷудонопазирии қисмҳои таркибии он муайян мекунанд. [3]

Мувофиқи равиши дуюм ба фаҳмиши ваҳдати давлатӣ, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷуд, идеяи ягонагии ҳокимияти давлатӣ дар робита бо идеяи тақсимоти ҳокимият ҳамчун яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва хориҷӣ таҷассуми расмии худро пайдо намудааст. Дар айни замон, аз нуқтаи назари Авакян С.А., ягонагии давлатӣ принсипи ташкили давлат мебошад, ки моҳияти он дар эътирофи давлат ҳамчун як воҳиди ягона аз ҷониби ҳамаи қисмҳои он, рад кардани зуҳуроти сепаратизм, яъне сиёсати муқобилияти манфиатҳои маҳаллӣ ба манфиатҳои давлатӣ мебошад. [4]

Чунин равиш фаҳмиши ваҳдати давлатиро танг мекунад ва мушкилоти мавриди назарро коҳиш медиҳад. Тавре ки аллакай нишон дода шуд, он бисёрҷанба ва мураккаб аст. Муаллиф бошад, комилан ба ҷанбаи ҳудудии ваҳдати давлатӣ тамаркуз мекунад. Ба қавлм муҳаққиқи дигар Эбзеев Б.С. принсипи принсипи тамомияти арзӣ ва ягонагии давлат дар ягонагии фазои ҳудудӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии худи кишварҳо таҷассум меёбад. [5]

Равиши сеюм ва асосану ҷолибу интерактивӣ аз ҷониби Уханкин В.В. пешниҳод карда мешавад. Вай мафҳуми "тамомияти арзӣ"- ро дастгирӣ мекунад ва чунин мешуморад, ки ин категорияи комплексӣ мебошад, ки хусусияти сифатии давлатдорӣ ва принсипи давлатдории мукаммалро дар худ якҷоя мекунад ва унсурҳои ба ҳам алоқаманди меъёрии хусусияти ҳудудӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар мундариҷаи худ муттаҳид мекунад. [6] Дар муқобили ин мавқеъ Умнова И.А. исрор меварзад, ки тамомияти давлатӣ танҳо ҳамчун хусусияти сифатии давлатдорӣ баррасӣ карда шавад, зеро принсипи пешбинишудаи тамомияти давлатӣ дар дигар асосҳои ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ҳал мешавад. [7]

Равиши чорум ба фаҳмиши ваҳдати давлатӣ дар доктринаи назарияи умумии ҳуқуқ инъикос ёфтааст ва аз ҷониби Левакин И.В. пешниҳод шудааст. Аз нуқтаи назари ӯ, ваҳдати давлатӣ шакли мавҷудияти давлатест, ки аз робитаҳои байни институтҳои давлатдорӣ, ки бо системаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин бо ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамананд, ташкил карда мешавад ва сохтори устувори ҳокимият ва муносибатҳои ҳокимиятро дар давлат тамомияти арзии он таъмин мекунад. [8] Дар ин ҳолат хос аст, ки Левакин И.В. давлатдориро дар маънои васеъ фарҳангӣ - таърихӣ, арзишӣ, тавассути робитаи мутақобилаи унсурҳо (институтҳо) ва муносибатҳои ҷамъиятии он, функсияҳо, идеология, ҳуқуқ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра мефаҳмад, ки ба ташаккули хусусиятҳои умумӣ ва нишонаҳои давлат таъсири назаррас мерасонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳ ва ё фаҳмиши ҳуқуқии тамомияти арзии кишвар пеш аз ҳама дар санади олии ҳуқуқии кишвар яъне Конститутсия дарҷ ёфта хусусияти ҳуқуқӣ ва қонунӣ пайдо намудааст.

Дар моддаи 7-и Конститутсияи мамлакат қайд карда мешавад, ки "Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад." [9] Маънии калимоти тақсимнашаванда ва дахлнопазир мувофиқи фарҳанги вожаҳои забони тоҷикӣ ба маънии тақсимнопазир ва мустақил маънидод карда мешавад. То ин дар дар меъёрҳои Конститутсияҳои пешине, ки дар Тоҷикистони шӯравӣ мавриди истифода қарор дода мешуд, истилоҳ ва вожаҳои монанд ба мустақилияти худудӣ ва дахлнопазирии худудии мамлакат қайд нагардида буд. Ба қавли муаррихон ва муҳаққиқони ватанӣ аксаран ин низом ба режими устувори тоталитарии ҳукумати Шӯравӣ ва баъдан ба системаи устувор ва ба истилоҳ принсипи "дасти оҳанӣ" ин Ҳукумат алоқаманд буд.

Дар идомаи моддаи мазкури Конститутсия ба масъалаи тамомияти арзии мамлакат бори дигар таваҷҷӯҳ зоҳир гардида, иброз дошта мешавад: "Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст." [9]

Мувофиқи ин қисмати моддаи 7-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ҳамчун ниҳоди дорои салоҳияти волои қонунӣ ва ҳуқуқӣ дар мамлакат вазифаи ҳифзи тамомияти арзӣ ва якпорчагии давлатро ба ухда мегирад ва дар назди худ вазифа қарор медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва дорои худуди муайян якпорчагии ҳамаи кишварҳои дӯсту бародар ва ҳамҷаворро эътироф намуда, дар баробари ин ҷиҳати ҳифз ва риояи тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии худуди кишвари худ аз ҳама гуна хавфу хатарҳои дохиливу берунӣ чораҳои саривақтӣ меандешад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санади дорои эътибори олии ҳуқуқӣ мебошад, дар меъёри моддаҳои худ вазифа ва салоҳиятҳои ҳифзи тамомияти арзӣ ва ҳудудии кишварро муайян намуда, ба хотири он талоши мақомоти салоҳиятдори давлатиро равона месозад. Маҳз ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо ба роҳи рушди устувор қадамҳои боэътимод гузошт.

Дар Конститутсия манфиатҳои миллӣ, арзишу анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи фарҳангии халқи тамаддунсози тоҷик, марому мақсади наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи халқ ифодаи озоди худро пайдо намуданд, ва меъёри тамомияти арзиву ҳудудӣ, ки принсипи асосии мавҷудияти давлатҳои тозаистиқлол мебошад, дар ин санади олии ҳуқуқӣ тавсиф карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сухани табрикии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсияи кишвар ба масъалаи мазкур диққат зоҳир намуда, таъкид намудаанд: “Тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат кафолат дода шуд.” [10]

Дар ин баробар таъкид намудан бамаврид аст, Конститутсияи кишвари мо ифодагари манфиатҳои олии миллат ва давлат, низоми устувори давлатдорӣ, ҳимояи истиқлоли сиёсиву иқтисодӣ, тамомияти арзӣ, волоияти қонун ва фаъолияти бонизоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд.

Маврид ба зикр аст, ки Конститутсия аз як тараф, барои рушди давлати демократӣ ва таъсиси низоми самарабахши ҳокимияти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта, аз ҷониби дигар, барои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар саросари мамлакат шароити мусоид фароҳам оварл. Конститутсия ҳамчун муҳимтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд. [11]

Маънӣ ва истилоҳи вожаи “тамомият” дар таҳқиқоти мазкур ҳангоми ха-тавсифи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳдудияти фазои амали соҳибихтиёрии давлатии он дар доираи ҳудудҳои давлатиро дар бар мегирад, истифода мешавад. Баръакси давлат қаламрави он ифодаи мушаххаси моддӣ мебошад ва аз ин рӯ хусусиятҳои физикии дарозӣ ва ҳудуди муайянро дорад, ки ба он имкон медиҳад, ки дорои дахлнопазирӣ ва тамомияти марзиву маъмурӣ бошад.

Ҳифзу риоя ва таъмини дахлнопазирии ҳудудӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар аз як ҷониб заминаи таъмини амнияти кишвар ва риояи принсипи ҳуқуқӣ байналмилалӣ бошад аз тарафи дигар қадаме ба хотири таъмини амнияти сохти конститутсионии мамлакат мебошад. Зеро тавре қайд карда шуд, тамомияти арзӣ аз принсипҳое ба шумор меравад, ки дар меъёрҳои Конститутсияи кишвар тавсиф ёфтааст ва риояву ҳифзи ин меъёр маънои ҳифзи низом ва риояи меъёри конститутсиониро доро мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъмини тамомияти арзиро давлат ба ухда дорад, вале новобаста ба ин иҷрои ин рисолат танҳо бо воситаи фаъолияти муташаккилона ва ҳамдигарфаҳмии давлату мақомоти он ва шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷост месазад қайд намуд, ки пешгирӣ аз амалҳои ҷудоихоҳӣ, сепаратизм ва иғвоангезӣ дар ҷомеа, ки асосан рисолати аҳолӣ ба шумор меравад, метавонад

кӯмакрасони мақомоти давлативу давлат дар роҳи таъмини амнияти сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии кишвар бошад.

**Адабиёт**

1. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 2734 (XXV) «Декларация об укреплении международной безопасности» от 16 декабря 1970 г. // «Действующее международное право». Т. 2.
2. Казанник А.И. Конституционно-правовые гарантии единства и территориальной целостности современных фе-деративных государств (сравнительный анализ) // Вестник Омского университета. Серия: Право. 2015. № 4 (45). С. 35.
3. Панов А.А. Президент Российской Федерации как гарант государственного единства: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2008. С. 31.
4. Конституционное право: энцикл. словарь / отв. ред. С.А. Авакьян. М., 2001. С. 144.
5. Эбзеев Б.С. Советское государство и права человека. - Саратов: Изд- во Сарат. ун-та, 1986. - 184 с.
6. Уханкин В.В. Конституционно-правовой механизм обеспечения государственной целостности Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2009. С. 9-10.
7. Умнова И.А. Конституционные основы современного российского федерализма: дис. ... д-ра юрид. наук. М., 1997. С. 72.
8. Левакин И.В. Государственное единство России: теоретико-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. М., 2003. С. 21.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994), моддаи 7
10. Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи Конститутсия, 06.11.2023. шаҳри Душанбе. Манбаъ: http://www.president.tj/node/31821 (санаи муроҷиат: 22.12.2023)
11. Одиназода Ш., Ҳабибзода Ҳ.. Конститутсия - омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар. https://www.vkd.tj/index.php/tj/tojikiston/29499-konstitutsiya-omili-ta-mini-isti-loli-mill-va-yakporchagii-kishvar, (санаи мурочиат: 25.12.2023)

# ТЕРРИТОРИАЛЬНАЯ ЦЕЛОСТНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ

**ИБРОХИМЗОДА ЭРАДЖ ОДИЛХОН,**
соискатель кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Саид Насир 33.
Тел.: (+992) 987-44-44-20.

*В наше время вопрос обеспечения территориальной целостности и территориальной неприкосновенности государств для молодых и чистых государств стал важным вопросом баланса и бытия. Последовательные международные противоречия, различные пограничные и территориальные конфликты, пьедестал стратегических, геополитических и геостратегических целей мировых военных держав, основной целью которых является невежество, привели к возрастанию вопроса обеспечения безопасности конституционного строя. В Республике Таджикистан также конституционным стандартом является вопрос защиты конституционного строя путем обеспечения территориальной целостности страны. В статье 7 Основного закона страны устанавливаются основные цели и задачи государства и общества по обеспечению территориальной целостности страны, а задача обеспечения ее защиты возлагается на государство и его соответствующие органы.*

*В рамках данной статьи автор первоначально проанализировал термины территориальная и территориальная целостность, целостность и неприкосновенность*

*государств и проанализировал основные подходы этого направления на основе учета точек зрения ведущих исследователей данного направления. В дальнейшем рассматривается вклад защиты территориальной целостности страны в обеспечение безопасности конституционного строя и определены его основные стороны.*

***Ключевые слова.*** *Конституция, нормативно-правовые акты, территориальная целостность, неприкосновенность, единство, единство, Декларация ООН, государство, международный, безопасность, Хельсинки, Европа, материя, Таджикистан, верховенство закона, современная государственность, геополитическая, стратегическая система, цели, державы, невежественные и др.*

## THE TERRITORIAL INTEGRITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS ROLE IN ENSURING THE SECURITY OF THE CONSTITUTIONAL ORDER

**IBROHIMZODA ERAJ ODILHON,**
Candidate of the Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 987-44-44-20.

*Nowadays, the issue of ensuring the territorial integrity and territorial integrity of states has become an important issue of balance and existence for young and clean states. Consistent international contradictions, various border and territorial conflicts, the pedestal of strategic, geopolitical and geostrategic goals of the world military powers, the main purpose of which is ignorance, have led to an increase in the issue of ensuring the security of the constitutional system. In the Republic of Tajikistan, the constitutional standard is also the issue of protecting the constitutional order by ensuring the territorial integrity of the country. Article 7 of the Basic Law of the country establishes the main goals and objectives of the State and society to ensure the territorial integrity of the country, and the task of ensuring its protection is assigned to the State and its relevant bodies.*

*Within the framework of this article, the author initially analyzed the terms territorial and territorial integrity, integrity and inviolability of states and analyzed the main approaches of this direction based on the points of view of leading researchers in this field. Further, the contribution of the protection of the territorial integrity of the country to ensuring the security of the constitutional system is considered and its main sides are identified.*

***Keywords.*** *Constitution, normative legal acts, territorial integrity, inviolability, unity, unity, UN Declaration, state, international, security, Helsinki, Europe, matter, Tajikistan, rule of law, modern statehood, geopolitical, strategic system, goals, powers, ignorant, etc.*

**УДК: 323**

# ЗАМИНАҲОИ ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ ГУЗАРИШИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**ҲАМРОЗОДА МИРМУҲАММАД ФАРРУХ,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru
**КУЙЛИЕВА ЛАЙЛИ ШУКУРОВНА,**
ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-44-37-00. E-mail: layli.angelochka123@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур заинаҳои таҳкими ваҳдати миллӣ дар замони гузариши сиёсии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ваҳдати миллӣ дар қатори муҳимтарин манфиатҳои миллӣ қарор гирифта, ҳифз ва таҳкими он вазифаи муқаддаси давлату миллат ба ҳисоб меравад. Вазъияти кунунии кишварҳои пешрафтаи олам далолати он аст, ки заминаҳои таҳкими ваҳдати миллӣ дар давлатҳои миллию рӯ ба инкишоф торафт душвору мураккаб мегардад, зеро таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ пеш аз ҳама ба тафаккури ваҳдатгароӣ расида, дар заминаи ташаккули ваҳдати ягонаи ҷаҳонӣ заминаҳои таҳкими ваҳдати миллиро заиф мегардонад. Муаллифон дар мақола қайд менамоянд, ки ташаккули ҷаҳонбинии одамон дар бораи ваҳдати миллӣ дар марҳилаи муосири рушд вобаста ба тағйиротҳои куллии олам низ дигаргун гашта, ин тасаввурот беш аз пеш хосияти зарурӣ ва ҳатмиро ба худ пайдо сохтааст. Маврид ба зикр аст, ки ваҳдати миллӣ дар қатори муҳимтарин манфиатҳои миллӣ қарор гирифта, ҳифз ва таҳкими он вазифаи муқаддаси давлату миллат ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *ваҳдати миллӣ, гузариши сиёсӣ, давлатсозӣ, давлатҳои миллӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, иттиҳоди одамон, манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ, тафаккури ваҳдатгароӣ, тағйиротҳои иҷтимоӣ, ягонагии миллӣ, андешаи миллӣ.*

Ҳар як марҳилаи рушди таърихӣ вобаста ба хусусиятҳои худ аз марҳилаҳои дигари рушд ба куллӣ фарқ дошта, он дар раванди тағйиротҳои гуногуни ҷомеа низ шакл ва хусусиятҳои навро ба худ касб менамояд. Зуҳури ҳама гуна падидаи иҷтимоӣ низ ба раванди инкишофи ҳаёти ҷомеа пайвасти ногусастанӣ дорад. Марҳилаи кунунии инкишоф симои замони гузариши сиёсии ҷомеаро таҷассум менамояд, ки он ба таҳаввулотҳои бузург ва дигаргуниҳои куллии баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ба вуҷуд омада сахт алоқаманд аст. Тазаккур бояд дод, ки ташаккули ҷаҳонбинии одамон дар бораи ваҳдати миллӣ дар марҳилаи муосири рушд вобаста ба тағйиротҳои куллии олам низ дигаргун гашта, ин тасаввурот беш аз пеш хосияти зарурӣ ва ҳатмиро ба худ пайдо сохтааст.

Ваҳдати миллӣ мафҳум ва фаъолиятест, ки якпорчагии мавҷудияти ҷамъиятҳои этникиро дар дохили миллат ифода мекунад. Он тавассути омилҳои табиию иҷтимоӣ, дохилӣ ва берунӣ, ки мувофиқи таҷрибаи таърихии мардумон дар муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои этникӣ дар соҳаҳои гуногуни рушдофарини ҷамъият: иқтисод, сиёсат, фарҳанг, илму техника, дин, санъат, варзиш ва ғ. матраҳ мeёбанд, амнияту суботи ҷомеа ва давлати миллиро таъмин менамоянд. [5]

Ҳама гуна падидаи иҷтимоӣ новобаста аз ҳузури доимиаш дар ҳаёти ҷомеа танҳо дар сурати ба проблемаи муассир ва таъмин кунандаи самти инкишофи он табдил ёфтанаш тадриҷан таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Таҳқиқи назариявии падидаи ваҳдати миллӣ омили нави давлатсозӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Пажӯҳиши амиқи падидаи ваҳдати миллӣ бошад, метавонад барои давлатҳои миллӣ ва рӯ ба инкишоф заминаи мусоиди давлатсозӣ бошад. Аз ин лиҳоз падидаи ваҳдати миллӣ барои ҳамаи миллатҳои дунё арзиши аз ҳама болотарин маҳсуб меёбад, зеро асоси ба ҳам омадани ҳамаи миллату халқиятҳоро тафаккури ягона ва созанда ташкил медиҳад, ки натиҷаи ташаккул ва инкишофи ваҳдати иҷтимоӣ мегардад. Дар ин баробар гуфтан мумкин аст, ки ваҳдати миллӣ метавонад ба сифати кафили асосии инкишофи давлати миллӣ ва устуворсозии пояҳои асосии он баромад намояд. Омили муҳими комёбиҳои давлатсозӣ низ маҳз аз сатҳи рушд ва таҳкими падидаи ваҳдати миллӣ вобастагии ногусастанӣ доранд.

Иттиҳод ва ё ваҳдати одамон, пеш аз ҳама, падидаи иҷтимоию сиёсӣ буда, барои аъзоёни як умумият арзиши муҳими ҳаётӣ дорад. Ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ҳамчун шакли мураккаби иттиҳоди одамон баъди пайдоиши аввалин миллатҳо оғоз гардида, то ба имрӯз марҳилаҳои гуногун ва шарту шароитҳои мухталифи рушду инкишофро тай намудааст. Дар замони муосир одамон дар заминаи пос доштани арзишҳои таърихӣ ва эҳтиром гузоштан ба онҳо умумияти мушаххасро ташкил медиҳанд [8].

Маврид ба зикр аст, ки ваҳдати миллӣ дар қатори муҳимтарин манфиатҳои миллӣ қарор гирифта, ҳифз ва таҳкими он вазифаи муқаддаси давлату миллат ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, арзишҳои миллӣ сарчашмаи ҳама гуна манфиатҳо дониста мешаванд ва ба воситаи мақсадҳои миллӣ ифода меёбанд. Маҳз дар чунин шароит муайян намудани моҳият ва мундариҷаи манфиатҳои миллӣ бо ёрии таҳдиду хатарҳо имконпазир мегардад. Зеро аз байн рафтани ин ё он арзиши миллӣ ва ё амалӣ нагардидани ин ё он мақсади миллӣ бузургтарин талафот ба шумор меравад, ки чунин ҳолат ба манфиатҳои миллӣ таъсири бевосита мерасонад. Арзишҳои миллӣ ва мақсадҳои миллӣ бо манфиатҳои миллӣ робитаи генетикӣ дошта, дар низоми амнияти миллӣ мавқеи намоёнро ишғол намудаанд [4,58].

Вазъияти кунунии кишварҳои пешрафтаи олам далолати он аст, ки заминаҳои таҳкими ваҳдати миллӣ дар давлатҳои миллию рӯ ба инкишоф торафт душвору мураккаб мегардад, зеро таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ пеш аз ҳама ба тафаккури ваҳдатгароӣ расида, дар заминаи ташаккули ваҳдати ягонаи ҷаҳонӣ заминаҳои таҳкими ваҳдати миллиро заиф мегардонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки мақсади ниҳоии равандҳои глобализатсионӣ ҳамчун воҳиди ягона ташаккул додани ҷаҳон ба ҳисоб рафта, маҳз ҳамин омил барои давлатҳои миллию рӯ ба инкишоф ҳамчун таҳдиди бузург ҳисобида мешавад. Зеро равандҳои глобализатсионӣ дар замони муосир аввалан бесарҳадии иттилоотро исбот намуда, дар марҳилаҳои минбаъдаи рушд метавонанд таваҷҷуҳи худро ба сарҳадҳои кишварҳо, махсусан давлатҳои миллӣ равона созанд. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки нигоҳдории устувории сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар замони гузариши сиёсии ҷомеа аз марҳилаи анъанавӣ ба марҳилаи модернизатсиониву глобализатсионӣ хеле пурпечутоб ва мураккаб хоҳад буд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби шахсони давлатҳои мухталифи мансуб ба фарҳангҳо, миллатҳо, мувофиқан ахлоқ, урфу одат ва тафаккури ғайримуқаррарӣ намояндагӣ мекунад, ҷомеаи ҷаҳонӣ сарҳадҳои ҳудудиро бо вобастагиҳои мухталифи иҷтимоӣ, муносибатҳои бозорӣ ва шабакае, ки ба қаламрави мушаххас иртибот надорад, фаро мегирад. У. Бек чунин мешуморад, ки бо ҳамла ба сохтори мавҷудаи ҳамаҷонибаи давлатҳои миллӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ хусусиятҳои миллиро баробар намекунад, ба як навъ ҷомеае табдил меёбад, ки тамоми ҷомеаҳои миллиро аз байн мебарад [2].

Бояд қайд намуд, ки ҳар як ҷомеа табиатан ниёз ба ягон шакли ҳамбастагӣ ва ё ваҳдатро дорад. Маҳз ҳамбастагии байниҳамдигарӣ ҷомеаро метавонад ба ин ва ё он дигаргуниҳои бузург омода созад. Тағйиротҳо, гузариш аз як марҳилаи инкишоф ба

марҳилаи дигар низ дар навбати худ метавонанд, роҳи рушди ҷомеро муайян созанд ва онро ба маҷрои нави рушд ворид намоянд. Аммо фаромӯш набояд кард, ки ваҳдати миллӣ дар ҷомеа як қатор таъсирҳои манфиеро метавонад ба худ қабул намояд, ки он дар роҳи ҳамбастагии ҷомеа халал ворид намояд. Ин ҷо ташаккули афкори ҷамъиятӣ бояд мавриди назар қарор бигирад, ки чӣ гуна метавонад ба тағйиротҳо созгору мувофиқ ва ё баръакс дар ҳоли таназзул қарор мегирад.

Ваҳдати миллӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар раванди ҷомеасозӣ мебошад. Вобаста ба тамоюлҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ, омилҳо ва арзишҳои таъминкунандаи раванди ваҳдатгароӣ дар ҷомеа чӣ тавре, ки аз омӯзиш ва тадқиқи таҷрибаи таърихии тамаддуни инсонӣ ва таърихи сиёсии кишварҳои тамоми дунё бармеояд тағйирпазиранд. Таваҷҷӯҳ ба ин падида дар таҷрибаи ҷомеасозии инсоният бештар дар марҳилаҳои ҳассоси тағйирёбии ҷомеаҳо боло меравад. Барои раванди ваҳдат аслан дар заминаи ин гуна таҷрибаҳо на танҳо аз фишангҳои тарғиботӣ, балки сохторӣ низ васеъ истифода бурда мешавад. Ваҳдати миллӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ бо вазъи сохтории ҷомеа алоқамандӣ дорад. Бинобар ин ҳам дар заминаи тавсеа ёфтани ваҳдат миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа тадриҷан ниҳодҳои нав ба вуҷуд меоянд ва коркарди муносиб ба ин равандро пайдо мекунанд.

Вақте самтҳои таъмину таҳкими ваҳдати миллӣ ва ягонагии миллиро зери назар қарор медиҳем, аён мегардад, ки субъекти асосии муайянкунанда ва амаликунандаи ин самтҳо падидаҳои гуногун: сохти сиёсӣ, давлати миллӣ, ҷомеаи халқ, миллат шуда метавонанд. Давлат сохти сиёсии захираҳо, имкониятҳо, қувваҳо ва нерӯҳоро барои таъмину таҳкими ваҳдати миллӣ, ягонагии миллӣ сафарбар ва равона меозад, мақсади самтҳо, чараёни онҳоро муайян ва иҷрои онҳоро зери назорат қарор медиҳад.

Ташаккули раванди раванди ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон басо душвору мураккаб гузашта, то замони мо расидааст. Дар ин ҷо метавон қайд кард, ки сулҳу осоиштагӣ ва ҳамбастагиву ваҳдати миллӣ ба ҷомеаи тоҷикон осон муяссар нашуда, аз давраҳои сахту сангини таърихӣ гузаштааст. Аз ин рӯ дар давраҳои ояндаи ҳассоси ҷаҳони муосир инкишоф додани ин падидаи нодир вазифаи муқаддасу ҷонии ҳар як фарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Омилҳо ва самтҳои муҳиме, ки ваҳдату ягонагии миллии тоҷиконро бояд таъмину тақвият бахшанд, метавон дар шаклҳои зерин нишон дод:

1. Ба қатори аввалин омили ҳалкунандаю тақдирсози ваҳдату ягонагии миллии тоҷикон мавҷудияти давлати миллиро мансуб донистан зарур аст. Зеро набудани давлати миллӣ боиси нокомиҳои бешумор, хорию зорӣи беандозаи тоҷикон ва тақдири ғамангезу аламноки мардуми тоҷик гардида буд. Вале дар шароити тоинқилобӣ, дар ҳолате, ки сулолаи муғулони манғит бо ҳамдастии мустамликадорони Россияи подшоҳӣ амал мекарданд ва мардуми тоҷик парешону маъюс буд, бунёди ин гуна давлат аз имкон берун буд.

2. Ба ҷумлаи омилҳое, ки дар таъмини ваҳдати миллӣ нақши умда мебозанд, истиқлолияти давлатӣ ва миллӣ мақоми хосаро соҳиб аст. Умуман истиқлол берун аз давлат, миллат ва халқ ба даст намеояд. Ин падидаҳо бо ҳам пайваст ва аз ҳамдигар ҷудонопазиранд. Сарзамине, ки истиқлоли давлатӣ ва миллӣ надорад, ночор гирифтори асорат, мутеӣ ва дастнигарист. Дар чунин вазъият таъмин намудани ваҳдати миллӣ имконпазир аст.

3. Ба ҷумлаи омилҳое, ки дар таъмину таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ мақоми бузургро доро ҳастанд, нақши роҳбару сарвари сиёсиро ҷой додан равост. Дар замони ҳозира ҳар як давлати миллӣ дорои чунин ходимони давлатӣ мебошад. Онҳо танзимгар, пешбаранда ва омодасози нақшаҳои пешрафту пешбурди кишвари хешанд, кӯшишҳои

фаровоне баҳри шукуфоии давлати худ ба харҷ медиҳанд, то мамлакат дар радифи кишварҳои ҷаҳонӣ мақоми шоиста дошта бошад. Ҳар қадар чунин ходимон зиёд бошанд, ҳамон андоза интихоби ходими сиёсӣ, сарвари давлат ва мақомоти давлатӣ натиҷабахшу фоиданок хоҳад шуд.

4. Дар таъмин намудан ва тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ ва таъмини якпорчагии кишвар аз байн бардоштан ва озод шудан аз баъзе хислати сифатҳои манфие, ки зери таъсири омилҳои фаровони объективӣ ва субъективӣ, дар тӯли зиндагии дурударози ин қавми кӯҳан, дар шууру равони вай ҷойгузин гардида таъсири муассире гузоштаанд, бисёр зарур аст. [6]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳаёти сиёсии бисёр кишварҳо қиёс намудани ҷангу сулҳ, ваҳдатгароӣ ва ба ҳам омадани тарафҳои ба ҳам муқобил, ҳуввиятсозӣ бештар ба миллату халқиятҳои таҳҷоӣ вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ таҷрибаи Тоҷикистон дар ин самт хеле нодир ва воқеан ҳам шоиста аст.

Бояд тазаккур дод, ки ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон, аз ҷумлаи сабақҳои пурарзишест, ки ҳам дар дохилӣ кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди эътирофи ҳамагон ва тадқиқу омӯзиши васеъ қарор гирифт. Яъне таърих бори дигар собит менамояд, ки заҳмату талошҳои Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳамто буда, кӯшишҳои босуботи Пешвои миллат баҳри таҳкими ваҳдати миллӣ, асрҳо дар дилу дидаи мардуми тоҷик ба таври абадӣ боқӣ хоҳад монд. Бояд гуфт, ки дар марҳилаи навини давлатсозии тоҷикон нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ басо созгору созанда ба ҳисоб меравад. Ин шахсият дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун абармард ва фарзона фарзанди миллат ҳисобида мешавад, ки бо кӯшишу талошҳои содиқонааш тавонист дар байни миллати тоҷик ваҳдати воқеиро пойдор созад.

Дар замони пуртазоди имрӯза, ки минтақаҳои мухталифи ҷаҳонро нооромиву бенизомӣ, ихтилофоти сиёсиву иқтисодӣ фаро гирифтааст, масъалаи гиромидошт, ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳамияти хоса касб кардааст. Дар ҷодаи расидан ба ин ҳадафҳои воқеан олӣ моро зарур аст, ки дастовардҳои даврони истиқлолиятамонро ҳамаҷониба таҳлил намоем ва ба рӯйдодҳои таърихии замони муосир баҳои воқеӣ ва ҳақиқӣ диҳем.

Пӯшида нест ва воқеияти кунунӣ шаҳодат медиҳад, ки душманону бадхоҳони миллати тоҷик, чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷӣ кишвар, найранг бозиҳои зиёде ба кор бурда, ҷон мекоҳонанд, ки ҳисси маҳалгароӣ ва ҷудоихоҳию ҷудоипарастии тоҷикон ҳар чӣ бештар тақвият ёбад, худшиносии солими он бедор нагардад, рушд наёбад, дар мафкураи мардуми тоҷик андешаҳои тафриқаю ҷудоипарастӣ бештар реша давонад. [1]

Дастгирии васеи раванди таҳкими ваҳдат аз ҷониби нерӯҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва табақаҳои мухталифи мардум аз он сарчашма мегирад, ки ин падида замонати таъмини суботи иҷтимоӣ, созиш додани манофеи онҳо ва мусоидат ба рушди бемайлону мӯътадили кишварамонро дар бар дошт ва дорад. Яъне мақсаду мароми ибтикорӣ ваҳдати миллӣ талаботи таъмини суботӣ сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва рушди минбаъдаи кишварамон мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар бораи аҳамияти омилҳои маънавӣ, ки истифодаи самаранок ва мақсадноки онҳо дар воқеӣ гардидан ва татбиқ шудани ҳам омилҳо ва ҳам самтҳои таъмину таҳкими ваҳдати миллӣ, мақоми хосаеро соҳибанд, тавақуф намешавад. Зеро дар масъалаи мафкуравӣ плюрализми афкор ҳукмфармост. Вале аён аст, ки давлати миллӣ бе идеологияи миллӣ тарғиби мақсадҳои хешро ба амал бароварда ва ба мардум расонида наметавонад. Бинобар ин фаъолияти ҳама воситаҳои таблиғотии

ҳаёти маънавиро барои таъмину таҳким, пойдору устувор гардонидани ваҳдату ягонагии миллӣ, халқу давлати миллӣ, дӯстии сокинони ҷумҳурӣ равона кардан лозим аст.

Таърих гувоҳ аст, ки бархе аз қавму миллатҳое, ки аҳаммияти андешаи миллиро дарк карда натавонистанд, ва ё нисбати ташаккули он дар шуури халқи худ, беэътиноӣ зоҳир намудаанд, на фақат давлату сарзамини аҷдодиро аз даст додаанд, балки дар натиҷаи якҷоя шудан бо умумиятҳои дигари этникӣ ҳамчун қавму миллат аз саҳнаи таърих бе ному нишон рафтаанд.

Таҷрибаи талхи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бори дигар собит намуданд, ки ваҳдати мардум, ягонагии ғоявию ахлоқӣ ва худшиносию худогоҳии онҳо гарави ҳифзи истиқлолият ва пойдории давлату давлатдорӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ободии ҷомеа мебошад. Ҳамаи ин зарурати ташаккули андешаи миллиро дар шуури аҳли ҷомеа ба миён оварда, онро ба яке аз масъалаи доғи рӯзӣ ҳаётӣ сиёсӣ ва масъултарин вазифаи таҳкими пояҳои истиқлолияти давлати миллӣ табдил додааст.

Бояд ба назар гирифт, ки андешаи миллӣ танҳо дар сурате омили ваҳдат ва созанда буда метавонад, ки агар барои ташаккули ҳар як фард, таҳсилу фаъолият ва ноил шудан ба сатҳи арзандаи зиндагӣ ва ҳадафҳои ниҳоияш шароити даркорӣ фароҳам оварда, мустақилият ва қадру қиммати вайро эътироф кунад. Маҳз дар чунин шароит андешаи миллӣ бо манфиати фардии ҳар як аъзои ҷомеа омезиш ёфта, дар шууру роҳу рафтори сиёсии он қавӣ мегардад. Ба инобат гирифтани ин нуқта муҳим аст. Зеро ки андешаи миллӣ маҳз тавассути манфиату амали фардҳо татбиқшаванда аст.

Хулоса, таъмин ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар замони гузариши сиёсии ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кори зарурӣ ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, аз ҳар як фарди ҷомеа масъулияти баланд, андешаи қавӣ ва мароми созандаро талаб дорад. Тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ аз иттиҳоди ҷомеаи солим сахт вобаста буда, бузургии ғоявии давлати миллиро таҷассумгар мебошад.

**Адабиёт**


1. Маҳмадова Ф.А. Ваҳдати миллӣ ва инқилобҳои ранга дар шароити тағйирпазирии ҷаҳони муосир. // Ахбори институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2020. №3. – С.168-171.
2. Музаффарзода Ф. Патриотизми миллӣ ва мафкураи космополитикӣ. // Идоракунии давлатӣ. 2021 - №2. С. 305-316.
3. Муродзода М.М. Истиқлолият кафили хушбахтии ҷавонон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. №7. – С.347-351.
4. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. – Душанбе, 2019. -226с. -С.58.
5. Орифҷонова Н. Ҳуввияти миллӣ ҳамчун пояи ташаккули ваҳдати миллӣ Ахбори институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2022. №3. – С.64-70.
6. Раванди ваҳдат ва назарияи он. Душанбе: «Илм», 2013. 347с.
7. Холов А.А. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдати миллӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020. №3. – С.129-134.
8. Шоҳрухи С. Ваҳдати миллӣ: моҳият, хусусият ва зарурияти он. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021. №8. – С.251-260.


## ОСНОВЫ УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В ПЕРИОД ПОЛИТИЧЕСКОГО ПЕРЕХОДА ОБЩЕСТВА


**ХАМРОЗОДА МИРМУХАММАД ФАРРУХ,**

Ассистент кафедры политологии и связи с общественностью

Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru
**КУЙЛИЕВА ЛАЙЛИ ШУКУРОВНА,**
Ассистент кафедры иностранных языков
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 904-44-37-00. E-mail: layli.angelochka123@mail.ru

*В данной статье анализируются и обсуждаются вопросы укрепления национального единства в период политического перехода общества. Национальное единство относится к числу важнейших национальных интересов, а его защита и укрепление считается священной обязанностью государства и нации. Современное положение развитых стран мира свидетельствует о том, что основания для укрепления национального единства в национальных и развивающихся странах становятся все более трудными и сложными, поскольку влияние процессов глобализации в первую очередь сказывается на менталитете единства и ослабляет основания для укрепление национального единства. Авторы отмечают в статье, что формирование мировоззрения людей о национальном единстве на современном этапе развития также изменилось в связи с глобальными изменениями в мире, и это представление приобрело более чем ранее необходимый и обязательный признак. Следует отметить, что национальное единство относится к числу важнейших национальных интересов, а его защита и укрепление считается священной обязанностью государства и нации.*

***Ключевые слова:*** *национальное единство, политический переход, государственное образование, национальные государства, социальное единство, единство людей, национальные интересы, национальные ценности, объединительное мышление, социальные изменения, национальное единство, национальная мысль.*

## THE FOUNDATIONS OF STRENGTHENING NATIONAL UNITY DURING THE POLITICAL TRANSITION OF SOCIETY

**HAMROZODA MIRMUHAMMAD FARRUKH,**
Assistant of the Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru
**KUYLIEVA LAYLI SHUKUROVNA,**
Assistant of the Department of Foregion languages of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone.: (+992) 904-44-37-00. E-mail: layli.angelochka123@mail.ru

*This article analyzes and discusses the issues of strengthening national unity during the period of political transition of society. National unity is one of the most important national interests, and its protection and strengthening is considered a sacred duty of the State and the nation. The current situation of the developed countries of the world indicates that the grounds for strengthening national unity in national and developing countries are becoming more and more difficult and complicated, because the influence of the processes of globalization primarily affects the unity mentality and weakens the grounds for strengthening national unity. The authors note in the article that the formation of people's worldview about national unity at the present stage of development has also changed due to global changes in the world, and this idea has acquired a more necessary and mandatory feature th"an before. It should be noted that national unity is among the most important national interests, and its protection and strengthening is considered a sacred duty of the state and nation.*

***Keywords:*** *national unity, political transition, state formation, national states, social unity, unity of people, national interests, national values, unification thinking, social changes, national unity, national thought.*

УДК: 323:35 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ БУНЁДИИ НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**БОБОЕВ МИРЗОАЛӢ МИРЗОНАЗАРОВИЧ,**
мутахассис коргузори кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 93-333-41-96. E-mail: mirzoali.boboev.92@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, аз заминаҳои мавҷуда барои таъсиси Артиши миллӣ, таърихи бунёди ниҳодҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва пеш аз ҳама нақши бунёдии фарзанди фарзонаи миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Артиши миллии Тоҷикистон, маҳз бо талошҳо ва заҳматҳои шабонарӯзии қаҳрамони миллат Президенти кишвар рӯи кор омадааст. Тоҷикистони маҳбуб бо ҷавонии хеш, соҳиби як Артиши дар воқеъ комил аз лиҳози ҳайати шахсӣ, техникаи ҳарбӣ, яроқу аслиҳа, ва таъминоти моддии мувофиқ ба талаботи замони муосир маҳсуб меёбад. Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои ҳарбиро дар самти пешгирии хатарҳои ҷаҳонӣ бо тамоми давлатҳо, созмонҳои минтаҷавӣ ва байналмилалӣ хуб ба роҳ мондааст. Бо чунин дастовардҳои беназир, месазад ба чунин марди ҷонфидо арҷ гузошт.*

***Калидвожаҳо.*** *Конститутсия, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ, Артиш, таърих, мудофиа, амният, қонун, низомнома, ҳодиса, қаҳрамонӣ, симои барҷаста, арҷгузорӣ, дастовард.*

***«Таърих ҳеҷ гоҳ дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он ба номи абармардоне вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад».***

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон***

Халқи тоҷик аз рӯи омӯзиш ва корҳои илмӣ – таҳқиқотии олимон, таърихнигорон ва дигар коршиносон, соҳиби тафаккури амиқ, дарку шуури баланди инсонӣ, дар муттаҳидӣ ва ҳифзи заминҳои ҳудуди хеш, соҳибмақом буданд. Ёдовар аз сатҳи артишдории халқҳои Осиёи Миёна, дар асрҳои VI-IV пеш аз милод мешавем, ки дар замони худ аз ҷониби тарафи муқобили замони хеш, сазовори баҳои баланд гардида буданд. Халқи тоҷик ҷузъе аз халқҳои Осиёи Миёна маҳсуб меёбад. Халқҳои Осиёи Миёна ҳанӯз дар замони муайяншудаи таърихӣ, аз рӯйи ба навъҳо ҷудо гардидани ҳайати аскарони қӯшун, дар асарҳои таърихии коршиносон махсус қайд гардидааст. Қувваҳои аскарӣ дар алоҳидаги саф ороста, паси ҳам ҷой мегирифтанд. Дар ҳолатҳои ҳуҷӯми сахти душман ба ҳамдигар наздик истода, мубориэаро баҳри амн нигоҳ доштани худ ва атрофиёни тарафи хеш, то ҳадди зарури анҷом медоданд. Қайд кардан зарур аст, ки усули тактикии ба худ хос доштанд, аввалан ақибнишини карда баъдан аз тарафи ғайриназар ҳамлаи созгору сазовор мезаданд, ки боиси пирӯзии онҳо мегардид [1 с. 68].

Назаре ба Артишдори давлати Сомониён намоем, пеш аз ҳама ёдовар шуд, ки давлати Сомониён аз рӯйи 10 девон кори идораи умури дохилӣ ва берунии давлати хешро идора менамуд. Дар соҳаи ҳарбӣ девон, бо номи “Девони Соҳибушарта” ё худ девони “Артиш” ном дошт, ки пурра фаъолияти соҳаи ҳарбиро фаро мегирифт. Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ-маъруф бо номи Исмоили Сомонӣ, асосгузори давлати бузурги тоҷикон Сомониён, сипаҳсолории Артишро бар уҳда дошт. Дар тамоми машқҳои ҳарбӣ-тактикӣ иштирок мекард ва баҳри мукаммал гаштани тамоми сохторҳои ҳарбӣ,

тадбирҳои заруриро андешида, заминаҳои бузурги моддӣ ва техникиро фароҳам оварда буд, ки бар асоси ҳамаи он заҳматҳо халқи тоҷик тавонист, номи хешро дар таърих навишта гардонад [1 с. 74.

Пас аз гузашти замони зиёди давлатдории бузурги таърихӣ, фарзандони дигари халқи тоҷик қаҳрамонӣ ва шӯришҳои зиёдеро баҳри озоди анҷом доданд, ки номи онҳо барои имрӯз ва фардои таърих боқӣ хоҳад монд.

Соли 1991 пас аз 70 соли давлатдорӣ, ИҶШС барҳам мехурад, ки 15 ҷумҳуриро дар худ фаро мегирифт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистӣ, соли 1924 дар ҳайати Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Узбекистон ва соли 1929 бо номи Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ин Иттиҳоди бузурги асри XX дохил мешуд. Дар ин шароити мураккаб, ҳамаи ҷумҳуриҳои ин Иттиҳод, аз пайи ба даст овардани истиқлолияти худ гардида, мехостанд истиқлолияти худро барои ҷаҳониён эълон намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти комили хешро эълон дошт ва 2 марти соли 1992 ҳамчун субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба яке аз созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, узвияти СММ-ро пайдо кард.

Ин буд, ки аввалин фармонҳо баъди эълон доштани Истиқлолияти давлатӣ дар самти таъсиси Артиш қабул карда шуданд:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани горди миллӣ»;
2. Фармон аз 04-уми январи соли 1992 «Дар бораи Кумита мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Фармон аз 10-уи июни соли 1992 «Дар бораи таъсис намудани горди халқӣ»;
4. Фармон аз 17-уми сентябри соли 1992 «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расиданд, ки бо сабаби вазъи носолимӣ вуҷуд доштан, муваффақ нашуданд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо вуҷуди доштани истиқлолият, набудани фазои орому осуда дар кишвар, чандин кӯшишҳои роҳбарони аввали ҷумҳурӣ, дар таъсис намудани артиш ва дигар муқаддасоти миллӣ, бе натиҷа монд. Фазои мазкур сабабгори ба вуҷуд омадани омилҳои объективӣ ва субъективӣ гардида буд. Зеро вазъияти сиёсии он замон имконият намедод, ки мутобиқ ба шароити истиқлолияти давлатӣ Артиши миллӣ созмон дода шавад.

Заминаи асосӣ, барои таъсис додани Артиши миллӣ – ин баргузор гардидани Иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар қатори масъалаҳои дар Иҷлосия баррасишуда, масъалаи тасдиқи рамзҳои давлатӣ: -Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва ниҳоятан сохтори аз ҳама муҳим барои амнияти кишвар, таъсис додани ин як қувва, неру бо номи Артиши миллӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҷонибӣ Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гурӯҳҳои алоҳида, аз ҳисоби вакилони дар толор буда, барои таҳия ва пешниҳод намудани масъалаи мазкур, таъсис дода шуданд.

Санаи 18 декабри соли 1992 таҳти №3 бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи муқарраароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат аз 3 – банд барои таъсиси артиши миллӣ, аз ҳисоби ҷабҳаҳои халқии ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар дастаҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дасгирӣ менамоянд, ҳамчунин аз ҳисоби даъвати ҷавонони ҳақиқи ба хизмати ҳарбӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад, бо имзои Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, мавриди амал қарор дода шуд. [2].

Бо вуҷуди шароити бисёр душвор, соли 1993 бори аввал дар майдони “Дӯсти”-и пойтахт гузашти низомии қисму воҳидҳои навтаъсиси Артиши миллӣ доир гардид, ки аз он рӯз, санаи 23-юми феврал расман Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Ҳамасола, сабаби асосии ҷашн гирифтани санаи 23-юми феврал, ҳамчун Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, ин марбут ба ташкилу баргузории нахустин Паради ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад.

Дар асоси дастуроти дар қарор баён шуда, мақомоти қонунбарор дар якҷояги бо шӯрои вазирон якчанд санадҳои меъёрӣ ҳуқуқиро, аз қабили:

1. Низомномаи қабули савганди ҳарбӣ, аз 17.02.1993с;
2. Низомномаи дотситони ҳарбӣ, аз 02.08.1993с;
3. Қонун «Дар бораи мудофиа», аз 26.06.1993с;
4. Қонун «Дар бораи Қуваҳои Мусаллаҳи Ҷумхурии Тоҷикистон», аз 26.06.1993с;
5. Қонун «Дар бораи Ӯҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», аз 26.06.1993с.

Қабул гардидани ин санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, натанҳо фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ, балки шумораи онҳо, ташкили ҳайатҳо дар сохторҳои алоҳида, таъмину нигоҳдорӣ, тартиби волоияти қонун, тартиби фаъолияти хизматчиёни ҳарбиро ба танзим даровардa, марҳилаи наверо дар системаи идораи давлат ба вуҷуд овард. Дар ҳамин баробар як қатор Қонунҳои танзимкунандаи муҳимтарин дар соҳаи амният қабул шуданд ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қӯшунҳои дохилии 24.02.20. ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон»( 28.12.1993) Қонунҳо «Дар бораи амният» «Дар бораи кумитаи давлатии амнияти миллӣ» ва «Дар бораи таъсиси Қӯшунҳои сарҳадии Вазорати амният» ба тавсиб расиданд, ки дар роҳи таъмини нерӯи мудофиавии Тоҷикистон қадами ҷиддие буд.

Ин давраи гузоштани авалин пояҳои ҳуқуқӣ дар Артиш ба ҳисоб меравад.

Раиси ҷавони Шӯрои Олӣ замоне ба сари қудрат омаданд, ки вазъ дар мамлакат бисёр ҳассос ва хатарнок буд, ягон базаи пурқуввати зарури вуҷуд надошт. Танҳо иродаи қавӣ, далерию мардонагии фарзанди фарзонаи миллат сабаби ҳама пирузиҳо гашт.

Собиқ вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – генерал полковник Шералӣ Хайруллоев, дар вохурӣ бо ҳайати кормандони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 29-солагии ҷашни Артиши миллӣ моҳи феврвли соли 2022, қайд намуд, ки: - “Аввалин хаймаҳои пойгоҳи ҳарбӣ дар фурудгоҳи «Айнӣ» Аэродроми Ҳисор ташкил карда шуд, бо талошу иштироки ҳамешагии роҳбарияти ҷавон буд, ки дар палатка 9 рӯз барои бунёди як Артиши мукаммал бо мӯзаи накашида гоҳ-хоб гоҳ-бедор дар сари тарҳрезии нақша рӯзҳоро мегузаронид шаҳодат медиҳад”. Мушкилтарин лаҳзаҳоро бо такя ба халқ ва хиради некӣ ояндабинона сипари менамуд.

Набудани базаи моддӣ, техникӣ, кадрӣ, ҳамзамон аз хукумати бузурги Шӯравӣ чизе ба мерос намондан дар соҳаи ҳарбӣ, ҳисоби сифри будани буҷаи Тоҷикистон, аз зумраи вазнинтарин солҳо дар идоракунии давлати тозаистиқлол ба ҳисоб мерафт.

Сардари давлат дар яке аз суханрониҳо иброз намуданд, ки “Ҳатто аскарони мо муза надоштанд”. Танҳо диди тоза, хиради дурандешона ва аз ҷон гузаштанҳои Пешвои Миллат сабаби ҳама ин сулҳу оромӣ ва шукуфои гардид.

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зидди-ҳавоӣ баъдан бо номи Қувваҳои ҳарбӣ- ҳавоӣ ва Мудофиаи зиддӣ-ҳавоӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, Вазорати амнияти сарҳадӣ баъдан бо номҳои Кумитаи ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ.... ва ҳоло бо номи Қӯшунҳои Сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардия Президентӣ баъдан бо номи

Гвардияи миллӣ ва дигар ниҳодҳои хурду бузург, дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар арзӣ ҳастӣ намуданд, ки иқтидори мудофиавии ҳарбии кишвар бузург гашт.

Дар ин давраи ҳассос ба ҳама ҳолатҳои душвори сиёсӣ нигоҳ накарда Пешвои муаззами миллат ба кишварҳои дуру наздик ба монанди Афғонистон, Федератсия Россия, Покистон, Эрон ва давлатҳои дигар сафарҳо анҷом доданд.

Мақсад аз чунин сафарҳо расидан ба истиқрори сулҳи комил буд. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсия Россия, баста шудани созишномаи ризоияти миллӣ, байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ, ба имзо расид, ки ин ба фазои Ватан рангу ҷилои тоза бахшида, заминаи сеюм барои рушди Қуваҳои Мусаллаҳ дар мамлакат гардид.

Яке аз сафарҳои Пешвои миллатро дар чархбол самти Афғонистон ба назар меорем, ки нақл мекунанд ҳаво бисёр номусоид буд, ҳайати сарнишин хатари минбаъдаи парвозро ба роҳбари давлат баён намуда, хоҳиши баргаштан ба Ватанро карданд, ки Роҳбари давлат дар ҷавоб сафарро идома деҳ гуфта хитоб намуданд, «Мо барои мардум ваъда додем, ки сулҳ меорем» аз сафар нагаштанд то ваъдаи хешро, бе чуну чаро иҷро намуданд.

Дар ҳақиқат қаҳрамони миллат, баъди имзои ин санади таърихӣ, тамоми таҷрибаи худро баҳри густариши сохторҳои ҳарбӣ равона намуда, шароити будубоши хизматчиёни ҳарбиро аз лиҳози моддӣ, маънавӣ, техникӣ давра ба давра густариш дод.

Соли 2003 Қӯшунҳои Зудамал дар ҳайати Қӯшунҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ин қӯшун барои тамоми машқҳо дар дохил ва хориҷӣ кишвар бо афсарону сарбозони аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутобёфта, барои иҷрои самаронокии ҳамкориҳои ҳарбӣ, дар минтақа ва ҷаҳон иштирок менамоянд.

Ҳолати будубоши хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, генерали Артиш муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар гузаронидани ҷашну идҳои ҳарбӣ сохторҳои гуногуни Қувваҳои Мусаллаҳ ба назар расида, ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба ҳолати воқеъӣ, дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон санаи 23.02.2008 барои ҷашни 15 солагии Артиши миллӣ таъкид намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдорро супориш дода мешавад, ки бо мақсади ҳарчи беҳбудӣ бахшидан ба вазъи зиндагиву фаъолияти ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат нақшаи дурнамои сохтмони шаҳрчаҳои ҳарбӣ ва манзилро барои онҳо дар давраи солҳои 2009-2020 таҳия ва амалӣ намоянд».

Дар асоси ин дастур ва барномаи дарозмуҳлат, дар тамоми минтақаҳои ҷумҳуриамон корҳои навсозӣ, таъминоти таҷҳизотҳои маишӣ, техникӣ, ва дар доираи ҳамкориҳо ворид намудани техникаҳои ҳарбии гуногунтамға, барои қисмҳои ҳарбӣ, отриядҳои сарҳадӣ, дидбонгоҳҳои сарҳадӣ ва дигар қисму воҳидҳои низомии кишвар тағйиротҳои куллӣ ба миён омад.

Масъалаи мудофиа ва амният яке аз масъалаҳои марказии пешбурди мушаххасоти давлатдорӣ дар замони оғози роҳбарии Пешвои миллат маҳсуб меёфт. Вобаста ба ин Азиззода Ҳафиз Ҷабор, дар яке аз мақолаҳои хеш, дар бораи унсурҳои таркибии низоми амнияти ҳарбӣ, ишора менамояд. Дар таъмини ҳарбии кишвар Сарвари давлат нақши калиди ва фавқулодаи муҳимро иҷро менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба вазъияти баамаломадаи солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, хатари пароканда шудани миллат ва ба нести раидани давлат, инчунин аз

рӯи хусусиятҳои сохтори давлатию сиёсии кишвар нақши Проезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қуввваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти ҳарбии кишвар бағоят бузург мебошад [4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолият, ҳамкориҳои ҳарбӣ дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо давлатҳои дуру наздик, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба роҳ монд. Аз ҷумлаи онҳо СҲШ, ИДМ, СААД, СААШ, САҲА ҳамчунин бо «барномаи сулҳ»-и СММ мебошад.

Ҳамкориҳои дуҷониба бо Федеератсияи Россия, Хитой, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, ва дигар кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи зарури ба роҳ монда шудааст.

Солҳои 1993-1997, 1997-2004, давраи талошу кушишҳо баҳри заминагузории мустаҳкам аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар соҳаи ҳарбии мамлакат арзёбӣ мегардад.

Соли 2004 ҳимояи пурраи хаттӣ сарҳадии хешро Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар души худ гирифт, ки давраи рушди низомӣ дар мамлакат ба амал омад. Ҳамин аст, ки дар зарфи 20 сол мо ба тамоми дастовардҳо дар самти ҳарбӣ, бо талошҳо ва назорати доимии Пешвои миллат, ноил гардидем. Аз қабили бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ, ватанӣ ва соҳибкорони ватандӯстӣ кишвар, ворид намудани инфрасохторҳои замонавӣ, сохтани иншоотҳои ҳарбӣ, биноҳои истиқомати барои хизматчиёни эҳтиёҷманди ниҳодҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, ки сатҳи иҷтимоиёти хизматчиёни ҳарбӣ то андозае боло бардошта шуд. рушду тараққии артиш ва инчунин сатҳи иҷтимоиёти хизматчиёни ҳарбӣ, зери назари хоси роҳбари давлат қарор дорад. Маоши хизматчиёни ҳарбӣ дар зарфи 20 соли охир бештар аз 5 маротиба боло бурда шуд. Дар баробари ин таҳия ва қабули "Консепсияи амнияти миллии ҶТ", Доктринаи ҳарбии ҶТ" ва "Консепсияи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон тадбирҳои мушахас дар таҳкими Артиши миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ буданд.

29 январи соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дар таҳрири нав бо тағйиру иловаҳои охирон мавриди амал қарор дода шуд. Намуди нави хизмат дар низоми навъҳои гуногуни адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо номи "Хизмат дар ҳайати даъвати сафарбари" мавриди амал қарор дода шуд, ки бо пешниҳоди лимит барои минтақаҳои Тоҷикистон, бо дарназардошти шумораи аҳолӣ, тақсим гардида, ба иттилои манбаи хадамоти Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол ба буҷаи давлат зиёда аз 200 млн. сомонӣ ворид гардидааст.

Дар Паёми охирон Сарвари давлат, қайд карданд, ки «Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ, ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем.

Бинобар, ин Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд» [3].

Пайравӣ аз мактаби сиёсии Пешвои миллат намуда, пеш аз ҳама баҳри аз худнамои донишҳои замонавӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ, огоҳ шудан аз таърихи ғании гузаштаи хеш, кушишу талошҳои назаррасро ба сомон расонем. Баҳри хизмати содиқона ба халқу миллат, Модар Ватан ва Сарвари сиёсӣ, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ-генерали Артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сипар шавем.

Танҳо муттаҳидӣ, якдилӣ, ягонагӣ моро аз тамоми таҳдидҳои замони муосир наҷот медиҳад.

Биё, эй ҳамватан то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ба ҷон омодаи ҳар як нидои ин Ватан бошем.

Канораш гарму роҳатбахш чун домони модархост,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (22-юми майи соли 2016);
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (оид ба муайян намудани самтҳои дохили ва хориҷии кишвар дар соли 2023) 23.12.2023.
3. Абдурашитов Ф. М. Ташаккул ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол. Душанбе 2017;
4. Абдурашитов Ф. М. Фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар охири асри XX – аввали асри XXI. Душанбе 2022;
5. Азиззода Ҳафиз Ҷабор. Маҷаллаи илмю сиёсии Идоракунии давлатӣ АИДНПҶТ. Унсурҳои таркибии низомӣ амнияти ҳарбӣ ва вазифаи онҳо. -№4/1(53).С.229.
6. А. А. Мамадазимов Ҷумҳурии Тоҷикистон – Иолоти Муттаҳидаи Амрико: 30 соли шарикии устувор (1991-2021с) Душанбе 2021сол;
7. Б. Ғафуров. Тоҷикон соли 2020. Нашриёти муосир. Саҳ 68,74.
8. Зери назари полковник С. Розиқов. Тоҷикистони соҳибистиқлол: Артиш ва тарбияи ватандӯстӣ. Душанбе 2001;
9. Китоби 20 – солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1993-2013. КВД “нашриёти ҳарбии сарбоз. Душнбе 2013 сол;
10. Китоби Марз ҷабҳаи ҷасорат, чоряк асри фаъолияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2019 сол;
11. Китоби Артиши миллӣ – сипари боэътимоди Тоҷикистони соҳибистиқлол. Тартибдиҳандагон: -генерал майор Розиқов С.Х., потполковник Музаянов Ҳ.Х., майор Хушдилова Ҳ.Х. Душанбе 2006 сол;
12. Қарори Президиуми совети олии Ҷумҳурии тоҷикистон, 18 декабри соли 1992.

## ФУНДАМЕНТАЛЬНЫЕ ОСНОВАНИЯ РОЛИ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ

**БОБОЕВ МИРЗОАЛИ МИРЗОНАЗАРОВИЧ,**
действующий специалист кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 933-33-41-96. E-mail: mirzoali.boboev.92@mail.ru

*В данной статье рассмотрены существующие основы создания Национальной Армии, история создания Вооруженных Сил и, прежде всего, основополагающая роль сына нации, основателя национального мира и единства - вождя нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Национальная армия Таджикистана пришла на работу именно усилиями и повседневными усилиями героя нации, Президента страны. Таджикистан с его молодостью считается обладателем поистине совершенной Армии по личному составу, боевой технике, вооружению, материальному обеспечению в соответствии с требованиями современности. Сегодня Правительство Республики Таджикистан успешно наладило военное сотрудничество в предотвращении глобальных угроз со всеми государствами, региональными и международными организациями. Такими уникальными достижениями он воздал должное такому преданному человеку.*

***Ключевые слова.*** *Конституция, 16-я сессия Верховного Совета, Армия, История, Оборона, Безопасность, Регулирование, Закон, Событие, Героизм, Знаковый образ, Дань, Достижение.*

# MAIN FOUNDATIONS OF THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ARMY

**BOBOEV MIRZOALI MIRZONAZAROVICH,**
Current specialist of the department diplomacy and international relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 933-33-41-96. E-mail: mirzoali.boboev.92@mail.ru

*This article discusses the existing foundations for the creation of the National Army, the history of the creation of the Armed Forces and, above all, the fundamental role of the son of the nation, the founder of national peace and unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. The National Army of Tajikistan came to work precisely through the efforts and daily efforts of the hero of the nation, the President of the country. Beloved Tajikistan with its youth is considered the owner of a truly perfect Army in terms of personnel, military equipment, weapons, and material support in accordance with the requirements of modernity. Today, the Government of the Republic of Tajikistan has successfully established military cooperation in preventing global threats with all states, regional and international organizations. With such unique achievements, he paid tribute to such a dedicated person.*

***Keywords:*** *Constitution, 16th session of the Supreme Council, Army, History, Defense, Security, Regulation, Law, Event, Heroism, Iconic image, Tribute, Achievement.*

УДК: 327

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН МИНТАҚАИ МАНФИАТҲОИ ШМА

**ТАЛБАКОВ САИДАҲТАМ ИСРОИЛОВИЧ,**
унвонҷӯйи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиёи ва Аврупои АМИТ.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 987-97-59-46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур манфиатҳои геополитикии ШМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо назардошти вазъи кунунии сиёсати ҷаҳонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Гарчанде, ки андешаҳо атрофи масъалаи мазкур гуногун мебошанд, аммо муаллиф бар ин бовар аст, ки манфиатҳои ШМА дар минтақа ба се асл асос ёфтааст:сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ. Зиёда аз ин ҳар он чиро ШМА дар минтақа пайгирӣ менамояд, ҳамчун механизм ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ дониста мешавад. Бояд қайд намуд, ки новобаста ба монеаҳои ҷойдошта ШМА тавонистааст, ки дар як муддати кӯтоҳ баробар бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ дар самти минтақаи Осиёи Марказӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Инчунин сарфи назар аз рақобатҳои шадид, ШМА ҳамоно ҷиҳати амалӣ сохтани манфиатҳои худ фаъолона амал мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *ШМА, Осиёи Марказӣ, геополитика, энергетика, амният, стратегия, демократия, захираҳо, бозорҳо, таҳдиду хатарҳо, мушкилот, ҳамкорӣ.*

Осиёи Марказӣ ҳамчун як минтақаи калидӣ солҳои охир бештар мавриди таваҷҷуҳи Штатҳои Муттаҳидаи Амрико (минбаъд ШМА) қарор гирифтааст. Ҳарчанд, ки таваҷҷуҳи ШМА баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба минтақа бештар зоҳир гардид, аммо дар маъхазҳои амрикоӣ аз асри XIX дар бораи Осиёи Марказӣ ёдовар гардидаанд. Яке аз маъхазҳои арзишмандтарини амрикоӣ оид ба Осиёи Марказӣ асари «Туркистон» мебошад, ки онро олим ва дипломати амрикоӣ Юҷин Скайлер (Евгений Шулер - 1840-1890) навиштааст. Вай дар солҳои 1867—1875 ҳамчун консули ШМА дар Москва ва Санкт-Петербург ба бисёр минтақаҳои Россия сафар карда, узви Ҷамъияти ҷуғрофиёи рус буд ва ҷомеаи русро аз ҷиҳати сиёсӣ ва маданӣ фаъолона меомӯхт. Азбаски Туркистон то замони сафари Ю. Скайлер аллакай як ҷузъи таркибии империяи Россия қарор гририфта буд, тадқиқоти ӯ барои рушди илмҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва сиёсии ШМА аҳамияти бузург дошт [7. С.89]. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки Юҷин Скайлер нахустин дипломати амрикоие мебошад, ки ба Осиёи Марказӣ сафар кардааст. Бо назардошти он, ки ШМА назар ба дигар қудратҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи худро дертар ба Осиёи Марказӣ равона намуд, (ба монанди Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин), аммо дар муддати кутоҳ ҷиҳати амалӣ намудани манфиатҳои худ муваффақ гардидааст. Аз равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ бармеояд, ки ШМА баъд аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар зинаи сеюми шумори давлатҳои таъсиргузор дар Осиёи Марказӣ қарор дорад.

Ба андешаи Ариел Коен, коршиноси Фонди “Наследие” (Мерос), ки ба таҳлили масъалаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Каспий машғул аст, “манфиатҳои ШМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба се самт равона равона гардидааст: амният, захираҳои энергетикӣ ва демократия” [17. С.1]. Аммо рушди демократия барои ШМА ҳамчун механизм ба шумор меравад, чунки давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба демократия назари шарқиёнаи худро дошта, аз роҳандозии демократияи амрикоӣ манфиатдор нестанд.

Андешаи Метю Кросстон низ ба Ариел Коен ҳамсон буда, ӯ низ рушди демократияро ҷузъи афзалиятноки ҳадафҳои стратегии ШМА меҳисобад [14. С.75]. Вале таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ШМА дар самти рушди демократия дар кишварҳои минтақа манфиат ба даст наовардааст, чунки ин масъала аз ҷониби кишварҳои минтақа

қобили дастгирӣ набуд. Ҳатто донишмандони амрикоӣ низ чунин мавқеъро тасдиқ менамоянд, ки мусоидат ба рушди демократия дар минтақа барои ШМА бесамар боқӣ мемонад. Масалан Миҳалка М. ба ин бовар аст, ки фосилаи дур барои ШМА монеъ мешавад, то дар рушди демократия ва сиёсат мусоидат намояд [18. С.38]. Ҳатто Фредерик Старр, шахсияте, ки аввалин стратегияи ШМА-ро барои Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ намудааст, чунин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ менамояд, ки фавран ба демократия ноил шудан дар минтақа ғайриимкон аст [21. С.169]. Яъне рушди демократия варианти ниҳоии стратегияи ШМА дар минтақа ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз метавон хулоса намуд, ки омилҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ таваҷҷуҳи ШМА-ро ба минтақаи Осиёи Марказӣ бештар ҷалб мекунад.

Аз нуқтаи назари геополитикӣ, Осиёи Марказӣ аз сабаби ҷойгир шуданаш дар чорроҳаи Аврупо, Осиё ва Ховари Миёна аҳамияти стратегӣ дошта, ин мавқеъ боиси таваҷҷуҳи афзоянда ба захираҳои табиии минтақа, аз ҷумла нафт, газ ва канданиҳои фоиданок шудааст, ки барои амнияти ҷаҳонии энергетикӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

**"ШМА дар Осиёи Марказӣ: ташаккули воқеияти нави геополитикӣ"**

Геополитика ба таъсири омилҳои ҷуғрофӣ ба мулоҳизаҳои сиёсӣ ва стратегӣ ишора мекунад, ки ҷойгиршавии стратегии Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи Аврупо, Осиё ва Ховари Миёна онро ба як минтақаи ҳалкунанда барои ШМА табдил додааст. Аҳамияти геополитикии Осиёи Марказӣ аз мавқеи он ҳамчун пуле байни ин минтақаҳои гуногун сарчашма мегирад. Донишмандон таъкид мекунанд, ки ин макон барои ШМА ҳам имконот ва ҳам мушкилот фароҳам оварда, дастрасиро ба бозорҳо, захираҳо ва масирҳои нақлиёт таъмин намуда, онро як минтақаи калидии манфиатҳои иқтисодӣ ва стратегии ШМА месозад.

Илова бар ин, мавқеъи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ аҳамияти таърихӣ дорад. Ин минтақа таърихан зери таъсири империяҳои гуногун, аз ҷумла Муғулҳо, Темуриён ва Русҳо қарор гирифтааст. Дар ҳазорсолаи охир аввалин консепсияе, ки мавқеи геополитикии Осиёи Марказиро ба таври ҷудогона тавсиф намудааст, он минтақаи меҳвари таърих - «Қалби замин» («Хартленд») мебошад, ки аз ҷониби асосгузори мактаби геполитикаи Британияи Кабир Хелфорд Маккиндер пешниҳод гардидааст [12 С.263]. Албатта, минтақаи мавриди назари Маккиндер каме васеътар аз Осиёи Марказӣ мебошад, аммо бо такя ба андешаи З. Бжезинский ва дигар омилҳои муҳимми геополитикӣ, нуқтаи меҳварӣ ва асосии «Қалби ҷаҳон», ҳамин Осиёи Марказӣ мебошад. Чунки З. Бжезинский низ тақрибан монанди Х. Маккиндер андешаеро матраҳ намуда буд, ки агар ҳар миллате бар Осиёи Марказӣ тасаллут ёбад, қатъан метавонад мавқеи Амрикоро дар Халиҷи Форс ба хатар андозад[1. С.28].

Х. Маккиндер вобаста ба ҷаззобияти таърихии минтақаи Осиёи Марказӣ хулосаи хеле аҷоиб мебарорад: «...маҳз ба шарофати фишори варварҳои беруна ба Аврупо муяссар гардид, ки тамаддуни худро ба вуҷуд оварад» ва минбаъд: «Аврупо ва таърихи он... падидаҳои тобеи Осиё ва таърих он мебошанд» [8. С.35]. Яъне ин таърих динамикаи сиёсии минтақаро шакл додааст ва ба мулоҳизаҳои геополитикии муосир таъсир мерасонад. Чунин мавқеи муассири Осиёи Марказӣ аз ҷониби муҳаққиқони ғарбӣ аллакай тасдиқи худро пайдо кардааст. Яъне донишмандони ғарбӣ эътироф менамоянд, ки "сабабҳои мағлубнашавандагии «Хартленд» дар он аст, ки флоти ҳарбии баҳрӣ ба ин минтақа ҳуҷум карда наметавонад ва кӯшишҳои қушунҳои мамлакатҳои баҳрӣ барои забт намудани заминҳои беканори Авруосиё ҳамеша бебарор анҷом меёфтанд" [8. С.36].

Гузашта аз ин, ҷойгиршавии Осиёи Марказӣ дар наздикии манотиқи низоъбарангез, аз қабили Афғонистон, Эрон ва Қафқоз, аҳамияти геополитикии онро афзун мекунад. Субот ва амнияти Осиёи Марказӣ ба амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз

ҷумла ба манфиатҳои ШМА дар мубориза бо терроризм, пешгирии паҳншавии ифротгароӣ ва ҳифзи субот таъсири мустақим дорад.

Рақобати қудратҳои бузурги дар Осиёи Марказӣ низ аҳамияти геополитикии онро боз ҳам бештар мекунад. Русия, Чин ва дигар фаъолони бузург манфиатҳои худро дар минтақа ба таври фаъол дунбол мекунанд, ки дар натиҷа як шабакаи мураккаби ҳамкориҳо ва рақобатҳоро ба вуҷуд меояд. Олимон зарурати таъмини манофеи худ ва нигоҳ доштани нуфузи ШМА-ро барои пешгирӣ кардани ҳама гуна оқибатҳои номатлуб, аз қабили афзоиши шиддат ё мушкилоти гегемония таъкид мекунанд. Масалан, Николас Спайкмен - олими амрикоӣ, профессор, директори Институти муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Йел, дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон стратегияи ҷаҳонии сиёсати хориҷии ШМА-ро ҳамчун «варианти инсондӯстонаи геополитика» коркард намуд. Ӯ дар асоси консепсияи Х. Маккиндер як формулаи наверо пешниҳод кардааст: «Ҳар касе Римлендро идора мекунад, Авруосиёро идора мекунад», «Ҳар касе, ки Авруосиёро идора мекунад, тамоми ҷаҳонро идора мекунад» [8. С.36]. Аз ин бармеояд, ки меҳвари асосии консепсияи Спайкменро низ Осиёи Марказӣ ташкил дода, ШМА баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ манфиатдор шуд, ки таъсири Россияро дар минтақа паст намуда, нуфузи худро паҳн намояд. Сиёсатшиноси америкоӣ Г. Уайҷерт низ гуфта буд, ки “дар давраи баъдиҷангӣ Америка бояд ба озод кардани Авросиё аз ҳар гуна шаклҳои империализм ва дар он ҷо барпо намудани озодӣ ва демократияи америкоӣ ҳисса гузорад” [3. С. 301].

Лозим ба ёдоварист, ки ҷиҳати амалисозии манфитаҳои худ ШМА дар самти Осиёи Марказӣ ба якчанд монеаҳо дучор мешавад, ки дараҷаи самаранокии стратегияҳои тарҳрезигардидаи онро коҳиш медиҳад. Яке аз омилҳои асосии нокомии ШМА ҳамоҳанг насохтани манфиатҳои худ бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ мебошад. Бо назардошти ягона гегемони ҷаҳон будани худ ШМА бавосита ба равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад. Ин дар ҳолест, ки протогегемонҳо бевосита бо истифода аз механизмҳои анъанавии худ ба минтақа таъсиргузор мебошанд. ШМА -ро лозим аст, ки ҷиҳати самаранокии манфиатҳои худ дар минтақа ба масъалаҳое пешдастӣ намояд, ки то ҳол Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар чунин самтҳо фаъол нестанд. Дар ин сурат як ҳамоҳангие миёни қудратҳои ҷаҳонӣ пайдо гардида, аз ҷониби кишварҳои минтақа низ ҷонибдории бештар пайдо мекунад. Ба андешаи пажӯҳишгари рус Андрей Казантсев, «Марказ»-и геополитикӣ қарор гирифтани Осиёи Марказӣ ва ниёзмандии давлатҳои минтақа ба кӯмаки беруна боиси дахолати фаъоли давлатҳои бузург ба корҳои он мегардад. Ин тамоюл дар оянда низ идома хоҳад ёфт, гарчанде, ки он набояд шакли рақобати қудратҳои бузургро дошта бошад. Инҷо сухан дар бораи ҳамкорӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти муҳимми минтақавӣ меравад” [8. С.39]. Мутаасифона, имрӯз стратегияҳои ШМА дар самти Осиёи Марказӣ ҷиҳати паст кардани таъсири Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар минтақа равона гардидааст, ки шиддати рақобатро зиёд намуда, давлатҳои минтақаро дар ҳолати ногувор қарор медиҳанд.

Яъне ҷанбаҳои геополитикии аҳамияти Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷойгиршавии стратегӣ, аҳамияти таърихӣ, наздикӣ ба минтақаҳои моил ба низоъ ва рақобати қудратҳои бузург ба аҳамияти минтақа ҳамчун як минтақаи мавриди таваҷҷӯҳи ШМА мусоидат мекунанд. Ин омилҳо ҷалби таваҷҷуҳи ШМА дар минтақаро шакл медиҳанд ва баррасии дақиқи динамикаи геополитикиро барои ҳифзи манфиатҳои ШМА ва нигоҳ доштани суботи минтақа тақозо мекунанд.

**"ШМА ва Осиёи Марказӣ: бунёди пули иқтисодӣ барои муваффақият"**

Аз ҷиҳати иқтисодӣ Осиёи Марказӣ минтақае аст, ки имкониятҳои тиҷорат ва сармоягузориро дар худ фароҳам месозад. Бозорҳои афзоянда ва захираҳои табиии минтақа тоҷирони аврупоӣ ва амрикоиро ҷалб мекунанд. Вазъи кунунии ҳамкориҳо ба зарурати ШМА барои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, баркарор кардани равобити тиҷоратӣ ва мусоидат ба сармоягузорӣ ба хотири таҳкими суботи минтақа ва ҳимоят аз манфиатҳои иқтисодии худ таъкид мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки мақсади асосии ШМА дар минтақа, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодӣ мебошад [9. С.62]. Ҳарчанд, ки мавқеи Тоҷикистон, Қирғизистон ба манфиатҳои иқтисодии ШМА мувофиқ нест, аммо қудрати иқтисодӣ ва захираҳои табиии Қазоқистон ва мақому ҳашамати сиёсии Узбекистон дар таъмини сулҳу суботи минтақа онҳоро ба манбаи манфиатҳои иқтисодии ШМА табдил додааст. Ин тамоюлро дар сармоягузориҳои ШМА низ метавонем мушоҳида намоем, ки соли 2018 ба Қазоқистон ба андозаи 5,4 млрд доллар буда, дар гузориши Бонки марказии Узбакистон гуфта мешавад, ки беш аз чоряки сармоягузории хориҷии Узбекистон дар чаҳор моҳи аввали соли 2018 аз Амрико ворид шудааст. Яъне дар чаҳор моҳи аввали соли 2018 сармоягузории хориҷии ШМА дар Ӯзбекистон 28% аз ҳаҷми умумии сармоягузориии хориҷиро ташкил додааст [6]. Бесабаб нест, ки таҳлили мазкур танҳо соли 2018-ро дар бар мегирад, чунки ин анҷом ва натиҷаи стратегияи аввалини ШМА дар Осиёи Марказӣ мебошад. Дар соли 2019 бошад дуюмин стратегияи ШМА дар Осиёи Марказӣ қабул гардид, ки дар марҳилаи амалишавӣ қарор дорад.

Туркманистон сиёсати хориҷии хос ва назар ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ фарққунанда дорад, аммо ШМА кӯшиш мекунад ҳамкориҳои иқтисодиро бо Туркманистон низ густариш диҳад. Манфиатҳои иқтисодии ШМА дар Туркманистон ба захираҳои энергетикӣ алоқаманд аст. Чунки Туркманистон аз руйи захираҳои гази табиии худ дар ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол мекунад. Сафири Амрико дар Ашқобод М. С. Климов тобистони соли 2019 ҳангоми таъйин шуданаш дар Департаменти давлатӣ ба ҳайси роҳбари намояндагии дипломатӣ ваъда дода буд, ки «барои мусоидат ба диверсификатсияи бозорҳои содиротии гази Туркманистон ҳам тавассути баҳри Хазар ва ҳам тавассути Осиёи Ҷанубӣ тамоми саъю кушишро равона мекунам» [2. С.441].

Гарчанде, ки вазъи иқтисодии Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷавобгӯи манфиатҳои ШМА нестанд, аммо ШМА бо мақсади амалӣ намудани стратегияи ояндадори худ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва Қирғизистон сармоягузорӣ мекунад. Аз соли 2007 то соли 2020 ШМА ба иқтисодиёти Тоҷикистон бо маблағи 702,8 млн. долл. ШМА сармоягузори намудааст, ки 6,8%-и сармоягузории хориҷии Тоҷикистонро ташкил дода, баъд аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия дар ҷойи 3-юм қарор дорад [16]. Дар тули ин муддат ШМА ба соҳаи алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат сармоягузорӣ намудааст, ки чунин соҳаҳо меҳвари иқтсодиёти Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ ШМА барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 1.8 миллиард доллар ҷудо намудааст [15]. Ҳарчанд, ки Тоҷикистон барои тоҷирони амрикоӣ таваҷҷуҳпазир нест, аммо ШМА ба туфайли сармоягузориҳои худ, дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири назаррас дорад.

Комилан равшан аст, ки мардуми кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоюл ба ислоҳот доранд, вале на ба ислоҳоти сиёсӣ. Онҳо асосан ба озодии сиёсӣ ва демократия не, балки ба беҳтар шудани шароити иқтисодӣ ҳавасманд мебошанд [14. С.108]. Аз лиҳози ҷуғрофӣ миёни ШМА ва Осиёи Марказӣ фосилаи зиёд ҷой дорад, аз ҷониби дигар дастрасӣ ба бозорҳои минтақа монеа барои ШМА ба шумор меравад. Аммо ба ин ҳама

монеаҳо нигоҳ накарда ШМА кушиш мекунад, то аз тамоюли кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ истифода намояд.

Бесабаб нест, ки таваҷҷуҳи ШМА ба минтақаи Осиёи Марказӣ аз нимаи дуюми солҳои навадуми асри гузашта ба таври возеҳ пайдо шуд. Чунки дар ин давра ҳаҷми воқеии захираҳои карбогидрид дар ин қисмати баҳри Хазар маълум шуд ва нафту гази Осиёи Марказӣ ҳамчун алтернатива ба Ховари Миёна таваҷҷуҳи хосаро касб намуд [5. С.184]. Яъне яке аз ҷанбаҳои муҳими аҳамияти иқтисодии Осиёи Марказӣ захираҳои фаровони энергетикии он, бахусус нафт, газ ва канданиҳои табиӣ мебошад. Ин захираҳо барои амнияти ҷаҳонии энергетикӣ муҳим буда, таваҷҷуҳи доираҳои аврупоӣ ва амрикоиро ба худ ҷалб кардаанд. ШМА, аз ҷумла, кӯшиш мекунад, ки дастрасӣ ба ин манобеъро таъмин созад, то истиқлолияти энергетикии худ ва иттифоқчиёнашро афзоиш дода, вобастагӣ ба минтақаҳоеро, ки метавонанд хатарҳои геополитикӣ ё амниятӣ эҷод кунанд, коҳиш диҳад.

Иқтидори энергияи барқароршавандаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла гидроэнергетика аз 275 то 30 000 МВт, нерӯи офтоб аз 195 000 то 3 760 000 МВт, нерӯи шамол аз 1500 то 354 000 МВт, неруи геотермалӣ аз 2 то 54 000 МВт ва биоэнергетика аз 2 МВт 08 мебошад. Ҳарчанд коршиносон тахмин мезананд, ки дар минтақа иқтидори назарраси манобеъи барқароршавандаи энергия мавҷуд аст, аммо истифодаи он хеле кам аст (масалан, дар нерӯгоҳи хурди обӣ дар панҷ кишвар ҳамагӣ 5-225 МВт) [11. С.26]. Ба ин хотир на танҳо ШМА балки тамоми қудратҳои ҷаҳонӣ мехоҳанд ба чунин энергияи арзони барқароршаванда дастрасии бехатар дошта бошанд. Чунки Осиёи Марказӣ барои эҷоди бахшҳои устувори энергетикӣ мавқеъи хуб дорад: 5,5% иқтидори гидроэнергетикии камхарҷи ҷаҳон, асосан дар Тоҷикистон ва Қирғизистон; ба ҳисоби миёна 3000-3600 соат дар як сол иқтидори радиатсияи офтобӣ дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон; инчунин 1,3 триллион кВт-соат дар як сол иқтидори шамол танҳо дар дарвозаҳои Ҷунгар дар Шарқи Қазоқистон маҳфуз мебошад [20. С.218–223]. Гузашта аз ин, на танҳо захираҳои табиии минтақаи Осиёи Марказӣ, балки мавқеи ҷуғрофии минтақа ҷиҳати истифодаи захираҳо барои ШМА таваҷҷуҳпазир мебошад, чунки бо назардошти ҷойгиршавӣ дар қалби Авруосиё имкон дорад, ки дар минтақа долонҳои нави фароқитъавӣ дар масирҳои Ғарб-Шарқ, Шимол-Ҷануб роҳандозӣ гардида, воқеияти нави геополитикии асри XXI шакл гирад.

Илова бар ин қисми зиёди ҳавзаи баҳри Хазар ба Осиёи Миёна ҳамсарҳад буда, Туркманистон ва Қазоқистон дастрасии бевосита доранд. Захираҳои собитшудаи сӯзишвории он (ба истисноси саҳми Эрон) дар ҳоли ҳозир 85 миллиард баррел (11,6 миллиард тонна) нафт ва иқтидори эҳтимолии он ҳудуди 100 миллиард баррел (13,6 миллиард тонна) бештар арзёбӣ мешавад. Коршиносони амрикоӣ рақамҳои камтари захираҳои собитшудаи нафти Хазарро (2,5-5 миллиард тонна) нишон медиҳанд, аммо онҳо захираҳои эҳтимолиро бештар арзёбӣ мекунанд. Дар маҷмуъ, иқтидори умумии захираҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин аст: гази табиӣ - зиёда аз 12 триллион метри мукааб (тақрибан 5 триллион метри мукааб кашф шудааст), конденсати газ - тақрибан 1 миллиард тонна, нафт - тақрибан 13 миллиард тонна. Захираи ангишти кашфшуда — зиёда аз 4 миллиард тонна [13. С.36]. Аз ин лиҳоз ШМА кушиш дорад ҷиҳати ҳифзи манфиат ва диверсификатсияи манбаъҳои захиравӣ, ҳузури худро дар минтақа мустаҳкам намояд.

Илова бар ин, ШМА ҳамчунин дар Осиёи Марказӣ иқтидори ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, нақлиёт ва мубориза бо терроризмро мебинад, ки ба он имкон медиҳад робитаҳои сиёсиву иқтисодии худро дар минтақа таҳким бахшад. Дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 30 миллиард тонна захираи тасдиқшудаи нафт ва беш

аз 20 триллион метри мукааб газ мавҷуд аст, ки минтақаро аз ҷиҳати захираҳои нафту газ пас аз нимҷазираи Арабистон дар ҷои дуввум қарор медиҳад [4]. Инчунин минтақа дорои захираҳои зиёди металлҳои сиёҳ, ранга ва нодир буда, аз рӯи ҳаҷми умумии истихроҷи тилло (Узбекистон – 90 тонна, Қирғизистон – 24, Қазоқистон – 18,9) дар ҷаҳон ҷойи 9-умро ишғол мекунад.

Ба ҷуз аз захираҳои энергетикӣ, мавқеи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ ҳамчунин имкони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди зерсохторро фароҳам меорад. Ин минтақа ҳамчун маркази транзитӣ барои роҳҳои гуногуни тиҷоратӣ, аз ҷумла Роҳи таърихии Абрешим хизмат мекунад. Иқтидори шабакаҳои тиҷоратӣ ва нақлиётие, ки Аврупо, Осиё ва Ховари Миёнаро мепайванданд, имкони рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳоро дар минтақа фароҳам меоранд.

Гузашта аз ин, бозорҳои дар ҳоли рушд ва иқтидори истифоданашудаи Осиёи Марказӣ соҳибкорони аврупоӣ ва амрикоиро ҷалб мекунанд. Пойгоҳи истеъмолии афзоянда ва афзоиши қобилияти харидории минтақа онро ба як макони ҷолиб барои сармоягузорӣ ва тиҷорат табдил медиҳад. Зарурати дастёбӣ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, роҳандозии равобити тиҷорӣ ва пешбурди сармоягузорӣ дар Осиёи Марказӣ барои тақвияти суботи минтақа ва ҳимоят аз манофеи иқтисодии худ таваҷҷуҳи ШМА -ро бештар ҷалб мекунад.

Бояд қайд кард, ки мулоҳизаҳои иқтисодӣ бо омилҳои густурдаи геополитикӣ ва амниятӣ низ алоқаманд мебошанд. Рушди иқтисодӣ ва субот дар Осиёи Марказӣ, барои амнияти минтақавӣ, васила муқовимат ба идеологияҳои ифротгароӣ, таҳкими суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз назари мо, дар ин қисмат метавон корҳои зиёдеро дар бобати таъминоти энергетикӣ, сӯзишворӣ, «иқтисоди сабз», рушди хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт, беҳтар сохтани муҳити зист ва ғайра бо истифода аз технологияҳои муосир ва роҳҳои инноватсионии ҳалли мушкилиҳо дастаҷамъона анҷом дод, ки дар маҷмӯъ ба инкишофи устувори иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар ниҳояти кор ба таҳкими равандҳои интегратсионӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ оварда мерасонад [10. С.41].

“Амнияти ШМА аз Осиёи Марказӣ оғоз мешавад: ҳамкорӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳо”

Ҷолишҳои амниятӣ механизме ба шумор меравад, ки таваҷҷуҳи Амрикоро ба Осиёи Марказӣ ҷалб мекунанд. Минтақа бо таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва қочоқи моводи мухаддир мувоҷеҳ буда, аҳамияти мубориза бо ин ҷолишҳоро барои ҳифзи манфиатҳои амнияти миллии ШМА зарур мегардонад. Ҳамкориҳои ШМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати тақвият бахшидан ба амният, ҷилавгирӣ аз густариши ифротгароӣ ва нооором кардани субот дар минтақа муҳим арзёбӣ мешавад. Албатта, Осиёи Марказӣ бо таҳдидҳои мухталифи амниятӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои созмонёфтаи фаромиллӣ ва қочоқи моводи мухаддир рӯ ба рӯ буда, ин омил ба талошҳои зиддитеррористии ШМА дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Чи тавре, ки роҷеъ ба таваҷҷуҳи иқтисодии ШМА дар минтақа гуфтем, аммо баъзе аз коршиносон чунин таваҷҷуҳро ба коҳиши таҳдидҳои амниятӣ рабт медиҳанд.

Ба андешаи доктор Роберт Г. Т., адъюнкт-профессори идоракунии маъмурии колеҷи Медейл, “дар рӯзномаи сиёсати осиёимарказии маъмурияти Кохи Сафед як вазифаи дипломатии императивӣ (ҳатмӣ) аҳамияти муҳим дорад: бо ҳар роҳ ба татбиқи ислоҳоти зарурии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа ноил шудан, мусоидат ба истиқрори демократия ва озодӣ ва ба ин васила коҳиш додани таҳдидҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ” [14. С.107]. Аз равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ бармеояд, ки чунин нуқтаи назар ба воқеияти кунунӣ наздикӣ дорад. Чунки ШМА ба бозорҳои

минтақа дастрасӣ надорад ва манфиатҳои иқтисодии худро дар заминаи пешгирии таҳдидҳои амниятӣ роҳандозӣ менамояд. Гарчанде ки кишварҳои минтақа ба диверсификатсияи иқтисодӣ тамоюл доранд, аммо дар навбати худ бо назардошти фосилаи дур аз ШМА тақозои ҳамкориҳои амниятиашон зиёдтар аст.

Ба андешаи Чарлз Мейнс, ҳуҷуми террористон ба ШМА имкон фароҳам овард, то Осиёи Марказиро барои худ кушояд [19. С. 120-132]. Чунки яке аз чолишҳои муҳими амниятӣ дар Осиёи Марказӣ ҳузури гурӯҳҳои террористӣ ва иқтидори густариши ақидаҳои ифротӣ мебошад. Зарурати муқовимат бо ин таҳдидҳо барои ҳифзи амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ кишварҳои минтақаро водор месозад, ки бо ШМА ҳамкориҳои густурда дошта бошанд, зеро чунин таҳдидҳо имкони ноором кардани на танҳо Осиёи Марказӣ, балки кишварҳои ҳамсояро доранд ва ҳатто ба амнияти ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд.

Ҷиҳати пешгирии чолишҳои амниятӣ ШМА дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ стратегия ва ташаббусҳои зиддитеррористӣ таҳия намудааст, ки аҳамияти ҳамкориҳои густурдаи амниятӣ, табодули иттилоот, эҳёи тавонмандӣ ва барномаҳои омӯзишӣ барои мубориза бо терроризм ва ифротгароиро фаро мегирад.

Илова бар ин, ШМА аҳамияти ҳалли омилҳои иҷтимоию иқтисодиро, ки ба чолишҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунанд, эътироф мекунад. Вобаста ба ин ИМА ҷиҳати бартараф намудани бархӯрдҳои фарогире, ки ба иллатҳои аслӣ, аз қабили фақр, бекорӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ, ҷилавгирӣ аз тундгаро шудани афрод ва мусоидат ба субот дар минтақаро ҳамчун афзалияти ҳамкориҳо қарор додааст.

Барои ҳалли ин масъалаҳои печида ШМА равишҳои гуногуни сиёсиро нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ қабул намудааст, ки онҳо иборатанд аз ҷалби дипломатӣ, кӯмаки иқтисодӣ, ҳамкориҳои амниятӣ ва дастгирии созмонҳои минтақавӣ. Аммо вобаста ба дурнамои ҳамкориҳо зарурати ҳамоҳангсозии бештар лозим аст.

Бо назардошти комёбиҳои назаррас дар соҳаҳои гуногун, манфиатҳои ШМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо як қатор чолишҳо, аз ҷумла печидаҳои геополитикӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва қудратҳои рақобатпазири минтақавӣ рӯбарӯ ҳастанд.

Аввалан, печидагиҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ барои манофеи ШМА чолишҳои ҷиддиро эҷод мекунанд. Минтақа аз панҷ кишвари дорои фарҳанг, забон ва собиқаи таърихии муштарак иборат аст, ки барои паймоиши иттифоқҳо ва шарикии сиёсӣ табиатан мураккаб аст. Чунки арзишҳои ғарбӣ барои ҷомеаи кишварҳои минтақа таҳаммулнопазиранд. Гузашта аз ин, ҳузури қудратҳои берунаи рақобаткунанда, аз қабили Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин манзараи геополитикиро боз ҳам печидатар мекунад ва барои ШМА дар эҷоди нуфуз ва нигоҳ доштани шарикии стратегӣ мушкилот эҷод мекунад.

Сониян, таҳдидҳои амниятӣ дар минтақа барои манофеи ШМА нигаронии ҷиддӣ доранд, чунки Осиёи Марказӣ дар наздикии минтақаҳои ноором, аз ҷумла Афғонистон ва Ховари Миёна ҷойгир аст ва ин мавқеъ хатари паҳншавии оқибатҳои даргириҳо, терроризм ва ифротгароиро афзоиш медиҳад. Мавҷудияти гурӯҳҳои радикалӣ, шабакаҳои қочоқи маводи мухаддир ва созмонҳои ҷиноии фаромиллӣ чолишҳои амниятиро, ки ШМА бо онҳо рӯбарӯ аст, шадидтар мекунад. Ҳарчанд таъмини суботи минтақавӣ, мубориза бо терроризм ва пешгирии паҳншавии идеологияҳои ифротӣ аз авлавиятҳои асосии амниятии ШМА дар Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад, аммо бо назардошти он, ки муддати 20 соли мубориза бо терроризм дар Афғонистон ШМА натавонист самараи дилхоҳро ба даст оварад, кишварҳои минтақаро мутақоид созад. Аз ҷониби дигар, таҷрибаи иштироки ШМА дар ноором иҳои давлатҳои ҷудогонаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки ШМА дар пешгирӣ ва бартараф намудани ноормиҳо саҳми

ҳалкунанда надошт. Ин боис мешавад, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати таҳкими амният ба ШМА такя накарда, баръакс ҷониби Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин майл намоянд, чунки аллакай дар ниҳодҳои ҳамгироии хислати амниятӣ доштаи минтақа аъзо ҳастанд.

Гузашта аз ин, рақобати қудратҳои минтақавӣ, ба хусус Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, монеаи дигаре барои манофеи ШМА дар минтақа мебошад. Ин қудратҳо аллакай нуфузи худро дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, тавассути сармоягузориҳои иқтисодӣ, тарҳҳои энергетикӣ ва ҳамкориҳои низомӣ афзоиш додаанд. ШМА бояд дар ин манзараи рақобатпазир паймоиш намояд ва роҳҳои пешбурди манфиатҳои худро дар баробари ҳалли нигарониҳо ва ормонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба далели наздикии ҷуғрофӣ ва ангезаҳои иқтисодӣ ба ин қудратҳои минтақавӣ тамоюл доранд, пайдо намояд.

Дар маҷмуъ, барои ҳалли бомуваффақияти ин монеаҳо фаҳмиши нозукии динамикаи минтақа, шарикии стратегӣ ва бархӯрди ҳамаҷониба, ки дипломатия, ҳамкориҳои амниятӣ ва ҳамкориҳои иқтисодиро муттаҳид мекунад, тақозо карда мешавад.

**Инчунин бояд қайд намуд, ки манфиатҳои ШМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои кишварҳои минтақа ҳам паёмадҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад.**

Ҷанбаи мусбии масъала дар он аст, ки ҳамкории ШМА дар Осиёи Марказӣ ба рушди иқтисодӣ ва диверсификатсия мусоидат менамояд. Тавассути сармоягузорӣ, кӯмаки техникӣ ва шарикии тиҷоратӣ ШМА дар пешбурди рушди иқтисодӣ, беҳтар намудани инфрасохтор ва мусоидат ба алоқаи минтақавӣ саҳмгузор аст. Ин боиси афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва тавсеаи имконоти тиҷорат гардидааст, ки ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири мусбат расониданд.

Илова бар ин, манфиатҳои ШМА ба рушди институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар минтақа мусоидат намуда, дар рушди чунин соҳаҳо, аз қабили идоракунӣ, волоияти қонун ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯмак ва таҷриба пешниҳод намудааст. Ин омил ба таҳкими шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон мусоидат намуда, дар пешрафти арзишҳо ва институтҳои демократӣ дар Осиёи Марказӣ саҳм гузошт.

Бо вуҷуди ин, оқибатҳои манфии марбут ба манфиатҳои ШМА дар минтақа низ мавҷуданд, ки яке аз нигарониҳо эҳтимолияти афзоиши вобастагӣ аз ШМА ва дигаре аз қудратҳои беруна мебошад. Бархе мунаққидон бар ин назаранд, ки вобастагии шадид ба кумак ва сармоягузории хориҷӣ метавонад ба осебпазирии иқтисодӣ мунҷар шавад ва мустақилияти кишварҳои Осиёи Марказиро дар таҳияи роҳҳои рушди худ маҳдуд созад. Гузашта аз ин, дахолати ШМА дар умури амнияти минтақа, аз қабили талошҳои зиддитеррористӣ, нигарониҳоро дар бораи эрозияи соҳибихтиёрӣ ва дахолати эҳтимолӣ ба корҳои дохилӣ ба вуҷуд овардааст.

Аз равандҳои сиёсии минтақа бармеояд, ки ҳузури ШМА дар Осиёи Марказӣ танишҳои геополитикӣ ва рақобатро миёни қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ба вуҷуд овардааст. Ба хусус Русия ва Чин ҳузури Амрикоро таҷовузи доираҳои нуфузи худ медонанд ва бо ташаббусҳо ва сармоягузориҳои худ дар минтақа посух додаанд. Давр натиҷа ин ба як муҳити мураккаби геополитикӣ оварда расонд, ки дар он кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд бо манфиатҳои рақобаткунанда паймоиш намоянд ва муносибатҳои худро бо қудратҳои гуногуни беруна бодиққат мувозинат созанд.

Дар маҷмуъ, манофеъи Амрико дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои кишварҳои минтақа паёмадҳои мусбат ва манфӣ дорад. Гарчанде ки ШМА ба рушди иқтисодӣ,

таҳкими институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон саҳмгузор аст, аммо нигарониҳо дар бораи вобастагӣ, дахолати эҳтимолӣ ва ташаннуҷи геополитикӣ вуҷуд доранд. Ба даст овардани мувозинат байни манфиатҳо ва мушкилот дипломатияи дурбинона, ҳамкориҳои минтақавӣ ва талоши шарикии мутақобилан судмандро тақозо менамояд.

Хулоса, Осиёи Марказӣ ба як минтақаи мавриди таваҷҷуҳи бештари ШМА табдил ёфтааст, ки ин аз рушди ҳамкориҳо ва натиҷаҳои назарраси ҳамкориҳо шаҳодат медиҳад. Аммо то ҳол ШМА дар минтақа ҷойгоҳи муайян, мушаххас ва эътимоднокро соҳиб нагардидааст. Новобаста ба тағйири ҳокимият дар ШМА дар стратегияи дарозмуддати ин кишвар Осиёи Марказӣ дар маркази таваҷҷуҳ боқӣ мемонад. Омилҳои геополитикӣ, мулоҳизаҳои иқтисодӣ, чолишҳои амниятӣ ва рақобати қудратҳо ҳама омилҳои асосии таваҷҷуҳи ШМА ба ин минтақа мебошанд. ШМА кӯшиш мекунад, ки дастрасӣ ба манобеъи энергетикӣ, мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ, мусоидат ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва нигоҳ доштани нуфуз дар баробари қудратҳои рақобаткунандаро тавсиа бахшад ва аз ҳамин тариқ мавқеъ ва нуфузи худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин намояд.

**Адабиёт**


1. Бержинский Збигнев. Тарҳи бозӣ. Тарҷумаи Меҳрдоди Ризоиён. Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1378ш.
2. Владимир А. Пономарев: Об основных направлениях политики США в Центральной Азии / Международные отношения и мировая политика/ Проблемы постсоветского пространства 2020; 7(4).
3. Гаджиев К. С. Введение в политическую науку. – М.: Институт «Открытое общество», 1997. С. 301.
4. Запасы нефти на территории государств Центральной Азии составляют более 30 млрд. тонн ABC.AZ https://abc.az/ru/news/124161/zapasy-nefti-na-territorii-gosudarstv-centralnoi-azii-sostavlyayut-bolee-30-mlrd-tonn?ysclid=lm7ty12dvm692486336 - (санаи муроҷиат: 6. 09. 2023)
5. Иманбеков У.Т. Американские интересы в Центральной Азии в контексте их геополитических целей / Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана №3, 2016.
6. Инвестиции США в Узбекистан резко возросли в 2018 году (asia-news.com) - https://central.asia-news.com/ru/articles/cnmi_ca/features/2018/07/06/feature-01 – (санаи муроҷиат 30. 08. 2023)
7. Кыдырбекулы Д. Б. Геостратегия США в Казахстане: от глобального к малому измерению. – Алматы: МерСал, 2003.
8. Кылычев А.М., МУСА кызы А. Западные ученые и политики о геостратегическом значении Центральной Азии / Вестник северо-восточного федерального университета им. М.К. Аммосова. Серия: История. Политология. Право. 2017. № 4 (08).
9. Каримов Ш. Т. Стратегияи нави ИМА оид ба Осиёи Марказӣ: ҳалли мушкилиҳо кадом аст? / Ахбори АМИТ-шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №1, 2020.
10. Каримов Ш.Т. ШМА ва Созмони Ҳамкории Шанхай: мушкилиҳо ва дурнамои инкишофи муносибатҳо // Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико. Душанбе: “Дониш”, 2023. С.33-45
11. Лалджебаев М. Исаев Р. Саухимов А. Возобновляемые источники энергии в Центральной Азии: потенциал, использование, перспективы и барьеры / Университет Центральной Азии. Высшая Школа Развития. Институт государственного управления и политики / ДОКЛАД №71, 2022.

12. Маккиндер Ҳ.Ҷ. Democratic Ideals and Reality. New-York: Norton and Company, 1962м.

13. Прокофьев И. О балансе геополитических интересов в Центральной Азии // Сотрудничество стран Центральной Азии и США по обеспечению безопасности в регионе. Материалы международной конференции /под ред. М. Ашимбаева и Дж. Меннути. – Алматы: ИМЭП, 2005.

14. Роберт Г.Т. От Центральной Азии к большой Центральной Азии: цели и корректировки стратегии США в ЦА / Центральная Азия и Кавказ №3 (63) 2009.

15. Сафорати ИМА дар Тоҷикистон - https://tj.usembassy.gov/tg/our-relationship-tg/policy-history-tg/io-tg/ (санаи муроҷиат: 5. 09. 2023)

16. Таҳлили аналитикӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007 – 2020 / Манбаи элктронӣ дар шакли pdf аз сомонаи investcom.tj (санаи муроҷиат: 5. 09. 2023)

17. Cohen A. U.S. Interests and Central Asia energy security / Backgrounder, 15 November 2006, No. 1984.

18. Mihalka M. Not much of a game: Security dinamics in Central Asia // The China and Eurasia Forum Quarterly, 2007, Vol. 5, No.2.

19. Manes Ch. America discovers Central Asia // Foreign affairs / April 2003. Vol. 82, No. 2.

20. Romen Zakhidov, “Central Asian Countries Energy System and Role of Renewable Energy Sources,” Applied Solar Energy 44, no. 3 (2008): P. 218–223.

21. Starr S. F. A partnership for Central Asia // Foreign affairs, July/August 2005, Vol. 84. No. 4.

## ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ КАК РЕГИОН ИНТЕРЕСОВ США

**ТАЛБАКОВ САИДАХТАМ ИСРОИЛОВИЧ,**
соискатель Института изучения вопросов стран Азии и Европы НАНТ.
734025, г.Душанбе, проспект Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 987-97-59-46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*В данной статье с учетом современного состояния мировой политики анализируются вопросы геополитических интересов США в Центральноазиатском регионе. Хотя относительно данного вопроса существуют разные мнения, автор статьи придерживается мнением о том, что основу интересов США в регионе определяют следующие три основных направления: политика, энергетика и безопасность. При этом все, что США преследуют в регионе, рассматривается как механизм достижения основных целей. Следует отметить, что, невзирая на существующие препятствия, США за короткий период времени вместе с другими мировыми державами сумели добиться значительных успехов в центральноазиатском регионе. Несмотря на острую конкуренцию, США по-прежнему активно отстаивают свои интересы в этом регионе.*

***Ключевые слова:*** *США, Центральная Азия, геополитика, энергетика, безопасность, стратегия, демократия, ресурсы, рынки, угрозы и риски, проблемы, сотрудничество.*

## CENTRAL ASIA AS A REGION OF INTERESTS OF THE USA

**TALBAKOV SAIDAHTAM ISROILOVICH,**
Applicant of the Institute for the Study of Asian and European Issues, NAST.
734025, Dushanbe, 33 Rudaki ave.
Phone: (+992) 987-97-59-46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*This article, taking into account the current state of world politics, analyzes issues regarding the geopolitical interests of the United States in the Central Asian region. Although there are different opinions on this issue, the author of the article adheres to the opinion that the following three main areas are determined by the basis of the interests of the United States in the region: politics, economics and security. Moreover, everything that the United States is pursuing in the region is considered as a mechanism for achieving the main goals. It should be noted that despite the existing obstacles, the United States in a short period of time, together with other world powers, managed to achieve significant success in the Central Asian region. Despite acute competition, the United States still actively defend its interests in this region.*

***Keywords:*** *USA, Central Asia, geopolitics, energy, security, strategy, democracy, resources, markets, threats and risks, problems, cooperation.*

УДК: 325.14

# ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ БА СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕР ҚУРБОН,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расонида буд. Дар натиҷаи низоъҳои баамаломада ба иқтисодиёти кишвар бештар аз 10 млрд доллари амрикоӣ зарар расонида шуд. Гузашта аз ин, кишварро буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ фаро гирифта буд. Дар чунин шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири омилҳои номбар гардида чандин мавҷи муҳоҷират ба амал омад. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таъсири ҷанги шаҳрвандӣ кишварро аҳолии рус забон ва намояндагони миллатҳои дигар тарк намуданд. Дар ин раванд мутахассисони баланд ихтисос хеле зиёд ба хориҷи кишвар рафтанд. Дар солҳои минбаъда бошад зери таъсири бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳолии муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ овараданд. Чунин тамоюлот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт таҳҷоӣ низ барои пайдо намудани ҷойи кор ва ба даст овардани маблағ ба, ки барои танзими муҳоҷират ва аз ҳама муҳим барои аз байн бурдани бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои дахлдор андешад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ барои ҳалли масъалаҳои номбаргардида чӣ дар сиёсати дохилӣ ва чӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Аз қабули стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, то амалӣ намудани барномаҳои рушди иқтисодӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҷиҳати танзими равандҳои муҳоҷират ба онҳо мисол шуда метавонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, буҳронҳои иқтисодӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи зиндагӣ, ҷойҳои корӣ, танзими муҳоҷират, рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ.*

Таҳлили равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин масъала барои кишвар нав нест, зеро то замони ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ аҳолӣ даромади камтар дошт. Агар имрӯз сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ муқоиса кунем, метавонем мушкилиҳои зиёди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, маънавӣ, идеологӣ ва фарҳангии ҷомеаро мушоҳида кунем, ки дар самти афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ монеаҳо эҷод намудаанд.

Таҳлили масъалаи муҳоҷират дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои ҷангӣ шаҳрвандӣ ва давраи баъдиҷангӣ дар қатори дигар мушкилоти иҷтимоӣ, ки дар назди ҷумҳурӣ қарор дошт, ҷиддитарин ва муҳимтарин мушкилот ин камбизоатӣ ба шумор мерафт. Дар он давра зиёда аз 64% аҳолӣ ва ҳатто аз ин ҳам бештар зери таъсири камбизоатӣ қарор доштанд. Дар асоси баррасии ҳолат ва сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд қайд кард, ки Ҳукумати кишвар марҳила ба марҳила баланд бардоштани сатҳи таъминоти неъматҳои моддии аҳолиро пайгирӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки онро ба талаботи одамон ҷавобгӯ гардонад. Яке аз чаҳор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба хотири таъмини амнияти озуқаворӣ қабул гардидааст.

Бо назардошти сабабҳои пайдоиш ва оқибатҳои ногувори муҳоҷират, омӯзиши ин масъала дар доираи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва дарёфти роҳу воситаҳои танзими равандҳои муҳоҷират дар шароити муосир аҳамияти муҳим доранд. Мутобиқан омилҳои шиддат гирифтани раванди муҳоҷират дар давраи демократикунонии ҷомеа дар

ҳолати мавҷудияти зиддиятҳо ва гузариш ба ҳаракати нисбатан устувори аҳолӣ рост меоянд. Бинобар ин, дар шароити имрӯза танзими равандҳои муҳоҷират яке аз вазифаҳои асосии сиёсати ҳар як давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Таҳлили моҳият ва вазифаҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир олимони зиёди кишварҳои ИДМ дар омӯзиши нақши муҳоҷирати аҳолӣ дар сиёсати иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Таҳлили мафҳум ва моҳияти муҳоҷират дар сиёсати иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Агар таҷрибаи таърихӣ ва натиҷаи амалӣ ба назар гирифта шавад, пас метавон қайд намуд, ки муҳоҷират ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири сиёсати иҷтимоӣ дар ҳар як давлат ва ҷомеа вуҷуд дорад ва амал менамояд.

Пайдо шудани давлатҳои нави мустақил дар қаламрави собиқ Иттифоқи Шӯравӣ аҳолии як замон муттаҳидро бо монеаҳои шаҳрвандӣ, асъор ва гумрукӣ ҷудо намуд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ, панҷ ҷумҳурӣ, ки ба ҳайати давлати шӯравӣ шомил буданд: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон - ҳамчун давлатҳои мустақил дар раванди ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона ҳамроҳ шуданд. Вазъияти нав зарурати ворид шудан ба сиёсати ҷаҳонӣ ва мувофиқан таҳияи афзалиятҳои рушд дар сиёсати дохилӣ ва хориҷиро пешниҳод менамуд. Чунин ҳолат ба масъалаи танзими равандҳои муҳоҷират дар Осиёи Марказии пасошӯравӣ низ дахл дорад, ки он ба таври дуруст ҳамчун яке аз ҳаракатҳои васеътарин ва мураккабтарини аҳолӣ дар минтақа ва чаҳон дар солҳои охир муайян карда шудааст. [10, с.72-73

Ин проблема то ба имрӯз бо назардошти як қатор омилҳои барои Осиёи Марказӣ хос шиддатнок боқӣ мондааст. Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

-таркиби мураккаби этникии аҳолӣ;

- ноустувории сарҳадоти маъмурӣ-ҳудудии байни кишварҳои нави Осиёи Марказӣ, ки ҳамчун сарчашмаи шиддатнокии муносибатҳои байнидавлатӣ баромад менамояд;

-ба миён омадани низоъҳои ҳарбӣ дар ҳудуди Афғонистон, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади тӯлонӣ дорад, инчунин ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти миқдори зиёди офатҳои экологӣ ва минтақаҳои техногенӣ дар маҳалҳои гуногуни Осиёи Марказӣ;

-ҳимояи нокифояи сарҳадоти берунаи давлатҳои минтақа, ки ба заифгардӣ ё самараи пасти назорати амалкунандаи муҳоҷират оварда мерасонад;

- қувват гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои Осиё тариқи ҳудуди минтақа ба кишварҳои рушд кардаи Ғарб;

- хусусияти умумии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар номутаносибии сохтории пойгоҳи захиравии онҳо зоҳир мегардад ва ба мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар давлатҳои минтақа оварда мерасонад.

Дар шароити имрӯза дар баҳогузории равандҳои муҳоҷират дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ду мавқеи мухталиф ташаккул ёфтаанд. Хусусияти онҳо барои беҳтар фаҳмидани тамоюлҳои асосии рушди ҷараёни баррасишавандаи муҳоҷират дар робита ба марҳилаи ибтидоии рушди соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Мувофиқи мавқеи якум, муҳоҷирати "анъанавӣ" (ҷойивазнамоӣ дар алоқамандӣ бо таҳсил ва издивоҷ) дар Осиёи Марказӣ бо муҳоҷирати иҷборӣ дар як қатор ҷойгир карда шудааст ва васеъ паҳн гардидааст. Ин мавқеъ дар таҳқиқоти Л.Л. Рибаковский ифода карда шудааст. Ба андешаи ӯ, қариб тамоми муҳоҷироне, ки солҳои 1989-1994 ба Федератсияи Россия ворид шудаанд, асосан бо ангезаҳои сиёсӣ ҳиҷрат кардаанд

Намояндагони мавқеи мухолиф чунин мешуморанд, ки муҳоҷират дар шароити нав аз муҳоҷирати мавҷудаи давраи шӯравӣ фарқияте надорад ва бештар хусусияти иқтисодӣ дорад. Муҳим он аст, ки чунин мулоҳизаронихо асосан дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аҳолии онҳо ба муҳоҷират рӯй овардаанд, паҳн шудааст [8, с.25].

Муаллиф чунин мешуморад, ки таснифоти пешниҳодгардида нодуруст аст. Омилҳои иқтисодии муҳоҷирати аҳолии русзабон аз Осиёи Марказӣ омили ягона нест, зеро садҳо ҳазор нафар ба Русия, кишваре, ки худ дар вазъи душвори иқтисодӣ қарор дорад ва пешбинии вазъи сиёсии он ғайриимкон аст, ҳиҷрат менамоянд. Ба гумон аст, ки таъсири бартари дошта ба муҳоҷирати русҳо омили сиёсӣ бошад, ки дар мисоли кишварҳои назди Балтика тасдиқ мегардад. Ҳуқуқи русҳо ҳамчун шаҳрванд, ҳамчун ақаллияти этникӣ дар он ҷо поймол карда мешавад, лекин муҳоҷират аз кишварҳои назди Балтика дар алоқамандӣ бо вазъи мусоиди иқтисодии ин кишварҳо дар сатҳи паст қарор дорад [12, с.51].

Барои баррасии муфассали таъсири омилҳои алоҳида ба раванди муҳоҷирати русзабонон, чунин категорияҳо, ба монанди омилҳо ва сабабҳои муҳоҷирати аҳолиро бодиққат таҳлил кардан лозим аст. Дар ин ҳолат сохтани занҷираи мантиқӣ мувофиқи мақсад аст: омил - сабаб - таъсир. Ин метод барои таҳлили амиқи равандҳои муҳоҷират дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолии русзабон аз Тоҷикистон кӯмак мекунад.

Таҷрибаи таърихӣ, таҳлили назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи нав ба ғайр аз гурӯҳҳои гуногуни этникии Осиёи Марказӣ, намояндагони бисёр миллату халқиятҳо зиндагӣ мекарданд, ки барои онҳо Тоҷикистон ватанӣ таърихӣ нест. Вазъияте, ки гурӯҳҳои серфарзанди русҳо, халқҳои Қафқоз ва ғайраҳоро дар иқомат дар ҳудуди Тоҷикистон маҷбур намудааст, хеле гуногун аст. Аксариятро асолати беназири табиии ин минтақа, захираҳои табиии он, иқлими аҷоиб ба худ ҷалб кардааст.

Лекин, қисми зиёди муҳоҷирон на бо хоҳиши худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд. Чун қоида, се сабаб вуҷуд дошт. Ҷангҳо, сиёсати забткорона ва ҷазодиҳандаи Русияи подшоҳӣ ва сипас Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки зери таъсири халқҳои славянӣ, олмониҳо, намояндагони ҳама халқҳои Қафқоз, миллату халқиятҳои назди Балтика, юнониҳо, тоторҳои Қрим ба Тоҷикистон кӯчонида шуданд. Ҳамаи онҳо дар Тоҷикистон дар шароити қаноатбахш зиндагӣ намуда, барои фаъолияти иқтисодӣ, дастрасии манзил ва ҳифзи фарҳанг ва забони худ имконият пайдо кардаанд.

Дар натиҷаи тағйироте, ки дар асоси ҳаракати табиии муҳоҷират ва инчунин равандҳои вобаста ба афзоиши худшиносии этникӣ дар байни аҳолии таҳҷоии ҷумҳурӣ ба амал омадаанд, боиси коҳиш ёфтани ҳиссаи аҳолии рус забон ва тағйирёбии нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии Тоҷикистон гардид.

Дар сарчашмаҳои илмӣ ташаккули равандҳои муҳоҷират дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давра ҷудо карда мешавад. Нишондиҳандаи муайяннамоии онҳо тағйироти сифатӣ дар рушди равандҳои муҳоҷират аз ҷумҳурӣ, ки ҳам аз дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва ҳам аз давраҳои асосии ташаккули сиёсати давлатӣ дар ин соҳа бармеояд, ба ҳисоб мераванд.

Давраи аввал аз феврали соли 1990 то ноябри соли 1992-ро дар бар мегирад. Ин марҳилаи мубориаи шадиди нерӯҳои гуногуни сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимият ба шумор меравад. Дар ин давра бесарусомонӣ ва бетартибиҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон авҷ гирифта буд. Дар ин давра муҳоҷирон асосан ба ду самт ҳаракат намудаанд: ба кишварҳои ИДМ (асосан ба Федератсияи Русия) ва ба кишварҳои хориҷи дур (ба Олмон ва Исроил), ки бо таркиби қавмии муҳоҷирон алоқаманд буданд. [2]

Давраи дуюм аз моҳи ноябри соли 1992 то соли 1997 -ро дарбар мегирад. Дар ин давра мақсади асосии раванди сиёсӣ хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани ҳамдигарфаҳмӣ ба ҳисоб мерафт. Самти асосӣ тасдиқи асосҳои давлати нави демократӣ, дунявӣ, ягона ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол - ҳамчун кафили ислоҳоти сиёсӣ ва такмили низоми нави сиёсии демократӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезагон хеле зиёд гардида буд. Мақсади онҳо дарёфти маконҳои боамн ва наҷоти ҷони худ буд. Дар ин давра ангезаҳои иқтисодии муҳоҷират хеле кам ба назар мерасид.

Давраи сеюм аз соли 1997, аниқтараш баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад. Ба ин марҳила беҳтар гардидани иқтисодиёт ва баргузории чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ хос аст.

Дар марҳилаи ибтидоии инкишоф, яъне баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо миқдори зиёди мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуд, ки онҳо бо тағйирёбии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ташкили давлатҳои мустақил алоқаманд буданд. Воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ барои ҷумҳурӣ бениҳоят душвор буд ва чунин ҳолат ба вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ таъсир мерасонид. Саноати Тоҷикистон аз оғози ташаккулёбӣ вобастаи ашёи хом, таҷҳизот, инчунин коргарони техникӣ, муҳандисон ва мутахассисони воридшуда буд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ воридшавии ашёи хом ва таҷҳизот (барои корхонаҳо ва заводҳо) қатъ гардиданд ва бидуни онҳо фаъолияти истеҳсолӣ ғайриимкон гардид. Ғайр аз ин, дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ натанҳо ба маҳсулоти истеҳсолшудаи техникӣ талабот ҷой надошт, балки дар аксар корхонаву заводҳо дастгоҳҳои техникӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ вайрону валангор карда шуда, ғорат гардиданд. Аз ин рӯ, дар охири солҳои 90-ум ҳарчанд ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфта бошад ҳам, аммо мушкилиҳои ҳалталаби иҷтимоию иқтисодӣ то дер боз боқӣ монданд. Аз ин рӯ, дар солҳои минбаъда омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ сабабгори ташаккул ёфтани равандҳои муҳоҷират гардиданд.

Муҳоҷирати дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷамъиятӣ дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи гуногун дорад. Дар шароите, ки ҷомеа давраи баъдиҷангиро паси сар мекунад ва ҳанӯз ҳам ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад, муҳоҷират дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нақши калон мебозад. Бахусус дар шароите, ки дар кишвар сатҳи камбизоатӣ хеле баланд буд, муҳоҷират дар афзоиши аҳолӣ ва рушди сиёсати иҷтимоии давлат нақши бузург дорад. Вазифаи муҳимми иҷтимоӣ-сиёсии муҳоҷират дар таъмини сатҳи муайяни ҳаракати аҳолӣ ва азнавтақсимнамоии ҳудудии он зоҳир мегардад. Илова бар ин, муҳоҷират ба истифодаи пурраи қувваи корӣ ва рушди минтақа мусоидат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳам минтақаи қабулкунанда ва ҳам минтақае, ки муҳоҷир онро тарк менамояд, аз раванди муҳоҷират манфиати муайян ба даст меоранд.

Муҳоҷират мавқеи иқтисодӣ ва иҷтимоии одамонро дигаргун менамояд. Он аксар вақт бо афзоиши имкониятҳои таълимӣ ва касбӣ, бо сатҳи баланди татбиқи касб, дониш ва таҷрибаҳо мусоидат менамояд. Аз ин хотир, ҷойгоҳ ва нақши муҳоҷирати аҳолӣ дар сиёсати иҷтимоӣ сол то сол афзоиш меёбад.

Ҷойгоҳ ва нақши муҳоҷиратро дар сиёсати иҷтимоӣ баррасӣ намуда, Э.Б. Беева чунин қайд менамояд: «Муҳоҷират ба сохтори иҷтимоии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин шароит муҳоҷират дар асоси шиддатнокӣ, таъсиррасонии фаврӣ ва дарозмуддат баҳогузорӣ карда мешавад” [1, с.171].

Яке аз сабабҳои рукути саноат шиддат гирифтани раванди ғайри саноатикунонии кишвар ба ҳисоб мерафт. Соли 1989 ҳиссаи аҳолии дар саноат фарогирифта шуда 20,55% -и шумораи умумии қувваи кориро ташкил медод. То ба соли 1993 он ҳамагӣ 10,6% -ро ташкил медод, ки ин шаҳодати афзоиши ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар иқтисодӣ кишвар буд. Чунин шароит дар соҳаи кишоварзӣ инкишоф ёфт. Содироти ашёи хом, аз ҷумла ашёи хоми кишоварзӣ ба минтақаҳои дигар, бинобар набудани корхонаҳои маҳаллӣ барои коркарди онҳо, ба қашшоқии мардуми деҳот оварда мерасонид, ки зиёда аз сеяки он дар зери хатти камбизоатӣ қарор дошт.

Дар соҳаи иҷтимоӣ вазъият аз он сабаб бад мегардид, ки бекорӣ бинобар таназзули истеҳсолот, болоравии бемайлони нархҳо ва таваррум меафзуд. Дар натиҷа, вазъи ҷиноятӣ шадид гардида, ҷинояткорӣ меафзояд. Ҳамаи ин боиси тезутунд шудани муносибати байни миллатҳо, пайдоиши низоъҳо дар заминаи этникӣ мегардад.

Яке аз оқибатҳои гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ пастравии бесобиқаи сатҳи зиндагӣ ва якбора коҳиш ёфтани имтиёзҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ буд. Раванди хусусигардонӣ ва либерализатсияи нархҳо фарқияти сатҳи даромадро суръат бахшида, фарқияти байни камбизоатон ва сарватмандонро зиёд намуд.

Чунин ҳолати ногувор равандҳои муҳоҷиратро дар кишвар фаъол гардонид. Яке аз самтҳои шиддатгирии ин раванд дар болоравии муҳоҷирати аҳолии рус забон аз ҷумҳурӣ зоҳир мегардид. Дар чунин шароит равандҳои муҳоҷират, аз бисёр ҷиҳат, хусусияти иҷбориро касб намуданд.

Дар раванди таҳқиқот ошкор карда шуд, ки қисми асосии намояндагони аҳолии рус забон, ки ҷумҳуриро солҳои 1991-1993 тарк намуданд, дар соҳаи саноат, хизматрасониҳо, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ фаъолият менамуданд. Сарфи назар аз самти афзоиши таъсири манфӣ дар ивазнамоии байниҷумҳуриявӣ дар марҳилаҳои қаблӣ, афзоиши босуръати он дар аввали солҳои 90-ум боиси пайдоиши оқибатҳои манфии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии кишвар гардид.

Ҳодисаҳои пурфоҷиа, ки бо оғози ҷангӣ шаҳрвандии солҳои 1991-1992 алоқаманд аст, боиси ба амал омадани мавҷи пурқуввати муҳоҷирати рус забонон аз Тоҷикистон гардид. Дар раванди мухолифати яроқнок аз рӯйи як қатор баҳогузориҳо зиёда аз 60 ҳазор одамон дар шаҳрҳо, аз нисф зиёди он дар Душанбе, ҷони худро аз даст доданд. Дар хоҷагии қишлоқ ҳамагӣ аз даҳ як ҳиссаи онҳо машғул буданд.

Дар натиҷа, аз рӯи ҳисобҳои тахминӣ, талафоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1992-1995, ки дар натиҷаи равандҳои муҳоҷирати бенизоми хориҷӣ ба амал омадааст, тақрибан 285 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ҳиссаи бештар дар мубодилаи муҳоҷират ба Русия рост меояд, ки беш аз 60% муҳоҷирон аз Тоҷикистонро ташкил медиҳанд [14].

Коҳиш ёфтани ҳиссаи мутахассисони сатҳи баландихтисос ва дорои малакаҳои касбӣ дар байни аҳолии қобили корӣ кишвар ва мутаносибан афзоиши ҳиссаи қувваи кории сатҳи паст дар шумораи умумии қувваи кории кишвар ба амиқ гардидани раванди рукуд дар соҳаҳое, ки тахассуси баландро талаб менамуданд, оварда расонид. Ҳамзамон, ин боиси пайдоиши фишори иловагӣ ба бозори меҳнат дар ҳамон соҳаҳое гардид, ки тахассуси сатҳи баландро талаб намекунанд. Вайроншавии минбаъдаи нерӯи зеҳнӣ ва кадрии ҷумҳурӣ, ки дар муддати тӯлонӣ ба вуҷуд омада буд, ба зарари мустақими иқтисодӣ оварда расонид.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки тамоми маҷмуи омилҳои муҳоҷират ба се гурӯҳи калон ҷудо карда мешаванд. Ба гурӯҳи якум омилҳое дохил мешаванд, ки аз шароити тағйирнаёбанда иборат мебошанд. Дар чунин ҳолат, шароити табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ дар назар дошта шудааст. Ба гурӯҳи дуюм омилҳое

шомил мешаванд, ки онҳо муттасилан, дар давоми марҳилаи тӯлонӣ тағйир меёбанд. Дар чунин ҳолат, сухан оид ба инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ меравад. Ба гурӯҳи сеюми омилҳо –омилҳои танзими фаврӣ дохил мешаванд, ки дар тули якчанд сол тағйир меёбанд, яъне баланд гардидани музди меҳнат, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва ғ. [11, с.162-164]

Дар навъбандии омилҳои муҳоҷират, омилҳои субъективӣ, яъне муносибати шахсӣ ба стандартҳои ҳаётӣ ва баҳогузории шахсии шароити зиндагӣ дар макони зист мавқеи муҳим доранд

Муайян намудани омилҳои муҳоҷират ва нишон додани фарқияти байниҳамдигарии онҳо бо мақсади ташаккули стратегияи самараноки идоракунии равандҳои муҳоҷиратӣ муҳим аст. Л.Л. Рибаковский қайд менамояд, ки дар навъбандии омилҳои муҳоҷират муқаррароти асосӣ ташаккул ёфтаанд, ки истифодаи онҳо ба таъмини самаранокии танзими равандҳои муҳоҷират мусоидат менамоянд. Якум, муқаррароти нисбатан муҳим дар он зоҳир мегардад, ки омилҳо ба муҳоҷират ҳамеша ба таври маҷмӯавӣ таъсир мерасонанд, яъне шиддатнокӣ ва натиҷанокии раванди муҳоҷират аз маҷмӯи омилҳои таъсиррасон вобаста аст. Дуюм, олимон чунин мешуморанд, ки дар қатори маҷмӯи омилҳои асосӣ, омили иқтисодӣ асосӣ ва ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Л.Л. Рибаковский, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани шароити зиндагии аҳолӣ фишангҳои асосии танзими равандҳои муҳоҷират ба ҳисоб мераванд. Сеюм, барои идоракунии муҳоҷират на омилҳои сатҳи зиндагӣ дар ифодаи мутлақи онҳо, балки тафовути ҳудудӣ байни онҳо аҳамияти муҳим доранд [11, с.162-164].

Равандҳои муосири муҳоҷират дар Тоҷикистон бо маҷмӯи муайяни ҳолат алоқаманд мебошанд. Раванди муҳоҷирати аҳолӣ ба маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста - иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, этникӣ, равонӣ ва ғайра асос ёфтааст. Гузариш ба иқтисодӣ бозоргонӣ, ки бо ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, ноустувории арзӣ миллӣ пайгирӣ карда мешавад, ба вазъи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири калон мерасонад.

Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистони соҳибихтиёр бо гузаштаи таърихии он алоқамандии зич доранд. То аввали солҳои 70-уми асри XX афзоиши муҳоҷират бо афзоиши табиӣ дар як қатор қарор мегирифт ва манбаи муҳими афзоиши аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ин давра аз худкунии босуръати сарватҳои табиӣ ва афзоиши пойгоҳҳои истеҳсолии саноатӣ дар кишвар ба миён омаданд, ки бо ҷалби аҳолии баланд ихтисос аз дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ гардид. Мардуми таҳҷоии маҳаллӣ, ки асосан дар бахши кишоварзӣ машғул буданд, ҳанӯз барои ишғоли ҷойҳои корӣ дар шаҳр омода набуданд.

Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои нави тозаистиқлолро ба зарурати ташаккули пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқӣ мувофиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ рӯ ба рӯ сохт. Аввалин ҳуҷҷатҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ Протокол дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 20 марти соли 1992, Протоколи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ аз 24 апрели соли 1992 ва Шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 25 майи соли 1993 ба ҳисоб мераванд [5].

Ҷонибҳо хоҳиши рушди муносибатҳои худ, мусоидат ба татбиқи ҳадафҳо ва принсипҳои ИДМ-ро ба роҳбарӣ гирифта буданд. Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида муносибатҳои дипломатии байни Тоҷикистон ва Русияро ба роҳ монда, самтҳои асосии

ҳамкории Русия ва Тоҷикистонро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, гуманитарӣ ва ғайра муайян намуданд.

Ҳамкориҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ низ дар он марҳила ҷузъи муколамаи сиёсии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Соли 1997, мувофиқи моддаи 22 "Шартнома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ" ва қарори ҳукуматҳои ду давлат, Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки аввалин қадами ҷиддӣ барои нигоҳдории муҳоҷирати аҳолии рус забон, бунёди маркази фарҳангии диаспораи рус забон ва рушди робитаҳо бо ватанӣ этникӣ гардид.

Дар алоқмандӣ бо ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он таҳкими дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин ҷамъият тақрибан бист «Ҷамъияти дӯстӣ» бо давлатҳои Шарқ ва Ғарб фаъолият доранд. Намояндатарин аз ҷиҳати таркиб, ҷамъияти дӯстии "Тоҷикистон - Россия" мебошанд, ки дар таъмини шароити муътадили зиндагии аҳолии рус забони Тоҷикистон кумак мерасонад. Моҳи январи соли 1998 як қатор созишномаҳои байни ҳукуматӣ ба имзо расиданд. Дар ҳамин давра, дар муносибати байни Тоҷикистону Россия кӯшиши ташкили Сегонаи Русия-Ӯзбекистон-Тоҷикистон аҳамияти мустақил пайдо намуд, ки мақсади асосии он мубориза бо паҳншавии экстремизми исломӣ ба ҳисоб мерафт. 12 октябри соли 1998 дар Тошканд Эъломияи ҳамкории бисёрҷонибаи Русия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба имзо расид.

Моҳи апрели соли 1999 Президенти Тоҷикистон ба Русия сафари расмӣ анҷом доданд, ки дар ҷараёни он як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расиданд. Дар байни онҳо Созишномаи ҳамкории иттифоқӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки ба асри XX1 равона карда шудааст, Аҳднома дар бораи мақом ва шароити ҳузури пойгоҳи низомии Русия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оид ба вазъияти Осиёи Марказӣ ва дигар проблемаҳо ҷои махсусро ишғол карданд [6].

Ҳамзамон, дар ҳуҷҷатҳои зикргардида масъалаи танзими равандҳои муҳоҷират ҳам дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар дигар давлатҳои ИДМ таҷассум гардидааст. Лекин пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ барои қишрҳои гуногуни ҷомеа проблемаҳои зиёдро ба миён овард. Бӯҳрони системаи пешини иқтисодӣ, ки бо душворӣ ва мураккабии ислоҳот шиддат гирифта буд, боиси паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва истеҳсолот гардид. Норасоии буҷа ва сатҳи таварруми зиёд ба афзоиши сатҳи камбизоатӣ, коҳиш ёфтани имтиёзҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ мусоидат намуд.

Барои муҳоҷирати беруна алоқамандии омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ хос аст. Дар муҳоҷирати беруна, дар навбати аввал, таъсири омили иқтисодӣ – нобаробарии шароити иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти одамон, гуногунӣ дар сатҳи зиндагии мардум, шиддатнокии бозори маҳаллии меҳнат, мавҷуд набудани кафолат ва дурнамои бо кор таъмин намудани насли наврас ва ғайраҳо ба ҳолати муҳоҷират бузург аст.

Лекин, ба ин нигоҳ накарда, як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки дар байни омилҳои асосии муҳоҷират омили сиёсӣ низ дар як қатор бо омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Омори муҳоҷират дар давраи солҳои 1991-1997 афзоиши таъсири сабабҳои сиёсиро ба ҳолати муҳоҷират таҷассум менамояд. Дар ин солҳо дар ҳолати шиддат гирифтани муҳоҷират дар идоракунии давлатӣ самтҳои авторитарӣ қувват гирифтанд.

Сабабҳои сиёсии муҳоҷирати иҷборӣ бо сабабҳои фаъолияти хориҷӣ, ки дорои таъсиррасонии махсус аст, алоқаи ногусастанӣ доранд. Чунин алоқамандӣ дар он зоҳир

мегардад, ки дар Тоҷикистон манфиатҳои Россия, Эрон, Чин, Амрико ва Туркия бархӯрд менамоянд.

Ба афзоиши фаъолгардии сармояи Ғарб дар иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин ба рақобати иттифоқи давлатҳои мухталиф дар назорати конҳои калони нафту газ, рушди алоқаи нақлиётӣ, аз худкунии захираҳои гидроэнергетикӣ, ки метавонанд ба тавозуни ҷаҳонии қувваҳо байни Ғарб ва Шарқ таъсири назаррас расонанд (газ дар Туркманистон, Ӯзбекистон, нафти баҳри Каспий, Қазоқистон, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон), диққат додан зарур аст.

Бо вуҷуди дур ва алоҳида будан, ки ба назар мерасад, ин омилҳо ба рафтори муҳоҷирати аҳолии ғайритаҳҷоӣ таъсир расонидаанд, оянда низ таъсир хоҳанд расонд. Дар чунин ҳолат ҳар чӣ қадаре, ки кӯмаки молиявии ин ё он кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар шавад, то ҳамон андоза таъсири он ба элитаи ҳукмрони ҷумҳурӣ меафзояд. Аҳолии рус забон дар чунин сиёсат пайдоиши шарикони нави Тоҷикистонро мебинад, ки роҳи бунёди муҳити бегонаи ҳаётро пешниҳод менамоянд.

Ба вазъияти муҳоҷират равандҳои фаъолияти хориҷӣ дар доираи ИДМ ба таври мухталиф таъсир мерасонанд. Қувват гирифтани қишрҳои марказгурез ва ноустувор дар ИДМ ба пурзӯр гардидани мавҷи муҳоҷират аз Тоҷикистон мусоидат менамояд, ва баръакс, ҳамкории кишварҳои ИДМ ва таъмини устувории вазъият боиси коҳиш ёфтани сатҳи муҳоҷират мегардад. Дар байни ин ду тамоюлот алоқаи ногусастанӣ мушоҳида карда мешавад. Аз бисёр ҷиҳат, калавиш ба ин ё он тараф аз мавқеъ ва сиёсати Федератсияи Россия вобаста аст [9, с.154].

Таҳлили хронологии ҳамкориҳои Россия ва Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират дар марҳилаи якуми муҳоҷират нишон медиҳад, ки ба як қатор ҳолатҳои муайяни мусбат дар ташаккули асосҳои ҳамкорӣ байни ин ду кишвар нигоҳ накарда, ба масъалаи муҳоҷират дар ин давра ба таври зарурӣ диққат дода намешуд. Масъалаи муҳоҷирати аҳолии русзабон ё дар радифи шартномаҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои умумии ҳамкорӣ ё дар доираи вохӯриҳои расмӣ, бо нигоҳ доштани сатҳи кафолат ва эъломияи шифоҳӣ, баррасӣ мегардид.

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, эълони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ намуд, ки дар ҳалли онҳо ҷумҳурӣ таҷрибаи зарурӣ надошт. Хоҳиши истиқлолият ва бӯҳрони иҷтимоию иқтисодии давлати ҷавон ба он оварда расонид, ки афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ на дар асоси мулоҳизаҳои оқилона ва дурнамои он, балки вобаста ба қудрати иқтисодӣ ва қобилиятҳои сармоягузории давлатҳои манфиатдор муайян карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки Федератсияи Россия ба проблемаҳои дохилии худ машғул буд ва наметавонист чунин ғасби давлатҳои Осиёи Марказиро пешгирӣ кунад ва дар таҷрибаи сиёсати муҳоҷират аз Тоҷикистон таҷрибаи бештаре надошт.

Дар марҳилаи таҳқиқшаванда Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои устуворӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкории баробарҳуқуқро гузоштанд, лекин ба хотири пурра амалӣ гардидани шартнома ва қарордодҳо таъмини чунин принсипҳо, ба монанди кӯмаки тарафайн, кафолати ҳуқуқӣ ва иҷроиши масъулиятҳо зарур буд.

Кишварҳо давраи муҳимеро, ки дар он ба проблемаҳои муҳоҷират, муносибатҳои байни миллату халқиятҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намудан зарур буд, аз даст доданд, дар гузаронидани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ низ ба бисёр хатогиҳои ҷиддӣ роҳ доданд. Дар натиҷаи чунин ҳолат равандҳои муҳоҷирати аҳолии русзабон шиддат гирифта, хусусияти идоранашавандаро касб намуд. Бо сабабҳо ва омилҳои зикргардида нишон додани пойгоҳҳои дигари иҷтимоиву сиёсии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алоқамандии ин масаъала бо дигар кишварҳои ИДМ зарур аст.

Бояд гуфт, ки моҳияти ҳаракати муҳоҷирати муосир ва иҷборӣ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: якум, давлати нав дар раванди дигаргуншавии ҷиддӣ бо муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос рӯ ба рӯ мешавад ва коргарони баландихтисосро аз даст медиҳад; дуюм, дар мушкилоти ҷойгиршавӣ ва мутобиқгардии муҳоҷирони ҷумҳурӣ, ки ба Федератсияи Россия муҳоҷири маҷбурӣ гардидаанд, ҳангоми ба қайд гирифтан, гирифтани мақоми "муҳоҷири маҷбурӣ", дар натиҷаи муддати дароз истифода накардани қувваи кории худ, маҳрум шудан аз музди меҳнат, манзил, ҳифзи иҷтимоӣ ва инчунин рақобатпазирӣ дар бозор мушкилоти зиёдеро эҳсос менамоянд.

Дар шароити имрӯза дар шаҳри Душанбе Маркази иттилоотӣ-захиравӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ амал менамояд, ки аз тарафи Созмони байналмиллалии муҳоҷират бо дастгирии Маркази Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар шаҳри Душанбе бунёд карда шудааст. Сардори намояндагии Созмони байналмиллалии муҳоҷират дар шаҳри Душанбе қайд намудааст, ки ҳамасола наздикии 620 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба таври мавсимӣ муҳоҷират менамоянд [7].

Рушди иҷтимоии Тоҷикистон бо васеъ гардидани тартиби таҷдиди аҳолӣ тасниф карда мешавад, ки миқдори он дар як сол ба 3% афзудааст. Агар дар давраи солҳои 1971 - 1980 афзоиши миқдори аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,55% - дар давраи солҳои 1981-1990 3,0% -ро ташкил намуда бошад, пас дар давраи солҳои 1991-2000 танҳо ба 1.8%, афзудааст, яъне, коҳиш ёфтааст, ки асосан ба бад гардидани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд аст [4, с.46].

Вазъияти иҷтимоии Федератсияи Россия дар ин марҳила хеле номусоид баҳогузорӣ карда мешуд. Миқдори аҳолӣ дар кишвар ҳамасола ба 1 миллион нафар коҳиш меёбад. Имконияти ягонаи бартараф намудани нобудшавии аҳолӣ дар Федератсияи Россия – зиёдгардии муҳоҷират, дар навбати аввал – аз хориҷи наздик мебошад. Лекин, болоравии нерӯи муҳоҷирати беруна аз кишврҳои ИДМ, ки солҳои 90-ум дар авҷи худ расида буд, тадриҷан коҳиш меёбад.

Мувофиқи пешбинии хидмати муҳоҷират, дар солҳои наздик зиёдшавии муҳоҷирон дар Федератсия Рссия аз 1 то 2 миллион нафар дар назар аст. Аз як тараф, ин сармояи арзишманди қувваи кории нав, аз тарафи дигар низоми ғайри самараноки хароҷот барои қабул ва ҷо ба ҷо кунии онҳо аст. Дар кишврҳои ғарб, ки коргарони хориҷиро қабул менамоянд, аз истифодаи онҳо даромади назаррас ба даст меоранд.

Муҳоҷирони иҷбориро матавон шартан мувофиқи ҳалли нисбатан мураккаби масъалаҳои иҷтимоиву маишӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд. Барои онҳо мушкилоти барасмият даровардани буду бош ва расмиёти бақайдгирӣ, ба даст овардани мақом дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии ин тамоюлотро чунин баён намудан мумкин аст:

-муҳоҷирати оммавӣ ба Федератсияи Россия, ки авҷгирии он бо солҳои 1994-1995 рост меояд, тадриҷан на танҳо бо сабаби пиршавии аҳолӣ, балки бо сабаби сиёсати муҳоҷиратӣ ва дар алоқамандӣ бо мушкилоти ба даст овардани мақоми “муҳоҷири иҷборӣ” ва “гуреза” коҳиш ёфта истодааст;

- коҳиши авҷи муҳоҷират ба Федератсияи Россия дар асоси камшавии аҳолӣ, ки соли 1992 оғоз гардидааст, ба миён омадааст. Муҳоҷирати иҷборӣ аз ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ дар соли 1994, қариб пурра камшавии табии аҳолиро таъмин намуд, аз соли 2001 бошад, то ба 120 ҳазор нафар коҳиш ёфт;

-имконияти қонеъ намудани талаботи Федератсияи Россия ба қувваи корӣ аз ҳисоби муҳоҷирати дохилии иҷтимоиву иқтисодӣ бо сабаби коҳиш ёфтани миқдори аҳолии наврас (то 16 сола) хеле маҳдуд аст. Коҳиши умумиро дар давраи солҳои 2006-

2015 Кумитаи омори давлатии Федератсияи Россия ба 9,3 миллион нафар баҳогузорӣ менамояд [13].

Чунин коҳишёбӣ ҳам аз ҳисоби муҳоҷирони иҷборӣ ва ҳам аз ҳисоби муҳоҷирони иқтисодӣ аз кишварҳои ИДМ, махсусан аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Кавказ, ки дорои миқдори зиёди қувваи корӣ мебошанд, пурра карда мешавад. Аксарияти чунин кишварҳо, махсусан, Ҷумҳурии Таҷикистон, дар шароити имрӯза дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор дорад;

-Тоҷикистон дар давраи мавҷудияти давлати шӯравӣ аз марказ дастгирӣ карда мешуд, ки имрӯз чунин дастгирии молиявиро аз даст додааст;

- натиҷаи муҳоҷирати аҳолии русзабон аз кишварҳои ИДМ дар асоси тағйироти сохтори этникӣ пайгирӣ карда мешавад, ки дар болоравии мутлақ ва нисбии миллату халқиятҳои таҳҷоии ин кишварҳо ва дар коҳиши мутахассисони баландихтисос таҷассум мегардад.

Таназзулии тӯлонӣ дар иқтисодиёт боиси бартарии посух ба савол дар бораи он гардид, ки чӣ метавонад қарори ҷойивазкуниро тағйир диҳад, 39% посухгӯяндагон ишора карданд, ки чизе нест, 26-28% афзоиши сатҳи зиндагӣ, беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ ва амнияти ҷойгоҳро таъкид намудаанд. Ба мавҷудияти робитаҳои наздики оилавӣ байни аҳолии рус забони Тоҷикистон бо намояндагони миллати худ дар Россия 46% нишон додаанд [3, с.36-37].

Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки ташвиш барои ояндаи кӯдакони худ, паст рафтани сифати маориф, сатҳи баланди бекорӣ ва ҷой надоштани талабот ба мутахассисони ҷавон, вазъи нохуби иқтисодӣ, ки аз қатъ гардидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ки дар онҳо асосан аҳолии ғайритаҳҷоӣ ҷалб гардида буд, ба миён омадаанд, паст гардидани сатҳи зиндагӣ сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконият медиҳад, ки дар ин зербоб хулосаҳои муайян бароварда шаванд. Муҳоҷирати аҳолӣ аз Тоҷикистон аз маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд, бо афзалияти омили иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ин ё он марҳила, бармеояд. Таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон имконият медиҳад қайд намоем, ки сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити имрӯза дар сатҳи зарурӣ бартараф карда шудаанд.

Вазъияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи баланди ноустуворӣ ва ҷой надоштани сатҳҳои тавозуннок тасниф карда мешавад. Нигоҳ доштани тӯлонии ҳодисаҳои бӯҳронӣ дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар боварии мардумро дар имконияти болоравии иқтисодӣ дар ояндаи наздик коҳиш медиҳад.

Дар шароити нарасидани ҷои кор, аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, сатҳи пасти музди меҳнат, рушди муносибатҳои қавмӣ ва коррупсия дар ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ, аҳолӣ таҳдиди бевоситаро ба некуаҳволии худ ва оянда надоштани истиқомати минбаъдаро дар ҷумҳурӣ барои фарзандони худ мебинад.

Проблемаҳои ҷиддии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ махсусан дар асоси болоравии устувории иқтисоди Федератсияи Россия ва нарасидани сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати Федератсияи Россия зоҳир мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки нерӯи муҳоҷирони рус забон ҳанӯз ба итмом нарасидааст, чун пештара дар ҷумҳурӣ миқдори зиёди русҳо (68,2 ҳазор дар соли 2000) зиндагӣ менамоянд, ки пас аз ӯзбекон дар сохтори иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ҷои сеюмро ишғол менамоянд [4, с.31].

Дар ҳолати зиёд гардидани бухронҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар ояндаи наздик, коҳиш ёфтани фаъолнокии муҳоҷирати аҳолии ҷумҳурӣ ғайриимкон мегардад, дар ҳолати афзоиши падидаҳои бӯҳронӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳаҷми муҳоҷират метавонад якбора афзоиш ёбад. Нишондиҳандаҳои заифи

макроиқтисодӣ кишварро дар муқоиса бо Русия ва дигар кишварҳои ИДМ, ки захираҳои бештари иқтисодӣ доранд, дар ҳолати ногувор мегузорад.

Ба таъсири дақиқи омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба раванди муҳоҷирати аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, омили фаъолияти хориҷӣ, мавқеи охиринро ишғол намекунад. Қайд намудан зарур аст, ки аз тарзи ташаккули муносибатҳо байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаносибан рафтори муҳоҷирати шаҳрвандон тағйир меёбад. Дар чунин ҳолат устувор гардидани нерӯи давлатии ҷумҳурӣ як навъ кафолати коҳиши зуҳуроти манфии самтҳои муҳоҷират мегардад. Сиёсати фаъоли давлатӣ, ки ба беҳтар намудани вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, пешгирӣ намудани низоъҳо дар заминаи нажодӣ ва этникӣ, устувории вазъияти сиёсӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои ИДМ шароити зарурии танзими равандҳои муҳоҷиратӣ дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравасанд.

**Адабиёт**


1. Бреева, Е.Б. Основы демографии [Текст] / Е.Б. Бреева. – М.: Издательство «Дошков и К», 2004. –С.171.
2. Визиты российских президентов в Узбекистан [Электронный ресурс]. –URL: https://tass.ru/info/1634881 (дата обращения: 12.11.2022 г.)
3. Витковская, Г.С. Экономический фактор миграции из стран Центральной Азии: фон или доминанта? [Текст] / Г.С. Витковская // Современные этнополитические процессы и миграционная ситуация в Центральной Азии. – М., 1998. – С.36-37.
4. Госкомстат Республики Таджикистан: Сравнительные статистические данные переписи населения в РТ 1989-2000 гг. [Текст]. – Душанбе, 2000. – С.46.
5. Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан (Москва, 25 мая 1993 г.)
6. Межгосударственные отношения России и Таджикистана [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20190416/1552705446.html (дата обращения: 14.03.2022 г.)
7. Муҳоҷирати корӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.iom.tj/index.php/tj/2017-08-14-14-50-07/labour-migration-taj (санаи муроҷиат: 26.10.2022)
8. Перуашев, А. Миграция славян из Казахстана как проблема личного выбора [Текст] / А. Перуашев // Евразийское сообщество: экономика, политика, безопасность. – 1995. – № 6-7. – С.25.
9. Пядухов, Г.А. Современные этнополитические процессы и миграционная ситуация в Центральной Азии [Текст] / Г.А. Пядухов. – М.: Конфирм, 1998. –С.154.
10. Рыбаковский, Л. Центральная Азия и Россия: межгосударственный миграционный обмен [Текст] / Л. Рыбаковский // Миграция русскоязычного населения из Центральной Азии: в 2 т. – М.: Карнеги, 1996. – С.72-73.
11. Рыбаковский, Л.Л. Миграция населения (вопросы теории). Монография [Текст] / Л.Л. Рыбаковский. – М.: ИСПИ РАН, 2003. – 238 с.
12. Садовская, Е.Ю. Миграция в Казахстане на рубеже XXI века: новые тенденции, и перспективы [Текст] / Е.Ю. Садовская. – Алма-Ата, 2001. –С.51.
13. Трудовая миграция внутри России достигла минимума с 2015 года [Электронный ресурс]. –URL: https://iz.ru/1506794/2023-05-02/trudovaia-migratciia-vnutri-rossii-dostigla-minimuma-s-2015-goda (дата обращения: 25.09.2022 г.)
14. Трудовая миграция из Таджикистана [Текст]. –Душанбе: МОМ, 2003. –С.19.


## ВЛИЯНИЕ МИГРАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ НА СОЦИАЛЬНУЮ ПОЛИТИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**КУРБОНЗОДА ДАЛЕР КУРБОН,**
соискатель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Гражданская война оказала серьезное влияние на социально-экономическую жизнь Республики Таджикистан. В результате возникших конфликтов экономике страны было нанесено более 10 млрд. долларов США. Более того, страну охватил тяжелейший социально-экономический кризис. В таких условиях под влиянием перечисленных факторов в Республике Таджикистан произошло несколько волн миграции. В первые годы независимости русскоязычное население и представители других национальностей покинули страну. В ходе этого процесса многие высококвалифицированные специалисты уехали за границу. В последующие годы под влиянием социально-экономического кризиса местное население также обратилось к трудовой миграции, чтобы найти работу и заработать денег. Подобные тенденции вынудили Правительство Республики Таджикистан принять соответствующие меры по регулированию миграции и, самое главное, по ликвидацию социально-экономических кризисов. За годы независимости была проделана значительная работа по решению перечисленных вопросов как во внутренней, так и во внешней политике Республики Таджикистан. Примерами могут служить от принятия стратегии по снижению уровня бедности до реализации программ экономического развития и налаживания межгосударственного сотрудничества по регулированию миграционных процессов.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, миграция населения, экономический кризис, социально-экономическая ситуация, уровень жизни, рабочие места, иммиграционное регулирование, экономическое развитие, повышение уровня жизни.*

# THE INFLUENCE OF POPULATION MIGRATION ON THE SOCIAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KURBONZODA DALER KURBON,**
Applicant of the Department of Political Science of the
Kulyab State University named after Abuabdullokhi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, city of Kulyab, 16, S.Safarov str.
Phone: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*The civil war had a serious impact on the socio-economic life of the Republic of Tajikistan. As a result of the conflicts that have arisen, the country's economy has suffered more than 10 billion US dollars. Moreover, the country was gripped by a severe socio-economic crisis. In such conditions, under the influence of the listed factors, several waves of migration occurred in the Republic of Tajikistan. In the first years of independence, the Russian-speaking population and representatives of other nationalities left the country. During this process, many highly qualified specialists went abroad. In subsequent years, under the influence of the socio-economic crisis, the local population also turned to labor migration to find work and earn money. Such trends forced the Government of the Republic of Tajikistan to take appropriate measures to regulate migration and, most importantly, to eliminate socio-economic crises. Over the years of independence, significant work has been done to resolve the listed issues in both the domestic and foreign policy of the Republic of Tajikistan. Examples include the adoption of a strategy to reduce poverty to the implementation of economic development programs and the establishment of interstate cooperation to regulate migration processes.*

***Keywords:*** *social policy, population migration, economic crisis, socio-economic situation, standard of living, jobs, immigration regulation, economic development, improving living standards.*

УДК: 323

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ИФРОТГАРОӢ

**ДАБИРҶОНИ МАҲМАД,**
докторант (PhD)-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони
Донишгоҳи милли Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ 17.
Тел: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*Таҷриба, андеша, гояҳо ва фаъолияти амалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муқовимат ва мубориза бо ифротгароӣ боиси омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ мебошад. Таҷрибаи давлатсозии Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти амалии он дар роҳи мубориза бо терроризму ифротгароӣ боиси таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, аз ҷониби доираҳои муайян мавриди истифода ва омӯзиш қарор гирифта истодааст. Эмомалӣ Раҳмон ба ин мушкилоти байналмилалӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, мунтазам дар баромаду вохуриҳои худ бо қишрҳои мухталифи ҷомеа, алалхусус дар паёмҳои ҳамасолаи худ доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар таъкидҳои хосса зоҳир менамоянд. Паёмҳои ҳамасолаи Президенти кишвар доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат ҳамчун барномаи фаъолияти амалии ниҳодҳои муқовиматкунанда ва муборизабаранда бо ифротгароӣ табдил ёфта, зарурати арзёбии илмии он ба вуҷуд омадааст. Бо назардошти хусусияти доимӣ доштани таҳдиду хатарҳои ифротгароӣ ва дар саргаҳи чунин хатарҳо қарор доштани Тоҷикистон зарур аст, ки дар заминаи таҷрибаи бадастомада ва дурнамои мубориза бо ифротгароӣ заминаҳо ва роҳу усулҳои нав коркарду таҳия карда шаванд ва мавриди истифодаи ниҳодҳои дахлдор ва дар маҷмуъ ҷомеа қарор дода шаванд. Ҳамзамон омӯзиш ва таҳқиқи илмии таҷрибаи Тоҷикистон дар самти муқовимат ва мубориза бо ифротгароӣ имконият медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус кишварҳои дар саргаҳи чунин хатарҳо қарордошта барномаи мушаххаси амалии мубориза бо ифротгароиро коркард намоянд ва дар доираи ҳамгироии байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ истифода созанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, ифротгароӣ, бунёдгароӣ, равияҳои ифротӣ, таассуби динӣ, таърихи пайдоиш, таҳаммулгароии мазҳабӣ, фишангҳои динӣ, роҳҳои пешгирӣ, бархӯрди тамаддунҳо, ақибмонии иқтисодӣ, муборизаи дастаҷамъӣ.*

Мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ яке аз масоилест, ки дар меҳвари сиёсати дохилӣ ва хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ифротгароӣ мушкилоти асосӣ ва хатаровар барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои асри ХХ1 мебошад. Ҷомеаи ҷаҳон барои мубориза ба ин вабои асри ХХ1 бояд муттаҳид гардад. Ҳамин нуктаи хеле муҳим дар паёмҳо, суханрониҳо, мусоҳибаҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба такрор хотирнишон мегардад.

Дар асари илмии Пешвои миллат таҳти унвони «Имоми аъзам: рӯзгор, осор ва афкор» таърихи пайдоиши аввалин равияву ҷараёнҳои ифротӣ дар ислом хеле муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масалан, бо такя ба маводи фаровони таърихӣ қайд мегардад, ки **хориҷиҳо** (аз калимаи *арабии.* خوارج *[хавориҷ] (тарккардагон))* дар таърихи ислом аввалин равияи динию ифротгарое мебошад, ки аз миёни мусулмонҳои тарафдори Алӣ ҷудо шуда, ба амалҳои ифротӣ даст задаанд. Ин фирқаи ифротгаро баъди ҷанги Сиффин (соли 657) байни Али ибни Абутолиб ва Муовия ибни Абусуфён ҳамчун нишон эътироз аз сиёсати мусолеҳакоронаи Алӣ ибни Абутолиб ҷудо мешаванд. Аввалин хориҷиҳо 12 ҳазор нафар буда, таҳти раҳбарии пешвоёнашон Шабис ибни Рабеъ ва Абдуллоҳ ибни Ваҳб дар шаҳри Басра маскун мешаванд ва аз онҷо ба дигар маҳалҳои

аҳолинишин амалҳои ифротгароёнаву террористӣ анҷом медиҳанд. Аз дасти хориҷиҳо бисёр аҳолии бегуноҳ ба ҳолакат мерасанд. Ҳамон гуна, ки дар асари зикршудаи Пешвои миллат оварда шудааст, оқибат худи Алӣ ҳам аз дасти як фиристодаи хориҷиҳо дар вақти адои намози бомдод ба қатл расонида мешавад [12, С.22].

Баъзе рӯйдодҳои таърихи навини Тоҷикистон шоҳиди он аст, ки равияҳои динӣ – ифротгароӣ ҳеҷ гоҳ аз нақшаҳои худ даст намекашанд ва барои амалӣ сохтани амалҳои нопоки худ аз ҳар роҳу восита истифода менамоянд. Равияҳои гуногуни ифротгаро ба монанди «Салафия», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ансоруллоҳ» ва ғайраҳо солҳои охир баъди истиқолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар ин кишвар густариш дода, бо роҳи амалҳои ифротгароёнаву террористӣ дар фикри таъғйир додани ҳокимияти конститутсионӣ ҳастанд. Барои пайравони ин равияҳои ифротгаро мафҳуми худшиносӣ, миллат, Ватан ва сулҳу амният ва суботу осоиштагӣ ҳеҷ гуна арзише надоранд, онҳоро таассуби динӣ, ҳирси ҳокимият ва ба даст овардани молу сарват аз ҳама чизи муқаддас бегона кардааст. Равияҳои ифротӣ, асосан, аз тарафи як қатор кишварҳои арабии Шарқи Наздик маблағгузорӣ мешаванд ва ҳадафи ниҳоии онҳо ба мадори таъсири геополитикии худ ҷалб намудани кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ ва минҷумла Тоҷикистон мебошанд. Ин гуна таъсиррасонӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи фишангҳои мазҳабӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, идеологҳои равияи ифротии салафия бо воситаи хоҷагони хориҷӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фазои ороми динию мазҳабии Тоҷикистонро халалдор сохта, нуфузи мазҳаби таҳаммулпазири ҳанафияро коста гардонанд ва ба ҷойи он ақидаҳои ифротию бунёдгароёнаи худро бунёд намоянд. Масъалаи таъсири берунаи хоҷагони хориҷӣ ва ривоҷи равияҳои ифротию террористиро Пешвои миллат дар паёмҳои анъанавии ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ намуда, сабаби паҳншавии ин зуҳурот ва роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ин гуна равияҳои ифротиро нишон медиҳад. [1, С.6].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 22 апрели соли 2002 дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зуҳуроти хатарзои ҷаҳони муосирро мавриди таҳлил қарор дода, қайд намуда буданд, ки хатари афзудани муноқишаҳои минтақавӣ дар заминаи ихтилофоти динию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмию нажодӣ, тамоюлҳои идеологӣ, талошҳои ошкору ниҳон барои ба даст овардани захираҳои сӯзишворию ашёи хом, тақсимоти нави бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошад, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои давлатҳои гуногун дар гӯшаҳои мухталифи сайёра аланга мегирад [2, С.79].

Дурустии ин суханон, ки якуним даҳсола пеш гуфта шуда буданд, дар мисоли рӯйдодҳои имрӯзаи минтақаи Шарқи Наздик ҳамчун пешгӯӣ исбот мешавад. Бархӯрди манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои ҷаҳон ҳамакнун кишварҳои ворисони тамаддуни бузурги Бобулистон – Сурия ва Ироқро ба майдони муҳориба ва харобазор табдил дода, бошандагони онҳоро ба хоку хун кашидаанд. Аҳолии ин кишварҳо бо азобу уқубатҳои сангин гирифтор шуда, тарки ватан намудаанд ва сарсону саргардон мебошанд. Ба иқтисодиёти ин кишварҳо миллиардҳо доллар хасороти моддӣ расонида шудааст. Табъизи нажодӣ, мазҳабӣ ва миллӣ ба силоҳи санҷидашудаи бархӯрдҳои геополитикӣ табдил ёфтаанд. Равияҳои ифротие аз қабили ДИИШ, «Ҷабҳат-ан-нусра» бо идеологияи салафии таассубгаро, ки бо маблағгузории як қатор кишварҳои сарватманди Араб, Халиҷи Форс ва кишварҳои мавароӣ уқёнус арзи вуҷуд ва фаъолият мекунанд, ба бозичаи дасти хоҷагони худ табдил ёфтаанд. Равияҳои ифротию бунёдгарои мазкур ваҳшониятҳоеро аз қабили амалҳои сар буридан ва зинда оташ задани одамонро бо аҳкоми дин мубини ислом асоснок намуда, номи дини исломро дар пеши назари ҷомеаи ҷаҳонӣ беобрӯ менамоянд. Дар робита ба ин масъала Пешвои

миллат кайд менамояд, ки мавқеи устувори минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо кардани терроризми байналхалқӣ, экстремизм ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зӯроварӣ, тарғиботи зараровари мазҳабию идеологӣ ва ба воситаҳои иттилооти омма роҳ ёфтани онҳо мебошад. Ҷаҳонгирӣ ва кишваркушоиҳои имрӯза либоси басо рангоранг доранд. Ҳадаф ва ғаразҳои аслии сиёсию иқтисодӣ аз назарҳо пинҳон мемонанду хусуматҳои қавмию этникӣ, низоъҳои идеологию динӣ ва дигар сабабу баҳонаҳо ба навбати аввал мебароянд. Дар натиҷаи таҳрики устокоронаи сиёсию иқтисодӣ ва идеологӣ давлатҳои хурду бузург дар қитъаҳои Осиё, Африқо ва Аврупо ба доираи бозиҳои ғаразноки давлатҳои манфиатдор кашида мешаванд ва тахти таъсири онҳо раванди муътадили ҳаёт дар сарзаминҳои гуногуни ҷаҳон ва саросари сайёра халалдор мегардад[3, С.240].

Мутаассифона дар воқеаҳои Сурия як қатор шаҳравандони гумроҳ шудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок менамоянд ва бо ин амали нангини худ номи Ватан, падару модар ва оилаҳои худро доғдор намудаанд [6, С.88].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон, ки аксарияташон ҷавонони бетаҷриба ва ноогоҳ мебошанд, тахти таъсири идеологии афсункоронаи гурӯҳҳои ифротӣ афтода, ба воситаи фиребу найранг ба ин равияҳои ифротгаро ҳамроҳ шудаанд. Онҳо моҳият ва асолати инсон дӯстонаи динӣ мубини исломро сарфи назар намуда, аз номи динӣ ислом ба куштори одамони бегуноҳ ва ғоратгарии аҳолии осоишта даст мезананд. Ҷалби ҷавонони тоҷику тоҷикистониҳо ба воқеаҳои Сурия ва бо ном ҷиҳод аҳли ҷомеаи кишварро ба ташвиш андохтааст ва Пешвои миллат, Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон инчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зидди ин зуҳуроти номатлуб тадбирҳои қотеъона адешида, ба воситаи ВАО, муассисаҳои илму маориф ҷавононро ба худшиносӣ ва ватанпарварӣ ҷалб намуда, гумроҳонро аз чунин роҳи хато бармегардонанд

Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба ҷашни 18-умин солгарди ваҳдати миллӣ воқеаҳои ахири ҷаҳонро таҳлил карда, қайд намуд, ки «Имрӯз ифротгароӣ ё худ экстремизми динӣ беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ касб мекунад. Афзоиши нуфузи ниҳоди террористии ба ном Давлати исломӣ дар Сурия ва Ироқ, аз ҷониби ҷангҷӯёни он кӯшиши зери тасарруф гирифтани минтақаҳои нав ба нави ин кишварҳо, куштори бераҳмонаи ҳазорон нафар мардуми мусулмон ва аз байн бурдани мероси фарҳангӣ, инчунин вусъат гирифтани ғояҳои тундгароӣ дар баъзе давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон омилҳои асосӣ ва нигаронкунандаи вазъияти имрӯза ба ҳисоб меравад[6, С.88].

Дар ин раванд, яке аз масъалаҳои муҳимму арзишманд аз он иборат аст, ки мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба ҳар гуна дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва суботи сиёсиро боз ҳам устувор гардонем. Зеро аз таъсири манфии ҳодисаву таҳаввулоти охир, ки дар онҳо намояндагони даҳҳо кишварҳои дунё иштирок доранд, ягон мамлакат, аз ҷумла Тоҷикистони мо низ эмин буда наметавонад. [8, С.6].

Аз ин лиҳоз, ҳарчи бештар таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ ва муътадил нигоҳ доштани фазои сиёсиву мафкуравии ҷомеа барои давлатдории тоҷикон нақши аввалиндараҷа ва ҳатто сарнавиштсоз пайдо кардааст».[5].

Албатта, ифротгароӣ ва терроризм ҳам сабабҳои пайдоиши худро доранд ва паёмҳои Пешвои миллат сабабҳои ривоҷ ёфтани ифротгароии динӣ ва терроризмро чӣ дар миқёси ҷаҳон ва чӣ дар сатҳи Тоҷикистон таҳлили дақиқи иҷтимоӣ – фалсафӣ намуда, пайомадҳои иҷтимоию сиёсии ин зуҳуроти номатлубро барои Тоҷикистон нишон додаанд. Бояд қайд кард, ки яке аз сабабҳои пайдоиш ва ривоҷи ифротгароӣ ва терроризм, пеш аз ҳама, ақибмонии иқтисодӣ ва қашшоқии саросарӣ махсусан, дар

байни ҷавонон мебошад. Мутахассисон қайд менамоянд, ки 80% сарвати ҷаҳон дар ихтиёри кишварҳои Ғарб қарор дорад ва ин боиси рушду инкишофи номутаносиби кишварҳои Шарқ ва махсусан кишварҳои мусулмонӣ гаштааст. Бояд қайд кард, ки воқеан, байни ифротгароӣ ва қашшоқӣ таносуб вуҷуд дорад, лекин ин таносуб бавосита набуда, балки бевосита аст. Инсони камбизоат ба манзил, ғизо ва либос ниёз дошта, роҳи ифротгароӣ ва терроризмро бо ду сабаб интихоб менамояд. Якум, барои он ки дар шароити бекории оммавӣ ва идома доштани бухрони иқтисодии тӯлонӣ дар кишвар манбаи қонунӣ ва устувори даромадро пайдо карда наметавонад. Чунин ҳолат хоси кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмонда мебошад. Дуюм, ҷойҳои кори холӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, лекин бо сабаби он, ки ҷавонон савод, тахассус ва таҷрибаи кофии корӣ надоранд, наметавонанд, ки ба ин ё он кори мувофиқ машғул шаванд ва бинобар ин, онҳо гунаҳгорони вазъияти бавуҷудомадаро аз берун ҷустуҷӯ менамоянд. Баъзан, онҳо гунаҳгорони бадбахтии худро дар вуҷуди ақаллиятҳои миллӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва гурезаҳои иҷбории сокини он давлат мебинанд. Нисбат ба онҳо амалҳои таҷовуз, куштор ва шаклҳои гуногуни таҳқири эҳсосоти миллию шахсӣ раво дида мешавад. Бояд қайд кард, ки дар ин равандҳо ҳисси миллатгароии харобовар низ нақши муҳим мебозад [12, С.16].

«Чунин омили қашшоқии саросарӣ яке аз сабабҳои муҳими ифротгароӣ ва терроризм дар кишварҳои мусулмонии Шарқи Наздик ва як қатор кишварҳои Африқо гаштаанд. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат иброз мекунад, ки воқеан ҳам, бартариҳои азими технологӣ ба кишварҳои Ғарб имконият медиҳанд, ки ба мамлакатҳои боқимондаи дунё таъсири худро расонида тавонанд. Вақтҳои охир расонаҳои хабарӣ мафҳуми "миллиарди тилоӣ»-ро истифода мебаранд. Ин ишора ба сатҳи баланди зиндагии мардуми Ғарб аст. Ҳоло амалан панҷяки инсоният 80 фоизи сарвати ҷаҳонро соҳибӣ мекунад. Агар дар охири асри XIX сарватмандтарин давлати дунё аз рӯйи даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз давлатҳои қафомонда нӯҳ маротиба афзалият дошта бошад, пас имрӯз ин таносуб сад бар якро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, танҳо 20 фоизи аҳолии кураи Замин ба гурӯҳҳои доро мансуб ҳастанд ва ин фарқият дар миёни кишварҳои пешрафтаю қафомонда босуръат меафзояд. Мутаассифона, чунин қитъаи бузурге мисли Осиё маскани аз се ду қисми мардуми камбизоати ҷаҳон аст. Дар замоне, ки давлатҳои мутамаддин дар тараққиёти худ ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд, бисёр кишварҳои Шарқ пой дар гил мондаанду барои ҳамдигар чоҳ мекананд.… Зеро маҳз нодорию қашшоқӣ, ки маъмулан ҳамроҳи доимии ҷаҳолат мебошанд, барои пайдоиш ва густариши терроризм ва ифротгароӣ заминаи мусоид ба вуҷуд меоранд. Ин ҳам маълум аст, ки ҷаҳолат ва ифротгароӣ дар тӯли даҳсолаҳо аз ҷониби гурӯҳҳои муайяни манфиатдор дастгирӣ меёбанд. Ин падидаи хатарнок аст ва оқибати басо ногувор дорад. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки терроризм ва ифротгароиро танҳо дар муҳорибаи низомӣ мағлуб намудан имконпазир аст. Ба чунин ақида розӣ шудан мумкин нест, зеро ҳалли низомии ин масъала ҳанӯз хеле нокифоя мебошад. Он тамоми омилҳоеро, ки чун қоида боиси пайдоиши терроризм ва ифротгароӣ мегарданд, пурра аз байн бурда наметавонад. Вобаста ба ин, бори дигар мехоҳам таъкид намоям: то он даме, ки бо мақсади кам кардани қашшоқию бенавоӣ, бекорӣ, сатҳи пасти маълумот тадбирҳои муассир ва ҷиддӣ андешида нашаванд, хавфи терроризм ва экстремизм низ аз байн намеравад» [8, С. 6].

Аслан ин ақида ҳақ асту рост, чунки зиндагии арзандаи инсон ҷавҳари фалсафаи одамияту инсонпарварӣ буда, масъалаи муҳими экзистенсиалии ҳаёти инсон ва сулҳу осоиштагии байни миллату халқҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дар ин масъала ҳам, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба мисли Маҳатма Гандӣ, Мартин Лютер Кинг худро

ҳамчун гуманисти сатҳи ҷаҳонӣ нишон дода, масъалаи тақдири ояндаи инсон ва инкишофи осоиштаи онро бо далелҳои муътамад матраҳ менамояд [7, С. 56].

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷаҳони мутамаддин қадамҳои устуворе дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти маданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гузошта истодааст. Бо вуҷуди ин ҳама рушду тараққиёт, бадхоҳону гурӯҳои ифротӣ ба пояҳои давлату миллати хеш ва амну суботи кишвар халалҳо ворид месозанд, ки ин ҳама нишона аз тирагии хират ва ҷаҳолат аст. Чӣ гунае, ки Пешвои миллат таъкид мекунанд, торикию ҷаҳолат дар пояи ҷомеа мисли занҷиранд ва то ҷамъият аз он раҳоӣ наёбад, ба ҷое намерасад. [14, с.12].

Бинобар ин мубориза бо ин хатару таҳдидҳо вазифаи ҳар сокини худогоҳу ватандӯст буда ҳар нафар дар доираи имконияту салоҳияти худ бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Сарвари давлат ва хусусан Паёмҳо, ки ҳар сол ироа мешаванд ва яке аз мавзуҳои меҳварии онро таъмини амнияту оромӣ, сулҳу субот, мубориза бо гурӯҳои ифротӣ ташкил медиҳад амал намояд ва қарзи шаҳрвандии худро иҷро кунад.

Ҳамин тариқ муҳимтарин ишораи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар он аст, ки мо дар роҳи ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ ва боз ҳам рушду нумӯъ бахшидани низоми идораи кишвари худ, ба шарҳу тафсири мухталифи ғаразноки ин зуҳуроти манфии ҷиноятӣ дода нашуда, ҳама гуна рӯйпушу ниқобҳои онро, аз рӯяш бардошта, вайро ҳамон тавре ки зишт, баъд аз ғайриқобили қабул аст муаррифӣ намуда, ба муқобилаш ҳам мубориза мебарем.

Зеро ифротгароӣ имрӯз на танҳо ба тинҷию оромии мо, ба ободии хонадони кишвар ва соҳибихтиёрии давлат таҳдид дорад. Мубориза бо ифротгароӣ танҳо вазифаи як давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, балки вазифаи аҳли ҷомеа ва афроди худшиносу миллатпарвар мебошад. Агар ҳамаи аҳли ҷомеа азми қавии решакан кардани ин зуҳуроти номатлубро дошта бошанд, ҳамагон бояд дар атрофи сиёсати мудаббирона ва созандаи Пешвои миллат муттаҳид гардида, дастаҷамъона бо равияҳои ифротгарою террористӣ мубориза баранд. Воқеаҳои охири асафбори Тоҷикистон нишон доданд, ки баъзе ашхос мехостанд мақсадҳои нопоки худро бо роҳи амалҳои террористӣ амалӣ намоянд. Аммо якдилию ваҳдати аҳли ҷомеа ва ҳушёрию зиракии мақомоти қудратии кишвар кӯшишҳои харобкоронаи онҳоро нақш дар об намуданд. Бояд қайд намуд, ки танҳо иттиҳоди мустаҳками тамоми кишварҳои ҷаҳон ва афроди ватандӯсту ҳушёр чи дар арсаи ҷаҳан ва чи дар кишвари алоҳида метавонанд садди роҳи вабои қарни ХХ1 гардида, башариятро аз падидаҳои ифротгароию терроризмӣ байналмилалӣ наҷот диҳад.

**Адабиёт**


1. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане.- Душанбе: 2013.- С.79.
2. Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстримизми динӣ – сиёсӣ дар Тоҷикистон: Монография. Душанбе, 2019. – С. 240.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2018. [Маводи электронӣ]: https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/4301-pajomi-prezidenti-mamlakat-ra-namoi-ufu-oi-navi-rushdu-sozandag (санаи муроҷиат 30.06.2023).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2018. [Маводи электронӣ]: https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/4301-pajomi-prezidenti-mamlakat-ra-namoi-ufu-oi-navi-rushdu-sozandag (санаи муроҷиат 01.07.2023).

5. Саидов Д.М. Таъсири рурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ:Монография. –Душанбе: “Нӯшбод” 2022. – С.88.Сафаров Б.С. Сарварӣ дар системаи мудирияти давлат. Маҷалаи илмию сиёсии Акдемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2022/№1 (55). – 335с.
6. Хидирзода М. Ифротгароии динӣ: моҳият, ҷанбаҳои сохторӣ ва роҳҳои пешгирӣ// Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии”Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо”. ш. Бохтар – 2018, саҳ. 6-14
7. Зокиров Г.Н.Донишномаи сиёсӣ . - Душанбе, 2018. –С. 6
8. Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстримизми динӣ – сиёсӣ дар Тоҷикистон: Монография. Душанбе., 2019. –С. 240.
9. Хидирзода М. Ифротгароии динӣ: моҳият, ҷанбаҳои сохторӣ ва роҳҳои пешгирӣ// Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии”Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо”. ш. Бохтар – 2018, саҳ. 6-14
10. Хушвақтов А.Р, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгароӣ динӣ дар чист? Душанбе: Эр-граф, 2016.- С.16.
11. Эмомалӣ Р. Имоми Аъзам: рӯзгор, осор ва афкор.-Душанбе: 2009-С.22.
12. Эмомалӣ Р. Масъулият барои фардои миллат. Душанбе, “Шарқи озод”, 2013.- С.12.

## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПРЕДОТВРАЩЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА

**ДАБИРДЖОНИ МАХМАД,**
докторант (PhD) кафедры политических процессов в Республике Таджикистан Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*Опыт, мысли, идеи и практическая деятельность основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в борьбе с экстремизмом привели к научному обучению и исследованию. Опыт государственности Эмомали Рахмона и его практическая деятельность по борьбе с терроризмом и экстремизмом привлекают внимание мирового сообщества и используются и изучаются определенными кругами. Эмомали Рахмон, уделяя постоянное внимание этим международным проблемам, регулярно уделяет особое внимание своим выступлениям и встречам с различными слоями общества, особенно в своих ежегодных посланиях по основным направлениям внутренней и внешней политики страны. Ежегодные Послания Президента страны по основным направлениям внутренней и внешней политики страны как программы практической деятельности противостоящих и борющихся институтов с экстремизмом стали результатом необходимости ее научной оценки. Учитывая постоянный характер экстремистских угроз и рисков и нахождение Таджикистана в центре таких рисков, необходимо на основе полученного опыта и перспектив борьбы с экстремизмом разработать новые предпосылки, способы и методы и внедрить соответствующие институты и общество в целом. В то же время научное изучение и исследование опыта Таджикистана в области противодействия экстремизму и борьбы с ним позволит мировому сообществу, особенно странам, находящимся на грани таких рисков, разработать конкретную практическую программу борьбы с экстремизмом и использовать ее в рамках Межгосударственной, региональной и международной интеграции.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, экстремизм, фундаментализм, экстремистские тенденции, религиозные предрассудки, история происхождения, иностранные хозяева, религиозная терпимость, финансовая поддержка, религиозные рычаги, пути предотвращения, столкновение цивилизаций, экономическая отсталость, коллективная борьба.*

# THE ROLE OF THE NATION'S LEADER EMOMALI RAHMON IN PREVENTING EXTREMISM

**DABIRJONI MAHMAD,**
Doctoral student (PhD) of the
Department of Political Processes in the Republic of Tajikistan of the
National University Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*The experience, thoughts, ideas and practical activities of the founder of peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon in the fight against extremism led to scientific training and research. The experience of Emomali Rahmon's statehood and his practical activities in the fight against terrorism and extremism attract the attention of the world community and are used and studied by certain circles. Emomali Rahmon, paying constant attention to these international problems, regularly pays special attention to his speeches and meetings with various segments of society, especially in his annual messages on the main directions of the country's domestic and foreign policy. The annual Messages of the President of the country on the main directions of domestic and foreign policy of the country as a program of practical activity of opposing and struggling institutions against extremism were the result of the need for its scientific evaluation.*

*Given the constant nature of extremist threats and risks and the fact that Tajikistan is at the center of such risks, it is necessary to develop new prerequisites, methods and methods based on the experience gained and prospects for combating extremism, and introduce appropriate institutions and society as a whole. At the same time, the scientific study and study of Tajikistan's experience in countering extremism and combating it will allow the world community, especially countries on the verge of such risks, to develop a concrete practical program to combat extremism and use it within the framework of Interstate, regional and international integration.*

***Keywords:*** *Leader of the nation, extremism, fundamentalism, extremist tendencies, religious prejudices, history of origin, foreign masters, religious tolerance, financial support, religious levers, ways of prevention, clash of civilizations, economic backwardness, collective struggle.*

УДК: 327 (575.3)

# ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**СОДИҚЗОДА ХУШБАХТ НАСРЕДДИН**,
доктoрант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*Об манбаи ҳаёт барои тамоми мавҷудоти рӯйи Замин ба ҳисоб рафта, нигоҳдошти он яке аз мақсаду вазифаҳои асосии ҳамаи қишрҳои ҷомеаро бояд ташкил диҳад. Мардумони Осиёи Марказӣ чун ҷузъи ҷомеаи байналмилалӣ ҳаматарафа дарк намуда истодаанд, ки истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ имконияти паст намудани раванди босуръати камшавии обро ба миён оварда ва барои аз байнравии он тадбирҳои зарурираро андешанд.*

*Муаллиф чунин мешуморад, ки густариш додани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ шароити мусоидеро барои идоракунии захираҳои обии минтақа таъмин менамояд. Дар ин зимна, андешидани тадбирҳои муштараки давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ташаббуси якҷояи онҳоро дар назар дошта метавонад.*

*Ташаббусҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии дипломатияи об барои мустаҳкам намудани равобити минтақавӣ аз рушд ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ вобастагӣ дорад. Об метавонад, ки пайвандгари давлатҳои ҳам минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳам ҷаҳон гардад. Татбиқи роҳандозии муносибатҳои дӯстона ва некхоҳонаи кишварҳо барои самаранок истифода бурдан аз захираҳои обӣ имкониятҳои зиёдеро ба вуҷуд меоварад. Музокирот ва пешбурди равандҳои дипломатияи обии кишварҳои минтақа масъалаҳои марзиву ҳудудӣ, баҳсҳои минтақавӣ ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоиии худро мавриди муҳокима қарор дода, ба ташаккул додани муносибатҳои минтақавӣ заминаи наверо ба ҷуҷуд меоварад.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, равандҳо, ҳамгироӣ, дурнамо, ҳамкорӣ, иттифоқ, дипломатия, об, иқлим, тағйирёбии иқлим, муҳити зист, захираҳои табиӣ, захираҳои обӣ, обҳои зеризаминӣ, ҳифзи муҳити зист, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, шарикии стратегӣ, сиёсати хориҷӣ.*

*“Расидан ба рушди устувор, шукуфоӣ ва амният танҳо тавассути ҳамкории оқилонаву самаранок дар соҳаи об, ҳамкорие, ки бар пояи эътимоди мутақобила ва ба назар гирифтани талаботу ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, инчунин, ҷустуҷӯи мунтазами роҳҳои беҳтар намудани муколама ва ҳамкорӣ асос ёфта аст, муяссар мегардад”.*

**Аз Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал
“Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”,
22 марти соли 2018, шаҳри Ню-Йорк, ШМА [1]**

Раванди мураккабшавии тағйирёбии иқлим ва аз ҳадди зиёд баланд шудани ҳарорати ҳаво боис ба обшавии пиряхҳо ва аз байн рафтани дарёву обҳои зеризаминии минтақаи Осиёи Марказӣ гардидааст. Осиёи Марказӣ, ки дар меҳвари қитъаи Авруосиё ҷойгир аст ва иқлими хушк дорад, таъсири тағйирёбии иқлим дар ин минтақа назар ба дигар гӯшаи ҷаҳон ҳарҷӣ бештар ба назар мерасад. Махсусан кам шудани миқдори об.

Дар шароити коҳишёбии ҳаҷми об дар Осиёи Марказӣ, кишварҳои ҳамсарҳади он ва мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ осебпазир хоҳанд гашт. Зеро маҷрои дарёҳои минтақа ба обҳои давлатҳои мазкур мерасад ва манбаи оби он кишварҳо аз минтақаи Осиёи Марказӣ сарчашма мегирад. Бӯҳрони норасоии об, алалхусус оби тозаи ошомиданӣ тамоми

сайёраи Заминро фаро гирифта, фазои даҳшатангези иқлимӣ ва табииро барои ҳамаи мавҷудоти зинда ба вуҷуд овардааст.

Сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ беш аз пеш дар пасманзари хатарҳои минтақавиву умумиҷаҳонии норасоии об ва аз байнравии захираҳои обӣ қарор доранд. Барои минтақа афзалияти доштани захираҳои обӣ нисбатан дараҷаи баланди рушдро ифода менамояд. Танқисӣ кашидан аз хатари коҳишёбии захираҳои обӣ тамоми минтақаро ба мушкилоти ҷиддии табиӣ оварда, дар ин самт ба роҳ мондани ҳамгироии минтақавиро талаб менамояд.

Мушкилоти дастрасӣ ба оби ошомиданӣ тозаю бехатар пеш аз ҳама аз сатҳи афзоиши аҳолӣ, раванди шаҳрнишинӣ (урбанизастия), биёбоншавии заминҳои корами киштзор, хушксолӣ ва тағйирёбии иқлим дар сайёра сарчашма гирифта, хатари таҳдидҳои обшавии пиряхҳо ва коҳиш гардидани оби тозаи ошомиданиро ба амал меоварад. Дар ин замина ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки ба ҳалли мушкилоти истифодаи оқилонаи об бетараф набошад ва ба иқдоми дастаҷамъона ҳамроҳ шуда, ҳамкорӣ дар соҳаи обро дар амал татбиқ намояд.

Масъалаи об ҳамчун ҳадафи 6 – уми Рушди Устувор (SDG 6) бо мақсади таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори захираҳои об ва санитарияи он барои тамоми аҳолии Замин то давраи соли 2030 ба ҳисоб меравад. Зеро раванди ифлосшавии об дар сайёраи мо афзоиш ёфта, тақрибан 1 миллиард нафар аҳолии ҷаҳон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд.

Мувофиқи мониторинги Барномаи якҷояи Созмони байналмилалии тандурустӣ ва Хазинаи байналмилалии ҳифзи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) танҳо 2,2 миллиард аҳолии олам бемамониат ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ дошта, 4,2 миллиард нафар дастрасии комил ва амн ба оби тозаи истеъмолиро надоранд, ки бештари онҳо дар деҳот ва кишварҳои номутараққӣ зиндагӣ менамоянд [21.С.1].

Зимнан, дар сохтори СММ ниҳоди махсус доир ба масъалаҳои об-“СММ-Об (UN - Water)” соли 2003 таъсис гардид, ки аз 31 узв ва 38 шарикони ҳамкор иборат мебошад. Мақсади фаъолияти онро ҳамоҳангсозии фаъолияти 30 ниҳодҳои вобастаи СММ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ дар самти идоракунии захираҳои об ташкил медиҳад.

Мушкилоти норасоии об, пеш аз ҳама оби тозаи ошомиданӣ ба бештари мамлакатҳои ҷаҳон хисороти зиёдро пеш овардааст, ки давлатҳои минтақа ва ҷаҳон дар алоҳидагӣ имконияти бартараф карданашро надоранд. Аз ҷумла, давлатҳои Осиёи Марказӣ низ, ки захираҳои зиёди обӣ доранд, дар баъзе аз ҳудуди он минтақаҳое мавҷуданд, ки аз норасоии об, махсусан оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд.

Мувофиқи таҳлилҳои Институти байналмилалии рушди устувор соли 2005 дар миқёси ҷаҳон зиёда аз 1,2 млрд. нафар аҳолии сайёра ба оби тозаи ошомиданӣ ва беш аз 2,6 млрд. нафар ба меъёрҳои одии беҳдоштӣ дастрасӣ надоштанд ва дар соли 2015 бошад ин нишондиҳанда ба 663 млн, ки дар раванди татбиқи ҳамкорӣ дар соҳаи об ва ё дипломатияи байналмилалии об нишондиҳанда ба 2,4 млрд расонида шуд, боз зиёда аз 2 миллион аҳолии сайёра ба беҳдошт дастрасӣ пайдо намуданд [21.С.2].

Шӯрои ҷаҳонии об дар ҳар се сол як маротиба дар яке аз давлатҳои узви СММ баргузор намудани Форуми ҷаҳонии обро бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Рушди устувор марбут обро зарур шуморид. Дар натиҷа ҳашт маротиба Форуми ҷаҳонии об, аз ҷумла дар Шоҳигарии Марокаш (21 – 25 марти соли 1997), дар шаҳри Гаагаи Шоҳигарии Нидерлендия (17-22 марти соли 2000), Япония (16 – 23 марти соли 2003), Штатҳои Муттаҳидаи Мексика (16 – 22 марти соли 2006), Туркия (15 – 22 марти соли 2009),

Франсия (12 – 17 марти соли 2012) Ҷумҳурии Корея (12 – 17 апрели соли 2015), Ҷумҳурии Федеративии Бразилия (18 – 23 марти соли 2018) баргузор шуд.

Мувофиқи маълумоти Созмони Миллали Муттаҳид 2 миллиард одамон ба оби тозаи ошомиданӣ, ки ин омор 40 фисади аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад ва зиёда аз 1,7 миллиард нафар аҳолии Замин, ки дар ҳудуди назди об, аз ҷумла кӯлҳо, дарёҳо, баҳру уқёнусҳо умр ба сар мебаранд, ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд [22].

Дар ин замина, истифода намудан аз дипломатияи об барои ташаккул додани ҳамкориҳои минтақавӣ аз ҷумлаи тадбирҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ хоҳад буд, ки ташаббуси муштаракро даин самт тақозо менамояд. Дар доираи ҳамгироии минтақавӣ ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд, давлатҳои ҳамсарҳад, созмону ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ баррасӣ намудан ва андешидани чораҳои пешгирикунада имконияти истодагарӣ намудани кишварҳои минтақаро бо ин чолиши иқлимӣ ба вуҷуд меорад. Истифодаи дипломатияи об барои кишварҳо шароити музокироти минтақавиро фароҳам оварда, дар чаҳорчӯбаи он масъалаҳои мубрами идоракунии самараноки захираҳои обӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Дипломатияи об, ҳамчун истилоҳ дар низоми сиёсати хориҷии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва чун ташаббуси муносибати минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки бо забони англисӣ ибораи – “Water diplomacy” маҳсуб меёбад, дар арсаи байналмилалӣ маъруф гардидааст.

Давлатҳои Осиёи Марказӣ пас аз ноил шудан ба Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати хориҷии худро мувофиқи муқаррароти банди б моддаи 55 Оинномаи СММ, ки 26 июни соли 1945 дар шаҳри Сан – Франсискои ШМА қабул шуда, 24 октябри соли 1945 эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бо мақсади таъмини амният ва некӯаҳволии ҷаҳон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ дар самти об, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсироти аввалиндараҷаи манфии худро расонидааст, роҳандозӣ менамояд. [8]

Дипломатияи вобаста ба об дар сатҳи минтақавӣ аз ҷумла, дар Осиёи Марказӣ аз соли 1992 бо ба имзо расонидани Созишномаи байни ҳукуматҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи обҳои дарёҳои байнидавлатӣ оғоз ёфта, Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсози хоҷагии об аз ҷониби кишварҳо ҷиҳати густраиши муносибатҳо дар Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи об аз ҳавзаи дарёҳои Сир ва Аму ва соли 1993 Фонди байналмилалии наҷоти Арал таъсис дода шуданд.

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз 18 – 20 сентябри соли 1995 зимни баргузор намудани Конференсияи байналмиллалӣ оид ба Инкишофи Устувори ҳавзаи баҳри Арал дар шаҳри Нукуси Ҷумҳурии худмухтори Қароқалпокистони Ӯзбекистон ташаббуси дастаҷамъонаи худро дар масъалаи об бо мақсади густариш додани равобити байналмилалии кишварҳо эълон намуданд. Роҳбарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар самти идоракунии ҳамгироии муҳити зист, инкишофи устувор ва дигаргунсозии иқтисодӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва инкишофи потенсиал дар равобити ҳасанаи ҷонибҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, 20 сентябри соли 1995 Баёнияи Нукусро ба имзо расониданд [12.С.5].

Дар доираи ҳамгироии минтақавӣ давлатҳои Осиёи Марказӣ тадбирҳои заруриро барои таъмини устувори дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дар минтақа андешида истодаанд. Дар ҳар як ҷаласаву ҳамоишҳои минтақавии кишварҳо масъалаи об аз ҷумлаи мавзӯҳои муҳими мавриди баррасӣ қарор дода шаванда ба ҳисоб меравад. Кишварҳо алакай дарк намудаанд, ки барои оянда дурахшони худ ба раванди ҳамгироии минтақавӣ, аз ҷумла ҳамкорӣ дар самти идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ идома диҳанд. Ҳар як давлати минтақа талош бояд варзад, то ин ки мушкилоти об аз назари

минтақавӣ дур намонад. Ҷониби диққат ва таваҷҷуҳи хос мондаи масъалаи об тадбирҳои рӯзафзуни минтақаро фаро гирифтааст. Дар минтақа шароити зарурӣ барои таъмини устувори ҳамкориҳои минтақавии марбут ба об фароҳам оварда шудаанд. Ба ғайр аз ин, шарикони кишварҳо низ омадагии ҳаматарафа ва домии худро дар ин самт андешидаанд.

Саҳми олимону донишмандон ва коршиносону мутахассисони соҳаи оби кишварҳои минтақа дар самти таҳия намудани маҷмӯи амалу чораҳои пешгирикунандаи бартарафсозии хатари аз байнравии захираҳои обӣ ва назорати доимии он ба маврид мебошад. Пажӯҳишгарони соҳа бояд ҳама ҷониба кӯшиш намоянд, ки раванди муайяни ҳамгироии минтақавии мушкилоти обиро омода намуда, дар шакли барнома, стратегия ва ё консепсия манзур намоянд. Зарурати мавриди таҳқиқ қарор додани мушкилоти об дар минтақа ва пешниҳоди лоиҳаҳои муфиди илмӣ дар ин самт аз ҷумлаи тадбирҳои минтақавӣ ба ҳисоб мераванд. Мутассифона, нисбат ба коршиносони ҷаҳон, олимони минтақаи Осиёи Марказӣ тайи беш аз 50 соли охир аст, ки натиҷаи дилхоҳеро барои рушди ҳамгироии минтақавӣ ба даст наовардаанд. Дар ҳама самтҳо олимон корҳои илмии худро пеш баранд ҳам, аммо барои беҳдошти минтақа ва ҷаҳон манфиатеро ҳам наовардаанд. Илми минтақаи Осиёи Марказӣ ним аср аз илми ҷаҳонӣ қафо мондааст. Ақибмонӣ аз илм пеш аз ҳама аз бетаваҷҷӯҳии давлат дар ин самт мебошад. Низоми маорифи кишварҳо фарсангҳо дур аз низоми маорифи ҷаҳонист. Ҳама рӯза дар ҷаҳон ҳама гуна техникаву технология ва барномаҳои гуногуни компютерӣ ихтирову кашф карда шудаистодаанд. Вале дар минтақаи Осиёи Марказӣ бошад, бараъкси ҳол мебошад. Фаъолияти олимон умуман дар рушди минтақа ба назар намерасад. Олимон умуман ягон тадбиреро андешида натавониста истодаанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморам, ки мушкилоти норасоии кадрҳои соҳаи илм ва пешниҳоди корҳои манфиатноки илмӣ бояд ҳамаҷониба мавриди таваҷҷӯҳи роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ гардад.

Мушкилоти об барои минтақаи Осиёи Марказӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки ҳар ду кишвари кӯҳсор ҳастанд ва дар ҳар ду ин давлат миқдори зиёди захираҳои обии минтақавӣ нигоҳ дошта мешавад, аз ҷумлаи кишварҳои осебпазири минтақа дар самти мушкилоти обӣ мебошанд [1.С.24]. Шояд дар гузашта хатари аз байн рафтани захираҳои обӣ барои ин ду мамлакат наонқадар назаррас буд, вале дар пайи ду даҳсола аст, ки ин мушкилот тамоми кишварҳои минтақаро фарогир шудааст. Давлатҳои минтақа талош варзида истодаанд, ки миқдори захираҳои обии худро, агарчӣ ки зиёд карда натавонанд, дар доираи имконияти мавҷудаи худ роҳҳои алтернативии нигоҳдошти онҳоро ба вуҷуд оваранд.

Оқибатҳои манфии дигаргуншавии иқлим ва табиат пеш аз ҳама таҳдид ба сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Мардумони минтақа чанд соли охир аст, ки аз кам шудани захираҳои обӣ танқисӣ доранд. Об манбаи ҳам зинда мондан ва ҳам сарчашмаи рӯзгордориву даромад ба даст овардани ҳам аҳолӣ ва ҳам давлатҳои минтақа мебошад. Об барои соҳаи кишоварзӣ, саноат ва тиҷорат фоидаи софро ба миён меоварад. Дар кишту кор, истеҳсолот ва савдо ҳамаҷониба истифода мегардад. Зарари аз байнравии он боиси мушкилоҳи дигар дар минтақа мегардад. Аз ҷумла, ба вуҷуд омадани сатҳи баланди бекорӣ, бад гардидани шароити зист, афзоиш гардидани қашшоқӣ, ба вуҷуд омадани хушкӣ, паст гардидани иқтидори истеҳсолӣ, тарақӣ наёфтани саноат ва ба амал омадани низоъҳои миҳалливу минтақавӣ мегардад.

Андешидани чораҳои муштараки давлатҳо ташаббуси якҷояи онҳоро дар назар дошта метавонад. Иқдоми некбинона ва мустаҳкам намудани равобити минтақавӣ ин аз рушд ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Об метавонад, ки пайвандгари давлатҳо гардад. Ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва некхоҳонаи кишварҳо барои самаранок истифода бурдан аз захираҳои обӣ имкониятҳои зиёдеро ба вуҷуд меоварад. Дар доираи

музокирот ва пешбурди равандҳои дипломатияи обӣ кишварҳои минтақа масъалаҳои марзиву ҳудудӣ, баҳсҳои минтақавӣ ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоии худро мавриди муҳокима қарор медиҳанд.

Дарёи Омӯ дар натиҷаи омехташавии дарёҳои Вахш ва Панҷ аз ҷумлаи калонтарин манбаи обии минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки маҷрои оби он аз Тоҷикистон ва баъдан аз Қирғизистон сарчашма гирифта, тамоми минтақаро фаро мегирад. Дарозии маҷрои дарёи Омӯ 2620 км ва масоҳати ташкилкунадаи он 227000 км$^2$ аст. Дарёи Сир дуюмин манобеи калонтарини обӣ дар минтақа мебошад. Дарёи Сир дар натиҷаи омехташавии дарёҳои Норин ва Қара ба вуҷуд меояд. Водиҳои Фарғона, Алай ва Туркистонро дарбар мегирад ва паҳнои он бошад давлатҳо Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистонро ташкил медиҳад. Масоҳати иҳотакунадаи дарё ҳудуди 2860 км мебошад. Дарёи дигари калонтарини минтақа ин дарёи Тарима буда, дар натиҷаи омехташавии дарёҳои Сариҷоз, Узенгкууш, Оқсӯ, Қизилсу, Маркансу таъсис меёбад [1.С.124].

Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ беш аз 4000 обанбор ва кӯл мавҷуд аст. Аз ҳама калонтарини онҳо кӯл – баҳри Арал, кӯли Иссиккӯл ва обанбори Норак ба ҳисоб меравад [15]. Ҳаҷми бештари захираҳои обии зеризаминӣ дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҷойгир мебошанд. Тоҷикистон ва Қирғизистон манбаи таъминкунандаи оби минтақа ба шумор мераванд.

Нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда гувоҳи он аст, ки барои сокинони минтақа бо вуҷуди зиёд шудани шумораи аҳолӣ истифодабарии об бештар мегардад. Аҳолии минтақа ҳарчӣ бештар талаботи истеъмоли оби тозаи ошомиданӣ ва барои гигиенаи шахсии худ дар ҳаёти рӯзмара доранд. Муколамаи об дар равобити минтақавӣ нақши калидӣ дорад. Дар як давра масъалаи об боиси ба вуҷуд омадани низои минтақавӣ гардида буд. Ҷониби Ӯзбекистон, ки то соли 2016 сиёсати дарҳои маҳкамро пеш гирифта буд, хоҳони ба роҳ мондани ҳамкории минтақавӣ дар масоили обро надошт. Доимо монеаи сунъиро ба вуҷуд меовард, то ин ки ин масъала аз баррасӣ дур монад. Омода набудани ин кишвар ба ташаккули равобити минтақавӣ боиси бо суръати паст ташаккул ёфтани равандҳои ҳамгирои минтақавӣ гардид. Баъд аз он ки роҳбарияти ин давлат дигар нафар интихоб шуд ва дар кишвар тағйироти сиёсӣ ба амал омад, мушкилии ҳамгирои минтақавӣ аз байн рафт. Монеи дигари таъсиррасон ба раванди ба роҳ мондани ҳамгирои минтақавӣ дар масоили вобаста ба об ин давлати Қирғизистон мебошад. Дар ин кишвар шурӯъ аз беш аз 15 соли охир низои дохилӣ сар задааст. Ҳизбу ҳаракатҳои гунгун барои соҳиб шудан ба ҳокимияти сиёсӣ бо ҳар роҳу воситаҳои қонунӣ ва ҳам ғайриқонунӣ мубориза мебаранд. Баъзе ашхос ва гурӯҳҳои таафриангези ин кишвар сабабгори он гардидаанд, ки раванди ҳамгирои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ роҳандозӣ нагардад. Ин гуна ҳаракату гурӯҳҳо бо ҳар гуна баҳонаҳо ба манфиати сиёсии худ кишварҳои ҳамсояи Қирғизистон, аз ҷумла Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро дар масъалаҳои номаълуму норавшан гунаҳкор намуда, аҳолии мамлатакашонро ба он ифротӣ кардаанд, ки ба муқобили мардумони кишварҳои ҳамсоя мубориза баранд. Дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти қудратӣ шумораи аъзоёни ин гуна ҳаракату гурӯҳҳо хело зиёд ба чашм мерасад, ки аксарияти онҳо пеш маҳкуми зиндон шуда буданд ва ҳоло дар курсии роҳбари давлат ва парлумону ҳукумати ин мамлакат нишаста даст ба ғасбби ҳокимияти сиёсӣ ва ғорат кардани хазинаи давлатӣ задаанд. Мушкилоти сиёсии Қирғизистон на танҳо ба сустшавии ҳамкории минтақавӣ гардидааст, балке сабабгори он шудааст, ки амният ва тартиботи ҷамъиятии минтақаи Осиёи Марказӣ зери хатари ҷиддӣ қарор дорад. Дар қатори дигар кишварҳо саҳми давлати Қирғизистон дар баррасии масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ доир ба об муҳим

арзёбӣ мегардад. вале роҳбарияти ин давлат ва баъзе шахсони мансабдор ба манфиати сиёсии худ нагузошта истодаанд, ки кишварашон дар ҷараёни ташаккул додани муносибатҳои минтақавӣ гардад. Барои ҳарчӣ бештар баррасӣ намудани мушкилоти об дар Осиёи Марказӣ бояд қазияи сиёсии Қирғизистон ҳалли худро пайдо кунад. Қирғизистон низ яке аз кишварҳои иштирокдори раванди ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Мушкилоти баҳри Арал, обшавии пиряхҳо ва хушку биёбоншавии замин дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз масъалаҳои умдаи мушкилоти ҳамгироии минтақавӣ оид ба об мебошад. Давлатҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон аз ҳама зиёдтар дар масъалаи мушкилоти норасоии об осебпазир ҳастанд. Бо сабаби камобӣ ва кам будани манбаъҳои обӣ (кӯҳҳо ва пиряхҳо) дар ин давлатҳои зикршуда, дастёбӣ ба об хело ҳам мушкил гардида истодааст [7].

Кишварҳо доимо ҷонибдории худро дар масоили ба роҳ мондани ҳамкории минтақавии марбут ба обро таъкид намудаанд ва омодаи он ҳастанд, ки захираҳои истифода нашудаи обиро оқилона нигаҳдорӣ намоянд.

Масъалаи камоб гардани кӯли Балхаш аз шумори мушкилоти обӣ дар минтақаи осиёи Марказӣ мебошад. Кӯли Балхаш ҳудуди 18 000 $км^2$ –ро фаро мегирад. Ин кӯл дар натиҷаи аз байн рафтани баҳри Ханхай ба вуҷуд омдааст. Дар ҳоли ҳозир ҳаҷми умумии об дар ин кӯл 105$км^3$ – ро ташкил медиҳад. Оби дарёҳои Или, Қаратала, Оқсӯ, Лепси, Аяғӯза, Баканаса як қисми маҷрои худро ба самти ин кӯл равона намудаанд [1.С.132].

Сабаби камоб гардидани ин кӯл дар он мебошад, ки оби дарёҳои номбаршуда самти худро ба дигар тараф равона намудаанд ва роҳҳои пайавсташавӣ ба ин кӯл рӯз то рӯз аз байн рафта истодааст. Инчунин, дар минтақа мушкилии кам гардидани ҳаҷми об дар кӯли Иссиққӯл ба назар мерасад. Кӯҳҳои Помир, Тяншан ва Олтой аз зумраи қаторкӯҳҳое мебошанд, ки натанҳо дар минтақа, балки дар тамоми ҷаҳон бо зебоғӣ ва захираҳои табии худ машҳур мебошанд. Ин қаторкӯҳҳо дар худ иқтидори васеи ба вуҷуд омадани обро доранд. Пиряхҳо ва барфҳои пайвасти ин кӯҳҳо имконияти васеи табиӣ ва обиро ба сокинони минтақа ба вуҷуд оварда, шароти зарурии обтаъминкуниро муҳайё менамоянд.

Тибқи маълумоти коршиносон дар давоми 40 соли охир ҳаҷми таъминоти об дар Осиёи Марказӣ соле аз 8,4 ҳазор метри мукааб ба 2,5 хазор метри мукааб кам шуд. То соли 2030 бо суръати имрӯзаи афзоиши аҳолии минтақа таъмини оби тозаи ошомиданӣ дараҷаи баланди хатарнокӣ – дар як сол камтар аз 1,7 хазор метри мукаабро ташкил хоҳад дод. Бо вуҷуди ин, барои нигоҳ доштани сатҳи истеъмоли ҳадди ақали оби тоза дар Осиёи Марказӣ сол ба сол кам гардида, миқдори миёнаи он аз 500 то 700 миллион метри мукааб об иборат аст [17].

Ҳукумати давлатҳои минтақа кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мушкилоти норасоии об ҳалли худро пайдо намояд. Дар ин замина, якчанд тадбирҳои пешгирикунадаро барои барқарор намудан ва таҳдиди инфрасохтори марбут ба обро қабул менамоянд. Давлатҳо ҳаматарафа технология ва роҳҳои инноватсионии бартарафсозии мушкилоти кам гардидани обро коркард карда истодаанд. Масъалаи ирригатсионӣ низ дар мавриди назари мушкилоти об қарор дорад ва барои ҳамаи давлатҳои минтақа аз мадди назар нахоҳад монд.

Мушкилоти дигари об дар минтақа ин истифодаи бесамари захираҳои обӣ мебошад, ки дар натиҷа заминҳои киштзор ва дарахтон оби шӯрро истеъмол намуда, қобилияти ҳосилнокии худро аз даст медиҳанд. Чунин ҳолат дар Туркманистон бештар ба амал меояд, ки 90% - и хоҷаги қишлоқ ва иқтидори агросаноатии ин кишвар зери хавф қарор дода мешавад.

Нақши кишвари Тоҷикистон дар ин ҷода ҳам барои минтақа ва ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ чун мамлакати ташаббускори дипломатияи об пазируфта шудааст, муҳим арзёбӣ мегардад. Бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Сессияи (Иҷлосияи) 54 – уми Маҷмааи Умумии СММ (1 октябри соли 1999) эълон намудани соли 2003 Соли оби тоза ворид гардида, масъалаҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти расидан ба ҳадафҳои рушд ба таъмини оби тозаи ошомиданӣ ва беҳдошти он, аз ҷумла татбиқи Рӯзномаҳои Эъломияи Ҳазорсола, Рушди устувор барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ташкил медиҳад.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54 - уми Маҷмаи Умумии СММ эълон намудани соли 2003 Соли оби тоза, 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 -ро ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” эълон намуд. Дар ин замина 29 август - 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид. Дар натиҷа аз баргузории Форуми байналмилалӣ роҳбарони давлатҳою намояндагони кишварҳои ҷаҳон масъалаи глобалии обро мушкилоти аввалин дараҷаи давлатҳои ҷаҳон эътироф намуда, ба хулосае омаданд, ки дар асоси музокироту гуфтушунидҳои байналмилалӣ метавон бо иттифоқи оро мушкилоти обро марҳила ба марҳила ҳал намоянд.

Ба инобат гирифтани вазъи минтақа ва ҷаҳон роҳбари кишвари ташаббускор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005 - 2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” –ро пешниҳод намуданд ва 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул намуда, солҳои 2005 – 2015 ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард.

Дар ҷараёни татбиқи Даҳсола соли 2009 бо ташаббуси Тоҷикистон ниҳоди махсуси СММ бо номи Гурӯҳи “Дӯстони об” таъсис дода шуда, дар доираи фаъолияти он масъалаҳои об мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Зимни амалӣ гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” Созишномаи Париж оид ба тағйирёбии иқлим, Барномаи чорчӯбавии Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ ва дигар санадҳои байналмилалӣ ба ҳалли мушкилоти марбут ба об аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон қабул карда шуданд ва масъалаи об барои ҳаёт дар арсаи байналмилалӣ мақоми хоссаро пайдо намуд.

Пешиҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Эълон намудани соли 2013 “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” 20 декабри 2010 аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ дастгирӣ ёфта, тибқи ташаббуси мазкур 20 – 21 августи 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар натиҷа Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об ва Барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об қабул шуданд [3].

Дар натиҷа аз таваҷҷӯҳи махсус ба ҳолати обшавии пиряххо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйирёбии иқлим, камшавии оби тозаи ошомиданӣ дар ҷаҳон ва дигар мушкилоти глобалӣ марбут ба об 12 апрели соли 2015 дар Форуми ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумхурии Корея Пешвои муаззами, миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси чоруми Тоҷикистонро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028 ироа намуда, ҷомеаӣ ҷаҳониро ба мушкилоти об ҷалб намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тақвият бахшидани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти об дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони “Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028” (19 сентябри 2017), ҷаласаи чоруми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об (21 сентярбри соли 2017), чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028” (22 марти соли 2018), зиёфати хоссаи “Амалҳои афзалиятнок дар соҳаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим, коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ дар чорчӯби Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018 – 2028” (23 марти соли 2018), чорабинии “Дар ҷустуҷӯи ҳамбастагӣ байни энергия ва об: Синергия байни Ҳадафҳои шашум ва ҳафтуми рушди устувор” (23 марти соли 2018) ва маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” (20 июни соли 2018, шаҳри Душанбе) иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ниҳоятан, Қатъномаи СММ оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028, дар ҷаласаи 71 – ум Кумитаи дуюм Банди 19 (а) рӯзномаи маҷлис Рушди устувор: татбиқи Рӯзномаи маҷлис дар асри 21, Барномаҳои амал оид ба татбиқи минбаъда Рӯзномаи маҷлис дар асри 21 ва ҳалли вохӯриҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд оид ба рушди устувор ва конфронсҳои СММ оид ба рушди устувор 23 декабри соли 2016 бо иттифоқи оро аз ҷониби 177 аъзои СММ қабул карда шуд [6].

Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об, аз ҷумла таъмини умум ва баробари дастрасии бехатар ба оби тозаи ошомиданӣ, афзоиш намудани сифати об дар натиҷаи коҳишдиҳии ифлоснамоии он, бартарафнамоии пасмондаҳои партовҳо ва маводҳои кимиёвӣ, коркард ва дубора истифода намудани оби тозаи ошомиданӣ, ҳифз, нигоҳдошт ва истикрори экосистемаҳои обӣ, аз ҷумла кӯҳҳо, ҷангалзорҳо, дарёҳо, кӯлу обанборҳо, густариш додани ҳамгироӣ, ҳамкориҳо ва дипломатияи байналмилалӣ дар самти ташаккул додани потенсиали давлатҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода дар фаъолнамоии барномаҳо марбут ба обиёрӣ, санитария, тозанамоӣ ва коркарди об ҳамчунин дастгирии ҳамаҷонибаи иштироки ақалиятҳои хурди милливу маҳаллӣ ба дастрасии бехатар ба оби тозаи ошомиданиро фароҳам меоварад.

Дар асоси муқаррароти қатъномаи қабул шуда, Даҳсолаи Байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” рӯзи 22 марти соли 2018 (Рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз гардид ва он то санаи 22 марти 2028 идома меёбад. Даҳсолаи мазкур имконият фароҳам меоварад, ки дар пайи амалӣ намудани рушди устувор ва идоракунии самараноки захираҳои об, татбиқ ва пешбарии лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи об дар тамоми минтақаҳои сайёра амалӣ гарданд.

Дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018 – 2028 моҳи январи соли 2016 ниҳоди нави СММ – Панели сатҳи баланд доир ба масъалаҳои об таъсис дода шуда, аз 11 давлати аъзо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори давлатҳои Маҷористон, Ҷопон, Канада, Туркманистон, Бразилия, Мексика, Конфедератсияи Швейтсария, Шоҳигарии Дания, Шоҳигарии Нидерландия ва Кореяи Ҷанубӣ аъзои фаъоли он ба ҳисоб меравад, иборат мебошад. Панел фаъолияти худро ба тақвият бахшидани ҳамкории глобалӣ дар самти мушкилоти об роҳандозӣ менамояд.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба об дар арсаи байналмилалӣ нақши меҳварии дипломатияи обро муассир шуморида, чандин маротиба аст, ки кишварҳои ҷаҳонро

бароимтаҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари масъалаҳои марбут ба об муттаҳид менамояд.

Хулоса, маҳз ба хотири ҳалли мушкилоти глобалӣ дипломатияи об дар доираи Консепсияи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи марказӣ ҳамчун меҳвари асосии рушди сиёсати хориҷии минтақавӣ ба ҳисоб рафта, минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун ташаббускори байналмилалӣ дар самти расидан ба ҳадафҳои рушди устувори сайёра муаррифӣ менамояд.

Дар ин замина, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки масъалаи ҳамгироии минтақавии худро доир ба мушкилоти об мавриди баррасӣ қарор диҳанд ва бо мақсади ташаккул додани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи худ ҳамаҷониба талош намоянд. Дар доираи "Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор" барои солҳои 2018 – 2028 ва Панели сатҳи байналмилалӣ марбут ба об давлатҳои минтақа имконияти васеи амалӣ намудани равобити минтақавӣ вобаста ба идоракунии самараноки захираҳои обиро доранд. [7].

Ҳадафҳои устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ доир ба об метавонад, ки муносибатҳои мушатаракконаи давлатҳоро боз ҳам мустаҳкам намояд ва барои бунёди ояндаи дурахшони кишварҳо самараи некро фароҳам созад. Умед ба он бояд намуд, ки ташаккул ёфтани ҳамкориҳои обӣ равобити минтақавии кишварҳои Осиёи Марказиро боз ҳам зич мегардонад ва давлатҳои ҳамҷавор якҷоя бар зидди ҳама гуна хавфу хатарҳои ба миёномада мубориза мебаранд.

**Адабиёт**

1. Аламанов С. К., Лелевкин В. М., Подрезов О. А.. Изменение климата и водные проблемы в Центральной Азии. Москва – Бишкек, 2006 – 190 с.

2. Водное видение бассейна Аральского моря на 2025 год. – ЮНЕСКО, 2000. С. 237.

3. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 280 с.

4. Индикаторы устойчивого развития стран Центральной Азии. НИЦ МКУР. Ашгабад - Бишкек, 2004. – 79 с.

5. Керстин Ф., Гульжамал И., Ахим М. и Лукас Р. Влияние изменения климата на систему взаимосвязей между водными ресурсами, энергией и сельским хозяйством в Центральной Азии (Справочный доклад к практическому семинару по разработке сценариев), 2005. – 20 с.

6. Қатъномаи СММ оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028, аз 23 декабри соли 2016, №71/222.

7. Маматканов Д. М. Комплексное использование и охрана водных ресурсов Центральной Азии. Вода и устойчивое развитие Центральной Азии. – Бишкек, 2001.

8. Оинномаи Созмони Миллали Муттаҳид аз 26 июни соли 1945.

9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", шаҳри Ню-Йорк, ШМА. 22 марти соли 2018,

10. Темуров Ф.С., Сайидзода З.Ш. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои ИДМ (солҳои 1991 – 2015). – Душанбе. Контраст, 2018. – 176 с.

11. Токтомышев С. Ж., Семенов В. К. Озоновые дыры и климат горного региона Центральной Азии. SGAM: Istambul/Turkey, 2001. – 213 с.

12. Тоҳиров И.Ғ., Купайи Г.Д.. "Сарчашмаҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби 1. Дарёҳо". Душанбе, 1998 / Маркази миллии патенту ахбор. 200 саҳ.

13. Турсунов А. А. Гидроэкологические проблемы Республики Казахстан. Центральная Азия и Кавказ, 1998, №3.
14. Центральная Азия - 2020: четыре стратегических концепта. – Астана: КИСИ, 2015. 54 с.
15. Центральная Азия 2050. Раскрытие потенциала региона. Астана. Издательство LEM, 2018. – 345 с.
16. Шаймергенов Т.Т., Абишева М.А. (ред.) (2017) Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт. Астана: Библиотека Первого Президента РК – Елбасы.
17. Шевелов А. Водно-энергетическая программа для Центральной Азии, Алматы, Казахстан, - 16 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. Ирфон, 2009. - 704 с.
19. Изменения климата в Центральной Азии: каковы последствия? [Маълумоти Central Asian Analytical Network] Тартиби дастрасӣ: https://www.caa-network.org/archives/8007 (санаи муроҷиат: 12.10.2022 с).
20. Как поддержать Центральную Азию в повышении устойчивости к изменению климата и стихийным бедствиям [Маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ]Тартибидастрасӣ:https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia/how-support-central-asia-build-resilience-against-climate-change-natural-disasters (санаи муроҷиат: 12.10.2022 с).
21. Об ва корез: табодули маълумот Роҳи пешбарикунанда [Маълумоти Институти байналмилалии рушди устувор]. Тартиби дастрасӣ: https://sustainabledevelopment.un.org/sdgsummit (12.10.2022).
22. СММ ва Об: Об ва бехатарӣ [Маълумоти Созмони Миллали Муттаҳид]. Тартиби дастрасӣ: https://www.un.org/ru/sections/issues-depth/water/index.html (12.10.2022).

# ПОЛИТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**САДИКЗОДА ХУШБАХТ НАСРЕДДИН,**
докторант (PhD) Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*Вода является источником жизни для всех существ на Земле, и ее сохранение должно быть одной из главных целей и задач всех слоев общества. Народы Центральной Азии, как часть мирового сообщества, в полной мере осознают, что рациональное использование водных ресурсов может снизить стремительный процесс истощения водных ресурсов и принять необходимые меры для его остановки.*

*Автор считает, что расширение региональных интеграционных процессов в Центральной Азии создает благоприятные условия для управления водными ресурсами региона. В этом контексте принятие совместных мер государствами региона и мира может означать их совместную инициативу.*

*Инициативы региональной и глобальной водной дипломатии по укреплению региональных отношений зависят от развития регионального сотрудничества. Вода может стать связующим звеном между странами Центральной Азии и миром. Реализация дружеских и доброжелательных отношений между странами создает множество возможностей для эффективного использования водных ресурсов. Переговоры и продвижение процессов водной*

*дипломатии стран региона обсуждают погранично-территориальные вопросы, региональные споры и экономические и социальные проблемы, создавая новую основу для формирования региональных отношений.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан, Узбекистан, процессы, интеграция, перспективы, сотрудничество, союз, дипломатия, вода, климат, изменение климата, окружающая среда, природные ресурсы, водные ресурсы, подземные воды, охрана окружающей среды, взаимоотношения, международные отношения, стратегическое партнерство, внешняя политика.*

## POLITICAL ASPECTS OF WATER DIPLOMACY IN CENTRAL ASIA

**SODIQZODA KHUSHBAKHT NASREDDIN,**
Doctoral student (PhD) of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*Water is the source of life for all creatures on Earth, and its conservation should be one of the main goals and objectives of all sectors of society. The peoples of Central Asia, as part of the world community, are fully aware that the rational use of water resources can reduce the rapid process of depletion of water resources and take the necessary measures to stop it.*

*The author believes that the expansion of regional integration processes in Central Asia creates favorable conditions for the management of the region's water resources. In this context, the adoption of joint measures by the states of the region and the world may mean their joint initiative.*

*Regional and global water diplomacy initiatives to strengthen regional relations depend on the development of regional cooperation. Water can become a link between the countries of Central Asia and the world. The implementation of friendly and benevolent relations between countries creates many opportunities for the efficient use of water resources. Negotiations and promotion of the processes of water diplomacy of the countries of the region discuss border-territorial issues, regional disputes and economic and social problems, creating a new basis for the formation of regional relations.*

***Keywords:*** *Central Asia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, Uzbekistan, processes, integration, prospects, cooperation, union, diplomacy, water, climate, climate change, environment, natural resources, water resources, groundwater, environmental protection, relations, international relations, strategic partnership, foreign policy.*

УДК: 331.7

# УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРАМИ НА ОСНОВЕ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ ТАДЖИКИСТАНА

**МУХАМЕДОВА ДИЛНОЗА ХАЙРИДИНОВНА**,
соискатель ученой степени кандидата политических наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33
Тел.: (+992) 986-66-11-00. Email: d_muhamedova@inbox.ru

*Сегодня подход к управлению человеческими ресурсами на государственной службе перешел на новый уровень, сосредотачиваясь на компетенциях государственных служащих. И в этом контексте, основным индикатором современного подхода к вопросу о человеческих ресурсах в сфере государственной службы Таджикистана видится активность государственного служащего, его гибкость и адаптация к сегодняшним вызовам и обстоятельствам. В данной статье рассматривается внедрение компетенций в некоторые процедуры управления человеческими ресурсами государственной службы страны, а также объясняется необходимость внедрения компетенций в процесс развития государственных органов.*

***Ключевые слова:*** *компетенции, государственная служба, государственное управление, компетентность, управление человеческими ресурсами, кадровая политика, компетентностный подход.*

Правительство Республики Таджикистан постоянно предпринимает действенные шаги по экономическому и социальному развитию общества и повышения уровня благосостояния народа. Помня при этом, что «качество нашей жизни в первую очередь определяется тем, что делают наши государственные служащие для обеспечения контроля над силами, прежде неподвластными человеку. Именно государственные служащие являются главными производителями нашего благосостояния»[1].

Необходимо подчеркнуть, что Правительство Республики Таджикистан, с первых дней объявления своей независимости, уделяет пристальное внимание вопросу эффективного развития государственной службы. Так, в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, одним из результатов преобразования государственного управления видится то, что: «4) Органы государственной власти, укомплектованы квалифицированным и компетентным персоналом, которые могут играть ключевую роль в эффективном исполнении государственных функций и осуществлении государственных социальных гарантий»[2].

Для достижения этого результата и реализации кадровой политики необходимо вести планомерную и целенаправленную подготовку современных государственных управленцев, способных эффективно и своевременно решать вопросы государственного развития.

И в этом контексте, основным индикатором современного подхода к вопросу кадровой политики и человеческих ресурсах в сфере государственной службы Таджикистана видится активность государственного служащего, его гибкость и адаптация к сегодняшним вызовам и обстоятельствам. Немаловажным в этих условиях является умение государственного служащего учиться и, самое главное, желание и готовность переучиваться, исходя из реалий сегодняшнего дня.

Существенное значение приобретает не только "что" делается в госоргане, нацеленном на конкурентное преимущество, но и "как" это делается. В свете этой перспективы акцент смещается к понятию компетентности, которое является фундаментом управления человеческими ресурсами на основе компетенций. Это обращение к компетентности выступает как движущая сила, привлекающая внимание, поскольку признается важность не только результатов, но и способов их достижения в госоргане, стремящемся к устойчивому конкурентному преимуществу. Это понятие прочно утвердилось в мировой литературе уже почти три десятилетия, и отчетливо прослеживается его влияние на успешную бизнес-практику как частного сектора, так и государственных органов многих стран.

В настоящее время можно заметить, что на государственной службе, а также в некоторых крупных предприятиях в нашей стране начинает активно внедряться новый, современный подход, известный как "Компетентностный подход в управление человеческими ресурсами".

Человеческие ресурсы, начиная с прошлого и до настоящего времени, являлась одним из ключевых направлений исследований. Это касается не только внутренней рабочей силы предприятия, но также и ее взаимодействия за его пределами. Управление человеческими ресурсами рассматривается с учетом воздействия как индивидуальных, так и социальных изменений на этот процесс.

Понятие компетентности, на которое обратили внимание многие исследователи и которое в последние годы привлекло внимание сотрудников, особенно в области управления человеческими ресурсами, в основном оценивается с точки зрения высокой производительности и включает в себя различные элементы, такие как мотивация, личностные качества, знания, навыки, отношения и поведение. Компетенции, которые играют важную роль в обеспечении использования общего языка внутри организации и создании устойчивого конкурентного преимущества, имеет большое значение и могут лечь в основу подходов, принятых, особенно в глобальном масштабе.

Множество исследователей, включая таких выдающихся как Макклелланд, Бояцис, Лайм М. и Сайнм Спенсеры, внесли значительный вклад в развитие этой области.

Лайм М. Спенсер младший и Сайнм Спенсер старший резюмировали: «Компетенция - базовое качество индивидуума, имеющее причинное отношение к эффективному и/или наилучшему на основе критериев исполнению в работе или в других ситуациях»[3].

Например, Д. Макклеланд писал о том, что «в политическом развитии страны мотивация и наличие компетенций играют весьма важную роль хотя бы потому, что эффективность любой работы зависит именно от компетенций» [4].

В своих работах Р.Е. Бояцис отмечает, что рабочая компетенция является основной характеристикой сотрудника (т. е. мотив, черта, умение, аспекты собственной самооценки, социальная роль или совокупность знаний), что приводит к эффективной и / или превосходной деятельности на работе [5].

